## ТАҲЛИЛИ ПСИХОЛОГИИ АДАБИЁТИ КЛАССИКИИ ТОҶИК ҲАМЧУН ЗАМИНАИ РУШДИ ҚОБИЛИЯТҲОИ МАЪРИФАТИИ ШАХСИЯТ

Таҳлили психологии адабиёти классикии тоҷик дар рушди қобилияти маърифатии шахс яке аз масъалаҳои муҳими иҷтимоию психологии ҷомеа мебошад ва омӯзиши ҳамаҷонибаи он метавонад механизми муассири кор дар ин самтро ошкор созад. Мақола ба таҳлили муфассали мафҳуми психологизми бадеӣ бахшида шудааст. Дар рушди қобилиятҳои маърифатии шахс ба адабиёти классикии тоҷик диққати ҷиддӣ дода мешавад, зеро дар тӯли асрҳои зиёд осори шоирони бузург барои насли наврас намунаи ибрат буда, дар тарбияи ҷавонон саҳм гузоштаанд.

Дар доираи таҳқиқоти "Таҳлили психологии адабиёти классикии тоҷик ҳамчун асоси рушди қобилияти маърифатии шахс", масъалаҳои психологизми адабиёти классикии тоҷик баррасӣ карда мешаванд. Инчунин маъно дорад, ки дар ҷараёни чунин фаъолият ҳама гуна қобилиятҳо ва равандҳои маърифатӣ, аз қабили диққат, тасаввурот, тафаккур, хотира, нутқ ва ғайра инкишоф ва ташаккул дода мешаванд.

**Zaytmetov КН.А.,Fozilova M. D.**

## PSYCHOLOGICAL ANALYSIS OF TAJIK-CLASSICAL LITERATURE AS A BASIS FOR THE DEVELOPMENT OF COGNITIVE ABILITIES OF A PERSONALITY

The psychological analysis of the Tajik-classical literature in the development of the cognitive abilities of the individual is one of the most important socio-psychological problems of society, and its comprehensive study can reveal an effective mechanism of work in this area. The article is devoted to a detailed analysis of the concept of psychologism of fiction. Considerable attention is paid to Tajik-classical literature in the development of the cognitive abilities of the individual, because for many centuries the works of great poets served as role models for the younger generation and contributed to the education of young people.

Within the framework of the study "Psychological analysis of Tajik-classical literature as the basis for the development of cognitive abilities of the individual", the problems of psychologism of Tajik-classical literature are considered. This means that in the process of such activity, all sorts of abilities and cognitive processes, such as attention, imagination, thinking, memory, speech, etc. can develop and form.

***Keywords:*** *Psychologism, perception, cognitive abilities, Tajik-classical literature, works of Saadi Sherazi, humanism, education, etc.*

**Маълумот дар бораи муалифон:** Зайтметов Хусейн Авасхонович – номзади илмҳои психологӣ, дотсент, мудири кафедраи психологияи иҷтимоӣ ва касбии ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров, ш. Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков 1. E-mail:husein20@inbox.ru; тел.: +992-92 991 11 03.
ФозиловаМасрура Ҷумановна –доктор PhD, муаллимаи кафедраи психологияи иҷтимоӣ ва касбии ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров, ш. Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков 1. E-mail:masrura01@mail.ru; тел.: +992-92 8646390.
**Сведение об авторе:** Зайтметов Хусейн Авасхонович – кандидат психологических наук, доцент, Заведующей кафедры социальной и профессиональной психологии Худжандского государственного университета имени академика Бободжона Гафурова, г. Худжанд, проезд Мавлонбеков 1. E-mail:husein20@inbox.ru; тел.: +992-92-991 11 03.
Фозилова Масрура Джумановна–доктор PhD, учительница кафедры социальной и профессиональной психологии Худжандского государственного университета имени академика Бободжона Гафурова, г. Худжанд, проезд Мавлонбеков

E-mail:masrura01@mail.ru; тел.: +992-92 8646390
**Information about the authors:** Zaytmetov Khuseyn Avaskhonovich - candidate of Psychology, Associate Professor, Head of the Department of Social and Professional Psychology, Khujand State University named after Academician Bobodjon Gafurov, Khujand, Mavlonbekov passage 1. E-mail: husein20@inbox.ru;tel .: + 992-92-991-11-03.
FozilovaMasruraDzhumanovna – PhD Doctor, teacher of the Department of Social and Professional Psychology, Khujand State University named after Academician BobodzhonGafurov, Khujand, Mavlonbekov 1 passage.E-mail:masrura01@mail.ru; тел.: +992-92 8646390

**Д.МАҲКАМОВ**

# НАҚШИ АНЪАНАҲОИ МИЛЛӢ ДАР ЭҲЁИ ҲУНАРҲОИ МАРДУМӢ

Дар Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ- Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.12.2019 омадааст: «Олимону донишмандони моро зарур аст, ки ба шинохти дурусти таърих, тарғиби мероси маънавӣ ва суннату ойнҳои мардумӣ низ, ки тайи асрҳо дар хотираи таърихии миллати тоҷик нақш бастаанд, таваҷҷуҳи ҷиддӣ зоҳир намоянд». [1. 27.].

Санъати ороиши амалӣ падидаи ҷолиб дар фарҳанги бисёрҷабҳаи ҳар як халқу миллат, аз он ҷумла тоҷикон маҳсуб меёбад. Санъати амалӣ ва навъхои гуногуни он дар ҳаёти мардум ҷойгоҳи хосса дошта, як падидаи муҳимми фарҳанги миллии тоҷикон мебошад. Имрӯз дар шахру нохияхои чумхуриамон хунармандони зиёде ба офаридани асархои чолиби бадей машғуланд, аммо инкишофи навъхои гуногуни санъати халқии точикон дар сатхи каноатбахш ҳоло ҳам карор надорад. Дар инкишофи хунархои санъати дастӣ муаммохои гуногун вучуд доранд, хатто бархе аз онхо дар нохияхои шимоли Точикистон қариб аз байн рафтаанд. Бо шарофати соҳибистиқлол гардидани Тоҷикистон, зарурати халли масъалаҳои марбут ба эҳёи ҳунарҳои мардумӣ ба миён омад, ки ин аз хама пеш ба санъати амалии халқӣ мансуб аст, ки дастгирии хамачонибаро хоҳон аст. Дар доираи иқдоми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллат- Пешвои миллат, Президенти Ҷумхурии Точикистон муҳтарам Эмомалӣ Рахмон оид ба эҳё ва рушди хунарҳои мардумӣ дар Тоҷикистон даххо мактабҳои ҳунармандон дар шаҳру ноҳияҳои Точикистон ташкил шуда, ба фаъолият огоз намуданд. Дар ин мактабҳо аз рӯи усули анъанаҳои миллии “устод-шогирд” мавҷуд буд, ки устод шогирдонро тарбия карда ба фаъолияти меҳнатӣ омода менамуд. Ин усулро муҳаққиқ П.А.Гончарова дар радифи дигар усулхои шогирдтайёркунӣ баррасӣ намудааст, ки таҳқиқоти ӯ бештар ба зардӯзӣ, яъне – яке аз хунархое, ки бештар дар байни мардум густариш доштааст мутобиқ мебошад. Ӯ кайд мекунад, ки зардӯзӣ дар қадим аслан ҳунари мардон ба шумор мерафт, зеро дар рӯйи матоъҳои дурушту ғафс, ба монанди бахмал, сузан задан лозим меомад. Мисоли равшани он ёддоштҳои Зайниддин Восифӣ мебошад, ки дар он дар бораи яке аз мардони сохибхунари Ҳирот – Ҳасани Зардӯз сухан меравад. Дар аморати Бухоро фармоишгари асосии маҳсулоти зардӯзӣ дарбори амир ба ҳисоб мерафт, ки зарурати ташкил намудани устохонахоро дар назди дарбор ба миён овард. П.А.Гончарова дар бораи ташкили устохонаҳои зардӯзӣ, тарзи қабули шогирдон, таҳсил, касбомӯзӣ ва хатми шогирдон маълумоти арзандае пешниҳод намудааст. П.А. Гончарова дар таҳқиқоти хеш як катор маросимро оид ба қабул ба шогирдӣ, раванди касбомӯзӣ ва дуогирию ба фаъолияти мустақилонаи меҳнатӣ оғоз кардани шогирдон маълумотҳои арзишманд пешниҳод намудааст. [4. 6-8.].

Дар он давра садҳо нафар зардӯзони мохир ба дӯхтани либосҳои қиматбахои дарбориён машгул буданд ва факат як қисми ночизи махсулоти онхо ба бозор бароварда мешуд. Либосҳои бо зардӯзӣ ородода – чомахои мардона, камзулҳо, шалворҳо, пойафзол, тасма, каллапуш, ҷиҳози аспҳо танҳо бо фармоиши амир ва пайвандони ӯ омода мешуданд. Бо мурури замон берун аз дарбор низ устохонаҳо ташкил шуданд, ки дар онҳо ба ҳунармандон оқсақол, яъне сардори зардӯзон рохбарӣ мекард. Тамоми корҳо, аз чумла, хариду фурӯши махсулот, қабули шогирдон танхо бо ичозати оқсақол иҷро мешуд. Оқсақол барои мехнаташ музд намегирифт, ба ӯ фақат тухфа аз тарафи дарбор супорида мешуд. Аъзои ташкилоти сеххои зардӯзӣ шахсе шуда метавонист, ки курси дарозмуддат ва душвори ин хунарро аз усто омӯхта, барои фаъолияти мустакилона аз устодаш ризоият гирифта бошад. [4. 14.].

П.А.Гончарова аз рафти таҳқиқоти хеш қайд менамояд, ки санъати зардӯзии бухороӣ хунари меросӣ ба ҳисоб мерафт, он аз бобо ба падар, аз падар ба писар мегузашт. Агар дар

оила писар набошад, ин хунар ба ягон хеши наздик, масалан чиян ҳамчун мерос омӯзонида мешуд. [4.15-17.].

Дар замонҳои пеш аз инқилоб ба омӯзиши касбу ҳунар писарбача ва духтарон аз сини 10-12 солагӣ ва баъзан калонтар чалб карда мешуданд. Ба шогирдӣ додани писар як руйдоди мухим дар ҳаёти оила ба шумор рафта, дар ин замина як қатор маросимҳо ичро карда мешуданд. Падар ё хеши наздики писарбача дар як табақ хӯроки махсус ва ҳалвои тар гирифта, ба назди усто рафта, розигии ӯро барои ба шогирди қабул намудани фарзандашон мегирифтанд. Баъди он ки усто ризоият дод, хузурдоштагон хӯрокро истеъмол мекарданд, ки рамзи кушоиши кор ба хисоб мерафт ва дуои хайри онҳо дар таълим буд. Усто на танхо омӯхтани ҳунар, балки хурондану пушонидани писарбачаро низ ба ухда мегирифт. Байни тарафайн ягон шартномаи хаттӣ баста намешуд, ва таълим бепул сурат мегирифт. Усто ба шогирд хунари худро ёд намедод. Соли якуми тахсили писарбача ба корхои хона ёрӣ медод, аз чумла рубучин мекард, об мекашонд, ба бозор мерафт ва танҳо дар вақти бекорӣ ӯ хақ дошт, ки кори дӯзандагонро мушоҳида намояд. Баъди гузаштани як сол ба шогирд ичозат дода мешуд, ки сари дукони зардӯзӣ баромада нишинад. Барои ичрои кор ба шогирд музд дода намешуд, муҳлати таълим муқаррар набуд ва метавонист аз 4 то 7 сол идома ёбад. Ҳолатхое хам мешуд, ки усто барои гум накардани шогирди болаёқат ӯро 8-10 сол дар назди худ нигох дорад. Вакте ки шогирд майлу хохиши мустақилона кор карданро зохир менамуд, ба сифати миёнарав оқсақол даъват мешуд, то ки устохо барои озод гаштани шогирдон ризоӣ диханд. Маросими устоталбон дар хонаи шогирд гузаронида шуда, усто ба “арвохи пири миёнбандон” дуо хонда, миёни шогирдро бо руймол баста, “Ба номи Шохи мардон бастам” мегуфт. Дар ин маросим, ки шогирд номи “усто”-ро мегирифт, ба муаллим “сарупо” тухфа мешуд, яъне волидайни шогирд аз сар то по ба ӯ либоси нав мепӯшониданд. Ҳамчунин падару модари шогирд ба оқсақол ва ёвари ӯ низ туҳфаҳо медоданд. Дар баъзе мавридхо устодон ба шогирди камбизоат барои оғози кори мустақилона асбобҳои заруриро тақдим менамуданд. [5.154.].

Дар замони муосир ба хотири эхёи хунархои мардумӣ мактабҳо, донишгоҳу донишкадаҳо, сеххо, коргоҳҳои ҳунармандон ташкил мешаванд. Ин марказҳои омӯзиши касбу ҳунар дар мисоли Донишкадаи давлатии санъати тасвирӣ ва дизайни Тоҷикистон, литсейҳои касбӣ-техникӣ, коллечҳои сершумор таҳти роҳнамоии омӯзгорон ва устоҳои машҳуру боистеъдод фаъолият мебаранд. Ҳунархои дастӣ дар инсон завқи бадеиро ташаккул дода, таҳаммулу тозакориро тарбия менамояд ва ҷаҳонбинию дунёи маънавии инсонро ғанӣ мегардонад. Дар замони соҳибистиқлол гардидани Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳатто ҳунарҳое, ки замоне фаромуш шуда буданд, аз нав эхё гардиданд. [5. 6-8.].

Ҳунарҳои халқӣ беҳтарин мероси санъати миллат буда, бо ҳаёт марбут буда, аз дар шакли хотираи ичтимоӣ аз насл ба насл мерос гузошта мешавад. Дар ин самт масъалаву муаммоҳое ҳастанд, ки дар ҳаёти амалии инсон мавқеи баланд доранд.

Ҳисси зебоипарастии инсонро дар бозёфтҳои бостоншиносон, ба монанди китобу дастхатхои нодир ва мусавварахо, ки дар онхо фарханг, хунари меъморӣ ва рассомӣ, хамчунин хусусияти рӯзгори маишии мардуми давраҳои қадим инъикос ёфтаанд ташаккул додан мумкин аст. Ҷомеаи инсонӣ дар давраҳои гуногун равияҳои хосро дар соҳаҳои мухталифи санъату ҳунар ба мерос гузошт, ки дар хар яке тарзи зиндагии мардум таҷассум ёфтааст. Мушоҳидаҳо собит менамоянд, ки ҳар як давраи ҳукумронии сололаю хонадонҳо дар ороиши ашё, намунаҳои ҳунари меъморӣ, сару либос, ҷиҳози манзил хусусияти ба худ хосро ноил мебошад. [6. 75.].

Дар замони мо таҳқиқоти илмӣ дар соҳаи тарбияи чавонон дар рӯҳияи ҳунарҳои мардумӣ мавқеи назаррасро ишғол мекунад. Хддафи асосии олимон баҳодиҳӣ ва таҳлили рушди ҳунармандӣ ва таъсири он, ба ҷавонон, омӯзонидани ҳунарҳои аҷдодӣ, бо такя ба хотироти ичтимоӣ ва аз нав эҳё намудани он мебошад. Зарурияти инкишоф додани ҳунарҳои мардумиро дар мисоли меъморӣ, кулолгарӣ, мисгарӣ, заргарӣ, қолинбофӣ, кашидадузӣ ва ғайраҳо дарк намуда, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Донишкадаи санъати тасвирӣ ва дизайни Тоҷикистонро таъсис дод, ки дар ҳаёти мадании кишвар ҷои хосаро ишғол менамояд. [9. 3.].

Наққошони тоҷик беҳтарин анъанаҳои ҳунармандони гузаштаро идома дода, санъати нақшофариро такмил додаанд. Имрӯз анъанаҳои ҳунари наққошӣ хангоми бунёду ороиши биноҳои фарҳангию маърифатӣ (тарабхона, чойхона, масҷид, қасри фарханг ва ғайра) корбаст мешаванд. Нақшҳои тоҷиконро, ҳамчун нақшҳои дигар халқҳои Осиёи

Миёна ба ду гурӯҳ чудо кардан мумкин асг: якум – нақшҳои классикӣ, ки дар асрҳои миёна шакл гирифта, дар кишварҳои Шарқи мусулмонӣ, аз Мавритания, Миср, Туркия, Эрон сар карда то Ҳиндустон, Осиёи Миёна ва Туркистони Шарқӣ ппайдо намудаанд. Онҳо дар ҳар кишвар сифатҳои хоси маҳаллӣ, обу ранг ва тафсири махсус пайдо карда бошад ҳам, асоси он дар ҳама ҷо як хел аст. Ин нақшҳо мукаммал буда, аз гиреҳ – шаклҳои мухталифи ҳандасавӣ, ислимӣ – расмӣ ба шакли муайян даровардаи навдаҳо, баргу гулҳо иборат мебошанд. Нақшу нигори гурӯҳи якум аз офарандагони худ – устоҳои наққош донистани фанхои махсус, аз он ҷумла, илми ҳандасаро, ки дастраси ҳар кас набуд ва ба омӯхтани он солҳои дароз сарф мешуд, талаб мекард. Ин навъи нақшу нигор бештар дар биноҳои боҳашамат, дар кандакории рӯи филизот, дар маснуоти аълосифати заргарӣ, дар ороиши дастнависҳо, ҷузгирҳо ва дигар соҳаҳои санъати амалӣ мушоҳида карда мешуд.

Накшу нигори гурӯҳи дуюм асосан анъанаҳои халқии маҳаллиро инъикос менамояд. [9.78.].

Яке аз нусхаҳои маҳбуби устоҳои тоҷик «таҳафтод» ё «ишкелбанд» мебошад, ки аз ду хати бо давраю гулҳо гиреҳхурда иборат буда, дар замонҳои (асрхои X-XII), кошинкорӣ, гачкорӣ, таҷҷорӣ ва наққошӣ корбаст мешуд, ки онро дар санъати давраи пеш аз исломии тоҷик ёфтан аз имкон беру наст. Он фақат дар ёдгориҳои меъмории асри X ба назар мерасад. Ба андешаи муҳаққиқон, пайдоиши он эҳтимол бо истифодаи хишти пухта ба сифати маводи сохтмон ва ороишдщӣ, ё ин ки ташаккули хати «куфӣ» вобаста мебошад. Таҷассуми ҳунарҳои миллӣ дар ороиши сару либос, чиҳози хона, муҳити зист ва ғайра мушоҳида мешавад. Масалан, барои омӯзиши таърихи либос асарҳои санъати тасвирӣ, меъморӣ, адабиёт, ҳуҷҷатҳои таърихие, ки зиндагии маишии мардум ва фарҳанги давраҳои гузаштаро инъикос месозад, сарчашмаҳои асосӣ ба хисоб меравад. Шакл ва хусусияти сару либос дар ҳама давру замон фарҳанги маънавии халқ, урфу одат ва муносибати мардумро ба ин ё он падидаву ҳодиса нишон медихад. Тағйири шаклу намуди ҳамаи навъҳои либоси миллӣ ба хусусияти ин ё он минтақа вобаста мебошад. Аз ин рӯ, омӯзиши либоси миллӣ ва тағйири шаклҳои он робитаи либосро бо таърихи этникии миллӣ ошкор месозад. Ба тарзи либоси миллии мардуми Осиёи Миёна Аврупоиён ҳануз дар асрҳои миёна таваҷҷуҳ зохир намуда буданд. Аввалин шуда ба таснифи либоси халқҳои Осиёи Миёна сайёҳон Марко Поло, Гилом Рубрук, Рюи Гонзалес таваҷҷуҳ зоҳир намуда, Марко Поло дар китоби хеш либоси мардуми кӯҳистони Помирро тасниф намуда, чунин кдйд кардааст: Дар ин ҷо одамон камонварони олидараҷаанд, бисёртар либосҳои аз пусту ташми хайвонот омодашударо, ки арзиши баланд доранд, ба бар мекунанд” [4. 12.].

Дар асри XVIII ва нимаи аввали асри XIX як зумра сайёҳони русу хориҷӣ, аз ҷумла Ф. Ефремов, Ф. Назаров, Н. Неболсин дар бораи матоъҳои маҳаллӣ, сару либос ва шуғли мардум маълумоти ҷолибе чамъ оварданд. Ф. Ефремов дар баробари либоси он давраи мардуми тоҷик, оид ба кирмакпарварӣ ва тарзи зиндагонии мардум маълумот фарохам гирд оварда, технологияи истеҳсоли нахи абрешимро барои истеҳсоли матоъҳои шоҳӣ маънидод намудааст. Ӯ оид ба таррохии куртаи занона чунин менависад: “Пеш аз ҳама ба қулай будани курта ва сипас ба риояи одоб аҳамият дода мешавад”. Бароҳат будани либос, фарохии он, чинҳои зиёд доштани он ба хисоб гирифта шудааст, ки барои озодона нишастан монеа пеш намеорад, харакатро маҳдуд намекунад, дар хавои гарм ба нафаскашии бадан халал намерасонад [4. 7].

…Омӯхтани таърихи сару либос, чиҳози хонаводаи миллии хар як халқу миллат, барои онҳое, ки бо таърих ва фарханги он халқу миллат шинос шудан мехоханд, аз ҷумла, санъатшиносон, кормандони театр ва кинематография, рассомон ва намояндагони соҳаҳои дигари фарҳанг мухим аст. Аз тарафи дигар, дар ҷараёни шиносоӣ бо таърихи либоси миллӣ то андозае аз вижагиҳои либоси миллии халқҳои дигари хамсоя низ огоҳ шудан аз манфиат холӣ нест. Ҳунармандони тоҷик дар инкишофи ҳунарҳои мардумӣ ва инчунин дар тарбияи шогирдони боистеъдод саҳми босазо гузоштаанд, ки дар тайёрии касбии ҳунармандон ва омӯзгорони ояндаи санъати ороиши амалӣ накши асосӣ доранд. Таҷрибаи чандинсолаи тадрис дар донишгох ва донишкадаҳо собит менамояд, ки дар чараёни машғулияти хунарӣ дар донишҷӯён малакаи шинохтани зебоӣ ва дарки арзиши бадеии асарҳои санъати ороиши амалӣ инкишоф меёбад. Дар замони мо як қатор амалҳое, ки пештар дастӣ ичро мешуданд, тавассути техника ва технологияи муосир иҷро карда мешаванд. Бешубҳа, хуб аст, ки донишҷӯён аз дастовардҳои ҷаҳони муосир бархурдор гардида, фаромуш набояд кунанд, ки хунари анъанавии тоҷикон аз куҷо сарчашма гирифтааст ва корҳои эҷодии ҳунармандон бо кадом технология офарида шудааст ва

мешавад. Гузашта аз ин, донишҷӯёни Донишкадаи санъати тасвирӣ ва дизайни Тоҷикистон бояд аз анъанаҳои ҳунармандии халқи точик огох бошанд. Дар раванди таълими фанҳои тахассусӣ – кандакорӣ, гачкорӣ, наққошӣ, кашидадӯзӣ, кундалрезӣ, армуғонсозӣ рассомӣ, ҳайкалтарошӣ ва ғайра анъанаҳои миллии халқамон самаранок истифода бурда шаванд. Инъикоси анъанаҳои миллӣ дар офаридани осори ҳунарҳои мардумӣ ба инкишофи хисси худшиносӣ, ватандориву ифтихори миллӣ, инчунин такмили махорат мусоидат менамояд.

## АДАБИЁТ:


1. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ, 26.12.2019.
2. Болдырев, А.Н. Тезкире Хасана Насори как новый источник для изучения культурной жизни Средней Азии XVI в. Тр. Отдела истории культур и искусства Востока, гл. 3, Л.,1940 – 299 с.
3. Воронина, В. Л. Архитектура древнего Пенджикента (Результаты раскопок 1954-1959 гг.). Мат-лы и исследования по археологии СССР, № 124/В.Л.Воронина.- М.- Л., 1964 – 85 с.
4. Гончарова, П.А. Санъати зардузии Бухоро. – Нашриёти “Адабиёт ва Санъат” П.А. Гончарова.- Тошканд, 1986. – 110 с.
5. Исаев, А. Б. Таджикский костюм в контексте народной художественной культуры/А.Б. Исаев // Дисс. на соискан.ученой степени канд. искусствоведения. – М., 1992 .
6. Муродов, М. Р. Устодони санъати амалй-халкй (мактаби “Устод-шогирд”)/М.Р.Муродов. – Душанбе, 2005. – 154 с.
7. Марко Поло.- М.,1955.- С.75.
8. Рузиев, М. Ёдгории кандакории Чоркух/М.Рузиев. – Душанбе: “Дониш”,1975 – 68 с.
9. Пугаченкова, Г. А. Очерки искусства Средн. Азии. Древность и средневековье/ Г.А. Пугаченкова, Л.И. Ремпель. – Москва, 1982. -3 с.
10. Сухарева, О. А. Опыт анализа покроев традиционной «туникообразной» среднеазиатской одежды в плане их истории и эволюции/О.А. Сухарева // Костюм народов Средней Азии. – М. : Наука, 1979. -79 с.


**Махкамов Дастам**

## РОЛЬ НАРОДНЫХ ТРАДИЦИЙ В ВОЗРОЖДЕНИИ НАРОДНЫХ ПРОМЫСЛОВ

В статье уделено огромное внимание проблеме народных промыслов, истории и развитию народного творчества, а также отмечается важная роль национальных традиций в возрождении этих промыслов. Следует подчеркнуть, что народное творчество и разнообразные его традиции занимают особое место в жизни народа и являются главным явлением в национальной культуре таджиков. Знакомство с исследованиями таких видных учёных, как Р. Масов, Н.Нурджанов, Ю. Якубовский, М.Рузиев и других приводят к выводу о том, что творчество, основанное на национальных традициях развивается, и имеет огромное значение в дело воспитание подростающих поколения. Также автор статьи подчёркивает, что возрождение и развитие такого промысла, как резьба по дереву, можно увидеть в изготовлении блюд, касы, национальных топчанов, красивых колонн, подарочных изделий и колыбели.

***Ключевые слова:*** *ремесленничество, традиции, наследие, вышивка, резьба по дереву, одеждо, утварь, шёлк, ларёк, литература, культура*

**Makhkamov Dastam**

## THE ROLE OF NATIONAL TRADITIONS IN NATIONAL CRAFTS REVIVAL

Keywords: craftsmanship, traditions, heritage, embroidery, woodcarving, utensils, silk, stall, literature, culture. In her article the author pays particular attention to the problem dealing with national crafts, history and development of folk creation and concerned with an important role of national traditions targeted at a revival of these crafts as well. One should mention that folk creation and diversity of its traditions occupy an especial place beset with the life of people and are considered as the main phenomena in national culture of Tajiks. In the course of acquaintance with the researches of such prominent scientists as R. Masov, N. Nurdzhanov, Yu. Yakubovsky, M. Ruziyev and others she comes to the conclusion that creativity develops being grounded on national traditions. Wedding syuzanes, sheets, rugs for prayers, clothes embroidered dastarkhans are swen manually from shreds. The author lays an emphasis upon the idea that both the revival and development of such trade as woodcarving can be seen in the production of dishes, cash desks, national trestle beds, beautiful columns, presents wares and cradles as well.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** Маҳкамов Дастам**-** мудири шуъбаи таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбии ПРМ ба номи А.Ҷомии АТТ, тал: 93.502.15.64.

**Сведения об авторе:** Махкамов Дастам – начальник отдела начального и среднего профессионального образования АТМ им. А.Ромия, тел: 93.502.15.64.
**Information about the author:** Makhkamov Dastam – Head of the Department of Primary and Secondary Professional Education, ATM named after A. Jomi tel: 93.502.15.64.

**М.А. АКМАЛОВА**

## ТАШКИЛИ ФАЪОЛИЯТИ МУАССИСАИ ТАЪЛИМӢ, ХОНАВОДА ВА ҶОМЕАИ МУОСИР ДАР ТАРБИЯИ РОҲНАМОИИ КАСБИИ ХОНАНДАГОНИ МУАССИСАИ ТАҲСИЛОТИ МИЁНАИ УМУМӢ

Мавриди зикр аст, ки мафҳуми низом бояд вобаста ба мизони иртиботи падидаҳои хос бошад: дараҷаи нисбатан зиёди пайвастагӣ ва вобастагии баъзе падидаҳо (унсурҳо) дар муқоиса бо дигарон ба мо иҷоза медиҳад, ки онҳоро ба унвони навъе низоми якпорчаи фарққунанда аз дигар низомҳо дар назар бигирем.

Бояд бо ақидаи файласуф А.И. Берг розӣ буд, ки қайд мекунад: "омӯзишро метавон чун низоми идорӣ баррасӣ намуд, яке аз махсусиятҳои муҳим ва хосси он худи инсон аст. Ҳадафи омӯзиш ин интиқол додани ин низом аз як ҳолат ба ҳолати дигар, ки аз нуқтаи назари қувваҳои назоратӣ матлуб аст». Таносуби тамоми қисмҳои таркибии он, инчунин робитаи байни қисмҳо дар соҳаҳои гуногуни фаъолияти амалии одамон нақши муҳим дорад. Азбаски ҷараёни таълимӣ яке аз падидаҳои мушкилтарин ба ҳисоб меравад, дар ин ҷо мушкилот дар умум ва қисм ба қисм маълум аст ва дар ин маврид аҳамияти махсус пайдо мекунад. [ 4;56].

Ҳадафи мо дар марҳилаи аввали таҳқиқот ин гуна буд:

- Ошкор намудани унсурҳои асосие, ки низомро ба вуҷуд меоваранд.
- Муайян кардани вазифаи ҳар унсур (бо тамоили куллӣ ба тамоилҳои касбӣ).
- Эҷоди иртибот байни унсурҳо, яъне ба вуҷуд овардани унсурҳое, ки низомро ба вуҷуд меоранд.

Натиҷаҳои дар ҷараёни таҳқиқоти тӯлонӣ бадастомада нишон медиҳанд, ки унсурҳои асосии сохторӣ, ки низоми тамоили касбиро ташкил медиҳанд, аз инҳо иборатанд:

а) омӯзиши касбӣ;
б) таблиғоти касбӣ;
в) машварати касбӣ;
г) интихоби касбӣ;
д) мутобиқшавии касбӣ;
е) омӯзиши шахсияти хонандагон бо мақсади тамоили касбӣ.
з) тарбияи касбӣ;
и) мутобиқшавии иҷтимоӣ-касбӣ. [4;60].

Бо эҷоди унсурҳои ташкилдиҳандаи аслии низом мо ба ҳалли вазифаи муайян кардани вазифаҳои ҳар унсури низом расидем. Ҳар як унсурҳои ташкилдиҳандаи низом ҷиддан вазифаҳои муайяншудаи худро иҷро мекунанд.

Масалан:

-таҳсилоти касбӣ – ба хонандагон пешкаш намудани маълумоти пурра дар бораи намудҳои мухталифи меҳнат, гуногунии касбҳо, ихтисосҳо, махсусиятҳои онҳо, талабот ба кадрҳои ихтисосҳои мушаххас, дар бораи роҳҳои ба даст овардани касб, вижагиҳои таъмин шудан бо ҷойи кор, рушди минбаъдаи касбӣ;

-таблиғоти касбӣ – ба хонандагон ироа намудани ахбор ва мушаххастар шинос шудан ба касбҳои минтақаи иҷтимоӣ-иқтисодии худ, корхонаҳо, хоҷагиҳо, ташкилотҳои сохтмонӣ, шароити кор дар доираи касб, ки талабот ба иҷрои онро аз тариқи ба даст овардани ин ё он касб мушаххас мекунанд;

-машваратҳои касбӣ – ин маҷмӯъаи чораҳои ҳадафнок дар мавриди расонидани кумаки мушаххас ба хонандагон дар худмуайянкунии касбӣ, ки бар пояи дониши вижаи фардии хонандагон, майлу рағбат, тамоил, ниятҳо ва истеъдоди онҳо асос ёфтааст;

Ташхиси касбӣ бошад, дар муассисаҳои таълимӣ бо ташхиси иҷтимоӣ иртиботи ногусастанӣ дорад ва ин унсурҳоро дар бар мегирад:

- омӯзиши шароити иҷтимоию иқтисодии хонандагон;
- таъсири шароити моддӣ – иқтисодии муҳити истеҳсолӣ ба интихоби касб;
- таъсири маъруфияти касб ба ташаккули роҳнамоии касбии хонандагон;
- таъсири оила, муассисаи таълимӣ, ҷомеаи муосир ба интихоби касб.

Омӯзиши шахсият бо мақсади роҳнамоии касбӣ ба омӯзиши гурӯҳҳои зерини хусусиятҳои шахсии хонанда нигаронида шудааст:

- ҷаҳонбинӣ, сифатҳои ахлоқӣ, талошҳо, яъне тамоили шахсият ва идеалҳои он;
- сифатҳои психологӣ – мизоҷ, хислат, қобилият, тамоил ва шавқу рағбат;
- омодагӣ – сатҳи дониш, малакаҳо, қобилият (сатҳи рушди шахсият);
- махсусиятҳои фардии равандҳои рӯҳӣ (фарқ дар тарбия, таваҷҷуҳ, андешаронӣ, хотира, суръат ва дақиқии ҳаракат).

Ҳадафҳои тарбияи касбӣ бошад, аз инҳо иборат аст:

- ба шакл даровардан ва илман асосноку тасдиқ кардани сифатҳои касбиву ахлоқии хонандагон, ки дар оянда барои фаъолиятҳои муваффақона дар соҳаҳои мушаххаси меҳнат зарур аст; дар хонандагон ташаккул додани муносибати бошууронаи интихоби касб;
- муайян намудани коршоямӣ ё шоистагии касбии хонандагони муассисаи таълимӣ ба ин ё он намуди кору меҳнат, фаъолият;
- ба хонандагон расонидани таҷрибаи кории ғуншудаи гузаштагон.

Омӯзишҳои касбӣ – дар муассисаҳои таълимӣ асосан бояд ин масъалаҳо ҳал шаванд:

- коркарди нигариши огоҳонаи хонандагон ба таҳсил, ташаккули шаҳрвандӣ, ахлоқӣ, ҳуқуқӣ, иқтисодӣ ва рушди ҷисмонӣ;
- тарбияи меҳнатдӯстӣ, талабот ба меҳнат, эҳтироми одамони меҳнатдӯст, сифатҳои одамоне, ки дар ҷомеа соҳиби обрӯянд;
- густариш ва таҳкими ҷаҳонбинии омӯзиши касбу ҳунар, шиносоӣ бо асосҳои умумӣ ва илмӣ ва принсипҳои ташкилӣ – иқтисодии истеҳсолоти муосир;
- ташаккули малакаву маҳоратҳои меҳнатӣ, техникӣ, технологӣ ва донишҳои аввалияи иқтисодие, ки барои ширкат дар меҳнати истеҳсолии ҷамъиятии фоидаовар заруранд;
- манфиатҳои касбӣ - дар муассисаи таълимӣ, онҳо бояд асосан дар ташаккули муносибати интихобии хонанда ба як намуди фаъолият, ашё ва зуҳуроту падидаҳо мусоидат кунанд, алалхусус таваҷҷуҳи касбӣ ба муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ бояд ҳамчун таваҷҷуҳ ба намуди афзалиятноки фаъолияти меҳнати касбӣ баррасӣ карда шавад;
- -мутобиқгардонии касбӣ – дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ бояд рушди хислатҳои шахсии хонанда, ки барои фаъолияти муваффақонаи касбии оянда, ташаккули меҳнати вазнини хонандагон, манфиатҳои пойдору устувори касби оянда, имкони истифода аз дониши касбии мавҷуд, малакаву маҳоратҳо дар устохонаҳои муассисаи таълимӣ пешбинӣ шавад;
- интихоби касбӣ – ин раванди махсус ташкилкардашудаест, ки ҳадафи он ошкор кардан ва бо ёрии усули илман асосноккардашуда муайян намудани дараҷа ва имкониятҳои коршоямии психофизиологӣ ва иҷтимоӣ-психологии довталабон (аз ҷумла, мо довталабони ояндаро дар назар дорем) ба омӯзиш ва кор ба ин ё он касб мебошад.

Мо ин ҷо унсурҳои асосиеро, ки низоми тамоили касбии хонандагон ба ташаккули ҳамаи сифатҳои арзишманди шахсиятии номбаршуда фаъолона таъсир мерасонад, муайян кардем. Унсурҳои низоми омода кардани хонандагон ба фаъолияти асосӣ, ки мо нишон додем, бояд дар онҳо сифатҳои басо муҳимми шахсияти инсони навро дар самти тамоили касбӣ ташаккул диҳад.

Бояд қайд кард, ки дар низоми ташаккули тамоили касбӣ ғайр аз унсурҳои номбаршуда, ҳамчунин падарону модарон, омӯзгорон ва шаклҳои кори омӯзишӣ, аз қабили дарс чун шакли асосии ташкили омӯзиш ва тарбия ҷойгоҳи муҳим хоҳанд дошт. Аз ҷумла, унсурҳои зерсохтории зерин низ нақш доранд:

- дарси омӯзишӣ, мавзӯи нав (дарс-лексия, дарс-суҳбат, кинодарс, дарс бо истифода аз ҳамаи воситаҳои техникӣ – тахтаи электронӣ, проектор,слайдҳо, диапозитивҳо, кодоскопҳо ва ғайра);
- дарси такмили дониш, маҳорат, малака (дарси кори мустақилона, озмоишгоҳӣ ва машғулиятҳои амалӣ, семинарҳо ва ғайра);
- дарси ҷамъбастӣ, ба низом даровардан, омехта, назоратӣ (ҳамаи намудҳои корҳои назоратӣ, пурсишҳо, назорати мутақобила, худназораткунӣ ва ғайра);
- шаклҳое чун машғулиятҳои амалӣ, семинарҳо, дарсҳои факултативӣ, дарсҳои саёҳатӣ, дарсҳои иловагӣ, корҳои хонагӣ ва ғайра, ки ба кори касбии масъалаҳои таҳқиқшаванда равона шудаанд.

Бо манзури шиносоии тартиби матлуб аз шаклҳои омӯзиш ва таъсири тарбиявии роҳнамоиҳои касбӣ барои хонандагон дар тӯли давраи корҳои озмоишӣ вариантҳои зерин

истифода шуданд:

1.Чунончи дар муассисаи таълимӣ вобаста аз интихоби ихтисоси довталабони оянда дар муддати чанд сол, омӯзгорони ҷавон дар давраи таҷрибаомӯзии педагогӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ бо ширкати волидон ва омӯзгорон асосан ба низоми омода намудани хонандагон ба фаъолиятҳои касбӣ ва тарбияи меҳнатӣ, ки мо таҳия карда будем, такя намуданд.

2. Омӯзгорони ҷавон, ки факултетҳои педагогиро хатм намудаанд, аз ҷумла факултетҳои биология, физика, химия, риёзӣ дар замони таҷрибаи педагогӣ унсурҳое чун таблиғоти касбӣ, машварати касбӣ ва ташхиси касбиро истифода карданд.

3. Омӯзгорони ҷавоне, ки факултети ҳуқуқшиносиро ба итмом расониданд, аз ҷумла шуъбаи “Ҳуқуқшинос-педагог” – унсурҳои омӯзиши шахсият бо мақсади роҳнамоии касбӣ, тарбияи касбӣ, омӯзиши касбиро истифода намуданд.

4. Омӯзгороне,ки факултетҳои филологӣ, таърихро хатм намудаанд, аз унсурҳое чун майлу рағбати касбӣ, мутобиқшавии касбӣ ва интихоби касбӣ баҳра бурданд.

Лозим ба таъкид аст, ки на танҳо унсурҳои номбурдашуда барои ҳар муассисаи таълими шарт аст. Мантиқан ҳам дар кори таълимӣ ва ҳам дар корҳои беруназсинфӣ унсурҳои ба низом даровардан дар ҳамаи муассисаҳои таълимӣ ҷойгоҳи назаррас ва муҳим доштанд.

Таҷрибаи бисёрсола ва натиҷаҳои амалии таҳқиқот нишон доданд, ки бо истифодаи унсурҳо, вариантҳо ва сатҳҳои дар боло зикршуда, на танҳо муваффақиятҳои муайян ба даст омаданд, балки баъзе камбудиҳо низ ошкор шудаанд.

Аввалан, мувофиқат накардании фаъолияти падарону модарон, омӯзгорон, роҳбарони синфҳо, омӯзгорони тарбияи меҳнатӣ ва тамоили касбӣ, ки ҳам дар ташкили корҳои тамоили касбӣ ва ҳам дар роҳандозии тарбияи меҳнатии хонандагон оид ба самти касбӣ ба мушоҳида мерасад.

Дуюм, омодагии заифи субъектҳои ин муассисаҳои омӯзишӣ ва чорабиниву тадорукоти тамоили касбии хонандагон.

Мо низоми комили тамоили касбии хонандагонро таҳия ва дар амал ҷорӣ намудем ва ҳадаф аз он ифшои камбудиҳо ва бартараф намудани онҳо буд. Таҳияи чунин банизомдарорӣ ба муайян намудани унсурҳои ташаккулёфтаи низом, муайян кардани вазифаҳо, муносибатҳои онҳо, инчунин усули огоҳии васеъ дар ҷараёни фаъолияти таълимӣ ва беруназсинфӣ бо василаи иртиботҳои расонаӣ (радио, телевизион, рӯзномаҳои деворӣ, мизҳои мудаввар) асос ёфтааст, ки имкон медиҳанд амали ҳар унсури банизомдарор ҳамоҳанг шавад.

Масалан, дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии № 24 шаҳри Хуҷанд бо ташаббуси худи волидон ба нақшаи корӣ чорабиниҳое чун гузаронидани маҷлисҳои синфӣ ва муассисаи таълимӣ ва конфронси волидон оид ба роҳнамоии касбӣ дохил карда шуд. Волидон боадолатона чунин меҳисобанд, ки дастоварди конфронсҳои синфӣ он аст, ки дар онҳо баррасии масъалаҳо мушаххастар сурат мегиранд.

Омодагӣ ба конфронси падарону модарони синфҳои нуҳум дар мавзӯъи “Ба хонанда барои интихоби касб чӣ гуна бояд кумак расонд?” ин гуна сурат гирифт:

Ду моҳ пеш аз вақти муқарраршуда (моҳи феврали соли 2018) кумитаи падарону модарон якҷо бо дафтари роҳнамоии касбӣ нақшаи комили баргузории конфронсро тартиб дод. Нақша баррасии масоили зеринро дар назар дошт:

1. Мо ба фарзанди худ чӣ гуна ёрӣ мерасонем, ки хуб таҳсил кунад?

2. Ман малакаву маҳорати муфидро дар шахсияти фарзандам чӣ гуна рушд медиҳам?

3. Мо бо кадом роҳҳо шуғл, майлу рағбат ва тамоили фарзандони худро қадр мекунем?

4. Фарзандони худро бо меҳнати калонсолон ва умуман бо касбҳои гуногун чӣ гуна шинос мекунам?

5. Мо чӣ гуна майлу рағбат ва хоҳиши фарзандони худро бедор ва қобилияти онҳоро инкишоф медиҳем?

6. Касби дӯстдоштаи фарзанди ман ва муносибати ман ба он касб.

Баъд аз таҳқиқоти мазкур, аъзои кумитаи падару модарон оилаҳоеро муаррифӣ карданд, ки таҷрибаи тарбияи меҳнатии онҳо шоистаи таблиғ ва паҳн намудан аст. Онҳо аз ин волидон хоҳиш карданд ва розӣ кунониданд, ки дар конфронс ва семинарҳо ширкат кунанд ва таҷрибаи худро ба дигарон роҳнамоӣ намоянд. Онҳо ҳамчунин ба падарону модарон дар бораи гузаронидани конфронс ва масъалаҳои асосие, ки баррасӣ мешавад,

иттилоъ додаанд. Ҳамроҳ бо роҳбарони синфҳо падару модарон – фаъолон ба оилаҳои зиёде рафтанд, бо шароити тарбияи фарзандон дар ин хонаводаҳо аз наздик ошно гаштанд, дар бораи тамоилҳо, майлу рағбат, ниятҳои хонандагон ва дар бораи он ки волидони онҳо ба талошҳои тамоили касбӣ ва меҳнатиашон чӣ гуна муносибат мекунанд, маълумот ҳосил намуданд.

Ҳамзамон ба волидон саволномае пешкаш шуд, ки онро дафтари роҳнамоии касбӣ ҳамроҳ бо кумитаи падару модарон тартиб дода буд ва чунин мазмун дошт:

1. Насаб, ном, номи падар
2. Ҷойи кор
3. Касб (ихтисос).
4. Дар ин ихтисос (вазифа) чанд сол аст фаъолият доред?
5. Дар тӯли ҳаёт шумо барои аз худ кардани чанд касб ва чанд ҳунар муваффақ шудед? Кадомҳо?
6. Собиқаи умумии кории шумо чанд сол аст?
7. Шумо фаъолияти кориро аз синни чанддсолагӣ сар кардед?
8. Фарзандон нақли шуморо чӣ гуна пазируфтанд? (хоҳишмандем ба зераш хат кашед):

• бо шавқ шуниданд;
• ба нақл монеъ шуданд;
• алоқамандӣ нишон доданд;
• хоҳиш карданд, ки боз нақл кунам;
• суханамро бурида, хоҳиш намуданд, ки дар бораи касби дигар нақл кунам.

Дар бораи касби ба Шумо номаълум хостанд нақл кунед, ё камтар маълум (хоҳишмандем ба зераш хат кашед).

9. Ба назари Шумо ба касбатон писар (духтар)-атон таваҷҷуҳ доранд ва ё бетаваҷуҳ аст?
10. Бо ташаббуси кӣ суҳбат дар бораи интихоби касб ба миён омад?
11. Чӣ ҳолатҳое Шуморо водор мекарданд, ки ба фарзандонатон дар бораи касбу кор нақл кунед? (хоҳишмандем ба зери як гузинаи посух хат кашед)

• майлу рағбати фарзанд ба касбу кори Шумо;
• муҳаббат ба касб;
• эҳтиром ба касб;
• шарафу эътибор дар касб;
• хизмати шоиста дар касб;
• кобилият ё хоҳиши худи фарзанд ба касб;
• нокомиҳо дар кор;
• интихоби номуваффақи касб.

14. Шавқу рағбати фарзанди Шумо ба кадом касб бештар аст? (агар муайян кардан мушкил бошад, пас лутфан нишон диҳед, ки таваҷҷуҳи вайро чӣ бештар ба худ ҷалб мекунад ва барои расидан ба ин касб чӣ гуна кушишу ғайрат мекунад).
15. Вақте Шумо суоли “Ту кӣ будан ё шудан мехоҳӣ?-ро дар миён гузоштед, фарзандатон дар синфи чандум мехонд?
16. Ба фикри Шумо ба саволи фарзанди Шумо агар хатмкунандаи синфҳои 9 ё 11 бошанд чӣ посух медоданд? Оё писар ё духтаратон дар мавриди интихоби касб бо Шумо маслиҳату машварат мекарданд?
17. Шумо ба фарзандатон интихоби кадом касбро маслиҳат медиҳед (лутфан ба зери яке аз гузинаҳои номбаршуда хат кашед ва ё онеро, ки ном бурда нашудааст, нависед:

• муҳандисӣ
• омӯзгорӣ
• тиббӣ
• ҳуқуқшиносӣ
• ҷомеашиносӣ
• иқтисодчӣ
• коргарӣ
• санъатшиносӣ
• диншиносӣ

• ва ғайра

18. Оё Шумо бо духтар ё писари худ дар мавзӯъи «Кӣ бояд шуд?» "Кадом касбҳо хубанд?" дар бораи ҳадафҳо ва мафҳуми ҳаёт суҳбат мекунед? (лутфан муфассалтар посух диҳед).

19. Ба андешаи Шумо дар навбати аввал фарзандатон чиро бояд ҳал кунанд: «Кӣ бояд шуд?» ва ё «Чӣ гуна шахс бояд буд?»

20. Оё Шумо омилҳои «медонам», «метавонам» ва «бояд»-ро дар интихоби касб асосӣ мешуморед? Агар бароятон мушкил нест, лутфан шарҳ диҳед. Посухи Шумо.

21. Ба боварии Шумо бо хонандагони синфҳои 9 – 11 чӣ корҳоеро роҳандозӣ кард, то ин ки дар интихоби касби коргарӣ ба онҳо ёрӣ расонда шавад? (лутфан муфассалтар посух диҳед).

Посуххои падару модарон ба суолҳои пурсишномаи пешниҳодшуда ва суханронии онҳо дар конфронси волидон имкон доданд, ки ба ин натиҷаҳо расем:

- волидон дар интихоби касби фарзандонашон нақши суст доранд ва интихобро ба худи онҳо вогузор мекунанд;

- волидон талош мекунанд фаъолона ва ақилона ба фарзандони худ ёрӣ расонанд, ки вобаста ба табъу завқи худ ва тамоилу қобилияташон касбро интихоб намоянд;

- волидон талош мекунанд ба писар (духтар)-и худ ақидаи худро бор кунанд ва дар ин замина майлу рағбат, ниятҳо, томоилҳои ӯро аслан ба назар нагиранд;

- волидон муҳим будани интихоби муосир ва асоснокии интихоби касб аз ҷониби фарзандони худ тасаввур намекунанд;

- волидон, намедонанд дар доираи оила чӣ гуна кори тарбияи касбии фарзандони худро ба роҳ монанд, чӣ гуна махсусиятҳои шахсиятии онҳоро дарк кунанд.

Ин хулосаҳо моро ба ҷустуҷӯйи роҳҳои минбаъдаи такмили дафтари тамоили касбӣ,кумитаи падару модарони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ таҳрик доданд. Зарурати ташкили дафтари интихоби касб барои волидон шадидан ба миён омад. Ба ин зарурат метавон ба далелҳои дигари муҳим, ки дар раванди иртиботи дафтари бо волидон ошкор гардиданд, ишора кард.

Чунончӣ, дар охири солҳои таҳсили 2018-2019 дар миёни волидон (500 нафар) хонандагони синфҳои 9, 10, 11 пурсиши махсус роҳандозӣ шуд, ки ҳадафи он нишон додани дониши волидон дар мавриди моҳияти роҳнамоиҳои касбӣ, донистани вижагиҳои синну соли наврасӣ, сабабҳои дар оила ба вуҷуд омадани усули гузаронидани корҳои роҳнамоии касбӣ дар шароити оила; қобилияти истифодаи махсусиятҳои психологии наврасон дар рушди мустақилияти онҳо, касбомӯзӣ, ҳунаромӯзӣ, меҳнатдӯстӣ, майлу рағбат, ниятҳо ва ғайра буд. Пурсишнома аз чанд суол иборат буд, ки ба ҳар кадоми онҳо посухи якранг – ё «ҳа» ё «не» ва ё «қисман» бояд дода мешуд.

Натиҷаи пурсишнома дар ҷадвали поён оварда мешавад.

**Ҷадвали 1.**

**Сатҳи донишҳои тамоили касбӣ ва маҳорати волидон:**

| Рақам | Суолҳои пешниҳодшуда | Посуххои дарёфтшуда | | |
|---|---|---|---|---|
| | | "ҳа" (%) | не" (%) | "қисман" (%) |
| 1 | Оё Шумо ба мақсад расидани фарзанд дар интихоби касб ташаббускор ҳастед? | 50 | 35 | 15 |
| 2 | Оё Шумо моҳият ва муҳтавои тамоили касбиро медонед? | 1,5 | 90,0 | 8,5 |
| 3 | Оё Шумо кушишу ғайрати фарзандатонро дар раванди расидан ба ҳадафҳои касбиаш эҳсос мекунед? | 30 | 40,5 | 25,5 |
| 4 | Оё Шумо махсусиятҳои асосии наврасонро дар интихоби касбаш медонед? | ' 6,5 | 91,2 | 2,3 |
| 5 | Оё Шумо мақсади фарзанди худро дар интихоби касб дарк карда метавонед? | 2,5 | 91,2 | 6,3 |
| 6 | Оё Шумо дар интихоби касби фарзандатон норозигӣ намудед? | 30,5 | 40,5 | 20 |

Ҳамин тариқ, маълум гардид, ки аксарияти волидон моҳияти тамоилҳои касбӣ ва аҳамияти онро, инчунин таъсиррасонии манфӣ ва мусбатро дар ташаккули шахсият чандон дарк намекунанд, аз вижагиҳои синнусолӣ ва муҳим будан ба ҳисоб гирифтани ин махсусиятҳо дар раванди тарбияи оилавӣ хабар надоранд.

Аз ин рӯ, алакай солҳои хониши 2018-2020 дафтари роҳнамоии касбӣ дар мувофиқа бо кумитаи падару модарон дар нақшаи кории худ чорабиниҳои иловагиеро дохил намуданд. Ин чорабиниҳо асосан ба он равона шудаанд, ки худи волидон дар мавриди ҳидояти фарзандонашон ба касбу кори оянда омӯзишҳое дошта бошанд, сатҳи дониши худро дар ин заминаҳо боло баранд ва ҳангоми интихоби касб барои фарзандонашон мушкил пеш наояд. Ин вазифа дар доираи роҳандозии як семинарии илмӣ-амалии волидон роҳи ҳал пайдо кард. Дар ин семинар масъаҳоеро омӯхтанд, ки дар ҷараёни пурсиш ва посуххои гузашта матраҳ шуда буд ва онҳо ба он суолҳо ё посух додан натавонистанд ва ё ба ҷавоби он мушкилӣ мекашиданд. Ин суолҳо ба ин тартиб ҷамъоварӣ шуда буданд:

1. Аҳамияти роҳнамоии касбӣ дар рушди иҷтимоӣ-иқтисодии ҷомеа.

2.Ҳадафҳо, вазифаҳо, сохтор, мундариҷаи роҳнамоии касбӣ.

3.Инкишофи шахсият дар синну соли наврасӣ; вижагиҳои асосии синну соли наврасон.

4. Сабабҳои дар оилаҳо пайдо шудани «наврасони душвортарбия». Иртиботҳои байниҳамдигарии оилавии волидон ва фарзандон.

5. Низоми таъсири педагогӣ ба наврас, ки ба ошкор сохтан ва инкишоф додани сифатҳои муҳимми шахсият дар онҳо равона шудаанд.

6. Шеваву усули мушаххаси таъсиррасон ба сифатҳои ахлоқии наврас дар иртибот ба ташаккули майлу рағбати касбӣ, тамоилҳо ва ниятҳо.

Ба гузаронидани семинарии илмӣ-амалӣ кормандони маркази касбӣ, омӯзгорони кафедраи педагогикаи ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров ҷалб гардиданд.

Гузаронидани чорабинии ишорашуда самаровариву пурманфиат будани онро ба намоиш гузошт ва метавон аз натиҷаи пурсишномаи дигари такрории волидон дар охири соли таҳсил ба чунин хулоса расид.

Маълумоти бадастомада имкон медиҳад, ки ҷараёни болоравии маърифати волидон дар мавриди тамоилҳои касбӣ ва ҳидояти касбӣ мушоҳида шавад ва натиҷаи он ҳамин семинарии илмӣ-амалӣ буд.

**Ҷадвали 2.**

**Сатҳи дониш ва малакаҳои волидайн оид бароҳнамоии касбӣ:**

| Рақам | Суолҳои пешниҳодшуда | Ҷавобҳои ба даст омада | | |
|---|---|---|---|---|
| | | “ҳа” (%) | “не” (%) | “қисман”(%) |
| | №1 | 67,5 | 18,5 | 14,0 |
| | №2 | 78,0 | 11,8 | 10,2 |
| | №3 | 81,0 | 7,7 | 11,3 |
| | №4 | 72,8 | 17,7 | 9,5 |
| | №5 | 54,9 | 26,9 | 18,2 |
| | №6 | 60,0 | 16,7 | 23,3 |

**Ҷадвали 3.**

**Ҷараёни болоравии сатҳи огоҳии волидон ба донишҳо ва маҳорати тамоили касбӣ**

| № Т/б | Суолҳои пешниҳод шуда | Ҷавобҳои ба даст омада | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | Оғози таҳқиқот | | | Анҷоми таҳқиқот | | |
| | | «ҳа» (%) | «не» (%) | «қисман» (%) | «ҳа» (%) | «не» (%) | «қисман» (%) |
| | №1 | 1,5 | 90,0 | 8,5 | 67,5 | 18,5 | 14,0 |
| | №2 | 2,5 | 91,2 | 6,3 | 78,0 | 11,8 | 10,2 |

| | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | №3 | 4,0 | 71,5 | 24,5 | 81,0 | 7,7 | 11,з |
| | №4 | 1,0 | 87,0 | 12,0 | 72,8 | 17,7 | 9,5 |
| | №5 | 0,9 | 87,6 | 11,5 | 54,9 | 26,9 | 18,2 |
| | №6 | 1,3 | 84,2 | .14,5 | 60,0 | 16,7 | 23,3 |

Солҳои таҳсили 2018-2019 ташкили семинарҳои илмӣ-амалии шабеҳ барои волидон дар муассисаҳои таҳсилоти умумии шаҳри Хуҷанд: литсейи физикаву математикаи ба номи Осимии шаҳри Хуҷанд, мактаб-гимназияҳои №№24, 16,15,17 ва 20 гузаронида шуданд. [ 7; ҷадвали 1,2,3, ].

Ҳамин тариқ, баргузории конференсияҳои синфиву муассисаи таълимӣ ва падару модарон дар раванди инкишофу рушди тамоилҳои касбии хонандагон ва маърифати волидон таъсиргузор буданд.

Таҷрибаи ҳамкории давтари муассисаи таълимии тамоили касбӣ бо волидон нишон дод, ки ин гуна мусоидату ҳамкорӣ имкониятҳои ташкилоти мазкури ҷамъиятиро аз миён намебаранд. Дар раванди зинаи хотимавии кори таҷрибавӣ мо имкониятҳои дигари дафтар, аз ҷумла эҷоди таомули он бо литсейҳо ва коллеҷҳои касбӣ-техникӣ, шӯроҳои педагогӣ ва шӯрои устодони истеҳсолотро ошкоро кардем.

Аллакай таҷрибаи ибтидоии ин нақша нишон дод, ки ҳамкориҳои байни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, ки дар онҳо роҳнамоии касбӣ ва шӯроҳои педагогиро метавон дар самти пурзӯр кардани кор дар чунин масъалаҳои мубрам, ба монанди ташкили интихоби ибтидоии касбии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва бо кор таъмин кардани хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ васеъ кард.

Мо ба ин назарем, ки роҳнамоии интихоби касбӣ – ин раванди махсус ташкилшудаи таҳқиқотиест, ки ҳадафи он бо ёрии усули илмии асоснокгардида муайян кардани дараҷа ва имкониятҳои ташкили тиббӣ, психофизиологӣ, иҷтимоӣ-психологии лоиқ будани шахсият ба омӯзиш, омодагӣ ба касби муайян мебошад.

Дар манбаъҳои илмӣ интихоби касбӣ ба ду зина ҷудо карда шудааст: таъкидкунанда (мо онро интихоби аввал меномем) ва созмондиҳанда. Интихоби касбии таъкидкунанда (зинаи аввал) қабули қарори мусбат ва ё манфиро (ба ҳар сурат дар зинаи аввали интихоб) дар бораи ба касб лоиқ будани ин ё он шахсе, ки мехоҳад таҳсил кунад, дар назар дорад. Аз ин рӯ, “**Ҳадафи интихоби касбии созмондиҳанда ошкор намудан ва андоза кардани вижагиҳои фардии инсонна ба як, балки ба чандинкасбмебошад”.** [3; соли 2016-2020 ].

Бо мақсади ташкили интихоби касбии зинаи аввал дар шароити муассисаи таълимӣ, дафтари роҳнамоии касбӣ суолномаи махсус, масъалаҳои техникӣ (мафҳумӣ, маҷозӣ, маҷозӣ-амалӣ) таҳия ва истифода намуд. Ҳамчунин суолоти тестӣ ҳам истифода шуданд: тестҳое, ки сатҳи тасаввуроти фазоӣ, дарки ашё, тестҳо барои дарки ҳассосият ва устуворӣ, тестҳо барои сатҳи таваҷҷуҳ ва дар хотир нигоҳ доштан ва ғайра.

Натиҷаҳои пурсишҳо, ҳалли вазифаҳои техникие, ки ба хонандагон пешкаш мешавад, ҷамъбасти натиҷаи суолоти тестӣ ба парвандаи шахсии хонанда ҳамроҳ карда шуд ва баъдан падарону модарон дар ҷараёни суҳбати ҷамъбастӣ бо ин матолиб шинос карда шуданд.

Омӯзиши мушкилоти ба кор таъмин кардани хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва вобаста кардани онҳо ба корхонаҳо ба дафтаи тамоили касбӣ ва кормандони литсейҳо, колеҷҳо имкон дод, ки тавсияҳои зеринро таҳия созанд:

- ҳангоми хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумиро ба кор қабул кардан дараҷаи омодагии наврасон ба кор дар корхонаи мазкур, майлу рағбати онҳо ва сатҳу дараҷаи омодагии онҳо муайян карда шавад;
- кормандони шуъбаи кадрҳои корхона натиҷаҳои интихоби аввалияи касбии хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ (бо дарёфти маълумоте, ки дафтари тамоили касбии муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ ҷамъоварӣ кардааст)-ро истифода кунанд;
- омӯзиши коргарони ҷавон дар корхона бояд бо роҳҳои мухталиф сурат гирад;
- Низоми доимамалкунандаи таҳсилоти умумӣ ва омодагиҳои касбии кормандон ташкил карда шавад, назорати қатъии муҳлати пешрафтҳои касбиву тахассусии онҳо

муқаррар карда шавад, ёддоште дар бораи таърихи корхона, анъанаҳои меҳнатии он, иртиботҳояш бо дигар корхонаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва кишварҳои ИДМ (иттиҳоди давлатҳои мустақил), дурнамои рушди корхона ва ғайра таҳия карда, ҳангоми ба кор қабул шудани коргари ҷавон ба ӯ дода шавад;

- коргарони ҷавон, собиқ хатмкардагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ба мусобиқаҳо ҷиҳати дарёфти унвони «беҳтарин дар касб», «беҳтарин коргари ҷавон» ва ғайра ҷалб карда шаванд;

- коргарони ҷавон ба расму маросимҳои корхона: «бахшида ба коргар», «эҳдои тантанавии дараҷа», «рӯзи камолот» ва ғайра ҷалб карда шаванд.

Ба ҳамин иртибот, густариши вазифаҳо ва муҳтавои фаъолияти дафтар чун пайванди марказии намунаи педагогии ташкили таъсири муфиди ниҳодҳои ҷамъиятӣ, ҳамчунин натиҷаҳои қаблан омӯхташудаи пурсиши хонандагон, омӯзгорон, роҳбарони синфҳо, ки аз соли 2010 сипас соли 2020 дар як қатор муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ барои соҳиб шудани дафтари роҳнамоии касбӣ ба мақоми хадамоти муассисаи таълимӣ касбӣ гузаронида шуда буд, мусоидат наму

**АДАБИЁТ:**


1. Ахмедова М.С. и др. Программа и методические рекомендации по педагогике школы. - Душанбе, 2002. – С.14.
2. Ахмедова М.С. Особенности работы кабинетов профориентации // Сериалы научно-практической конференции: Сб. научных трудов. - 2001. -С.47-48.
3. Барномаирушдироҳнамоиикасбӣ дар ҶумҳурииТоҷикистонбароисолҳои 2016-2020.
4. Берг А.И. Профессиональная этика. - М., 1975.Саҳ 156. с .56-60
5. Кадыров С. Проблемы организации педагогического воздев вия на трудных подростков в системе общественного воспитания. - Автореф. дисс. ... докт.пед.наук. - Ташкент, 1989. - 0.25-26.
6. Концепция и Программы профессиональной ориентации молодежи в общеобразовательных учреждениях Республики Таджикистан. /Постановление Правительства Республике Таджикистан от 5 октября 1998 г. № 339.
7. Натиҷаи таҳқиқотҳо дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии шаҳри Хуҷанд (ҷадвали 1,2,3,)


**Акмалова М.А.**

## ОРГАНИЗАЦИЯ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ ОБРАЗОВАТЕЛЬНОГО УЧРЕЖДЕНИЯ, СЕМЬИ И СОВРЕМЕННОГО ОБЩЕСТВА ПО ПРОФЕССИОНАЛЬНОЙ ОРИЕНТАЦИИ УЧАЩИХСЯ СРЕДНИХ ОБЩЕОБРАЗОВАТЕЛЬНЫХ ШКОЛ.

В данной статье отражено профессионально-ориентированное обучение учащихся средних общеобразовательных школ в организации деятельности образовательного учреждения, семьи и современного общества. Результаты исследования по опросу учащихся, родителей и самих учителей приведены в таблице. Результаты собеседований, решение технических задач, поставленных перед учащимися, результаты тестовых вопросов были приобщены к личному делу учащегося, а затем родители были ознакомлены с этими материалами во время итогового собеседования.

***Ключевые слова***: *кабинет профессиональной ориентации, образование родителей, развитие профессиональных тенденций, молодые работники источники науки.*

**Akmalova M.A.**

## ORGANIZATION OF THE WORKING OF AN EDUCATIONAL INSTITUTION, FAMILY AND MODERN SOCIETY IN THE VOCATIONAL GUIDANCE OF PUPILS IN SECONDARY SCHOOLS.

This article reflects the professionally oriented teaching of secondary school pupils in the organization of the working of an educational institution, family and modern society. The results of a research on interview of puils, parents and teachers themselves are shown in the table. The results of the interviews, the solution of technical problems assigned to the pupils, the results of the test questions were attached to the pupil's personal file, and then the parents were familiarized with these materials during the final interview.

***Keywords***: *vocational guidance room, education of parents, development of professional trends, young workers sources of science.*

**Маълумот дар бораи муаллиф:** Акмалова Малохат Абдуллоевна - омӯзгори коллеҷи тиббии шаҳри Гулистон, вилояти Суғд, Ҷумҳурии Тоҷикистон, унвонҷӯи Пажӯҳишгоҳи рушди маорифи ба номи

А.Ҷомӣ , Академияи таҳсилоти Тоҷикистон Суроға; 734024 ш.Душанбе, хиёбони Айнӣ , 45 E-mail: prmatt@ Телефон 92 756 2232

**Сведения об авторе::** Акмалова Малохат Абдуллаевна преподаватель медицинского колледжа города Гулистон Согдийской области Республики Таджикистан, соискатель Института развития образования имени А. Джоми, Академия образования Таджикистана; адрес -734024 Душанбе, пр. Айни, 45 E-mail: prmatt @ Телефон 92 756 2232

**Information about the author:** Akmalova Malohat Abdullaevna, teacher of the medical college of Guliston city of Sughd region of the Republic of Tajikistan, a competitor of the Institute of Education Development named after A. Jomi, Academy of Education of Tajikistan; address -734024 Dushanbe, Aini Ave., 45 E-mail: prmatt @ Phone 92 756

**Р. Д. АСАДУЛЛОЕВ**
**М.А. ШАМСИДИНОВА**

# МАҲОРАТИ ПЕДАГОГИИ ОМӮЗГОРИ МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ ИБТИДОӢ

Дар Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъкид гардидааст: "Дар марҳилаи кунунии пешрафти Тоҷикистон ба соҳаҳои илму маориф афзалияти аввалиндараҷа дода мешавад, зеро онҳо дар таҳкими пояҳои давлати демократӣ ва ҳуқуқбунёду дунявӣ нақши калидӣ мебозад" [4. с. 22].

Аз ин рӯ, дар омода намудани мутахассисони соҳибкасб тибқи талаботи афзояндаи бозори меҳнат муносибатро дигар намудан зарур аст. Бозори муосири меҳнат нисбатба хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ талаботи нав ба навро ба миён мегузорад. Барои қонеъ гардонидани талаботи бозори меҳнат ба мутахассисони варзида танҳо дониши баланд кифоят намекунад, ӯ бояд соҳиби маҳорат ва малакаи кордонӣ бошад ва бисёр масъалаҳои ҳаётиро мустақилона ҳал карда тавонад.

Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дастгирии Ҳукумати кишвар, пайваста кӯшиш ба харҷ дода истодааст, ки низому равиши таълимро ба талаботи замон ва дурнамои рушди мамлакат мутобиқ намуда, тадбирҳои муайяну мушаххасро дар ин самт амалӣ гардонад. Ба тасвиб расидан ва андешидани ҷораҳои амалӣ дар татбиқи «Стратегияи рушди маориф барои солҳои 2012-2020», ки дар он ҷорӣ намудани низоми таълими салоҳиятнокӣ пешбинӣ гардидааст, бозгӯй равшани ҷаҳонишавии таҳсилот мебошад[3. с. 22].

Мақсади асосии рӯ овардани мактабу маориф ба ин шакли фаъолият ҳарчи тезтар аз низоми куҳнаи анъанавӣ ба фазои ҷаҳонии таҳсилот ворид гардидан мебошад. Маълум аст, ки мавқеи асосиро дар навсозиҳои касбии омӯзгори муосир фаъолияти инноватсионӣ ва муносибати босалоҳият ишғол менамояд. Омода будани омӯзгорон ба фаъолияти инноватсионӣ дар низоми босалоҳият шароити муҳимми инкишофи таҳсилоти касбӣ маҳсуб меёбад.

Тавассути фаъолияти инноватсионӣ таъғирот ва инкишофи ҷараёни таълимӣ-тарбиявӣ бо мақсади ноил гардидан ба натиҷаҳои баланд, соҳиб гардидан бо донишҳои нав, таҷрибаҳои сифатан нави педагогӣ рӯй медиҳанд.

Дар зери мафҳуми омодагии омӯзгор ба фаъолияти инноватсионӣ тамоми сифатҳои касбии омӯзгор, ки ба навзозии фаъолияти педагогӣ равона гардидаанд, фаҳмида мешавад. Инчунин иқтидору тавоноии омӯзгор дар масъалаи пешниҳод намудани роҳ ва тарзи ҳалли мушкилоти мубрами таълим ва пайдо намудани тарзи дурусти самараноки натиҷа ва ҳолати мавҷуда ҳосил мегардад.

Инноватсия метавонад системаи муосири таълимро шуурона муътадил гардонад. Албата, ҳатмӣ нест, ки навгонӣ бошад, аммо ҳатмӣ он аст, ки худ аз худ фаъолият ба беҳтару хубтар гардидани фаъолият нигаронида шавад. Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки барои таъмини самаранок ҳамчун омӯзгори соҳибтахассус дар соҳаи фанҳои таълимӣ: омӯзгори фанни ҷудогона; омӯзгор-мураббӣ; омӯзгор таҳқиқотчӣ; омӯзгор-навовар дуо мил мавҷуд аст:

1) омодагии равонии омӯзгор ба фаъолияти инноватсионӣ, тавре ки таҳқиқотҳои педагогӣ нишон медиҳанд, ташаккули махсуси гурӯҳӣ, малака ва маҳорати фаъолияти рефлексӣ, аналитикӣ ва низоми тартиби фаъолияти амалӣ;

2) моил гаштани тамоми шаклҳои таҳсилоти касбӣ ба баланд бардоштани маҳорати касбии хатмкунанда, ҳамчун омӯзгор-касбият ба инкишофи бетанаффуси маҳорати касбӣ.

Дастоварди баландтарини омӯзгор дар фаъолияти педагогӣ омили асосии моҳияти инкишофи шахсият мебошад. Ба фаъолияти инноватсионӣ шуғл варзида, фаъолияти инноватсиониро инкишоф дода, омӯзгор худаш инкишоф меёбад.

Бояд қайд кард, ки кӯдакони давраи калони томактабӣ ва омодагӣ ба мактаб соҳиби таҷрибаи муайяни иҷтимоӣ буда, онҳо метавонанд мустақилона ба ҳаёти гурӯҳ ва кӯдакистон ворид гарданд. Ташкилу роҳбарии педагогӣ ба ҳаёту фаъолиятҳои кӯдакони 5-7 сола имконият медиҳад, ки омодагии онҳо ба мактаб таъмин гардад. Таҷҳизонидани хонаи гурӯҳ барои кӯдакони 5-7 сола хусусияти ба худ хос пайдо мекунад.

Омода будани омӯзгорон ба фаъолияти инноватсионӣ дар низоми босалоҳият шароити муҳимми инкишофи таҳсилоти касбӣ маҳсуб меёбад. Ба ҳамагон маълум аст, ки дар давраи истифода бурдани технологияи озмоишу санҷиш бисёр омӯзгорон дар куҷо ва чӣ тавр гузаронидани инноватсияро намедонанд ва муносибати босалоҳиятро дуруст дарк наменамоянд.

Дар сарчашмаҳои илмӣ- педагогӣ самтҳои гуногуни таҳқиқоти фаъолияти инноватсионӣ тахминан чунин баён гардидаанд:

- хусусиятҳои умумӣ ва махсуси ин шакли фаъолият дар асарҳои Ф.Н. Гоноболина, В.И. Загвязинск, В.А. Кан-Калик, А.К. Маркова, Н.Д. Никандрова, Н.Р. Юсуфбекова мавриди таҳқиқу омӯзиш қарор гирифтаанд.

- аз нуктаи назари омӯзиши дастовардҳои педагогӣ ва паҳн кардани таҷрибаи пешқадам дар фаъолияти инноватсионии омӯзгорон дар асарҳои Ю.К. Бабанский, М.М. Поташник, низ таваҷҷуҳ зоҳир карда шудааст.

- оид ба хусусияти зуҳуроти инноватсионӣ дар системаи муосири таълим аз ҷониби М.С. Бургин, В. Кларин, С.Д. Поляков, Л.С. Подымова, А.В. Хуторский пажӯҳиш анҷом дода шудааст.[2. с. 174].

Бо баробари он ки ҷой барои бозӣ, машғулиятҳо, мизу курсиҳо, ҷевонҳо ҷудо карда мешаванд, инчунин бозичаҳои замонавии электрони, телевизор, тамошои фиттаҳои махсус ва ғайраҳо дар ҳаёти кӯдакон нақши муҳим пайдо менамояд. Барои намудҳои меҳнат ва шаклҳои ташкили он шароит таъмин карда мешаванд.

Кӯдакон метавонанд бозиҳоро мустақилона интихоб ва ташкил намоянд. Мураббия бозиро ҳамчун як шакли ташкили ҳаёти кӯдакон дар давоми рӯз (пагоҳирӯзи, байни машғулиятҳо, дар машғулиятҳо, сайругашт, иду дилхушиҳо) истифода бурда онҳоро дар фаъолияти бадеӣ, эҷодкории кӯдакон ташкил менамояд.

Маълум аст, ки кӯдакони 5-7сола бо меҳнат, фаъолияти меҳнатии калонсолон мароқ зоҳир намуда майлу рағбати меҳнат кардан доранд ва мехоҳанд мустақилноки, шахси арзишманд ва тавонгар будани худро нишон диҳанд. Бинобар ин, мураббия ҳар рӯз меҳнати кӯдаконро ташкилу роҳбари намуда дар ҷараёни он иҷро гардидани вазифаҳои тарбияи ҷисмони, ақлию зеҳни, ахлоқӣ-иродавиро таъмин мегардонад. Тибқи талаботи барномаи таълими- тарбиявии кӯдакистон номгӯй ва теъдоди машғулиятҳои таълими зиёд гардида, доираи талабот ва шавқу рағбати донистагирии кӯдакон низ васеъ мешавад.

Махсусан, машғулиятҳои тайёри ба саводомӯзӣ, тарбияи хештаншиноси, ташаккулдиҳии тасаввуроти аввалини математики фаъолгардонии кӯдакон ва истифодабарии усули фаъол, ҳамфаъоли таълим, шаклҳои гуногуни ташкили фаъолияти донишомӯзониро талаб менамояд.

Дар ҳаёти кӯдакон муошират ва муносибатҳои байниҳамдигари нақши муҳимро мебозад. Шакли нави муошират-муошироти шахси, расми ва вуҷуд омода мазмуни онҳо мукаммал мегарданд. Мураббия ба тарбия намудани одоби муошират , риоя кардани қоида ва меъёрҳои рафтор дар ҷойҳои ҷамъияти диққати махсус медиҳад.

Бояд қайд кард, ки ташкили раванди педагогӣ дар муассисаи томактаби ва самти афзалиятбахши онро иҷро гардидани мақсаду вазифаи ташаккулдиҳии шахсияти кӯдакон, иҷро намудани вазифаҳои тарбияви ташкил менамояд.

Мазмун, моҳият, мақсаду вазифаҳои тарбиявӣ вобаста ба хусусиятҳои синнусолии кӯдакон, талаботи барномавӣ муайян карда мешаванд. Зарурияти ташкил намудани раванди ягонаи педагогиро амалӣ гардондани Стандарти давлатии таҳсилоти томактабӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Стандарти инкишоф ва омӯзиши барвақтии кӯдак (аз рӯзи таваллуд то 7 (6) солагӣ ва дигар ҳуҷҷатҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ ва барномавӣ-методӣ талаб мекунад. Дар ҳамаи ин ҳуҷҷатҳо ба истифодабарии арзишҳои маънавию моддӣ, тайёр намудани кӯдакон ба мактаб, тарбияи насли созандаю бунёдкор чун вазифаи асосии волидон ва муассисаҳои томактабӣ таъкид гардидааст.

Дар илми педагогика фаъолияти инноватсионӣ, ҳамчун фаъолияти мақсадноки педагогӣ, ки ба дарки таҷрибаи амалии хеш тавассути муқобилгузорӣ ва омӯзиш нигаронида шудааст фаҳмида мешавад. Тавассути фаъолияти инноватсионӣ тағйирот ва инкишофи ҷараёни таълимӣ- тарбиявӣ бо мақсади ноил гардидан ба натиҷаҳои баланд, соҳиб гардидан ба донишҳои нав, таҷрибаҳои сифатан нави педагогӣ рӯй медиҳад.

Ба сифати вазифаҳои асосии фаъолияти инноватсионӣ тағйироти омилҳои ҷараёни педагогӣ: ба монанди мақсад, мазмуни таълим, шакл, услуб, технология, воситаҳои таълим, системаи идоракунӣ, муносибати босалоҳият ва ғайраҳо муарифӣ мешаванд.

Фаъолияти педагогии омӯзгор, агар дар болои методҳои кори як вақтҳо аз худ намудаи ӯ сохта шуда бошанд, арзишманд намегардад ва қимате пайдо наменамояд. Метод, дар ягон ҳолат доимӣ шуда наметавонад, он ҳамеша тағйир меёбад ва муккамал мегардад. Агар дар он чизҳои ба таври воқеъӣ мавҷудбуда барои ба даст овардани дастовардҳои баланд истифода бурда нашаванд, агар он иқтидори баланд бардоштани инкишофи шахсии омӯзгорро таъмин намуда натавонад, фаъолияти педагогии омӯзгор арзишманд гардида наметавонад. [1. с. 9-15].

Ба пешрафти соҳаи тарбияи томактабӣ, беҳтар намудани таъминоти методию таълимии он қабул карда шудани «Барномаи давлатии рушди соҳаи тарбияи томактабӣ дар Тоҷикистон дар солҳои 2006-2010» таъсири калон расонид. Чунки он самтҳои асосии пешрафти соҳаро дар беҳдошти кори таълиму тарбиявӣ, баланд бардоштани сатҳи дониш, маҳорату малакаҳои касбии кормандон, ғанӣ гардонидани заминаҳои методию таълимии таълимгоҳ, коркарди барномаҳои алтернативии таҳсилотӣ, ҷалб намудани хонавода ва аҳли ҷомеа ба тарбияи кӯдакони хурдсол мебинад.

Кӯдакони мо дар давраи муҳими ташкил ва такомули низоми давлатиии таҳсилотӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тарбия меёбанду таълим мегиранд. Маълум аст, ки зинаи аввалини таҳсилот таҳсилоти томактабӣ аст, ки он дар хонавода ва ҳамаи намудҳои муассисаҳои томактабӣ ба амал бароварда мешавад. Маҳз зарурияти тарбия, таълим ва таҳсилоти томактабиро ба ҳисоб гирифта Вазорати маорифи кишвар дар назди кормандорни муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ, аҳли илм вазифа гузошт, ки Стандарти давлатии таҳсилоти томактабӣ таҳия ва барои тасдиқ намудан ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шавад. Ин амал таҳти роҳбарии Академияти таҳсилоти ҶТ, бо иштироки кормандони илмӣ, педагогӣ, адибони бачагона ва мададу дастгирии ташкилоти байналмиллалии «Хазинаи кӯдакон»-и Созмони миллали муттаҳид ичро гардид. Аввалин Стандарти давлатии таҳсилоти томактабӣ аввалин шуда моҳи декабри соли 2010 аз тарафи Ҳукумати ҶТ тасдиқ гардид. [29]

Барои амали гардонидани Стандарти давлатии таҳсилоти томактабӣ имрӯз якчанд корҳо амалӣ гардида истодаанд. Яке аз онҳо таҳия ва дар амал тадбиқ намудани Барномаҳои таъмин намудани омодагии кӯдакони ба кӯдакистонҳо фаро гирифта нашуда ба мактаб мебошад. Маълум аст, ки бо сабабҳои гуногун 94-95% кӯдакон ба кӯдакистонҳо фаро гирифта нашудаанд ва зарурияти ба мактаб, таҳсилу тадриси мактабӣ омода намудани онҳо ба миён омадааст.

Маҳз ташкил намудани гурӯҳҳои кӯтоҳмуддат (то 3-моҳ) ва Марказҳои кӯдакони синни томактабӣ дар назди кӯдакистонҳо, мактабҳои таҳсилоти умумӣ ва ҷамоатҳо имконият медиҳанд сатҳ ва меъёри муайяни омодагии кӯдакон ба мактаб таъмин гардад.

Сазовори қайд кардан аст, ки ба Қарори мушовараи Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон «Барномаи таълимии кӯтоҳмуддати омодагии кӯдакони 5-7 (6) сола ба мактаб» тасдиқ гардид. Инчунин бо қарори мушовараи Вазорати Маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон «Барномаи таълимии омодагии пешазмактабии кӯдакони 5 – 7 (6) сола» тасдиқ гардид.

Барномаи мазкур вазифаҳои асосии тарбия, таълим ва инкишофи кӯдакони синни 5-7 (6) соларо муайян менамояд. Ҳама қисматҳои барнома дар мувофиқа бо нишондодҳои «Барномаи давлатии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010-2015», «Стандарти давлатии таҳсилоти томактабии Ҷумҳурии Тоҷикистон» мураттаб гардида, барои инкишофи ақлӣ, ҷисмонӣ, иҷтимоӣ-шахсӣ, бадеӣ-эстетикии кӯдакон равона шудааст ва муттасилии таҳсилоти томактабию ибтидоиро таъмин менамояд. Ба барнома натиҷаи тақиқотҳои илмии олимону мутахассисони ҷумҳурӣ, давлатҳои ИДМ дар соҳаи таҳсилоти томактабӣ ва ибтидоӣ ворид гардидаанд.

Таҷрибаи амалӣ бурду бохти ин барномаро муайян намуда, минбаъд тағйиру такмилдиҳии онро дар асоси баҳисобгирии дархосту пешниҳоди мураббиёни кӯдакистон,

муаллимони синфҳои ибтидоӣ, волидон, олимонро дар назар дорад. Фарогирии кӯдакон ба мактаб аз синни 6-солагӣ таҳлилу такмилдиҳии ҳамаи барномаҳоро талаб мекунад.

Дар давраи соҳибистиқлолии кишвар яке аз дастовардҳои муҳимми соҳаи таҳсилоти томактабӣ ин мавриди истифодабарӣ қарор гирифтани барнома ва технологияи байналмилалии таҳсилотӣ, дар хонавода, кӯдакистон ва мактабҳо мебошад. Масъалаи дигари таҳсилоти томактабӣ ин истифодабарии унсурҳои таълим ва таҳсилоти инклюзивӣ-фарогир дар кӯдакистонҳо мебошад. Бояд ба ҳисоб гирифт, ки кишвари мо бо фазои ягонаи таҳсилотӣ ворид гардида, аз дастовардҳои ҷаҳонӣ дар соҳаи таълиму тарбия, таҳсилоту маълумотгирӣ ҳамарӯза истифода мебарад. Албатта, характери фаъолияти инноватсионии омӯзгор аз шароити мавҷудаи муассисаи таълимӣ ва дараҷаи омодагии шахсии омӯзгор ба фаъолияти инноватсионӣ сахт вобаста мебошад. Дар зери мафҳуми омодагии омӯзгор ба фаъолияти инноватсионӣ тамоми сифатҳои касбии омӯзгор, ки ба навсозии фаъолияти педагогӣ равона гардидаанд фаҳмида мешавад. Инчунин иқтидору тавоноии омӯзгор дар масъалаи пешниҳод намудани роҳ ва тарзи ҳалли мушкилоти мубрами таълим ва пайдо намудани тарзи дурусти самараноки натиҷа аз ҳолати мавҷуда ҳосил мегардад.

Сарчашмаҳои ақидаҳои инноватсионӣ метавонанд инҳо бошанд:

- ҳодисаҳои ногаҳонӣ (барор ва нобарорӣ, ҳамчун такон ба инкишоф ё васеъ гардидани майдони фаъолият ё ба гузоштани проблемаҳо);
- фарқи номутаносибӣ (байни рафтори ҳақиқии кӯдакон, ва фаъолияти амалии омӯзгор);
- талабот ба ҷараёни педагогӣ (ҷойи сусти методиро бо андешаҳои нав пур кардан);
- пайдо намудани амсилаҳои нави таҳсилотӣ;
- ба эътибор гирифтани омилҳои демографӣ;
- тағйирот дар арзишҳо ва омодагии кӯдакон (тағйр додани муносибати кӯдакон ба таълим, ҷустуҷӯйи шаклҳои нави муоширaт, баланд бардоштани рафторҳои касбӣ);
- донишҳои нав (консепсияи нав, муносибати нав бо таълим, методҳо ва технологияи мушаххас).

Хусусиятҳои фарққунандаи фаъолияти инноватсионии омӯзгор:

- навгонӣ дар гузориши мақсад ва вазифа;
- мазмуннокии амиқ;
- истифодаи нозуки методҳои пеш маъмул ва ворид намудани методҳои нав дар ҳалли вазифаҳои педагогӣ;
-коркарди консепсияи нав, мазмуни фаъолият, технологияи педагогӣ дар асосии инсондӯстӣ ва фардияти ҷараёни таълим;
- иқтидори огоҳона тағйир додан ва инкишофи хеш, ҳиссагузорӣ дар фаъолияти касбӣ; [5, с. 14].

Барои татбиқи фаъолияти инноватсионӣ омӯзгорон бояд дар гурӯҳҳо дар чунин шакл муттаҳид шаванд:

- иттиҳодияи методӣ аз рӯйи мавзӯи муайян ё самти фаъолият;
- гурӯҳҳои (эҷодӣ) проблемавӣ, ки дар он омӯзгорони самтҳои гуногун муттаҳид гардида, масъалаҳои ҷараёни талимиро татбиқ менамоянд;
- гурӯҳҳои, коркард кунандаи соҳаҳои ҷудогонаи аспектҳои методӣ дар ҷараёни таълим;
- гурӯҳҳои, ҳалкунандаи вазифаҳои муайяни давраҳои синнусолӣ дар таълим ва тарбияи кӯдакон.

Мақсади асосии фаъолияти инноватсионӣ- инкишоф додани маҳорати педагогии омӯзгор ва ба дараҷаи шахсияти педагогӣ расонидани ӯ мебошад. Омӯзгор дар фаъолияти педагогӣ навгониҳоро ворид намуда, ба фаъолияти самаранок дар ҷустуҷӯйи мустақилонаи ҳалли вазифаҳои педагогӣ ва методӣ сафарбар мегардад.

Барои ба фаъолияти инноватсионӣ ворид намудани омӯзгорон бояд дар муассисаҳо оид ба ин масъалахи педагогӣ, машварат, семинар ва тренингҳо гузаронидашуда, омӯзгорон ба фаъолияти инноватсионӣ омода гардонида шаванд. Инчунин дар ҳар як муассиса комиссияи махсус фаъолияти инноватсионӣ ташкил гардида бошад ва барои ҳавасмандии омӯзгорони натиҷаи дилхоҳро ноилгардида, тадбирҳои моддӣ андешанд.

Иштироки омӯзгор дар фаъолияти инноватсионӣ аз як тараф барои фаъолияти касбии ӯ агар амал манфиат оварбошад, аз тарафи дигар иноватсия мушкилоти зиёдро пеш меоварад, ки метавонад дар фаъолияти омӯзгорӣ бӯхронро ворид намояд. [6. с. 42-49].

**АДАБИЁТ:**


1. Гуров В. Инновационная деятельность педагога // Дополнительное образование и воспитание. - 2008. - № 2. - С. 9-15
2. Калачикова О.Н. Исследование содержания и этапов вхождения педагогов в инновационную деятельность // Вестник Томского государственного университета. - 2008. - № 316. - С. 174-177
3. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни сои 2012, № 334 "Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020". Душанбе, 2012.
4. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон"Дар бораи самтҳои сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон", ш.Душанбе, 26 декабри соли 2019, саҳ. 22.
5. Разина Н.А. Профессионально-личностное развитие педагога в условиях инновационной деятельности образовательного учреждения // Современные наукоемкие технологии. - 2008. - № 1.- С. 14
6. Сластенин В.А., Подымова Л.С. Готовность педагога к инновационной деятельности // Сибирский педагогический журнал. - 2007. - № 1. - С. 42-49.


**Асадуллоев Р. Д., Шамсидинова М.А.**

**ПЕДАГОГИЧЕСКИЕ СПОСОБНОСТИ УЧИТЕЛЕЙ УЧРЕЖДЕНИЙ НАЧАЛЬНОГО ОБРАЗОВАНИЯ**

В данной статье речь идёт о Послании Основателя мира и Национального единства, Лидера нации, уважаемого Эмомали Раҳмона на Маджлиси Оли Республики Таджикистан и Закон Республики Таджикистан от «30» апреля 2012 года за № 200, О «Программе государственного исправления развития начального и среднего профессионального образования Республики Таджикистан за 2012 - 2020». Если педагогу, работающему в традиционной системе, достаточно владеть педагогической техникой, т.е. системой обучающих умений, позволяющих ему осуществлять учебно-воспитательную деятельность на профессиональном уровне и добиваться более или менее успешного обучения, то для перехода в инновационный режим определяющей является готовность педагога к инновациям.

***Ключевые слова:*** *компетенции компетентность, инновация, инновационный деятельность, исследователь, компетентный преподаватель, новые методы обучения.*

**Asadulloev R. D.,Shamsidinova M.A.**

**PEDAGOGICAL ABILITY OF TEACHERS OF THE INSTITUTION OF PRIMARY EDUCATION**

This article is about the Message of the Founder of Peace and National Unity, the Leader of the Nation, dear Emomaliy Ramon on the MajilisOli of the Republic of Tajikistan and the Law of the Republic of Tajikistan dated April 30, 2012 No. 200, On the "State Corrections Program for the Development of Primary and Secondary Vocational Education" Republic of Tajikistan for 2012 - 2020. "If the teacher working in the traditional system, it is enough to own pedagogical equipment, i.e. a system of training skills that allow him to carry out educational activities at a professional level and achieve more or less successful training, then the teacher's readiness for innovation is decisive for the transition to an innovative mode.

***Key words***: *competences, innovation, innovative activity, researcher, competent teacher, new teaching methods.*

**Сведения об авторе:** Асадуллоев Р. Д. – преподаватель предмета педагогика и психологии Педагогического колледжа г.Душанбе им.Х.Махсумовой ДГПУ им.С.Айнӣ, к.п.н, г.Душанбе. ул Айнӣ 73, тел. моб. 905054150

Шамсидинова М.А. преподаватель предмета педагогики и психологии Педагогического колледжа г.Душанбе им.Х.Махсумовой ДГПУ им.С.Айнӣ, соискатель, г.Душанбе. ул Айнӣ 73, тел. моб. 904241083

**Information about the author:** Asadulloyev R.D. - teacher of the subject of pedagogy and psychology. Pedagogical College of Dushanbe named after Kh.Makhsumova, DGPU named after S. Ain, Ph.D., Dushanbe. 73 Ayni str., tel. mob. 905054150

Shamsidinova M.A. teacher of the subject of pedagogy and psychology. Pedagogical College of Dushanbe named after Kh.Makhsumova, DGPU named after S. Aina, applicant, Dushanbe. 73 Ayni str., tel. mob. 904241083

**Л. АТОЕВА**

# ҲАМКОРИИ ВОЛИДОН ВА ОМӮЗГОРОН ДАР ҶАРАЁНИ БА ТАҲСИЛ ФАРОГИРИИ КӮДАКОНИ ИМКОНИЯТИ МАҲДУДДОШТА

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷараёни таълиму тарбияи насли оянда дар шароити ҷомеаи демократӣ диққати махсус дода истодааст. Мувофиқи Косниституцияи Ҷумҳурии Тоҷикистон - Тоҷикистон кишвари иҷтимоӣ аст, ки ҳар як шаҳрванд ба таълимгирӣ, озодӣ, шароити беҳтари зиндагӣ ҳуқуқ дорад. Яке аз ҷабҳаҳои сиёсати иҷтимоии кишвар ин инкишофи соҳаи маориф ба ҳисоб меравад. Ин вазифа яке аз қисматҳои сиёсати стратегии ҷумҳурӣ мебошад.

Дар ин давраи инкишофи маориф баланд бардоштани сифати таълиму тарбия дар муассисаҳои таълимӣ талаботи вақт буда, он бояд ба шароит ва талаботи таълим ва тарбия дар кишварҳои пешрафта мувофиқат намояд.

Дар ҳама кишварҳои пешрафтаи ҷаҳонӣ ба таҳсилоти инклюзивӣ диққати махсус зоҳир менамоянд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои беҳтаргардонии шароити дастрасӣ ба таҳсилоти босифат барои кӯдакони имкониятошон маҳдуд Консепсияи миллии таҳсилоти инклюзивӣ (фарогир) барои кӯдакони имконияти маҳдуд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011 – 2015 тасдиқ карда шуд.[3;6]

Қабули Консепсияи миллии таҳсилоти инклюзивӣ (фарогир) саривақтӣ буда, дар инкишоф ва риояи арзишҳои миллӣ ва шахсӣ нақши муҳим мебозад. Татбиқи бомуваффақияти ин консепсия ба кӯдакони имконияти маҳдуд додан имконияти гирифтани таълим ва тарбияи босифат, худро ҳамчун як узви комилҳуқуқи ҷомеаи мо эҳсос кардан мебошад. Ин масъулият ва диққати махсусро дар таълим ва тарбияи кӯдакони имконияти маҳдуддошта на танҳо аз волидон, балки аз роҳбарони муассисаҳои таълимии ҳамаи зинаҳои маориф, омӯзгорон ва ҷомеа талаб мекунад.

Асоси ягона ва устувори таҳсилоти инклюзивиро арзишҳои зайл ташкил менамоянд:

- Эҳтироми ҳамдигар.
- Таҳаммулгароӣ.
- Худро ҷузъи зарурии ҳамкориҳо ҳис намудан.
- Таъмин намудани имкониятҳо барои рушди маҳорату малакаҳо ва истеъдоди атрофиён.
- Ёрии байниҳамдигарӣ.
- Имконияти аз ҳамдигар омӯхтанро истифода бурдан.
- Истифода бурдан аз имконияти ба худ ва ҳамсабақон ёрӣ додан.[3;72]

Волидон мураббиёни аввалин ва асосии кӯдакон мебошанд ва дар ташаккули таҳаммулпазирӣ дар кӯдак ба монанди ҳар як сифати дигар, ғайриимкон аст, агар онҳо дар ҳалли ин масъала бо муаллимон якҷоя амал нанамоянд.

Оила сарчашмаи асосии азхуднамоии таҷрибаи иҷтимоӣ буда, кӯдак дар он муошират, усули муошират, гӯш кардан ва эҳтиром намудани фикру ақидаҳои дигарон, ба наздикон бо сабру таҳаммул муносибат карданро меомӯзад.

Ҳангоми аз худ намудани хислати таҳаммулпазирӣ намунаи шахсии волидон ва калонсолони наздик аҳамияти калон дорад. Пеш аз ҳама фазои муносибатҳо дар оила, муносибати байниҳамдигарии волидон, хешовандон ва фарзандон ба ташаккули таҳаммулпазирӣ дар кӯдак таъсири назаррас мерасонад.

Масъалаи ташаккули таҳаммулпазирӣ яке аз мушкилиҳои асосии оила ва мактаб ба ҳисоб меравад. Оила метавонад ба мактаб дар ин масъала кумак расонад. Аксар вақт волидон дар вуҷуди фарзандон тухми хусумат ва душманиро мекоранд, ки худ пай намебаранд. Кӯдакон муносибати волидони худро нисбат ба атрофиён дарк менамоянд. Ҳиссиёти душманонаи волидон ба фарзандон таъсир расонида, онҳо низ нисбати атрофиён душманона рафтор менамоянд. Вобаста ба ин бо волидони хонандагон ҳамкориҳои ҳадафнок ташкил кардан лозим аст. Ба волидон аҳамияти тарбияи фарҳангии муоширатро фаҳмонда, онҳоро водор намудан лозим, то ки ба фарзандони худ одоби муошırату муносибатро омӯзонанд. Намунаи ибрати шахсии калонсолон дар кӯдакон ҳисси эҳтиром нисбат ба одамони дигар, таҳаммулпазирӣ ба ақидаҳои дигаронро тарбия мекунад. Агар худи волидон сифати таҳаммулпазириро надошта бошанд, онро дар фарзандон ташаккул додан хеле душвор аст. Дар назди омӯзгор, психолог вазифаи муҳим меистад: ба хусусияти муносибатҳои волидон ва фарзандон таъсир расонда, амали онҳоро нисбат ба фарзандон

ва атрофиён ислоҳ намудан ва ин ҳамкорӣ бояд бо назардошти ғояи гуманизм асос ёбад, ки дар дохили худ чунин қисматҳоро фаро мегирад:

- Муайян намудан ва ба назар гирифтани манфиатҳо, ниёзҳои тарафайн ҳангоми ташкили фаъолияти муштарак ва муошират;
- такя ба хислатҳои мусбати волидон ва фарзандон;
- эътимод ба фарзанд ва волидон;
- пазируфтани волидон ҳамчун иттифоқчии худ ва одамони ҳамфикр дар тарбияи фарзанд;
- муносибати манфиатдор ба тақдири кӯдак, мушкилоти оила, ҳимояи манфиатҳои кӯдак ва оила, кумак дар ҳалли мушкилот;
- мусоидат ба ташаккули муносибатҳои инсонӣ, муносибатҳои хайрхоҳона ва эҳтиромонаи байни волидон ва фарзандон;
- ғамхорӣ дар бораи саломатии кӯдак ва тарзи ҳаёти солими оила.

Яке аз вазифаҳои омӯзгорон ба танзим даровардани муносибати байни волидон ва фарзандон мебошад, ки ба ташаккули таҳаммулпазирӣ дар байни тарафҳои мутақобила мусоидат мекунад, яъне:

- омӯзиши вазъият, пайгирии натиҷаҳои муносибати байниҳамии волидон ва фарзандон;
- муайян намудани мушкилот, мушкилоти муносибати байниҳамдигарӣ дар оила ва интихоби воситаи таъсирбахшии педагогӣ дар мушкилот;
- ташкили омӯзиши таҷрибаи пешқадам дар муносибатҳои волидон ва фарзанд;
- тарғиби дастовардҳои беҳтарини муносибати байниҳамдигарии волидон ва фарзандон;
- фароҳам овардани фазои мусоид, муҳити барқарор намудани робитаҳо байни волидон ва фарзандон ҳангоми ташкили фаъолияти якҷоя;

Ҳамкории муаллимон ва волидон принсипҳои эътимод ва эҳтироми тарафайн, дастгирӣ ва кӯмаки якдигар, сабру таҳаммул нисбат ба якдигар асос ёфтааст.

Кори омӯзгорон бо волидон дар ташаккули таҳаммулпазирӣ дар кӯдакон бо назардошти хусусиятҳои оила, волидон ва пеш аз ҳама муносибатҳои оилавӣ ба роҳ монда мешавад.

Барои фаҳмонидани шахс, донистани муҳити иҷтимоие, ки вай дар он ба воя мерасад, хеле муҳим аст. Дар хона, дар доираи оила кӯдак дар муҳити дигаргунаи тарбия нисбат ба муҳити мактаб қарор дорад, ки омӯзгор бояд ба волидон дар идомаи ҷараёни тарбияи дар мактаб оғозгардида ёрӣ расонад.

Агар волидон дар тарбияи фарзанд ба омӯзгор ёрӣ расонанд, ин тарбия натиҷаи самарабахш медиҳад.

Омӯзгор метавонад бо оилаи хонанда дар шаклҳои гуногун шинос шавад, метавонад аз анкетаи хурд барои волидон оғоз намояд. Бо ёрии ин анкета омӯзгор дар бораи шароити иҷтимоию маишии оила, аз ҷониби волидон фаҳмидани вазифаҳо, ҳадафҳои тарбияи оилавӣ ва кӯшишҳои онҳо дар ин самт маълумот ба даст оварда метавонад, ки дар ҷараёни кор бо хонанда ва оила ӯ аз он истифода барад. Саволнома худи волидонро маҷбур мекунад, ки дар бораи муносибати худ нисбат ба фарзанд фикр намуда, камбудиҳои худро муайян намоянд. Дар асоси натиҷаҳои саволнома, мавзӯъ ва саволҳои асосии суҳбат бо волидон муайян карда мешаванд.

Дар мактаб метавонанд озмуни иншои беҳтарин дар мавзӯи “Фарзанди ман” ташкил ва гузаронида шавад.

Иштироки волидон дар ин озмун аз таваҷҷуҳи онҳо ба фарзандонашон шаҳодат медиҳад, мундариҷаи иншо нишон медиҳад, ки волидон фарзандони худро чӣ гуна қабул менамоянд ва мебинад, ки барои онҳо чӣ муҳим аст. Вобаста ба мазмуни саволҳои анкетаи волидон барои фарзандон низ анкета тартиб дода, ҷавобҳои волидон ва фарзандонро таҳлил ва муқоиса намудан мумкин аст.

Барои хонандагони синфҳои ибтидоӣ кашидани расм ё навиштани иншо дар мавзӯҳои “Оилаи ман”, “Рӯзи истироҳатии ман дар оила” пешниҳод намудан мумкин. Муносибати байни волидон ва фарзандонро дар вазъиятҳои махсуси ба вуҷудовардашуда омӯхтан мумкин аст.

Усули беҳтарини омӯхтани муносибати байни волидон ва фарзандон, ташаккули таҳаммулпазирӣ ва сифатҳои мусбати шахсӣ, ки бояд дар кӯдакон тарбия карда шаванд, гузаронидани озмунҳои оилавӣ, ташкили чорабиниҳои якҷоя барои волидон ва фарзандон

мебошад. Муайян кардани мушкилот дар тарбияи фарзанд, муносибатҳои оилавӣ, рафтори волидон имконият медиҳад, ки барои волидон таълими махсус ташкил намуда, малакаҳои муоширати таҳаммулпазиронаро омӯзонем. Ташкили корҳои психологӣ – педагогӣ бо волидон оид ба масъалаҳои тарбияи таҳаммулпазирӣ дар кӯдакон чунин қисматҳоро дарбар мегирад:

- баҳисобгирии синнусол ва хусусиятҳои кӯдакон;
- муайян намудани мушкилоти тарбияи таҳаммулпазирӣ дар кӯдак ва вобаста ба он интихоби мавзӯҳои сухбат бо волидон;

Мазмуни таълимӣ психологӣ – педагогии волидон оид ба тарбияи таҳаммулпазирӣ дар кӯдакон метавонад саволҳои зеринро дарбар гирад;

- моҳияти мафҳуми “консепсия”, хусусиятҳои асосии зуҳуроти асосии он;
- омилҳое, ки ба ташаккули таҳаммулпазирӣ таъсир мерасонанд;
- муносибати байниҳамдигарии аъзои оила-ҳамчун омили тарбияи таҳаммулпазирӣ дар кӯдакон;
- методҳои тарбияи таҳаммулпазирӣ дар кӯдакон;
- намунаи шахсии волидон дар тарбияи таҳаммулпазирӣ дар кӯдакон;
- хусусиятҳои тарбияи таҳаммулпазирӣ дар хонандагони синнусоли гуногун;

Мавзуъҳои тахминии суҳбат ва машғулиятҳо бо волидон:

- Нақши муоширот дар ҳаёти кӯдак,
- Сабабҳои асосии бавуҷудоии мунокиша дар кӯдакон,
- Чӣ гуна ба кӯдакон муоширатро омӯзонидан лозим аст,
- Чӣ гуна ба кӯдак фаҳмидани одамони дигарро омӯзонидан лозим,
- Тарбияи муносибати таҳаммулпазирӣ нисбати атрофиён.

Кори тарбиявии мақсаднок бо хонандагон ва волидони онҳо дар он ҳолат самараи хуб медиҳад, агар худи омӯзгор намунаи муносибати таҳаммулпазирӣ бошад.

Таваллуд шудани кӯдаки нуқсондор, маъюб новобаста ба давомнокии бемори̇̄, маҳдудияти имкониятҳои ӯ ба тамоми ҷабҳаҳои ҳаёти оила таъсир мерасонад. Дар навбати аввал вазъияти мураккаби психологӣ ба миён меояд ва дустон, хешу табор, наздикон чӣ тавр дилбардорӣ кардан ва таскин додани аҳли хонаводаро намедонанд ва аз ночорӣ ҳатто хомӯширо пеша менамояд, яъне мавҷудияти мушкилотро гуё намедонанд. Волидон низ кӯшиш менамоянд дар бораи фарзанди бемори худ чизе нагӯянд ва ҳатто аз чашм онро дур нигоҳ медоранд. Махсусан, волидон мавҷуд будани кӯдаки ақланақибмонда, нокисулақл, баднамуд (нуқсонҳои афту намуд, дасту пой, қаду қомат) гидросефалияро пинҳон карданӣ мешаванд. Тарсу ҳарос нисбатбаояндаи фарзанди маъюб (инчунин фарзандони солим), дастуло гум кардан, надонистани хусусиятҳои тарбияи бачаи имконияти маҳдудошта онҳоро водор мекунад, ки ғаму андӯҳро фурӯ баранд ва ё ӯро ба муассисаҳои табобатӣ, интернатҳои махсус супоранд.

Ба мутахассисон – табибон, равоншинос, корманди иҷтимоӣ, дефектолог зарур аст, ки ба оилаҳои кӯдакони маъюбдошта мадад расонида, корҳои офиятбахшӣ – реабилитатсиониро ташкил намоянд. Моҳияти корҳои офиятбахшӣ дар он аст, ки оила ба муҳити солими иҷтимоӣ – психологӣ ва иҷтимоӣ - фарҳангии пештара баргардонида шавад. Иҷрои ин амал бо роҳҳои зерин таъмин мегардад:

- омӯхтани ҳолати рӯҳии аъзои оила, дар навбати аввал модар;
- тартиб додани барномаи чорабиниҳои психологӣ ва иҷтимоӣ – фарҳангӣ;
- амалӣ гардондани ин барнома вобаста ба вазъияти аъзои оила;
- ташкил намудани гурӯҳи дастгирии ҳамдигар;
- ба ҳимояи тиббӣ фаро гирифтани ин оилаҳо баъди чорабиниҳои офиятбахшӣ.

Солҳои охир дар Федератсияи Россия як қатор тадқиқоти илмӣ (А.И.Захаров, А.С.Спиваковская, В.Н.Мясишев ва дигарон) оид ба тарбияи кӯдакони маъюб дар оила гузаронида шудаанд. Онҳо таъкид мекунанд, ки дар волидони кӯдакони маъюб хусусиятҳои бо ҳам монандро мушоҳида намудан мумкин аст ва онро СЕНСИТИВӢ ва ГИПЕРСОТСИАЛИЗАТСИЯ номиданд. Сенситивӣ будан <u>ин хусусияти ҳассос, эмотсионалӣ, тез хафа шудан, зудранҷ будан, ҳама чизро тез ба дил наздик гирифтан аст</u> ва гиперсотсиализатсия <u>ҳиссиёти баланди масъулиятшиносӣ, ҷавобгарӣ, мушкилот дар созишкунӣ мебошад.</u> Хусусияти дигари ин волидон боз дар он аст, ки онҳо озоду руйкушод ва бевосита ба муоширот ворид намегарданд. Набояд фаромӯш кард, ки оила барои кӯдаки солим муҳити хурд ва самимиест, ки ӯ дар он таҷрибаи иҷтимоиро аз худ намуда, ба доираи васеи муносибатҳои иҷтимоӣ ворид мегардад. Барои кӯдаки маъюб

бошад, оила сарпаноҳ, макони бехавфу хатар аст, ки дар он умр ба сар мебарад. Ҳаминро ба ҳисоб гирифта волидон, махсусан модарон доимо хавотир мегарданд. Тадқиқотҳо нишон доданд, ки доимо хавотир будан ин хислати шахсияти модарони тадқиқшуда набуда, балки реаксияи ҷавобӣ ба мушкилоти пештара ва дар пешистода мебошад. Шояд сабаби ин ҳолат он далел бошад, ки аз 1/3 занон – модарони кӯдакони маъюбро модарон бе дастгирии шавҳар нигоҳубин ва тарбия менамоянд. Дар навбати худ ин далел ба рӯҳия ва хислати бачаҳо низ бетаъсир намемонад.[5;115]

Бояд қайд кард, ки дар оила мавқеи падар ҳамчун мард, такягоҳи аҳли хонавода, сутуни зиндагӣ, намунаи мардонагию саховатпешагӣ хеле бузург аст. Дар ҳолати дар оила набудани падар ба модар лозим меояд, ки ҳамаи мушкилотро ба зиммаи худ гирад, барои бартараф намудани онҳо кушиш намояд. Мехоҳем ин ҳолатро дар мисоли нақли модари духтарчае, ки гирифтори аутизм аст, ба шумо пешкаш намоем: “Маро ҳама вақт тарс ва кадом як ҳолати ногувор нисбат ба тақдири духтарам пайгирӣ мекунад. Ба дурустии ҳамаи кору амалҳоям шубҳа дорам. Баъзан заминро зери пойи худ ҳис намекунам ва ҳамаи ин ҳолати ман ба духтарам мегузарад .

Хислати беҳтарине, ки духтарам дорад ва он ба ман хеле маъқул аст, ин ҳисси кунҷкобӣ ва пайравии уст. Хислате, ки писанди ман нест – ин тез тағйир ёфтани рӯҳия кӯдакам аст. Он баъзан ба обу ҳаво, беҳавсалагии вай низ вобаста аст. Ба ҳамаи ин нигоҳ на карда, духтарамро дӯст медорам, чунки гули зиндагии ман аст. Албата фарқи ӯро аз дигар кӯдакон ҳис мекунам. Умед дорам баъди ёдгирии суханронӣ зиндагӣ ба ӯ осон хоҳад шуд. Агар гап зада натавонад ҳам ба ӯ хондан ва навиштанро ёд додан мумкин аст, онро духтарам дуст медорад”.

Аз мазмуни мактуб чунин бармеояд, ки модар роҳу воситаи ба фарзанд наздик шудан ва дуруст тарбия намудани ӯро ҷустуҷӯ дорад. Ба маъюб будани духтарча муросо на карда, бо қатъият роҳҳои азхудкунии таҷрибаи иҷтимоиро дарёфт карданӣ аст.

Мушкилоти дигар тарбияи бачагонӣ имконияти маҳдуд ва талаботи махсусдошта ин муносибати эмотсионалӣ – шахсии модар ва кӯдак аст, ки он минбаъд муносибати арзишманди кӯдакро нисбат ба худ, одамони гирду атроф ва умуман ба олами гирду атроф ташаккул медиҳад. Таъсири одату анъанаҳои миллӣ ба таълиму тарбияи кӯдакони имконияти маҳдудошта назаррас аст. Доир ба ин масъала муҳаққиқони ш.Казони Федератсияи Русия таҳқиқот гузарониданд, ки дар он 41 нафар модарони бачагони синни хурди мактабии маъюб иштирок намуданд. Кӯдакон ба ду гурӯҳ тақсим карда шуданд:

1. Кӯдаконе, ки нуқсони узви такягоҳӣ – ҳаракатӣ доранд.
2. **2.** Кӯдаконе, ки дигар нуқсонҳои маъюбӣ доранд.

Натиҷаи тадқиқот чунин хусусиятҳои муносибати эмотсионалӣ – шахсии модарпонро ба кӯдакони маъюб чунин нишон дод:

- 61 % -и модарон доимо тайёранд, ки мушкилотро бартараф намоянд. Модарон гуруҳҳои зерин дохиланд: оилаи пурра, нопурра, модарони хона шин,- коргар маълумоти олидошта, бо кӯдакони соҳиби ноқисиҳои гуногун;
- 31% - и модарон фаъолиятӣ, паст доранд ва бартарафкунии мушки лот омода нестанд онҳо ба оромӣ ва истироҳат бештар майл доранд. Ба ин гуруҳ модарони соҳиби маълумоти миёнаи техникӣ ва кӯдакони нуқсони узви такягоҳӣ – ҳаракатидошта шомил гардиданд;
- ба ҳамаи модарон ҳиссиёти хавотирӣ, тарс ва дарду алам хос аст.[5;117]

Ба кӯдакони гирифтори нуқсони такягоҳӣ - ҳаракаткунӣ ноустувор будани ҳолати эмотсионалӣ, боварӣ надоштан ба худ, ноҳинҷории доими канораҷӯйи аз муошират бо одамони атроф, руҳафтодагӣ, зудранҷи аз одамону вазъияти мавҷуда, хавотир будан ва асабоният хос аст.

Муносибатҳои эмотсионалӣ – шахсии модарро ба кӯдак ба таври зайл муайян намуданд:

- 29% - и онҳо бо дараҷаи баланди зиддиятҳо дар оила;
- 26% - и онҳо бо вазъияти ноормии оилавӣ;
- 18% - и онҳо бо мавҷуд будани ҳиссиёти камарзиш будан дар оила;
- 29 % - и онҳо бо хавотирӣ ва дар таҳлука будан;
- 4% - и онҳо бо зоҳир намудани амалҳои душманона;

Инчунин се намуди муносибати модар ба кӯдак муайян карда шуд: пазируфтан, амбивалентӣ – лоқайдона ва эмотсионалӣ – шахсии кӯдак ба модар вобастагӣ дорад:

а) ба муҳити носолими оилавӣ дар 32%;

б) доимо дар ҳолати хавотирӣ будани кӯдак дар 32%;
в) зиддиятҳои дохили оилавӣ дар 20%;
г) худро нодаркор, камарзиш ҳис кардани кӯдак дар 13,5%;[5;117]

Муайян карда шуд, ки муносибати эмотсионалӣ – шахсии модар ва кӯдак бо ҳам вобаста аст. Ҳолати дар хавотирӣ, тарсу ваҳм будани модар сабаби дар кӯдак низ ба вуҷуд омадани ҳолати хавотир будан, беҷуръатӣ мегардад.

Истифодабарии принсипҳои ҷалб намудани оила имконият медиҳад, ки раванди таҳсилоти инклюзивӣ босамар гардад. Дар кори ҷалб кардани волидон ва аҳли оила ба раванди таҳсилоти инклюзивӣ вазъияти хонавода, ҳолати руҳии волидон, махсусан, модарон, мушкилоти педагогӣ, психологӣ иҷттимоию офиятбахшӣ ва муносибатҳои эмотсионалӣ – шахсии модару кӯдак ба ҳисоб гирифта мешаванд.

**АДАБИЁТ:**

1. Ин ҷаҳон аз мо низ ҳаст. Дастур барои падару модарон. Душанбе, 2006 с.
2. Инклюзивное образование детей младщего школьного возраста. Вводный курс для преподователей высщих учебных заведений. Материалы учебно – методический семинар. Душанбе 21–22 ноября, 2008 г.
3. Инклюзивное образование и его грани. Методическое пособие. Сос: Аюбова М.Н. Душанбе., «Ирфон»., 2013 с.
4. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳифзи иҷтимоии маъюбон” Душанбе, 1998 с.
5. Маҷидова Б.А., Юнусова Н.М., Қурбонова Г.А. Асосҳои таҳсилоти инклюзивӣ. Дастури таълимӣ. Душанбе. 2010 с.
6. Талабагони дорои талаботи махсус ва имкониятҳои махсус. Тавзеҳи сиёсати миллӣ дар соҳаи маориф. Душанбе, 2009 с.
7. Таълими инклюзивӣ – консепсияи инкишофёбанда. Маҷаллаи “Мактаб ва ҷомеа”. Душанбе, 2008 сол, № 3 (18), 2009 сол № 1 (19).
8. Школа открытая для всех. Пособие для учителей общеобразовательных школ, работающих с детьми – инвалидов. Москва, 2003 г.

**Атоева Л.**

## СОТРУДНИЧЕСТВО РОДИТЕЛЕЙ И УЧИТЕЛЕЙ В ПРОЦЕССЕ ОБУЧЕНИЯ ДЕТЕЙ С ОГРАНИЧЕННЫМИ ВОЗМОЖНОСТЯМИ

В данной статье рассматриваются важные аспекты инклюзивного образования, включение детей с ограниченными возможностями в образовании, положение Концепции инклюзивного образования в Республике Таджикистан.

Во всех развитых странах мира инклюзивному образованию уделяется особое внимание. В Республике Таджикистан утверждена Национальная концепция инклюзивного образования для детей с ограниченными возможностями в Республике Таджикистан на 2011-2015 годы с целью улучшения условий доступа к качественному образованию для детей с ограниченными возможностями.

Принятие Национальной концепции инклюзивного образования является своевременным и играет важную роль в развитии и соблюдении национальных и личных ценностей. Успешная реализация этой концепции означает предоставление детям возможности получить качественное образование и воспитание, почувствовать себя полноправными членами нашего общества. Это требует особой ответственности и внимания в обучении и воспитании детей с ограниченными возможностями не только со стороны родителей, но и руководителей образовательных учреждений всех уровней образования, учителей и общества.

***Ключавые слова:*** *концепция, инклюзивная образования, дети с ограниченными возможностями, концепция инклюзивного образования, родители, учителя, взаимное сотрудничество, толерантность, социальная среда, воспитательная работа, психологическое консультирование, реабилитационная работа, эмоциональное отношение.*

**Atoeva L.**

## COOPERATION OF PARENTS AND TEACHERS IN THE PROCESS OF TEACHING CHILDREN WITH DISABILITIES

This article discusses important aspects of inclusive education, the inclusion of children with disabilities in education, the position of the Concept of Inclusive Education in the Republic of Tajikistan.

In all developed countries of the world, special attention is paid to inclusive education. In the Republic of Tajikistan, the National Concept of Inclusive Education for Children with Disabilities in the Republic of Tajikistan for 2011-2015 was approved with the aim of improving conditions for access to quality education for children with disabilities.

The adoption of the National Concept for Inclusive Education is timely and plays an important role in the development and observance of national and personal values. The successful implementation of this

concept means providing children with the opportunity to receive quality education and upbringing, to feel like full members of our society. This requires special responsibility and attention in the teaching and upbringing of children with disabilities, not only from parents, but also from heads of educational institutions of all levels of education, teachers and society.

***Key words:*** *concept, inclusive education, children with disabilities, concept of inclusive education, parents, teachers, mutual cooperation, tolerance, social environment, educational work, psychological counseling, rehabilitation work, emotional attitude.*

**Маълумот дар бораи муаллиф: Атоева Л.С.** – муаллими калони кафедраи психологияи умумӣ ва педагогии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, Тел: +992 93 833 61 63, E-mail: atoeva_63@mail.ru
**Сведения об авторе:** Атоева Л.С. – старший преподаватель кафедры общей и педагогической психологии Таджикского педагогического университета имени Садриддина Айни, Тел: +992 93 833 61 63, E-mail: atoeva_63@mail.ru
**About the author: Atoeva L.S.** - Senior Lecturer of the Department of General and Pedagogical Psychology of the Tajik Pedagogical University named after Sadriddin Aini, Tel: +992 93 833 61 63, E-mail: atoeva_63@mail.ru

**М. СОДИКОВА**

## СОВЕРШЕНСТВОВАНИЕ КОММУНИКАТИВНО РЕЧЕВЫХ УМЕНИЙ УЧАЩИХСЯ НА ОСНОВЕ СОВРЕМЕННЫХ ПЕДАГОГИЧЕСКИХ ТЕХНОЛОГИЙ

На современном этапе развития общества перед школой стоит задача всестороннего развития личности ученика, обладающей необходимым набором знаний, умений и качеств позволяющих ему уверенно чувствовать себя в самостоятельной жизни. В современном обществе одним из быстро развивающихся методик и вызывающий огромный интерес со стороны учащихся является применение современных технологий как инновационный подход к обучению. Преобразования в национальной системе образования Таджикистана на современном этапе создали предпосылки для саморазвития и самореализации творческого потенциала подрастающего поколения, развития познавательной деятельности, умения продуктивно работать в информационном пространстве, вносить вклад в мировой педагогический опыт и самостоятельный подход к решению проблем.[1.62с]

Положительная динамика в формировании коммуникативной функции и речевого развития у детей на основе изучения языка как единицы речи в Таджикистане является результатом обеспечения специально организованной, целенаправленной, последовательной и систематической, коррекционно-развивающей работы по развитию речи и коммуникативной активности, обусловленных потребностями времени.

Одной из важнейших задач таких перспективных целей являются обучения русскому языку в национальной школе и развитие всех видов речевой деятельности (аудирование, говорение, чтение и письмо), которые способствуют совершенствованию навыков коммуникативно-речевой компетентности и уместному применению языка в различных ситуациях с использованием при этом как языковых, так и неязыковых выражениях речи.

Актуальность темы педагогического направления, связанной с совершенствованием коммуникативных и речевых навыков старшеклассников на уроках русского языка в современной таджикской школе не вызывает сомнений. Результатом новых требований на современном этапе является активное внедрение модели компетенций в преподавании национального, русского и английского языков с целью «преодоления разрыва между образовательным процессом и реальной жизнью», а конструктивное решение проблемы заключается в создании благоприятных условий, для активизации и развития индивидуальных способностей учащихся. Важнейшей задачей образования в Таджикистане является повышение языковой и речевой культуры общества, вооружение детей и молодежи знаниями о богатстве их родного языка и языков межкультурного общения. Следует отметить, что русский и английский языки как языки межнационального общения, являются приоритетными в направлении языковой политики, установленной Основателем мира и национального единства, Лидером нации, Президентом Республики Таджикистан, уважаемым Эмомали Рахмоном. В его выступлениях, как и в государственной политике РТ в сфере образования, общая стратегия обучения иностранным языкам определяется, потребностью современного таджикского общества как важном перспективном направлении. Этой стратегией является коммуникативный

компетентно-ориентированный подход, который обуславливает практическую цель обучения и изучения иностранных языков, а именно: овладение иноязычным между общением, путем формирования и развития межкультурной компетенции.[3]

Решение этой важной проблемы становится актуальным в процессе организации образовательного процесса учащихся средней школы, особенно в старших классах, путем формирования их духовно-нравственных основ, эмоциональной и эстетической культуры, а также развития коммуникативной и речевой компетенции. В нашем понимании сегодня при компетентностном подходе, если, с одной стороны, умения учащихся применять свои знания подходе и способности жизненных ситуациях выходят на первый план, то, с другой стороны, совершенствование их навыков средствами педагогических технологий являются одной из приоритетных задач. Это связано с необходимостью учитывать универсальные и специфические особенности поведения в процессе межкультурного общения таджикского народа и различных национальностей, проживающих в стране, которые с каждым годом приобретают все больший масштаб.

Поэтому русский язык как язык межкультурного общения можно рассматривать в качестве важной структурной единицы содержания обучения, что также тесно связано с самой сущностью грамотно ориентированного обучения в современном Таджикистане, где учащийся, его внутренний мир, его личные потребности и способность к социальной адаптации находятся в центре внимания. В последнее время достаточно активно разрабатывается методика использования современных педагогических технологий, которые приобретают сегодня все большее применение. Такие передовые технологии и программы открывают широкие возможности для совершенствования процесса обучения иностранному языку, в том числе русскому. Это обусловлено наличием в педагогической технологии новых дидактических функций, которые невозможно воспроизвести без них. Педагогические технологии и программы также позволяют осуществлять обучение и контроль усвоения языка в различных режимах самостоятельного поиска и на разных уровнях сложности. Изучение формирования компетенций учащихся, включая общение и речь как сложный, последовательный и преемственно-целостный процесс, всегда было в центре внимания исследователей.[4]

Проблема речевого развития учащихся рассматривается в трудах ученых Л.С.Выготского, А.М.Шахнаровича, А.А.Леонтьева, Т.А.Ладыженской, Н.И.Жинкина, Л.А.Лурия,В.Г.Костомарова, А.П.Еремеевой, М.Р.Львова, А.Ю.Купаловой, В.И.Капинос и др. Также методике развития речи и повышению речевой функции приковано внимание многих ученых, таких как: А.П.Еремеевой, А.Ю.Купаловой, С.И.Львовой, Е.А.Архиповой, Ю.В.Нефедовой, Л.Н.Плешкиной, Т.И.Чижовой, Е.А. Архиповой, Н.М.Чугуновой, Т.Т.Воителеевой, Л.Шипелевич, Е.В. Пересветовой и др. Принимая во внимание важность изучения этой проблемы, мы подчеркиваем, что улучшение коммуникативно-речевых умений учащихся старших классов на уроках русского языка на основе современных педагогических технологий на примере современного Таджикистана является актуальным. Большое значение имеют научные работы отечественных исследователей И.Х. Каримовой, Т.В. Гусейновой, С.Э. Негматова, У.Р. Юлдошева, Х.Д. Шамбезаде, Г.М.Ходжиматовой, Р.И. Хашимова, Р. Курбанова, В.С. Абдуллаевой, Ё.Тураева, Ф.Х.Сангиматова, М.Н. Абдуллаева, Б.А.Кодировой и других. Отдельные аспекты данной проблемы были проанализированы в исследованиях современных ученых-педагогов М.Лутфуллозода, Ф.Шарифзода, С.Шербоева, Л.М.Иматовой, С.Аминова, Ф.Икромовой, Р.Курбонова, И.Абдуллоева, С.Махкамова, С.Разыковой, О.Джураевой и др. В своих работах эти ученые рассматривают специфику речевых умений как проявление самореализации учащихся, определяют структуру и содержание общения, где русская речь является доминирующей составляющей. В некоторых работах, основанных на изучении русского языка, предлагается методика управления процессом формирования речевых навыков в системе образования как в национальной, так и в двуязычных школах. Однако работы, в которых были предложены конкретные методы повышения коммуникативно-речевой компетентности старшеклассников на основе современных педагогических технологий, в таджикской науке не исследовались.[5]

Большое значение в преподавании русского языка на современном этапе имеет использование инновационных технологий, в том числе эффективных методов и приемов обучения, которые способствуют активному включению учащихся в учебный процесс. Эффективности использования и внедрения этих современных инновационных технологий

в практику уделяли значительное внимание Ю.К.Бабанский, В.П.Беспалько, И.Я.Лернер, И.Ильина, В.А.Сластелин, П.И.Пидкасистый, А.А.Андреев, А.Ю.Афонин, Е.П.Велихов, А.И.Ракитов и другие. В таджикской науке ученые М.Лутфуллозода, Ф.Шарифзода, Т.В. Гусейнова, С.Э. Негматов, У.Р. Юлдошев, Х.Д. Шамбезаде, Г.М.Ходжиматова, С.С.Авганов, Д.Р.Таирова, О.В.Джураева, К.Кодиров, М.Муллоджанов, Ф.Шарипов, Ф.С.Худойдодова, Б.Б.Сафаров исследовали теоретические и практические направления данной проблемы в различных аспектах преподавания.

На современном этапе развития общества перед школой стоит задача всестороннего развития личности ученика, обладающей необходимым набором знаний, умений и качеств позволяющих ему уверенно чувствовать себя в самостоятельной жизни. В современном обществе одним из быстро развивающихся методик и вызывающий огромный интерес со стороны учащихся является применение современных технологий как инновационный подход к обучению.

Применяя современные педагогические технологии обучения, мы предполагаем детальную поэтапную разработку всего урока с точным распределением частей и логики учебной деятельности ученика и лидерства учителя. Технология - это особая форма педагогического инструмента для учителей с подробным научным письменным изложением каждого урока.[12]

Современные компьютерные технологии обучения могут быть использованы в виде демонстрационных и иллюстративных материалов на уроках по русскому языку.

Новые компьютерные технологии развивают образование. Глобальная сеть Интернет предоставляет доступ к огромному количеству информации из разных точек мира. Наиболее важным считается, что именно Интернет является «революционным прорывом», который превосходит создание компьютеров.

Значение сети Интернета заключается в том, что она предоставляет огромные возможности при выборе источников информации:

- информация с сетевого сервера;
- электронные библиотеки;
- научный фонд учебных центров и музеев;
- электронная почта и социальные сети;
- - SD-, DVD-ROM приводы, аудио / видео кассеты, флешки;
- электронные книги и журналы, распространяемые через интернет-магазины.

Обращает на себя внимание тот факт, что при использовании новых педагогических технологий в процессе обучения русскому языку и литературе эффективно применяются методики - ассоциативные серии INSERT (интерактивная система записи для продуктивного чтения и мышления), мозговая атака, кластеры, синквейн, работа с тестами и др.

11. Национальная стратегия развития образования в Республике Таджикистан до 2020 года. – Душанбе, 2011. – 47 с.
12. Николаев, О.Б. Некорректные размышления о философии ненасилия./О. Б. Николаев // Методы, приемы и технологии в педагогике ненасилия[Текст]: Сб. науч. ст. и материалов 20-й Всерос. науч.-практ.
13. Никандров, Н. Д. Ценности как основа целей воспитания. / Н.Д. Никандров // Педагогика. – 1998. – № 3. – С. 3-10


***Ключевые слова:*** *Образование, воспитание, культура, семья, миролюбие, терпимость, справедливость, гуманность, человечность, насилие, ненасилие, общество.*

**Бобоева М.Р.**

## ШАРОИТИ ТАТБИҚИ ПЕДАГОГИКАИ ҒАЙРИЗӮРОВАРӢ ДАР МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ УМУМИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Ҳадафи педагогикаи зӯроварӣ дар фазои таълимии Ҷумҳурии Тоҷикистон тарбияи насли наврас дар заминаи зӯроварӣ мебошад, ки онро асрҳои аср классикони адабиёти тоҷику форс дар асарҳои бадеӣ ва омӯзгории худ таблиғ мекарданд. Онҳо сулҳҷӯӣ, эҳтиром ба инсон ва шаъну эътибори ӯ, эҳтиром ба тамоми мавҷудоти зиндаро таъкид карданд. Дар айни замон, педагогикаи зӯроварӣ ба самти нави тарбияи насли наврас аз ҷиҳати гуманистӣ табдил ёфтааст. Дар назария ва амалияи муосири таълим ин мафҳум як самти нисбатан нави педагогӣ мебошад, ки махсусан дар байни олимон-муаллимон маъмул аст, афзалиятнок ва умедбахш мешавад. Ҳадафи асосии педагогикаи зӯроварӣ аз байн бурдани ҳама гуна назорати қатъӣ аз берун, муқовимат ба ҳама гуна зӯроварӣ, истисно кардани усулҳои авторитарии тарбия ва муносибатҳои манфии байни шахсият дар муҳити васеъ мебошад.

***Калидвожаҳо:*** *Таҳсилот, тарбия, фарҳанг, оила, сулҳҷӯӣ, таҳаммулпазирӣ, адолат, инсондӯстӣ, инсондӯстӣ, зӯроварӣ, зӯроварӣ, ҷомеа.*

**Boboeva M.R.**

## CONDITIONS FOR IMPLEMENTATION OF PEDAGOGY OF NON-VIOLENCE IN GENERAL EDUCATIONAL INSTITUTIONS OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

The goal of nonviolence pedagogy in the educational space of the Republic of Tajikistan is to educate the young generation on a nonviolent basis, which for centuries has been preached by the classics of Tajik-Persian literature in their artistic and pedagogical works. They emphasized peacefulness, respect for man and his dignity, respect for all living things. Currently, the pedagogy of nonviolence has turned into a new direction in the upbringing of the younger generation in the humanistic aspect. In modern theory and practice of education, this concept is a relatively new pedagogical direction, which is especially popular among scientists-teachers, becoming a priority and promising. The main purpose of the pedagogy of

nonviolence is the eradication of all rigid controls from the outside, counteraction to any form of violence, the exclusion of authoritarian methods of education and negative interpersonal relations in a large-scale environment.

***Key words:*** *education, upbringing, tolerance, justice, humanity, culture, family, violence, no violence, violence, non-violence, society.*

**Маълумот дар бораи муаллиф:** Бобоева Махина Равшановна - Сармутахассиси Маркази таҳия, нашр ва паҳн кардани китобҳои дарсӣ, китобҳои илмӣ ва методии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, кўчаи Нисормухаммад 13-а тел: 227-48-09; Почтаи электронӣ: mahina_75inbok.ru тел: 918-76-38-31,93-103-12-69,

**Сведения об авторе:** Бобоева Махина Равшановна - главный специалист Центра разработки, издания и распределения учебников, научно – методических книг Министерства образования и науки Республики Таджикистан, улица Нисормухаммад 13-а тел: 227-48-09; E-mail: mahina_75inbok.ru. тел: 918-76-38-31,93-103-12-69,

**Information about the author:** Boboeva Makhina Ravshanovna 918-76-38-31, 93-103-12-69, Chief specialist of the Center for the development, publication and distribution of textbooks, scientific and methodological books of the Ministry of Education and Science of the Republic of Tajikistan, 13, Nisormuhammad Street tel: 227-48-09; E-mail: mahina_75inbok.ru. тел: 918-76-38-31,93-103-12-69.

**М. Ғ. ҶОНБОБОЕВА**

## АНДЕШАҲО ПЕРОМУНИ САЛОҲИЯТҲО ВА ТАШАККУЛИ ОНҲО

Маориф яке аз соҳаҳои муҳим ва афзалиятноки ҷомеаи муосир буда, рушди он дорои хусусиятҳои созанда мебошад. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рўзҳои аввали истиқлолияти давлатӣ ба ин соҳаи басо муҳим таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуда, нумўи онро дар меҳвари сиёсати дохиливу хориҷии худ қарор додааст.

Дар шароити имрўза ислоҳоти соҳаи маориф босуръат амалӣ мегардад, ки дар доираи он дар муассисаҳои таълимӣ диққати асосӣ аз донишҳои фаннӣ, маҳорат ва қобилият ба ташаккули салоҳиятҳои умумӣ ва касбӣ гузаронида мешавад.

Муҳимтарин падидае, ки дар даҳсолаи сеюми сохибистиқлолии кишвар дар соҳаҳои маорифи кишвар ба амал омад, ин истифодаи васеи технологияи муосири таълим ва гузариш ба муносибати босалоҳият ба таълим, махсусан дар зинаи таҳсилоти умумӣ мебошад.

Салоҳият натиҷаи таълиму тарбия дар шакли таҷриба (иҷрои амал дар сатҳи маҳорат) баён карда мешавад.

Зери мафҳуми “ салоҳият” қобилят, маҳорат ва малакаи ҳар як шахс фаҳмида мешавад. Махсусан, ин мафҳум дар раванди таълиму тарбия мавқеи муҳим ва арҷмандеро сазовор мебошад. Ҳар як омўзгорро зарур аст, ки ба умқи ин мафҳум ва моҳияти он таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуда, ҳар як дарси таълимиву тарбиявиро дар асоси талабот ва принсипҳои он ба анҷом расонад. Омўзгори синфҳои ибтидоӣ, ки заминагузор дар тарбияи насли наврас мебошад, шарту талаботи салоҳиятнокиро ҳатман маҳаки асосии фаъолияти педагогии хеш қарор диҳад. Тибқи талаботи муносибати босалоҳият ҳатман ба нуктаҳои зерин бояд диққатӣ махсус дод.

**Якум**. муносибати боэҳтиром ва муҳаббатомез ба кўдак, чунки ў аз оғўши гарми модар ба остонаи мактаб қадам ниҳодааст.

**Дуюм**, истифодаи бозиҳои грамматикию таълимӣ, зеро кўдакон мехоҳанд ҳамеша озод бошанд ва бозиро дўст медоранд.

**Сеюм,** нақл намудани афсонаҳову қиссаҳои шавқовар бо овозу гуфтори шевою ширин, чунки кўдакон шунидан ва дидани чизҳои аҷоибу ғароибро меписанданд.

**Чорум,** нишон додани тасвирҳо , фитаҳои таълимии синнусолӣ.

**Панҷум,** ташкили корҳои мустақилонаи гурўҳӣ бо дарназардошти қобиляти ҷисмониву равонӣ.

**Шашум,** ба эътибор гирифтани афкору масъалагузориҳои кўдакон тибқи талаботи муносибати босалоҳият.

**Хафтум,** ташкили маҳфили шеърхонӣ, озмунҳои “ Шеърхони беҳтарин”, “Ровии беҳтарин”, “Хушхатти беҳтарин”. Аз ин бармеояд, ки ҳар як омўзгорро зарур аст, ки ин ҳафт шартро ҳангоми фаъолияти меҳнатӣ ба эътибор бигирад.

Зикр кардан ба маврид аст, ки муносибати босалоҳият дар синфҳои болоӣ, махсусан синфҳои 10-11 куллан аз синфҳои ибтидоӣ, яъне 1-4 фарқ карда, ҳам аз ҷиҳати фикронию ҷаҳонбинӣ ва ҳам аз ҷиҳати шавқу ҳавасмандӣ ҳамчунин раванди озодбаёнӣ бо ҳамдигар тафовути ҷиддӣ дорад. Дар синфҳои ибтидоӣ ҷорӣ намудани чунин шакли муносибат аз он

шаҳодат медиҳад, ки маънавиёти кӯдаконро ба таври мушаххас ташаккул дода, талаботро нисбат ба онҳо бештар мегардонад. Дар раванди муносибати босалоҳият бештар хонандангон фаъолият намуда, фикру мулоҳизаҳо озод шунида мешаванд, ҳамзамон дар байни ҳамсабақон муоширати озоди илмӣ, баҳсу мунозираҳо дар доираи мавзӯи барасигардида сурат мегирад. Ҳамзамон омодагии омӯзгор ба дарс ва истифодаи методҳои дигари самарабахш муҳим аст.

Ҳаминро бояд қайд намуд, ки тамоили ҷаҳонишавӣ ва ворид шудан ба фазои ягонаи таҳсилот дар назди низоми маориф масъалаҳои зиёдеро мегузорад, ки яке аз он ворид намудани тағйирот ба таълими ананавӣ вобаста ба шароити иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии ҷомеа мебошад. Аз дигар тараф, бо назардошти пешрафти илм ба назария ва амалия, принсипҳои дидактикии таълим тағйиру иловаҳо роҳ ёфтанд, ки онҳоро ба эътибор гирифтан зарур аст. Дар ин самт, муносибати босалохият ба таълим айни муддаост.

Вазифаи омӯзгор дар марҳилаи кунунии таълим бештар ба роҳнамоӣ мусоидат ба фаъолияти мустақилонаи донишандӯзӣ, масъулиятшинос намудани хонанда табдил меёбад. Вақте ки муаллим роҳҳои таъсиррасонӣ ба хонандагонро муайян мекунад, ӯ бояд ҳолати эҳсосӣ ва равонӣ, сатҳи рушди фарҳангӣ ва синнусолӣ ва зеҳнии онҳоро ба назар гирад. Бо ҳамин роҳ салоҳияти хонандагон барои интихоби технологияҳои педагогӣ дар раванди таълим ташаккул меёбад [3:8].

Барои касе пӯшида нест, ки ҷамъият дар назди ҳатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ талаботи ниҳоят баланд мегузорад. Аввалан, онҳо ба дониши дар раванди таҳсил ҳосилнамудаашон баҳои сазовор дода тавонанд. Пас, дониши андӯхтаашонро фаъолона дар ҳаёт истифода бурда, дар раванди вазъияти гуногуни ҳаётӣ, баъдан ба шароити иҷтимоӣ - хешро мутобиқ сохта тавонанд.

Инсон ҳар қадар ба маданияти баланди сухан ноил бошад, нутқи хаттӣ ва шифоҳиаш инкишоф ёфта бошад, ҳамон қадар маҳорати гӯш кардан ва ибрози ақида намудани ӯ дар ҳаёт ва одаткунӣ дар ҷамъият беҳтар сурат мегирад.

Имрӯз масъала дар бораи навсозии низоми таълим дар асоси муносибати босалоҳият дар тамоми зинаҳои таълим ниҳоят тезутунд гузошта шудааст. Дар раванди ин муносибат, мутобиқи ақидаи педагогони машҳур. Е.А. Коган, В.В. Латев, О.Е. Элконин пеш аз ҳама бояд дар бораи мазмуни таълим чораҳо андешида шаванд.

Иваз намудани муносибати донишдиҳии таълим бо салоҳиятнокӣ ифодакунандаи навсозии низоми нави таълим ва майл пайдо намудан ба стандарти ҷаҳонии таҳсилот мебошад. Муносибати босалоҳият дар ҷойи аввал на огоҳии ахбории хонандагон, балки маҳорати ҳал кардани мушкилоти мушаххасро мегузорад. Донишҳои фаннӣ дигар наметавонанд мақсад бошанд, балки тобеиятро иҷро намуда, мавқеи майлкуниро ба ҷо меоранд [3, 8-14].

Оғози муносибати босалоҳият аз кори коммисияи ЮНЕСКО зери роҳбарии собиқ вазири маорифи Франсия Э. Фора дар соли 1972 ибтидо гирифтааст. Дар маърӯза зери унвони «Буданро омӯз», ки чор самти таҳсилот-ро муайян менамояд, ҳар як инсон онро бояд дар давоми ҳаёташ риоят кунад:

1. «Хонданро омӯз ва аз дониш истифода бар», ба гирифтани маълумот тамоми ҳаёт қодир бош, дар соҳаи фаъолияти танги касбии хеш чуқур ва бозаҳмат меҳнат кун, донишҳои умумиинсониро аз бар намо.

2. «Кор карданро омӯз»: навгониҳоро ҳамчун стандарт бояд истифода бурд, таҷрибаи ғайрирасмии ҳалли мушкилоти гуногуни вазъиятӣ ва кор дар ҳайат (даста)-ро ёд гир.

3. «Зиндагиро дар ҳамбастагӣ омӯз, одамони дигарро инкишоф деҳ, фаҳм, кӯшиши онҳоро ба мустақилияти муҳокима ва ахлоқ дарк намо, озодандешӣ, ҳамдигарфаҳмӣ, сулҳхоҳиро дар коллективи хурду калон парвариш деҳ.

“Буданро омӯз”, сифатҳои шахсии худро инкишоф деҳ, фаъолияти амалии мустақилонаи хешро тақвият бахш, муҳокимаронии хешро рохбарӣ намо, ба таҷрибаи хеш такя намуда, масъулияти баландро дарк намо. Таълим бояд ба “тамоми иқтидори инсонӣ шуур, хотира, зеҳн, ҳисси зебогӣ, имкониятҳои ҷисмонӣ, навгониҳои муошират” таъсир расонад. [4, 39].

Муносибати босалохият бо методи ахборӣ-инкишофдиҳӣ хеле рабт доранд, ки дар ин замина метавон инкишофи фикрии хонандагонро такмил дод. Муносибати босалоҳият дар раванди фаъолияти устувори худ ба якчанд методҳо такя мекунад, ки он ҳам барои равшанфикрии донишомӯзон ва ҳам ҷисмониву гурӯҳии онҳо манфиятовар аст. Тавре

гуфтаанд, тарбияи кӯдакон синну солро интихоб намекунад, маҳз аз ҳамин хотир бузургон чандин солҳо қабл барои парвариши кӯдакон аз синни хурдсоли панду ҳикматҳои зарурӣ гуфтаанд. Омӯзгорон бояд дар дарсҳо ҳамаи хонандагонро озод гузоранд ва дар онҳо ҳисси ватандӯстиву меҳанпарастиро афзун намоянд. Аз методи мушоҳида ва мушоҳидаҳои дарозмуддату кӯтоҳмуддати психологӣ маълум аст, ки бояд кӯдакон дар бораи гузаштагони худ маълумот дошта бошанд ва дар ҳамин раванд онҳо фикри худро озодона иброз дошта тавонанд. Ба тариқи мисол, омӯзгорон метавонанд ба хонандагони синфҳои ибтидоӣ ҳикояҳо ва достонҳои таърихиро супориш диҳанд ва онҳо кам-кам то андозае аз китобҳои таърихӣ огоҳӣ пайдо карда бошанд. "Қобуснома"-и Кайковус, "Шоҳнома"-и Фирдавсӣ, "Каҳрамони халқи тоҷик Темурмалик"-и устод Айнӣ, "Восеъ"-и Сотим Улуғзода ва дигарон, ки барои ҷавонмардӣ, тавонноӣ ва бешубҳа тақвияти худшиносӣ мусоидат менамоянд, аз ин гуна осор ба шумор мераванд.

Озод Иноятхон дар китоби "Тарбият"-и худ оид ба таълиму тарбияи фарзанд чунин мегӯяд: "Омӯзиш ва парвариш барои кӯдак ҳеҷ гоҳ барвақт нест. Рӯҳу равони навзод монанд ба навори суратгирист, покизаву дастнозада, ҳар гуна таассурот дар он ба таври ҳамеша нақш мешавад ва дидаву шунидаҳои пасин наметавонанд чунин асар гузоранд. Аз ин рӯ, агар падару модар ё омӯзгор ин нуктаро аз ёд бубаранд ва аз рӯзҳои нахуст ба тарбияти навзод кор нагиранд, бузургтарин имконро аз даст медиҳанд" [13].

Воқеан, фикру мулоҳизаҳои адиб дурурст аст, ки набояд дар раванди таълиму тарбия худдорӣ кард. Бо талаботи муносибати босалоҳият дарс гузаштан ба хонандагон маҳз аз ҳикматҳои пурбор ва равшанақоидӣ оғоз меёбад. Маълум мешавад, ки бояд омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ дар заминаи ин ҳамеша дар ҷустуҷӯйи навовариҳои сатҳи маънавӣ низ бошанд.

Таҳқиқотчиён ва услубшиносон мафҳуми салоҳиятнокиро муайян намуда, қайд менамоянд, ки салоҳият ин маҳсули маҳорати одӣ нест. Ин як қадар сифати мураккаби шахсиятӣ мебошад, ки дониши баланд, ҷаҳонбинии умумӣ, дониши махсуси касбиро талаб менамояд. Муносибати босалоҳият фардро водор месозад, ки таълимро дар тамоми ҳаёт давом диҳад, махсусан, вақте ки ба он зарурият пайдо мегардад. [4;17].

Аз ин рӯ, дар омода намудани мутахассисони соҳибкасб тибқи талаботи афзояндаи бозори меҳнат муносибатро дигар намудан зарур аст. Бозори муосири меҳнат нисбат ба хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ талаботи нав ба навро ба миён мегузорад. Барои конеъ гардонидани талаботи бозори меҳнат ба мутахассисони варзида танҳо дониши баланд кофӣ нест, балки онҳо бояд соҳиби маҳорат ва малакаи кордонӣ бошанд ва бисёр масъалаҳои ҳаётиро мустақилона ҳал карда тавонад.

Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дастгирии Ҳукумати кишвар, пайваста кӯшиш ба харҷ дода истодааст, ки низому равиши таълимро ба талаботи замон ва дурнамои рушди мамлакат мутобиқ намуда, тадбирҳои муайяну мушаххасро дар ин самт амалӣ гардонад.

Муносибати босалохият - ин муносибате мебошад, ки диққатро ба натиҷаи таълим бештар ҷалб намуда, ба сифати натиҷа, ҷамъбасти азхудкунии ахбор камтар сарукор дорад. Дар ин ҷо бештар ба тавонони фаъолияти инсон дар ҳолатҳои гуногуни мушкилот диққат дода мешавад.

Гузаштан ба низоми бисёрзинагии омода намудани кадрҳо, инчунин бетанаффусии таълим ва таркиби ташкилии он талаб менамояд, ки асосҳои методологӣ, ташкилӣ, равонӣ ва педагогии лоиҳакашии инноватсионии ҷараёни таълим дигаргун карда шаванд. Дар ин муносибат низоми баланд бардоштани маҳорати касбии омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ мавриди таҷдиди назар бояд қарор дода шавад. Ҳадафи охирини фаъолияти касбӣ- педагогии омӯзгор аз омода намудани мутахассиси касбии босалоҳият, ки ба фаъолияти инноватсионӣ омода бошад, иборат аст.

О. В. Филимова таъкид менамояд: «Дар натиҷаи татбиқ намудани муносибати босалоҳият мактаббача бояд шахсияти муоширатӣ гардад - ӯ ба одаме табдил ёбад, ки аз нуқтаи назари омодагӣ ба муошират мавод наҷӯяд, балки ба муошират ҳамеша омода бошад». [3; 8-14].

Ғайр аз ин, дараҷаи ташаккулёбии малакаи фаъолияти гуфтугӯйӣ (дараҷаи салоҳияти муоширатӣ) нишондиҳандаи маданияти умумиинсонӣ шуда хизмат мекунад. Салоҳияти муошират аз ҷониби М. Н. Вятютнев ҳамчун интихоб ва татбиқи барномаи рафтори гуфтугӯйӣ коркард гардидааст. Салоҳияти муоширатӣ аз иқтидори инсон дар ин ё он

ҳолати муоширатӣ, аз тавоноии синфбандии ҳолат дар вобастагӣ аз мавзӯъ, вазифа, мавқеъгирии муоширатӣ, инчунин одаткунӣ ба суҳбат иборат мебошад. [6;30].

Омӯзиш ва расонида додани ҳар як маълумот ё худ дарсҳои методӣ-илмӣ барои хонандагони чи синфҳои ибтидоӣ ва чи дар синфҳои болои мактабӣ хамчун илм ва муқоиса бар ин тарзу усули маъмули методии муайяни худро доранд. Ҳамзамон принсип ва методҳои ба худ хосро доштани онҳо метавонад, ба фикру мулоҳиза ва ҷаҳонбинии гуногуни ҳар як кӯдаки мактабхон таъсири амиқи илмӣ гузорад. Зеро маҳз метод аст, ки бо роҳҳои мукаммал ва васеъ фаҳмонидани ҳар як масъалаи мубрам аз ҷониби тарбиятгар ба тарбиятгирандагон нақши муҳим дорад. Таҳлилу барасиҳо ва омори психологӣ ба мо нишон дод, ки аз рӯйи давраи муайяни хониш ва омӯзонидани дарсҳо омӯзгор нақши асосиро мебозад. Дар натиҷа омӯзгор, роҳнамо ва тавонно бояд бошад, зеро маҳз мувофиқи илми психология аксарияти хонандагон ба чигунагии омӯзгор эътибори ҷиддӣ хоҳанд дод. Методҳое, ки ҳар як устод барои худ пеша намудаасту вобастта ба принсипҳои илмии худ фаъолият мебарад, ба донишомӯзон таъсири амиқ миегузорад.

Чунонки маълум аст, истифодаи технологияи муосири таълими низ метавонад ба самти азхудкунии дурусти дониш аз ҷониби хонандагон ва ташаккулу рушди салоҳиятҳои онҳо (нигаронида шудааст) кумак намояд. Хонандагон ҳангоми истифодаи технологияи муосири таълим на танҳо маълумот мегиранд, балки имкон пайдо мекунанд, ки мустақилона дар ҳолатҳои гуногуни ҳаёти воқеӣ амал кунанд. Технологияҳои муосири таълим барои гирифтани донишҳои зарурӣ ва ташаккули салоҳиятҳо кумак мерасонанд ва сифати таълимро беҳтар карда, фаъолияти маърифатӣ ва эҷодии хонандагонро боло мебаранд [2; 12].

Фарқи асосии дарсҳои анъанавӣ аз дарсҳои салоҳиятнокӣ дар муносибати “омӯзгор - хонанда” аст. Омӯзгор аз услуби “фаҳмондиҳӣ” ба услуби “ҳамкорӣ” мегузарад ва диққати асосиро на ба таҳлили натиҷаҳо, балки ба фаъолияти маърифатии хонанда равона мекунад.

• Мавқеи хонанда низ тағйир меёбад, хонанда аз “иҷрокунандаи боғайрат” ба “эҷодкори фаъол” табдил меёбад;

• Дар низоми таълими салоҳиятнокӣ дар давоми дарс бештар хонандагон фаъол мебошанд;

• Хонандагон фикри худро озодона баён мекунанд;

• Ба қоидаҳои маъмули сухангӯйӣ (одоби муошират) риоя мекунанд;

• Машқҳои додашударо метавонад худашон ё бо ҳамсинфонашон ҳал намоянд;

• Нутқи хонандагон аз ҳар ҷиҳат инкишоф меёбад. Савияи дониши онҳо баланд мегардад

• Фаъолияти таълим бештар ба инкишофи фикрҳои хонандагон равона гардида, бо усули гуногуни таълим онҳоро шавқманд кардан мебошад;

• Хонадагонро ба гурӯҳҳо ҷудо намуда, бо тарзи мусобиқа дарс гузаштан;

• Бозиҳои шавковари мусобиқавӣ таваҷҷуҳ намудан;

• Бо аёният (овезаҳо, кортҳо, расмҳо ва ғайра) фаҳмотар гузарондани дарс;

• Дар давоми дарс омӯзгорон ва ҳам хонандагон метавонанд таҷҳизоти ҳозиразамонро, яъне доскаи электронӣ, ноутбукҳоро истифода баранд.

Истифодаи технологияҳои муосири педагогӣ дар раванди таълим ҳамзамон имкон медиҳад, ки фаъолиятҳои таълимӣ аз ҳам фарқ кунанд (яъне таълими тафриқавӣ рохандозӣ гардад) ва ин равандҳо фардӣ карда шаванд. Зимни он ба хонандагон имконияти бештари мустақилият дар интихоби усули ба даст овардани иттилооти таълимӣ дода мешавад.

Истифодаи технологияи муосир дар таълим ба омӯзгор низ дар навбати худ имкон медиҳад, ки на танҳо таълимро сифатнок намояд, балки ҷараёни онро мутобиқ низ гардонад.

Ҳадафи ин технология ташаккули салоҳиятҳои шахсиятии хонандагон дар ҷараёни таълим мебошад. Зимни истифода аз он омӯзгор сатҳи ибтидоии дониши хонандагонро муайян мекунад, онҳоро назорат менамояд, бо онҳо гуфтугӯ, муколамаро ба роҳ мемонад. Ҳангоми омода кардани маводи таълимӣ барои дарси назариявӣ ё дарси амалӣ омӯзгор ба таври муфассал бояд фикр кунад, ки чӣ гуна маводи таълимӣ бо таҷрибаи шахсӣ ва донишҳои хонандагон робита хоҳад дошт [4;2].

Қобили таъкид аст, ки раванди таъмини ҷараёни таълим бо технологияҳои итилоотӣ бо мақсади ташкили системаҳои таълимию методӣ, ки ба рушди неруи зеҳнии хонандагон, ташаккули салоҳияти мустақилона гирифтани дониш ва ичрои корҳои илмию таҳқиқотӣ

нигаронида шудааст, сурат мегирад. Истифодаи технологияҳои иттилоотӣ ба омӯзгор ва хонанда имкон медиҳад, ки дар худ салоҳиятҳои иттилоотию иртиботиро ташаккул диҳанд.

Ҳамин тариқ, татбиқи технологияҳои муосири таълимӣ дар таълиму тарбия хонандагон имкон медиҳад, ки шахсияти сатҳи мувофиқ, босалоҳият ва дар оянда дар бозори меҳнат рақобатпазир омода гардида, минбаъд барои иҷрои вазифаҳои касбӣ ва иҷтимоӣ тамоми имконот ва салоҳиятҳои заруриро дошта бошад.

Бешубҳа салоҳият ин маҷмӯи сифатҳои бо ҳам алоқаманди шахсият (донишҳо, маҳоратҳо, малакаҳо, усули фаъолият), ки барои иҷрои босифату самараноки фаъолияти муайян равона шудааст ва мафҳуми муносибати босалоҳият ин дорои салоҳиятҳо буданро ифода мекунад.

## АДАБИЁТ:


1. Арзёбӣ дар низоми таълими салохиятнокӣ (Дастур барои омӯзгор). Модули 1. Мураттибон: Ниёзов Ф., Алиев А., Нусратов Б., Чонмирзоев Э., Кодиров Н., Иргашева М., Зиёев К. - Душанбе, 2016.-65с.
2. Байденко А. Компетенции в профессиональном образовании // Высшее образование в России. – 2004. – № 11. – С. 3-13.
3. Банакшагирии дарс дар асоси стандартхо, китоби дарсӣ ва замимахо (Дастур барои омӯзгор). Модули 2. Мураттибон: Ниёзов Ф., Алиев А., Нусратов Б., Чонмирзоев Э., Кодиров Н., Иргашева М., Зиёев К.- Душанбе, 2016.-73с.
4. Болотов В.А., Сериков В.В. Компетентностная модель: от идеи к образовательной программе // Педагогика. – 2003. – № 10. – С. 8-14.
5. Делор Ж. Образование: сокрытое сокровище. UNESCO,1996.
6. Зимняя И.А. Ключевые компетентности как результативно-целевая основа компетентностного подхода в образовании. Авторская версия.-М.:Исследовательский центр проблем качества подготовки специалистов, 2004
7. Лутфулоев М. Педагогикаи милии халки точик(осори педагогӣ , чилди 6).–Душанбе. –2015, 704 сах.
8. Мединцева И. П. Компетентностный подход в образовании / И. П. Мединцева // Педагогическое мастерство: материалы II междунар. науч. конф. (г. Москва, декабрь 2012 г.). — М.: Буки-Веди, 2012.
9. Методика дар низоми таълими салохиятнокӣ (Дастур барои омӯзгор). Модули 3. Мураттибон: Ниёзов Ф., Алиев А., Нусратов Б., Чонмирзоев Э., Кодиров Н., Иргашева м., Зиёев К.- Душанбе, 2016.-141с.
10. Мухаммад Л., Ғуломкодир Б.\\ Андешахо перомуни салохиятхо ва ташаккули онхо. Душанбе 2017. 88 – с.
11. Мирсеитова С. Обучение как поиск и поиск для обучения: формы и методы развития критического мышления обучающихся. -Казач, 2011
12. Низоми таълими салохиятнокӣ (Дастур барои омӯзгор). Модули 1. Мураттибон: Ниёзов Ф., Алиев А., Нусратов Б., Чонмирзоев Э., Кодиров Н., Иргашева М., Зиёев К.- Душанбе, 2016.-36с.


**Джонбобоева Мастура**

## МНЕНИЯ О КОМПЕТЕНЦИЯХ И ИХ ФОРМИРОВАНИИ

В этой статье говорится о компетентном подходе. Следует отметить, что одна из самых важных мер, переход к новой форме образования - компетентный подход к образованию. Основная цель введения этой формы состоит в том, чтобы обработать процесс обучения и соответствовать процессу мировых заседаний в учебных заведениях. Слово «компетентность» означает планируемый, заслуживающий, значимый, представляет собой полные знания, и навыки. Мы считаем, что компетентные отношения важно преподавать в системе образования. Поскольку учителя в этой форме образования не только учать, но и обращают внимания на формирование личности учащихся и обеспечивают их полную подготовку к дальнейшей жизни. В процессе такой формы обучения, расширяется, высокие знания, умение и навыки. Для реализации компетентного подхода учителя должны знать основные современные теории преподавания и могли их эффективно реализовать.

***Ключевые слова:*** *компетентность, образование, знания, формирование, мышление, навыки, умения, мировоззрение, творчество, умения, практический опыт, педагогическая технология.*

**Johnboeva Mastyra**

## OPINIONS ON THE COMPETENCES AND THEIR FORMATION

This article refers to a competent approach. It should be noted that one of the most important measures, the transition to a new form of education is a competent approach to education. The main

purpose of introducing this form is to treat the learning process and comply with the process of global meetings in educational institutions. The word "competence" means a planned, deserving, meaningful, is a complete knowledge, skills and skills. We believe that competent relationship is important to teach in the education system. Since the teachers in this form of education not only to go, but also draw attention to the formation of the personality of students and ensure their full preparation for later life. In the process of such a form of learning, expanding, high knowledge, skill and skills. To implement the competent approach, teachers should know the main modern teaching theories and could implement them effectively.

***Key words:*** *competence, education, knowledge, formation, thinking, skills, abilities, worldview, creativity, skills, practical experience, pedagogical technology.*

**Маълумот дар бораи муаллиф:** Ҷонбобоева Мастура ассистенти кафедраи педагогика ва психологияи Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи С.Улуғзода. тел: 985908228

**Сведение об авторе:** Джонбобоева Мастура ассистент кафедры педагогики и психологии Таджикского государственного института языков имени С.Улугзода. тел: 985908228

**Summary of the author:** Johnboeva Mastyra Assistant Department of Pedagogy and Psychology of the Tajik State Institute of Languages of the S. Uulugzoda. Tel: 985908228.

**С.Ҳ. МИРЗОЕВ**
**И.М. САИДОВ**
**Қ.Э.ҲАЙЁТОВ**

## ОМӮЗИШИ ТЕХНОЛОГИЯИ ИТТИЛООТӢ ҲАМЧУН ОМИЛИ РУШДИ САЛОҲИЯТНОКИИ ДОНИШИ ХОНАНДАГОН

Ташаккул ва пайдоиши технологияи иттилоотӣ ҳамчун илм ба нимаи дуюми асри XX рост меояд. Технологияи иттилоотӣ сохтор ва хусусиятҳои умумии иттилоот, инчунин равандҳои ҷустуҷӯйи иттилоот, гирдоварӣ, ҳифз, табдил, интиқол ва истифодаи иттилоотро дар зинаҳои гуногуни соҳаҳои фаъолияти ҳаррӯзаи мо меомӯзад. Бояд қайд намуд, ки компютерҳо ва технологияҳои муосири иттилоотӣ-коммуникатсионӣ ҳам яке аз заминаи моддии фанни технологияи иттилоотӣ ба ҳисоб меравад. Бояд гуфт, ки илми технологияи иттилоотӣ ва ё информатика дар он вақт ҳамчун илми мустақил шинохта мешавад, ки агар барои ҷаҳони омӯхташаванда ба истилоҳ як амсилаи иттилоотӣ сохта шавад. То ба ҷаҳони иттилоотии муосир мо ворид нашавем, ба мустақилият муҳимияти ин фанни навин сарфаҳм намеравем. Гарчанде, ки принсипҳои умумии методологии таҳияи амсилаҳои иттилоотӣ метавонанд ба мавзӯи информатика вобаста бошанд, аммо худи сохтан ва асоснок кардани амсилаҳои иттилоотӣ вазифаи илмии ин фан мебошад. Мафҳумҳои амсилаҳои иттилоотӣ ва риёзӣ ба ҳам наздикӣ доранд, зеро ҳарду системаҳо ба ҳам тавъам мебошанд. Дар маҷмӯаи "Ташаккули информатика" Михалевич В.С., Канигин Ю.М. ва Гритсенко В.И. изҳор доштаанд: "Информатика як бастаи илмии фанни мураккаби муҳандисӣ мебошад, ки он тамоми ҷанбаҳои таҳия, тарроҳӣ, эҷод ва баҳодиҳии фаъолияти системаҳои иттилоотиро дар асоси системаҳои компютерӣ коркард намуда, меомӯзад, инчунин татбиқ ва таъсири он ба соҳаҳои гуногуни илмҳои иҷтимоӣ вобастагӣ дорад"[5;6].

Ҳоло ба шарҳ додани масъалаи объект ва предмети фанни технологияи иттилооти шурӯъ мекунем. Вақте сухан дар бораи объект меравад, мо бояд дарк намоем, ки объект як олами воқеиест, ки фаъолияти муҳаққиқон ба он равона карда шудааст. Бояд гуфт, ки технологияи иттилоотӣ пайвандгари байни субъект ва объекти таҳқиқот мебошад. Яке аз самтҳои асоситарини фаъолияти ҳаррӯзаи инсон, ки ҳоло информатика ба он фаъолона таъсир мерасонад, ин системаи таълимӣ мебошад. Бояд қайд намуд, ки технологияи иттилоотии имрӯза ба ҳалли мушкилоти системаи таълим дар мактабҳои миёна хизмати калон мерасонад. Технологияи иттилоотие, ки дар раванди таълим дар мактабҳои миёна омӯзонида мешавад, мавзӯъҳоеро дар бар мегирад, ки нисбатан содда буда, барои синни хонандагони мактабӣ мувофиқанд.

Технологияи иттилоотии мактабӣ бо таҳқиқ ва таҳияи нармафзорҳо, таъминоти техникӣ, таълимӣ, методӣ ва ташкил ҷиҳати истифодаи компютерҳо дар раванди таълим сару кор дорад.

Технологияи иттилоотии мактабиро ба марҳилаҳои зерин ҷудо намудан мумкин аст:

1. **Бахши таъминоти барномавӣ:** ин бахш ба коркарди системаҳои иттилоотӣ, воситаҳои нармафзорҳо барои тарроҳӣ ва нигоҳдории системаҳо пешбинӣ шудааст.

2. **Бахши таъминоти техникӣ**: дар ин бахш зарурат ва асоснок будани воситаҳои техникӣ, муайян кардани параметрҳои таҷҳизоти синфхонаҳои компютерии мактаб, пайдо

намудани роҳҳои муносиби истифодаи тахтаҳои электронӣ ва дигар воситаҳои техникӣ мавриди бозбинӣ ва баррасӣ қарор мегиранд.

3. **Бахши таъминоти таълимӣ-методӣ:** дар раванди таълими технологияи иттилоотии мактабӣ яке аз корҳои муҳим, ин таҳияи барномаҳои таълимӣ, васоити таълимӣ, китобҳои дарсӣ барои курсҳои мактабӣ мебошад, ки метавонанд таъсири методологии худро дар пешбурди ин фанн гузоранд[5;8].

Дар вобастагиҳо ба рушди фанни технологияи иттилоотӣ, савол оид ба робита ва фарқи он бо фанни кибернетика ба миён меояд. Бояд гуфт, ки яке аз равишҳои фарққунандаи ин фан аз кибернетика дар он аст, ки соҳаи ТИ васеъ буда, он дар системаҳои дилхоҳ ва робитаҳои иҷтимоию ҷамъиятӣ татбиқшаванда аст.

Дар айни замон сохтори технологияи иттилоотиро аз рӯйи самтҳои асосии тадқиқотии зерин муайян кардан мумкин аст:

- ✓ **назарияи алгоритмҳо:** амсиласозиҳои алгоритмҳо, масъалагузориҳои объектҳо, ҳисоббаробаркуниҳо ва ғайра;
- ✓ **амсилаҳои мантиқӣ**: системаҳои мураккабсохт, ҳисобнамоиҳои ғайримуқаррарӣ, хулосаҳои қиёсӣ, хулосаҳои қобили қабул ва эътимоднок;
- ✓ **пойгоҳи додаҳо**: сохтори пойгоҳи додаҳо, системаҳои ҷустуҷӯйии саволу ҷавобҳо, хулосабарориҳои мантиқӣ дар пойгоҳи додаҳо ва ғайра;
- ✓ **назарияи компютерҳо ва шабакаҳои компютерӣ**: қарорҳои меъморӣ, принсипҳои нави коркарди иттилоот, самаранок истифодабарии шабакаи интернет ва шабакаҳои иҷтимоӣ;
- ✓ **забоншиносии компютерӣ:** амсилаҳои компютерии таҳлили забон, таҳлил ва синтези матн, тарҷумаи компютерӣ ва ғайра;
- ✓ **усули шинохт ва дарки объектҳо:** барои тадқиқи ҳолатҳои масъалаҳои ҷойдошта, бояд пеш аз ҳама усули беҳтарини шинохти хусусият ва дарки объектҳоро амалӣ намоем.
- ✓ **системаҳои ҳамкории инсон бо компютер:** амсилаҳои гуфтугӯйӣ, тақсимоти иттилоот дар системаҳои омехта, фаъолият дар системаҳои телекоммуникатсионӣ ва ғайра;
- ✓ **истифодаи компютерҳо дар системаҳои пӯшида:** таҳияи амсилаҳо дар вобастагӣ ба вақти воқеӣ, идоракуниҳои зеҳнӣ, системаҳои назоратӣ ва ғайра[5;10].

Бояд қайд намуд, ки барои системаи маориф, таърифи мувофиқи фанни технологияи иттилоотиро донистан ниҳоят муҳим мебошад. Ва ин таъриф бояд тамоми асосҳои ин соҳаи илмро инъикос карда тавонад.

Сохтор ва структураи технологияи иттилоотии имрӯза чор бахшро дар бар мегирад(Расми 1).




**Расми 1. Сохтори соҳаи фанни ТИ.**

1. **Информатикаи назариявӣ.** Дар ин бахш, иттилоот дар бораи хосиятҳои материя, назарияи иттилоотӣ, амсилаҳои математикӣ ва иттилоотӣ, назарияи алгоритмҳо, ҷанбаҳои маънидодкунандаи системаҳои зеҳнӣ, усули пешниҳод ва шинохти дониш, назария ва усули тарроҳии системаҳо ва технологияҳои иттилоотӣ баррасӣ карда мешаванд.
2. **Воситаҳои иттилоотӣ.** Дар ин бахш компютерҳои фардӣ дар ҷойҳои корӣ, дастгоҳҳои воридотӣ ва содиротии иттилоот, воситаҳои намоиши иттилоот, системаҳои аудиоӣ ва видеоӣ, системаҳои чандрасонаӣ, шабакаҳои компютерӣ ва дигар воситаҳои хизматрасонии иттилоотӣ дохил мешаванд.
3. **Системаҳои иттилоотӣ**. Дар ин бахш ҷамъоварӣ, нигоҳдорӣ, интиқол ва коркарди иттилоот, таҳияи ҳуҷҷатҳои матнӣ ва графикӣ, ҳамгироӣ ва коркарди дастаҷамъонаи

захираҳои иттилоотӣ, усули ҳифзи иттилоот, барномасозӣ, тарроҳӣ, амсиласозӣ, ташхис ва идоракунӣ объектҳо ба роҳ монда мешавад[4;5].

**4. Информатикаи иҷтимоӣ.** Дар бахши мазкур захираҳои иттилоотӣ ҳамчун омили рушди иҷтимоию иқтисодӣ ва фарҳангии ҷомеа, ҷомеаи иттилоотӣ, инфраструктураи иттилоотии ҷомеа, имкониятҳои навин ҷиҳати рушди шахсият дар ҷомеаи иттилоотӣ, фарҳанги иттилоотӣ ва амнияти иттилоотии шаҳрвандон дохил мешаванд.

Дар раванди дарсҳои технологияи иттилоотии мактаби миёна мо наметавонем ҳамаи он ҷанбаҳои илмии фанни информатикаро ба муҳассилин маънидод намоем. Чунки ҷиҳатҳои илмии ин фан хеле васеъ буда, дониши мактабии муҳассилин барои дарки объектҳои калон кифоягӣ намекунад. Дар баробари ҳамаи ин гуфтаҳо, бояд қайд намуд, ки мо танҳо дар доираи информатикаи мактабӣ вазифаҳои муҳимми ин фанро бо таври назариявӣ баён менамоем.

Хонандаи имрӯзаи мактаби миёна, бояд ҳамаи он унсурҳои асосии фанни технологияи иттилоотиро дарк намуда, ҷанбаҳои илмию назариявии онро аз ҷиҳати дидактикӣ баҳо диҳад. Бояд мафҳумҳои асосии иттилоотро, ки ҷиҳати илмии мавзӯъҳоро баррасӣ мекунанд, дарк намуда, дониш, малака ва робитаи илмии технологияи иттилоотиро бо фанҳои дигар фаҳмида тавонад. Яке аз масъалаҳои муҳимми баррасишаванда, ин масъалаи чӣ гуна ба хонандагони мактаби миёна омӯзонидани фанни технологияи иттилоотӣ мебошад. Бояд қайд намуд, ки дар бисёре аз давлатҳои тараққикардаи олам фанни информатика ва ё технологияҳои иттилоотиро аз зинаҳои поёнии таҳсил меомӯзанд. Дар ҷумҳурии мо бошад, ба омӯзиши технологияи иттилоотӣ аз синфи 5-ум шурӯъ шавад ва дар баъзе гимназияю литсейҳо бошад, дар синфҳои поёнӣ ба ин фанни таълимӣ таваҷҷуҳ зоҳир мекунанд. Ҳол он, ки ҷаҳони имрӯза саросар ҷаҳони иттилоотӣ буда, зиёд намудани донишҳои компютерии хонандагон яке аз масъалаҳои аввалиндараҷа бояд бошад. Ҳадафҳои таҳсилоти босалоҳияти фанни технологияи иттилоотӣ аз самаранок ва бошуурона истифода намудани манбаҳои захираҳои иттилоотӣ ва ҳамоҳангии онҳо бо илмҳои дигар вобастагӣ дорад. Ҳадафҳои умумии технологияи иттилоотӣ бо назардошти хусусиятҳои илмӣ-амалӣ ва ҷойгоҳи он бо дигар илмҳо дар ҳаёти ҷомеаи муосир бояд муайян карда шуда, зарурати ин фан ба хонандагон шарҳ дода шавад. Ҳадафи таълими технологияи иттилоотӣ дар мактаб иборат аз он аст, ки ба ҳар як хонанда дониши ибтидоӣ дар бораи иттилоот, равандҳои иттилоотӣ, информатика, аз ҷумла ғояҳо дар бораи равандҳои тағйирёбӣ, интиқол ва истифодаи иттилоот дода шавад. Аз ин рӯ, дар хонандагон ташаккули тасвири муосири илмии ҷаҳон, нақши технологияҳои иттилоотӣ ва компютерӣ дар рушди ҷомеаи муосир, мавриди омӯзиш бояд қарор дода шавад. Омӯзиши мактабии технологияи иттилоотӣ барои баланд бардоштани малакаҳои техникии хонандагон пешбинӣ шудааст. Ҳангоми дуруст ба роҳ мондани таълими технологияи иттилоотӣ малакаи зеҳнии хонандагон рушд ёфта, инкишофи тафаккур ва қобилиятҳои эҷодии онҳо зиёд мегардад. Бояд қайд намуд, ки курси технологияи иттилоотии мактабӣ на танҳо мафҳумҳои асосии ин фанро дар бар мегирад, балки ҷаҳони ботинии хонандаро ғанӣ гардонида, ба хонанда омӯзонидани самараноки кор бо компютер ва истифодаи воситаҳои технологияҳои нави иттилоотиро омӯзонад. Бо ин мақсад, барои самаранок истифода намудани компютерҳо дар раванди дарсҳо, бояд мустақиман алоқамандии компютер ва истифодаи самараноки онро дар раванди дигар фанҳо ба хонандагон омӯзонид.

Яке аз ҳадафҳои амалии таълими технологияи иттилоотӣ ин ҷиҳати ҳамарӯза омода намудани хонандагон барои истифодаи босалоҳияти технологияҳои компютерӣ ва дигар васоили иттилоотию коммуникатсионӣ дар ҳаёти ҳаррӯзаи мо мебошад. Омӯзиши технологияи иттилоотӣ, алалхусус сохтани алгоритмҳо ва барномаҳои компютерӣ, ки аз хонандагон талошҳои зеҳнӣ талаб мекунад, бояд ба рушди чунин хислатҳои пурарзиши онҳо мусоидат менамояд. Фанни мактабии технологияи иттилоотӣ, ба монанди дигар фанҳо ба рушди зеҳнии дониши хонандагон таъсири мусбӣ мерасонад[10].

Дурнамои ҳадафҳои мушаххаси фанни технологияи иттилоотӣ бояд пеш аз ҳама ба таҳлили асосҳои бунёдии илми ин фан, мавқеи он дар байни дигар илмҳо ва нақши он дар ҷомеа дар марҳилаи кунунӣ асос меёбад.

Дар қисмати поёнӣ тавсифи пурраи ҳадафҳои пешбинишудаи таълими технологияи иттилоотиро дар зинаи мактабӣ пешниҳод менамоем:

1. **Ташаккули ҷаҳонбинии илмӣ.** Дар ин марҳила, сухан пеш аз ҳама оиди ташаккули ғояҳо дар бораи иттилоот ва коркарди он меравад. Аз нигоҳи муосири илмии ҷаҳонӣ, бояд

ягонагии принсипҳои иттилоотӣ ва фаъолияти системаҳои худкор ва робитаи иллмии онҳо, ки бо табиат вобастаанд баҳодиҳӣ шавад.

2. **Ташаккули малакаҳои таҳсилоти умумӣ ва фарҳангӣ.** Дар ин марҳила қобилияти истифодаи самараноки захираҳои иттилоотӣ, арзёбии ва эътимоднокии иттилоот, вобастагии иттилоот ва дониш, қобилиятнокии ташкили дурусти раванди иттилоотӣ ва амнияти иттилоотӣ бояд баррасӣ шавад.

3. **Омодасозии хонандагон ба фаъолияти минбаъдаи касбӣ.** Дар ин марҳила робитаҳои тағйирёбии фаъолияти касбӣ ва афзоиши ҳиссаи бахши иттилоотӣ ба хонандагон фаҳмонида мешавад, ки дар асоси он хонанда ба чорабиниҳои гуногуни марбут ба коркарди иттилоот омода мешаванд. Аз ҷумла, рушди технологияҳои иттилоотӣ ва технологияҳои компютериро ба хонандагон дар фаъолияти минбаъдаашон асоснок бояд кард, то хонанда ти фанро дарк намояд.

**4. Шарти зарурии азхудкунии технологияҳои компютерӣ.** Дар марҳилаи чорум бояд хонанда дарк намояд, ки фанни технологияи иттилоотӣ барои ӯ зарур буда, ӯ наметавонад дар оянда бе дониши компютерӣ дар ягон соҳаҳои ҳаётан муҳим фаъолият намояд. Инчунин, хонанда ҷиҳатҳои манфӣ ва мусбати истифодабарии шабакаҳои компютериро ҳам дарк намуда, зарурати самаранок истифодабарии онҳоро донад.

Ҷаҳони имрӯза, ки саросар ҷаҳони иттилоотӣ аст, моро водор месозад, то аз курсҳои мактаби миёна сар карда, ба омӯзиши босалоҳияти кор бо равандҳои иттилоотӣ ва технологияи компютерӣ шурӯъ намоем.

Қайд намудан зарур аст, ки омӯзиши салоҳиятноки технологияҳои иттилоотӣ ба рушди зеҳнии дониши хонандагон таъсир расонида, малакаю дониши онҳоро дар самаранок истифода намудани воситаҳои техникии ҳозиразамон баланд мебардорад.

## АДАБИЁТ:

1. Богданова Д.А. Проблемы дистанционного образования в России / Д.А.Богданова // Информатика и образование. – 1996. – №3. -С. 94-99.
2. Господарик, Ю.П. Дистанционное обучение и средняя школа/ Ю.П. Господарик // Дистанционное образование. - №5. -С.10-17.
3. Ершов А.П., Звенигородский Г.А. Школьная информатика (концепции, состояние, перспективы). Новосибирск 1999.
4. Комилов Ф.С. Талаботи меъёрӣ барои донишҷӯёни мактабҳои олӣ нисбат ба дараҷаи азхудкунии фанни информатика дар машғулиятҳои амалӣ ва лабораторӣ / Ф.С. Комилов, И.М. Саидов, З.Ф. Раҳмонзода // Ахбори шуъбаи тоҷикистонии Академияи илмҳои байналхалқии мактабҳои олӣ. №2. Душанбе, 2016. -С.95-101.
5. Кужелева Г.А. Методика преподавания информатики Учеб. пособие.: Илекс. 2013.-С.30.
6. Кузнецов А.А. Основные направления совершенствования методической подготовки учителей информатики в педвузах // ИНФО. – 1997. №6.
7. Лапчик М.П. Методика преподавания информатики Учеб. пособие.: Академия .- 2003 .
8. Лихачев Б.Т. Педагогика. Курс лекций: Учеб. пособие для ст. пед. учеб. заведений. – М.: Просвещение. 1992.
9. Методика преподавания информатики и вычислительной техники: Прог. пед. ин-тов/ Сост. В.М. Заварыкин, В.Г. Житомирский, М.П. Лапчик .- М.: Минпрос. 1999.
10. Саидов И.М. Нақши технологияи иттилоотӣ дар таҳсилоти фосилавӣ / Саидов И.М. // Паёми пажуишгоҳи рушди маориф. №1,(29). ISSN 2617-5620., Душанбе, 2020. -С. 161-166.

**Мирзоев С.Х., Саидов И.М., Хайётов К.Х.**

## ИЗУЧЕНИЕ ИНФОРМАЦИОННЫХ ТЕХНОЛОГИЙ КАК ФАКТОР РАЗВИТИЯ ПОЗНАВАТЕЛЬНОЙ КОМПЕТЕНЦИИ УЧАЩИХСЯ

В данной статье исследуется и анализируется важность информационных технологий на уровне средней школы. Одним из основных направлений повседневной деятельности человека, на которое сейчас активно влияет информатика, является система образования. Следует отметить, что современные информационные технологии играют важную роль в решении проблем системы образования в средней школе. Информационные технологии, которым обучают в процессе среднего образования, включают темы, которые относительно просты и подходят для возраста школьников. Сегодняшний мир, наполненный информацией, побуждает нас начать соревноваться с информационными процессами и компьютерными технологиями, начиная с курсов средней школы. Следует отметить, что грамотное изучение информационных технологий влияет на

интеллектуальное развитие знаний учащихся и повышает их умения и знания в области эффективного использования современных технологий.

MIrzoev S.Kh.,Saidov I.M., Hayotov K.Kh.

**STUDY OF INFORMATION TECHNOLOGY AS A FACTOR IN THE DEVELOPMENT OF COGNITIVE COMPETENCE OF STUDENTS**

This article explores and analyzes the importance of information technology at the high school level. One of the main directions of everyday human activity, which is now actively influenced by computer science, is the education system. It should be noted that modern information technologies play an important role in solving the problems of the education system in secondary schools. Information technology taught in secondary education includes topics that are relatively simple and appropriate for the age of the student. Today's world of information encourages us to compete with information processes and computer technology, starting in high school courses. It should be noted that the competent study of information technology affects the intellectual development of students' knowledge and increases their skills and knowledge in the effective use of modern technologies.

***Key words:*** *information, competence, knowledge, reader, computer, education, technology, multimedia, direction, problems, development, culture, information security.*

**Маълумот оид ба муаллифон:** Мирзоев Сайъло Ҳабибуллоевич –д.и.-т., профессори кафедраи информатикаи ДМТ. 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, х.Рӯдакӣ, 17, ДМТ. Тел.: (+992) 985072787, E-mail: saidalo.mirzoev.1967@mail.ru.

Саидов Исроил Маҳмадович –н.и.-т., дотсенти кафедраи информатикаи ДМТ. 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, х.Рӯдакӣ, 17, ДМТ. Тел.: (+992) 904485555, E-mail: isroil-84@list.ru.

Ҳайётов Қурбоналӣ Эмомуддинович-ассистенти кафедраи “информатика-барномасоз”-и ДОТ дар н.Рашт,Ҷумҳурии Тоҷикистон,н.Рашт,кучаи Э.Муҳиддинов 63. Тел.: (+992) 988983394, E-mail: rasht_94-94@mail.ru.

**Сведения об авторах:** Мирзоев Сайъло Хабибуллоевич – д.т.н., профессор кафедры информатики ДМТ. 734025 Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр.Рудаки 17,ТГНУ, Тел: 985072787, E-mail: saidalo.mirzoev.1967@mail.ru.

Саидов Исроил Маҳмадович – к.т.н., доцент кафедры информатики ДМТ. 734025 Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр.Рудаки 17,ТГНУ, Тел:904485555, E-mail: isroil-84@list.ru.

Хайётов Курбонали Эмомудинович-ассистент кафедры информатика-программист ТПИ в Раштскому районе, Республика Таджикистан,р.Рашт улица Э.Мухиддинов 63. Тел.: (+992) 988983394, E-mail: rasht_94-94@mail.ru.

**Information about authors:** Mirzoev Saylo Khabibulloevich - Doctor of Technical Sciences, Professor of the Department of Informatics of DMT. 734025 Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki ave. 17, TNU, Tel: 985072787, E-mail: saidalo.mirzoev.1967@mail.ru.

**Saidov Isroil Maumadovich** - Ph.D., dotsent of the Department of Informatics, TNU. 734025 Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki ave. 17, TNU, Tel: 904485555,E-mail: isroil-84@list.ru.

**Hayotov Kurbonali** Emomudinovich-assistant of the department Informatic-programmist , TPI in Rasht district, Republic of Tajikistan, E. Muhiddin strit 63, Tel: 988983394,E-mail: rasht_94-94@mail.ru.

**Б. МАҶИДОВА**
**З. РУСТАМОВА**

## ОМӮЗИШИ МАСЪАЛАИ ДИЛБАСТАГӢ ДАР ТАҲҚИҚОТИ ОЛИМОН

Имрӯз дар илми психология якчанд консепсияҳои назариявие мавҷуданд, ки рушди иҷтимоӣ ва эмотсионалии кӯдакони навзод ва кӯдакони синни барвақти бачагиро баррасӣ мекунанд. Ин консепсияҳо асоси назариявӣ ва методологӣ доранд, ки дар асоси онҳо таҳқиқоти илмӣ гузаронида ва таҳлил карда мешаванд.

Б.Г. Ананьев ташаккули шахсиятро баррасӣ карда, таъкид менамояд, ки “инсон аз лаҳзаи таваллуд ба шароитҳои иҷтимоии ҳастӣ, тарбия ва солимӣ вобаста буда, чун мавҷудоти зинда ташаккул меёбад, ки таҳаввули психикии ӯ аз таҳаввули ҷисмонӣ, аз нишондиҳандаи муътадилии инкишофи онтогенезӣ ва омодагӣ ба механизмҳои хоси рафтори инсон (роҳгардии рост, артикулятсия ва нутқи таҳрикӣ, тамосҳои иҷтимоӣ, фаъолияти моддӣ дар шакли бозӣ ва ғ.) на камтар, балки бештар муҳим аст”. [1;94]

Тибқи андешаи Б.Г. Ананьев, ташаккули шахсияти кӯдак дар зерхатти шароити иҷтимоӣ ба вуҷуд меояд, ки он бевосита ба фазои маънавии оила, хусусиятҳои муносибатҳои волидайн ва муносибати онҳо ба кӯдак алоқаманд аст. Дар баробари ин, Б.Г. Ананьев давраи синни барвақтиро марҳилаи омодагӣ барои ташаккули минбаъдаи шахсият меҳисобид. Ба ақидаи ӯ, онтогенези таърихи шахсият аз қабули кӯдак ба

муассисаҳои томактабӣ оғоз меёбад ва давраи таҳсилоти мактабӣ ба рушди шахсӣ таъсири боз ҳам қавитар мерасонад.

Татқиқоти В.Н. Мясишев ба проблемаи камолёбии шахс дар инсони солим ва бемор бахшида шудаанд. В.Н. Мясишев инкишофро дар системаи муносибатҳои иҷтимоӣ, ки инсон ба он дохил мешавад, баррасӣ кард ва ин системаи муносибатҳо муносибати субъективонаи ӯро ба паҳлӯҳои гуногуни воқеият ташаккул медиҳад. Вай боварӣ дошт, ки ниёзҳо, манфиатҳо ва майлҳои шахс натиҷаи ҳамбастагӣ ва коркарди рӯйдодҳо аз муҳити атроф бармеоянд ва ин муҳити атроф инчунин ба инсон имкон медиҳад, ки фардияти худро зоҳир ва инкишоф диҳад. [6] Раванди муошироти байни одамон дар ҳаёти ҳаррӯза барои В.Н. Мясишев хеле шавқовар буд ва дар баробари ин, татқиқотҳои ӯ ба омӯзиши наврасон ва калонсолон равона карда шуда буд. Бо вуҷуди ин, В.Н. Мясишев таъкид кард, ки қонунҳои ташаккули муносибатҳои инсонӣ дар синни хурдӣ номуайян боқӣ мондаанд ва хеле кам омӯхта шудаанд. Аз ин рӯ, таъкид менамояд, ки зарурати ҳалли омӯзиши ин марҳилаҳои рушд ба миён омадааст. Асарҳои В.М.Бехтерев ва Н.М.Шелованов, Н.Л.Фигурин ва М.П.Денисова, Н.И.Касаткин, А.Геселл ба В.Н. Мясишев имконият дод, чунин арзёбӣ намояд, ки дар синни хурдсолӣ шахсияти инсон дар натиҷаи муошират ва муносибат бо волидон ва мураббиён ташаккул меёбад. Ба андешаи мо, баррасии раванди ташаккули шахсият дар системаи муносибатҳо раҳёфти муҳим ва пурарзиш барои фаҳмиши рушди муътадил ва патологӣ мебошад.

Дар адабиёти психологӣ татқиқоти зиёд, ки дар лабораторияи рушди психикӣ ва тарбияи кӯдакони томактабии Пажуҳишгоҳи тадқиқотии психологияи умумӣ ва педагогии Академияи илмҳои педагогии СССР, таҳти роҳбарии М.И. Лисина гузаронида шудаанд, васеъ истифода мегардад. Консепсияи оид ба генезиси (пайдоиши) муошират, ки онро М.И. Лисина асоснок намудааст, назарияи Л.С.Виготскийро оид ба характери фарҳангӣ – таърихӣ доштани тафаккур ва назарияи А.Н.Леонтьевро роҷеъ ба нақши фаъолият дар инкишоф бо ҳам пайваст. М.И. Лисина пешниҳод кард, ки аз худ кардани таҷриба ва меъёрҳои фарҳангӣ аз тарафи кӯдак дар ҷараёни муошират бо калонсолон ба амал меояд. Аз ин ру, ӯ М.И.Лисина муошират бо калонсолонро чун фаъолияти кӯдакони навзод ва синни барвақт таҳқиқ намуд. Талабот ба муошират модарзодӣ набуда, он дар тӯли якуним моҳи зиндагии кӯдак дар заминаи қонеъ кардани талаботи физиологии ӯ аз ҷониби калонсолон, инчунин дар зери таъсири ташаббусҳои иҷтимоии калонсолон ташаккул меёбад. Таҳти роҳбарии М.И. Лисина, таҳқиқоти зиёди озмоишӣ оид ба муошироти тифлон бо калонсолон ва таъсири он ба рушди психикии кӯдак баргузор гардиданд. Муайян карда шуд, ки хусусиятҳои эҳсосии кӯдак тавассути муошират бо калонсолон ташаккул меёбад; набудан ё норасоии таҷрибаи арзишманди муошират бо калонсолон дар айёми кӯдакӣ метавонад боиси боздории рушди нутқи кӯдак гардад. [5; 85]

Татқиқот нишон дод, ки дар кӯдакони соли аввали ҳаёт пайдоиши ва инкишофи нутқ ба муошироти эмотсионалӣ бо калонсолон таъмин мегардад; фаъолияти якҷояи предметии кӯдак бо калонсол ва шунидани нутқи пурмазмуни калонсол, таъсири мутақобилаи «овозӣ» бо калонсолонро таъмин менамояд.. Аз тарафи Т.М. Землянухина ва Е.О.Смирнова муайян карда шуд, ки дар кӯдакони дорои муошироти нисбатан рушдкарда зуд ба фаъолияти маърифатӣ ворид мешуданд, фаъолнокӣ нишон медоданд ва бештар кӯшиш мекарданд, ки калонсолонро ба ҳамкорӣ ҷалб намоянд. Қобилияти тафриқаандозии худ дар кӯдак дар тасаввуроти худ аз калонсолон дар асарҳои Н.Н.Авдеева, Г.Х. Мазитова, Ч.Б. Корнитская нишон дода шудааст. Онҳо инъикос мекунанд, ки тифле, ки аз ҷиҳати миқдор ва сифат бо калонсоли наздик муошироти кофӣ дорад, қодир аст, ки рафиқи калонсолро ҳамчун субъект баррасӣ намояд ва муносибати калонсолонро нисбат ба худ дарк кунад. Олимон Х.Рейнголд ва Э.Экермен бо кӯдакони синни 5 моҳагӣ то 5 сола ва модарони онҳо таҳқиқот гузаронданд. Олимон рафтори кӯдаконро дар ҳамроҳии модар дар майдончаи кӯдакона мушоҳида намуда, масофаи дур шудани кӯдакро аз модар муайян карданд, ки бо тағйирёбии синнусол кӯдакон тақрибан 30 см ҳар моҳ аз модараш дур мешавад. Ҳама кӯдакон аз синни даҳмоҳагӣ, аз назди модари худ ба ҷойҳое, ки модар намоён набуд, дур мешуданд, аммо онҳо ҳамеша ба назди модар ҳамчун «пойгоҳи боэътимод» бармегаштанд. Ба ақидаи муҳаққиқон имкони дур шудан аз модар дар баробари мустаҳкам шудани алоқаи кӯдак бо модар ба вуҷуд меояд.

Муҳаққиқи чех М. Дамборска кӯдакони аз 6 то 10 – моҳаи дар хонаи кӯдакон ва оила тарбиягирандаро муқоиса намуд. Вай ба кӯдакон бозичаҳои нави ношиносро дод, дар муҳити нави иҷтимоӣ онҳоро гузошта мушоҳида намуд. Тарбиягирандагони хонаи

кӯдакон нисбат ба ҳамсолони худ дар оила тарбиягиранда 7 маротиба зиёд тарсро эҳсос мекарданд. Онҳоро махсусан бозичаҳои нав ба ҳарос меовард.

Ба ҳамагон маълум аст, ки фаъолияти донистагирии томактабиён дар бозӣ зоҳир мегардад, ки дар кӯдакони дорои тарс, ҳарос вайроншавии фаъолияти бозӣ ба мушоҳида мерасад. Таҳлили тадқиқоти Харлоу ва психологи даврони шӯравӣ А.С.Спиваковская нишон медиҳад, ки барои ба муҳити бозӣ ворид шудани кӯдак модар бояд дар назди ӯ бошад. ки дар чараёни шиносоӣ бо муҳит ва ашёи нав тарс ва ҳароси худро бартараф намуда, фаъолнокӣ нишон диҳанд.[7;78]

Ду нуқтаи шартии ивазнашавандаи ташаккули эътимоди асосӣ нисбат ба олами иҳотакарда дар кӯдак ин ғамхории модар ва доимӣ будани он мебошад.

Зарурияти нишон додани муносибати эмотсионалӣ на ҳамеша аз тарафи дигарон эътироф карда мешавад. Аксар вақт ҳатто модарони меҳрубон, чунин мешуморанд, ки кӯдаконро дар зери назорат бояд тарбия намуд, онҳо нозпарвар нашаванд, мустақилият дар онҳо ба вуҷуд ояд. Чунин модарон кӯшиш менамоянд, кӯдаконро ба оғӯш нагиранд, бо таври қатъӣ мувофиқи соат ба онҳо хӯрок диҳанд, вақте ки гиря мекунанд, ба наздашон наоянд. Натиҷаи чунин методи тарбия дар бисёр ҳолатҳо ғамангезанд: вақте, ки кӯдакон 7 – 8 сола мешаванд, онҳо аксар вақт шикоят аз вайроншавиҳои эмотсионалӣ мухточи машваратҳои психологӣ ва тиббӣ мегарданд. Ар ин рӯ, дар соли аввали ҳаёт кӯдак ба модари принсипнок ё мустақилият не, балки ба ҳузури доимӣ, меҳру муҳаббати гарми модар ниёз дорад. Равоншиносӣ амрикоӣ М.Райбл дар байни 600 кӯдаки аз нигоҳубини модар маҳрумшуда мушоҳида гузаронида, ба хулосае омад, ки набудани нигоҳубини модарон метавонад аллакай дар думоҳагӣ боиси мушкилоти шадиди соматикӣ гардад, зеро барои инкишофи солими организми тифл таъсири маҷмӯи ангезаҳо бо воситаи ғамхории модар ба вуҷуд меояд. Навозиш, ба даст гирифтан, огӯш кардан, садои модар ба мисли шири модар ва ҳарорати муайяни ҳаво зарур аст. Ба ақидаи М.Райбл кӯдаконе, ки дар муҳити бади гигиенӣ зиндагӣ мекунанд, аммо ҳамеша назди назди модари худ ҳастанд, бо онҳои муносибати эмотсионалӣ менамоянд, дар онҳо вайроншавиҳои соматикӣ ба вуҷуд намеояд.

Равоншиносӣ амрикоӣ Ю.Бронфенбреннер дар китоби «Ду ҷаҳонӣ кӯдакӣ: кӯдакони амрикоӣ ва даврони Шӯравӣ»- и худ хусусиятҳои ду гурӯҳи кӯдакони ақлан ақибмондаи дар муассисаҳои махсус таълимгирандаро шарҳ медиҳад. Якум гурӯҳ ҳамчун гурӯҳи озмоишӣ дуюм ҳамчун гурӯҳи назоратӣ интихоб шуда, дар ҳар як гурӯҳ 13 нафар озмудашаванда ворид карда шуданд. Кӯдакони гурӯҳи озмоишӣ дар сесолагӣ ба парастории занони дар муассисаҳои ақлан ақибмонда дар ҳуҷраҳои алоҳида қарордошта дода шуданд. Гурӯҳи назоратӣ дар муассисаи махсус дар шароити ҳамешагӣ таълиму тарбия гирифтанд.

Озмоиш якуним сол давом кард, дар ин муддат коэффисенти инкишофи зеҳнии кӯдакони гурӯҳи озмоишӣ ба 28 хол зиёд, нишондиҳандаи кӯдакони гурӯҳи назоратӣ бошад ба 26 хол кам гардид. Дар охири таҷриба кӯдакони гурӯҳи озмоиширо волидони солим ба фарзандхонӣ гирифтанд.

Натиҷаҳо аҷибтарин пас аз сӣ соли таҷриба ба даст оварда шуданд. Натиҷаи анкетагузаронӣ нишон дод, ки ҳамаи онҳое, ки қаблан ба гурӯҳи таҷрибавӣ шомил буданд, ба истиснои ду нафар мактаби миёнаро хатм карданд ва ҳатто чор нафар дар коллеҷ таҳсил гирифта, комилан мустақил ва ба зиндагӣ мутобиқ шуданд. Аз гурӯҳи назорати қисми зиёдашон фавтиданд ё дар муассисаҳои махсус қарор доштанд.

Ю. Бронфенбреннер ин гуна натиҷаи озмоишро чунин шарҳ дод, пеш аз ҳама таваҷҷуҳи зиёди «модарон» - и кӯдакони ақлан ақибмонда бо кӯдакони «худ» вақти зиёдро мегузарониданд, бозӣ мекарданд, бо онҳо муоширот менамуданд ва ба онҳо он чизҳоеро, ки худ медонистанд, омӯзонданд. Ба кӯдакон ҳамеша диққати махсус зоҳир менамуданд, ба онҳо туҳфаҳо медоданд, ба сайру саёҳат мебурдан ва имконияти худро нишон додан мавҷуд буд. Ин тадқиқот низ нишондиҳандаи он аст, ки барои кӯдакон муносибати эмотсионалӣ, меҳру муҳаббати модар ва наздикони атроф шарти аввалиндараҷа мебошад. [7;81]

Таҳқиқи рушди равонии кӯдакон дар хонаҳои кӯдак ё худ ятимхонаҳо нишон дод, ки боздории рушди равонӣ дар онҳо аллакай аз моҳҳои аввали ҳаёт мушоҳида карда мешавад. Муаллифони як қатор татқиқҳо менависанд ва таъкид менамояд, ки азбаски муоширати эмотсионалӣ бо калонсолон фаъолияти пешбаранда дар соли аввали ҳаёт ба ҳисоб меравад, норасоии он ба рушди умумии равонии кӯдак, пеш аз ҳама ба хусусиятҳои

эмотсионалӣ ва фаъолияти маърифатӣ таъсири манфӣ мерасонад. Дар рафтору амалҳои ин табақаи кӯдакон каҷравиҳо ва боздориҳо хеле зиёд мушоҳида мешаванд, ки онҳо бо меъёри муайян инкишоф наёфтани комплекси ҷушу хурӯшӣ ё худ болидаруҳӣ алоқаманд мебошанд. Кӯдакон эҳсоси калонсолонро ба товри возеҳ фарқ намекунанд, зуҳуроти эҳсосотии онҳо хеле кам, хира ва якранг мебошанд, ба дигарон таваҷҷуҳи кам доранд ва кам ба калонсолон муроҷиат мекунанд. Аз сабаби норасоии муошират ва набудани дилбастагӣ дар тарбиядиҳандагони хонаи кӯдакон, онҳо дар тифлакон ба ҷаҳони атроф, худшиносии устувории мусбат ва мавқеи фаъолро ба вуҷуд оварда наметавонанд, нисбат ба онҳо камтаваҷҷуҳ ва бепарво ҳастанд. Ба гуфтаи муаллифон, набудани таҷрибаи ҳамкории доимии кӯдак бо калонсолон ба он оварда мерасонад, ки онҳо иҷрои амалҳои якҷояро намеомӯзанд, ба баҳогузории калонсолон таваҷҷуҳ зоҳир намекунанд ва қобилияти амал кардан аз рӯйи намунаро аз худ наметавонанд. Ин дар навбати худ боиси боздории рушди нутқ, азхудкунии амалҳои мушаххас бо ашё, ташаккули шахсият ва худогоҳӣ мегардад. Таҷрибаи кӯдак дар айёми тифлӣ ҳамчун таҳкурсии рушди минбаъдаи равонӣ ҳисобида мешавад ва он нақши ҳалкунанда дар пайдоиши вайроншавиҳои невротикӣ ва психикӣ дар айёми калонсолӣ мебозад. Рушди назарияи психоаналитикӣ ба он оварда расонд, ки муҳаққиқон на танҳо омилҳои дохилии инкишофи психикӣ, инчунин муносибати байниҳамиро низ ба назар гирифтанд. Дар асарҳои Р.Шпитц, Э.Эриксон, Д.Винникотт ва Анна Фрейд нишон дода шудааст, ки сифати нигоҳубине, ки кӯдак дар муносибат бо модар мегирад, дар инкишофи ӯ нақши назаррас дорад. Модар дар рушди қобилиятҳои фикрӣ кумак мекунад ва идроки атроф, азхудкунии дониш ва рафторро миёнаравӣ менамояд. Минбаъд тавассути муносибати модар кӯдак худтанзимкуниро инкишоф медиҳад. Муносибати ҳаловатбахши тифл бо модар ба ташаккули эътимоду боварӣ нисбат ба атрофиён мусоидат мекунад, барои ба даст овардани фаъолияти мустақилонаи ва рушдёбии кӯдак дар соҳаҳои гуногуни ҳаёти ӯ мусоидат мекунад. Таҳқиқот, ки дар ин соҳаи рушди барвақтии кӯдак гузаронида шудаанд, нишон доданд, ки кӯдакони навзод як қатор қобилиятҳое доранд, ки онҳо имконият медиҳанд, то бо модари худ муносибат барқарор намоянд. И.А. Аршавский таъкид менамояд, ки тифлони навзод дар соатҳои аввали пас аз таваллуд агар дар назди модар ҳузур дошта бошанд, нисбат ба вай ниҳоят ҳассос ва бодиққат мегарданд. Инчунин, кӯдакони навзод дар ҳафтаи аввали ҳаёт қобилияти шинохтани садои инсонро доранд. Онҳо метавонанд чеҳра, бӯйи модарро аз рӯй ва бӯйи одамони дигар фарқ намоянд. Кӯдакон метавонанд ба овози инсон, алахусус ба овози модар, таваҷҷуҳи хосса зоҳир кунанд. Дар байни нӯҳ то ёздаҳ ҳафтаи баъди ба дунё омадан, кӯдакон ба чашми дигарон, алахусус модар, таваҷҷуҳи ҷиддӣ зоҳир мекунанд. Аз рӯзҳои аввали ҳаёт кӯдак ба таҷрибаи иҷтимоии калонсолон пайравӣ, карда бо ёрии анализаторҳои (узвҳои) ҳиссӣ доир ба атроф маълумот мегирад. Дар таҳқиқоти худ Е . А . Сергиенко нишон дод, ки кӯдакони навзод садоҳоро самтгирӣ мекунанд, вобаста ба шароит муҳити атрофро мушоҳида менамоянд, ашёи ҳаракаткунандаро нигоҳи худ пайгирӣ мекунанд, инчунин дар се ҳафтаи аввали ҳаёт пайгирӣ намудани ҳаракати ашё ба назар мерасад ва он дар раванди инкишофи қобилияти кӯдакон ба товри назаррас таъсир мерасонад. Омӯхтан ва таҳлили тадқиқоти илмӣ имконият медиҳад, то ба хулосае биёем, ки тифлон аз рӯзҳои аввали инкишоф қодиранд ашёи олами ҷисмониро идрок ва тафсир кунанд. Ин қобилият нисбат ба қобилияти амал кардан дар ҷаҳони берунӣ барвақттар рушд мекунад, ки ғояҳои Ҷ.Пиажеро дар бораи муносибати донишҳои ҷисмонӣ ва интерриоризатсияи сохторҳои сенсомоторро рад мекунад. Ҳамин тариқ, мо гуфта метавонем, ки кӯдак аз рӯзҳои аввали ҳаёт қобилиятҳои зарурӣ барои ворид шудан ба робитаҳои иҷтимоӣ дорад, дар баробари ин, рушди ин қобилиятҳо дар раванди муносибат бо модар ва дигар шахсони наздик ба амал меояд. Дар натиҷаи таҳқиқоти таҷрибавӣ муайян карда шудааст, ки модарони кӯдакони навзод ва худи навзодон қобилиятҳои махсус доранд. Ин қобилияти онҳо дар рафторе зоҳир мегардад, ки аз рафтори маъмулии калонсолон ба тифлон бармеояд ва муоширати онҳоро таъмин менамояд. Барои мисол, баъд аз як тамоси кӯтоҳ бо фарзанди навзоди худ, овози модарон метавонанд гиряи кӯдакони худро аз овози гиряи кӯдакони дигар, фарқ намоянд, овозҳоро, ки дардро инъикос мекунад, гуруснагиро ифода мекунанд, ҷудо менамоянд. Як намуди махсуси рафтор, ки дар адабиёти психологӣ «рафтори иҷтимоии аз ҷониби кӯдак ба вуҷуд оварда шуда»-и модар номида шудааст дар ифодаи зиндашавӣ, муболиғаомезии ҳаракатҳои рӯй ҳангоми ба кӯдак нигоҳ кардани модар зоҳир мегардад. Мушоҳидаи рафтори модарон нишон медиҳад, ки ҳангоми суҳбат

сухани модар сусттар мешавад, метавонад баландтар аз муқаррарӣ бошад, сухан метавонад хусусиятҳои "кӯдакона" ва навозишкорона дошта бошад. Чунин рафтори махсуси модарон ба пайдоиши робитаи беҳтарин бо рушди кӯдак мусоидат мекунад, дарки ҳавасмандгардонии иҷтимоиро барои ӯ осон менамояд.

**АДАБИЁТ:**


1. Авдеева Н.Н. Мещерякова С.Ю. Ребенок младенческого возраста // Психическое развитие воспитанников детского дома. – М.; Педагогика, 1990 – 23 – 99 с.
2. Авдеева Н.Н. Становление образа себя у детей первых трех лет жизни.//Вопросы психологии. – 1996, №4. – 5 – 14 с.
3. Ананев Б.Г. Человек как предмет познания. – СПб.: Питер, 2001. – 281 с.
4. Ветрова В.В. Влияние прослушивания речи взрослых на вербальное развитие детей раннего возраста: Автореф.дис.канд.психол.наук. М., 1975. – 24 с.
5. Лисина М.И. Проблемы онтогенеза общения. – М.: Педагогика, 1986. – 144 с.
6. Мясищев В.Н. Психология отношения. Под ред. А.А.Бодалева /Вступ.ст. А.А.Бодалева – М.: Изд – во Ин – та практ. психологии; Воронеж; МПО «МОДЭК», 1995. – 356 с.
7. Прихожан А.М. Толстых Н.Н. Дети без семьи: (Детский дом: заботы и тревоги общества). – М.; Педагогика, 1990. – 160 с.


**Маджидова Б., Рустамова З.**

## ИЗУЧЕНИЕ ПРОБЛЕМЫ ПРИВЯЗАННОСТИ В ИССЛЕДОВАНИЯХ УЧЁНЫХ

В данной статье рассматриваются теоретические подходы и результаты исследований социально-эмоционального развития детей раннего возраста, представленные в отечественной и зарубежной психологической литературе, а также представлены теоретические положения и экспериментальные исследования, выполненные в рамках теории привязанности. В настоящее время в психологической науке существует несколько теоретических концепций, рассматривающих социально-эмоциональное развитие детей младенческого и раннего возраста. Данные концепции имеют различные теоретические и методологические положения, исходя из которых происходит формулирование гипотез и осмысление результатов. Определяющее значение раннего детского опыта для дальнейшего психического развития ребенка было постулировано в психоаналитической теории.

***Ключевые слова:*** *концепция, ранний возраст, формирование личности ребенка, исследование ученых, социальные отношение, психологические эксперименты, нехватка общение, чувства привязанности.*

**Majidova B., Rustamova Z.**

## STUDYING ATTACHMENT ISSUES IN SCHOLARLY RESEARCH

This article examines in the theoretical approaches and results of studies the social and emotional development of young children, presented in domestic and foreign psychological literature, as well of the present's theoretical provisions and experimental studies carried out within the framework of attachment theory. Currently, there are several theoretical concepts in psychological science that consider the social and emotional development of infants and young children. These concepts have different theoretical and methodological provisions, based on which hypotheses are formulated and the results are interpreted. The decisive importance of early childhood experience for the further mental development of the child was postulated in psychoanalytic theory.

***Key words:*** *concept, early age, formation of a child's personality, research by scientists, social attitudes, psychological experiments, lack of communication, feelings of attachment.*

**Сведения об авторах:** Маджидова Бибихафиза – доктор педагогических наук, профессор кафедры специальной педагогики и инклюзивного образовании Таджикского государственного педагогического университета имени Садриддина Айни Тел: (+992) 985 83 19 02, E-mail: bibihafiza@mail.ru

**Рустамова Зарина Тоиржоновна** – старший преподаватель кафедры общей и педагогической психологии Таджикского государственного педагогического университета имени Садриддина Айни Тел: +992 98 523 23 02 E-mail: zara_1426@mail.ru

**About the authors:** Madzhidova Bibihafiza - doctor of Pedagogy, Professor of the Department of Special Pedagogy and Inclusive Education of the Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini Tel: (+992) 985 83 19 02, E-mail: bibihafiza@mail.ru

**Rustamova Zarina Toirzhonovna** - Senior Lecturer of the Department of General and Educational Psychology of the Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini Tel: +992 98 523 23 02 E-mail: zara_1426@mail.ru

**Д. МАҲКАМОВ**
**М. АСОЕВ**

# «МУНОСИБАТИ БОСАЛОҲИЯТ» ДАР ОМОДАГИИ КАСБИИ МУТАХАССИСОНИ ОЯНДАИ САМТИ ОМӮЗГОРӢ

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Оллии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъкид намуд: “Таъмин намудани соҳаҳои гуногуни кишвар бо мутахассисони ҷавобгӯйи талаботи бозори меҳнат бар дӯши зинаи таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ буда, маҳз ҳамин зинаҳои таҳсилот дар рушди ҳаёти иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва маданию фарҳангии мамлакат саҳми босазо мегузоранд” [1; 22].

Таҳлили таҷрибаи муосири таълим собит менамояд, ки мушкилоти бо кадрҳои баландихтисос таъмин намудани соҳаи маориф яке аз масъалаҳои асосӣ маҳсуб ёфта, ҳалли он бештар вобаста аст аз сатҳу сифати таълим дар муассисаҳои таълимии кишвар. Хусусан, дар шароити муосир пеш аз ҳама диққати асосиро ба омодагии касбии мутахассисони самти омӯзгорӣ равона намудан зарур аст. Зеро омӯзгор метавонад дар ҷомеа мутахассисони баландихтисоси соҳаҳои гуногунро тарбият намуда, ба бозори меҳнат равона созад. Омода намудани мутахассисони самти омӯзгорӣ ин технологияи истифодабарии муносибати босалоҳиятро дар ташкили ҷараёни таълим дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ тақозо менамояд.

Дар соҳаи фаъолияти омӯзгорӣ маданияти нави таълим ташаккул меёбад. Зарурати иҷтимоӣ- таълимии «мутахассиси босалоҳият» дарси арзишу қимати хос мебошад. Мафҳуми «сифати таълим» аз мавқеи абстрактӣ ба категорияи «махсусияти ҳаёт» табдил меёбад, ки истифодаи пурсамари муносибати босалоҳиятро дар таълим бештар талаб менамояд.

Дар назария ва амалияи педагогӣ ва психологӣ мафҳуми «салоҳият» бо тарзҳои гуногун аз ҷониби олимони соҳа шарҳ дода шудааст, ки баъзе аз онҳоро баён мекунем. Дар энсиклопедияи бузурги муосири «Педагогика», ки зери таҳрири Э.С. Рапатсевич таҳия шудааст, «салоҳият» ченаки мувофиқати дониш, малака ва таҷрибаи шахсони дорои мақоми муайяни иҷтимоӣ-касбӣ ба сатҳи воқеии мураккабии вазифаҳо ва мушкилиҳои ҳалшаванда ба ҳисоб меравад [8; 237].

Дар луғати истилоҳҳоти касбӣ-педагогӣ, ки зери таҳрири Г.М.Романцева таҳия шудааст, «салоҳият» ин дониш ва малакаест, ки имкон медиҳад мулоҳизаҳо, арзишҳо ва андешаҳои касбӣ босалоҳият баён карда шаванд [9; 108].

В. А. Болотов, П. Я. Гальперин ва дигарон салоҳиятро ҳамчун як роҳи мавҷудияти дониш, маълумот, малака, таъмин намудани худшиносии шахсӣ ва дар ҷомеа ҷои худро пайдо кардану аҳамияти худро дарк кардан, маънидод намудаанд [10; 11].

Ба гуфтаи В. И. Байденко, салоҳият қобилияти шахс (мутахассис) барои амалисозии иқтидори фардии худ дар фаъолияти касбӣ мебошад [12;4].

В. Е. Меламуд ва И. А. Фастовский салоҳиятро ҳамчун истифодаи самараноки дониш, усули фаъолият, ки барои ба даст овардани натиҷаҳои баландтарин дар ҳама гуна соҳаи касбӣ ё дигар соҳа ва қобилияти шахс барои бомуваффақият ҳал кардани мушкилиҳое, ки дар тӯли ҳаёташ ба миён меоянд, маънидод намудаанд [5; 4].

Дар асоси мафҳуми «салоҳият» ибораи «муносибати босалоҳият» ба вуҷуд омадааст. Яке аз вазифаҳои мубрами татбиқи муносибати босалоҳият, ҷустуҷӯйи роҳу воситаҳое мебошад, ки бо ёрии он дараҷаи баланди ташаккулёбии салоҳиятнокии мутахассисониояндаи самти омӯзгорӣ таъмин карда мешавад.

Барои он ки дараҷаи салоҳиятнокӣ баланд гардад, бояд тарзи фаъолият дар асоси умумияти майли мустақилона ба ҳаллӣ вазифа ё зери роҳбарии омӯзгор қарор дошта бошад. Дар чунин ҳолат мубодилаи афкор ба сифати тарзи ташаккулдиҳандаи салоҳияти донишандӯзон басанда мебошад. Барои хуб аз худ намудани мавод донишҷӯён бояд дар ҷараёни таълим аз мубодилаи афкор бештар истифода баранд. Ҳамин тавр, дар ташаккулёбии салоҳиятнокӣ, хонандагон ва донишҷӯён бояд тай намоянд, ин роҳ аз салоҳиятҳои умумӣ ва бархурдор бошанд. Бисёр намуди технология ва методҳои ташаккули салоҳиятҳои касбии мавҷуда дар шароити муосир дар асоси фаолияти пешазтаҷрибавӣ дар мутобиқат ба таҷриба ва олами маънавии омӯзгор истифода бурда мешаванд.

Мубоҳиса дар аксар ҳолат самаранокии ҷараёни таълимро бо истифода аз методҳои номбурда муаррифӣ менамояд. Он шароитро барои озодона иваз намудани нуқтаи назар,

андеша, дониш ва таҷрибаи муҳокимаи байни ташкилотчиён ва иштирокчиён аз рӯйи фаъолияташон таъмин менамояд. Ғайр аз ин, характери ихтиёрӣ ва озодонаи он метавонад шароити зарурииро барои ташаккул ёфтани салоҳиятнокии махсус таъмин намояд.

Пӯшида нест, ки ҷамъият дар назди омӯзгорони оянда талаботи ниҳоят баланд мегузорад, аз ҷумла баҳои сазовор додан на танҳо ба низоми дониши гирифтаашон, балки ба иқтидори фаъолона истифода бурда тавонистан аз низоми дониши гирифтаашон дар раванди ҳолатҳои гуногуни ҳаётӣ, инчунин ба шароити иҷтимоӣ - иқтисодӣ мутобиқ сохта тавонистани хеш ва ғайра.

Ҳоло масъалаи навсозии низоми таълим дар асоси муносибати босалоҳият дар тамоми зинаҳои таҳсилот ниҳоят тезутунд гузошта шудааст. Дар раванди ин муносибат, мутобиқи ақидаи педагогони машҳур, Е.А. Коган, В.В. Лаптев, О.Е. Эльконин ва дигарон пеш аз ҳама бояд дар бораи мазмуни таълим чораҳо андешида шаванд.

Муносибати босалоҳият дар ҷойи аввал на огоҳии ахбории хонандагон, балки маҳорати ҳал кардани мушкилоти мушаххасро мегузорад. Донишҳои фаннӣ дигар наметавонанд мақсад бошанд, балки тобеиятро иҷро намуда, мавқеи майлкуниро ба ҷо меоранд.

Оғози муносибати босалоҳият мумкин аст кори коммисияи ЮНЕСКО зери роҳбарии собиқ вазири маорифи Фаронса Э. Фора дар соли 1972 ҳисобида шавад. Дар маърӯза, ки зери унвони «Буданро омӯз», ки чор «самти таҳсилот»- ро муайян менамояд, ҳар як инсон онро бояд дар давоми ҳаёташ нигоҳ дорад:

1. «Хонданро омӯз ва аз дониш истифода бар», ба гирифтани маълумот тамоми ҳаёт қодир бош, дар соҳаи фаъолияти танги касбии хеш чуқур ва бозаҳмат меҳнат кун, донишҳои умумиинсониро аз бар намо;

2. «Кор карданро омӯз»: навгониҳоро ҳамчун стандарт бояд истифода бурд, таҷрибаи ғайрирасмии ҳалли мушкилоти гуногуни ҳолатӣ ва кориро дар ҳайатро ёд гир;

3. «Зиндагиро дар ҳамбастагӣ омӯз», одамони дигарро инкишоф деҳ, фаҳм, кӯшиши онҳоро ба мустақилияти муҳокима ва ахлоқ дарк намо, озодандешӣ, ҳамдигарфаҳмӣ, сулҳро дар замири хурду калон парвариш намо;

4. «Буданро омӯз», сифатҳои шахсии худро инкишоф деҳ, фаъолияти амалии мустақилонаи хешро тақвият бахш, муҳокимаронии хешро роҳбарӣ намо, ба таҷрибаи хеш такя намуда, масъулияти баландро дарк намо.

Таълим бояд ба тамоми иқтидорҳои инсонӣ: «шуур, хотира, зеҳн, ҳисси зебогӣ, имкониятҳои ҷисмонӣ, навгониҳои муоширaт» таъсир расонад. Таҳқиқотчиён ва услубшиносон, мафҳуми салоҳиятнокиро муайян намуда, қайд менамоянд, ки салоҳият - ин ҳосилнамоии одии маҳорат нест. Балки сифатҳои мураккаби шахсиятӣ мебошад, ки дар худ дониши баланд, ҷаҳонбинии васеъ ва дониши махсуси касбиро талаб менамояд. Муносибати босалоҳият фардро маҷбур месозад, ки таълимро дар тамоми ҳаёт давом диҳем, махсусан, вақте ки ба он зарурият пайдо мегардад.

Дар шароити навсозии низоми маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон вабаста ба шароити иҷтимоӣ - педагогӣ ворид намудани тағйирот дар тафаккури касбӣ, фаъолияти шахсии омӯзгорон, инчунин дар омода намудан ва такмили ихтисос ва бозомӯзии омӯзгорони оянда муносибатро дигар кардан зарур аст. Навсозии мазмуни маҳорати касбии омӯзгоронро чунин омилҳо тавоно мегардонанд, ки ба татбиқи муносибати босалоҳият дар омодагии касбии кадрҳои педагогӣ, ба мазмуни таҳсилот ва хизматрасониҳои педагогӣ мутобиқ бошад, ташкил медиҳад. Дар ин бора аз барвақт мубоҳиса дар бораи тарафҳои манфӣ ва мусбати муносибати босалоҳият рафта истодааст, ки дар натиҷаи мубоҳиса омилҳои зерин пайдо гардидаанд:

- ҷаҳонишавӣ, тағйироти таркиби иқтисоди бозоргонӣ, инкишофи технология, ҳамчун натиҷаи талаботи баланд ба мутахассисон, ки барои дар шароити ивазшаванда кор кардан иқтидор ва омодагии касбӣ дошта бошад;

- омодагии бозори меҳнат, ба пешниҳод намудани талаботи нав ба хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ: оид ба одаткунӣ, иқтидори маҳсулнок гардонидани меҳнат дар оғози фаъолияти корӣ, омодагӣ ба омӯзиш дар тамоми давраи ҳаёт.

- зарурият ба инкишоф додани тахассуси касбӣ бо захираҳои меҳнатӣ барои бозори осиёгӣ ва аврупоии меҳнат бо мақсади устувор гардонидани дараҷаи касбӣ ва мансабӣ;

- интернатсионаликунонӣ ва тафриқасозии низоми таълими аврупоӣ;

- инкишоф додани хизматрасониҳои таълимии ғайридонишгоҳӣ;

- тағйироти таркибӣ дар низоми таълим, ки бо талаботи гузаштан аз таълими фаннӣ ба натиҷаи таълим нигаронида шудааст ва имконияти тафриқасозии таълими анъанавӣ ба касбӣ ва омодагии амалӣ;

- норозигии фармоишгарон ва ба ҷойи кор таъминкунандагону ҷамъият нисбат ба сифати омодагии мутахассисон дар муассисаҳои касбии муосир.

Муносибати босалоҳият-ин муносибате мебошад, ки диққатро ба натиҷаи таълим бештар ҷалб менамояд. Ин муносибат на ба сифати натиҷа, на ба суммаи азхудкунии иттилоот, балки тавоноии фаъолияти инсонро дар маркази диққати хеш қарор медиҳад. Муносибати мазкур имкон медиҳад, ки фикру мулоҳизаи шахсиро низ ба ҷараёни таълим ворид намоем. Лоиҳакашӣ ва татбиқи чунин технология, ки вазъияти хосро ба вуҷуд меорад, хонандагон ва донишҷӯёнро ба намудҳои гуногуни фаъолият сафарбар менамояд.

Моҳияти муносибати босалоҳият ва технологияи ташаккули салоҳиятҳои калидӣ дар корҳои илмӣ- назариявӣ ва илмӣ- методии бисёр олимони тоҷик ва хориҷӣ ифода ёфтаанд. Муваффақияти низоми маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон бисёртар аз рӯйи сифати кадрҳои илмӣ- педагогӣ ва кадрҳои идоракунӣ муайян карда мешавад.

Гузаштан ба низоми бисёрзинагии омода намудани кадрҳо, инчунин бетанафусии таълим ва таркиби ташкилии он талаб менамояд, ки асосҳои методологӣ, ташкилӣ, равонӣ ва педагогии лоиҳакашии инноватсионии ҷараёни таълим дигаргун карда шавад. Дар ин муносибат низоми баланд бардоштани маҳорати касбии омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ мавриди таҷдиди назар бояд қарор дода шавад. Ҳадафи охирини фаъолияти касбӣ- педагогии омӯзгор аз омода намудани мутахасссиси босалоҳият, ки ба фаъолияти инноватсионӣ омода бошад, иборат мебошад.

Бояд қайд кард, ки дар ҳуҷҷатҳои ташкилоти байналхалқӣ ва дар санадҳои меъёрию ҳуқуқии ватанӣ дар масъалаи таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ мавқеи калидӣ доштани кадрҳои омӯзгорӣ дар ҷараёни таҳсилот қайд карда шудааст. Масъалаи салоҳиятноки ҳайати профессорӣ-омӯзгории муассисаҳои таҳсилоти касбӣ, ки ба ташаккули салоҳиятҳои донишҷӯён мусоидат менамоянд, ниҳоят муҳим арзёбӣ мегардад. Дар коллеҷҳои омӯзгории ҷумҳурӣ дар асоси «Барномаи давлатии ислоҳот ва рушди муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012- 2020» барномаи баланд бардоштани маҳорати касбии кадрҳои омӯзгорӣ, зарурати тайёр намудани тамсилаҳои таълимӣ, беҳдошти омодагии касбии мутахассисони оянда ҷойи хоссаро ишғол менамояд. Барои ҳалли ин вазифаҳо тамсила (модулҳо) оид ба мавзӯи: «Самтҳои равонии ҳамкориҳои байнишахсиятӣ» ва тренингҳо оид ба тарзи гузаронидани дарсҳо дар асоси методҳои фаъоли таълим гузаронида шуданд ва мешаванд.

Муносибати босалоҳият дар маҷмӯъ мазмуни навсозии ҷараёни таҳсилоти касбиро ифода намуда, дар доираи ин гузориши «пешқадам» чунин омилҳо тасдиқ гардиданд [4; 7] :

- муносибати босалоҳият ба талаботи соҳаи таҳсилот ҷавобгӯ бошад;

- муносибати босалоҳият ҳамчун барқароркунии мазмуни таҳсилот зоҳир гардида, ба тағйироти воқеии иҷтимоӣ-иқтисодӣ ҷавобгӯ бошад;

- муносибати босалоҳият ҳамчун умумигардонии шароиту имкониятҳои инсон барои самаранок амал намудан дар соҳаи истеҳсолот фаҳмида мешавад;

- салоҳиятнокӣ воситаи қатъии навсозии таҳсилоти муосир дар омодасозии касбии педагогӣ намоён мегардад;

- салоҳиятнокӣ бо имкониятҳои доштани маҳорат дар ҳаёти мустақилона ошкор мегардад;

- дар шароити муносибати босалоҳият насли наврас дар ҳаёти мустақил бештар бояд озодона амал намояд;

- салоҳиятнокӣ ҳамчун «омодагии мутахассис барои ворид гардидан ба фаъолияти муайян» ё ҳамчун хусусияти омодагӣ ба фаъолияти ояндаи омӯзгорӣ фаҳмида мешавад.

Муносибати босалоҳият ба андозае зарурӣ мебошад, ки таҳсилоти муосир ба навсозии низоми таҳсилоти касбии самти омӯзгорӣ дар муносибати босалоҳият дар бозори меҳнат ниёзманд мебошад. Базаи моддӣ-техникии муносибати босалоҳият бевосита бо андешаҳои мақсадноки ҷараёни таҳсилоти касбӣ марбут мебошад. Салоҳият дараҷаи умумигардонии малакаю маҳорати донишҷӯёнро таъмин менамояд.

Дар дохили муносибати босалоҳият ду мафҳуми базавӣ мавҷуд аст: салоҳият ва салоҳиятнокӣ, ки якумаш дар худ «сифатҳои шахсии робитаҳоро дар доираи фанҳо ва ҷараёнҳо» фаро мегирад. Дуюмаш муносиб аст, ки «тавоноӣ, ноил будани инсон ба

салоҳияти мувофиқ, бо ворид намудани муносибати шахсии ӯ ва фаъолияти фаннӣ» ифода меёбад.

Барои татбиқи бобарори вазифаи гузошташуда мо бояд таваҷҷуҳи хешро бештар ба таҷрибаи татбиқи муносибати босалоҳият ба мамолики Ғарб, дар навбати аввал ба ШМА равона намоем. [6; 7]. Вазифа на танҳо бояд аз чӣ қадар мувофиқ будану набудани муносибати босалоҳият иборат бошад, балки дар ин ҷо сухан дар бораи кушодани махсусияти мазмуни муносибати босалоҳият меравад.

Муносибати босалоҳият ҳамчун ҷойгузини (алтернативаи) диалектикӣ ба анъанаҳои низоми кредитӣ наздик мебошад, ки майли он бештар ба мазмуннокӣ нигаронида шудааст. Мутобиқи баҳои салоҳиятнокӣ, дар фарқ аз санҷишҳои имтиҳонӣ, ки майлаш ба баровардани ҳаҷми дониш мебошад, дар раванди омода намудани мутахассисони самти омӯзгорӣ истифода бурдан аз методҳои воқеии муоинаи фаъолияти истеҳсолӣ (мушоҳида, фаъолияти касбӣ, ҳимояи лоиҳаҳо ва ғайра) бояд ҷиддитар бошад.

Худи салоҳиятнокӣ ҳамчун «иқтидори ҳал намудани супориш ва омодагӣ ба иҷрои нақши касбӣ дар ин ё он соҳаи фаъолият» дониста мешавад. Агар ба таҷрибаи амрикоии тамсилаҳои салоҳиятнокӣ назар афканем, дар ҷойи аввал амал, амалиёт, ки ба объект мансубият надорад, бо вазъияти мушкилотӣ мушоҳида карда мешавад.

Аз гуфтаҳои боло ба таври хулоса гуфтан ҷоиз аст, ки мафҳуми «босалоҳият» ва «салоҳиятнок» дар маводи педагогӣ ва равоншиносӣ ба таври классикӣ ҳамчун моҳияти идеалӣ муарифи мешаванд. Дар маданияти ғарб салоҳиятнокӣ ҳамчун феномени ғайриклассикӣ дониста мешаванд, ки дар таҷрибаи таълими ҷамъиятӣ реша давонида, майлу хоҳиши ҷамъиятро нисбат ба сифати таълим ифода менамояд. Ба салоҳияту салоҳиятнокӣ ҷамъият, давлат, ниҳодҳои таҳсилотӣ, супоришгарон, кордиҳандагон ва истифодабарандагони хизматрасониҳои таълимӣ ҳавасманд мебошанд.

Дар ин ҷо тавсифи дараҷаи миёнаи салоҳиятнокӣ низ аҳамияти калон дорад, ки дар як қатор шакли фаъолияти стандартӣ ва ҳолатҳои истеҳсолӣ мушоҳида карда мешавад. Барои муайян кардани дараҷаи миёна салоҳиятнокӣ тасаввуротро дар бораи критерияҳои фаъолият ва дастовардҳои маҳсули фаъолияти босалоҳият намоиш медиҳем.

Нишондиҳандаи ташаккули меъёрҳои салоҳиятнокӣ инҳо мебошанд:

- аниқ намудани мазмуну мафҳумҳои ҷудогона, фаҳмонидани тарзи истифодаи онҳо дар фаъолияти касбӣ;
- ҳалли вазифаҳои назариявӣ дар робита бо фаъолияти касбӣ;
- зарурати фаъолияти ташкилӣ ва идоракунии мутахассис дар асоси дастовардҳои нав дар соҳаи технологияҳои компютерӣ ва иттилоотӣ;
- зарурати ҳалли вазифаҳои ғайримуқаррарии касбӣ бо истифода аз воситаҳои барномавии муосир.
- таҳлили муқаррарӣ ва худтаҳлилкунии фаъолияти омӯзгорӣ.

Таҳлили сарчашмаҳои илмӣ ва педагогӣ нишон медиҳад, ки барои тайёр намудани мутахассисони ояндаи самти омӯзгорӣ татбиқи муносибати босалоҳият дар омодагии касбии онҳо ниҳоят муҳим мебошад.

Муносибати босалоҳият дар раванди ҷаҳонишавии таҳсилот ва бозори ҷаҳонии меҳнат омили рушддиҳанда ба ҳисоб рафта, баҳри баланд бардоштани маҳорати касбии омӯзгорони оянда ва тайёр намудани мутахассисони ҳирфаӣ нақши калидӣ дорад.

## АДАБИЁТ:


1. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон», Душанбе, 22.12 2017.
2. Бершадский М. Информационная компетентность / М. Бершадский// Народное образование. - 2009. - № 4. - С. 139-144.
3. Бершадский М.Е. Информационная компетентность / М. Е. Бершадский // Школьные технологии. - 2008. - № 5. - С. 7-12.
4. Бершадский М.Е. Информационная компетентность / М. Е. Бершадский // Педагогические технологии. - 2009. - № 1. - С. 3-15.
5. Бершадский М.Е. Применение технологий "Concept Maps" и "Mind Maps" для повышения уровня информационной компетентности обучаемых / М. Е. Бершадский// Педагогические технологии. - 2009. - № 2. - С. 20-53.
6. Меламуд, В. Э. Информационное пространство управления школой [Текст]/В. Э. Меламуд, И. А. Фастовский //Информатика и образование.- 2007. - № 8. - С.3 -38.

7. Селевко, Г. К. Компетентности и их классификация/ Г. К. Селевко // Народное образование. - 2004. - №4. - С. 138 -143.
8. Роберт, И. В. Информационные и коммуникационный технологии в образовании. [Текст]/ И. В. Роберт, С. В. Панюкова, А. А. Кузнецов, А. Ю. Кравцова; Учебно-методическое пособие. М.: «Дрофа»,2006. - 665с.
9. Рапацевич, Е. С. Педагогика: Большая современная энциклопедия [Текст]/ Сост. Е. С. Рапацевич - Мн.: «Соврем.слово», 2005. — 720.
10. Профессионально-педагогические понятия: Словарь [Текст]/ Сост.Г. М. Романцев, В. А. Федоров, И. В. Осипова, О. В. Тарасюк; Под.ред. Г. М. Романцева. - Екатеринбург: Изд-во Рос.гос.проф.-пед.ун-та,2005.-456с.
11. Болотов, В. А. Компетентностная модель: от идеи к образовательной парадигме [Текст] / В. А. Болотов, В. В. Сериков // Педагогика. - 2003. -№10.-С. 8-14.
12. Гальперин, П. Я Функциональные различия между орудием и средством [Текст]: Хрестоматия по возрастной и педагогической психологии/ Под ред.И. И. Ильясова.М., 1980. -203с.

**Махкамов Д., Асоев М.**

**«КОМПЕТЕНТНЫЙ ПОДХОД» В ПРОФЕССИОНАЛЬНОЙ ПОДГОТОВКЕ БУДУЩИХ СПЕЦИАЛИСТОВ В ОБЛАСТИ ПЕДАГОГИКИ**

В данной статье прежде всего разъясняется сущность и значение понятий «компетенция», «компетентность» и «компетентный подход». Изучается понятие компетентности и грамотного отношения с педагогической точки зрения. Одна из ключевых задач в реализации грамотного подхода - поиск путей и средств обеспечения высокого уровня компетентности будущих учителей, обсуждаемых в данной статье. Основная цель грамотного подхода в профессионально-педагогической деятельности учителя - подготовка специалиста профессионального уровня, подготовленного к инновационной деятельности.

***Ключевые слова:*** *компетенция, компетентность, компетентностный подход, рынок труда, учебные услуги, конкуренция, профессиональная деятельность, учитель среднего профессионального учебного заведения.*

**Makhkamov D., Asoev M.**

**"COMPETENT ATTITUDE" IN THE PROFESSIONAL TRAINING OF FUTURE PROFESSIONALS IN THE FIELD OF PEDAGOGY**

This article first of all explains the essence and meaning of the concepts "competence", "competency" and "competent attitude". The concept of competence and competent attitude is studied from a pedagogical point of view. One of the key tasks in the implementation of a competent approach is to find ways and means to ensure a high level of competence of future teachers, discussed in this article. The main goal of a competent approach in the professional and pedagogical activity of a teacher is to prepare a specialist of a professional level, prepared for innovative activities.

***Key words:*** *competence approach, labor market, training services, competition, professional activity, teacher, secondary vocational educational institution.*

**Сведения об авторе:** Махкамов Д- зав. отделом начального и среднего профессионального образования НИИРО АОТ, тел: (992)935021564.
Асоев М.- соискатель отделом начального и среднего профессионального образования НИИРО АОТ, тел: (992) 918945541.
**Information about the author:** Makhkamov D- head. department of primary and secondary vocational education of NIIRO AOT, tel: (992) 935021564.
Asoev M. - Applicant for the Department of Primary and Secondary Vocational Education of NIIRO AOT, tel: (992) 918945541.

**М. ШОКИРИЁН**

# НАЗАРИ АДАБИЁТШИНОСОН ДОИР БА ҚАСИДАИ УСТОД РӮДАКӢ ВА ҲАМАСРОНИ Ӯ

Аз сарчашмаҳо ва маъхазҳои адабиётшиносӣ маълум аст, ки устод Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ ба миқдори зиёде шеърҳои пурмазмун ва пурмуҳтаво эҷод кардааст, вале аз он то кунун сад ҳазор байт ба мо расидааст. Аз ин миқдор осори боқимондаи «Султони шоирон» нозукии назм, балоғату фасоҳат ва дигар хусусиятҳои ашъори шоир муайян мегардад. Аз ин ҷост, ки шуарои ҳамаср ва минбаъдаи адабиёти тоҷик ва оламиён бузургии устод Рӯдакиро эътироф намуда, эҷодиёти вайро ҳамчун меъёри олии суханварӣ ва асосгузори назми форсии тоҷикӣ донистаанд.

Аз байни ашъори устод Рӯдакӣ қасидаи «Бӯйи ҷӯйи Мӯлиён» дар адабиёти ҳазорсолаи форсии тоҷикӣ шуҳрати бениҳоят бузург пайдо намудааст ва аз ин ҷост, ки бисёр шоирони бузург дар пайравии ин қасида ҷавобияҳо навиштаанд ва ин суннати наҷиб то замони мо омада расидааст ва идома дорад. Низоми Арӯзии Самарқандӣ дар «Чаҳор мақола» овардааст, ки Наср ибни Аҳмади Сомонӣ (301-331) навбати чаҳор соли мутаволӣ (дароз) дар Бодғиси Ҳарӣ (Ҳирот) мақом кард, менависад: «Бузургони лашкар ва сипоҳиён малул гаштанд ва орзуи хонумон бархост, подшоҳро сокин диданд, ҳавои Ҳарӣ дар дил, дар аснои сухан Ҳариро ба биҳишти адн монанд кардӣ, балкӣ дар биҳишт тарҷеҳ ниҳодӣ ва аз баҳори Чин зиёдат овардӣ. Донистанд, ки сари он дорад, ки ин тобистон он ҷо бошад. Пас сарони лашкар ва меҳтарони мулк ба назди устод Абуабдуллоҳ ал-Рӯдакӣ рафтанд ва аз нудамои подшоҳ ҳеҷ кас муҳташамтар ва мақбулқадртар аз ӯ набуд. Гуфтанд: - «Панҷ ҳазор динор туро хидмат кунем, агар санъате бикунӣ, ки подшоҳ аз ин хок ҳаракат кунад, ки дилҳои мо орзуи фарзанд ҳамебарад ва ҷони мо аз иштиёқи Бухоро ҳамебароядn»[12]

Рӯдакӣ қабул кард, ки набзи амирро бигирифта буд ва мизони ӯ бишнохта. Донист, ки наср бо ӯ барнагирад, рӯй ба назм овард ва қасидае бигуфт ва мавқее, ки амир сабӯҳӣ карда буд, даромад ва ба ҷойи хеш биншаст ва чун мутрибон фурӯ доштанд, ӯ чанг бигрифт ва дар пардаи ушшоқ ин қасида оғоз кард:

Бӯйи ҷӯйи Мӯлиён ояд ҳаме,
Ёди ёри меҳрубон ояд ҳаме.
Реги Омӯю дурушти роҳи ӯ,
Зери поям парниён ояд ҳаме.
Оби Ҷайҳун аз нишоти рӯйи дӯст,
Хинги моро то миён ояд ҳаме.
Мир моҳ асту Бухоро осмон,
Моҳ сӯйи осмон ояд ҳаме.
Мир сарв асту Бухоро бӯстон,
Сарв сӯйи бӯстон ояд ҳаме...[8]

Чун Рӯдакӣ бад-ин байт расид, амир чунон мунфаъил гашт, ки аз тахт фуруд омад ва бемӯза пой дар риқоби хинги навбатӣ оварда ва рӯй ба Бухоро ниҳод, чунон ронин (зиреҳи банди пой) ва мӯза то ду фарсанг дар пайи амир бурданд ба Буруна ва аз он ҷо дар пой кард ва ин то Бухороро ҳеҷ ҷой боз нагирифт ва Рӯдакӣ он панҷ ҳазор динори музаъаф аз лашкар бистид».

Аз рӯйи баъзе маълумот ин ҳикоятро дар Самарқанд аз забони як деҳқон бо номи Абуриҷо Аҳмад бинни Абдусамад ал-Обидӣ, ки гуфтааст: «Ҷадди ман Абуриҷо Аҳмад ҳикоят кард, ки чун дар навбати Рӯдакӣ расид, чаҳор шутур зери бунаи ӯ буд».

Назари адабиётшиносони гузашта ва имрӯза дар ин бора хеле гуногунанд. Масалан, Абуумар Усмон Минҳоҷуддин Муҳаммади Сироҷуддин дар «Табақоти Носирӣ» (658)қасидаи мавриди баҳсро ба амир Муъизӣ, ки мамдӯҳи Султон Санҷар буд, нисбат медиҳад. Абураҳмони Ҷомӣ низ дар «Баҳористон» пас аз зикри достони Рӯдакӣ ва Наср ибни Аҳмади Сомонӣ дар поён навиштааст: «Дар баъзе аз таворих ин ҳикоят ба Султон Санҷар ва амир Муъизӣ нисбат кардаанд, валлоҳу аълам!». Дар ҷойи дигар Ҷомӣ овардааст: «Дар баъзе таворих чунин мастур аст, ки Наср бинни Аҳмад ба Марви Шоҳиҷаҳон нузул фармуда буд ва муддати маҳз вай он ҷо мутавмодӣ шуда. Аркони давлатро хотир ба Бухоро ва қусуру басотини он мекашад. Аз Рӯдакӣ чизи бисёр нақл карданд, то байте чун мушаввақ ва марғуб вай ба Бухоро бигӯяд ва дар маҳалли муносиб ба оҳанги уд бад-он тараннум кунад ва дар саҳаре, ки подшоҳ сабуҳӣ карда буд, ин абётро бар оҳанги уд соз карду бихонд, чун дар нафси вай таъсир кард, ки бо шоқаи хос ва кафш савор шуд ва бо як манзил бирафт»

Вале адабиётшиноси маъруфи эронӣ доктор Муъин бо овардани далелҳои зерини қасидаро аз они Рӯдакӣ медонад, на аз Муъизӣ.

1.Таърихи таълифи «Чаҳормақола» (нимаи қарни шашум) як қарн пеш аз таърихи «Табақоти Носирӣ» (нимаи дуввуми қарни ҳафтум) сурат гирифта, бинобар қадим будани замон ва наздик асари Низомии Арӯзии Самарқандӣ ба аҳди Рӯдакӣ ва Муъизӣ гуфта метавонем, ки қасида аз Рӯдакист.

2. Аксари муаллифон ва тазкиранависон, ки ин қасидаро дар китобҳои худ овардаанд, онро ба Рӯдакӣ мансуб медонанд.

3. Дар девони комили Муъизӣ, ки тавассути донишманди эронӣ Иқболи Оштиёнӣ бо нусхаҳои хаттӣ муқобалашуда ва нашршудаи ин қасида мавҷуд нест.

Низомии Арӯзӣ пас аз зикри таъсири қасидаи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ чунин баҳои баланд додааст: «Вал-ҳақ он бузург бад-ин таҷаммул аронӣ бувад, ки ҳанӯз ин қасидаро кас ҷавоб нагуфтааст, ки маҷоли он надидаанд, ки ин мазоиқ озод тавонад берун омад»[12]

Донишманди маъруфи эронӣм Бадеъуззамон Фурӯзонфар ба қасидаи Рӯдакӣ чунин баҳои баланд додааст:«Қасидаи мазкур латофату равонӣ ва дар ҳамин ҳол ҷазолату матонати хоссе дорад, бо надоштани маънии дақиқ гуфтани мисли ӯ душвор ва мутанеъ аст»[9]

Қасидаи«Бӯйи ҷӯйи Мӯлиён» ба қавли доктор Муҳаммад Муъин бо сабабҳои зерин афзалияту бартарӣ дорад:

-Равонӣ ва вазни он-баҳри рамали мусаддаси макфуфи маҳзуф, (фоъилотун-фоъилотун-фоъилун);

-Ба муносибати кӯтоҳ будани баҳр ва овардани ду калимаи радифи «ояд ҳаме» абёти он бар шумораи маҳдуде аз калимот (дар ҳудуди даҳ калима) муштамил аст ва аз ин заҳмате беш дар овардани калимаҳои муносиб аз ганҷинаи хотир мутаҳаммил нахоҳад буд;

-Соддагии мавзӯи абёти он ки дар ҳақиқат гирди ин чанд калима давр мезанад:«Шоҳ ба Бухоро меояд» ва зоҳиран, метавон ҳар мавзӯи содаи дигарро ба ҷойи он гузошт, мавриди таваҷҷуҳ ва татаббуъи ояндагон қарор гирифта ва ҷуз Муъизӣ, ки худ суханшинос буда, дигарон ҷанбаи «саҳл»-ро дида, аз хоссаи «мумтанеъ»-и он ғафлат варзида ва бадном гардиданд;[7] Низомии Арӯзӣ дар бораи қасидаи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ ҳақ доштааст, ки бигӯяд:«кӣ тавонад гуфтанбад-ин узубӣ, ки ӯ дармадҳ ҳамегӯяд дар ин қасида:

Офарину мадҳ суд ояд ҳаме,
Гар ба ганҷ андар зиён ояд ҳаме.

В-андар ин байт аз муҳосин ҳафт санъат аст: аввал-мутобиқ, дуввум-мутазод, саввум-муродиф, чаҳорум-баёни мусовот, панҷум- узубат, шашум-фасоҳат, ҳафтум- ҷазолат ва ҳар устоде, ки ӯро дар илми шеърӣ табаҳҳуре аст, чун андаке тафаккур кунад, донад, ки ман дар ин масибам»

Эдвард Браун дар «Таърихи адабиёти Эрон»-и худ навиштааст: «Эрониён ақоиди мухталиф дар сабки ин қасида ва некӯии он доранд, Низомии Арӯзӣ аз он таҳсин мекунад».

1. Давлатшоҳи Самарқандӣ дар «Тазкират-уш-шуъаро»-и худ пас аз сабти шаш байт аз қасидаи Рӯдакӣ навишта: «Ин қасидае аст тавил, эроди маҷмӯъи онро ин китоб таҳаммул наоварад. Гӯянд амирро ин қасида ба хотир чунон мулоим афтод, ки мӯза дар пой накарда савор шудва азимати Бухоро намуд. Уқалоро ин ҳолат ба хотир аҷиб менамояд, ки ин назме аст сода ва саноеъ ва балоеъ ва матонат орӣ чӣ агар дар ин рӯзгор суханваре мисли ин дар маҷлиси салотин ва умаро арз кунад, мустаҷиби инкори ҳамагон шавад. Аммо мешояд, ки чун устодро дар тору мусиқӣ вуқуфи тамом буда ва қавлею таснифе сохта бошад ва бо оҳанги оғонӣ ва соз ин шеърро арза карда ва дар маҳали қабул афтода бошад».[12]

Аз ин иқтибосҳо аён мегардад, ки шеъри олӣ дар назари Давлатшоҳи Самарқандӣ назме аст, ки аз саноеъ ва бадоеъ ғанӣ бошад ва ин гуна назму наср аз замони истилои туркони салҷуқӣ ва хоразмшоҳӣ, ки ба дақоиқ ва нукоти борики адаби форсӣ вуқуф надоштанд ва фақат фирефтаи алфози тумтароқ ва анҷоми иборат мешуданд, ривоҷ ёфт. Бинобар ин, муаллифи «Тазкират-уш-шуъаро»ҳақ доштааст, бигӯяд, ки агар шеъри назири қасидаи Рӯдакӣ дар асри ӯ дар маҷлиси салотин ва умаро арз шавад, муҷиби инкори ҳамагон хоҳад гардид. Бо вуҷуди ин, Давлатшоҳи Самарқандӣ дар охири суханаш узр хостааст:«Алқисса устодро инкор нашояд ард, ба муҷарради ин сухан, балки ӯро дар фунуни улум ва фазоил вуқуф аст».[8]

Бояд хотиррасон намуд, ки нахустин касе, ки ба қасидаи Абӯабдуллоҳ Рӯдакӣ назира навишт, Амир Муъиззӣ аст. Дар ин бора Низомии Арӯзӣ навиштааст: «Ва аз узбгӯён ва латифтабъони Аҷам амирушшуъаро Муъиззӣ буд, ки шеъри ӯ дар тарбусаъиди Ҳинду ибни Ҳиндуи Исфаҳонӣ аз вай дархост кард: «Он қасидаро ҷавоб гӯй». Гуфт: «Натвонам». Илҳоқ кард, чанд байт бигуфт, ки як байт аз он байтҳо ин аст:

Рустам аз Мозандарон ояд ҳаме,
Зайнмулк аз Исфаҳон ояд ҳаме.[10]

Ҳамаи хирадмандон донанд, ки миёни ин сухан ва он сухан чӣ тафовуте ҳаст».

Аз қасидаи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ҳафт байт боқӣ мондааст, вале аз қасидаи Муъиззӣ фақат ҳамон байти матлаъ ба мо расидааст. Аз девони чопи Амир Муъиззӣ, ки тавассути донишманди варзида оқои Иқбол аз рӯйи се нусха муқобала ва тасҳеҳ шуда, ин байт ва қасидаи он мавҷуд нест ва ҳатто дар тамоми девони бузурги ин гӯянда фақат як қасида дар васфи Зайнмулк Абусаъид бинни Ҳинду сабт аст, ки дар он ҷо гуфта шудааст:

Гузин шамси дин Зайнулмулки салотин,
АҷалсаъдидавлатАбусаъидҲинду.

Аз ин ба назар мерасад, ки Амир Муъиззӣ худ аз қасидае, ки ба истиқболи устод Рӯдакӣ сохта, норозӣ буда, онро дар ҷузъи ашъори дигари худ наовардааст.

Илова ба фазилати тақаддуми устод Рӯдакӣ, ки ба қавли қудамо «фазл пешинрост», бартарияти матлаъи қасидаи вай бар матлаъи Муъиззӣ аз ҷиҳатҳои зерин ҳувайдо мешавад:

-Матлаъи қасидаи устод Рӯдакӣ дорои хоссаи мавозана аст;

Бӯйи ҷӯйи Мӯлиён ояд ҳаме,
Ёди ёри меҳрубон ояд ҳаме.

Вале Амир Муъиззӣ аз ин имтиёз ғафлат карда, гуфтааст:

Рустам аз Мозандарон ояд ҳаме,
Зайнмулк аз Исфаҳон ояд ҳаме.

2. Абуабдуллоҳ Рӯдакӣ аз сурудани қасида манзури базмӣ дорад, на размиву на ҳамосӣ ва мехоҳад Амир Насрро баргаштан ба Бухоро барангезад ва дили ӯро такон диҳад. Он ҷо маҳалли гурзу майдон нест, ҷойи фароғат ва осоиш аст, вале Муъиззӣ аз ин чиз бехабар монда ё қасдан онро ба гунаи размӣ дароварда ва натиҷаи матлаъи вай Рустам, Деви сафед, Кайковус ва ҷанги Мозандаронро аз «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ ба хотир меоварад.

3. Ҳар як ду мисраи устод Рӯдакӣ муштамил аст, бар бахше аз манзури базмии вай:

Бӯй дилкаш-бӯйи Мӯлиён,
Ёди дилангез-ёри меҳрубон.

Аммо дар мисраъҳои Амир Муъиззӣ қарину муродифӣ каманд, зеро Зайнулмулк ба Рустам ташбеҳ шуда ва Исфаҳон ба Мозандарон ва ба муносибати иштимоли мисраъи аввал бар тамсили муродифи онро ба мисраи дуввум ба қавли Низомии Арӯзӣ: «Чандон фазилат ва раҷҳон аст, ки «Қулҳу валлоҳу аҳад»-ро бар «Табат ядо Абилаҳаб...»»

Пас ғайр аз Амир Муъиззӣ шуъарои дигар низ бар қасидаи устод Рӯдакӣ пардохтанд, аз ҷумла Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ, ки дар «Куллиёти Шамси Табрезӣ»ғазале ба истиқболи устод Рӯдакӣ сурудааст:

Бӯйи боғу гулистон ояд ҳаме,
Бӯйи ёри меҳрубон ояд ҳаме.
Аз нисори гавҳари ёрам маро,
Оби дарё то миён ояд ҳаме.
Бо хаёли гулситонаш хорзор,
Нармтар аз парниён ояд ҳаме.
Ҷузъи қаблиро зи матбаххои ҷон,
Лаҳза-лаҳза бӯйи нон ояд ҳаме.
Аз дару деворҳои кӯйи дӯст,
Ошиқонро бӯйи ҷон ояд ҳаме.
Як вафо меору мебар сад ҳазор ,
Инчунинро ончунон ояд ҳаме.
Ҳар кӣ мирад пеши рӯйи нақши дӯст,
Нобимурда дар ҷинон ояд ҳаме.
Корвон аз ғайб меояд яқин,
Лек аз зиштон ниҳон ояд ҳаме.
Хубрӯён назди зиштон кай раванд,
Булбул андар гулистон ояд ҳаме.
Паҳлӯи наргис бирӯяд ёсуман,
Гулба ғунча нӯш даҳон ояд ҳаме.

Ин ҳама рамз аст мақсуд он бувад,
К-он ҷаҳон андар макон ояд ҳаме.
Ҳамчу равған дар миёни ҷони шир,
Ломакон андар макон ояд ҳаме.
В-аз барои ишқ он к-аз шарҳ нест,
Ҷуз ҳамин гуфтан, ки он ояд ҳаме.
Беш аз ин гуфтан тавон шарҳаш вале,
Аз сӯйи ғайрат нишон ояд ҳаме.
Тан занам, зеро ки ҳарфи мушкилаш,
Ҳар касеро сад гумон ояд ҳаме.

Аз муқоисаи ашъори боло бо чакомаи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ба чунин хулоса омадан мумкин аст:

1. Қасидаи устод Рӯдакӣ чунонки гуфта шуд, қасидае аст, базмӣ, дар сурате, ки ашъори боло ирфонӣ ва аз назари мавзӯъ байни онҳо ду ихтилоф;
2. Мавлавӣ мисраъи дуввуми матлаъи устод Рӯдакиро айнан дар матлаъи ғазали худ тазмин ва ҳамчунин дар мисраъи дуввуми байти дуввум «то миён ояд ҳаме»-ро аз мисраъи «хинги моро то миён ояд ҳаме» иқтибос кардааст;
3. Истеъмоли таркиботе, ба мисли «инчунинро ончунон ояд ҳаме», «номбурда дар ҷинон ояд ҳаме», «ҷуз ҳамин гуфтан, ки он ояд ҳаме» бақавли доктор Муъин «фоқиди анҷом аст ва хушоянди ақли солим»[10].
4. Мавлавӣ ғазали худро бо «бӯйи боғу гулистон» ва ишқи «ёри меҳрубон» оғоз мекунад ва матни ғазалаш бад-ин ду мавзӯъ бахшидааст, пас овардани байте ба монанди:

Ҷӯйи қалбиро зи матбаххои ҷон,
Лаҳза-лаҳза бӯйи ҷон ояд ҳаме.

боиси берун рафтан аз ҳадафи аслӣ мебошад.

5. Байтҳои саввум, панҷум ва шашум бисёр нағзу пурмағз омадааст;
6. Маҷмӯи ғазал аз назари мафҳуми олӣ, ки мақсуди шоир аст, яъне «ғунҷидани ҳақиқати олами маънӣ дар ҷаҳони моддӣ» бисёр бартар аз мафҳумҳои оддии қасидаи устод Рӯдакӣ аст. Маълум аст, ки Мавлавӣ чандон пойбанди қавонуни адабӣдар назм набуда ва ҳатто баъзан мавридҳо дар қофияҳо, ки аз воҷиботи шеър аст, дидаву дониста риоя намекунад ва мегӯяд:

Қофия андешаму дилдори ман,
Гӯяндам мандеш ҷуз дидори ман.
Ҳарфу савту гуфтробарҳам занам,
То ки бе ин се бо ту дам занам.

Аз ин ҷо мебарояд, ки Мавлоно Ҷалолуддин дар гуфтани ҷавобия дар пайравии қасидаи «Бӯйи ҷӯйи Мӯлиён» муваффақ шудааст.

Баъд аз Мавлоно низ шоирони дигари порсигӯ дар ин ҷода қувваозмоӣ намудаанд. Аз ҷумла, суханвари эронӣ Ғулом Ҳусайн мутахаллис ба Ҳайрат ва маъруф ба Ашрафӣ аз умаро шуъарои аҳди Носириддиншоҳи Қоҷор (1264-1313) қасидаи зерро дар татаббӯъи қасидаи «Бӯйи ҷӯйи Мӯлиён»-и устод Рӯдакӣ сурудааст:

Чунки боди Ҷоҷрӯд ояд ҳаме,
Ашк аз чашмон чу рӯд ояд ҳаме.
Оби чашм сад раҳ аз Ҷайҳун гузашт,
Аз фироқаш гарчӣ зуд ояд ҳаме.
Дил чу уд аст сина миҷмар шуд зи ҳаҷр,
Оҳ бингар, ҳамчу дуд ояд ҳаме.
Дар ҳазизи ҳаҷр аз дурии шоҳ,
Монда то гоҳе саъуд ояд ҳаме.
Тир мижгон, теғ-абрӯ, рух-сипеҳр,
Зулф бар сар ҳамчу худ ояд ҳаме.
Дар машомам аз насими зулфи ӯ,
Солҳо шуд бӯйи уд ояд ҳаме.
Мушк даъво мекунад сӯйи дилам,
Бояд ӯро оҷ муд ояд ҳаме.
Гар бибандад сару абрӯи туро,
Дар рукӯъу дар суҷуд ояд ҳаме.

Гар хиромӣ пеши ӯ дар бӯстон,
То қиёмат дар қуъуд ояд ҳаме.[3, 60]

Дар қасидаи боло нуктаҳои зер қобили таваҷҷуҳ аст:

1. Он чи дар бахши матлаъи қасидаи Амир Муъиззӣ гуфта шуд, дар мавриди матлаъи ин қасида рост меояд;
2. Дар қофияҳо қасидаи болобар хилофи қасидаи мавриди татаббӯъ (Рӯдакӣ) ва қасидаи Муъиззӣ ба ҷойи (алиф ва нун) (вов ва дол) ба кор рафтааст;
3. Шоир дар байти дуввум мехоҳад бигӯяд: «Маъшуқ ҳарчанд зуд аз сафар баргардад, боз чун тоқати ҳаҷри ӯро надорам, мудом мегирям», вале ин қолаби мафҳумро дар қолаби алфоз рехта, ки мувофиқи завқ ва табъи солим нест;
4. Истеъмоли калимаи «ҳазиз» дар байти чаҳорум бо дигар калимаҳо номутаносиб аст, ҳарчанд, ки хоста ат онро бо «саъуд» муқобала кунад, мафҳуми байти мазкур низ омиёна аст;
5. Ташбеҳи «зулф» ба «худ» дар байти панҷум аз ибтикороти аҷиби гӯянда аст;
6. Истеъмоли «сӯйи дилам» дар байти ҳафтум дуруст нест, чи агар гӯянда мехоҳад бигӯяд: «мушке даъвои ҳамсарӣ бо бӯйи зулфи ёр дорад ва ин даъворо бо дили ман дар миён ниҳода». Мебоист гуфта бошад, даъво мекунад, ки назди дилам, илова бар ин ки ин даъво махфӣ аст;
7. Истеъмоли ду феъли мутаволӣ (озмуд-ояд) ҳам нобаҷо аст, чӣ «ояд» на аз афъоли муайян аст ва на аз одати таъкид ва лаёқат (бояду шояд) агар ҳам «озмуд» марҳами фарз шавад, боз феъли «ояд» зоид аст;
8. Танҳо лутфи ин қасида дар байти ҳафтум ба кор рафтааст.

Адабиётшинос Шиблии Нӯъмонӣ дар «Шеър-ул-Аҷам» навиштааст: «Дар ин замони мо муаллими мадрасаи Алигарҳ аз Мирсайиди марҳум хостаанд, ки сипосномае ба Османчоҳ-вазири раёсати Ҳайдарободи Дакан, ки ба Алигарҳ меояддар қасидае гӯяд, ки муносибате дар он бувад ва ӯ хитоб ба Осмончоҳ қасидае суруда, ки абёти он ин аст:

Ҳамчунон бошем гарми гуфтугӯ,
Қосид аз дар ногаҳон ояд ҳаме.
Афканад шӯри муборакбоду пас,
Ин ҳадисаш бар забон ояд ҳаме.
Осмончоҳ аз суйи мулки Дакан,
Ҷониби Ҳиндустон ояд ҳаме»[65]

Агарчӣ ин қасидаи мазкур ҷуз ҳамин се байт дар дасти мо нест, вале аз ҳамонҳо появу мояи гӯяндаро нек тавон шинохт:

-Агар мехостааст, алфози мутаорифро дар қолаби вазни куҳан истеъмол кунад, дигар намебоист гуфта бошад: «ин ҳадисаш дар забон ояд ҳаме», киба гуфтори пешиниён монанд аст;

-Магар мулки Дакан ҷузви Ҳиндустон нест, ки Осмончоҳ аз сӯйи мулки Дакан ба ҷониби Ҳиндустон меояд;

-Аз азари куллӣ ин абёт нисбат ба ашъори мутааххирин бештар мавриди таваҷҷуҳ тавон буд.

Адабиётшинос ё суханваре, ки ба қасидаи устод Рӯдакӣ назира гуфтааст, устод Садриддин Айнӣ мебошад. Шиносои Садриддин Айнӣ бо осори Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ пеш аз инқилоби Бухоро ба вуқӯъ пайваста буд. Аз ин пайванди рӯҳонӣ ва маънавии ду мутафаккири бурург як ғазали пеазинқилобии Садриддин Айнӣ, ки чун назира ба қасидаи «Бӯйи ҷӯйи Мӯлиён» навишта шудааст, гувоҳӣ медиҳад. Ғазали истиқболии Садриддин Айнӣ ин аст:

Бод имшаб мушкбор ояд ҳаме,
Гӯйӣ, аз кӯйи нигор ояд ҳаме.
Вақти он ояд кушояд дил зи ғам,
К-аз чаман бӯйи баҳор ояд ҳаме.
Лола чун лаъли лаби ҷонон ба чашм,
Оташину обдор ояд ҳаме.
Мушковар боди анбарбӯ шамол,
Аз ямину аз ясор ояд ҳаме.
Хуш бувад хоро канори обшор,
Ёр ҳам гар дар канор ояд ҳаме.
Сояи беду шамоли Шаҳррӯд,

Табъи касро созгор ояд ҳаме.
Реги Ҷӯгихонаро абр об зад,
Бар дил аз вай кай ғубор оядҳаме.
Оби ҷӯйи Қалуқону Тавсанак
З-оби Кавсар хушгувор ояд ҳаме.
Дар ғамам имсол, Айнӣ, з-ин ғазал,
Ёди шодиҳои пор ояд ҳаме.[3]

Ин ду ғазалро адабиётшиноси тоҷик Қиёмиддин Сотторӣ мавриди баррасӣ ва таҳлил қарор додааст. Ӯ менависад, ки ғазали Садриддин Айнӣ пеш аз ҳама аз ҷиҳати таърихият ҷолиби таваҷҷуҳ буда, мазмуни васфиҳолӣ дорад. Агар ғазали мазкурро то мақтаъ бодиққат хонда, бароем, ба назари аввал чунин менамояд, ки гӯё шоир аз манзараҳои зебои табиат ба ваҷд омада, таассуроти худро бевосита ба риштаи назм кашидааст. Аммо вақте мақтаъи ғазалро:

Дар ғамам имсол, Айнӣ,з-ин ғазал,
Ёди шодиҳои пор ояд ҳаме...

мехонад, ақидааш тағйир меёбад, чунки ин байти охир, ки онро ҳусни мақтаъ меноманд, баёнгари он аст, ки Садриддин Айнӣ як сол пеш аз таърихи иншои ин ғазал дар фасли баҳор атрофи Бухороро сайру саёҳат карда,пас аз як сол ба мусибате гирифтор шудааст. Ин мусибати ба мо номаълум сабаби зиндашавии таассуроти порсоли шоир ва боиси таълифи ин шеър гардидааст. Агар санаи навишта шудани ин ғазал маълум мебуд, боз ду лаҳзаи ҳаёти Садриддин Айнӣ: таърихи сайру саёҳат ба атрофи Бухоро ва пас аз як сол мусибату андӯҳи ба сараш омадаро муайян кардан муяссар мегардид. Вале, мутаассифона, таърихи иншои ин шеър номаълум аст ва таҳқиқу равшан сохтани ин масъала кори ояндаро талаб мекунад ва мо ба ҳамин маълумот иктифо мекунем ва ба сари масъалаи асосӣ бармегардем.

Ғазали устод Айнӣ назира ба қасидаи машҳури устод Рӯдакӣ-«Бӯйи ҷӯйи Мӯлиён» аст. Шеъри инқилобияи устод Айнӣ аз ҷиҳати адади байт (9 байт), тарзи қофиябандӣ ва овардани тахаллус ба жанри ғазал тааллуқ дорад. Ғазал будани шеъри мазкурро худи муаллиф дар мақтаъи шеър қайд кардааст. Вале порчаи боқимондаи шеъри устод Рӯдакиро аксари олимони адабиётшинос ташбиб ё насиби қасидаи мадҳия донистаанд.

Назираи устод Айнӣ аз ҷиҳати шакл дар вазни арӯз (рамали мусаддаси макфуфи маҳфуз), радиф (ояд ҳаме) бо қасидаи устод Рӯдакӣ мувофиқат карда, бо тарзи қофия фарқ мекунад. Қофияи ғазали устод Айнӣ: ор (баҳор, нигор) аз ҳангоми мусибат эҷод шуданаш зоҳиран ба шеър тобиши маҳзунӣ бахшидааст, аммо қофияи қасидаи устод Рӯдакӣ:-он, -ён (Мӯлиён, меҳрубон...) буда, оҳанги мутантан ва шукуҳро ифода мекунад.

Дар бораи мундариҷа ҳам як қатор умумият ва фарқ дар байни ин ду шеър вуҷуд дорад. «Мазмуни марказӣ ва ғоявию тематикии қасидаи устод Рӯдакиро як мавзӯъ-васфи Ватан, як образ-образи амир ва як пафоси идеявӣ-баланд бардоштани шавкату ҳашамати давлати мутамаркази Сомониён ташкил намояд, ва маркази композитсионии қасида дар атрофи як масъала-Бухоро ғун гардида бошад».[3]

Мавзуи ғазали ҷавобияи Садриддин Айниро низ васфи ҳамон макон ташкил дода, шоир маркази композитсионии шеъри худро дар атрофи ягон образи мушаххас гирд наовардааст. Доираи тасвири Айнӣ нисбат ба устод Рӯдакӣ хеле фарох буда, макони васфи шоири ғиносаро (лирик) гоҳо боди мушковару баҳори хушранг, санги хораи соҳилу покии реги мавзеъи Ҷӯгихона, гоҳо ҳаловати зери беди Шоҳрӯд ва хушгувориҳои оби ҷӯйҳои Қаллуқону Тавсанак гардидаанд. Дар ин мавред доманаи тасвири устод Рӯдакӣ хеле васеъ мебошад ва аз шаҳри Бухоро то рӯди Ҷайҳунро дар бар мегирад.

Ғазали ҷавобияи устод Айнӣ бошад, хусусияти ғиноии манзаравӣ дошта, шоир бо камоли маҳорату устодӣ тасвирҳои барҷаставу тару тоза, лавҳаҳои зебои табиати атрофи Бухороро ба таҳрир кашидааст. Ҳар ду шеър бо интихоби ашёи васфшаванда умумият доранд. Масалан, дар қасидаи устод Рӯдакӣ реги Ому (рӯди Ҷайҳун) мавриди тавсиф қарор гирифта, дуруштиҳои он ба парниён ташбеҳ шуда бошад:

Реги Омую дурушти роҳи ӯ,
Зери поям парниён ояд ҳаме.

устод Айнӣ низ реги мавзеи Ҷӯгихонаи Бухороро тасвир карда, беолоишӣ ва покизагии онро васф кардааст:

Реги Ҷӯгихонаро абр об зад,
Бар дил аз вай кай ғубор ояд ҳаме.

Ё ин ки агар устод Рӯдакӣ аз бӯйи хуши Ҷӯйи Мӯлиён сухан ронад:

Бӯйи ҷӯйи Мӯлиён ояд ҳаме,
Ёди ёри меҳрубон ояд ҳаме.

Устод Садриддин Айнӣ бошад,шириниву хушгувории оби ҷӯйҳои Қаллуқону Тавсанаки атрофи Бухороро гӯшзад менамояд:

Оби ҷӯйи Қаллуқону Тавсанак,
З-оби Кавсар хушгувор ояд ҳаме.

Адабиётшиноси маъруфи рус, профессор Е.Э. Бертелс дар бораи суннати назирасароӣ дар таърихи адабиёти форсу тоҷик сухан ронда, моҳияти ин масъаларо дурусту аниқ муайян карда, шарҳу тафсир намудааст: «...назираро тақлид гуфта, тасаввур кардан мумкин нест, чунки моҳияти асосии ин масъала дар тақлид набуда, балки бо он навигарӣ вобаста аст, ки шоир ба мавзӯъ ворид мекунад. Илова ба чунин тағйирот комилан ба дигаргун шудани тамоми консепсия гирифта мебарад»[5]

Ин гуфтаҳои болоро назираи устод Айнӣ ва қасидаи устод Рӯдакӣ камилан тасдиқ мекунанд. Агар консепсияи умумии қасидаи «Бӯйи ҷӯйи Мӯлиён»-ро мадҳ ташкил намояд, устод Айнӣ дар шеъри худ ба он пайравӣ карда, чӣ дар мундариҷа ва чӣ дар шакл навоварӣ ворид кардааст. Ин навангезии устод Айнӣ ба он оварда расонидааст, ки консепсияи мадҳии касидаи устод Рӯдакӣ ба косепсияи тасвири аз зебоиҳои табиат ва хушгузаронии ҳаёт, ғанимат донистани умр табдил ёбад.

Қайд кардан бамарид аст, ки дар адабиёти муосир назираҳои беҳтаринро ба қасидаи «Бӯйи ҷӯйи Мӯлиён» шоирони маъруфи тоҷик: Пайрав Сулаймонӣ ва Лоиқ Шералӣ сурудаанд, ки ҳусну қубҳи ашъори онҳо баррасии вижаеро тақозо дорад.

Дар фароварди калом, гуфтан мумкин аст, ки қасидаи «Бӯйи ҷӯйи Мӯлиён» аз он шаҳодат медиҳад, ки устод Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ шоири бузургу тавоно ва поягузори адабиёти оламгири форсӣ мебошад ва гуфтаи Низомии Арӯзии Самарқандӣ ба ҳақиқат наздик меояд.....

**АДАБИЁТ:**


1. Айнӣ С. Қаҳрамони халқитоҷикТемурмалик. Очерки адабӣ-таърихӣ. Сталинобод, 1944.
2. Айнӣ С. Восифӣ ва хулосаи «Бадоеъ-ул-вақоеъ». Душанбе, 1956.
3. Айнӣ С.Ёддоштҳо. Куллиёт, ҷ. 6–7. Душанбе, 1962–1963.
4. Бартольд В.В. Туркестан в эпоху монгольского нашествия, ч. 1. Тексты. СПб.,1898.
5. Бертельс Е.Э. История персидско-таджикской литературы, М., 1960 (Избр. труды).
6. Мирзоев, А. Абӯабдулло Рӯдакӣ / А. Мирзоев.- Сталинобод: Нашрдавтоҷ, 1958. - 397 саҳ.
7. Мирзоев, А. Рӯдакӣ ва инкишофи ғазал дар асрҳои X-XY / А. Мирзоев. // Сездаҳ мақола.– Душанбе: Ирфон, 1977. - 288 саҳ.
8. Муҳаммад Муъин. Қасидаи Рӯдакӣ ба истиқболи гӯяндагон. Маҷаллаи «Ошно», обон, 1371, шумораи ҳафтум. саҳ. 39-43.
9. Рӯдакӣ, А. Девон - Душанбе: Олмотӣ, 2007. – 256 саҳ.
10. Табаров С. Тазмини пайрав ба қасидаи Рӯдакӣ, Ахбороти АФ РСС Тоҷикистон, 1977, № 2, саҳ. 65.


**Шокириён М.**

**ВЗГЛЯД ЛИТЕРАТУРОВЕДОВ О СТИХОТВОРЕНИИ РУДАКИ И ЕГО СОРАТНИКОВ**

В статье автор останавливается на известном стихотворении Рудаки, и обстоятельствах его написания, а также комментирует его содержание и психологическое воздействие на публику, использование искусства и красноречие поэта. Автор также упоминает стихи, которые были прочитаны под влиянием и вслед за поэмой Рудаки, и каждое из них оценивается с точки зрения различных литературных и художественных ценностей и посвящено высоким и уникальным человеческим способностям.

***Ключевые слова:*** *стихотворение, литература, поэт, художественное воображение, поэтическое видение, мысль, сравнение, аналогия, искусство, риторика.*

**Shokiriyon M.**

**LITERATURE'S VIEW ABOUT RUDAKI'S POEMS AND HIS COMPANIES**

In the article, the author dwells on the famous poem by Rudaki, real time and the circumstances of its writing, and also comments on its content and psychological impact on the public, the use of art and the poet's eloquence. The author also mentions poems that were read under the influence of and following Rudaki's poem, and each of them is evaluated in terms of various literary and artistic values and is dedicated to high and unique human abilities.

**Key words:** *poem, literature, poet, artistic imagination, poetic vision, thought, comparison, analogy, art, rhetoric.*

**Информация об авторе:** Шокириён М. Старший приподователь кафедры таджикских и русских языков Иинститут туризма, предпринимательства и сервиса. Тел:907909062
**Information about the author:** Shokiriyon M. Senior lecturer at the department of tajik and russian languages Institute of tourism, entrepreneurship and service. Tel: 907909062

**САТОРОВА М.К.**

## ТАЪСИРИ ФАЪОЛИЯТИ ҲУҚУҚӢ БА ТАШАККУЛИ ШУУРИ ҲУҚУҚИИ КӮДАК

Фаъолият ба омил зич алоқаманд аст ва бе он вуҷуд дошта наметавонад. Амал ба ҳадафҳои субъект мутобиқ аст. Фаъолияти ҳуқуқӣ системаи мураккаби амалҳои ба ҳам вобастаро дар бар мегирад. Масалан, рафтори қонунӣ дар ҳаёти оилавӣ риояи маҷмӯи меъёрҳои ҳуқуқиро талаб мекунад. Ҳар кадоме аз ин меъёрҳо амалҳои ҳуқуқии алоҳидаро муайян менамояд. Ҳуқуқу уҳдадориҳои аъзои оила аз асосҳои пешбининамудаи Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба вуҷуд меоянд. Масалан, дар моддаи 7-и Кодекси мазкур муқаррар шудааст, ки ҳуқуқи худро амалӣ намудани аъзоёни оила ва иҷрои уҳдадориҳояшон набояд ҳуқуқу озодӣ ва манфиатҳои қонунии аъзоёни дигари оила ва дигар шаҳрвандонро вайрон намояд [4, с.6]. Дар моддаи 17-и Кодекси мазкур омадааст, ки шавҳар ҳуқуқ надорад ҳангоми ҳомиладории зан ва дар давоми якуним соли пас аз таваллуди кӯдак бе розигии зан ба суд оиди бекор кардани ақди никоҳ даъво пешниҳод намояд [3, с.9].

Ҳуқуқи кӯдакони ноболиғ дар боби 11-и Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар шудаанд [3, с.17-19]:

- ҳуқуқи кӯдак барои зиндагӣ ва тарбия дар оила (моддаи 55-и Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон), ки бандҳои зеринро дар бар мегирад: а) ҳуқуқи зиндагӣ ва тарбия дар оила; б) ҳуқуқи ғамхорӣ аз тарафи падару модар; в) ҳуқуқи то қадри имкон донистани падару модари худ; г) ҳуқуқи зиндагии якҷоя бо падару модари худ; ғ) ҳуқуқи таъмини манфиатҳои худ; д) ҳуқуқи тарбия аз тарафи падару модари худ;
- ҳуқуқи кӯдак барои муошират бо падару модар ва дигар хешу ақрабо (моддаи 56);
- ҳуқуқи кӯдак ба ҳимоя (моддаи 57);
- ҳуқуқи кӯдак барои озодона изҳор намудани фикри худ (моддаи $57^1$);
- ҳуқуқи кӯдак ба доштани насаб, ном ва номи падар (моддаи 58);
- ҳуқуқи молумулкии кӯдак (моддаи 60), ки бандҳои зеринро дар бар мегирад: а) ҳуқуқи гирифтани таъминот; б) ҳуқуқи моликият; в) ҳуқуқи ихтиёрдории молу мулки таҳти моликияташ қарордошта. Дар ин замина Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд” ҳуқуқу уҳдадориҳои падару модарро дар таълиму тарбияи фарзанд муқаррар менамояд. Масалан, боби 2-и Қонуни мазкур, ки ҳуқуқ ва уҳдадориҳои падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд номгузорӣ шудааст, муқаррароти зеринро дар бар мегирад [6, с.3-4]:
- баробарии ҳуқуқ ва уҳдадориҳои падару модар (моддаи 6);
- ҳуқуқи падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд (моддаи 7);
- уҳдадориҳои падару модар дар тарбияи фарзанд (моддаи 8);
- уҳдадориҳои падару модар дар таълими фарзанд (моддаи 9).

Мазмуни асосии Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд”-ро уҳдадориҳои падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд ташкил менамояд. Уҳдадории падару модар аз он иборат аст, ки онҳо бояд тамоми донишу малакаи худро барои тарбияи дурусти фарзандон равона намоянд ва тамоми восита ва шароитро муҳайё созанд, ки фарзандонашон бештар ба донишандӯзӣ ва азхудкунии касбу ҳунар машғул бошанд. Масалан, дар моддаи 6-и Қонуни мазкур омадааст, ки падару модар, новобаста ба он ки якҷоя ё ҷудо зиндагӣ мекунанд, дар таълиму тарбияи фарзанд ҳуқуқ ва уҳдадориҳои баробар доранд, ба истиснои ҳолатҳои пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон. Дар баробари ин, Қонуни мазкур уҳдадории мақомоти давлатӣ ва ташкилоту муассисаҳоеро, ки масъалаҳои таълиму тарбияи фарзандонро танзим мекунанд, муқаррар намудааст (боби 4). Инчунин баъзе чораҳои дигар низ пешбинӣ гардидаанд, ки онҳо фақат ба манфиати наврасону ҷавонон равона шуда, барои пешгирӣ намудани онҳо аз таъсири ҳар гуна зуҳурот ва амалҳои

номатлуб мусоидат менамоянд. Вобаста ба ин, пешбинӣ шудааст, ки падару модар баъди таваллуди фарзанд ӯро ҳатман аз қайди давлатии сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ гузаронанд. Илова бар ин, барои ноболиғон тамошои филмҳо ва бозиҳои компютерӣ, ки хусусияти зӯроварӣ, экстремистӣ, террористӣ ва ғайриахлоқӣ доранд ва дар вақти шабона рафтани онҳо ба марказҳои дилхушӣ қатъиян манъ гардидааст. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбия фарзанд" аз дигар қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон куллан фарқ дошта, мақсади асосии он пурзӯр намудани масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд ва пойдории оила мебошад. Зимнан, Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин меъёрҳоеро пешбинӣ менамояд, ки ба ҳифзи манфиатҳои кӯдакон ва баланд бардоштани масъулияти падару модарон дар тарбияи фарзандон равона шудаанд. Дар моддаи 34-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар шудааст, ки модару кӯдак таҳти ҳимоя ва ғамхории махсуси давлатанд. Падару модар барои тарбияи фарзандон ва фарзандони болиғу қобили меҳнат барои нигоҳубин ва таъмини падару модар масъуланд. Давлат барои ҳифзи кӯдакони ятим, маъюб ва таълиму тарбияи онҳо ғамхорӣ менамояд [5, с.8].

Инчунин, Конвенсия дар бораи ҳуқуқи кӯдак ҳуқуқи асосии кӯдак ва уҳдадориҳои падару модар ва давлатро дар бобати дуруст ба роҳ мондани тарбияи кӯдакон муқаррар намудааст. Тибқи моддаи 3-и ҳамин Конвенсия, давлатҳои аъзо уҳдадор мешаванд, ки бо дарназардошти ҳуқуқу вазифаҳои падару модари кӯдак, сарпарастон ё дигар шахсони мутобиқи қонун барои ӯ масъул, ба кӯдак чунин ҳимоя ва ғамхориеро таъмин намоянд, ки барои некӯаҳволии ӯ зарур мебошад ва бо ин мақсад тамоми тадбирҳои дахлдорро андешанд [4, с.3].

Фаъолият, ба андешаи А.Н. Леонтев, ҷанбаи ҳадафнок ва ҷанбаи амалӣ дорад [7, с.107]. Муҳаққиқ, ба ғайр аз фаъолияти бо ҳадаф муайяншаванда, дар таркиби фаъолият тарзҳои иҷрои онро, ки мувофиқи шароит муайян мегарданд, ҷудо намуда, ин тарзҳоро “амалиёт” номидааст. Ҳадафҳои фаъолияти ҳуқуқӣ бетағир боқӣ мемонанд, вале шартҳои он тағир меёбанд. Дар ин ҳолат таркиби амалиётии фаъолият дигар мешавад. Ташаккули шуури ҳуқуқии кӯдаки дар оилаи солим ва ташаккули шуури ҳуқуқии кӯдаки дар оилаи носолим тарбиягирандаро ба ин мисол овардан мумкин аст. Ҳадаф як аст: ташаккули шуури ҳуқуқии кӯдак. Лекин шароит тамоман дигаранд. Масалан, ҳадафи худмудофиа ҳифзи ҳаёт, саломатӣ ва шаъну шарафи инсон аст. Вобаста ба шароите, ки зимни онҳо зарурати худмудофиа ба миён меояд, инсон амалҳои гуногунро иҷро карда метавонад: аз атрофиён ёрӣ хостан, даъват намудани кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, нишон додани муқовимат. Ҳангоми муқовимат нишон додан шахс бояд дорои малакаҳои худмудофиа бошад, то ин ки дуруст муқовимат намуда, аз ҳадди муайян берун набарояд. Зеро дар натиҷаи риоя накардани ҳадди муайяни муқовимат, масалан, расонидани зарари вазнини ҷисмонӣ шахс бо гумони содир намудани ҷиноят ба ҷавобгарӣ кашида мешавад. Дар асоси ҷанбаҳои номбаршудаи фаъолият А.Н. Леонтев макросохтори фаъолияти инсонро таҳия намудааст, ки он ҳаёти инсонро дар бар мегирад. Якум, фаъолияти алоҳида, ки бо омилҳои водоркунанда муайян мегардад. Дуюм, фаъолияте, ки ба ҳадафҳои бошуурона тобеъ аст. Сеюм, фаъолияте, ки ба шароити ноил шудан ба ҳадафи мушаххас вобастагӣ дорад [7, с.109]. Дар ин замина якчанд сатҳҳои фаъолияти ҳуқуқиро ҷудо намудан мувофиқи мақсад аст. Сатҳи болоӣ – рафтори қонунӣ, ки бо омилҳои риояи қонунгузорӣ ва истифодаи онҳо барои таъмини фаъолияти ҳаётӣ муайян мегардад. Сатҳи мобайнӣ – рафтори қонунӣ, ки ҳадафи он риояи меъёрҳои ҳуқуқии алоҳида аст. Сатҳи поёнӣ – тарзҳои амалӣ намудани рафтори қонунӣ вобаста ба шароит. М.С. Каган сохтори муфассали фаъолиятро пешниҳод намудааст, ки якчанд таркибҳоро дар бар мегирад: ҳавасмандӣ, тамоилӣ, амалиётӣ, неруӣ ва баҳодиҳӣ [2, с.176]. Ин таркибҳо сохтори мураккаб доранд. Таркиби ҳавасмандӣ падидаҳои психикии зеринро дар бар мегирад: талабот, омилҳо, ҳадафҳо, манфиатҳо, майлҳои шахс. Таркиби тамоилӣ аз механизмҳои ҳадафгузорӣ, банақшагирӣ ва пешгӯиии фаъолият иборат аст. Таркиби амалиётиро нишонаҳои истеъдод, қобилият ва маҳорату малакаҳо ташкил медиҳанд. Таркиби неруӣ сарчашмаҳои психологии неруро дар бар мегирад: таваҷҷуҳ, ирода ва заминаи ҳиссии фаъолият. Таркиби баҳодиҳӣ механизмҳои баҳодиҳии ҳиссӣ ва фикрии натиҷаҳои фаъолиятро муттаҳид намуда, ба субъект имкон медиҳад, ки қаноатбахш ё ғайриқаноатбахш будани натиҷаҳои фаъолияти худро эҳсос намояд [2, с.176-177]. Таҳлили қиёсии таркибҳои номбаршудаи фаъолият аз мутобиқати умумии онҳо далолат медиҳад. Ба андешаи М.С. Каган, раванди ҷамъоварии иттилоот аз тарафи механизмҳои зеҳнии

психика ва андӯхтани ин иттилоот дар таркибҳои идоракунӣ – ҷаҳонбинӣ ва худогоҳӣ пеш аз раванди фаъолият амалӣ мегардад [2, с.174]. Таркибҳои идоракунӣ ба таркиби ҳавасмандии фаъолият таъсир мерасонанд. Хусусиятҳои амалишавии фаъолият, аз нигоҳи муаллиф, бо характери инсон муайян мегарданд. Ҳадаф робитаро дар байни таркибҳои идоракунӣ таъмин менамояд.

Таҳқиқот дар таркиби рафтории фарҳанги ҳуқуқӣ мавҷуд будани ҳадафҳои иҷтимоӣ ва принсипҳои худтанзимшавии шахсро тасдиқ менамоянд [13, с.25]. Ҳадафҳои ҳуқуқӣ ба ҳадафҳои иҷтимоӣ мансубанд. Онҳо низ моил будани шахсро ҷиҳати нишон додани аксуламали муайян ба падидаҳои иҷтимоӣ, аз ҷумла ба ҳаёти ҳуқуқӣ тавсиф менамоянд. Ҳадафи иҷтимоӣ унсури мураккаби психологӣ буда, таркибҳои маърифатӣ, ҳиссӣ ва рафториро дар бар мегирад [10, с.382]. Таркиби маърифатии ҳадафи ҳуқуқӣ аз донистан, эътимод доштан ва баҳодиҳии меъёру падидаҳои ҳуқуқӣ иборат аст. Таркиби ҳиссӣ ҳолатест, ки ба эҳсоси аҳамияти меъёрҳои ҳуқуқӣ дар ҳаёти ҷамъият ва шахси алоҳида вобастагӣ дорад. Таркиби рафторӣ тибқи меъёрҳои ҳуқуқӣ ба амалҳои воқеӣ моил будани субъектро тавсиф менамояд. Ҳадафи ҳуқуқӣ натиҷаи муҳими раванди ташаккули фарҳанги ҳуқуқӣ ва таркиби рафтории он аст. Тамоилҳои арзишӣ дар раванди фаъолияти ҳаётии субъект ташаккул ёфта, бо муттаҳидии донишҳо, ҳиссиёт ва фаъолият муайян мегарданд. Аммо дар мавриди мавҷуд будани тамоюлҳои арзишӣ муҳаққиқон андешаҳои ба ҳам зид доранд. Дар як қатор таҳқиқот ҷанбаи пурмазмуни тамоилҳои арзишӣ баррасӣ гардида, худи онҳо чун муносибат нисбат ба арзишҳо тафсир карда мешаванд [8, с.37]. Психологҳо бисёр вақт тамоюлҳои арзиширо аз нуқтаи назари функсионалӣ баррасӣ менамоянд. Ба андешаи онҳо, тамоилҳои арзишӣ функсияи ҳавасмандиро нисбат ба фаъолият ва рафтори инсон иҷро мекунанд [11, с.55]. Дар ин тафсир мазмуни тамоилҳои арзишӣ аҳамияти дуюмдараҷа касб намудааст.

М.С. Каган тафсири фаъолиятии тамоилҳои арзиширо пешниҳод менамояд. Дар ин тафсир фаъолияти арзишию тамоюлии шахс чун фаъолияти шуури арзишии ӯ зоҳир мегардад, ки ин ё он системаи арзишҳоро ба вуҷуд меорад [2, с.77-78]. Зимни ташаккули тамоилҳои арзишӣ фаъолияти баҳодиҳии шуури инсон бо фаъолияти маърифатӣ фаъолона ҳамкорӣ мекунад. Фаъолияти арзишию тамоилӣ дар такя ба донишҳои ҳуқуқӣ на дар бораи моҳияти меъёрҳои ҳуқуқӣ, балки дар бораи арзиши меъёрҳои ҳуқуқӣ барои субъект маълумоти объективию субъективиро пешниҳод менамояд. Теъдоде аз муҳаққиқон ин мулоҳизаҳоро ҷамъбаст намуда, тамоилҳои арзиширо дар намуди системаи сесатҳа тавсиф намудаанд. Сатҳи якум маърифатӣ буда, аз донишҳои андӯхтаи шахс иборат аст. Сатҳи дуюм ҳиссию арзишӣ аст, ки дараҷаи аз тарафи шахс дарк гаштани арзиши ин донишҳо ва изҳори муносибати шахсиро нисбат ба ҳамин арзишҳо тавсиф менамояд. Сатҳи сеюм рафторӣ буда, амали мушаххаси шахсро, ки таҳти идораи ин арзишҳо қарор дорад, муайян менамояд [12, с.172].

Дар рафти ташаккули фарҳанги ҳуқуқӣ дарки донишҳои ҳуқуқии возеҳ муносибати муайяни субъектро нисбат ба онҳо ташаккул медиҳад. Дар натиҷа ин донишҳо барои субъект аҳамиятнок мегарданд, яъне хосияти арзиши субъективиро касб мекунанд. Дар рафти фаъолияти амалӣ ин арзишҳо чун тамоилҳои арзишии муайянкунандаи самти амалҳо истифода мешаванд. Тибқи таҳқиқот, тамоилҳои арзишӣ таркиби муҳими андешаю ҷаҳонбинии шахс буда, мавқеи ӯро муайян менамоянд. Яъне, шуур тамоюлҳои арзиширо чун ҳадафҳои иҷтимоӣ ба қайд мегирад, ки субъектро тибқи ҳадафу меъёрҳо ба фаъолият омода месозанд [14, с.67]. Тамоюлҳои арзишии ҳуқуқӣ дар раванди ташаккули фарҳанги ҳуқуқӣ пайдо гардида, самти рафтори қонунии субъектро муайян менамоянд. Теъдоде аз муҳаққиқон тамоилҳои арзишии ҳуқуқиро ба ақидаҳои ҳуқуқии таркиби ҳадафҳои ҳуқуқии шахс муттаҳид намудаанд [1, с.37]. Дар тадқиқотҳои дигар ташаккули тамоилҳои арзишии ҳуқуқӣ чун ҳамгироии донишҳои ҳуқуқӣ, ҳадафҳои ҳуқуқӣ ва арзишҳои ҳуқуқӣ тавсиф шудааст [9, с.10]. Системаи тамоилҳои арзишии ҳуқуқӣ вариантҳои рафтори инсонро дар вазъиятҳои гуногуни ҳуқуқӣ муайян намуда, онро ҳифз менамояд. Таҳлили қиёсии мулоҳизаҳои гуногун чунин хулосаро имконпазир мегардонад, ки тамоюлҳои арзишии ҳуқуқӣ марҳилаи муҳими рушди фарҳанги ҳуқуқӣ мебошанд. Онҳо системаи андешаю муносибатҳои шахсро, ки эътиқоду ҳадаф ва принсипҳои фаъолияту рафтори қонуниро муайян менамояд, дар бар мегиранд. Тамоилҳои арзишии ҳуқуқӣ дар асоси донишҳои ҳуқуқӣ, муносибат нисбат ба меъёрҳои ҳуқуқӣ ва ҳадафҳои ҳуқуқӣ ташаккул меёбанд. Дар ҳаёти рӯзмарра ва фаъолияти касбию муқаррарӣ тамоилҳои арзишии ҳуқуқӣ функсияи омилҳои асосии рафтори қонуниро иҷро мекунанд. Хулоса,

таҳлили психологии фарҳанги ҳуқуқӣ дар сохтори он мавҷуд будани се таркиби асосиро тасдиқ менамояд: маърифатӣ, ҳиссию арзишӣ ва фаъолияти амалӣ. Дар рафти таҳлили психологӣ муайян гардид, ки ду таркиби якум шуури ҳуқуқии шахсро дар бар мегиранд. Инчунин муқаррар гардид, ки ҳар як таркиби фарҳанги ҳуқуқӣ сохтори мураккаб дорад.

Дар натиҷаи таҳқиқи шуури ҳуқуқӣ чунин хулосаҳо ҳосил шуданд: 1) шуур ҳиссиёт ва донишро муттаҳид менамояд, 2) шуур дар раванди дарки донишҳои ҳосилшуда нисбат ба онҳо муносибати субъективиро ташаккул медиҳад, 3) донишҳои ҳуқуқӣ якҷоя бо ҳиссиёт муносибати муайяни шахсро нисбат ба меъёрҳои ҳуқуқӣ ташаккул дода, ин меъёрҳоро ба ақидаҳо табдил медиҳанд, 4) дар шуур намудҳои гуногуни муносибатҳои муайянкунандаи рафтори шахс, худбаҳодиҳӣ ва худогоҳии ӯ синтез мешаванд, 5) шуури шахс бо шуури ҷамъият муайян мегардад.

## АДАБИЁТ:


1. Гурьянов Н.Ю. Правовая культура: сущность структура, социальные функции: Дис...канд. филос. наук / Н.Ю. Гурьянов. Чебоксары, 2007
2. Каган М.С. Человеческая деятельность. (Опыт системного анализа). / М.С. Каган. М.: Политиздат, 1974
3. Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2017
4. Конвенсия дар бораи ҳуқуқи кӯдак. – Душанбе, 2011
5. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2016
6. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд". – Душанбе, 2018
7. Леонтьев А.Н. Деятельность. Сознание. Личность / А.Н. Леонтьев. М.: Политиздат, 1975
8. Ольшанский В.Б. Личность и социальные ценности. // Социология СССР. В 2-х т. Т. 1., 1966
9. Попов В.В. Некоторые формы правового нигилизма и пути его преодоления / В.В. Попов. // Юрист, 2002. № 1
10. Психологический словарь / Под ред. В.В. Давыдова, А.В. Запорожца, Б.Ф. Ломова и др.; НИИ общей и пед. психологии АПН СССР. М.: Педагогика, 1983
11. Рубинштейн С.Л. Бытие и сознание: О месте психического во всеобщей взаимосвязи явлений материального мира. М., 1957
12. Соколов Э.В. Культура и личность / Э.В. Соколов. Д.: Наука, 1972
13. Фирсова Т.А. Психолого-педагогические факторы развития правового сознания подростка: Дис...канд. психол. наук / Т.А. Фирсова. Самара, 2002
14. Фомина Л.П. Понятие и типы ценностных ориентаций: Дис. ...канд. филос. наук/ Л.П. Фомина. М., 1976


**Саторова М.К.**

## ВЛИЯНИЕ ПРАВОВОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ НА ФОРМИРОВАНИЕ ПРАВОВОГО СОЗНАНИЯ РЕБЕНКА

В статье рассматривается влияние правовой деятельности на формирование правового сознания ребенка. По мнению автора, деятельность тесно связана с фактором и без него существовать не может. Действие соответствует целям субъекта. Правовая деятельность предполагает сложную систему взаимосвязанных действий. Например, законное поведение в семейной жизни требует соблюдения ряда правовых норм. Каждый из этих критериев определяет индивидуальные правовые действия. В процессе формирования правовой культуры понимание четких правовых знаний формирует определенное отношение к ним субъекта. В результате эти знания становятся важными для субъекта, то есть приобретают свойство субъективной ценности. Психологический анализ правовой культуры подтверждает наличие в ее структуре трех основных компонентов: познавательного, эмоционального и практического. Психологический анализ выявил первые две составляющие правового сознания человека. Также было установлено, что каждый компонент правовой культуры имеет сложную структуру.

***Ключевые слова:*** *правовая культура, правовое сознание, правовое просвещение, правовое мышление, педагогика, педагогические условия, школа, старшеклассник, правовое воспитание, правовые знания, социальная культура.*

**Satorova M.K.**

## THE INFLUENCE OF LEGAL ACTIVITY ON THE FORMATION OF THE LEGAL CONSCIOUSNESS OF A CHILD

The article examines the influence of legal activity on the formation of a child's legal consciousness. According to the author, activity is closely related to the factor and cannot exist without it. The action is consistent with the goals of the subject. Legal activity involves a complex system of interrelated actions. For example, legal conduct in family life requires compliance with a number of legal regulations. Each of these criteria determines individual legal actions. In the process of forming a legal culture, understanding clear legal knowledge forms a certain attitude of the subject towards them. As a result, this knowledge

becomes important for the subject, that is, it acquires the property of subjective value. The psychological analysis of legal culture confirms the presence of three main components in its structure: cognitive, emotional and practical. Psychological analysis revealed the first two components of human legal consciousness. It was also found that each component of legal culture has a complex structure.

***Keywords:*** *legal culture, legal awareness, legal education, legal thinking, pedagogy, pedagogical conditions, school, high school student, legal education, legal knowledge, social culture*

**Сведения об авторе: Саторова М.К.** – соискатель Института развития образования имени А.Джами, Академия образования Таджикистана. Адрес: г.Душанбе, улица Айни, 126. E-mail: omina-76@mail.ru. Телефон 904585542

**Information about the author: Satorova M.K.** – applicant of the Institute of Education Development named after A.Jami Academy of Education of Tajikistan. Address: 126, Aini street, Dushanbe. E-mail: omina-76@mail.ru. Telephone: 904585542

**Д.ИКРОМОВА**

# ПРОБЛЕМЫ ИЗУЧЕНИЯ СИНТАКСИСА В ШКОЛЬНОМ КУРСЕ РУССКОГО (НЕРОДНОГО/ИНОСТРАННОГО) ЯЗЫКА

В настоящее время, когда в мире активно протекают процессы глобализации, крепнет и развивается международное сотрудничество, увеличиваются миграционные потоки, знание иностранных языков оказывается одной из важнейших составляющих успешности дальнейшей жизни молодого человека – выпускника среднего общеобразовательного и высшего учебного заведения. Качественное улучшение преподавания лингвистических дисциплин в школе и вузе в настоящее время является насущной потребностью. Именно поэтому преподаванию русского и английского языков уделяется такое большое внимание со стороны руководства Республики Таджикистан. Ряд правительственных документов свидетельствует о том, что данному направлению в образовательной системе государства уделяется серьёзное внимание. Это Постановление Правительства Республики Таджикистан от 02.12.2003 г. «О мерах совершенствования преподавания и изучения русского и английского языков в период с 2004 по 2014 годы», обеспеченное Программой; Постановление Правительства «О государственной программе совершенствования преподавания и изучения русского и английского языков в Республике Таджикистан на 2015-2020 годы от 03.07.2014 г., №427. Государственная программа в новой (третьей) редакции рассчитана уже на период с 2020 по 2030 год. Каждая из перечисленных программ выдвигает и создаёт условия для решения новых проблем в области лингвистического образования учащихся. Совместно с реализацией других программ («Программы инновационного развития Республики Таджикистан на 2011-2020 годы», «Программы компьютеризации основных и средних общеобразовательных учреждений»), а также на основании Конституции Республики Таджикистан (1994 г.) и Закона «Об образовании» в стране успешно осуществляется реформа образовательной системы, непосредственно захватывающая и преподавание неродных (иностранных) языков. Так, введение в школьное обучение компетентностного подхода как положения об усилении практической направленности в преподавании дисциплин школьного курса в обучении неродным языкам усилило требование реализации принципа коммуникативной направленности в обучении русскому языку.

Изучение иностранного (неродного) языка, каким является русский язык в таджикской школе, всегда представляло сложность, требовало от обучающихся определённых лингвистических способностей. Изучение синтаксиса русского языка как раздела грамматики в средних общеобразовательных учреждениях с таджикским языком обучения имеет свои закономерности, которые определяются не только учётом ведущих целей обучения, но и психолингвистическими особенностями формирования речевых умений и навыков на неродном языке.

Синтаксис представляет собой своеобразную вершину всей грамма-тической системы любого языка. Он – составная часть грамматики, которая основывается на морфологии – теории о частях речи. В соответствии с условиями и принципами обучения, на учёте которых построена программа по русскому языку для средних общеобразовательных учреждений, системное изучение синтаксиса начинается в 9 классе школ с опорой на некоторые сведения из области синтаксиса, полученные в 8 классе. Данную сложную для понимания учащихся тему в настоящее время нельзя усвоить без применения современных

образовательных технологий, в частности, без применения компетентностного подхода и опоры на психолингвистические закономерности усвоения.

Несмотря на то, что о компетентностном подходе в системе среднего школьного образования сейчас много говорят, в Республике Таджикистан более или менее детально разработана система обучения естественно научным дисциплинам и информатике [8]. В обучении предметам гуманитарного профиля, в частности, иностранным языкам, данная проблема пока что описана только в общих чертах: с общепедагогических позиций - в работе М. Лутфуллозода и Г. Бобизода “Мысли о компетенциях и их формировании” (2018, на таджикском языке) [6] и некоторых других работах; с лингводидактической позиции - в диссертации Г. Джонмахмадовой “Инновационные технологии в методике преподавания русского языка как неродного” [5] и монографии Т.В. Гусейновой “Формирование коммуникативной компетенции учащихся на уроках русского языка” [3]. Однако с учётом обучения отдельной грамматической теме – синтаксису русского языка – данная лингводидактическая проблема ещё не рассматривалась.

В действующей сейчас «Программе по русскому языку для общеобразовательных учреждений с таджикским языком обучения» (2008) коммуникативная компетенция описывается следующим образом: «Коммуникативная компетенция – важнейшая цель обучения неродному языку… это способность человека адекватно ситуации общения организовать свою речевую деятельность в её продуктивных и непродуктивных (рецептивных) видах» [7, с. 5]. В настоящее время важнейшей задачей изучения неродных языков является задача обучения практике речи на данном языке, которая может быть решена с помощью методически правильного преподавания синтаксиса.

Однако в массовой обучающей практике некоторых учителей русского языка в центре внимания, как это было в советское время, остаётся грамматика русского языка - совокупность правил, которая изучается в сопоставлении с грамматикой родного языка. Это положение является главным противоречием, которое необходимо преодолеть в средней школе. Преувеличение роли родного языка в обучении русскому, частое обращение к нему на уроке, использование для семантизации слов и выражений исключительно перевода приводит к теоретизации занятий и недостаточной практической направленности обучения.

В настоящее время в образовательной системе республики русский язык официально признан иностранным языком, но его социальный статус в соответствии с Конституцией государства (статья 2) – «язык межнационального общения». Такая позиция русского языка обязывает учителей стремиться преподавать данный учебный предмет как можно более качественно. Чтобы помочь учителю в его обучающей деятельности, разрешено на уроках русского языка деление классов на подгруппы, в новой редакции утверждён Государственный стандарт общего образования, с учётом перехода на компетентностный подход был создан стандарт по русскому языку, нацеливающий учителя на формирование у учащихся коммуникативной компетенции с помощью обеспечения на уроке максимальной активности каждого школьника; опубликованы методические рекомендации ко всем школьным учебникам русского языка, содержащие календарно-тематическое планирование и разработки уроков.

В учебниках русского языка для таджикской школы, которые стали создаваться в 2005 году и которые ориентированы на коммуникативный принцип обучения, реализована идея интегрированного обучения русскому языку на основе художественных произведений из русской литературы.

Двуединая задача интегрированного обучения русскому языку на основе изучения текстов из русской литературы на практике нашла своё разрешение не только в форме определения коммуникативной (лексической) и грамматической темы урока, но и в коммуникативной теме цикла уроков. Например, монографическая тема «Творчество А. С. Пушкина» в 9 классе изучается в процессе освоения раздела «Синтаксис простого предложения». Это темы: «Главные члены простого двусоставного предложения», «Второстепенные члены предложения: определение, дополнение и обстоятельство» [4]. В рамках этой литературной монографической темы изучается 12 текстов литературной и литературоведческой направленности; около 30 упражнений, в том числе языковых, следующих друг за другом, составлены на основе информации о жизни и творчестве Пушкина. Объединение уроков в циклы и подчинение их единой коммуникативной теме

позволило и учителю, и ученику взглянуть на речь по-другому, усилило практическую значимость уроков русского языка и, соответственно, предметную мотивацию.

Работа с учебным текстом, который школьники читают или воспринимают на слух, усиливает значение практического усвоения синтаксических понятий и категорий, а также грамматики русского языка в целом. Характерной чертой преподавания русского (иностранного) языка стала комплексность – отработка на уроке не только умений и навыков, связанных с изучаемой грамматической темой, а комплексная работа по формированию умений и навыков во всех видах речевой деятельности, обеспеченная изучением учебного текста. Комплексность в работе с текстом на уроке русского языка явилась практической реализацией частнометодического принципа функциональной взаимосвязи видов речевой деятельности. Комплексность как свойство современного урока неродного языка, фактически, ориентирует учителя на работу с языковым материалом, организованным в цепочку: звук/фонема → морфема → слово → словосочетание → предложение → текст. Комплексность обучения как принцип организации урока неродного/ иностранного языка объясняется тем, что на всех этапах обучения важной задачей учителя является формирование и совершенствование слухо-произносительных навыков, работа по расширению словарного запаса учащихся с помощью понятий морфемики, отработка синтаксических понятий «словосочетание» (в сравнении со словом и предложением), «предложение» и «текст». Это значит, что урока русского (неродного/иностранного) языка – не только в 9 классе – не может быть без коммуникативных упражнений, имеющих ситуативную организацию. Не может быть урока без упражнений в составлении словосочетаний типа согласования и управления, поскольку в этих словосочетаниях отражаются характерные особенности русского языка – грамматические категории рода и падежа. И, безусловно, эти упражнения должны строиться на языковом материале, взятом из текста, прорабатываемом на уроке. Текст – главный организующий элемент содержания обучения русскому (иностранному) языку, и на его основе могут быть созданы различные компетентностные упражнения [9].

Эти положения как нельзя лучше сочетаются с реализацией компетентностного подхода, вводимого в школьное обучение в соответствии с реформой системы образования Республики Таджикистан. На основе текста, который сам является продуктом речевой ситуативно организованной деятельности, можно создать значительное количество учебных речевых ситуаций, в которых учащимся, работающим в малых группах, будет над чем подумать, сформулировать средствами изучаемого иностранного языка оригинальную идею и выразить её, если надо – поспорить, т.е. учиться владеть языком на практике. Такие задания могут быть разного уровня, в том числе с учётом индивидуальных возможностей детей при реализации инклюзивного обучения.

Следует заметить, что успех в обучении синтаксису обеспечивается качественной работой учителя начальных классов. Учебная программа по русскому языку для средних общеобразовательных учреждений с таджикским языком обучения (2008) [7] отражает содержание обучения русскому языку с учётом общедидактических и частнометодических принципов, среди которых принцип научности, принцип доступности, принцип последовательности и посильности в усвоении знаний, принцип устного опережения, принцип взаимосвязанного обучения видам речевой деятельности и др. Материал программы и учебников расположен таким образом, что теоретические сведения о словосочетании впервые учащимся сообщаются в 8 классе [2], когда дети уже умеют составлять на русском языке типовые предложения, а в 9 классе эти сведения повторяются. Такое расположение грамматического материала в учебной программе школы объясняется психологическими особенностями школьников: обучение русскому языку как неродному имеет практическую направленность. В начальной школе это заучивание с голоса учителя предложений, включающих все типы словосочетаний: Это моя мама (согласование); Это красивый рисунок (согласование); Мальчик читает книгу (управление); Девочка идёт в школу (управление); Дети дружно играют (примыкание) и т.д. Большой материал для формирования грамматических навыков согласования, управления и примыкания дают в начальной школе такие упражнения, как заучивание наизусть многочисленных стихотворений, песенок, чтение учебных текстов, ответы на вопросы, составление рассказов по картинкам, упражнения в устном пересказе и пр.

В учебнике 9 класса [4], при изучении темы «Типы словосочетаний», ученик получает теоретические сведения для того, чтобы на основании дидактического принципа

сознательности, зная грамматические закономерности русского языка, целенаправленно работать с языковым материалом, совершенствовать свою устную и письменную речь на изучаемом языке. В 9 классе можно провести несколько уроков, посвящённых словосочетаниям, не разделяя их на типы. Это объясняется тем, что цель обучения русскому языку заключается не в формировании системы грамматических знаний, а в формировании практических речевых и коммуникативных умений и навыков у школьников. Важнейшим средством обучения остаётся при этом учебный текст, позволяющий формировать и совершенствовать коммуникативные умения и навыки. После изучения темы «Словосочетание», школьники осваивают на основе учебных текстов темы «Простое предложение» и «Сложное предложение». В соответствии с программой школьного курса в 11 классе повторяются сведения обо всех типах союзных сложных предложений, а новым материалом по синтаксису является тема «Бессоюзное сложное предложение».

Текст как «результат говорения или письма, продукт речевой деятельности; основная коммуникативная единица, которой человек пользуется в процессе речевой деятельности» [1, с. 352], является синтаксически организованной единицей дискурса. Чтобы его правильно понять и чтобы на основе его информации построить свой текст, школьнику необходимо практически владеть синтаксическими законами русского языка: уметь правильно составлять сочетания слов различного типа (согласование, управление, примыкание), строить из словосочетаний предложения в соответствии с законами русского языка, логически объединять их в связный продукт речевой деятельности так, чтобы этот продукт – текст – «обладал единством темы и замысла, относительной законченностью, связностью, цельностью, внутренней структурой – синтаксической (на уровне сложного синтаксического целого и предложения), композиционной и логической, определяемой целенаправленной и прагматической установкой» [1, с. 352]. Эти задачи в большей мере должно реализовать изучение раздела «Синтаксис» 9 классе средних общеобразовательных школ с таджикским языком обучения, поскольку обучение школьников на данном этапе представляет собой завершение усвоения учебного материала на уровне основной школы.

«Объект синтаксиса как области языкознания составляют те механизмы языка (морфологические, фонетические, композиционные и др.), которые обеспечивают переход от языка к речи, способы образования из конечного числа исходных языковых элементов (слов, словоформ, словосочетаний, предложений) бесконечное множество речевых произведений (интонационно оформленных высказываний, способных входить в состав текста)» [10].

Новое содержание обучения и новые для учителей методы и приёмы обучения, осуществлённые в учебниках и описанные в программе и методических рекомендациях к урокам в 6-9 классах, постепенно вошли и продолжают входить в обучающую практику учителей. В настоящее время важнейшую проблему для таджикской лингводидактики (преподавания русского языка как иностранного) составляет корректировка содержания учебников в плане реализации в них идеи интегрированного обучения русскому языку/русской речи на основе художественных произведений из русской литературы, т.к. не все учебники, к сожалению, выполнены в едином ключе.

Необходимо также создание комплексов наглядных пособий для обучения русскому языку по новым учебникам (дидактические игры на печатной основе; рабочие тетради на печатной основе для всех классов, позволяющие экономить время урока; наглядные демонстрационные материалы: предметные и сюжетные картинки, комплекты сюжетных картинок, репродукции картин, портреты писателей и т.п.; необходим картинный словарь для начальной школы. Безусловно, учитель, преподающий русский язык в иноязычной аудитории, может воспользоваться материалами различных образовательных порталов, например, порталом Государственного института русского языка имени А.С. Пушкина (г. Москва), но пока что не в каждой школе имеется возможность это сделать.

Важно также создание базы контрольно-измерительных материалов – тестов – для проверки у школьников каждого класса уровня сформированности именно речевых умений и навыков, а не грамматических знаний. Это положение вызвано тем, что в настоящее время, когда компетентностный подход ещё не осознан до конца, о работе учителя контролирующие органы судят по уровню сформированности частнометодических умений и навыков, которые не связаны с коммуникативной компетенцией – по орфографической и пунктуационной грамотности учащихся. Это в

основном написание диктантов, что в корне неверно. Если цель обучения – формирование коммуникативной компетенции, то и объектом контроля должна стать речь, т.е. навыки построения текста на изучаемом языке, включающие умения строить словосочетания, объединять их в предложения, а из них уже создавать тексты. Это значит, что школьники должны уметь оперировать синтаксическими понятиями, должны уметь строить предложения, соблюдая закономерности русского языка.

Следовательно, методически правильно организованная работа по изучению синтаксиса русского языка является гарантией успешного решения кардинальной задачи обучения – формирования коммуникативной компетенции учащихся. Кроме того, наблюдаемые у школьников психофизиологические различия восприятия, памяти, мышления позволяют утверждать, что в определении методов обучения синтаксису рациональным может стать и национально-ориентированный метод обучения, тем более что русский и таджикский языки по своей структурно-семантической организации очень не похожи друг на друга. Однако этот метод следует использовать в индивидуальной работе с учащимися – на уроке и вне урока, ориентируясь на их познавательные интересы и психологические особенности.

**ЛИТЕРАТУРА:**

1. Азимов Э.Г., Щукин А.Н. Словарь методических терминов (теория и практика преподавания языков). – СПб.: Златоуст, 1999. – 472 с.
2. Гусейнова Т.В., Гусейнов Т.И. Русский язык: Учебник для 8-го класса общеобразовательных учреждений с таджикским языком обучения. - 2-е изд., испра. и доп. – Душанбе: Маориф, 2015. – 172 с.
3. Гусейнова Т.В. Формирование коммуникативной компетенции учащихся на уроках русского языка. – Душанбе: РТСУ, 2019. – 270 с.
4. Гусейнова Т.В., Шабурова Д.Х. Русский язык: Учебник для 9-го класса общеобразовательных учреждений с таджикским языком обучения. - 3-е изд., испра. и доп. – Душанбе: Маориф, 2017. – 208 с.
5. Джонмахмадова Г.Ш. Инновационные технологии в методике преподавания русского языка как неродного (на материале средних общеобразовательных учреждений с таджикским языком обучения. – Дисс. … канд. пед. наук: 13.00.02. – Душанбе, 2019. – 178 с.
6. Лутфуллозода М. и др. Мысли о компетенциях и их формировании Андешахо перомуни салохиятхо ва ташаккули онхо / М. Лутфуллозода, Г. Бобизода. – Душанбе – 2018. - 88 с. (на тадж. яз).
7. Программа по русскому языку для общеобразовательных учреждений с таджикским языком обучения (2-11 классы). – Душанбе: POLYGRAF-GROUP, 2008. – 124 с.
8. Реализация компетентностного подхода в обучении естественным предметам и информационным технологиям: Учебно-методическое пособие/Д.В. Сафин, К. Мухтори, У. Умаров, Х. Садурдинов, А. Наджимиддинов, А. Халимов. – Душанбе: Министерство образования и науки Республики Таджикистан, 2018. – 36 с.
9. Хуторской А.В. Технология проектирования ключевых и предметных компетенций // Интернет-журнал "Эйдос".– 2005. – 12 декабря. [Электронный ресурс]. Режим доступа: http://www.eidos.ru/journal/2005/1212.htm
7. Что такое синтаксис [Электронный ресурс]. Режим доступа: les.acadtmic.ru/1033/picture/

**Икромова Д.В.**

**МУШКИЛОТҲОИ ОМӮЗИШИ СИНТАКСИС ДАР КУРСИ МАКТАБИИ ЗАБОНИ РУСӢ (ҒАЙРИМОДАРӢ / ХОРИҶӢ)**

Дар мақола масъалаҳои таълими синтаксиси забони русӣ дар синфҳои болоии мактабҳои таълимӣ бо забони тоҷикӣ баррасӣ шудаанд. Муаллиф бар он назар аст, ки дар замони ҳозира, ки ҷаҳонишавӣ вуҷуд дорад ва равандҳои муҳоҷират васеъ мешаванд, забони русиро беҳтар омӯзонидан лозим аст, ки бинобар набудани муҳити русизабон дар системаи маориф, ҳоло мавқеи забони хориҷиро дорост. Таваҷҷӯҳи махсус ба таълими босифати синтаксис муҳим аст, зеро ин соҳаи дониш дар бораи грамматикаи русӣ бевосита бо тафаккур ва гуфтугӯ бо ин забон вобастагӣ дорад. Муаллиф барномаи курси мактабии забони русиро (2008) тавсиф карда, аввалан, изҳор медорад, ки барнома муаллимро ба зарурати ташаккули салоҳияти коммуникативӣ дар хонандагон равона мекунад. Ин муқаррарот ба ғояи пешбарандаи ислоҳоти системаи маориф, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешавад, мувофиқат мекунад ва тақвияти самти амалии таълими забони ғайримодариро дар назар дорад. Китобҳои дарсии забони русӣ барои синфҳои болоӣ (синфҳои 9, 11), ки дар онҳо синтаксис омӯхта мешавад, бо назардошти равиши салоҳият тартиб дода шуда, матнҳоро барои хондан ва аз нав баён кардан дохил мекунанд. Ин имкон медиҳад, ки дар доираи

курси ҳамгирошудаи забони русӣ дар мактаббачагон бомуваффақият салоҳияти коммуникативӣ ташаккул ёбад.

***Калидвожаҳо:*** *синтаксиси забони русӣ, равиши салоҳиятнок дар таълим, матн, ҳадафи таълими забони русӣ, барномаи курси забони русӣ, принсипи интегралии таълим, фикр кардан.*

**Ikromova D. V.**

**PROBLEMS OF STUDYING SYNTAX IN THE SCHOOL COURSE OF RUSSIAN (NONNATIVE / FOREIGN) LANGUAGE**

The article discusses the issues of teaching the syntax of the Russian language in the senior grades of schools with the Tajik language of instruction. The author argues that at the present time, when globalization is taking place and migration processes are expanding, it is necessary to better teach Russian, which, due to the lack of a Russian-speaking environment in the education system, now takes the position of a foreign language. It is especially important to pay attention to high-quality teaching of syntax, because this area of knowledge about Russian grammar is directly related to thinking and speaking in this language.

Describing the program of the school course of the Russian language (2008), the author argues, firstly, that the program aims the teacher at the need to forming communicative competence in students. This provision corresponds to the leading idea of the reform of the education system being carried out in the Republic of Tajikistan and implies strengthening the practical orientation of teaching a non-native language. Russian language textbooks for senior grades (grades 9, 11), where syntax is studied, are compiled taking into account the competence approach and include texts for reading and retelling. This makes it possible, within the framework of the integrated course of the Russian language, to successfully form communicative competence in schoolchildren.

***Key words:*** *syntax of the Russian language, competence-based approach in teaching, text, the aim of teaching the Russian language, the program of the Russian language course, the integrated principle of teaching, thinking.*

**Маълумот дар бораи муаллиф:** Икромова Дилрабо Валиевна - докторанти курси 2-юми Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи А.Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, омӯзгори забони русии Литсейи давлатии Нурбахш, шаҳри Норак Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, 735300, Норак, кӯчаи Сафаралӣ Ниёз , 17 Тел.: (+ 992) 93 990 96 46; Почтаи электронӣ: dilraboikromi@mail.ru

**Сведения о авторе:** Икромова Дилрабо Валиевна - докторант (PhD) 2-го курса Института развития образования АОТ, учитель русского языка государственного лицея «Нурбахш» г. Нурека Адрес: Республика Таджикистан,735300, г.Нурек ул.Сафарали Ниёз,17 Тел.:(+992) 93 990 96 46; e-mail: dilraboikromi@mail.ru

**Information about author:** Ikromova Dilrabo Valievna - doctoral student at the Institute for Education Development TAE, (Tajikistan Academy of Education ) russian language teacher at the “Nurbakhsh” State Lyceum, Nurek. **Addres:** Republic of Tajikistan, 735300 Nurek, 17 Safarali Niyz str., Phone.:(+992) 93 990 96 46; e-mail: dilraboikromi@mail.ru

**Л.ШАРИФОВА**

# МАХСУСИЯТҲОИ РӮОВАРИИ ДОНИШҶӮЁНИ КОЛЛЕҶҲОИ ТЕХНИКӢ БА АРЗИШҲОИ МАЪНАВӢ – АХЛОҚӢ

Тарбия аз таълим муқаддамтар буда, барои рушду нумӯи насли ҷавон амри зарурӣ мебошад. Он тамоми ҷанбаҳои зиндагии инсонро дар бар мегирад. Тарбияи писандида барои ба осонӣ аз худ намудани илму маърифат, интихоби касбу ҳунар кумак менамояд. Гуфтан зарур аст, ки тамоми асарҳову ҳикояҳои пандомези ниёгон, зиндагонии ибратбахши гузаштагон, китобҳои осмонию рисолати пайғамбарон, барои тарбияи дурусти башарият ва берун баровардан аз вартаи ҷаҳолату интихоби роҳи пурнуру босаодат бахшида шудааст. Дар даврахои гуногун, аз таърихи гузашта бармеояд, ки педагогҳои пешқадам ва мутафаккирони намоён барои рушди маънавии насли ҷавон бисёр идеяҳои самарабахши педагогӣ пешниҳод намудаанд: аз ҷумла, В.И.Ленин таълим медод, ки ҳангоми бунёди ҷамъияти сотсиалистӣ ва маданияти он аз таҷрибае, ки инсоният ба даст овардааст, сарфи назар намекунад, балкӣ аз ин таҷриба ҳама ҷиҳатҳои қимматбаҳо ва фоиданокашро истифода намуда, ҷиҳатҳои бади онро мепартояд. [17. с. 3.]

Коменский табиати инсонро ба асос гирифта, зиндагии насли наврасро ба чор давраи синнусолӣ тақсим мекунад, ки миёни ҳар кадоми он даврахо аз 6 сол иборат мебошад. Давраи ҷавонӣ, ки аз синни 12 то18 ва 24 солагиро дар бар мегирад. Ба фикри Коменский худро идора карда тавонистани инсон яке аз се мақсади тарбия мебошад ва он ба тарбияи

ахлоқӣ пайдо мегардад. Хирадмандӣ, тавозӯъ, мардонагӣ ва адолатнокиро аз сифатҳои асосии хислатҳои ҳамида мешуморад.

-тавозӯъ ба одам барои дар ҳама кор риоя намудани меъёр, ҳеҷ гоҳ ва дар ҳеҷ кор ба дараҷаи нафрат нарасидан лозим аст.

-мардонагӣ – ин накӯкориест, ки чунин хислатҳо ба монанди худдорӣ, тобоварӣ, нафъ расонидан ва тайёр будан ба иҷрои вазифаи муҳимро дар бар мегирад, ҳамзамон ғайр аз ин некӯкориҳои асосӣ дар наврасону ҷавонон инкишоф додани хоксорӣ, хайрхоҳӣ, хушмуомилагӣ ҳурмату эҳтироми калонсолон ва меҳнатдӯстиро талқин намудааст.[17,с. 37-44.]

Бо ба даст овардани Истиқлолияти давлатии мамлакат, фаъолияти ҷавонон миёни аҳли ҷомеа торафт тақвият ёфта, онҳо дар ҳаёти сиёсӣ иҷтимоию иқтисодии ватанамон иштироки фаъолона доранд. Тарбияи дурусти наврасону ҷавонон яке аз самтҳои афзалиятнок ва муҳимми Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврони соҳибистиқлолии кишвар буда, дар ин ҷода қабули ҳуҷҷату санадҳои муҳим аз қабили Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи маориф" (соли 1994), "Консепсияи мактаби миллии Тоҷикистон", (соли 1995), Низомномаи намунавии муассисаи таълимии олии касбии (мактаби олӣ) Ҷумҳурии Тоҷикистон (соли 1996), Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (соли 1996), Қонун "Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд" (соли 2011) самараи нек дар беҳдошти тарбияи наврасону ҷавонон ба бор овард. Барои соҳибкасб намудани ҷавонон мавқеи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ, аз ҷумла коллеҷҳои техникӣ муассир буда, ҷавононе, ки маълумоти миёнаи касбӣ доранд, имконияти идомаи таҳсилро дар муассисаҳои олии касбӣ мувофиқи ихтисос пайдо менамоянд. Азнавсозии муассисаҳои таълимӣ дар мамлакат талаб менамояд, ки сифат ва самараи корҳои тарбиявӣ дар тамоми муассисаҳои таълимӣ, аз ҷумла коллеҷҳои техникӣ боз ҳам баланд бардошта шавад. Яке аз шаклҳои густаришёфта ва пазируфта дар корҳои тарбиявӣ, бо роҳбарони гурӯҳҳои академӣ дар коллеҷҳои техникӣ, имконияти истифода бурдани таъсиррасонии воқеии педагогиро дар шаклгирии илмӣ, ғоявӣ – сиёсии донишҷӯён медиҳад, дарсҳои тарбиявӣ мебошад. Соатҳои тарбиявие, ки дар ин муассисаҳо ба роҳ монда шудаанд, аз дарс, соатҳои таълимӣ тафовути зиёд доранд, агар дар раванди таълим пурсиш, мустаҳкамкунӣ, мавзӯи нав ва воситаи санҷиши дониши донишҷӯён ва супоридани санҷишҳои фосилавию имтиҳонҳо ба эътибор гирифта шаванд. Дар раванди усули гуногуни тарбия К.Д. Ушинский ҷойи асосиро ба тарбияи маънавӣ медиҳад. Дар ин маврид вай навиштааст: "...мо далерона бо боварӣ мегӯем, ки аз ҷиҳати маънавӣ таъсир расонидан вазифаи асосии тарбияро ташкил медиҳад, ин назар ба инкишоф додани ақл умуман калларо бо донишҳо пур кунондан дида хело муҳимтар аст. "

Дар соатҳои тарбиявӣ асос се самтро ба инобат гирифтан муҳим мебошад, вазифаи асосии соати тарбиявиро бо чунин усул ҷудо намудан мумкин аст; маърифатӣ самтёбӣ ва ҳидоятӣ, ки бо роҳбарии сарпарастони гурӯҳҳо ба роҳ монда мешаванд;

- вазифаи маърифатии соати тарбиявӣ донишҷӯёнро аз он фанҳое, ки дар барномаҳои таълимӣ пешбинӣ нашудаанд, ба монанди ахлоқ (этика), зебопарастӣ (эстетика), равоншиносӣ (психология) васеъ намудан аст.

-вазифаи дигар ҷиҳатёбӣ ё самтёбӣ муносибатҳои муайян донишҷӯёнро ба олами табиат, тарбия менамояд. Агар вазифаи маърифатӣ дар бораи дунё ҳар чӣ бештар дониш гирифтан бошад, пас самтёбӣ барои дунё ва ҳодисаҳои он баҳо дода тавонистан мебошад.

- вазифаи сеюм – ҳидоят мебошад, ки он барои муоширát дар ҳаёти воқеии донишҷӯён ёрӣ медиҳад. Ҳамзамон соати тарбиявӣ ҷаҳонбинӣ ва шахсияти донишҷӯёнро ташаккул медиҳад.

Ташаакули тарбияи маънавӣ - ахлоқии донишҷӯён дар сурате самарабахш мегардад, ки агар тарбия бо қонунҳои рушди он мувофиқат намояд. Рушди маънавӣ ахлоқии донишҷӯён, пеш аз ҳама дар тағйироти сифатӣ дар фаъолияти психикӣ дар пайдоиш ва ташаккули нави сифатии шахсият, дар зоҳирёбии онҳо, дар таҷриба, дар мустаҳкаму устувории рафтори маънавӣ - ахлоқӣ ифода меёбад, ки ин натиҷа ва меъёри асосии самаранокии корҳои тарбиявӣ ҳисобида мешавад. Вазифаи тарбияи ҷавонону наврасон ба воситаи фаъолияти якҷояи омӯзгорон, донишҷӯён ва ташкилотҳои ҷамъиятии онҳо, волидайн ва аҳли ҷомеа сомон дода мешавад, ки мақсади асосии он таъмини тарбияи башардӯстӣ, маънавӣ муносибати хуб бо миллатҳои гуногун ва муносибати инсон бо ҷомеа, меҳнат, табиат, эҳтиром ба арзишҳои миллӣ, мероси бебаҳои илму фарҳанг, ватандӯстӣ ва ҳимояи ватан мебошад. Дар коллеҷҳои техникӣ тарбияи насли ҷавон, ҳамон

гоҳ самараи нек ба бор меорад, ки сарпарасти гурӯҳ, хусусиятҳои фардӣ, синнусолӣ, психологӣ ва физиологии ҳар як донишҷӯро ба назар гирифта, ҷараёни таълиму тарбияро ба роҳ монад. Дар ин маврид К. Д. Ушинский таъкид намуда буд, ки; агар мақсади илми педагогика инсони ҳматарафаро тарбия намудан бошад, пас бояд, ки ӯро ҳаматарафа омӯзад. [18. 274с.] Омӯхтани донишҷӯ аз тарафи сарпарасти гурӯҳ аз рӯзи аввал, ҳафтаи аввали омаданаш ба коллеҷ оғоз меёбад, ки ин давраро даврони одаткунӣ ба ҳаёти донишҷӯӣ ва нишонаҳоикушодани хислатҳои донишҷӯ медонанд. Дар давраи омӯхтани донишҷӯ аз методҳои гуногун: таҳлили ҳуҷҷатҳо, суҳбат, мушоҳида, анкета истифода бурдан зарур аст.

Чунин мушоҳида ва омӯзиш ба сарпарасти гурӯҳ имкон медиҳад, ки шахсияти донишҷӯёнро муайян намуда, номзадҳои арзандаро аз ҳисоби донишҷӯён интихоб намояд.[16. с. 12.] Дар ин маврид рушди ахлоқии шахсиятро ба нақша гирифтан зарур аст. Методикае, ки дар ин раванд З.М. Шилина пешниҳод намудааст, ҷолиби диққат мебошад. [19,192- 195с.]. Методикаи банақшагирии рушди маънавӣ ахлоқии шахсиятро ба се давра қисматбандӣ кардан мумкин аст; якум – коркарди афкори педагогӣ, яъне давраи қаблӣ, ибтидоии ташкили кори мақсаднок; дуюм- роҳбарии бевосита ба рушди шахсият; сеюм – муайянкунии натиҷаҳои бадастовардашуда.

Моҳияти аввалиндараҷа дар кори тарбия сифати идеявӣ ахлоқи мебошад, ки бояд хониши шахсӣ ва коллективиро ба назар гирад. Объекти асосии таҳқиқоти сарпарасти гурӯҳ шахсият ва коллективи гурӯҳ мебошад. Омӯхтани қимати интихоб, одатҳо, муносибатҳои реалии донишҷӯён, махсусан дар инихоби касб, хониш, меҳнат, корҳои умумӣ хелло муҳим мебошад.

Барои муайян намудани шахсияти донишҷӯён, сарпарасти гурӯҳ ба донишҷӯён супоришҳои муваққатӣ медиҳад ва онро дар амал месанҷад. Барои омӯзиши онҳо роҳбари гурӯҳ тамоми донишҷӯёнро ҷалб менамояд. Хусусиятҳои ақлӣ, маҳорати ташкилотчигӣ, ростқавлӣ, хушахлоқии онҳоро оҳиста – оҳиста ошкор намуда, нуқсону камбудиҳоро муайян менамояд. Барои самаранокии корҳои тарбиявӣ дар коллеҷҳои техникӣ, роҳбарони гурӯҳ вазифадоранд, ки дастовардҳои таълиму рафти хониши ҳар як донишҷӯро сармашқ намоянд.

Дар давраи таҳлили гурӯҳ диққатро асосан ба мавқеи ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва фаъолияти донишҷӯён дар ҳаёти гурӯҳ равона кардан зарур меояд. Ҳар як гурӯҳи таълимӣ бояд, ки таъминоти методии корҳои тарбиявиро ҳамаҷониба омӯзад. Коркарди методӣ барои роҳбарони гурӯҳҳои таълимӣ ва донишҷӯёни фаъол дар тайёр карда гузаронидани дарсҳои тарбиявӣ хеле муҳим мебошад. Маводе, ки интихоб мешавад, барои гузаронидани соатҳои тарбиявӣ, ҳамчун мисол ё воситаи ёрирасон хизмат менамояд.Истифодаи маводе, ки барои ташаккули маънавӣ-ахлоқии донишҷӯён пешбинӣ гардидаанд, метавонанд самарабахшии раванди тарбияро вусъат бахшанд. Бояд қайд намуд, ки тарбия мантиқ дорад ва ба усули мустақилу тартиби муайян ниёз дорад. Тарбия танҳо бо дониш гирифтан маҳдуд намешавад, он ба ташаккулёбӣ, рафтор, малакаю маҳорат нигаронида шудааст. Дар ин маврид гуфтаҳои К. Д. Ушинскийро овардан бомаврид аст: “Тарбия бе малакаю одат, ин биноест, ки дар болои рег сохта шудааст”. [19,247.]

Яке аз хусусиятҳои тарбияи маънавӣ-ахлоқии донишҷӯёни коллеҷҳои техникӣ таркиби худидоракунии онҳо мебошанд. Омӯхтани қиммати интихоб, одатҳо, муносибати реалии донишҷӯён дар интихоби касбу корҳои умумии дилхоҳи онҳо хело муҳим арзёбӣ мегардад. Дар коллеҷ ва мактабҳои миёнаи касбӣ, худидоракунӣ, ки тамоми донишҷӯён аъзои созмони ҷавонон ва иттифоқи касаба мебошанд, хело фаъол аст. Бояд гуфт, ки фаъолияти органҳои худидоракунӣ ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ бо роҳбари гурӯҳ муттамарказ гардида, самараи хуб ба бор меорад. Қайд намудан ҷоиз аст, ки дар ин самт дар бисёре аз коллеҷҳои техникии Ҷумҳурии тоҷикистон сарпарастони гӯрӯҳҳои академӣ ҳуҷҷатнигориро аз рӯйи феҳрисит, номгӯйи ҳуҷҷатҳо ба роҳ мондаанд, ки он бо талаботи замон ва раванди таълиму тарбия сурат мегирад. Дар ҳалли вазифаҳои тарбияи донишҷӯён сарпарастони гурӯҳҳои академӣ мақоми асосӣ доранд. Ҳангоми интихоби сарпарасти гурӯҳ аз тарафи сарвари муассиса сифатҳои шахсӣ, таҷрибаи педагогӣ психологӣ ва хоҳиши роҳбари гурӯҳро ба назар мегиранд. Барои идора намудани ҳар як гурӯҳ, роҳбари гурӯҳ бояд дорои сифатҳои зерин бошад; маданияти баланди муомила, дониш ва ҷаҳонбинии васеъ, масъулиятшинос, боадолат, нисбат ба шогирдон раҳмдил, ростқавл, боинсоф, ҷӯяндаву эҷодкор, дӯст доштану эҳтиром гузоштан ба донишҷӯён, дар гуфтору рафтор ва маданияти пӯшиши либос ва дигар ҷиҳатҳои мусбат ба донишҷӯён намунаи

ибрат бошад. Бо чунин сифатҳои дар боло зикрёфта шогирдон ба чунин устод монанд шудан мехоҳанд. Худидоракунӣ ва фаъол гардонидани он дар шароити имрӯза, мувофиқи талаботи замон, бояд дар асоси равандҳои демократӣ сурат гирад. [6. с.8.]

Маркази худидоракуни созмони ҷавонон аз панҷ нафар ташкил мегардад: Раиси созмон, ду ҷонишин оид ба корҳои ташкилӣ ва равшаннамоӣ, ду ҷонишин оид ба идоракунии гурӯҳ ва корҳои касаба мебошанд. Барои ҷалби зиёди донишҷӯён ба ҳайёти ҷамъиятӣ як қатор комиссияҳои доимӣ интихоб карда мешаванд. Аз ҷумла;

- комиссияи корҳои идеологӣ;
- таълими;
- меҳнати ва маишӣ;
- маданӣ оммавӣ ва равшаннамоӣ;

Қобили зикраст, ҳамин органи олии худидоракунӣ дар колеҷҳои техникӣ ва дигар муассисаҳои миёнаи касбӣ ва олӣ маҷлиси созмони ҷавонон ва иттифоқи касаба мебошад, ки тамоми мсъалаи муҳимро иқтидори ҳал намудан дорад.

Роҳбари гурӯҳ тибқи нақша вазифаҳои зиёдеро ба уҳда дорад, ки муҳимтарин онҳоянд:

Роҳбарии умумии педагогӣ ва ташкили корҳои тарбиявӣ;

Назорати корбари бо парвандаи шахсии ҳар як донишҷӯ;

Дар коллективи тифоқ ва қобили меҳнат муттаҳид намудани донишчӯён;

Хуб нигоҳ доштани ҳолати синфхона ва таҷҳизотҳои дар он мавчудбуда;

Инкишоф додани фаъолияти эҷодкорӣ ва ташаккули зеҳну мустақилият, дар шогирдон мухайё анмудани шароит барои рушди завқу рағбат ба илму техника, варзиш, фаъолнокӣ, мустақилият, дархост майлу хоҳиш ва хусусиятҳои фардии онҳо, васеъ карданиҷаҳонбинӣ ва бо ин мақсад истифода бурдан аз маҳфилҳо, театр, кино, озмунҳо, намоишгоҳҳо, олимпиадаҳо концерт ва ғайра.

Назорат намудани пешрафти баланди хониш, тартибу интизом, давомот, тартиби пӯшиши либос, ҷараёни дарсазхудкунии донишҷӯён.

гузаронидани маҷлисҳои падару модарон, омӯхтани вазъи тарбия дар оила, бурдани кори фардӣ бо падару модарон;

тарбия намудани донишҷӯён дар рӯҳияи баланди ифтихори миллӣ, хештаншиносӣ ва худогоҳии миллӣ, шаҳрвандӣ, ватандӯстӣ, сифатҳои олии ахлоқӣ ва маънавӣ донишандӯзию маърифатнокӣ, ҳуқуқӣ гуманистӣ, сулҳдӯстӣ, башардӯстӣ, зебопарастӣ меҳнатӣ ва касбинихобкунӣ, экологӣ сиёсӣ, таҳммул ва тоқатпазирӣ масъулиятшиносӣ.

ба ҷо овардани талаботи ҳуҷҷатҳои давлатӣ марбут ба тарбия; Кониститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи маориф,” Консепсияи миллии тарбия, Стандарти давлатии таҳсилоти мииёнаи касбӣ, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд” ва ғайра.

Соати тарбиявӣ дар коллеҷҳои техникӣ дар асоси нақша гузаронида шуда, мавзӯҳои гуногуни тарбиявиро дар бар мегирад, аслан он аз рӯйи Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз 3 марти соли 2006 № 94 тасдиқ гардидааст, амал менамояд. Бояд гуфт, ки тибқи маълумоти коршиносон соати тарбиявӣ дар муассисаҳои таълимӣ на он қадар умри тулонӣ дошта, он дар охири солҳои 50-ум ва аввали солҳои 60 – уми асри гузашта пайдо шудааст ва дар зарфи ним аср аз тарафи умум эътироф гардид ва ташаккул ёфт. Инчунин аз ҷиҳати мавзӯъ мазмуну мундариҷа шаклу намуд ва усул мукаммал гардида, дар ҳалли вазифаҳои кори тарбиявӣ баланд гардид. Воқеан тарбияи комил ва омӯзиши илму маърифати ҳар як фард, нафъи он ба ҷомеа саодати ҷовидона мебахшад. Риояи тарбияи комил ва омӯзиши илм дар худ қонуну қоидаҳо дорад, ки бояд ҳам аз тарафи омӯзгор ва ҳам аз тарафи донишҷӯён риоя гарданд. Дар ин росто сухани пурҳикмати Имоми Аъзам таъсирбахш аст, ки мегӯяд; “Бо Худо дар ниҳону ошкор ва дар танҳоӣ ва чашми мардум як хел бош! Зеро салоҳи амри олим ва самараи илмаш вақте ошкор мегардад, ки дар ниҳону ошкори худ яксон бошад”ба андешаи ин мутаффакири форсу тоҷик тарбия кори саҳл набуда, риояи талаботи он масъулияти ҷиддиро талаб менамояд. Барои худидоракунии коллектив, ҳуқуқ ва ухдадориҳои онҳо муайян карда мешаванд, то ин ки ҳар як зергурӯҳ дар раванди тарбия кори муайянеро анҷом диҳад. Бо гузаштани донишҷӯён аз курс ба таркиби худидоракунии устувор алоқаи кории онҳо дар коллектив ташаккул ёфта, худи коллектив ва шахсияти онҳо муайян мегардад. Яке аз намунаи корҳои тарбиявӣ дар коллеҷ истифода бурдани вақти холии донишҷӯён мебошад,

ки он низ аз рӯйи нақшаи муайян роҳандозӣ мегардад. Вақти холии донишҷӯён бояд оқилона ва ба манфиати ояндаи ҷамъият ва инкишофи ҳамаҷонибаи шахс истифода шавад. Донишҷӯ вақти холии худро дар корҳои истеҳсолӣ, ҷамъиятӣ донишандӯзӣ, фаъолияти эҷодию варзишӣ ва рушди зеҳнӣ истифода намояд. Самаранок истифода намудани вақти холӣ ҳаёти минбаъдаи шахсро пурмазмун, санҷида ва рангин мегардонад. Истифодаи дурусти вақти холии донишҷӯёни гурӯҳҳои академӣ ва кори онҳо дар бобати худомӯзӣ ва худтарбиякунӣ, оқилона муносибат карданро бо мӯҳити фарогир муайян менамояд. Методҳои раванди тарбия дар гурӯҳҳо ба таври мухталиф шакл гирифта, яке аз онҳо методи ахбор мебошад, ки донишҷӯён тавассути он аз ҳолати ҷҳони имрӯза огаҳӣ пайдо менамоянд. Донишҷӯён бо роҳбарии сарпарастон тарзи истифодаи маводи нашр шуда, телевизион ва радио тарзи дурусти итифодаи интернет ва таҷҳизоти замонавӣ, вохӯриҳо, ҳуҷҷатҳои расмӣ огоҳи пайдо менамоянд. Донишҷӯён бо роҳбарии гурӯҳ аз ҳуқуқ ва уҳдадориҳояшон, тарз ва шакли ҳалли вазифаҳои гузошташуда бохабар мегарданд. Самти дигаре, ки ба маънавиёти донишҷӯён таъсири мусбат мерасонад, рӯй овардан ба маънавиёт, мутолиаи китобҳои бадеӣ, эҳтиром гузоштан ба забони давлатӣ ва одоби муоширати бо атрофиён, дӯстону ҳамсабақон мебошад. Воқеан бояд ҳар инсони огоҳдил аз фарҳангу маънавиёт огоҳ бошад, зеро андозаи хирад, адаб ва фазилати ҳар як шахс аз гуфтору мубодилаи афкори ӯ дониста мешавад. Кӯтоҳу пурмаъною таъсирбахш баён намудани маънӣ яке аз фазилатҳои ҳамидаи инсон аст, ки он дар натиҷаи заҳмату омӯзиши зиёд ба даст меояд. Ҳамзамон дар коллеҷҳои техникӣ вобаста ба шароити географии донишҷӯён дар як сол ду маротиба маҷлиси падару модар баргузор мегардад. Робитаи падару модарон бо муассисаи таълимӣ имкон медиҳад, ки волидон аз буду боши фарзандон, хониш, мавзеи зист, хобгоҳҳо, ва дигар шароити таълимию тарбиявии фарзандон маълумот пайдо намоянд.

**АДАБИЁТ:**


1. Асноди меъёрӣ ва ҳуқуқии соҳаи маориф. Замимаи маҷаллаи «Мактаб ва ҷомеа» Байзоев А.М. Душанбе 2007.
2. Гулмадов Ф. Ҳамгироии ташаккули донишҳои ахлоқӣ ва рафтори мактаббачагони хурдсол. Монография / Ф. Гулмадов. – Душанбе: Ирфон. – 2014, 262 с.
3. ДирӯзваимрӯзимаорифиҶумҳурииТоҷикистонРаҳмонов А. А. Расулов А.Б. Қодиров Қ.Б. Афзалов Х.С. Душанбе, 2011 (184 саҳ)
4. Қодиров Қ. Таърихитарбияазаҳди бостон то замониСомониён.Душанбе, 2012.– 240 с.
5. Қоидаҳои педагогӣ “Империал – Груп ” ш.Душанбе 2017 с.100.
6. Лутфуллоев М. Эҳёи педагогики Аҷам. – Душанбе, 1997. – 150 с.
7. Макаренко А.С. Книга для родителей Пед. Соч. в 8-мит. Т5/А.С. Макаренко А.С. – М. Педагогика , 1985- С.7-261.
8. МаҳкамовДастам, НодировБаҳриддин. Вазоратимаорифи ҶТ. Пажуҳишгоҳи илмҳои педагогӣ. Душанбе – 2007 с,3 -36.
9. Муҳҳаммадҷон Шукуров « Мактабиодамият». М. Шукуров Душанбе Адиб 1991. С.3-68.
10. Педагогика ва Психология. Миралиев А.М., Далатов М. Душанбе “Ирфон”-2007.
11. Педагогикаи шавқовар Аҳмадов Тошпулод. Ашурова Дилором. Душанбе – 2011 (саҳ 3-213)
12. Раҳмонов Э.Ш. Маорифомилимуҳимтаринитаҳкимидавлатва
13. наҷотимиллат. Душанбе, 2006.-108с.
14. Раҳмонов Б, Нуров А. Педагогикаиэтникиихалқитоҷик. Монография / Б.Раҳимов, А. Нуров Душанбе: Ирфон. – 2008. -269с.
15. СадоиШарқ, нашриётиМиллииадабиииттифоқинависандагониТоҷикистон №2, соли 2017. С.3-158.
16. СадоиШарқ, нашриётиМиллииадабиииттифоқинависандагониТоҷикистон №2, соли 2017. С.3-158.
17. Таъминоти методии корҳои тарбиявӣ дар гурӯҳҳои таълимии мактабҳои таҳсилоти олӣ ва миёнаи касбӣ. Маҳкамов Д. Нодиров Б. Душанбе – 2007 наш. “Сифат” 36 с.
18. Таърихи педагогика Н.А. Константинов Е.Н.Медынский, М.Ф.Шабаева. нашриёти “Маориф” Душанбе -1982 . - 501
19. Ушинский К. Д. О нравственном элементе в русском воспитании: Изб. Пед. Произведения /К.Д.Ушинский .- М. Просвещение , 1968 – 247с
20. Шилина З.М. Формирование отечественной направленности личности школьника. В помощь классному руководителю. Текст З.М. Шилина – М.: Просвешенние, 1977 – 224 с.

**Шарифова Л.**

**ОСОБЕННОСТИ ОБУЧЕНИЯ СТУДЕНТОВ КОЛЛЕДЖА ДУХОВНЫМ И НРАВСТВЕННЫМ ЦЕННОСТЯМ**

Автор данной статьи считает, что дальнейшее движение молодого поколения, строительство демократического, полноправного и мирового общества в политической, социальной, научно-технической и культурной жизни имеет большое изменение основывает в развитии духовно - нравственного воспитания студентов. Автор приводит примеры основных особенностей процесса воспитательной работы в технических, а также определяет приоритеты в направлении воспитательной работы словами исследователей и практикантов. По его мнению, изучение и анализ практического опыта воспитательной работы в технических колледжах, благоприятных условий и возможностей для духовно-нравственного развития студентов, развития высоких нравственных качеств человеческой личности, формирования всестороннего нравственного воспитания; Поведение, речь, активность, повышение осведомленности, дилетантство, творчество и другие положительные воспитательные качества - залог стабильности и устойчивости общество. Таким образом, внедрение процесса обучение создаёт условия для возрастных характеристик молодёжи от объекта воздействия образования до активного субъекта обучения.

***Ключевые слова:*** *метод, студент, воспитание, духовно-нравственное, воздействие, кураторсво, обучение, самоуправление, самоактивирование.*

**Sharipova L.**

**SPECIAL FEATURES OF COLLEGE STUDENTS TRAINING IN SPIRITUAL AND MORAL VALUES**

The author of this article believes that the further movement of the young generation, the construction of a democratic, full-fledged and world society in political, social, scientific, technical and cultural life has a great change in the development of the spiritual and moral education of students. The author gives examples of the main features of the process of educational work in technical, and also defines priorities in the direction of educational work in the words of researchers and trainees. In his opinion, the study and analysis of the practical experience of educational work in technical colleges, favorable conditions and opportunities for the spiritual and moral development of students, the development of high moral qualities of the human person, the formation of a comprehensive moral education; Behavior, speech, activity, awareness raising, delitanism, creativity and other positive educational qualities are the key to a stable and sustainable society. Thus, the introduction of the learning process creates conditions for the age characteristics of young people from the object of education to the active subject of learning.

***Key words:*** *method, student, education, spiritual and moral, impact, supervision, training, self-management, self-activation.*

**Маълумот дар бораи муалиф:** Шарифова Л. - унвончуйи соли чоруми ПРМ ба номи А. Ҷомӣ Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, омӯзгори Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода. тел: 918-83-39-57

**Сведения об авторе:** Шарипова Л. - выпускница четвертого курса Московского государственного медицинского университета им. Джоми, преподаватель Таджикского государственного института языков им. Сотима Улугзода. тел: 918-83-39-57

**Information about the author:** Sharipova L. is a fourth-year graduate of the Moscow State Medical University named after M.V. Jomi, lecturer at the Tajik State Institute of Languages. Sotim Ulugzoda. tel: 918-83-39-57

**Б. ҶУМЪА, Ҷ. ШОИНОВА**

## ҶАНБАҲОИ ТАРБИЯВИИ ҲИКОЯҲОИ «МАСНАВИИ МАЪНАВӢ»-И ҶАЛОЛИДДИНИ БАЛХӢ

Мавриди ҳаллу фасл ва таҳқиқ қарор додани ҷанбаҳои тарбияи ахлоқӣ ва таъмини рушди камолоти маънавии насли имрӯзаро бидуни афкори пурғановати педагогии ниёгон ва ин ё он мутафаккир тасаввур кардан ғайриинмкон арзёбӣ мегардад.Омӯзиши афкори бузургони Шарқ, бахусус, ҷанбаҳои тарбиявӣ ва истифодаи анъана, расму оини ниёгон новобаста аз тағйироти ҷамъиятӣ мавриди таҳлил ғарор додандар кору фаъолияти хеш яке аз иқдомҳои арзишанди замони муосир маҳсуб меёбад.

Дар ин робита, бояд зикр намуд, ки таҳкурсии бунёди тарбия аз айёме, ки инсон худро шинохтааст, оғоз гардида то ба имрез роҳу равиши телониро сипарӣ кардааст.Ҳанӯз дар китоби муқаддаси мардуми мо «Авасто» чунин дарҷ гардида буд, «Тани солим - рӯҳи солим» аст. Воқеан, тани солим арзишмандтарин омили рушди инсон, сарват ва бойгарии ҷомеа, хонавода ва дар маҷмӯъ давлату кишвар маҳсуб меёбад. Албатта, ҳазорсолаҳои охир дар кишварҳо ва минтақаҳои гуногуни олам тарбияҳои гуногун вуҷуд доштаанд. Агар ба таърихи онҳо назар намоем, мебинем, ки баъдан дар заминаи ин тарбияҳо асарҳои

гуногуни илмӣ,оммавию педагогӣ ба амал омаданд, ки ҳамаи онҳоро се фасли Авасто (пиндори нек, кирдори нек, гуфтори нек) оғоз мебахшад.

Воқеан, аз замоне, ки инсон худро шинохтааст, тарбияи ӯ шурӯъ гардида, то имрӯз роҳу равиши тӯлониро сипарӣ кардааст. Аз давра{ои гадим тарбияи насли наврас аз айёми тифлӣ, оuоз гардида, сол ба сол то ба авҷи камолот расиданаш идома меёфт ва ин анъанаи нек то ҳоло ҳам идома дорад, ки он дар осори аксарияти олимону мутафаккирон возеҳу равшан дарх гардидаааст. Масалан, осори бузургтарини мардуми ориёинажод, ки масоили тарбиявию ахлоқиро дар бар мегиранд ва ҳар банди он аз андешҳои тарбиявӣ таркиб ёфтааст, то имрӯз гиммати худро гум накардаанд, ҳамчун сарчашмаи асосӣ барои тадқиқоти тарбиявию ахлоғӣ пазируфта мешаванд. Ба ин осори пурарзиш такя намуда, шоирону нависандагон низ назари худро дар бораи беҳтарин ҷанбаҳои тарбияи инсон дар ашорашон хой додаанд.

Мавлоно Халолиддини Балхӣ яке аз зумраи чунин муттафакиронест, ки бо осори пурарзиши хеш дар тарбияи ахлоқию маънави аҳли башар нақши босазо гузоштааст. Ин мутафаккири бузург яке аз бузургтарин вассофи ахлоқи ҳамидаи инсонӣ пазируфта шуда, саҳми ӯ дар тарбияи камолоти маънавии инсон дар ҳеҷ давру замон фаромӯш нахоҳад шуд.

Дар шароити ҷҳонишавӣ, ки ҳамаи минтақаҳои олам, аз ҷумла Тоҷикистонро фаро гирифтааст,таваҷҷуҳ зоҳир намудан ба ҷустуҷӯ ва дарёфти роҳҳои рушди ҳувияти миллӣ ва эҳёи сифатҳои ахлоқию башардӯстӣ бештар масъалаи рӯз гардидааст.

Дар ин робита, мурохиат ба афкори бузургон ва корбасти он бо назардошти талаботи муосир бахри ташаккули шахсияти комили қарни 21 заминаи мусоидро фароҳам меорад. Мактаби Мавлоно яке аз чунин макотиби бузургест, ки барои баланд бардоштани мавқеи инсон дар ҷомеа заминагузор пазируфта шуда, чун ахтари тобандае дар самои фарохи илму фарҳанги асри миёна асрҳои минбаъда низ равшанӣ меандозад. Осори гаронмояи Мавлоно ганҷинаи нотакрорест дар тамоми адабиёти илму фарҳанги мамолики Машриқу Мағриб ва андешаҳои тарбиявияш роҳнамои ҳар як инсони комил дар ҳама давру замон дониста мешавад. Аз ин рӯ, муайян сохтани таъсироти афкори Ҷалолиддини Балхӣ дар илму фалсафа чи дар замони куҳан ва чи дар замони нав барои бартараф сохтани камбудиҳои тарбиявӣ аҳмияти беандоза бузурге дорад.

Дар ин робита, бояд зикр кард,ки таҳқиқоти зиёди илмӣ, маъхазҳои олимони кишвар ва мамолики хориҷи дуру наздик дар бораи ҳаёт ва ашъори Мавлоно ба анҷом расонида шудаанд ва имрӯз низ мавриди таҳқ қарор доранд. Ногуфта намонад,ки осори баландпояи Мавлоно аз қарнҳои пеш мавриди таҳқиқи олимони бузурги ҷаҳон қарор гирифтааст. Мавлавишиносони маъруфи Эронӣ Бадеуззамони Фурузонфар, Зарринкуб, муҳаққиқи шинохтаи турк Абдулбоқии Гулпиронлӣ, донишманди бузурги олмонӣ А.Шимел, нависандагони амрикоӣ Франклин Луис, Колман Баркс, адабиётшиносони муосири мо шинохт ва таҳқиқи осори Мавлоно пажӯҳишҳои густурда анҷом додаанд ва дар ин самти илмӣ пажӯҳишҳо ҳоло ҳам идома доранд. Чунончи адабиётшиносон Расул Ходизода, Абдулманони Насриддин, Сафар Абдулло, Алӣ Муҳаммади Хуросонӣ,Тохибой Султонӣ аз муҳақиқони муосиранд, ки ба Мавлоно ва осори ӯ бисёр таваҷҷуҳ зоҳир кардаанд.

Ҳамзамон ба сифати манбаъҳои асосии асримиёнагӣ барои омӯзиши таърихи афкори Румӣ ва мавлавия тазкираҳои Сипаҳсолор, Афлокӣ, Давлатшоҳи Самарқандӣ, Соқиб Мустафо, Асрор Муҳаммад, Саид Муҳаммад Фозилпошо ва ғайра хидмат карда метавонанд. Аз шарҳҳои «Маснавӣ» бошад, осори Ҳусайн ибни Хоразмӣ, Сурурӣ, Судӣ, Шамъӣ, Русухӣ, Сорӣ Абдуллоҳ, Шайх Муроди Бухорӣ, Абдулмаҷиди Сивосӣ, Муҳаммади Лакҳнавӣ, Исмоил Ҳаққии Бурсавӣ, Аҳмади Румӣ, Яъқуби Чархӣ, Алии Чочӣ, Абдурраҳмони Ҷомӣ, Шамсуддини Лоҳиҷӣ, Собунӣ, Нуруллоҳи Шуштарӣ, Абдуллоҳи Қусурӣ, Акбарободӣ ва ғайра, ки ба забонҳои форсӣ, туркӣ ва арабиянд, қобили тазаккуранд.

Ҳамчунин порчаҳо ва тарҷумаҳои комили «Маснавӣ» ба забонҳои туркӣ, арабӣ ва баъзе забонҳои ғарбӣ ва вожаномаҳои ин асар, ки зимни онҳо баъзе шарҳҳо омадаанд, чун манбаъи омӯзиши мавлавия метавонанд мавриди истифода қарор гиранд [5,2].

Мавзее, ки мавриди таҳқиқ қарор додаем, низ ба як ҷанбаи осори Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ, яъне ҷанбаҳои тарбиявии ҳикояҳои «Маснавии Маънавӣ» тааллуқ дорад. Яке аз бузургтарин ва арзишмандтарин осори Мавлоно ки мавриди таҳқиқи ҳазорон мавлавишиносон қарор гирифтааст, ин «Маснавии Маънавӣ»-и ӯ мебошад.

Эй бародар, қисса чун паймонае аст,
Маънӣ андар вай ба сони донае аст.
Донаи маъно бигирад марди ақл,
Нангарад паймонаро гар чашм нақл.[2,С.32].

Воқеан, ҳамаи халқият{о дорандаи фарҳангу маданияти худ буда, қиссаҳо ва ҳикояҳои хоси худро доранд. Ҳикоя як жанри адабиест, ки шоир ё нависанда онро бо мақсади муайяне иншо менамояд, ки кӯдак, навҷавонон, ҷавонон ва ҳатто калонсолон аз шунидани он лаззат баранд. Ҳар як қисса вобаста ба синну сол эҷод гардида, ба дили хонанда ҳавою ҳаваси дигареро пайдо мекунад. Аз давраҳои қадим мардум ба қиссагӯйию қиссахонӣ шавқи беандоза доштанд ва таваҷҷуҳ ба он ба ҳадде зиёд буд, ки мухтавои ҳар асари ҳунарӣ ба далели огоҳӣ аз қудрату бузургии ҳикоя санҷида мешавад.

Гарчанде ки бештар ҳикоя ба жанрҳои асотирӣ дохил шавад ҳам, аммо баъзе паҳлуҳои он ба рӯзгори инсон вобастагӣ дорад. Ҳикоя бештар бо санъати ташбеҳ офарида мешавад, вале дар осори Ҷалолиддини Балхӣ, бахусус , дар «Маснавии Маънавӣ» шахсиятҳое ҳастанд, ки инсонро аз ҳар ҷиҳат тарбия менамоянд.

Аз ҷиҳати дигар, ҳикоя баёнгари ҳолатҳои инсонӣ аст,ки робитаи байни як ҷомеа ё гурӯҳи инсонҳоеро, ки аз нигоҳи миллату фарҳанг гуногунанд, дар қолаби образҳо, рамзҳо ва қаҳрамонони ҳаракатҳои иҷтимоӣ ба ҳам тавъам месозанд:

Бозгӯ, то қисса дармонҳо шавад,
Бозгӯ, то марҳами ҷонҳо шавад[2,С.28]

Анъанаи ҳикоя ва ҳикоягӯйӣ ҳамчун оинаи дурахшон аз анъана ва урфу одати ҳар қавму миллат дарак дода, реша дар деринатарин одобу оинҳои он қавм ва ҷомеаро дорад ва дар ҳар замону ҳар макон аз фарҳанги халқиятҳо шаҳодат медиҳад ва барои тарбия ва ҳалли мушкилоти равонию иҷтимоии инсонҳо кумак мерасонад.

Ба андешаи мо, инсон, бахусус,наврасону ҷавонон ҳамеша ба дунболи намунае ҳастанд, ки дар асоси ин намуна, зиндагии худро ба кулли тағйир дода, аз пайи бартараф намудани камбудиҳо мебошанд. Дар ҳамин ҳолат ҳикоя метавонад ҷаҳони маънавии хонандаро тағйир даҳад. Образҳои офаридаи шоир метавонанд устоди зиндагии инсон гарданд. Дар ҳикоя ду шохаи ба ҳам зид яъне хуб ва бад ё ба ибораи дигар мусбат ва манфӣ ба сурати хубиҳо ва бадиҳои инсонӣ, нақш мебозанд. Аз ҳамин ҷост, ки хонанда хубию бадии хешро дар он ба мисли оина мебинад, ки яке ба муқобили дигаре ғолиб меброяд. Дар ҳар як ҳикоя образҳои гуногун офарида мешаванд ва ҳар як ҳикоя метавонад дар як қисмати тарбияи хонанда замина гузорад. Ҳикоя ифшокунандаи ниёзи башар буда, метавонад неруи вайро аз мушкилот ё бадбахтиҳо эмин нигоҳ дорад. Албатта, шинохтан ва дарк намудани осоре, ки бо рамз иншо гардидааст, барои хонанда хеле мушкил аст. Дар ҳикояҳои Мавлоно рамзҳо ба монанди «паймона», ки маънояш жонаи нуҳуфтааст, инсони оқилро ифода менамояд. Мавлоно дар ҳикояҳои худ аз ҳоли худ нақл мекунад ва мақсади ӯ низ бархурдор аз дунё ва ба охират муяссар гардидан аст:

Бишнавед, эй дӯстон, ин достон,
Худ ҳикоят нақди ҳоли мост он.
Нақди ҳоли хешро гар пай барем,
Ҳам зи дунё, ҳам зи уқбо пай барем [2,35].

Бояд зикр намуд, ки Мавлоно ба эҷоди ҳикоя барои таълиму тарбия заминаи мусоидро гузоштааст ва инсонро ба тарбияи ахлоқӣ раҳнамун месозад. Ӯ дар бисёре аз осори пурҳикмати хеш амиқтарин ва бузургтарин андешаҳои тарбиявии дар жанри ҳикоя ва қисса ифода намуда тарзи ҳаёти солим ва тарбияи дурусти насли наврасро тавсия додааст.

Ҳикояҳои «Маснавии Маънавӣ» саросар аз андешаҳои пандомези мондагор иборат буда, ҳар яки онҳо ҳамчун гавҳари тобанда аз умқи нуқоти нуҳуфта ба руҳу равони хонанда ва, бахусус, насли наврас равшаниву таровати тоза мебахшад.

Ба андешаи мо, ҳар як муҳаққиқ дар баробари таҳқиқоти хеш як муҳимтарин ва пурарзиштарин ҷанбаи осори Мавлоно Ҷалолиддини Балхиро ошкор месозад.Тарзи баёни «Маснавии Маънави»-и Ҷалолиддини Балхӣ хеле сода ва оммафаҳм мебошад. Орифи бузург бо истифодаи рамзу киноя дар ҳикояҳое ба монанди «Подшоҳ ва канизак», «Дидорбинии марди кар аз ҳамсояи бемораш», «Луқмони ҳаким ва ғуломон», «Марди суфӣ ва ходими хонақҳ» ва ғайраҳо масъалаи ахлоқро орифона баён намуда, ҳар яки онҳо дар таълиму тарбияи инсон нақши созгоре доранд. Мухтавои қиссаҳои «Маснавии Маънавӣ» гуногун аст, аммо шоир на ҳама вақт қиссаро дароз мекунад. Баъзе мавридҳо

қиссаро кутоҳ намуда, зуд ба ҷанбаи тарбиявию ахлоқӣ мегузарад. Ба монанди асарҳои дигар мисли «Калила ва Димна» ва «Ҳазору як шаб» қисса андар қисса меофарад. Ҳар яки ин қиссаҳо мухтавои содаю оммафаҳм дошта, бо ҳунари баланди адабӣ эҷод гардидаанд. Гарчанде баъзе аз ҳикояҳои «Маснавӣ» маънои ирфонӣ доранд вале, дар умқи маънои ирфон низ ахлоқи ҳамидаи инсонӣ ниҳон аст. Бинобар ҳамин, фалсафаи Мавлоно пур аз суханони орифона аст, ки маҳз барои тарбияи ахлоқӣ ва башардӯстии насли наврас такони ҷиддӣ мебахшад. Ҳикояи «Подшо{ ва канизак» намунаи чунин {икояхост, ки банд дар банди он андешаҳои тарбиявию ахлоқѣ нуҳуфтаанд.

Бишнавед, эй дестон, ин достон,
Худ ҳақиқат, нақди ҳоли мост он [3,23].

Ҳикояи мазкур ифодакунандаи ишқи пок ва му{аббати самимӣ буда, аз мазмуни он бармеояд, ки ҳамаи дорой ва зару зевар барои дарёфтани дили инсон ҳеҷ будааст ва дороии инсон наметавонад муҳаббатро ба даст орад. Вақте, ки канизак бемор шуд, подшоҳ натавонист рози ниҳониеро фаҳмад ва чун ба табобати дарди ӯ пардохт, давояшро наёфт.

Гуфт: «Ҳар дору, ки эшон кардаанд,
Он иморат нест, вайрон кардаанд.
Бехабар буданд аз ҳоли дарун,
«Астаъизуллоҷа миммо йафтарун» [3,27].

Ҳикояҳои «Луқмон ва ғулом», «Марди баққол ва тутӣ» ва ғайраҳо низ ифодакунандаи ахлоқи хамидаи инсонӣ буда, шоир ҳаёти воқеии мародумро, ки бо чашми худ дида буд, ба воситаи ҳикояҳояш ифода намудааст. Шоир ҳамеша кӯшиш мекунад, ки халқ осудаву ором зиндагӣ намояд, одамон якдигарро дӯст доранд ва аз инсон буданашон ифтихор намоянд.

Назарияи маърифати Мавлонои Балхӣ низ ҷиҳатҳои хос ва афзалиятноки худро дорад. Ғояҳои башардӯстӣ ва инсонпарваронаи Мавлонои Балх дар таърихи тамаддуни ҷаҳонӣ мақоми баланду шоиста доранд. Вай байни халқияту нажод, урфу одат, суннату анъанот ва дину мазҳаб ҳад ё худ “деворичинӣ” намегузорад, барои ӯ ваҳдати ҷавҳари иинсонӣ афзалтару бартар ва мумтозу болотар аз унсурҳои зикршуда мебошад:

Туркиву гурҷиву порсиву араб,
Фаҳм карда он нидо бо гӯшу лаб.
Худ чӣ ҷойи турку тоҷик асту занг,
Фаҳм кардаст, ин нидоро чубу санг [8, С. 22].

Ҳамин тариқ, таълимоти Мавлоно барои ҷаҳони муосир ва одамони асри 21 муфид арзёбӣ мегардад. Мутафаккир ба бузургтарин анъанаҳои ахлоқии ниёгони мо ва арзишҳои умумибашарӣ такякарда, некиву накӯкорӣ, хайруэҳсон, навозиши ятимону бепарасторон, ахлоқи ҳамида, дигар фазилатҳои писандида ва адолати иҷтимоиро дар осори ҷовидонаи тараннум кардааст:

Ҳазор бор пиёда агар тавофи Каъба кунӣ,
Қабули ҳақ нашавад, гар диле биёзорӣ. [8. С. 24]

Мавлонои Балх инчунин адолатро низ ҳамчун муносибати хайрхоҳона ва накӯкорона эътироф намуда, аз рӯйи ҳақиқат ва масъулияти имониву виҷдонӣ рафтор кардани шахсро нисбат ба одамон, ҷомеа, муҳити атроф, ҳаводису воқеъоти табиат муҳим шуморидааст. Рафтори бетарафона ва ҳақиқатпарастонае, ки ба ҳифз ва устувор сохтани манфиатҳои ҳамаҷонибаи мардум равона шудааст, умдатарин аломати инсонгаорёнаи инсон мебошад. Адолат заминаи асосии рушду ривоҷи ҳаёти ҷамъиятӣ, ахлоқу фарҳанг ва зисту зиндагоии мардум буда, сабаби рифоҳ осудагӣ, амну осоиштагӣ, инсонпарварӣ, озодиву хушҳолӣ ва беҳбудии сокинони ҷомеа мегардад. Мувофиқи таълимоти Мавлоно, адолат бояд меъёри ҳаёти ҳамарӯзаи фард бошад. Адолат тақозо мекунад, ки одамон ҳам дар сухан ва ҳам дар амалу фаъолият, кору пайкор самимӣ буда, вазифаву масъулияташонро аз рӯйи виҷдон амалӣ созанд, ба хулқу атвори худ ва дигарон ба таври шаффоф ва одилона баҳо диҳанд.

**АДАБИЁТ:**

Мирзо Муллоаҳмад. Андарзномаи Мавлоно Ҷалолуддини Румӣ. Душанбе,«Маориф ва фарҳанг», 2007. 168 саҳ.
1. Муҳаммад Содиқ Муъминзода. Бардошти равондармонӣ аз «Маснавӣ», Теҳрон – 1383. 125 саҳ.
2. Маснавии Маънавѣ. Дафтари аввал, Душанбе, Адиб - 2013
3. Нақши ҳамкориҳои педагогӣ дар камолоти ахлоқию маънавии кӯдакону наврасон (Маҷмӯаи мақолаҳои илмӣ), Душанбе – 2012.
4. Раҳимов Х., Нуров А., Педагогика – Душанбе, «Маориф ва фарҳанг», 2011. 467 саҳ.

5. Хуршед Махшулович Зиёев. Мавлоно «Ҳаёт, таълимот ва сайри таърихии андешаҳои Ҷалолиддини Румӣ», Душанбе, Дониш - 2007
6. Ҷаводи Тоҳирӣ. Афкори педагогии Ҷалолиддини Румӣ, Душанбе , Ирфон – 2007
7. Ҷалолуддин Муҳаммади Балхӣ. Гузидаи ғазалиёти Шамс. –Душанбе: "Алхудо", 1372. – С. 470-471.

**Ҷумъа Б., Шоинова Л. А.**
**ВОСПИТАТЕЛЬНЫЕ АСПЕКТЫ РАССКАЗОВ «МАСНАВИИ МАЪНАВИ» ДЖАЛОЛУДДИНА БАЛХИ**

В статье автор, исследуя воспитательно - нравственные аспекты «Маснавии Ма'ънави» Джалолуддина Балхи, формирование нравственно - духовного воспитания современного поколения в условиях глобализации считает невозможным без изучения богатых педагогических наследий предков, в том числе «Маснави Ма'нави». Джалолуддина Балхи. Автор рассматривает воспитание человека на примере рассказов «Маснавии Маънави» как важный фактор обеспечение нравственности и духовности, благосостояния общества, семьи и государства в целом. Наяду с этим, в статье подчёркивается и о том, что чтение наследие Джалолуддина Балхи приводет в порядок мысли, каждая из которых как уникальная жемчужина освежит сознание читателя. Молодые люди считают это необходимым в условиях глобализации во всех сферах жизни, а важность изучения его богатого наследия считают одной из самых ценных инициатив и в 21 веке.

***Ключевые слова***: *творчество, рассказ, воспитание, мораль, духовность, справед*ливость.

**Juma B., Shoinova J. A.**
**EDUCATIONAL ASPECTS OF STORIES OF "MASNAVI MANAVI" JALOLUDDIN BALKHI**

In the article, the author, examining the educational and moral aspects of Masnaviya Ma'avi by Jaloluddin Balkhi, considers the formation of moral and spiritual education of the modern generation in the context of globalization to be possible without studying the rich pedagogical heritage of ancestors, including Masnavi Ma'navi. Jaloluddin Balkhi. The author considers the upbringing of a person on the example of the stories of "Masnaviya Manavi" as an important factor in ensuring morality and spirituality, the welfare of society, family and the state as a whole. Along with this, the article also emphasizes that reading the legacy of Jaloluddin Balkhi puts in order the thoughts, each of which, like a unique pearl, will refresh the mind of the reader. Young people consider it necessary in the context of globalization in all spheres of life, and the importance of studying its rich heritage is considered one of the most valuable initiatives in the 21st century.

***Key words***: *creativity, story, education, morality, spirituality, justice.*

**Сведения об авторе:** Джума Булбулов, доктор педагогических наук, преподаватель КГУ имени Н. Назаршоев. тел: 93-500-62-43
**Шоинова Джамила**–учитель таджикского языка и литеретуры СОУ №1 р. Исмаили Сомони г.Душанбе. Домашный адрес: г. Душанбе, улица Аэропорт-14, кв. 37, тел. 909-00-19-16, 93-156-76-27
**Information about the author:** Juma Bulbulov, doctor of pedagogic sciences, teacher KSU named after B. Gafurov. Tel: 93-500-62-43
**Shoinova Jamila** – teacher of Tajik language and literature, secondary school №1 of Dushanbe. Home address: Dushanbe, street Airport -14, apartment 37, tel. 909-00-19-16, 93-156-76-27

**Б. МИРБОБОЕВА**
## НАВРУЗ – ИНЪИКОСГАРИ ТАЪРИХИ ФАРҲАНГ, РАСМУ ОЙИН ВА АНЪАНАВУ ТАМАДДУНИ МИЛЛАТИ ТОҶИК

Осори зиёди таърихию фарҳангии ниёгони мо пайдоиши Наврӯзро ба шоҳ Ҷамшед нисбат медиҳанд. Фирдавсии бузургвор, ки донандаи асотири гузаштагони мо ҳисоб меёбад, ҷашни Наврӯзро чунин ба қалам гирифтааст:

Ҷаҳон анҷуман шуд бар тахти ӯй,
Аз он баршуда фарраи бахти ӯй.
Ба Ҷамшед бар гавҳар афшонданд,
Мар он рӯзро «рӯзи нав» хонданд.

Яъне «сабаби ном ниҳодани Наврӯз он будааст, ки чун бидонистанд, ки Офтобро ду давр бувад, яке он ки ҳар сесаду шасту панҷ рӯз рубъе аз шабонарӯз ба аввали дақиқаи Ҳамал боз ояд ба ҳамон вақту рӯз, ки рафта буд бад-ин диқиқа натвонад омадан, чӣ ҳар сол муддат ҳаме кам шавад. Ва чун Ҷамшед он рӯзро дарёфт «Наврӯз» ном ниҳод ва ҷашн оин овард. Ва пас аз ин подшоҳон ва дигар мардумон бад-ӯ иқтидо кардаанд» [15, 84].

Дар байни қавмҳои ориёӣ Наврӯз муқаддастарин ва волотарин ҷашн ба шумор меравад, ки ин ҷашн ҳамзамон, инъикосгари расму ойини мардумист. Он пайванди ногусастании наслҳоро мемонад, гарчанде ки худ дар давоми мавҷудияташ дучори таъқибу хорӣ ва таҳдиди нобудӣ гашта буд.

Бояд зикр кард, ки таърихи Наврӯз – ин инъикосгари таърихи фарҳанг, расму ойин ва анъанаву тамаддуни миллати тоҷик мебошад, ки гузаштаву имрӯз ва фардои наслҳоро бо ҳам мепайвандад ва худшиносию худогоҳиро дар дили онҳо парвариш менамояд. Наврӯз дар тӯли таърих бо номҳои гуногун ёдоварӣ шудааст: иди Наврӯз, иди соли нав, иди сари сол, ҷашни фарвардин,ҷашни баҳорӣ, Наврӯзи ҷамшедӣ, Наврӯзи султонӣ, Наврӯзи ҷалолӣ ва ғайраҳо.

Таҷлили Наврӯз дар даврони Сосониён рушд ёфт, ки дар аҳди ин даврон Наврӯз муддати шаш рӯз ҷашн гирифта мешуд. Ҷашни Наврӯз то ба ин рӯз шукӯҳу шаҳомат ва тароватӣ хос дошта, байни мардуми эронитабор маълуму машҳур гаштааст. Ба ин ҷашн дар тамоми дунё мардумони зиёде, новобаста аз нажоду миллат дилбастагӣ ва таваҷҷуҳи зиёд доранд.

Наврӯз аз замони пайдоишаш то имрӯз тараннумгари зебоиву накӯӣ буда, сифатҳои эҳёгариро ҷузъи ҷудонопазири инсон ва табиат мешуморад. Яъне дар нимкураи шимолиии Замин фасли сармо поён мепазирад ва рӯзгори гарму нарм фаро мерасад. Кам шудани сардӣ, об шудани яххо ва нарм шудани ҳаво ба одамон пайки шодӣ медиҳад: сабзаҳо сар мекашанд, дарахтон муғча мебанданд ва қабои сабз бар тан мепӯшанд. Одамонро неруи тоза дар ҷисм ҷӯш мезанад, шавқи зистану кор кардан дар дилашон дучанд мешавад, ки ҳамаи он аз баракати Наврӯз аст.

Ин аст, ки нишонаи хубиҳову бартариҳо,озодагиву озодандешиҳо дар ориёниҳо бо Наврӯз дар ойинаи ҷаҳон таҷассум ёфтааст. Барои амалӣ намудани ормонҳои гузаштагони худ: покии зоҳирӣ- покии тану ҷомаю хона ва деҳу шаҳру кишвар, покии ботин: қалбу андеша, некӣ (меъёри амали худ қарор додани пиндори нек,рафтори нек ва гуфтори нек),ростӣ, адлу дод ва амсоли инҳо бояд ҳар як инсони ҷомеа ҷидду ҷаҳд ва саъю кӯшиш намояд. Маросимҳои хонатаконӣ, пок кардани даргоҳи худ, дар оташи наврӯзӣ «сӯзондани гуноҳ», аёдати наздикон, пухтани ғизоҳои наврӯзӣ ва ба ҷо овардани ойинҳои маъмули наврӯзӣ аз қабили баргузории бузкашиву найзабозӣ, хурӯсҷангу кабкҷанг, тухмҷангу чормағзбозӣ ва дигар бозиҳои маъмули варзишӣ, ки рамзи покизашавии рӯҳу ҷисми инсонро ифода менамоянд,баргузор мегарданд.

Боз як одати дигари Наврӯзи қадим дар он буд, ки ба мардум, махсусан ба кӯдакон шакар ва шириниҳо ҳадя медоданд. Сабаби ҳадяи шакарро дар он медиданд, ки мувофиқи ривоятҳо найшакар дар Эрон рӯзи Наврӯз ёфт шуда буд. Аз гуфтаҳои Абурайҳони Берунӣ бармеояд, ки «Найшакар дар кишвари Эрон рӯзи Наврӯз ёфт шуд. Ва пеш аз ин касе онро намешинохт ва намедонист, ки чист ва худи Ҷамшед рӯзе наеро дид, ки каме аз обҳои даруни он ба берун таровиш карда буд.Ва чун Ҷамшед дид, ки он об ширин, амр кард, ки оби ин найро берун оваранд ва аз он шакар созанд. Дар рӯзи панҷум шакар ба даст омад ва аз роҳи табаррук ба он мардум ба якдигар шакар ҳадя фиристонд» [7,86]. Бар замми он ки дар рӯзи Наврӯз гӯё шакар пайдо шудааст, бахшидани ширинию ширин гузаштани зиндагии мардум буд.

Инчунин, дар баробари суннатҳои наврӯзие, ки мо онро мухтасаран зикр кардем, боз бисёр одат ва қоидаҳои нонавишта ва анъанаҳои иди Наврӯз дар байни аҷдодони қадимаи ориёиямон роиҷ будааст. Аз ҷумла, дар тамоми рӯзҳои Наврӯзӣ навозандагон ва сарояндагони хосси дарбор дар хизмат будаанд, ки ин ҳам як суннати таҷлили Наврӯз дар он даврон ба шумор мерафт. Инчунин, об пошидан ба якдигар яке аз анъанаҳои иди Наврӯзӣ даврҳои гузашта будааст, то кишвар сероб бошаду соли пешомад файзбор. Шабҳои Наврӯзӣ дар маҳалаҳои аҳолинишин оташ бармеафрӯхтанд ва дар атрофи он ба Худо шукрона ва ба нури дурахшон саҷдаҳо мекарданд. Мазмунаш он буд, ки сол соли равшан шаваду гармӣ афзун гардад. Баъзе нишонаҳои ин одат то ҳол байни мардуми тоҷик роиҷ аст, ки ба шакли оташпараки бегоҳии рӯзи чоршанбе дар деҳот вомехӯрад. Гуфтани суханҳои «Сардиро гиру гармиро ба мо бубахш!», «Зардии рӯямро бигир, сурхии рӯятро бидеҳ!» бо мақсаду ниятҳои осудагии рӯзгор ва саломатии бардавом ҳангоми оташпарак кардани баъзеҳо шоҳиди ниятҳои неки одамон дар рӯзҳои Наврӯз аст.

Яке аз суннатҳои дерин ва барои ҳама умумии иди Наврӯз бо шарофати он густурдани дастархон мебошад. Суфраи наврӯзӣ пеш аз ҳама рамзу рози хосси худро дорад ва дар он орзую омол ва инчунин, нияти халқ инъикос меёбад. Мардуми ҳар маҳал ба

тарзи худ, вобаста ба анъанаҳои маҳал хонгустарӣ мекарданд, вале як чиз барои ҳама бояд умумӣ бошад: яъне дар шаби Наврӯз тафсондани танур, пухтани нону кулча ва нуқлу ҳалвою шириниҳои гуногун ва бо густурдани дастархони сафед, ки рамзи покию бахти неку дониста мешавад, чун анъана гузаронида мешуд. Ин анъанаҳо дар ҳар маҳал гуногун буда, мақсади онҳо ба истиқболи иди Наврӯз, ободии маҳал, орзуи соли оянда дар оромию осоиш, дар серию пурӣ зиндагӣ ба сар бурданро дар назар дорад.

Махусан, дар даврони салтанати Сомониён ҷашни Наврӯз шуҳрату шаҳомати хосро соҳиб гашта будааст. Бо омадани дини мубини Ислом иди Наврӯз як давра чун иди давлатӣ ё маъмулӣ мавқеи худро аз даст додааст, зеро нахустин хулафои Ислом ба Наврӯз таваҷҷуҳе надоштанд, аммо ин ид дар байни халқи оддӣ обрую шӯҳрати худро гум накард.

Новобаста ба давру замон, сиёсату амалу кори сиёсатмадорон халқ Наврӯзро ҷашн мегирифт, тантана мекард ва суннатҳои онро барои шикастани ормонҳои худ иҷро менамуд. Ҳамин тавр, иди Наврӯз ҳамчун иди бузурги халқӣ дар даврони Сомониён бо тамоми шукуҳу ҷалолаш қайд карда мешуд ва асрҳои минбаъда низ мавқеи худро дар ҷомеа афзун гардонид. Шуҳрату бузургии ин ҷашни аҷдодиро ҳатто давлати Шӯравӣ аз дили мардум дур сохта натавонист. Иди Наврӯз аз тақвимҳои расмӣ бароварда шуда бошад ҳам, вале дар ҳаёти мардум ҷойҳои хоссаи худро дошт. Онро бо номҳои иди деҳқон, иди оғози кишту кор, сайри лола ва ғайра қайд менамуданд. Пас аз солҳои 60 – уми қарни XX бо ҷоннисории адибону равшанфикрони тоҷик Бобоҷон Ғафуров, Мирзо Турсунзода, Лоиқ Шералӣ, Буринисо Бердиева, Бозор Собир, Мирсаид Миршакар, Боқӣ Раҳимзода, роҳбарони давр Т. Улҷабоев, Ҷ. Расулов ва садҳо дигарон иди Наврӯз аввал бо номи сайри гул ё сайри лола ва сипас, бо номи таърихии худ эҳё гардид.

Ҳадафҳои созандагии Наврӯз ин истиқлолият ба орзую омол ва нияту ормонҳои наҷиби халқи мо ва ҷашни Наврӯз ҳамоҳанг буда, бо нерӯи зебоиофарӣ, асолати фарҳангдӯстӣ, ғояҳҳои инсонпарварӣ ва кору пайкори ободкориҳои аҳли башар илҳому мадори тоза мебахшад.

Хулоса, Наврӯз яке аз нишонаҳои аслии истиқлолияти миллат аст, ки онро Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ- Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар баромадаш чунин зикр намудааст: «Шояд дар олам мисли Наврӯз кам ҷашне вуҷуд дошта бошад, ки русуми дилчасп ва суннатҳои зиндагисози онро миллату халқҳои дигари олам чун дастоварди беназири фарҳангӣ пазируфта, бо ҳамин номи зебои тоҷикӣ таҷлил намоянд» [9, 14].

Аз ин рӯ, ҷашни Наврӯз ҷашни ваҳдати бани одам ва гуфтугӯйи тамаддунхост, ки дар он рӯз тамоми миллатҳо бар сари як дастархон нишаста аз сулҳу дӯстӣ ҳарф мезананд. Оре, Наврӯз рӯзи беҳтарини фаслҳои сол яъне вақти тарозуест рӯзу шаб, ки онро ҳамчун рӯзи ғалабаи некӣ бар бадӣ, рӯзи фуруд омадани равшанӣ ҳамчун рӯзи оғози офариниши табиат аст, маънидод мекунанд. Ҷаҳонишавии Наврӯз ва эҳёи он бо маънои аслиаш ин нишонгари он аст, ки ин макон ватани асосии пайдоиши Наврӯз буда, бо забони форсӣ - тоҷикии дарии ориёӣ номгузорӣ шудааст, ки исботгари хоки муқаддаси мо мебошанд.

Аз мазмун ва муҳтавои ин гуфтаҳо бармеояд, ки агар мо гиреҳи ин рамзу розҳоро бознамоем, Наврӯзи оламафрӯз такрори бозофариниши оламу одам ба ҳисоб меравад, зеро Худованд чаҳонро дар Наврӯз офаридааст. Бинобар навиштаи Абӯрайҳони Берунӣ: «Дар шашумин рӯзи Наврӯз офариниши ҷаҳон ба поён расидааст» [7, 86]. Ба этиқоди зардуштиёни Эрон, офариниши инсон низ дар рӯзи Хурдод (шашуми рӯзи Наврӯз) будааст. Аз ин рӯ, ҷашни Наврӯз ҷашни хилқати аввалин инсон аст, зеро Каюмарс сарманшаи пайдоиши нажоди ориёӣ шинохта шудааст. Онҳо хостанд, ки сапедиву равшаноӣ дар симои Наврӯз ҳар сол, дар аввали фасли баҳор меҳмони арҷманди мардуми кишвари ориёӣ бошад.

Имрӯз халқи мо низ ин суннати аҷдодиро ба пайравӣ аз пешиниёни худ гиромӣ медорад. Бинобар ин, ҳар сол Наврӯзи нозанинро бо шукӯҳу азамат, бо расму суннати ниёгони хеш ҷашн мегиранд. Ин расму суннатҳои Наврӯзӣ, бо рангу тобишҳояш ҳанӯз қабл аз Ислом, аз аҳди зардуштиён, ки дар китоби муқаддаси «Авесто» зикрашон рафтааст, дар тамоми манотиқи кишварамон барои ояндаҳо ба ёдгор мондаанд.

Бинобар ин, қабл аз ҷашнгирӣ аз рӯйи суннати ниёгони мо хона аз чангу ғубор тоза карда мешавад ва палосу либос, бистару болин ва ҳамаи ҷиҳози хона берун бароварда мешавад. Баъд аз пок шудани дохили хона, оростани дастрхони наврӯзӣ низ суннате хаст, ки рӯйи он бо ҳафтшин ё ҳафтсин оро дода мешавад, инчунин дар рӯйи хони пурнозу неъмат ҳар гуна таомҳои Наврӯзӣ ва меваҳои гуногуни хушку тар, мураббою дигар

шириниҳо ва суманаки Наврӯзӣ гузошта мешавад. Дар ин рӯзи фирӯз пиру барно либосҳои наву тоза ба бар карда, ба кӯчаву гулгаштҳо ва теппаю боғу майдонҳо ба сайру гашти наврӯзӣ мебароянд. Духтарон либосҳои миллӣ: куртаи чакан ва атлас ба бар карда, ба арғунчакбозӣ машғул мешаванд. Ҷавонписарон дар ҳар ҷойи майдон ба гӯштингирӣ, чавганбозӣ, бузкашӣ, тухмҷангдозӣ, хурӯсҷанг, кабкбозӣ ва дигар намуди бозиҳои анъанавӣ машғул мешаванд.

Наврӯз яке аз чунин суннатҳои кӯҳани халкҳои Шарқ мебошад, ки он ҳар сол на танҳо дар сарзамини кӯҳандиёри мо – Тоҷикистон, чашн гирифта мешавад, балки он дар Эрон, Афғонистон, Озарбойҷон, Туркманистон, Қазокистон, Ӯзбекистон,Туркия ва Ҳиндустон низ бо тамоми шукӯҳу шаҳомати хос ҳамчун иди бедории табиат ва фарорасии фасли баҳор таҷлил мегардад.

Имрӯз мардуми мо низ ин суннати аҷдодиро ба пайравӣ аз пешиниёни худ гиромӣ медорад. Бинобар ин, ҳар сол Наврӯзи нозанинро бо шукӯҳу азамат, бо расму суннати ниёгони хеш ҷашн мегиранд. Шодиву сурур, сурудхониву хушҳолӣ ва рақсу мусиқӣ дар ҷашни Наврӯз, агар шукргузорӣ аз ҳаёти созандагии инсонҳо ва равобити он бо табиат ва идомаи зиндагии наслҳо гувоҳӣ диҳад, аз тарафи дигар ёдрас намудани анъанаҳои неки ниёгони ориёии мо мебошад, бо гузашти айём дар сайри таърихи худ роҳи пурпечу тобро тай намуда, то ба имрӯз мазмуни ғанитар гирифтааст. Бинобар ин, бо ибтикор ва дастгирии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Наврӯзи оламафрӯз ҷашни ҷаҳонӣ эълон гардид. Боиси хушнудию сарфарозист, ки дар сессияи 64-уми Ассамбляи Генералии СММ дар чаҳорчӯбаи «тамаддуни ҷаҳонӣ» аз 23 феврали 2010 Наврӯз мақоми байналмилалӣ гирифт.

Ҳар сол табиат хонаи худро покизаву нав мекунад. Мо низ бояд хонаи дилро аз гарди ғам пок намоем ва боғи хотирро аз гулҳои ишқу умед ва некӣ сабзу хуррам кунем. Бояд ба мисли табиат аз хоби сарди андешаҳои кӯҳнаву беҳуда бархоста, баҳори кору зиндагиро аз сар оғоз намуда, дар сафари зиндагӣ манзили ҳар рӯзу моҳу солро хубтар аз дирӯз созем.

Аз ин рӯ, Наврӯзи давраи Истиқлол бар шукӯҳу ҷалоли худ боз як нерӯи хоссе зам намуд, ки Наврӯз як ҷашни бузурги умумимиллӣ ба ҷашни байналмилалӣ табдил ёфт. Ҳоло мо - мардуми шарафманди тоҷик, дар ҳамбастагӣ Наврӯзи оламафрӯзро ҷашн мегирем, ки ин ифтихор аз гузаштаву имрӯз ҳаст. Пос доштани анъанаҳои ниёгон ва ҳифз намудани Истиқлолияти Ватани маҳбуби хеш ин қарзи ҳар як шаҳрванди шарифу ватандӯсти кишварамон мебошад. Наврӯз хусусиятҳои деринаашро бо пазироии рӯҳияи замони нав созгор карда, имрӯз он мавриди эътирофи ҷаҳониён қарор гирифтааст.

Насли ҷавони даврони нав аз ин падидаҳои умедбахш орзую умедҳои зиёд доранд, зеро зинда ва ҷовидон мондани анъанаи ниёгони хеш - ин бақои ҳастии миллатро нишон медиҳад. Ин ҷашни кӯҳану ҳамешҷавон барои мардуми кишвари мо бигузор осоишии рӯзгор, хуррамию некрӯзӣ, сулҳу амният ва неъматҳои фаровонро ато намояд, то орзу ва армонҳои насли имрӯза низ ҷомаи амал пӯшанд. Шодиву сурур ва хурсандию нишоти кӯдакон дар осмони сафобахши рӯзгор танинандоз бошад.

Гулафшон гашт аз нав зиндагонӣ,
Бишуд Наврӯзи фаррухпай ҷаҳонӣ.

**АДАБИЁТ:**


1. Аҳмадов Рӯзӣ. Наврӯзи хуҷастапай. Душанбе, 2001.
2. Аҳмадов Рӯзӣ. Фолклори маросимҳои мавсимии тоҷикони Осиёи Марказӣ. Душанбе, 2007.
3. Анҷумани Наврӯз. Душанбе: «Сифат»,2012. – 118.
4. Забирзода М. Солшумории халқӣ.Шарқи Сурх, 1957, №12.
5. Муҳаммадкул Ҳазратқулов. Наврӯзи оламафрӯз ва дигар идҳои суннатии сол. Душанбе: «Эр-граф», 2012. - 484с.
6. Наврӯз муборак. Мураттиб Ваҳоб Одина. Душанбе, 1985.
7. С. Аминов.,Д. Нуриддинова. Наврӯз дар фарҳангҳо. Душанбе, «Ирфон», 2017. - 99с.С. 86.
8. Турсунов Акбар. Эҳёи Аҷам. Душанбе 1984.
9. Умари Хайём. Наврӯзнома. Душанбе, «Адиб», 2012, 352с.
10. Фарҳанги тоҷикон ва нақши он дар тамаддуни мардумони Осиёи Марказӣ ва Ховари наздик. Душанбе, 2011.
11. Ҳазратқулов М. Эътиқоду анъанаҳои бостонии Аҷам. Душанбе, 1986.
12. Шакармамадов Н., Шакармамадов О.Наврӯзи Бадахшон.Хоруғ, 2003.
13. Шаъбонӣ Ризо. Одоб ва русуми Наврӯз. Душанбе, 2011.
14. Ҷамолиддин Саидзода, Муҳаммадалӣ Афғонов. Наврӯзи навбаҳорон… Душанбе, 2012,200 с.

15. Ҷ.Саидзода. Аҳамияти байналмилалии Наврӯз. Анҷумани Наврӯз. Душанбе, 2012. – 120 с. С. 84.

**Мирбобоева Б. М.**

## НАВРУЗ - ОТРАЖЕНИЕ ИСТОРИИ КУЛЬТУРЫ, ОБЫЧАЕВ И ТРАДИЦИЙ, И ЦИВИЛИЗАЦИИ ТАДЖИКСКОЙ НАЦИИ

В статье автор показывает Навруз как отражение истории культуры, обычаев, традиций и цивилизации таджикского народа, подчеркивая, что он связывает прошлое, настоящее и будущее поколений и связывает самопознание и самосознание в их сердца. Автор отмечает, что Навруз с момента его зарождения до наших дней является гимном красоты и благодеяния, качества его возрождения считается неотъемлемой частью человека и природы. В статье Навруз на протяжении всей истории упоминается под разными названиями, что является знаком благодарности за творческую жизнь людей и их связь с природой, а продолжение жизни поколений, с другой стороны, является напоминанием о добрых традициях наших предков - арийцев, которые претерпели множество потрясений и по сей день этот праздник имеет более богатое содержание. Уважение традиций наших предков и защита независимости любимой Родины - долг каждого достойного и патриотичного гражданина нашей страны.

***Ключевые слова:*** *Навруз, культура, обычаи, гимн красоты и благодеяния, добродетели, исконные традиции, человек и природа, многообещающие явления, великий национальный праздник, международный праздник, начало посева.*

**Mirboboeva B. M.**

## NAVRUZ - REFLECTION OF THE HISTORY OF CULTURE, CUSTOMS, TRADITIONS AND CIVILIZATION OF THE TAJIK NATION

In the article, the author describes Navruz as a reflection of the history of culture, customs, traditions and civilization of the Tajik nation, emphasizing that it connects the past, present and future of generations and cultivates self-knowledge and self-awareness in their hearts. The author notes that Navruz, from its inception to the present day, is a symbol of beauty and elegance, and considers its revival qualities as an integral part of man and nature. The article mentions Navruz throughout history under various names, which testifies to the gratitude for the creative life of people and its relationship with nature and the continuation of life for generations, on the other hand is a reminder of the good traditions of our Aryan ancestors, over the years, it has traveled a long and difficult path in its history, and to this day it has acquired a richer meaning. Respecting the traditions of our ancestors and protecting the independence of our beloved homeland is the duty of every honorable and patriotic citizen of our country.

***Keywords:*** *Navruz, culture, customs and traditions, symbol of beauty and elegance, resurrection qualities, ancestral traditions, man and nature, promising phenomena, a great national holiday, an international holiday, the beginning of planting.*

**Сведения об авторе:** Мирбобоева Бибивахи – ведущий научный сотрудник отделом малокомплектной школы (класса) и образования национальных меньшинств Института развития образования им. А. Джами Академии образования Таджикистана. E-mail:mirboboeva 61@mail.ru;**тел:** 992931821188.

**Information about the author:** Mirboboeva Bibivakhi – chief of the department of ungraded schools (classes) and education and national minorities of the Institute for the Development of Education named after A. Jami, Academy of Education of Tajikistan. E-mail:mirboboeva 61@mail.ru;**тел:** 992931821188.

**Х.БОБОЁРОВ**

## ДОНИШАНДӮЗӢ НАТИҶАИ ТАШАККУЛИ ТИПҲОИ ФАЪОЛИЯТИ ОЛИИ АСАБ (ФОА) ВА ХОСИЯТҲОИ ОН

Маҳсулнокии раванди донишазхудкунӣ аз мувофиқати имкониятҳои функсионалии хосиятҳои ФОА вобастагӣ дорад. Таъсири хосиятҳои ФОА ба раванди азхудкунии дониши хонандагон айни замон мушкилоти ҳалношудаи системаи маориф ба шумор меравад. Мувофиқи тадқиқоти олимон дар зери мафҳуми фаъолияти олии асаб ҷаъми хосиятҳои протсессҳои асабии ҳаяҷон ва боздорӣ фаҳмида мешаванд, ки онҳо муайянкунандаи типи фаъолияти олии асаб мебошанд. Алоқамандии хосиятҳои ФОА бо раванди азхудкунӣ хусусиятҳои худро дорад ва омилҳои асосие, ки ба раванди зикргардида таъсири худро мегузорад ин сарбории эмотсионалӣ, ҳаҷми зиёди иттилооти барои коркард мураккаб, навъи гуногуни супоришҳо, шиддатнокии зиёди сарбории касбӣ мебошад. Талаботи зиёд ба раванди азхудкунии дониш на ба ҳар як намояндаи типи ФОА имконият медиҳад, ки вобаста ба хосиятҳои ФОА дар ҳар як дарси таълимӣ фаъол бошад. Омӯхта нашудани зуҳуроти хосиятҳои ФОА раванди таълим мураккаб гардида, дар оянда хонанда ҳангоми

интихоби касб ва таҳсил дар донишгоҳҳои олӣ ба мушкилот рубарӯ шуда, касби ояндаи худро дуруст дарк карда наметавонад.

Дар чанд соли охир дар кишварамон зуҳуроти хосиятҳои типҳои ФОА вобаста ба интихоби касби омӯзгор қисман дар соҳаҳои физиология, биология ва психология омӯхта шудааст. Асосан дар ин корҳо ҷамбаҳои психологию педагогии фаъолияти касбии омӯзгор нигаронида шудааст. Вобаста ба азхудкунии дониши хонандагон ба назар гирифтани тафовути байни намояндаҳои типҳои ФОА дар раванди таълим таҳқиқоти кофӣ вуҷуд надорад. Дар корҳои муҳаққиқони ватанӣ низ мушкилоти мазкур амиқ дида баромада нашудааст.

Ғайр аз ин, амалигардонии шароити психологию педагогии ташаккули типҳои ФОА-и хонандагон дар муассисаҳои таълимӣ имконият медиҳад, ки аз як тараф маҳсулнокии раванди таълим баланд бардошта шавад, аз дигар тараф мондашавӣ ва дараҷаи дилтангии хонандаро паст мекунад. Қайд кардан ҷоиз аст, ки мушкилоти ташаккули типҳои ФОА-и хонандагон дар самти илми психология ва педагогика ба қадри кофӣ коркард нашудааст.

Дар рафти таҳқиқот дар ду минтақаи кишвар, яъне ш.Душанбе ва н.Варзоб дар МТМУ №№ 11, 6, 61 н.Исмоили Сомонии ш.Душанбе ва №11-и н.Варзоб 186 хонандагони синфҳои болоӣ аз синфи 7 то синфи 11 фаро гирифта шуданд. Ду давраи таҳқиқот сурат гирифт, пеш аз ҳама таҳқиқот бо хонандагони синфҳои болоии шаҳри Душанбе гузаронида шуд. Дар давраи якуми таҳқиқот 104 нафар хонандагони МТМУ-ҳои № 11, 6, 61 н.Исмоили Сомонии ш.Душанбе фаро гирифт. Таҳқиқот дар шароити мусоиди психологӣ бодарназардошти синну соли хонандагон дар синфхонаҳои дарсӣ гузаронида шуд. Ҳолати психологии ҳар як озмудашаванда дар аввали гузаронидани таҳқиқот то ба охир расидани он ба эътибор гирифта мешуд.

Шароити психологӣ ва педагогии ташаккули типҳои ФОА дар хонандагон бевосита бо мушкилоти мактабӣ алоқамананд, ки онҳоро хонандагон дар раванди таълим аз сар мегузаронанд. Чунин мушкилот аз қабили беэътиборӣ нисбат ба намояндаҳои гуногуни типҳои ФОА дар хонандагон эҳсос карда шуда, дар пурсишномаҳо дарҷ ёфтаанд ва дар муассисаҳои озмоишии мо чунин мушкилот хеле назаррас буданд.

Натиҷаҳои дар рафти таҳқиқот бадастовардашуда дар умум фарзияеро тасдиқ менамоянд, ки чунин аст: типҳои ФОА-и хонандагон дар раванди таълим рушд мекунанд, агар низоми шароити психологию педагогии азхудкунии донишҳои фаннӣ мувофиқи мақсад ба роҳ монда шуда бошанд.

Ба ғайр аз ин, таҳқиқоти гузаронидашуда на танҳо дар умум фарзияро тасдиқ намуд, балки инчунин дар масъалаи ба танзим даровардани хулосаҳои иловагӣ имконият фароҳам овард, яъне шароити пешбинишуда барои амалияи бештари муассисаҳо воқеъӣ шуда метавонанд ва дар асоси онҳо маҳсули баланди раванди таълим имконпазир аст.

Давраи таҳқиқотии кори озмоишӣ ҳали масъалаҳои мазкурро пешбинӣ намудааст:

1.Муайян намудани дараҷаи нахустини раванди инкишофи хусусиятҳои ФОА-и хонандагони синфҳои болоӣ;

2. Дар асоси таҳқиқотҳои психологию педагогӣ муқаррар намудани ҳолати аввалияи раванди инкишофи хусусиятҳои ФОА-и хонандагон ҳангоми таълим дар МТМУ;

3. Ошкор намудани мушкилоту монеаҳое, ки психологҳо, омӯзгорон ва роҳбарони муассисаҳо ҳангоми таъмини шароити такмилдиҳандаи раванди инкишофи хусусиятҳои ФОА-и хонандагони синфҳои болоӣ аз сар мегузаронанд;

Дар давраи таҳқиқотии кори озмоишӣ ба татбиқи шароитҳои психологӣ ва педагогии раванди инкишофи хусусиятҳои ФОА-и хонандагони синфҳои болоӣ тавассути ташкили раванди таълимӣ равона шуда буд. Дар ин давра дар озмоиш хонандагони синфҳои болоии МТМУ-ҳои ду минтақа н.Варзоб ва н.Исмоили Сомонии ш.Душанбе иштирок намуданд. Озмоиши мазкур дар муассисаҳои таълимӣ на ин ки дар як вақт, балки давра ба давра аз рӯйи нақша гузаронида шуд.

Дар ҳамаи муассисаҳои таълимӣ хонандагон дар сатҳи таҳсилоти миёнаи умумӣ дар мухлати муқарраршуда аз мақсади гузаронидани саволномаҳо таълим гирифтанд. Раванди инкишофи хосиятҳои ФОА-и талабагони синфҳои болоӣ аз рӯйи се соҳаи мухталиф амалӣ карда мешавад: пажӯҳишӣ, педагогӣ ва психологӣ. Аз ин рӯ, вазифаҳои марҳилаи муайянкунандаи кори таҷрибавӣ чунин шарҳ дода мешаванд:

- раванди инкишофи хосиятҳои типҳои ФОА-и хонандагони синфҳои болоӣ;

- зуҳуроти дараҷаи ташаккули салоҳиятҳои касбии омӯзгорон роҷеъ ба инкишоф додани хосиятҳои ФОА-и хонандагони синфҳои болоӣ;

- муайян намудани сатҳи ташаккули донишҳои фанӣ дар хонандагони синфҳои болоӣ бо дарназардошти зуҳуроти хосиятҳои ФОА-и онҳо;

Натиҷаҳои ифодакунандаи дараҷаи такмили хосиятҳои ФОА-и хонандагони синфҳои болоиро дар ҷадвали №1 ошкоро мушоҳида кардан мумкин аст, ки дар поён оварда шудааст. Меъёрҳои муқаррар намудани типҳои ФОА, мизоҷ, системаи асаб ва хосиятҳои ба худ хоси онҳо ба таври зерин шарҳ дода мешаванд:

**1. Меъёри муқаррар намудани хосиятҳои системаи асаб**

Таҳлили натиҷаҳои бадастовардаро роҳандозӣ мекунем. Дар бештари хонандагони синфҳои аз 7 то 11 (шумораи умумии хонандагон 183 нафарро ташкил медод) меъёри муқаррар намудани хосиятҳои системаи асаб бо назардошти хосиятҳои ФОА дар сатҳи баланди ҳаяҷоннокӣ 17 нафар хонандагони синфҳои болоии МТМУ-и ш.Душанбе ва 15 нафар хонандагони синфҳои болоии МТМУ-и н.Варзоб–типи асаби зӯр, яъне холерик, дар сатҳи миёна (14н. дар ш.Д ва 12н. дар н.В)–типи асаби серҳаракат, яъне сангвиник такмил ёфтааст, вале дар ин самт дар шумораи зиёди хонандагон ин меъёр дар сатҳи паст (7н. дар ш.Д ва 6н. дар н.В)–типи асаби дармувозинатбуда, яъне флегматик ва дар сатҳи интиқодӣ (4н. дар ш.Д ва 3н. дар н.В)–типи асаби сустҳаракат, яъне маланхолик дида мешавад ва ҷараёни боздорӣ бошад баръакс шарҳ дода мешавад.

**2. Меъёри муқаррар намудани типҳои ФОА ва хосиятҳои он**

Дар бештари хонандагони синфҳои аз 7 то 11 муайян карда шуд, ки меъёри муқаррар намудани типҳои ФОА ва хосиятҳои он дар зинаи якум 44 нафар (24,1%) хосси типи ФОА-и қатънаёбандаи зур ва дармувозинатнабудаи тағйирёбанда, яъне холерик, дар зинаи дуюм 45 нафар (24,6%) хосси типи ФОА-и тағйирёбандаи зури дармувозинатбуда, яъне сангвиник такмил ёфтааст, вале дар ин самт дар шумораи зиёди хонандагон ин меъёр дар зинаи сеюм 48 нафар (26,2%) типи асаби дармувозинатбудаи зури боздорандаи сусттағйирёбанда, яъне флегматик ва дар зинаи чорум 46 нафар (25,1%) типи асаби сустҳаракат, дармувозинатнабудаи сусттағйирёбанда, яъне маланхолик дида мешавад.

**3.Меъёри муқаррар намудани типҳои мизоҷ ва хосиятҳои он**

Дар бештари хонандагони синфҳои аз 7 то 11 муайян карда шуд, ки меъёри муқаррар намудани типҳои мизоҷ ва хосиятҳои он дар гурӯҳи якум (25,1%) –типи мизоҷи холерикӣ, дар гурӯҳи дуюм (23,5%) –типи мизоҷи сангвиникӣ такмил ёфтааст, вале дар ин самт дар шумораи зиёди хонандагон ин меъёр дар гурӯҳи сеюм (27,4%)–типи мизоҷи флегматикӣ ва дар гурӯҳи чорум (11,5%)–типи асаби сустҳаракат, яъне маланхолик дида мешавад.

**4.Меъёри маромнокӣ-майлу хоҳиш ба дарс (аз руйи давомот)**

Муайян карда шуд, ки меъёри муқаррар намудани маромнокӣ-майлу хоҳиш ба дарс аз руйи фарқияти байни гурӯҳҳои озмоишии ҳар як зинаи таҳсилоти мактабӣ дар сатҳи интиқодӣ (15%)–типи асаби зӯр, яъне холерик, дар сатҳи паст (11%)–типи асаби серҳаракат, яъне сангвиник такмил ёфтааст, дар сатҳи миёна (7%)–типи асаби дармувозинатбуда, яъне флегматик ва дар сатҳи баланди давомоти хуби хониш, ки бештари вақт ба дарс ҳозир шудаанд (6%)–типи асаби сустҳаракат, яъне маланхолик дида мешавад.

**5.Меъёри маърифатӣ-донишандузӣ (азхудкунии дониш аз фанҳои алоҳида)** муносибати арзишнок ба таҳсилот нишон дода мешавад, ба мундариҷаи меъёр шинохти арзишноки таҳсилоти бетанафус дохил мешавад; дарки рушди иҷтимоию шахсии хосиятҳои ФОА дар ҷомеаи муосир.

Таҳлили натиҷаҳои бадастовардаро роҳандозӣ мекунем, ки меъёри муқаррарнамудани донишандӯзӣ аз руйи фарқи арзёбии се чоряки соли хониш дар сатҳи интиқодӣ (0,8%)–типи асаби зур, яъне холерик, дар сатҳи паст (0,9%)–типи асаби серҳаракат, яъне сангвиник такмил ёфтааст, дар сатҳи миёна (0,1%)–типи асаби дармувозинатбуда, яъне флегматик ва дар сатҳи баланди азхудкунии дониш, ки бештари вақт ба дарсҳо омода будаанд (0,2%)–типи асаби сустҳаракат, яъне маланхолик дида мешавад.

Қисмати маърифатӣ-донишандӯзӣ бо назардошти хосиятҳои ФОА муносибати арзишнок ба таълими бефосила ҳамчун шарти фаъолияти бомуваффақияти касбӣ ва ҷамъиятиро дар бар мегирад.

Қисматҳои дар боло зикргардида дар худ шинохти арзишҳои таҳсилоти бетанафус; дарки аҳамиятнокии равандҳои таҳсил ва шахсии ташаккули пешрафти таълимии хонандагони синфҳои болоӣ; дарки зарурати фароҳам овардани шароит барои ба даст овардани таҷрибаи интихоб ва амалисозии самти инфиродии таълимӣ дар хонандагони

синфҳои болоиро таҷассум мекунад. Қисматҳои мазкур маҳорати мустақилона муайян намудани ҳадафҳои фаъолият ва тартиб додани нақшаҳои фаъолиятро дар худ доранд. Дорои маҳоратҳои фаъолияти маърифатӣ, таълимӣ-таҳқиқотӣ мебошанд.

Маълумоти ҷадвали № 1 нишон медиҳад, ки қисматҳои зикргардида дар хонандагони синфҳои болоӣ раванди рушди ФОА, мизоҷ, системаи асаб ва хосиятҳои ба худ хосси онҳо дар раванди таълими бефосила рушд меёбанд, вале сатҳи инкишоф паст арзёбӣ гаштааст. Раванди рушди хосиятҳои ФОА-и хонандагони синфҳои болоиро мо ҳамчун раванди таълимӣ дида мебароем. Сатҳи миёнаи раванди рушди хосиятҳои ФОА аз натиҷаи таълими мактаббачагон вобаста аст.

Дар раванди рушди ФОА, мизоҷ, системаи асаб ва хосиятҳои ба худ хосси онҳо омӯзгорон салоҳиятҳои касбии худро чун вазифаҳои идоранамоӣ, банақшадорорӣ, бароҳандозӣ, машваратдиҳӣ, арзёбӣ ва таҳқиқотро ба ҷо оварда, дар ҳалли тамоми масъалаҳои зикргардидаи алоқаманд бо лоиҳасозӣ ва амалисозии барномаи инфиродии таълимӣ кӯмак мерасонанд.

Барои амалисозии салоҳияти воқеии касбии омӯзгорон дар раванди рушди ФОА, мизоҷ, системаи асаб ва хосиятҳои ба худ хоси онҳо ба қобилияти омӯзгор дар иҷрои тамоми вазифаҳои муҳим барои таъмини рушди хосиятҳои таҳқиқотӣ дар хонандагони синфҳои болоӣ баҳо дода мешавад (бароҳандозии лоиҳа ва амалисозии барномаи инфиродии таълимӣ, таълим аз рӯйи барномаҳои сатҳи асосӣ ва амиқ дар мувофиқа бо интихоби таълимгиранда, машварат бо мақсади тайёрӣ ва бароҳандозии иштирок дар ҷамъомадҳои гуногуни мусобиқавӣ).

Барои муайян намудани ташаккулёбии раванди рушди ФОА, мизоҷ, системаи асаб ва хосиятҳои ба худ хосси онҳо бо хонандагони МТМУ таҳқиқот ва пурсишнома истифода бурда шуд. Барои гузаронидани таҳқиқот варақаҳои пурсишнома тартиб дода шуда буданд, ки дар муайян намудани типҳои ФОА ва мизоҷ, алоқамандӣ ва таносуби байни онҳо, ташаккулёбии меъёрҳои маромнокӣ-ҳавасмандӣ, маърифатӣ-донишандӯзӣ ва сатҳи азхудкунии дониш имконият медиҳад. Арзёбии сатҳи ташаккулёбии азхудкунии дониш дар раванди рушди хосиятҳои ФОА-и хонандагони синфҳои болоӣ аз рӯйи панҷ меъёр арзёбӣ гардид.

Маводи ташхисӣ нишон медиҳад, ки дар умум омӯзгорон зарурияти раванди рушди масъалаҳои омӯхташавандаро дарк мекунанд, вале ба дурнамои тағйироти мураккаб муносибати манфӣ зоҳир мекунанд. Дар тафовут аз натиҷаҳои ташхиси омӯзгорони МТМУ дар н.Варзоб аз рӯйи қисмати маърифатӣ ва донишандӯзӣ маълум мегардад, ки омӯзгорони МТМУ дар ш.Душанбе соҳиби ҳаҷми зиёди иттилоот (донишҳои касбӣ) ва як қаттор маҳоратҳои касбӣ мебошанд, ки барои фароҳам овардани шароити зарурии ташкилию педагогӣ ва психологии раванди инкишофи ФОА, мизоҷ, системаи асаб ва хосиятҳои ба худ хосси онҳо дар МТМУ мусоидат мекунад.

Таҳқиқоти гузаронидашудаи ташхисӣ дар баровардани чунин натиҷаҳо мусоидат мекунад:

- аҳамияти раванди рушди ФОА, мизоҷ, системаи асаб ва хосиятҳои онҳо дар хонандагони синфҳои болоӣ дар шароити таҳсилоти муосир худи хонандагон, муаллимон ва роҳбарони МТМУ хеле хуб дарк мекунанд;
- дар хонандагони синфҳои болоӣ азхудкунии дониш инкишоф меёбад, вале сатҳи рушди қисматҳои чунин натиҷаи таълимӣ ба дараҷаи паст ва ё интиқодӣ бартарӣ дорад;
- омӯзгорони МТМУ мушкилиро дар муайян намудани яккаттор мафҳумҳо аз сар мегузаронанд, ки ба сифати таҳсилот мутааллиқанд, дар чаҳорчӯбаи фанҳои таълимӣ маҳорати нокифояи фаъолияти таҳқиқотӣ доранд;

Аз таҳлили натиҷаҳои бадастоварда хулоса баровардан мумкин аст, ки раванди мавҷудбудаи таълимӣ инкишофи бомақсадравонашудаи ҷараёни таълимиро дар хонандагони синфҳои болоӣ таъмин намекунад.

**МЕЪЕРҲОИ МУҚАРРАР НАМУДАНИ ТИПҲОИ ФОА ВА МИЗОҶ, ХОСИЯТҲОИ БА ХУД ХОСИ ОНҲО**

**Меъёри муқаррар намудани хосиятҳои системаи асаб**

| Дараҷаи зуҳурот | Хосиятҳои системаи асаб | Типҳои мизоҷ | Ҷараёнҳои ҳаяҷон ва боздорӣ | | | | Фарқияти ҷ.ҳ. ва б. | | ғ.о. | ш.Д | н.В |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| баланд | зур | холерик | 17 | 3 | 15 | 5 | 2 | 2 | 7 | 20 | 20 |
| миёна | серҳаракат | сангвиник | 14 | 6 | 12 | 8 | 2 | 2 | 10 | 20 | 20 |
| паст | дармувозинатбуда | флегматик | 7 | 13 | 6 | 14 | 1 | 1 | 4 | 20 | 20 |
| интиқодӣ | сустҳаракат | меланхолик | 4 | 16 | 3 | 17 | 1 | 1 | 2 | 20 | 20 |

Эзоҳ: **ғ.о.** (озмудашавандагоне, ки бо онҳо дар гурӯҳҳои озмоишӣ таҳқиқот гузаронида шудааст, вале бо сабаби дар вақти гузаронидани саволномаҳо ба хатоҳо роҳ додаанд ва ё пурра ба саволҳо ҷавоб нагардонидаанд); **ш.Д** (шумораи озмудашаван-дагоне, ки дар МТМУ-ҳои №11, 6 ва 61-и шаҳри Душанбе бо таҳқиқот ҷалб карда шудаанд); **н.В** (шумораи озмудашавандагоне, ки дар МТМУ №11-и ноҳияи Варзоб бо таҳқиқот ҷалб карда шудаанд).

**Меъёри муқаррар намудани типҳои ФОА ва хосиятҳои он**

| Типҳои ФОА | Аз руйи қувва | Аз руйи мувозинат | Аз руйи тағйирёбандагӣ | Шумораи озмудашавандагон бо фоиз | Типҳои мизоҷ | ғ.о. | ш.Д | н.В |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| қатънаёбанда (ҳаяҷоннок) | зур | дармувозинатнабуда | тағйирёбанда | 44 нафар (24,1%) | холерик | 4 | 20 | 20 |
| зур (тағйирёбанда) | зур | дармувозинатбуда | тағйирёбанда | 45 нафар (24,6%) | сангвиник | 5 | 20 | 20 |
| ором (боздоранда) | зур | дармувозинатбуда | сусттағйирёбанда | 48 нафар (26,2%) | флегматик | 8 | 20 | 20 |
| суст, сустҳаракат | суст | дармувозинатнабуда | тағйирёбанда ва ё сусттағйирёбанда | 46 нафар (25,1%) | меланхолик | 6 | 20 | 20 |

Эзоҳ: **ғ.о.** (озмудашавандагоне, ки бо онҳо дар гурӯҳҳои озмоишӣ таҳқиқот гузаронида шудааст, вале бо сабаби дар вақти гузаронидани саволномаҳо ба хатоҳо роҳ додаанд ва ё пурра ба саволҳо ҷавоб нагардонидаанд); **ш.Д** (шумораи озмудашаван-дагоне, ки дар МТМУ-ҳои №11, 6 ва 61-и шаҳри Душанбе бо таҳқиқот ҷалб карда шудаанд); **н.В** (шумораи озмудашавандагоне, ки дар МТМУ №11-и ноҳияи Варзоб бо таҳқиқот ҷалб карда шудаанд).

**Меъёри муқаррар намудани типҳои мизоҷ ва хосиятҳои он**

| Зина | Хосиятҳои мизоҷ | Типҳои мизоҷ | Шумораи озмудашавандагон бо фоиз | ғ.о. | ш.Д | н.В |
|---|---|---|---|---|---|---|
| якум | зур | холерик | 46 нафар (25,1%) | 6 | 20 | 20 |
| дуюм | серҳаракат | сангвиник | 43 нафар (23,5%) | 3 | 20 | 20 |
| сеюм | дармувозинатбуда | флегматик | 50 нафар (27,4%) | 10 | 20 | 20 |
| чорум | сустҳаракат | меланхолик | 46 нафар (24%) | 4 | 20 | 20 |

Эзоҳ: **ғ.о.** (озмудашавандагоне, ки бо онҳо дар гурӯҳҳои озмоишӣ таҳқиқот гузаронида шудааст, вале бо сабаби дар вақти гузаронидани саволномаҳо ба хатоҳо роҳ додаанд ва ё пурра ба саволҳо ҷавоб нагардонидаанд); **ш.Д** (шумораи озмудашаван-дагоне, ки дар МТМУ-ҳои №11, 6 ва 61-и шаҳри Душанбе бо таҳқиқот ҷалб карда шудаанд); **н.В** (шумораи озмудашавандагоне, ки дар МТМУ №11-и ноҳияи Варзоб бо таҳқиқот ҷалб карда шудаанд).

**Меъёри маромнокӣ-майлу хоҳиш ба дарс (аз руйи давомот)**

| Дараҷаи зуҳурот | Типҳои ФОА | Типҳои мизоҷ | ғ.о. | ш.Д | н.В | Фарқият | ш.Д н.3 чоряк | н.В н.3 чоряк |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| интиқодӣ | қатънаёбанда (ҳаяҷоннок) | холерик | 3 | 20 | 20 | 15% (-7%) | 78% | 93% |
| паст | зур (тағйирёбанда) | сангвиник | 6 | 20 | 20 | 11% (-4%) | 85% | 96% |
| миёна | ором (боздоранда) | флегматик | 7 | 20 | 20 | 7% (-4%) | 89% | 96% |
| баланд | суст, сустҳаракат | меланхолик | 7 | 20 | 20 | 6% (-2%) | 92% | 98% |

Эзоҳ: **ғ.о.** (озмудашавандагоне, ки бо онҳо дар гурӯҳҳои озмоишӣ таҳқиқот гузаронида шудааст, вале бо сабаби дар вақти гузаронидани саволномаҳо ба хатоҳо роҳ додаанд ва ё пурра ба саволҳо ҷавоб нагардонидаанд); **ш.Д** (озмудашавандагоне, ки дар МТМУ-ҳои №11, 6 ва 61-и шаҳри Душанбе бо таҳқиқот ҷалб карда шудаанд); **н.В** (озмудашавандагоне, ки дар МТМУ №11-и ноҳияи Варзоб бо таҳқиқот ҷалб карда шудаанд); **ш.Д Н.3 чоряк** (натиҷа аз руйи давомот ба дарс дар 3 чоряки соли хониш); **н.В Н.3 чоряк** (натиҷа аз руйи давомот ба дарс дар 3 чоряки соли хониш); **Фарқият** (натиҷаи давомоти дарси хонандагони байни **ш.Д Н.3 чоряк** ва **н.В Н.3 чоряк**).

**Меъёри маърифатӣ-донишандузӣ (азхудкунии дониш аз фанҳои алоҳида)**

| Дараҷаи зуҳурот | Типҳои ФОА | Хосиятҳои мизоҷ | Типҳои мизоҷ | ғ.о. | ш.Д | н.В | Фарқият | ш.Д Н.3 чоряк | н.В н.3 чоряк |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| интиқодӣ | қатънаёбанда (ҳаяҷоннок) | зур | холерик | 8 | 20 | 20 | 0,3 (-0,8) | 3,9 | 4,2 |
| паст | зур (тағйирёбанда) | серҳаракат | сангвиник | 1 | 20 | 20 | 0,1 (-0,9) | 4,0 | 4,1 |
| миёна | ором (боздоранда) | дармувозинатбуда | флегматик | 12 | 20 | 20 | 0,7 (-0,1) | 4,9 | 4,2 |
| баланд | суст, сустҳаракат | сустҳаракат | меланхолик | 2 | 20 | 20 | 0,2 (-0,2) | 4,8 | 4,6 |

Эзоҳ: **ғ.о.** (озмудашавандагоне, ки бо онҳо дар гурӯҳҳои озмоишӣ таҳқиқот гузаронида шудааст, вале бо сабаби дар вақти гузаронидани саволномаҳо ба хатоҳо роҳ додаанд ва ё пурра ба саволҳо ҷавоб нагардонидаанд); **ш.Д** (озмудашавандагоне, ки дар МТМУ-ҳои №11, 6 ва 61-и шаҳри Душанбе бо таҳқиқот ҷалб карда шудаанд); **н.В** (озмудашавандагоне, ки дар МТМУ №11-и ноҳияи Варзоб бо таҳқиқот ҷалб карда шудаанд); **ш.Д Н.3 чоряк** (натиҷа аз руйи азхудкунии дониш дар вақти дарс дар 3 чоряки соли хониш дар МТМУ-ҳои №11, 6 ва 61-и шаҳри Душанбе); **н.В Н.3 чоряк** (натиҷа аз руйи азхудкунии дониш дар вақти дарс дар 3 чоряки соли хониш дар МТМУ №11-и ноҳияи Варзоб); **Фарқият** (натиҷаи азхудкунии дониши хонандагони байни **ш.Д Н.3 чоряк** ва **н.В Н.3 чоряк**).

## АДАБИЁТ:


1. Гуревич К.М. К вопросу о психологических проявлениях основных свойств нервной системы в трудовой деятельности // Вопросы психологии. 1961. № 1.
2. Егорова М. С. Психология индивидуальных различий. – М.: Планета детей, 1997. – 328с.
3. Коган А.Б. Основы физиологии высшей нервной деятельности. М., 1959.
4. Стреляу Я., Краевски А. Индивидуальный стиль деятельности и сила нервной системы // Психофизиологические вопросы становления профессионала. – М., 1974. - С. 170-186;
5. Теплов Б.М. Исследование свойств нервной системы как путь к изучению индивидуально-психологических различий. Избр. психологические труды. – М., 1985. - Т.2. - С. 137-168.
6. Teplov B.M. (1964). Problems in the study of general types of higher nervous activity, in man and animals.. In J. A. Gray, Pavlov's typology (pp. 3±153). London: Pergamon Press.
7. Pavlov I.P. (1957). General types of animal and human higher nervous activity. In I. P. Pavlov, Experimental psychology and other essays (pp. 313±341). New York: Philosophical Library


**Бобоеров Х.Х.**

## УСВОЕНИЕ ЗНАНИЙ - ЭТО РЕЗУЛЬТАТ ФОРМИРОВАНИЯ ТИПОВ (ВНД) И ИХ СВОЙСТВ

В современных условиях получение знаний по определенным дисциплинам является основной задачей школьников и приводит к формированию свойств типов ВНД. Важно и необходимо иметь вакансия психологии в каждом среднем общеобразовательном учреждении нашей страны, и вопрос усвоения знаний школьниками в связи с развитием типов ВНД и темперамента не останется от глаз специалиста. Изучение этого вопроса не только помогает укрепить знания по предмету, но и в будущем у школьников не будет трудностей с выбором профессии. В будущем у них улучшаются устойчивые качества, такие как способность адаптироваться к новым условиям, саморазвитие, самосовершенствование, психическая устойчивость, развитие творческой критики, других изменений личности и так далее. У будущего специалиста должны развиваться вышеуказанные качества, чтобы иметь возможность взаимодействовать с каждым учеником индивидуально, а также его роль останется в первой очереди в развитии свойств типов высшей нервной деятельности и педагогических условий самосовершенствования каждого представителя.

***Ключевые слова:*** *усвоение знаний, предметные знания, психическая устойчивость, развитие творческой критики, самосовершенствование, саморазвитие, специалист, профессиональная компетентность, вариативность.*

**Boboerov K. K.**

## THE ASSIMILATION OF KNOWLEDGE IS THE RESULT OF THE FORMATION OF TYPES OF HNA AND THEIR PROPERTIES

In modern conditions, the acquisition of knowledge in certain disciplines is the main task of schoolchildren and leads to the formation of properties of the types of HNA. It is important and necessary to have a vacancy in psychology in every secondary educational institution of our country, and the question of mastering knowledge by schoolchildren in connection with the development of types of HNA and temperament will not remain in the eyes of a specialist. Studying this issue not only helps to strengthen knowledge of the subject, but also in the future, schoolchildren will not have difficulties with choosing a profession. In the future, they improve stable qualities, such as the ability to adapt to new conditions, self-development, self-improvement, mental stability, the development of creative criticism, other personality changes, and so on. The future specialist must develop the above qualities in order to be able to interact with each student individually, and his role will remain in the first place in the development of the properties of the types of higher nervous activity and the pedagogical conditions for the self-improvement of each representative.

***Key words:*** *assimilation of knowledge, subject knowledge, mental stability, development of creative criticism, self-improvement, self-development, specialist, professional competence, variability.*

**Сведения об авторе:** Бобоеров Холмахмад Холикович старший научный сотрудник отдела высшего профессионального и послевузовского образования Института развития образования им. А.Джоми Академии образования Таджикистана Бобоеров Холмахмад Холикович - e-mail Kholmahmad_29@mail.ru;- тел: +992900839283

**Information about the author:** Boboerov Kholmakhmad Kholikovich Senior Researcher of the Department of Higher Professional and Postgraduate Education, Institute for the Development of Education. A. Jomi of the Academy of Education of Tajikistan Boboerov Holmakhmad Kholikovich - e-mail Kholmahmad_29@mail.ru; - tel: +992900839283

**Б.ОДИНАЕВ**

# РОҲУ УСУЛИ ПСИХОЛОГИИ БАРТАРАФСОЗИИ ЛАКНАТИ НУТҚӢ ДАР КӮДАКОН

Таърихи омӯзиши нуқсонҳои нутқӣ нишон дод, ки назарияҳои муҳақиқон оид ба табиат, аломату нишона, методҳои бартарафнамоии нуқсони мураккаби нутқ хеле гуногунанд. Имрӯз дар масъалаи мушкилоти лакнати забони бачаҳои томактабӣ ду восита вуҷуд дорад, ки аз рӯйи моҳият, пайдоиши методи таҳқиқ ва бартарафнамоии ин нуқсон фарқ мекунанд.

Аз ҷониби намояндагони равияи якум лакнати забонӣ ҳамчун неврози ихтилоҷии нутқ дида баромада мешавад, ки яке аз зуҳуроти асосии он кашишҳои ҳиҷогии мушакҳои узви нутқӣ мебошад ва он новобаста аз воситаҳои гуфтори нутқ ба вуҷуд меояд. Бештари олимон ин ҳодисаро ҳамчун невроз ва ё аломати невроз шарҳ додаанд. Дар ин бобат олимон В.А. Гиляровский, М.Е. Хватсев, И.П. Тяпугин, С.С. Ляпидевский, Н.И. Жинкин, В.С. Кочергина ва дигарон таҳқиқот бурдаанд. Ҳамчунин корҳои И.П. Павлов оид ба фаъолияти олии асаби инсон ва механизми невроз дар ин бобат муҳиманд. Инчунин, бештари муҳаққиқон чунин хусусиятҳои психологии бачаҳои дорои лакнати забонро қайд мекунанд: шарм, ғам хӯрдан дар хусуси нутқи худ, тарсу ҳарос, ва ё баръакс қатъёбӣ ва дуруштии нутқ (И.А. Сикорский, Г.Д. Неткачев, Ю.А. Флоренский, М.Е. Хватсев ва дигарон).

Ҳангоми таҳқиқи бачаҳои томактабии забонгирифта намояндагони равияи якум дар мадди аввал масъалаи шарҳи хусусияти ихтилоҷҳо, суръати нутқ, ҳолати нафаскашӣ, мавҷудияти тарс ва ғайраҳоро гузошта, тарзи ба роҳ мондани системаи кориислоҳии лакнати забон ва тарзи истифода бурдани воситаҳои инфиродии ташхиси кӯдаконро омӯхтаанд.

Воситаи муосири бартарафнамоии лакнати забони кӯдакон аз ду қисм иборат аст: табобатию тандурустӣ ва ислоҳию тарбиявӣ. Вазифаи асосии кори ислоҳию тарбиявӣ аз нав тарбиядиҳии нутқи нодуруст ва тағйироти равонии бачаҳои забонгирифта мебошад. Дар методи бартарафнамоии ин мушкилоти кӯдакон ба инкишофи шаклҳои механики нутқ аҳамияти калон дода мешавад. Кӯдакони дорои чунин нуқсони шаклҳои гуногуни нутқ буда, муддати дароз машқ намуда, баъд ба нутқи мустақил мегузаранд. Ин системаи кор ба бартараф намудани лакнати забони бачаҳои томактабӣ маҳсули хуб дода метавонад. Намояндагоини ин равия (Р.Е. Левина, Н.А. Чевелева, С.А. Миронова, О.С. Шукурова, М.И. Геркина, Р.Р. Карпухина ва дигарон) аломати лакнати забонро ҳамчун вайроншавии функсияи муоширатии нутқ шарҳ додаанд. Онҳо ба тағйироти ҷузъии зуҳуроти лакнати забон вобаста ба шароити муошират, хусусиятҳои соҳаи эмотсионалию иродавии бачаҳои томактабӣ аҳамаияти калон додаанд. Таҳқиқотҳо нишон додаанд, ки дар бештари кӯдакони дорои чунин беморӣ ҷараёнҳои хосиятҳои нутқӣ пурра инкишоф намеёбанд. Онҳо чунинанд: фаъолӣ, воридшавӣ ба муошират, бамавқеъ будани ҷараёнҳои нутқӣ, аҳамиятдиҳӣ ба нутқи ҳамсуҳбат ва ғайра.

Методи бартарафнамоии лакнати забон дар машғулиятҳои рӯ ба рӯ дар шароити гуногун аз ҷониби Р.Е. Левин васеъ истифода мешавад. Исбот шудааст, ки дар кӯдакони лакнати забондошта баъзе шаклҳои оддии нутқ аз рӯзҳои аввали таълим дида мешавад. Чунин шакли зухурот нутқи лаҳзавӣ мебошад, ки ҳангоми мавҷуд будани маводи аёнӣ дар пеши чашми кӯдак дар вақти гапзанӣ ба амал меояд.

Масъалаи таҳқиқи амалии бачаҳои томактабии лакнати забонӣ дошта то имрӯз пурра баррасӣ нашудааст. Вале дар кори таҳқиқотии Р.Е. Левин «Лакнати забон дар бачаҳо» сохтори таҳқиқи кӯдакони лакнати забондошта оварда шудааст, ки он барои муқаррар намудани ҳаҷм ва давомнокии машғулиятҳои логопедӣ дар масоили ислоҳоти лакнати забон имконият медиҳад ва фардияти бачаҳои томактабиро меомӯзад.

Масъалаи таҳқиқи амалӣ чунин ҷиҳатҳоро ошкор карда метавонад:

1. Дараҷаи нутқи мустақилонаи кӯдак (нутқи лаҳзавӣ, шаклҳои нутқи матнӣ);
2. Хосиятҳои амалҳои нутқӣ (улфатпазирӣ, истодагарӣ, шиддатнокӣ, хусусияти аксуламал ба тағйироти шароити муошират, танзими нутқ, суръат ва ғ.);
3. Хусусиятҳои рафтори умумӣ (ангезиш, сустӣ, тобиши таъсиррасон);
4. Ҳолати ҷараёнҳои психофизиологӣ (устувории диққат, мушоҳидакорӣ, қобилияти зоҳир намудани як қатор ҷузъиёт, гузариш ба чизе, қобилияти корӣ, воридшавӣ ба фаъолият, бефаъолиятӣ, майл ба ҳолатҳои гуногун).

Бо мақсади дуруст таҳқиқ намудани аломатҳои лакнати забон пеш аз таҳқиқот мо бояд ҳуҷҷатҳои кӯдаконро дақиқ омӯзем, ки ҳангоми омӯзиши ҳуҷҷатҳои таҳқиқи тибию педагогӣ ба ташхиси невропатолог (духтури бемориҳои асаб), психиатр (духтури касалиҳои рӯҳӣ) ва логопед (мутахассис оид ба иллатҳои нутқ ва ислоҳи он) диққати махсус бояд дода шавад. Дар рафти шарҳи маълумот дар мувофиқа бо волидайни онҳо, вақти бавуҷудоии лакнати забон, табиати зуҳури он, хусусиятҳои рафтори кӯдакон дар хона омӯзиши дақиқ ба роҳ монда мешавад.

Дар натиҷаи таҳлили ҳуҷҷатҳои тиббӣ ва маҷмӯи методикаҳои психологӣ маълум мегардад, ки лакнати забон дар тамоми кӯдакон аз синни 3 то 5 сола дар давраи инкишофи нутқи муколимавӣ ба вуҷуд меояд. Баъзе сабабҳои бавуҷудоии лакнати забон инҳоянд: шароити номусоиди ҳомиладорӣ ва таваллуд. Дар чунин бачаҳо заифии ламсӣ ва асабӣ ба чашм мерасад. Инчунин, аз рӯйи ирсият (лакнати забон дар яке аз волидайни бачаҳо), дар баъзе оилаҳо аъзоёни дузабона дида мешавад.

Таҳқиқи дараҷаи нутқи мустақилона дар асоси методи С.А. Миронов гузаронидан мумкин аст. Тибқи он ба кӯдакон барои муайян кардани зуҳуроти лакнати забон 7 супориш дода мешавад.

Дар рафти таҳқиқи ин масъала ба ҳар як кӯдак чунин супоришҳо дода мешаванд:

1. Бозичаҳои дар болои миз гузошташуда, ки онҳоро номбар мекунанд (арча, мошин, лухтак, пирамида ва ғайра);
2. Ин бозичаҳоро ба хотир мегиранд (бо суръати тез);
3. Оид ба ашёе, ки озмоишгар дар хусуси он нақл мекунад, бояд муфассал ҳарф зананд;
4. Суҳбат бояд оид ба мавзӯи муайян бошад (фаслҳои сол);
5. Кӯдак бояд аз таҷрибаи шахсии худ ҳикоят кунад (масалан, чӣ тавр тобистонро гузаронид);
6. Ба калимаҳои пешниҳодшуда калимаҳои муқобилмаъно ёбанд (масалан, рӯз-шаб, баланд-паст…).

Ҳангоми таҳқиқи ҳар як кӯдак ҳуҷҷат пур карда мешавад, ки дар он тамоми зуҳуроти нутқи ӯ қайд карда мешавад, мавҷудияти лакнати забон муайян карда мешавад, масъалаҳои иловагӣ ба қайд гирифта мешаванд, тарзи зуҳуроти нутқии кӯдак дар вақти таҳқиқот омӯхта мешавад.

Бояд таззакур дод, ки дар тамоми кӯдакон шаклҳои гуногуни душвориҳои характери ихтилоҷдошта ба чашм мерасанд. Лакнати забон дар кӯдакон асосан аз рӯи ҷойҳои гуногуни таълим ба вуҷуд меояд. Дар баъзе бачаҳо душвориҳои талаффузию овозӣ ба назар мерасад. Таҳқиқот нишон додаанд, ки асосан дар 30%-и чунин бачаҳо душвориҳои талаффузию овозӣ, дар 70%-и онҳо нутқи одии бе лакнати забон дида мешавад, онгоҳ бачаҳо метавонанд супориши дуюмро бе камбудӣ ба ҷо биёранд. Дар рафти иҷрои супориш зуҳуроти лакнати забон ба чашм мерасад, ки ин аз ноустувории диққат ва сустии хотир дарак медиҳад. Дар натиҷаи машқи давомдор кӯдак аз уҳдаи иҷрои мустақилонаи супориш бе лакнати забон баромада метавонад. Дар иҷрои супориши панҷум дар кӯдакон фонди луғавӣ маълум мегардад. Супориши шашум барои кӯдакон аз ҳама мушкил мебошад. Дар ин супориш ба ғайр аз лакнати забон боз нокифоягии фонди луғавӣ ва нодурустии сохтори грамматикии нутқ ба чашм мерасад. Дар супориши ҳафтум дар кӯдакон лакнати забон зоҳир мешавад ва як қисми онҳо дар интихоби калимаҳои муқобилмаъно мушкилӣ мекашанд.

Барои ошкор кардани хусусиятҳои тарзи умумӣ ва нутқии бачаҳои лакнати забонидошта ба кӯдакон чунин супоришҳоро пешниҳод намудан қобили қабул аст:

1) Ҷамъ кардани пирамида. Шаклу лаҳзаи раванди иҷрои супориш қайд карда мешавад: мусоидат, муқоиса аз ҷиҳати бузургӣ, мувофиқати биноии супориш;
2) Тартибдиҳӣ аз рӯйи намунаи ду сохтори ранги гуногундошта: манора аз кубикҳои кабуд, қатора аз кубикҳои сурх, иҷрои пайдарпайии амалҳо;
3) Ҷамъ кардани суратҳои аз 3 ва 5 қисм иборат буда, ки барои ошкор намудани воситаи иҷро муфид мебошад (амалҳои ба тартиб мувофиқаи биноии қисмҳо ва ғайра);
4) Ороиши дастархони хурд аз шаклҳои ранги гуногундошта иборат аст. Супориш барои шарҳ додани пайдарпайӣ ва ботартибии амалҳо равона шудааст;
5) Ташкили бозии дидактикии «Аз кубикҳо сурат тартиб деҳ». (сурати сабзавот ва меваҷоти табақҳо бо мақсади муайян кардани тарзи иҷрои супориш ва санҷиши он, инчунин рафтори кӯдак дар рафти бозӣ дида баромада мешавад;

6) Супориш барои ошкор намудани мутамарказияти диққат, бомақсад будани амалҳо ва то ба охир анҷом додани супориш равона шудааст.

Дар натиҷаи таҳқиқот ва мушоҳидаҳо вобаста ба хусусиятҳои нутқӣ, соҳаи эмотсионалию иродавӣ се гурӯҳи кӯдаконро ҷудо карда метавонем:

I. Кӯдакони дар алоқа буда, ки бо танзими хуби рафтор ва диққати устувор фарқ мекунанд. Чунин кӯдакон хайрхоҳ, ташаббускор, қатъӣ, ба вазъият тез мутобиқ мешаванд, малакаи хуби бозӣ карданро доранд, кори оғозкардаро ба охир мерасонанд.

II. Кӯдакони аз ҷиҳати ҳаракат суст, шиддатнок, ноустувор дар рафтори худ, ба аксуламалҳои асабоният майлкунанда, бедиққатӣ ба гуфтори ҳамсӯҳбат, гапногир мебошанд.

III. Кӯдаконе ки онҳо аз рӯйи дарундорӣ, сустӣ, тез мутобиқнашавандагӣ, танзими ноустувори иродавии рафтор, муттамарказияти пасти диққат, тезмондашавӣ, сустии хотир беташаббусӣ фарқ мекунанд.

Дар ҷамъбаст гуфтан мумкин аст, қишрҳои гуногуни майнаи сар дар инкишофи равандҳои нутқӣ нақши пешбарандаро мебозанд. Ҳангоми осеб дидани ягон қабати он ба аломатҳои махсуси вайроншавии фаъолияти нутқӣ оварда мерасонад. Маълумоти дар боло овардашуда ба пешгирии механизмҳои вайроншавии фаъолияти нутқӣ мусоидат мекунад. Чунин маълумот махсусан барои ташхиси тафриқавии шаклҳои гуногуни иллатҳои нутқ ҳангоми осеби марказии системаи асаб зарур аст, ки барои барқарор намудани нутқ дар беморони лакнати нутқдошта имконият медиҳад.

**АДАБИЁТ:**


1. Беккер К.П. Совак М. Логопедия. М., 1981.
2. Волкова ГЛ. Логопедическая ритмика. М., 1985 и др.
3. Выготская И. Г. и др. Устранение заикания у дошкольников в игре. М., 1984.
4. Зееман М. Дети с ускоренной речью // Расстройства речи в детском возрасте. М., 1962.
5. Заикание / Под ред. Н. А. Власовой, К. П. Беккера. М., 1983.
6. Кочергина В.С. Брадилалия, тахилалия, спотыкание // Расстройства речи у детей и подростков. М., 1969.
7. Миссуловин Л. Я. Заикание. — СПб., 1999.
8. Оганесян Е.В. Логопедическая ритмика. М., 1998.
9. Основы теории и практики логопедии / Под ред. Р.Е. Левиной. - М.: Просвещение, 1967
10. Селиверстов В.И. Заикание у детей. М., 1979.
11. Тяпугин И.П. Заикание.М.,Просвещение.1966
12. Хрестоматия по логопедии / Под ред. Л. С. Волковой, В. И. Селиверстова. М., 1997. Ч. I.
13. Хватцев М.Е. Логопедия: уч. для пед. институтов. – М, 1937
14. Чевелева Н. А. Исправление заикания у школьников в процессе обучения. М., 1978.
15. Шкловский В. М. Психотерапия в комплексной системе лечения логоневрозов: Руководство по психотерапии / Под ред. В. Е. Рожнова. М., 1974.
16. Ястребова А. В. Коррекция заикания у учащихся общеобразовательной школы. М., 1980.


**Одинаев Б.Ю.**

## ПСИХОЛОГИЧЕСКИЕ СПОСОБЫ УСТРАНЕНИЯ СИНДРОМОВ ЗАИКАНИЯ У ДОШКОЛЬНЫХ ДЕТЕЙ

Речь – эта сложная функциональная система, которая используется на основе знаковой системы языка. Речевая функциональная система основывается на деятельности многих мозговых структур головного мозга, каждая из которых выполняет специфически определенную операцию речевой деятельности. Сложнейшая система языка усваивается ребенком в короткое время и является продуктом длительного общественно-исторического развития.

***Ключевые слова:*** *невроз (обратимое расстройство психической деятельности), невропатолог, психиатр, логопедия, синдром, заикание, речевая деятельность, головной мозг, функциональная система, расстройство.*

**Odinaev B.Ю**

## PSYCHOLOGICAL METHODS OF SYNDROMES' ELIMINATION OF STUTTERING IN PRESCHOOL CHILDREN

Speech - a complex functional system that is used on the basis of a sign language system. Speech functional system based on the activity of many brain structures of the brain, each of which performs a specific operation specific speech activity. Complex language system is absorbed by the child in a short time and is the product of a long social and historical development.

***Key words:*** *neurosis (reversible disorder of mental activity), neurologist, psychiatrist, speech therapy, syndrome, stuttering, speech activity, functional system, brain disorder.*

**Маълумот дар бораи муалиф: Одинаев Б.Ю. -** ходими илмии Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи А.Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон
**Сведения об авторе: Одинаев Б.Ю.** – научный сотрудник отдела общественных дисциплин, политики и стратегии Института развития образования им. А. Джами АОТ
**Information about the author: Odinaev B.** – research worker, Department of social discipline, politics and strategy of IED by name of A. Jami at AET.

**ШАРИФОВА С.**

## АСОСҲОИ ПЕДАГОГИИ ТАРБИЯИ ҶАВОНОН ДАР РЎҲИЯИ ЭҶОДКОРИВУ СОЗАНДАГӢ

**Ман ба нерўи созандаи тамоми мардуми шарифи мамлакат, аз ҷумла ҷавонони боғайрат ва занону бонувони ватандўсту соҳибмаърифат эътимоди комил дорам ва дилпурона изҳор менамоям, ки мо ҳама якҷо бо заҳмати содиқонаву аҳлонаи худ то ҷашни мубораку муқаддаси сисолагии истиқлолу озодии Тоҷикистони маҳбубамон симои Ватани азизамонро то дурдасттарин гўшаву канори он боз ҳам ободу зебо мегардонем.**

**Эмомалӣ Раҳмон**

Асолати ватандорӣ ва ифтихори миллии мардум, ба хусус ҷавононро хеле баланд кард. Бояд мутазаккир шуд, ки аксарияти аҳолии Тоҷикистонро ҷавонон ташкил медиҳанд,ки онҳо давомдиҳандаи кору фаъолияти насли калонсол, неруи созанда ва иқтидори воқеии пешрафти ҷомеа, хулоса ояндаи миллат ва давлат мебошанд.

Дар ҷомеаи имрўза дар кори пешбурди соҳаҳои мухталифи иқтисоди миллӣ мавқеи ҷавонон хеле муҳим аст, чунки ин қишри ҷомеа дорои афкори тозаю нав, неруи пешбарандаи маориф, фарҳанг ва сиёсату иқтисод буда, истифодаи васеи технологияи муосирро дар истеҳсолот метавонанд ба хубӣ таъмин созанд. Аз ин ру, ба таълиму тарбияи насли ҷавони имруза ҳанўз аз давраи таваллуд таваҷҷуҳи хосса бояд зоҳир карда мешавад, зеро ки ба камол расонидан ва соҳибмаърифат гардидани фарзандон аз шароиту имкониятҳои волидон вобастагии зиёд дорад.

Баробари вусъат бахшидани раванди таълим дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ба таҳким ва дуруст роҳандозӣ кардани масоили марбут ба тарбия, хусусан, ҷиҳати тарбия намудани ҷавонони имрўза дар рўҳияи ватандўстӣ, ифтихори миллӣ, инсонпарварӣ, худогоҳӣ, арҷ гузоштан ба арзишҳои миллӣ таваҷҷуҳи зарурӣ бояд дод. Азбаски ҷаҳони муосирро таҳдидҳои терроризму экстремизм ба ларза овардааст ва созмону ҳизбу ҳаракатҳои гуногуни фалокатовар арзи ҳастӣ карда истода, мафкураи ҷавонон ва наврасонро заҳрогин мекунанд, масъулияти мо дар назди Ватан, Ҷомеа ва Пешвои миллат дучанд мегардад. Зеро сухан силоҳи беҳтарини дифои мафкура ва воситаи бузурги мубориза бар зидди терроризм ва экстремизм мебошад ва хифзи наврасону ҷавонон аз гаравиш ба ҳар гуна ҳизбу ҳаракатҳои номатлуб вазифаи аввалиндараҷаи мо, Истиқлолияти Тоҷикистон раванди бунёдкориро дар кишвар ба вуҷуд оварда, сатҳи худшиносӣ аҳли қаламу сухан низ маҳсуб мешавад [8. с. 59].

Аз ин рў, бо назардошти вазъи кунунии ҷаҳони муосир мактабу маориф аз омили муҳимтарин буда, яке аз омилҳои асосии ташаккулу инкишофи миллии кишвар маҳсуб меёбад. Насли нави башарӣ бояд ҳамчун неруи тоза дорои дониш ва малакаи хуби инсонӣ бошад, то ки дар оянда дар ҷомеъа ба рушди босуботи иқтисодию сиёсии кишвар саҳмгузорӣ намояд. Дар ин ҷодда мактабу маориф, бояд дар раванди таълиму тарбияи насли ҷавони оянда маҳорати касбии худро нишон дода,ба хатою саҳлангорӣ роҳ надиҳанд. Онҳо бояд фаъолиятро аз банизомдорӣ ва барномасозии муносибатҳо шуруъ намоянд. Зеро таҳлил, дарёфти мушкилот ва бо ин васила таҳия ва татбиқи барномаҳои давлатӣ имкон медиҳанд, ки ҷавонон ба зудӣ мавқеи худро дар ҷараёнҳои идоракунии мамалакат кашф намояд.

Дигар ҷиҳат бештар ба ташкили чорабиниҳои фарҳангиву маърифатӣ ҷалб намудани ҷавонон мебошад. Ҳадаф аз баргузории чорабиниҳо дар замири насли ҷавон бедор кардани эҳсоси баланди миллӣ, худшиносиву ватандўстӣ, талқини ахлоқи ҳамида, эҷодкорӣ, омўзиши илм ва касбу ҳунарҳои муосир, ҷиддияту меҳнатдўстӣ ва арзишҳои миллӣ аст, то дар оянда тавонанд ҳамчун шаҳрвандони сазовор ва намояндагони шоистаи миллати хеш Ватани азизамонро дар арсаи ҷаҳон муаррифӣ намоянд.

Дар ин маврид Асосгузори сулҳу ваҳдат, Пешвои миллат-Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон низ таъкид намудааст: «Дар марҳалаи кунунии тараққиёти Тоҷикистон таваҷҷўҳи рўзафзун ба соҳаҳои илму маориф, татбиқи васеи дастовардҳои

илму техника ва технологияи муосир, тарбия намудани ҷавонону наврасон дар рӯҳияи арзишҳои милливу умумибашарӣ, тайёр кардани кадрҳои ҷавобгӯ ба талаботи иқтисоди бозорӣ ва таъмини робитаи амиқи илму истеҳсолот аз ҷумлаи вазифаҳои муҳимтарин мебошанд. [9, 36].

Барои дар сатҳи баланд тарбия намудани ҷавонон якчанд пешниҳодҳо қобили қабул аст:

– такмили мазмун ва сифати таълим ва ба меъёрҳои ҷаҳонӣ мутобиқ гардонидани он;

- таъмини истифодаи пайвастаи дастовардҳои илмию методӣ дар раванди таълим, васеъ намудани доираи фаъолияти эҷодии мактаббачагону донишҷӯён дар якҷоягӣ бо фаъолияти омӯзгорон;

–таъмини алоқамандӣ ва пайдарҳамии мазмуни таълим дар зинаҳои гуногуни низоми тарбияи мутахассисон;

- фароҳам овардани шароити мусоид барои ташкил намудани таълими самаранок, таълиму тарбия, фаъолияти илмию эҷодии ҷавонон;

– мукаммалгардонии заминаҳои моддию техники муассисаҳои таълимӣ ва илмии соҳаҳое, ки ҷавонон фаъолият мекунанд;

– дастгирии моддию маънавии мутахассисони ҷавон, ташаккули эътибору нуфузи онҳо;

– дар замири насли наврас бедор намудани майлу рағбат нисбат ба дониш.

Бояд зикр намуд, ки дар шароити гузариши иқтисоди Тоҷикистон ба муносибатҳои бозорӣ, тағироти сифатӣ дар соҳаи илм, техника ва технология, рушди имкониятҳои худшиносии шахсӣ, вазифаҳо ва сохтори соҳаи маориф барои ҷавонон табиатан мураккабтар мешавад. Иқтисодиёти Тоҷикистон ба мутахассисони соҳҳаҳои маориф, тандурустӣ, махсусан гидроэнергетика, наклиёт, сохтмон, саноат, авиатсия ва алоқа эҳтиёҷи зиёд дорад. Вале бояд ошкоро гуфт, ки ҳанӯз ҳам усули тарбия ва омодасозии мутахассисон, махсусан зиёиёни техникӣ ҷавобгӯи эҳтиёҷоти иқтисоди миллӣ нест. Даро шароити имрӯза ҷумҳурии соҳибистиқлоли мо қабл аз ҳама ба табақаи зиёиёни пешрафти техникӣ ниёз дорад, зеро замона дигар шуд ва талабот низ ҳам акнун дигар шуд. Олимони илмҳои гуманитарӣ, бе шубҳа заруранд, вале бояд коре кард, ки таваҷҷуҳи ҷавонони тоҷик ба илмҳи дақиқ ҷалб шавад, бояд шароите фароҳам овард, ки боиси кашфи ихтирооти нодиру нави ҷаҳонӣ гардад ва воқеан, дастгирие зарруат дорад, ки дасту дили нерӯи созанда ба кор гарм бошад[8,с 92].

Баробари эълон намудани солҳои 2020-2040 “Солҳои омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф” Пешвои миллат таъкид менамояд, ки Академияи илмҳо, вазоратҳои иқтисод ва савдо, маориф, меҳнат ва ҳифзи иҷтимоию шуғли аҳолӣ, саноат, энергетика ва ғайра вазифадор карда шаванд, ки тарбияи мутахассисонро бо дарназардошти эҳтиёҷоти иқтисодиёт таҳлили назар намуда, ҷиҳати барқарорсозии низоми касбомӯзӣ, тарбияи зиёиёни техникӣ, таъмини шуғли хатмкунандагони муассисаҳои таълимии касбӣ, дастгирии фаъолияти устувор ва самарабахши меҳнатии онҳо тадбирҳои дарозмуҳлатро таҳия ва табиқ намоянд [6,14].

Дар ин замина бояд қайд кард, ки тарбияи кадрҳои баландихтисос ва ба талаботи бозори меҳнати Тоҷикистон ҷавобгӯ, таъсиси шуъбаҳои профили дахлдор дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва касбии иловагӣ, таҳияи барномаҳои махсуси таълимӣ ва кушодани курсҳо оид ба тайёр кардан ва бозомӯзии касбии ҷавонон, нашри китобҳои дарсӣ, таҳияи асосҳои назариявӣ ва методологии фаъолиятҳое, ки ба гирифтани донишҳои умумӣ ва касбӣ, азхудкунии дастовардҳои фарҳанг, ташаккули дастурҳои ахлоқӣ мусоидат мекунанд ва педагогикаи таълимро дар заминаи роҳи зиндагии инсон баррасӣ мекунад, вазифаи асосии маориф дар роҳи рушду такоммули ҷавонон ба шумор меравад.Он принсипҳо, усул ва воситаҳоеро нишон медиҳад, ки тавассути онҳо нақши рушдкунанда, иҷтимоӣ ва мутобиқсозии таълим дар ҳаёти ҷавонон таъмин карда мешавад. Дар ин замина принсипҳои асосии педагогиеро, ки асосҳои назариявӣ ва методологии таълим додани ҷавононро ташкил медиҳанд, номбар намудан мувофиқи мақсад аст. Чунончи:

- принсипи омӯзиши мунтазам, ки он риояи ҳадафҳои мувофиқ, мундариҷа, усул, шаклҳо, васоити таълимӣ ва арзёбии натиҷаҳои онро таъмин менамояд;

- принсипи такя ба таҷрибаи донишҷӯ ва толибилмон, ки ҳамчун яке аз сарчашмаҳои омӯзиши онҳо истифода мешавад;

- принсипи рушди ниёзҳои таълимӣ, ки мувофиқи он раванди таълим бо мақсади ташаккули ниёзҳои нави таълимӣ дар донишҷӯён ва толибилмон сохта мешавад, ки на

танҳо пас аз он, балки дар раванди расидан ба ҳадафи муайяни таълим мушаххас карда мешавад;

- принсипи навсозии натиҷаҳои таълим, ки истифодаи фаврии дониш, маҳорат ва малакаҳои бадастовардаи донишомӯзро дар амал татбиқ менамояд;

- принсипи инфиродии таълим, ки истифодаи барномаҳои инфиродии таълимиеро пешбинӣ менамояд, ки он талабот ва ҳадафҳои мушаххаси таълим, таҷриба ва сатҳи ибтидоии таълимии донишҷӯён, хусусиятҳои маърифатӣ ва психофизиологии онҳоро ба назар мегиранд.

Барои дар амал татбиқ намудани ин принсипҳо омилҳои зерин, аз қабили омӯзиш ва истифодаи таҷрибаи омӯзгорони мамлакатҳои пешрафта, истифодаи мақсадноки воситаҳои техникӣ ва иттилоотию коммуникатсионӣ, шабакаи умумиҷаҳонии Интернет, китобхонаи электронӣ, ба роҳ мондани дарсҳо бо истифода аз усули фаъол (инноватсионӣ)- и таълим аз ҷониби омӯзгорони эҷодкори таълимгоҳҳои озмоишӣ, хеле умда мебошанд. Хусусан дарсҳои инноватсионӣ на танҳо ба демократизатсияи зоҳирӣ ва имрӯзаи соҳаи маориф ҳамчун мақоми сернуфузи ҳамаҷонибаи ҷомеа мусоидат мекунанд, балки имкон медиҳанд, ки озодии ботин ва рушди андешаи насли наврас дар раванди таълиму тарбия пурра таъмин гардад. Аз ин бармеояд, ки масъалаи тарбияи ахлоқии ҷавонон дар муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ дар шароити рушди ҷомеаи муосир аз мо ҳар чи беҳтар ва босифаттар истифода намудани имкониятҳои мавҷуда ва муҳайё намудани шароити мусоиди тарбияи маънавию ахлоқиро тақозо менамояд.

Ба ҳамин тариқ, тарбияи ҷавонон дар рӯҳияи ватандӯстиву ватанпарастӣ, худогоҳиву хештаншиносӣ ва арҷгузорӣ ба арзишҳои волои таърихиву фарҳангӣ аз вазифаҳои муҳимму авалиндараҷа ҳисоб мешавад.

**АДАБИЁТ:**


1. Активные формы обучения. /Методические рекомендации для учителей./ Сост. Заир-Бек Е.С., Сорокина Т.Г. Л., 1991.
2. Иматова Л.М. Тамоюлҳои асосии рушди таҳсилот ва роҳҳои татбиқи онҳо дар ҷарёни таълим. ./Паёсм Пажӯҳишгоҳи рушди маориф.2020,№1(29.-с.5-9.
3. Имомназаров Д. Технологияи муосири таълим-омили муҳими рушди тафаккур./Паёсм Пажӯҳишгоҳи рушди маориф.2020,№1(29,-с.21-26.
4. Имомназаров Д. Технологияи муосири таълим-омили муҳими рушди тафаккур./Паёсм Пажӯҳишгоҳи рушди маориф.2020,№1(29,-с.21-26.
5. Раҳмон Э. Рушди маориф асоси таҳкими аркони давлат.Душанбе, 2009.
6. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, «Дар бораи самтҳои сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ», Душанбе, 2019, 47 саҳ.
7. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, «Дар бораи самтҳои сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ», Душанбе, 26 январи соли 2021.
8. Ҳомидов И. Нерӯи оянддасози миллат. Душанбе “Ирфон” 2011, 111с.
9. Эмомалӣ Раҳмонов. Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат.– Душанбе: Ирфон, 2002, ҷ. I, с. 306.


**Шарифова С.**

**ПЕДАГОГИЧЕСКИЕ ОСНОВЫ ВОСПИТАНИЯ МОЛОДЕЖИ В ДУХЕ ТВОРЧЕСТВА И СОЗИДАНИЯ**

В статье рассматривается организация и реализация воспитания молодежи в духе творчества и созидания. Отмечается, что правильное решение этого вопроса зависит, прежде всего, от правильной системы образования для подготовки квалифицированных кадров. Автор заявляет, что в целях расширения образовательного процесса в высшей школе, следует проявлять особое внимание для усиления и правильного решения вопросов, связанных с образованием, в частности, для воспитания современной молодежи в духе патриотизма, национальной гордости, человечности, самосознания, признания ценностей.

***Ключевые слова**: воспитание, молодежь, творческие силы, образование, профессия, экономическое развитие, этика, духовность.*

**Sharipova S.**

**PEDAGOGICAL BASIS OF EDUCATION OF YOUTH IN THE SPIRIT OF CREATIVITY AND CREATION**

The article discusses the organization and implementation of education of young people in the spirit of creativity and creation. It is noted that the correct solution to this issue depends, first of all, on the correct education system for training qualified personnel. The author declares that in order to expand the educational process in higher education, special attention should be paid to strengthen and correctly

address issues related to education, in particular, to educate modern youth in the spirit of patriotism, national pride, humanity, self-awareness, and recognition of values.

***Key words:*** *upbringing: youth, creative forces, education, profession, economic development, ethics, spirituality.*

**Сведения об авторе:** Шарипова С. Старший научный сотрудник отдела подготовки научно-педагогических кадров тел: 987293277

**Information about the author:** Sharipov S. a Senior Researcher of the Department of Training Scientific and Pedagogical Personnel Tel: 987293277

**Б.ЗУЛФОНОВ**

# ТАДБИРҲОИ БЕҲ ГАРДОНИДАНИ СИФАТИ ТАҲСИЛОТИ КАСБӢ

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ- Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми навбатиашон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26- декабри соли 2019 таъкид намуданд: «Роҳбарону кормандони соҳаи маорифро зарур аст, ки дар баробари чунин дастовардҳои давлат ва афроди ватандӯст сатҳу сифати таълимро дар ҳар як муассисаи таълимӣ, сарфи назар аз шакли моликияти онҳо ва дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот баланд бардоранд».

Дар замони муосири тараққиёти Ҷумҳурии Точикистон рушди устувори ҷомеа ва таъмини рақобатпазирии иқтисоди миллӣ ба миён омадааст. Фаъолияти самарабахши низоми таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ ба дараҷаи салоҳиятнокии касбии аҳолӣ вобастагии ногусастанӣ дошта, дар рушди ҳаёти иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва маданию фарҳангии мамлакат саҳми арзанда мегузорад. Аз ин рӯ, таъмини соҳаҳои гуногуни кишвар бо коргарони соҳибихтисос ва мутахассисони сатҳи миёнаи ҷавобгӯ ба талаботи

бозори меҳнат бар дӯши зинаи таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ вогузор мебошад.

Талабот ба сифати таълим ба ҳалли вазифаҳои системаи маориф равона карда шудааст, ки эҳтиёҷоти ҳам давлат ва ҳам шахс, дар маҷмӯъ ҷомеаро инъикос мекунад. Ҳоло яке аз вазифаи муҳим дар соҳаи маорифи кишвар татбиқи технологияҳои муосири таълимӣ дар раванди таълим ва рушди салоҳиятҳои касбӣ тавассути захираҳои рақамии таълимӣ дар асоси истифодаи имкониятҳои шабакаи Интернет мебошад, ки он барои ташаккули қобилияти ҷустуҷӯ ва дарёфт намудани иттилооти зарурӣ, таҳлили маълумоти бадастомада, ба низом даровардани натиҷаҳо, оқилона ва самаранок омода ва пешниҳод кардани маълумоти мувофиқ, инчунин барои баланд бардоштани сифати раванди таълим мусоидат намуда, он дар навбати худ ба сифати омодасозии мутахассисони соҳибкасби ба талаботи бозор ҷавобгӯ таъсири мусбат мерасонад.

Таҳсилоти миёнаи касбӣ имрӯз соҳаи муҳимтарини сиёсати иҷтимоии давлат дар соҳаи маориф маҳсуб меёбад. Бозори меҳнат талаботи навро ба коргарон ва мутахассисони сатҳи миёна, ки омили асосии рушди иқтисодӣ мебошанд, тақозо мекунад. Агар дирӯз омӯзгорону донишҷӯён ва волидайни онҳо ба технологияҳои нави иттилоотӣ шинос шуданду унс гирифтанд, имрӯз технологияи иттилоотӣ-иртиботӣ доираи истифодаи онро танг намуд ва имкониятҳои дигари замонавӣ - воситаҳои нави интерактивии техникӣ пайдо шуданд, ки истифодаи онҳо дар таълим барои баланд бардоштани ҳам сифати таълим ва ҳам дониши муҳассилин қадами назаррас ба сӯи пеш аст. [1-5].

Бояд қайд кард, ки дар даҳсолаи охир дар соҳаи маорифи кишвар, аз он ҷумла дар таҳсилоти касбӣ фаъолияти инноватсионӣ ба роҳ монда шуд, ки он ба ҷорӣ намудани навгониҳо дар мундариҷаи таълим, амсилаҳои (моделҳои) таълимӣ ва идоракунӣ оварда расонд. Аз ин рӯ, сифат ҳамчун категорияе ҳисобида мешавад, ки вобаста ба сатҳи фарҳанг ва даромади истеъмолкунандагон ба қонунҳои талабот ва пешниҳод мувофиқат мекунад. Сифат мафҳуми мураккабест, ки самаранокии тамоми ҷанбаҳои раванди идоракунӣ: таҳияи стратегия, ташкил, назорат ва маркетинги фаъолияти таълимии муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбиро тавсиф мекунад.

Пас, саволе ба миён меояд, ки кадом омилҳо дар ин ҷода барои баланд бардоштани сифати таълим мусоидат мекунанд?

Албатта пӯшида нест, ки сифати ҷараёни таълим ба сифатҳои зерин алоқамандӣ дорад:

- сифати барномаи таълимӣ;
- сифати неруи кадрҳои илмию педагогӣ, ки дар ҷараёни таълим ҷалб карда мешаванд;
- сифати неруи донишҷӯён;

- сифати воситаҳои ҷараёни таълим (базаи моддию техникӣ, озмоишгоҳи таҷрибавӣ, таъминоти таълимию методӣ, синфхонаҳо);
- сифати технологияҳои таълимӣ;
- сифати идоракунии сохтор ва равандҳои таълимӣ.

Сифати раванди таълим на танҳо аз донишҷӯ ва устод, балки ба ҳама иштирокчиёни ҷараёни таълим низ вобаста мебошад. Вазифаи асосии коллеҷҳо оид ба баланд бардоштани сифати таълим тавассути фаъолияти таълимию тарбиявии омӯзгор, ки ба муносибати муштарак ва ба системанокӣ асосёфта нигаронида шудааст, амалӣ карда мешавад.

Дар замони тараққиёти ҳамбастагии ҷаҳон ва пешрафти фану техника, зиёд шудани ахбори интернетӣ барои тезонидани ҷараёни таълим ва таъмини самаранокии он, аз байн бурдани маҳдудияти фаъолияти омӯзгор ва донишҷӯ дар раванди таълим ва инчунин барои ба ҳаёт тайёр намудани ҷавонони соҳибкасб ба омӯзгорон зарур аст, ки роҳу воситаҳои нави технологияи педагогии таълимро ҷустуҷӯ намоянд, зеро онҳо дар ташаккули шахсияти донишҷӯ - шахсияти тамаддуни иттилоотӣ нақши калидиро мебозанд. Истифодаи технологияҳои инноватсионӣ дар ҷараёни таълим барои баланд бардоштани сифати таълим ва ташаккули фарҳанги иттилоотӣ дар байни донишҷӯён мусоидат намуда, ҳавасвасмандӣ ва маърифати донишҷӯёнро афзун менамояд, ҷаҳонбинии онҳоро васеътар мекунад ва имкон медиҳад, ки дар омӯзиши фанҳои махсус технологияи ба шахсият нигаронидашудаи омӯзиши интерактивӣ татбиқ карда шавад. [2-3] Дар раванди таълим истифодаи васеи шакли электронии барномаҳои гуногуни таълимӣ, намоишҳои мултимедиявӣ ва инчунин манбаъҳои таълимии Интернетро барои баланд бардоштани сифати таълим ва ба ташаккули тафаккури интиқодӣ ва малакаҳои ҷустуҷӯи мустақили иттилоот равона кардан манфиатовар аст

Яке аз роҳҳои баланд бардоштани сифати таълим пеш аз ҳама истифодаи тахтаи интерактивӣ, ё электронӣ дар ҷараёни таълим мебошад. Лекин боиси таассуф аст, ки на дар ҳама муассисаҳои таълимии ҷумҳурӣ аз ин воситаи муосири таълимӣ, яъне тахтаи интерактивӣ васеъ истифода мебаранд. Таҳқиқот нишон дод, ки истифодаи тахтаҳои электронӣ дар таълим ва дар омӯзиши фанҳои таълимӣ ба натиҷаҳои мусбат оварда мерасонад. Истифода ва кор бо тахтаи интерактивӣ фаҳмиши маводро осон менамояд ва хонандагон эътироф мекунанд, ки кор бо тахтаи интерактивӣ аз навиштан хеле шавқовар аст ва пайдо кардани равиши мултимедия ба онҳо кӯмак мекунад, ки дар раванди таълим фаъол бошанд.

Бояд тазаккур дод, ки низоми салоҳиятнокӣ дар соҳаи маориф моро водор месозад, ки ба мундариҷа ва сифати таълим таваҷҷӯҳи хосса зоҳир карда шавад, зеро муайян кардани мундариҷаи омодасозии омӯзгорони оянда барои ҳалли масъалаҳои таъмини таҳсилоти босифат хеле муҳим аст. Дар ин замина ислоҳоти сифатӣ дар тамоми зинаҳои таҳсилот тақозои замон ва талаботи бозори ҷаҳон буда, зарур аст, ки:

1. Дар соҳаи таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ барои баланд бардоштани сатҳи донишҳои омӯзгорони муассисаҳои таълимии таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ доир ба масъалаҳои такмил додани стандартҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ ҷиҳати ба ҷавонписарон ва духтарон таъмин намудани имконияти ба даст овардани донишҳои ба талаботи муосир ҷавобгӯ шароити муносиб фароҳам оварда шуда, дар самти омодагии касбӣ ва таҷрибаомӯзии ҷавонон ва ба ҷойи кор таъмин намудани мутахассисони ҷавон барномаи таҷрибаомӯзии ба талаботи имрӯза ҷавобгӯ таҳия карда шуда дастраси муассисаҳои тахсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ гардонида шавад.

2. Дар самти низоми кредитии таҳсилот, таҳсилоти фосилавӣ, истифодаи технологияҳои иттилоотӣ-мултимедиавӣ ва омӯхтани ҳамаҷонибаи таҷрибаи ҷаҳонӣ таваҷҷӯҳи созмон ва ташкилотҳои ҷамъиятию байналмилалии кишварҳои пешрафтаро ҷалб намуда, барои таъмин ва баланд бардоштани сифати таҳсилот, истифодаи васеи технологияҳои электронии таълим дар раванди таълим шароити мусоид фароҳам оварда шуда, барои харидории таҷҳизоти техникии замонавӣ, дастрасии доимӣ ба Интернет, таҳия ва таъмин намудани барномаҳо ва роҳнамо роҷеъ ба технологияҳои муосири таълим аз ҷониби муассисаҳои таълимӣ тадбирҳои зарурӣ андешида шавад. [6-7] Масъалаи баланд бардоштани сифати таҳсилот ва равона сохтани он ба қонеъ гардонидани ниёзу дархости ҳар як хонанда, пеш аз ҳама, таҷдиди назар намудани мундариҷаи таҳсилот (стандарт, нақшаю барномаҳои таълимӣ, китобҳои дарсии насли нав) ва мувофиқ намудани он ба талаботи замон бо назардошти гузариш ба истифодаи технологияи

муосири таълим, таъмини ҳамгироии таҳсилот бо илм дар шароити рушди бозори меҳнати рақобатнок ва ислоҳоти соҳа дар мадди назари ҳукумати кишвар ва Вазорати маориф ва илм қарор гирифтааст. Масалан, ҷаҳду талоши пайгиронаи Ҳукумати Тоҷикистон, аз ҷумла дар «Стратегияи миллии рушди маорифи Тоҷикистон то соли 2020» (ҚҲҶТ аз 30.06. № 334), ки ҳанӯз соли 2012 ба тасвиб расонида шудааст ва ба ислоҳоти соҳаи маориф баҳри таъмини хизматрасонии амалию самарабахши маориф ва дастрас гардонидани таҳсилоти босифат дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот замина гузоштааст, инъикос гардидааст.

Стратегияи мазкур баланд бардоштани сифати таҳсилотро чунин муайян кардааст:

- ба воситаи навсозии мазмуни таҳсилот: коркарди стандарт, нақшаю барномаҳои таълимӣ ва китобҳои дарсии насли нав (муносибати босалоҳият ба таълим);
- ворид сохтани тағйирот ба сохтори соҳаи маориф;
- таъмини дастрасӣ ба таҳсилоти босифат.

Тибқи қарори мазкур мазмуну мундариҷаи стандарт, нақшаю барномаҳои таълимӣ (муносибати босалоҳият ба таълим) аз ҷониби коршиносон, олимон, омӯзгорони нававар ва дигар муттассадиёни соҳа таҷдиди назар ва баъзеи онҳо аз нав коркард карда шуданд. [8-9]

Системаҳои самарабахши арзёбии сифати таҳсилот маълумоти кофӣ ва миқдоран зарурӣ барои қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти иттилоотии ҳамаи гурӯҳҳои дахлдор ва онҳое, ки бо мақсади баланд бардоштани сифати таҳсилоти хонандагон қарор қабул мекунанд, пешниҳод мекунад.

Таъмини таъсири сифатан баланди натиҷаи арзёбӣ ба сиёсати таҳсилот аз 3 шарти калидӣ иборат мебошанд, ки дар асноси иҷрои барномаҳои давлатӣ дастовардҳои таълимии хонандагон бояд ба эътибор гирифта шаванд, масалан:

- дониши истифодабарандагони натиҷаҳои арзёбии барномаҳои таълимӣ ва эҳтиёҷоти иттилоотии онҳо;
- мавҷудияти натиҷаҳои иттилоотии дорои неруи қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти мавҷудаи иттилоотии гурӯҳҳои ҳархелаи истифода барандагон;
- фаҳмиши интихоб ва истифодаи шаклу воситаҳои паҳн намудани натиҷаҳои иттилоотӣ;

Таҷрибаи пешқадами байналмилалӣ ва кишвари мо борҳо тасдиқ намудааст,ки маҳорати шарҳу тафсири натиҷаҳои арзёбии сифати таҳсилот ва расонидани дарки моҳияти он ба намояндагони тарафҳои ба он фарогир омили арзишманди иҷрои барномаи таълимӣ ва дастовардҳои таълимии хонандагон ба ҳисоб меравад ва арзёбии мазкур ба ташаккули маҳорати омӯзиши инфиродии ҳар як хонанда таъсиргузор хоҳад буд.

**АДАБИЁТ:**

1. Барномаи давлатии ислоҳот ва рушди соҳаи таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012-2020 (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз «30» 04.2012, №200). - Душанбе, 2012.
2. Бондаревская, Е. В. Качество образования как условие его опережающего развития и конкурентоспособности // Наука и образование / Е. В. Бондаревская. – Ростовн/Д, 2005. - 7 с.
3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи маориф" аз 22 июли соли 2013, № 1004.
4. Ишембитова, З.Б. Обеспечение качества образования и профессиональной подготовки выпускников в педагогическом колледже //https://cyberleninka.ru/article/n/ obespechenie-kachestva-obrazovaniya-i-professionalnoy-podgotovki-vypusknikov-v-pedagogicheskom-kolledzhe/viewer (санаи мурочиат 20.05.2020).
5. Мухаметзянова, Г.В. Среднее профессиональное образование в условиях многоуровневой подготовки специалистов / Г. В. Мухаметзянова, Г. И. Ибрагимов. – 2001. – № 1. – С. 10–14
6. Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020 (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2012, №334). – Душанбе, 2012.

**Зулфонов Б.**

## МЕРЫ ПО ПОВЫШЕНИЮ КАЧЕСТВА ПРОФЕССИОНАЛЬНОГО ОБРАЗОВАНИЯ

В данной статье автор отмечает, что использование современных технологий в учебном процессе позволяет повысить качество и эффективность подготовки специалистов, даёт возможность осуществлять дифференцированный подход к обучению студентов с учетом их индивидуальных особенностей. В этом направлении качество образования обеспечивает формирование когнитивного и творческого мышления, личных и профессиональных компетенций как преподавателей, так и студентов. Сегодня среднее профессиональное образование является

важнейшим направлением социальной политики государства в сфере образования. Рынок труда предъявляет новые требования к работникам и специалистам среднего звена, которые являются ключевыми двигателями экономического роста. Если вчера учителя, ученики и их родители знакомились с новыми информационными технологиями, то сегодня информационные и коммуникационные технологии сузили сферу их использования, и есть другие современные возможности - новые интерактивные технические инструменты, использование которых в обучении позволяет улучшить как преподавание, так и обучение. Знания обоих студентов - значительный шаг вперед.

***Ключевые слова***: *профессиональное образование, качество образования, интернет, образовательный процесс, личные и профессиональные компетенции.*

**Zulfonov B.**

**MEASURES TO IMPROVE THE QUALITY OF PROFESSIONAL EDUCATION**

In this article, the author notes that the use of modern technologies in the educational process improves the quality and efficiency of training specialists, makes it possible to carry out a differentiated approach to teaching students, taking into account their individual characteristics. In this direction, the quality of education ensures the formation of cognitive and creative thinking, personal and professional competencies of both teachers and students. Today, secondary vocational education is the most important direction of the state social policy in the field of education. The labor market is placing new demands on workers and mid-level professionals, who are key drivers of economic growth. If yesterday teachers, students and their parents got acquainted with new information technologies, today information and communication technologies have narrowed the scope of their use, and there are other modern opportunities - new interactive technical tools, the use of which in teaching can improve both teaching and learning. The knowledge of both students is a significant step forward.

***Key words:*** *professional education, quality of education, internet, educational process, personal and professional competences.*

**Сведения об авторе**: Зулфонов Баҳрон – ведущий исследователь Института развития образования имени Абдурахмона Джами Академия образования Таджикистана, г. Душанбе, ул.Айни 126.

**Information about the author**: Zulfonov Bahron - Leading Researcher, Abdurahmon Jami Institute for Education Development, Academy of Education of Tajikistan, Dushanbe, 126 Aini Street.

**ШАҲЛО ТОҲИРИЁН, Н.РИЗОЕВА**

**ТАРБИЯИ ХУДШИНОСИИ МИЛЛӢ ДАР РАВАНДИ ОМӮЗИШИ ЭҶОДИЁТИ БОЗОР СОБИР**

Омӯзиши роҳу равишҳо оид ба раванди ташаккул додани худшиносии миллии толибилмон мушкилоти муҳими педагогӣ мебошад. Пешниҳод намудани роҳҳои оқилонаи ин мушкилот, амалӣ гардонидани татбиқи он боиси ба ҳадафи асосӣ ноил гаштан ва дар дар навбати худ омили пешрафти ҷомеа мегардад.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Бозор Собирро аз зумраи шоирони ватансаро гуфтааст, ки дар тарбияи ҳисси ватандӯстию хештаншиносӣ ва ҳувийяти миллӣ заҳматҳои зиёде кашидааст: «Тамоми эҷодиёти Бозор Собир, бахусус ашъори замони соҳибистиқлолияш, аз эҳсоси гарми ватандорию худшиносии миллӣ саршор аст» [1, 81].

Синни болоии мактабӣ давраи ташаккули шахсиятест, ки дар он заминаҳои сифатҳои шаҳрвандӣ, эҳтиром ба одамон ва фаҳмиши дигарон, сарфи назар аз пайдоиши иҷтимоӣ, миллат, забон ва мазҳаб гузошта мешаванд. Дар ин давра худшиносии худ онҳо низ босуръат ташаккул меёбад. Аз ин рӯ, тарбияи худшиносӣ ва ифтихори миллӣ доштани хонандагон аз нуқтаи назари арзишҳои миллӣ, маънавӣ ва ахлоқӣ бениҳоят муҳим мебошад, ки беэҳтиромии онҳоро аз ғояҳои ватанӣ ва миллӣ пешгирӣ карда метавонад.

Таҳқиқоти илмии худшиносии миллӣ дар илми педагогика низ бениҳоят муҳим аст. Худогоҳӣ ва худшиносии миллиро ҳамчун ҷузъи таркибии муқаддасоти миллӣ олимони зиёде тадқиқу таҳқиқ намудаанд. Масалан, дар рисолаҳои илмии Д. И.Водзинский, Т. Н. Мальковская, Г. К. Митрофанов, Г. Д. Очиров дараҷаи рушди худогоҳии миллии хонандагон, имкониятҳои таъсиррасонии мақсадноки педагогӣ ба худшиносии хонандагон мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Аз олимони тоҷик оид ба ин масъала Х. Афзалов, Р. Амиров, М. Орифӣ, М.Каримова, Ҳ. Лутфуллаев, И.Обидов, М. Турсунова, Д. Латипов, М. Мирзоев, А. Қаландаров ва дигарон пажӯҳиш намудаанд ва рисолаҳои илмӣ навиштаанд.

Шеър дар зиндагии миллати мо мавқеи ҷудогона дошта, яке аз василаҳои озмудаву муассири тарбияи ҷавонон низ ба шумор меояд. Устод Бозор Собир дар шеърҳои худ мавзӯи худшиносии миллиро бисёр амиқу дақиқ таҳлилу баррасӣ карда, ҳунармандона ба хонанда пешниҳод намудааст ва ҷавонон бо мутолиаи онҳо ба таърих ва худшиносии миллӣ сахт алоқа пайдо хоҳанд кард. Ӯ аз он шоирони нодир аст, ки ағлаби мавзӯъҳои миллиро дар адабиёт асос гузоштааст ва шоирони дигар он мавзуъҳоро бештар шарҳ додаву густуронидаанд. Аз ҷумла, ба мавзӯи забон, ки ҳувияти миллии мост, бори аввал рӯй овард ва ин мавзӯъ, ки ҷузъи худшиносии миллист, дар шеъри шоирони дигар вусъат пайдо намуд. Ифтихори ҳақиқӣ ба қалби наврасон зарра-зарра роҳ меёбад ва бо камолоти соливу маънавиаш торафт бузургтар мегардад.

«Мафҳуми ватан ва муносибати ватандор ба он дар шеъри «Бо чамидан, бо шамидан, бо чашидан…» махсусан ба воситаи санъати бадеии лаффу нашр (дар мисраъҳои банди аввал шарҳ ёфтани панҷ ҳисси зотӣ) возеҳу омӯзанда ифода ёфтааст. Мавзӯи ватан дар ашъори Бозор Собир васеъ ва доманадор мебошад:

Ман ватанро аз қафои пода пайхас кардаам,
Рӯзу шаб бо панҷ ҳисси зотиям ҳис кардаам.
Бо забону чашму гӯшу бо димоғу дасту по,
Бо чамидан, бо шамидан, бо чашидан, бо самоъ» [3, 318].

Барои бачаҳо мафҳуми худшиносӣ маҳдуд ва васеъ мешавад. Худшиносӣ ба маънои маҳдуд, қабл аз ҳама, донистани ному насаби худ, волидону хешу ақрабо, зодгоҳу маҳал, миллату кишвар, забони модариву Ватан ва, албатта, дарки ҷисмонӣ, донистани одоби тандурустӣ ва ғайраҳост. Аммо худшиносиро ба маънои васеъаш ба зеҳни хонанда ғунҷонидан корест душвор. Ин заҳмати зиёду чандинсола дар мактабу оила хоҳад буд, вагарна наврас наметавонад, ки баробари шунидани калимаи «тоҷик», «Ватан», «Тоҷикистон» ҳамоно ифтихор намояд ва дар қалбаш ғурур ҷӯш занад.

«Масъалҳои худшиносӣ ва ифтихори миллӣ дар ашъори Бозор Собир ҳанӯз аз солҳои 70-уми асри XX мавқеъ пайдо мекунанд. Дар шеърҳои «Дар оғӯши кӯҳистон», «Забони модарӣ», «Ман худамро кушта- кушта» тақдири таърихӣ, рӯҳи миллӣ ва мавқеи иҷтимоии халқи тоҷик мавриди тасвири бадеӣ қарор гирифтаанд.

Тоҷикистон, Тоҷикистон!
Мекунам шукри каму бисёри ту,
Мекунам шукрона аз озарму аз озори ту
Аз ту ман сарват намехоҳам,
Ватан ҳастӣ бас аст,
Бо хасу хорат баробар зиндагӣ кардан бас аст» [3,320].

Таҳлили таҷрибаи педагогӣ нишон медиҳад, ки дар мактабҳои ҷумҳурии мо системаи мақсадноки ташаккули худшиносии миллии муҳассилин вуҷуд надорад, ҳарчанд шиносоӣ бо анъанаҳо ва фарҳанги мардум идома дорад. Қайд намудан зарур аст, ки, мундариҷа, шакл ва усул, инчунин шароити педагогӣ барои ташаккули таълими самараноки он ба хонандагон тавассути корҳои илмӣ муайян карда нашудаанд. Мушкилоти зикршуда мавзӯи тадқиқоти илмии мақолаи моро муайян карданд. Мақсад аз таҳқиқот таҳияи мундариҷа ва технологияи ташаккули худогоҳии миллии хонандагон дар раванди таълими эҷодиёти шоири шинохтаи тоҷик Бозор Собир мебошад. Хусусиятҳои ташаккули худогоҳии миллии хонандагони хурдсол дар фаъолияти махсуси таълимӣ мавзӯи асосии таҳқиқотро ташкил медиҳад.

«Шоирӣ одамонро дар паси сар намудани мушкилот муттаҳид месозад, ки ин чӣ дар замони оромӣ ва чӣ дар замони ноором̣ӣ бениҳоят зарур ва пурқиммат аст. Эҷодиёти шоир Бозор Собир бо сабки эҷодии махсус доштан ва рӯ овардан ба мавзӯъҳои гуногун, мутеъ намудани хонанда бо самимияти хоса бисёр хонандагонро ба худ ҷалб менамояд» [12,221].

Гипотезаи тадқиқоти мо он аст, ки ҷараёни ташаккули ҳувияти миллии хонандагони муассисаҳои таҳсилотӣ самараноктар хоҳад буд, агар:

- имкониятҳои ташаккули ҷузъҳои ҳувияти миллӣ дар хонандагон муайян карда шаванд;
- сохтори ҷараёни таълим таҷдид карда шавад;
-потенсиали бойи педагогии муҳити этникӣ муҳайё гардад;
- арзишҳои маънавии миллат истифодаи мақсаднок дошта бошад.

«Яке аз мақсадҳои асосии омӯзиши адабиёт,-ин аз ҷиҳати маънавӣ шахсияти комил тарбия намудани хонандагон, дарк намудани ҳиссиёти дигарон, мукаммал гардонидани эҳсоси зебоишиносӣ ва тарбияи табъу завқи бадеиятшиносӣ мебошад» [12,221].

Омӯхтани вазъи мушкилоти ҳувияти миллӣ дар адабиёти муосири фалсафӣ, этнографӣ, психологӣ ва педагогӣ имконият медиҳад, ки:

-хусусиятҳо ва динамикаи ташаккул, меъёру сатҳҳои ташаккули ҳувияти миллӣ дар синни мактабӣ муайян намуда шавад;

-модели чорабиниҳои маърифатӣ оид ба ташаккули ҳувияти миллии хонандагон таҳия ва озмоиш карда шавад.

Дар ҳақиқат, худшиносии миллӣ ташаккули ҷамъиятӣ ва шахсӣ мебошад, ки огоҳии мардумро дар бораи мансубият ба ягон ҷомеаи иҷтимоӣ ва этникӣ, дарки мавқеи миллаташон дар низоми муносибатҳои ҷамъиятӣ, фаҳмиши манфиатҳои миллӣ, муносибати миллати онҳо бо дигар ҷамоатҳои қавмиро, ки дар ғояҳо, эҳсосот ва орзуҳои худ таҷассум мешаванд, таъмин менамояд. Омилҳо ва принсипҳо (забон, ҷомеаи ҳудудӣ, муносибати эҳсосӣ-арзишии шахс ба халқаш, робитаи фарҳанги миллӣ бо ҷаҳон, худшиносии этникӣ) дар ташаккули худогоҳии миллии хонандагон метавонанд дар кори таълимии мактабҳои ҷумҳурии мо бомуваффақият татбиқ карда шаванд.

Ташаккули худогоҳии миллии хонандагони муассисаҳои таҳсилотӣ дар шароити таъмини муносибати системавӣ сурат мегирад, ки дар модели тағйирёбандаи фаъолияти таълиму тарбия дар мактаб татбиқ намуда мешавад. Дуруст қайд намудааст муҳаққиқ С. Туронов: «Ҳар як ҷомеа чунин як системаи таълимиро таҳия ва татбиқ мекунад, ки ба ташаккули сохтори психологии шахсият, хислати ахлоқии он, ки ба сатҳи муайяни тафаккури иҷтимоӣ, малакаҳои рафтори иҷтимоӣ, эътиқоди маънавӣ, арзишҳо, муносибатҳо ва ғайра ҷавобгӯ аст, яъне идеали рафтори меъёрӣ мебошад» [10,5].

Аҳамияти ташаккули ҳувияти миллии хонандагон ҳам ҷанбаи сиёсию иҷтимоӣ ва ҳам маданию фарҳангиро дорад. Ин синну сол давраест дар ташаккули шахсият, ки дар шуури хонанда заминаи сифатҳои шаҳрвандӣ гузошта мешавад, эҳтиром ба одамон, фаҳмиш ва дарки атрофиён, сарфи назар аз пайдоиши иҷтимоӣ, миллат, забон ва дин омӯзонида мешавад. Муқаддасоти асосие, ки эҳтироми онҳо омили болоравии худшиносӣ ва худогоҳии миллӣ мегардад:




Ғайр аз ин, боз унсурҳои эҳтиром ба шахсиятҳои барҷастаи он, пули миллӣ, дину мазҳаб шиносоӣ бо фарҳанги миллӣ дар шаклҳои мухталифи он, азхудкунии анъанаҳо, расму оинҳо, системаи арзишҳои маънавии мардум ва ғ. низ дар ҷараёни дарс ба хонанда бояд фаҳмонида шавад.

«Эҷодиёти шоир Бозор Собир пайроҳаи хоси индивидуалӣ дорад, бо адабиёти қадима ва ҳозираи тоҷик алоқамандиҳои зич дорад ва танҳо ин хусусиятҳо боиси он мегарданд, ки адабиёти реалистӣ ва навро ба ҳам алоқаманд гардонида ба хонанда расонанд. Омӯзиши эҷодиёти шоир имконият медиҳад, ки ҷараёни инкишофи фарҳангу маданияти он давра омӯхта шавад ва ҷойгоҳи шахс ба таври бадеӣ дар он муайян гардад. Барои ба даст овардани ин мақсад нишондодҳои стандарти давлатии таҳсилот, ки муаллимро ҷиҳати омӯзиши ҷанбаҳои реалистӣ ва лирикии асар вазифадор мекунад, бениҳоят муҳим аст. Ин омил боиси он мегардад, ки хонандаи синни калони мактабӣ барои ҳалли масъалаҳои таҳлил намудани мавод, ҳаллу фасл намудани проблемаҳои бамиёномада малака пайдо кунад» [12,221].

Дар ин давра худшиносии хонанда низ босуръат ташаккул меёбад. Ҳувияти миллӣ ҷузъи ҷудонопазири ташаккулёбии шахсият аст. Он дар заминаи азхудкунии забон, меъёрҳо, анъанаҳо ва дигар арзишҳои муҳимми миллӣ аз ҷониби хонандагон ташаккул

ёфта, ба зуҳуроти ҳаёти маънавии шахс табдил меёбад ва ҳамчун танзимгари дохилии рафтор амал мекунад. Дар ин раванд бояд аз рӯйи схемаи зерин дарс сурат гирад:




Муносибат ба рушди ҳисси ифтихори миллӣ ва ватандӯстӣ рушди маҷмӯи сифатҳо ва хосиятҳои рӯҳиро дар байни хонандагон пешбинӣ мекунад, ки соҳаҳои ҳассос, ахлоқӣ, эҳсосӣ ва зеҳниро фаро мегирад ва дар натиҷа барои ташаккули шахсияти шаҳрванд-ватандӯст шароит фароҳам меорад. «Дар асоси омӯзишҳои назариявӣ ва назорат ба раванди таълим чунин фарзия ва тавсияҳоро пешниҳод намудан мумкин аст: дарки маъниҳои баланди эҷодии ашъори шоир Б. Собир барои хонандагони синфи 11 пурра ва ҳаматарафа мегардад, агар:

- ҷаҳони эҷодии шоир дар робита бо эҷодиёти шоирони даврони гузашта ва ҳозира баррасӣ намуда шавад;
- малакаҳои таҳлил, тафсир ва муаяйн намудан дар ҷараёни омӯзиши мундариҷавии эҷодиёти шоир Б. Собир такмил дода шавад.

Вобаста ба матн омӯхтани падидаҳои адабиётшиносӣ боиси он мегарданд, ки хонандагон боз ҳам бештар ва амиқтар эҷодиёти ин ё он шоирро дарк мекунанд. Ҳамин тавр, дар раванди омӯзиши мавзӯи нав такрори маводи пешаки хондашуда ба амал меояд ва он ба пуррагӣ таҳлил мегардад» [10]. Қаҳрамонони асосии эҷодиёти шоир аксаран шахсоне мебошанд, ки як умр дар манфиати халқу миллат заҳмат кашидаанд. Б. Собир чун шоири ватанпарвар мехоҳад то охир бо ватан, дар ёди ватан бимонад. Дар шеъри «Хонақоҳи ман» ватанро ба хонақоҳ-ҷойи муқаддас, ибодатгоҳ монанд кардааст,ки дур аз он будан имкон надорад:

Аз Ватан вақте, ки мерафтам,
Ёдам аз ӯ дар фазо мерафт,
Додам аз ӯ дар фазо мерафт.
Гуфтам аз рӯйи ҳаво хат мекашам рӯйи Ватанро,
Хостам дар шишаи танги ҳавопаймо ба ин маънӣ
Хат кашам акнун,
Вале он шишаро нохост бӯсидам.
Аз Ватан рафтам,
Валекин дур рафтан аз Ватан имкон надорад.

Дар ин шеър рӯҳияи баланди худшиносию ватанпарастии инсони ватандӯстро ба ҷилва овардааст. Умуман адибони тоҷик дар марҳилаи ҷаҳонишавӣ, ки дар баробари таъсири мусбат ба зеҳни ҷавонон таъсири манфӣ низ дорад, рисолати хешро ба хубӣ дарк намуда, асарҳои саршор аз ғояҳои худшиносии миллӣ, ватандӯстию инсонпарварӣ, ифтихор аз ниёгон, забону таърих ва фарҳанги миллӣ эҷод мекунанд. Навбат аз наврасони гиромист, ки ба ин ганҷина рӯ биёранд, тибқи завқу ниёзи хеш интихоб кунанд ва ба умқи афкору эҳсос фурӯ раванд.

Аз ин рӯ, дар фаъолияти маърифатӣ маводҳои гуногунро ҷалб кардан лозим аст, ки ба аксуламали фаъолона, эҳсосот ва дониши амиқи ватандӯстӣ ва ватанпарварии хонандагон мусоидат кунанд.

Ҳамин тавр, пажӯҳиши мо барои натиҷаҳои зерин асос дод:

1. Худшиносии миллӣ унсури асосии сохтори шахсият мебошад, ки огоҳии мансубият ба ягон миллат, мавқеи шахс дар ин ҷомеа ва системаи муносибатҳои иҷтимоӣ, фаҳмиши манфиатҳои миллӣ ва муносибатҳои ин миллатро бо дигарон муайян мекунад.

2. Сохтори худшиносии миллӣ ба сохтори ҳуввийяти ҳамаҷонибаи шахсият мутобиқ аст ва тавассути ҷузъҳои муҳимми зерин амалӣ карда мешавад: маърифатӣ (дониш дар бораи таърихи халқи худ, анъанаҳо, урфу одатҳо, унсурҳои фарҳанги миллӣ, донистани забони модарӣ); эҳсосӣ ва арзишманд (муносибат ба забони модарӣ, таърих, дин, таваҷҷӯҳ

ба рӯйдодҳои иҷтимоӣ ва фарҳангии як нафар, қабули тарзи ҳаёти шахс, худшиносии худ ҳамчун намояндаи миллат); рафтор (муошират бо забони модарӣ, ташаккули хислатҳои миллӣ, ташвиқи донишҷӯён ба намудҳои гуногуни фаъолият).

3. Системаи такмилёфта ва аз ҷиҳати педагогӣ асосёфта барои ташаккули худшиносии миллӣ дар байни хонандагон, аз ҷумла тамоили ватандӯстии миллии омӯзиши фанҳои таълимӣ, ташкили модели ташкилии кори тарбиявӣ, ба рушди ҳисси шаҳрвандӣ ва ватандӯстӣ, эҳтиёҷот ва шахсият мусоидат мекунад.

4. Технологияи педагогии ташаккули худогоҳии миллӣ дар хусусиятҳои ҳадафӣ, моҳиятӣ, мурофиавӣ ва ташкилии он бояд бо системаи принсипҳои солим, психологӣ ва педагогӣ танзим карда шавад (худшиносии этникӣ, муҳити фаъоли миллӣ-забоншиносӣ, муносибати эҳсосӣ ва арзишии шахс бо халқаш, робитаи фарҳанги миллӣ бо ҷаҳон, фаъолият).

5. Самаранокии корҳои тарбиявӣ аз хусусияти систематикӣ ва пайдарпайии татбиқи он, робитаи оила ва мактаб ва таваҷҷуҳ ба рушди фаъолияти эҷодии хонандагони хурдсол вобаста аст.

Масъалаи худшиносии миллӣ аз нуқтаи назари педагогӣ, адабиётшиносӣ, этнографӣ ва психологӣ дар заминаи омӯзиши муносибатҳои миллӣ, хусусиятҳои миллии худшиносии шахсият, хусусиятҳои худшиносии этникӣ, дарки фаҳмиши байни миллатҳо, ташаккули хислати миллӣ ва муқаддасоти миллӣ баррасӣ карда шуд.

Хулоса, шоири халқии Тоҷикистон Бозор Собир тайи солҳои охир як силсила шеъру рубоиҳои амиқмазмун офаридааст, ки ҷанбаи пурқуввати миллию худшиносӣ доранд. Ашъори адиб «Тоҷикистон», «Теғи Сино», «Забони тоҷикӣ» ва ғ. дар ин мавзӯъ падидаи нав мебошанд. Тарбияи худшиносии миллӣ дар раванди омӯзиши эҷодиёти Бозор Собир хонандаро бо хусусиятҳои умумии одамон, нақши ин хусусиятҳо дар ҳаёти ҳар кадоми мо ва моҳияту зарурати онҳо шинос мекунад. Далолат мекунад, ки ҳама гуна корҳои неку хайрхоҳона дар олам одамро ба сӯйи ҷустуҷӯву ковишҳо мебарад ва ба кӯйи мақсадҳои наҷиб мерасонад. Маҳз худогоҳии миллӣ дар хусуси ҳурмату эҳтиром, меҳрубониву ғамхорӣ ва дигар хислатҳои ҳамидаи инсонӣ баҳс мекушояд. Хонандагон дар бораи урфу одатҳои неки мардум - ёриву бародарӣ, дӯстиву ягонагӣ, аҳлият, сулҳҷӯйиву ҳайрхоҳӣ маълумот пайдо мекунанд. Дарк мекунанд, ки ин урфу одатҳои нек дар ҳаёти онҳо чӣ мақому мартабае доранд ва чӣ қадар заруру ногузиранд.

**АДАБИЁТ:**


1. Альшевская Л.А. Формирование национального самосознания старшеклассников в учебно-воспитательной работе школы: Дис.канд.пед.наук /Л. А. Альшевская. – Минск, 1993. - 185 с.
2. Акименко В.М. Новые педагогические технологии: учебно-метод. пособие / В.М.Акименко. – Ростов н/Д: Феникс, 2008.
3. Асозода Х., Аламхон К. Адабиёти тоҷик. Китоби дарсӣ барои хонандагони синфи 11/Х. Асозода, К. Аламхон – Душанбе, Маориф.-2018.
4. Бороноев А.О. Национальное самосознание и его структура // Учен. зап. Псков, пед. ин-та/ А.О. Бороноев.- 1968. - Вып. 37. - С. 82-90.
5. Гороховская Л.Н. Поэтический диалог: А.А.Блок и В.Я.Брюсов //Литература в школе / Л.Н. Гороховская.- 2008 г. - № 2. - С. 17-21. - 0,2 п.л.
6. Нурматов С. Национальное самосознание: сущность, типы и тенденции их развития: Дис. канд. филос. Наук / С. Нурматов.–Ташкент, 1979. - 166 с.
7. Очиров Г.Д. Формирование национального самосознания младших школьников: Дис. канд. филос. Наук / Г.Д. Очиров. – Улан-Удэ, 2000. - 144 с.
8. Сипатова М.В. Особенности формирования национального самосознания / М.В. Сипатова // Актуальные вопросы теории и практики в социологии: Материалы I Моск. гор. конф. аспирантов-социологов. –Москва, апр. 1989 г.: В 2 ч. М., 1989. - Ч. 2. - С. 39-41.
9. Туронов С. Муносибати босалоҳият ба таълим / С. Туронов.– Душанбе, 2017. 57с.
10. Шаҳлои А. Т. Методикаи таълими босалоҳияти ҳаёт ва эҷодиёти шоир Б. Собир дар синфи 11 / А. Т. Шаҳло // Паёми Пажӯҳишгоҳи рушди маориф – №2 – Душанбе, 2020.


**Шаҳло Тохириён, Нигина Ризоева**

**ВОСПИТАНИЕ НАЦИОНАЛЬНОГО САМОСОЗНАНИЯ В ПРОЦЕССЕ ИЗУЧЕНИЯ ТВОРЧЕСТВА БОЗОРА СОБИРА**

Национальное самосознание является ключевым элементом структуры личности, которая определяет осознание принадлежности к нации, своего положения в обществе и системе социальных отношений, понимание национальных интересов и взаимоотношений этой нации с другими. Важность формирования национальной идентичности учеников имеет как политические,

социальные и культурные аспекты. Этот возраст является периодом развития личности, в основе которого лежат качества гражданства в сознании читателя, уважение к людям, понимание и восприятие других, независимо от социального происхождения, национальности, языка и религии. В последние годы народный поэт Таджикистана Бозор Собир создал серию глубоких поэм и рубайи, которые имеют сильный аспект национального самопознания, и его рациональное обучение приносит хорошие результаты в воспитании самопознания и патриотизма студентов.

***Ключевые слова:*** *самопознание, самосознание, патриотизм, литература, воспитание, обучение.*

**ShakhloI Tokhiriyon**

**EDUCATION OF NATIONAL SELF-AWARENESS IN THE PROCESS OF STUDYING THE WORKS OF BOZORA SOBIR**

National self-awareness is a key element of the personality structure, which determines the awareness of belonging to a nation, one's position in society and the system of social relations, understanding of national interests and the relationship of this nation with others. The importance of forming the national identity of students has both political, social and cultural aspects. This age is a period in the development of personality, which is based on the qualities of citizenship in the mind of the reader, respect for people, understanding and perception of others, regardless of social origin, nationality, language and religion. In recent years, the People's Poet of Tajikistan Bozor Sobir has created a series of profound poems and rubais, which have a strong aspect of national self-knowledge, and its rational teaching brings good results in cultivating self-knowledge and patriotism of students.

***Key words:*** *self-knowledge, self-awareness, patriotism, literature, education, training.*

**Сведения об авторе:** Шахлои Абдуализодаи Тохириён – кандидат филологических наук. Заведующий отделом филологических дисциплин Института развития образования Академии образования Таджикистана имени А. Джами. Тел.: + 992 884 088 123, e-mail: Shahlo_vak @mail.ru.

Ризоева Нигина – соискатель Института развития образования Академии образования Таджикистана имени А. Джами. Тел.: + 992 938100147.

**Information about author:** Shakhloi Abdualisodai Tokhiriyon – Candidate of Philological Sciences. Head of the Philology Department of the Institute of Educational Development of the Academy of Education of Tajikistan named after A. Jomi. Phone: + 992 884 088 123, e-mail: Shahlo_vak @mail.ru.

Rizoeva Niginamo - Institute of Educational Development of the Academy of Education of Tajikistan named after A. Jomi. Phone: + 992 884 088 123,

**МЕТОДИКА**
**МЕТОДИКА**
**METHOD**

---

**Ғ. М. БОБИЗОДА**
**Г.Н. АБДУРАҲМОНОВ**

## МУНОСИБАТИ БОСАЛОҲИЯТ БА ТАЪЛИМ: МОҲИЯТ ВА МАЗМУН

Суръати баланди инкишофи техника ва технологияҳои иттилоотӣ ва иртиботӣ дар замони муосир зарурати таҷдиди назар намудани роҳу усули таълиму омӯзишро ба миён овардааст. Низоми анъанавии донишмеҳварӣ, ки моҳияташро азхуд намудани миқдори ҳар чи бештари ахбор ташкил медиҳад, наметавонад ба талаботи рузафзуни ҷомеа ба мутахассисони чандиру мустақил ва дар бозори муосири меҳнат рақобатпазир ҷавобгӯ бошад. Дар шароити феълӣ низоми мазкур қобили қабул нест, зеро ҷомеаи имрӯза ба мутахассисоне ниёз дорад, ки ба шароити тағйирёбандаи ҳаёт ба зудӣ мутобиқ гардида, метавонанд ба осонӣ масъалаҳои гуногуни ҳаётӣ ва касбиро ҳал намоянд. Ин мувофиқати донишу маҳорат, малакаҳо ва сифатҳои муайяни шахсии мутахассисро талаб мекунад, ки дар маҷмӯъ онҳоро бо мафҳумҳои «салоҳиятҳо», «салоҳиятмандӣ» ифода менамоянд.

Истифодаи мафҳумҳои мазкур дар амалияи педагогӣ дигаргунсозии мазмун ва методҳои таълимро дар назар дорад. Айни замон дар партави такмили мазмуни таҳсилот дар атрофи мафҳумҳои «салоҳиятҳо», «салоҳиятмандӣ» дар адабиёти психологию педагогӣ таҳқиқоти зиёд анҷом дода мешаванд.

Салоҳият аз калимаи лотинии «competentia» манша гирифта, доираи масъалаҳоеро дар назар дорад, ки шахс доир ба онҳо дониш ва таҷрибаи хуб дорад. Шахсе, ки дар соҳаи муайян салоҳиятманд шумурда мешавад, бояд донишҳо ва қобилиятҳои мувофиқро соҳиб бошад. Ин донишу қобилиятҳо ба ӯ имкон медиҳанд ин ё он соҳаро ба хубӣ азхуд намуда, дар он босамар фаъолият намояд.

Салоҳиятҳо гурӯҳи тавсифоти муайянро ташкил медиҳанд, ки зимни онҳо омода сохтани лоиҳаҳои стандартҳои таълимӣ, адабиёти таълимӣ ва методӣ имконпазир мегарданд. Дар баробари ин, тавсифоти мазкур метавонанд барои муайян намудани дараҷаи омодагии хонандагон ба зинаи минбаъдаи таҳсилот истифода бурда шаванд.

Таҳлили адабиёти илмӣ нишон медиҳад, ки доираи истифодаи мафҳумҳои мазкур ниҳоят васеъ аст:

- салоҳиятҳои сиёсӣ ва иҷтимоӣ, ки бо маҳорати ба дӯш гирифтани масъулият, ширкат намудан дар қабули дастаҷамъонаи қарорҳо алоқаманданд;
- салоҳиятҳое, ки ба ҳаёт дар ҷомеа марбутанд, яъне зоҳир намудани таҳаммулпазирӣ ба ба маданият, дин ва забони намояндагони дигар халқиятҳо;
- салоҳиятҳое, ки қобилияти шахсро дар барқарор намудани муоширати шифоҳи ё хаттӣ нишон медиҳанд;
- салоҳиятҳое, ки ба азхуднамоии технологияҳои навини иттилоотӣ, муайян намудани ҷиҳатҳои заиф ва қавии онҳо марбутанд;
- салоҳиятҳое, ки ба омӯзиш тули тамоми ҳаёт мусоидат мекунанд.

Дар адабиёти психологӣ - педагогӣ мафҳуми «салоҳият» дар робита ба намуди муайяни фаъолият дида баромада мешавад.

Дар луғати Ожегова И. мафҳуми «салоҳиятмандӣ» ба маънои «огаҳӣ доштан, эътиборманд дар ягон соҳа» омадааст, мафҳуми «салоҳият» бошад, чунин тавсиф дода мешавад: «Доираи ухдадориҳо, ҳуқуқи ягон нафар, ташкилот, доираи масъалаҳо, корҳое, ки нафаре аз онҳо бохабар аст» [6, с. 59].

Мафҳумҳои «салоҳият» ва «салоҳиятмандӣ» дар илмҳои психология ва педагогикаи муосир ибтидои солҳои 90-уми асри XX мавриди истифодаи васеъ қарор гирифтанд. Дар корҳои Зимняя И.А., Хуторский А.В., Шадриков В. Д. ва дигарон мафҳумҳои мазкур баррасӣ гардидаанд. Айни замон, дар давраи ташаккули консепсияи муносибати босалоҳият ба таълим, таърифи ягонаи мафҳумҳои «салоҳият» ва «салоҳиятмандӣ» вуҷуд надорад. Аз ин рӯ, зарурати дақиқ намудани мазмуни мафҳумҳои мазкур дар луғатҳои тафсири лингвистикӣ пеш меояд.

Дар фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ мафҳумҳои мазкур чунин маънидод мегарданд: «Салоҳият – лоиқ будан, сазовор будан, шоистагӣ сазоворӣ», «Салоҳиятдор – босалоҳият, он ки салоҳияти коре ё чизеро дорад» [ 8].

Дар Луғати тафсирии забони русӣ таърифи зерин оварда шудааст: «Салоҳиятманд – соҳибмаълумот, дар соҳаи муайян нуфуздошта; ба маънои дигар – ваколатдор» [7, с. 89]. Дар Луғати калони энсиклопедӣ мафҳуми салоҳият ба маъноҳои зерин шарҳ дода мешавад:

1) доираи ваколатҳое, ки ба ташкилоти мушаххас ё шахси вазифадор аз ҷониби қонун, низомнома ё ҳуҷҷати дигари ҳуқуқӣ дода мешавад;

2) донишҳо ва таҷриба дар соҳаи муайян [2, с. 557].

Чуноне ки мебинем, мафҳумҳои мазкур тавассути дониш, малака, таҷриба шарҳ дода мешаванд. Муайян намудани махсусиятҳои мафҳумҳои зикргардида ва ҳамчунин муносибат миёни категорияҳои илмии фаъолият ва дониш заминаи кори мо маҳсуб меёбад. Аз ин рӯ, мо вариантҳои гуногуни мазмуни мафҳуми «салоҳият»-ро дида мебароем.

Академик Шадриков В.Д. таърифи зерини мафҳуми салоҳиятро пешниҳод менамояд: «Салоҳиятмандӣ – ин навташкилаи субъекти фаъолият буда, дар зуҳуроти системавии дониш, маҳорат, қобилиятҳо ва сифатҳои шахсӣ ифода меёбад ва имконият медиҳад масъалаҳои функсионалие, ки моҳияти фаъолияти касбиро ташкил медиҳанд, ҳал карда шаванд» [11, с. 5].

Салоҳият – ин соҳаи масъалаҳоест, ки дар онҳо шахс маълумоти кофӣ дорад, ҳамчунин ин доираи ваколатҳо, ҳуқуқ аст. Пас, салоҳият на ба субъекти фаъолияти иҷрошаванда, балки ба доираи масъалаҳое муносибат дорад, ки ба фаъолият марбутанд. Бо ибораи дигар, салоҳиятҳо – ин масъалаҳои функсионалиеанд, ки ба фаъолият алоқамананданд. Салоҳиятмандӣ сифати субъекти фаъолият аст, ки тавассути он шахс масъалаҳои мушаххасро ҳал менамояд [12, с. 15]. Э.Ф. Зеер салоҳиятмандиро натиҷаи таълим медонад. Ба андешаи ӯ салоҳиятмандӣ – ин сифати ҳамгирои (интегративии) ҳар як шахс аст. Сифати ҳамгирои шахсро маҷмӯи донишҳо, маҳорат ва малакаҳое ташкил медиҳанд, ки барои амалигардонии намуди муайяни фаъолияти касбӣ заруранд [4, с. 23].

Чошанов М.А. тавсифоти сифатии салоҳиятмандиро таҳлил намуда истода, се анвои муҳимтарини онро ҷудо намуд: интиқодӣ будани тафаккур, мутаҳаррикии донишҳо ва тобишнокии (вариативнокии) методҳое, ки барои ҳалли масъалаҳои функсионалӣ истифода мегарданд [10, с. 4]. Тафаккури интиқодӣ дар қобилияти аз вариантҳои гуногуни ҳалли масъала муҳимашро интихоб намуда, аз роҳҳои нодурусти ҳалли масъала сарфи назар намудан, ҳаллҳои хешро зери шубҳа қарор додан ифода меёбад. Мутаҳаррикии донишҳо дар қобилияти мунтазам нав кардани донишҳо, аз худ намудани иттилооти нав ифода меёбад. Тобишнокии (вариативность) методҳо дар маҳорати аз усул ва воситаҳои гуногуни ҳалли масъала интихоб намудани усули барои вазъияти додашуда мувофиқ ифода меёбад.

А.В. Хуторской дар корҳои худ кӯшидааст муносибат миёни мафҳумҳои «салоҳият» ва «салоҳиятноки»-ро муайян намояд. Ба андешаи ӯ салоҳиятмандӣ – ин соҳиб гардидан ба салоҳиятҳои мувофиқ мебошад, ки муносибати шахсии фардро ба худ ва предмети фаъолият низ дар бар мегирад. Муносибати босалоҳият ба таълим бошад, аз ҷониби хонандагон аз худ гаштани дониш, маҳорат ва малакаҳо на дар алоҳидагӣ, балки дар маҷмӯъ мебошад. Салоҳият – ин талаботи иҷтимоии қаблан муайянгашта ба омодагии таълимии хонанда мебошад, ки барои фаъолияти самараноки ӯ дар соҳаи муайян зарур аст [9, с. 4].

Ба андешаи И.А. Зимняя салоҳият – ин баъзе амалҳои ботинӣ, потенсиалӣ, ниҳони психологӣ мебошанд. Ба амалҳои мазкур И.А. Зимняя донишҳо, тавсияҳо, барномаҳои амал, системаи арзишҳо ва муносибатҳоро нисбат медиҳад, ки минбаъд дар салоҳиятҳои шахс муайян мегарданд [5, с. 40].

Л.В. Занина ва Н.П. Меншикова салоҳиятро ҳамчун малакаҳои муайян тавсиф медиҳанд, ки аз мутахассиси оянда талаб карда мешаванд ва бояд дар муасисаҳои олии касбӣ ташаккул дода шаванд. Салоҳиятмандӣ бошад, ба андешаи муаллифони мазкур, ин сифати шахсияти ташаккулёфтаи мутахассиси оянда мебошад. Мувофиқи назари муҳаққиқони мазкур салоҳиятмандии касбӣ – ин сифатҳои шахсие мебошанд, ки барои сохтани тамсилаи натиҷабахши ташаккули сифатҳои матлуб дар хонандагон зарур буда, бо объект воситаҳо ва шароитҳои меҳнати педагогӣ зич алоқамананданд [3, с. 103].

Дар адабиёти педагогӣ зери мафҳуми салоҳиятмандӣ одатан сифатҳои системавии шахсро мефаҳманд, ки ба ӯ имконият медиҳанд масъалаҳои дар соҳаҳои гуногуни фаъолияти ҳаётӣ пеш омадаро ҳал намояд. Ба андешаи А.Л. Андреева ғояи асосии муносибати босалоҳият ба таълим дар он ифода меёбад, ки фард бояд на теъдоди зиёди

донишҳо, балки сифатҳои муайяни шахсиеро соҳиб бошад, ки ба у имконият диҳанд дар лаҳзаи зарурӣ аз махзани иттилооти гирдовардаи инсоният донишҳои заруриро интихоб намояд [1, с. 20].

Таҳлили андешаҳои муҳаққиқони гуногун имкон медиҳад хулоса намоем, ки муносибати босалоҳият ба таълим дар хонанда ташаккул додани қобилияти мустақилона интихоб намудан ва таҳлил намудани ахбори қаблан ба дастовардашударо дар вазиятҳо ва соҳаҳои гуногуни ҳаёт дар назар дорад. Аҳамияти мавқеи мазкур дар шароити кунунӣ, ки миқдори ахбор рӯз аз рӯз меафзояд ва имкони пурра фаро гирифтани он вуҷуд надорад, дучанд мегардад. Танҳо дар сурати ташаккул додани қобилияти интихобӣ муносибат намудан ба ахбори азхудшаванда ва маҳорати дар лаҳзаи зарурӣ истифода карда тавонистани он, имконияти эътино намудан ба шароит ва талаботи тағйирёбандаи ҳаёт имконпазир мегардад.

Дар адабиёти психологӣ-педагогӣ дар барои ифода кардани салоҳиятҳое, ки дар доираи васеъи фаъолиятҳо зоҳир мегарданд, аз мафҳуми «салоҳиятҳои калидӣ» истифода мебаранд. Ташаккул додани салоҳиятҳои калидӣ дар хонандагон ниҳоят муҳим аст, зеро онҳо ба сифати замина барои ташаккулёбии салоҳиятҳои тахассусӣ хизмат мекунанд.

Зери мафҳуми салоҳиятҳои калидӣ мо салоҳиятҳои аз рӯйи хусусият ва дараҷаи истифодагардияшон гуногунҷабҳаро дар назар дорем. Ташаккули салоҳиятҳои калидӣ дар раванди ҳар як дарс сурат мегирад. Маҷмӯи салоҳиятҳои дар ҷадвали 1 овардашуда ба ҳадафҳои асосии таҳсилоти умумӣ, сохтори таҷрибаи иҷтимоии фард, намудҳои муҳимми фаъолияти хонанда, ки ба ӯ имконият медиҳанд таҷрибаи иҷтимоиро аз худ кунад, малакаҳои фаъолияти ҳаётӣ ва амалиро дар ҷомеаи муосир балад бошад, асос мeёбанд.

Барои таҳсилоти умумӣ Хуторской А.В. ҳафт гурӯҳи салоҳиятҳои калидиро ҷудо мекунад, ки дар ҷадвали 2 оварда шудаанд.

Салоҳиятҳои калидии хатмкунандагони мактаб (аз рӯи А.В. Хуторской)

**Ҷадвали 2**

| Салоҳиятҳои калидӣ | |
|---|---|
| 1. Таълимӣ-маърифатӣ | 5. Иттилооотӣ |
| 2. Арзишӣ-маъногӣ | 6. Иртиботӣ |
| 3. Иҷтимоӣ-меҳнатӣ | 7. Умумифарҳангӣ |
| 4. Худтакомулдиҳии шахсӣ | |

Дар доираи салоҳиятҳои мазкур мо муайян намудем, ки хонада чиро бояд донад, тавонад ва балад бошад. Дар доираи салоҳияти таълимӣ-маърифатӣ қобилияти мустақилона ба роҳ мондани фаъолияти маърифатии худ, маҳорати фарқ карда тавонистани далелҳо аз тахминҳои беасос, тафаккури интиқодӣ ва мантиқӣ ва амсоли инро ҷудо намудан мумкин аст.

Салоҳиятҳое, ки ба нишонаҳои арзишии хонанда, маҳорати дидан ва дарк намудани олами атроф, нақш ва рисолати худро дар он дарк намудан, барои амалҳои худ принсипҳои арзишӣ ва маъногиро истифода намудан марбутанд, салоҳиятҳои арзишӣ-маъноӣ ном гирифтаанд. Салоҳиятҳои арзишӣ-маъногӣ ба таъмини механизми худмуайяннамоии хонанда дар вазъиятҳои фаъолияти таълимӣ ва дигар фаъолиятҳо равона гардидаанд.

Салоҳияте, ки ба малакаву маҳорати кор бо сарчашмаҳои гуногуни ахбор марбут аст, салоҳияти иттилоотӣ ном бурда мешавад.

Гурӯҳи салоҳиятҳое, ки ба азбар намудани забонҳо, усули ҳамкорӣ бо одамони атроф ва амсоли ин равона гаштаанд, салоҳиятҳои иртиботӣ ном гирифтаанд. Дар салоҳиятҳои иртиботӣ малакаҳои ҳамкорӣ дар гурӯҳ, коллектив, маҳорати бозидани нақшҳои гуногуни иҷтимоӣ муҳимманд.

Зимни таҳлили боло таърифҳои зерини салоҳият, салоҳиятмандӣ ва муносибати босалоҳият ба таълимро пешниҳод намудан мумкин аст:

***Ключевые слова:*** *язык, поэзия, словосочетание, структура, синтаксис, изафет, имя существительное, компоненты, изафет, определение, определяемое, соотношение слов.*

**LANGUAGE FEATURES OF SUBSTANTIVE PHRASES IN NAKIBKHON TUGRAL'S CREATIVITY**

In article questions of structural-semantic features substantive the izafet of phrases of the Tajik language in creativity Nakibkhon Tugral and his contemporaries are considered. By consideration of the matter the analysis and interpretation of relationship of compound components of this group of phrases in a poetic context is also carried out. It is noted that in creativity of Nakibkhon Tugral and his contemporaries it is possible to observe substantive phrases with different structural-semantic and stylistic features and as shows research as the main and dependent components of this model of phrases belong to various groups of nouns.

***Keywords:*** *language, poetry, the phrase, structure, syntax, izafet, the noun, components, izafet, the definition defined a ratio of words.*

**Информация об авторе:** Шамсуддинова М. - аспирант кафедры таджикского языка и информационного менеджмента Таджикского государственного института языков имени Сотима Улугзода тел: 904-24-10-83.

**Information about the author:** M. Shamsuddinova - postgraduate student of the Tajik language and information management department of the Tajik State Institute of Languages named after Sotim Ulugzod tel: 904-24-10-83.

**Р.И. САНГИНОВА**

## ИСТИЛОҲОТИ СОҲАИ ДӮЗАНДАГӢ ДАР ГӮИШҲОИ ЗАБОНИ ТОҶИКӢ ҲАНГОМИ МУАРРИФИИ КАСБУ ҲУНАРҲОИ МАРДУМӢ

Халқи тоҷик дар зарфи беш аз чоряк аср аз файзи истиқлолияти давлатӣ ба комёбиву дастовардҳои беназиру созанда дастёб гардид, ки он беқиёсу ҳақиқати воқеӣ аст. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми хеш (2018) ба Маҷлиси Олии мамлакат соли 2018-ро “Соли рушди сайёҳӣ ва хунарҳои мардумӣ” эълон карданд, ки ин ба мақсади тараққӣ додани соҳаи сайёҳӣ, муаррифии шоистаи имкониятҳои сайёҳии мамлакат ва фарҳанги миллӣ дар арсаи байналмилалӣ аз аҳамият холӣ нест. Баъдан дар Паёми навбатии хеш (2019) Сарвари давлат солҳои 2019-2021-ро“Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ”эълон намуданд.

Тазаккур бояд дод, ки соҳаҳои сайёҳӣ ва ҳунармандӣ ду самти афзалиятноки сарватҳои миллӣ ҳастанд, ки бо ҳам алоқамандии зич доранд ва барои муаррифии фарҳангу таърихи куҳани халқи тоҷик, табиати биҳиштосо, обҳои мусаффои Тоҷикистон ба ҷаҳониён аҳамияти муҳим доранд. Сайёҳон бо таваҷҷуҳ ба ҳунарҳои миллӣ ба кишвар рӯ меоранд ва маҳсулоти ҳунармандони тоҷикро харидорӣ мекунанд, аз меҳмонхонаю тарабхонаҳо истифода мебаранд ва умуман,барои рушди иқтисодиёти кишвар, муҳайё гардидани ҷойҳои нави корӣ замина гузошта мешавад. Ҳамчунин, дар назди миллати бофарҳанг ва таърихи куҳандоштаи халқи тоҷик, хусусан, аҳли илму адаби ҷумҳуриамон вазифаҳои зиёдеро ба миён гузошта шудааст. Аз ҷумла, мо забоншиносонро низ водор месозад, ки ҳангоми омӯхтани ҳунарҳои мардумӣ ба пайдоиши таърихии калимаву истилоҳоти соҳаҳои мухталифи ҳунарҳои мардумии халқамон эътибори ҷиддӣ диҳем.

Лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ аз манбаъҳои муҳимми ташаккул ва рушду нумӯи забони адабии тоҷик ба ҳисоб меравад. Зеро забони адабӣ ҷойҳои холии таркиби луғавии худро дар ҳама давру замон маҳз аз ҳисоби унсурҳои умумишавандаи лаҳҷаҳои маҳаллӣ такмил медод, ки ин раванди таърихӣ имрӯз ҳам ногузир идома ёфта истодааст. Воқеан, ин як омили бисёр хуби ба меъёрҳои солим табдил ёфтани воҳидҳои лаҳҷавӣ дар забони адабист. Дар як мактуби устод Садриддин Айнӣ, ки соли 1948 дар мавриди маслиҳат он солҳо ба адиби ҷавон Пӯлод Толис зимни истифода аз калимаҳои лаҳҷавӣ дар асарҳои бадеӣ иншо карда буд, ин маъно басо ҷолиб ифода гардидааст: «Дар ин ҷо ҳарчанд аз мавзӯи ин мактуб берун буда, ба ҳикояи шумо дахл надорад, як роҳи инкишофи забони адабиро ҳам қайд кардан мехоҳам. Ин кор фармудани луғатҳои маҳаллӣ аст» [1, 37-40].

Дар ҳақиқат, имконияти захиравии луғати лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ хеле фаровон аст ва лаҳҷаҳо дар ҳар мавриди мусоид метавонанд вожаҳои софу полудаи таркиби худро ба ихтиёри забони адабӣ гузоранд. Хусусан, ҳоло ки забони тоҷикӣ дар Тоҷикистон мақоми давлатӣ гирифта, шохаи адабии он ниёз ба меъёрҳои худӣ дорад, тақозо мекунад, ки луғати ҳар як лаҳҷаи забони тоҷикӣ ба таври алоҳида мавриди омӯзиши амиқ қарор гирад ва ба ин восита калима ва таркибу ибороти волову меъёрзеби онҳо чун ҷойгузини унсурҳои нодаркори иқтибосӣ, воҳидҳои услубан дурушт ва аз нигоҳи бадеӣ пасту хароб ба забони адабӣ бештар ворид карда шаванд.

Замони ҳозира даврони инкишофи босуръат ва зуҳуроту такомулоти бахшҳои алоҳидаи илм ва соҳаҳои мухталифи техникаву саноат, хоҷагии халқ, баҳрнавардиву кайҳоншиносӣ, пешгӯйиҳо дар риштаи обуҳавосанҷӣ, заминларза ва амсоли инҳост. Аз ин хотир, дар назди забоншиносони тоҷик вазифаҳои хеле муҳим меистанд, ки натиҷагирӣ аз таркиби луғавии ҳар як лаҳҷаи забони тоҷикӣ, муқоисаву муқобилаи луғати ҳар кадоми он бо лаҳҷаҳои ҳамгурӯҳ ва гурӯҳҳои нисбатан дур, бо забони адабӣ ва бо ин роҳ ёфтану пешкаши аҳли эҷод намудани воҳидҳои солиму шоистаи нутқи лаҳҷавӣ аз ҷумлаи онҳост. Зеро тарҷумаи адабиёти бадеӣ, илмиву техникӣ, ба низом даровардани луғатҳои тафсириву нимтафсир, дузабонаву бисёрзабона, соҳавӣ, муҳовараву маълумотномаҳо ва кор дар бобати пурраву мукаммал сохтани ҷоҳои холии қабати истилоҳоти луғати забони тоҷикӣ бе пажӯҳишу бозбинӣ аз таркиби луғавии лаҳҷаҳои маҳаллӣ натиҷаи дилхоҳ ба бор оварда наметавонад.

Мо дар ин мақола таваҷҷӯҳ менамоем ба мавқеи калимаҳою иборае, ки дар гӯиши сокинаш ш. Конибодом ва атрофи он истифода мешаванд, ва ба соҳаи дӯзандаги таълуқ дошта дар муаррифии ҳунарҳои мардуми нақши муҳим доранд.

Таркиби луғавии лаҳҷаи Конибодом аз нигоҳи мавзӯъ ду гурӯҳи калони вожаҳоро дар бар мегирад: вожаҳои предметӣ ва вожаҳои ғайрипредметӣ.

Ба гурӯҳи якум номи наботот, ҳодисаву воқеаҳои табиат, калимаҳои марбут ба соҳаҳои пазандагӣ, дӯзандагӣ, боғдориву чорводорӣ, парандапарварӣ, ҳунармандӣ, анвои беморӣ ва давоҳо, хонасозӣ, коркарди замин, истилоҳоти хешутаборӣ, ашёи гуногуни рӯзгор, хоҷагидорӣ ва амсоли инҳо дохил мешаванд.

Ба гурӯҳи дуюми вожаҳо бошад, вожаҳое ифода кунандаи сифат, хислату хусусияти инсон, тамъ, рангу бӯйи хӯрок ва меваю сабзавот, аломату нишонаҳои гуногуни ҳайвонот, фаслҳои сол, ҳодисаҳои табиат, амалу ҳаракат, ҳолат, замону макон, тарзу тариқ, натиҷаву андозаи амал ва ғайрашомиланд.

Дӯзандагӣ як соҳаи фаъолияти мардуми тоҷик буда, таърихи қадима дорад ва вобаста ба даврахои мухталифи инкишофи ҷомеа зимни пайдоиши навъҳои гуногуни либосу либосворӣ, каллапӯшу пойафзол, ашёи ороишӣ, иқоматгоҳҳои доимиву муваққатии тоҷикон рушд намуд ва бахшҳои зиёд пайдо кард.

Бояд қайд кард, ки бахшҳои соҳаи дӯзандагӣ дар иртибот ба мавод, ашё ва асбобҳои дӯзандагиву коркарди худи мавод, косибону мутахассисон, амалиёти эшон дар раванди иҷрои кор ва амали инҳо аз якдигар фарқ кунанд ҳам, миёни бахшҳо як ҳамбастагӣ ва пайванди ногусастанӣ ҷой дорад, ки ин алоқамандӣ ҳамзамон дар кори буридану дӯхтан, ба истифода додани анвои куртаву поҷома, каллапӯшу пойпӯш, кӯрпаву кӯрпача, сӯзаниву девориҳои ҳархела ба назар мерасад.

Бахшҳои дӯзандагӣ ҳар кадом калимаву истилоҳоти хосси худро доранд, ки он калимаву истилоҳот дар пайвастагӣ бо якдигар дар забони тоҷикӣ як системаи мукаммалу муназзам ва устуворро ташкил медиҳанд.

Истилоҳоти соҳаи дӯзандагӣ дар таркиби луғавии лаҳҷаи Конибодом як гурӯҳи махсусро ташкил медиҳанд. Масалан, вожаҳои **авраҷома** (ҷомаи бепахтаи абраву

остардор), **тепа** (рӯйи тоқӣ), **чапчурға** (шерозаи поҷома), **шаброн** (навъи маҳсӣ), **дурра** (рӯмол), **чапон** (ҷома) намунае чанд аз ҳамон гурӯҳ мебошанд.

Истилоҳоти навъи мазкур аз ҷиҳати маъниву тобишҳои маъноӣ аз якдигар тафовут доранд, ки ин зарурати ба гурӯҳҳои алоҳида тасниф намудани онҳоро пеш меорад:

1. Номи ашхоси ҳунарманд: **куттадӯз, мошиначӣ, чокдӯз, усто, халифа** (дастиёри усто).

Дар Конибодом дӯзандаҳо дар доираи касбҳои махсус фаъолият мекунанд. Ин аст, ки яке дар дӯхтани куртаву хилъат маъруфият пайдо карда бошад, дигаре дар дӯхтани ҷома ё тоқиҳои ҳархела ном баровардааст. Бинобар он, дар лаҳҷаи мазкур нисбат ба ҳамин гуна ашхос боз чунин истилоҳот кор фармуда мешаванд: **мошиначӣ-куттадӯз, мошиначӣ-чапондӯз, мошиначӣ-қалпоқдӯз.** Мавҷудахон хони Ҳалимахони мошиначӣ – чапондӯз-ба бурафт (П.).

Аз ин мебарояд, ки истилоҳи **мошиначӣ** дар лаҳҷаи Конибодом мафҳуми умумӣ дорад ва дар ниҳоди он маънии умуман «дӯзанда» нигаҳбонӣ меёбад. Барои он ки ҳамин маънӣ мушаххас бошад ва дӯзандаҳо аз якдигар фарқ кунанд, ба он вожаҳои лаҳҷавии **куттадӯз, чапондӯз** ва **қалпоқдӯз** илова карда мешаванд, ки бо ин роҳ миёни дӯзандаҳо як навъ тафовут пайдо мегардад.

Дар забони адабиёти классикӣ дар ҳамин маънӣ вожаҳои **дарзӣ** ва **хайёт** маъруф буданд. Аз инҳо истилоҳи **дарзӣ** тоҷикӣ буда, аз решаи **дарз** тавассути пасванди **-ӣ** сохта шудааст. Аммо вожаи **хайёт** аз нигоҳи баромад арабист. Классикони мо аз калимаҳои **дарзӣ** ва **хайёт** истилоҳоти **дарзӣ** [2, 331] ва **хайётӣ** [3, 445] низ сохтаанд, ки онҳо дар ифодаи мафҳуми пешаи ашхоси ҳамин соҳа кор фармуда мешуданд.

Ба дӯкончаи дарзие баргузашт,
Ки чашм аз фурӯғи ваяш хира гашт.

А. Ҷомӣ

Дар забони адабии муосири тоҷик истилоҳоти **дӯзанда, либосдӯз, чевар** хеле маъмуланд. Онҳо исми шахс буда, ба ашхосе мансубанд, ки дар бобати дӯхтани либосҳои гуногун хосса маҳорат доранд. Дар асоси ин вожаҳо ҳоло исмҳои амали **дӯзандагӣ, либосдӯзӣ, чеварӣ** ба вуҷуд омадаанд, ки маънои касби мардуми ҳунарвари ҳамин соҳаро ифода мекунанд.

2. Номи бахшҳои алоҳидаи дӯзандагӣ. Дар Конибодом асосан се бахши дӯзандагӣ вуҷуд дорад ва тамоми калимаву истилоҳоте, ки дар ин соҳа ба кор мераванд, ба ҳамин се бахш иртибот мегиранд.

2.1.Бахши либосдӯзӣ. Дар ин бахш чунин истилоҳотро метавон дучор омад:

а). Номи ҳунармандон: **бурранда** (порагар), **ӯлчакчӣ** (ченкунанда), **андозабур** (дӯзандаи либос аз рӯйи нусха ва андоза). Дигар истилоҳоте, ки дар ин бахш истифода мешаванд, таркибан мураккаб буда, аз номи либосҳо, замони ҳозираи феъли **дӯхтан** (дӯз) ва пасванди **-ӣ** шакл мегиранд: **куттадӯзӣ, эзордӯзӣ, ҷомадӯзӣ, чапондӯзӣ, камзӯлдӯзӣ, брукдӯзӣ, кастумдӯзӣ, майкадӯзӣ, шалвардӯзӣ, йупкадӯзӣ.**

б). Номи маҳсулоти тайёр: **кута** (курта), **йакабанд** (миёнбанд), **кутти мардона** (куртаи мардона), **кутти занона** (куртаи занона), **кутти башкона** (куртаи бачагона), **чапони корӣ** (ҷомаи корӣ), **чапони ҷойравак** (ҷома барои тӯйу маърака), **йактак** (хилъати беабраи тобистона), **гуппича//камзӯл** (ҷомачаи кӯтоҳи беостин), **пиҷак** (пиджак), **буруки ғилофӣ** (шими галифе), **нимчагӣ** (ҷомаи кӯтоҳ ва бе остини занона). Муродифи вожаи **нимчагӣ** дар забони адабӣ **камзӯлча** мебошад, ки дар лаҳҷаи мазкур он ҳам ҷо-ҷо истеъмол меёбад. Дар лаҳҷаҳои ҷанубӣ синоними **нимчагӣ** вожаи **васкат/васкак** аст.

в). Бахши дӯхтани каллапӯшҳо. Истифода аз навъҳои гуногуни тоқӣ, телпак, кулоҳ ва ғайра барои муҳофизат аз гармову сармо ва ҳамчунин ороиш ва зебу зинат дар мардуми тоҷик аз суннатҳои қадима маҳсуб меёбад. Дар лаҳҷаи Конибодом истилоҳоте, ки ба дӯхтану тайёр намудани навъҳои каллапӯш алоқамандӣ доранд, дорои хусусиятҳои худ мебошанд. Калимаҳои **тоқӣ, тӯпӣ, қалпоқ** мафҳуми умумии каллапӯшро ифода мекунанд. Калимаи **телпак** бошад, дар ду маънӣ роиҷ аст. Аввалан, маънии каллапӯши зимистонаро дорад, ки аз пӯсти барра ё ягон ҳайвони дигар тайёр карда мешавад. Баъдан, **телпак** дар ифодаи мафҳуми каллапӯши абра–остардори кӯдакона ба кор меравад, ки гӯшак дорад ва онро аз матоъҳои ҳархела медӯзанд. Дар лаҳҷа калимаи **арақчин** низ мавҷуд аст, ки он номи як навъ тоқии тунуки тобистонаи пирона мебошад. Ғайр аз ин дар Конибодом навъҳои дигари тоқӣ ба назар мерасанд, ки онҳо бо вожаҳои зерин ифода меёбанд: **қулоқчин** (як навъ каллапӯши кӯдакона), **қалпоқи зангор** (аз махмали сабз медӯзанд), **чоргула** (як навъи тоқӣ), **чустӣ** (навъи дигари тоқӣ), **қалпоқи қаламфурнусқаи андиҷонӣ**

(тоқиест, ки болои он сурати баргу пояи қаламфур кашидадӯзӣ карда мешавад), **қалпоқи қаламфурнусқаи зардӯзӣ** (ин тоқӣ низ бо ҳамин шакл, аммо бо зарҳал дӯхта мешавад), **лайлонусқа, лайлӣ–маҷнуннусқа, товуснусқа** (тоқиҳои гулдӯзӣ ва пур аз нақшунигор). Вожаи **нусқа**, ки шакли лаҳҷавии **нусха**и адабӣ мебошад, дар лаҳҷаи мазкур маънои «нақшу нигор, сурат, гулпартоӣ дар рӯйи тоқӣ»-ро дорад.

Раванди дӯхтану омода намудани каллапӯшҳо дар лаҳҷаи Конибодом як қатор истилоҳоти дигарро ба вуҷуд овардааст. Аз қабили **тӯппидӯзӣ, қалпоқдӯзӣ, телпакдӯзӣ, қулоқчиндӯзӣ, арақчиндӯзӣ** ва амсоли инҳо, ки ҳамагӣ дар қолаби мураккаби калимасозӣ ба воситаи пасванди **-ӣ** тарҳрезӣ ёфтаанд.

3. Бахши ороиши хона: **сӯзанӣ, кашида, зардеволӣ** (матоъҳои гулдӯзӣ, ки ба девор овехта мешаванд), **дегпӯшак** (болопӯши дег, ки аз ҳар хел матоъ медӯзанд), **сандалипӯш** (матоъи дуқабата дӯхташуда барои пӯшондани сандалӣ), **тагак** (гирдача барои таги чойник), **қалпоқ** (чойникпӯшак).

Ин бахш боз як қатор истилоҳоти дигарро низ дар бар мегирад, ки онҳо вобаста ба рафти дӯхтану ба истифода додани ашёи ороишӣ ба зуҳур омадаанд: **сӯзанидӯзӣ, кашидадӯзӣ, зардеволдӯзӣ, ҷиҳакдӯзӣ, қоқмадӯзӣ, зебитаҳмондӯзӣ, сачоқдӯзӣ, попоқчигӣ, йӯрмадӯзӣ, тӯрдӯзӣ, болинпӯшдӯзӣ** ва ғайра.

4. Номи маводи соҳаи дӯзандагӣ. Ин навъи истилоҳот хеле зиёданд, ки аксаран номи хелҳои гуногуни матоъ, ришта, ашёи тайёру нимтайёр ва монанди инҳоро ифода мекунанд: **лас** (сатин), **ласи сийо, чит** (чити тунук, чити ранга, чити одмийона, чити кавут), **беқасам** (беқасаб), **кундал** (зарбофт, кимхоб), **казина** (навъи абрешим), **кизак** (як хел матоъ), **чучунча** (навъи матои абрешимӣ), **ришки** (ришта, ресмон), **респони сурх, респони калова, респони даҳум, респони пуштӣ, чимилиқвор** (матоъ барои дӯхтани пардаи арӯсӣ), **таги қохма** (матоъ барои дӯхтани камарбанд), **тепа** (матои болои тоқӣ), **бахмали сурх, фаранги гулоб, иштампул** (иштампули зимуқ), **бершум** (абрешим), **бершуми зайнабӣ, ғиҷимбахмал, зангор, мулина** (мулини тошқолигӣ).

5. Номи асбобҳои дӯзандагӣ ва ҷойи кори дӯзанда: **мошина** (мошини дастӣ, мошини пойӣ), **мошини чокдӯзӣ: тана, даста, педал, ҷоисӯзанмонак, пойа, найча** (қисмҳои ҷудогонаи мошина),**чиғ** (пилтакаш, сихаки ҷӯроббофӣ), **сӯзанхалта** (халтача барои мондани сӯзану ришта, ангуштона ва ғ.), **ӯймоқ** (ангуштона), **метир** (метр), **чамбарак** (қолаб), **артил** (ателеи дӯзандагӣ), **фабрик** (фабрикаи дӯзандагӣ), **пирхона** (устохона).

6. Истилоҳоти марбут ба тарзи дӯхтан: **чок** (навъ ва тарзи дӯхтан), **чоки чиндахайол, чоки кандахайол, чоки ироқӣ, чоки дона, босма** (навъҳои дарздӯзӣ), **тепчӣ** (бо ҳам дӯхта часпонидани қисмҳои алоҳидаи тоқӣ), **йӯрмадӯзӣ** (кашидадӯзӣ тавассути дарафши нугкаҷ), **попурзанӣ** (гулпартоӣ ба воситаи мошина), **ироқидӯзӣ** (дӯхтан дар шакли салиб), **ҳалқачокдӯзӣ, дучокдӯзӣ** (гирдогирд дӯхтани тоқӣ), **астарчаспонӣ** (дӯхтани остар).

7. Номи қисмҳои ҷудогонаи либос: **йақо** (гиребон), **тирез** (бари курта**), эзорпоча** (почаи эзори занона), **шероза** (шерози эзорпоча), **киста** (киса), **теппа** (қисми болои тоқӣ), **тарк** (чор тарафи тоқӣ), **минчоқ** (мӯхрезаҳои гирди доман), **кизак** (миёнбанди таг), **буғак** (гиребони танг, ки гарданро мефишорад), **астар** (остар, матои таги шим).

8. Номи либосҳо ва мафҳумҳои марбут ба бистар: **чишмак** (навъи болишт), **кӯрпа, кӯрпача, саригазӣ** (кӯрпаи калони серпахта), **йакандоз** (кӯрпачаи дароз), **болишт, болиштча**(болишти майда), **ғилофӣ** (абраву остари бо ҳам дӯхта), **лола** (нақшу нигори болои кӯрпа), **қош** (пар-паракҳои гирдогирди болишт), **адиёл, простин, ҷилди кӯрпа** (болопӯши кӯрпа), **ҷилди болишт** (болопӯши болишт), **болинпӯш** (матое,ки дар болои болиштҳо андохта мешаванд), **корхалта** (халтача, ки дар он сӯзану риштаи кӯрпадӯзӣ андохта мешаванд).

Дар лаҳҷаи Конибодом як қатор истилоҳоте вомехӯранд, ки ба раванди тайёр намудани бистар дахл доранд: **лаганда каран** (ба дохили кӯрпаву кӯрпача ҷо намудани пахта), **ӯлчак каран** (андоза кардани бару гази кӯрпаву кӯрпача), **тепчӣ каран, қавиқ каран, сарак каран** (навъҳои дӯхтани кӯрпа). Хола кӯрпа – йа лиганда кара шудид – мӣ? (К.).

Қайд кардан ба маврид аст, ки лаҳҷаи Конибодом аз нигоҳи луғат ниҳоят ғаноманд ва гуногунранг аст. Ин ғановат ва гуногунрангӣ аз он ҷо ба миён меояд, ки дар лаҳҷаи мазкур ҳам калимаҳои мустақилмаъно ва ҳам калимаҳои ёридиҳанда чун силсилаи унсурҳои ба ҳам тавъам дар доираи фонди умумии ин лаҳҷа ба ҳамдигар муттаҳид гардида, як системаи мустақилу яклухти луғати онро ба вуҷуд меоранд. Истифодаи ба мавриди вожаҳои шевагӣ метавонанд дар рушди забони давлатӣ ва ҳунарҳои мардумӣ низ мусоидат намоянд.

**Ихтисораҳо:**

**К.** – шаҳри Конибодом; **П.** – Пӯлотон

**АДАБИЁТ:**


1. АйнӣС. МактубикушодабарафиқТолис–Шарқисурх, № 11, Сталинобод, 1948, с. 37-40.
2. Каххаров М. Лексика Пенджикентских говоров. АКД. Душанбе, 1998, 23 стр.
3. Ниязмухамамедов Б. Канибадамское наречие таджикского язчка. Сталинабад, 1951, 57 стр.
4. Расторгуева В.С. Очерки по таджикской диалектологии. Вып.5 (таджикско-русский диалектный словарь). Москва, 1963, 214 с.
5. Фарҳанги забони тоҷикӣ, ҷ. 1. М., 1969, 951 саҳ.
6. Фарҳанги забони тоҷикӣ, ҷ. 2. М., 1969, 950 с.
7. Фарҳанги забони тоҷикӣ, ҷ. 2. М., 1969, 950 с.



**Сангинова Р.И.**

**РОЛЬ СЛОВ И ТЕРМИНОВ СФЕРЫ ШИТЬЯ КАНИБАДАМСКОГО ДИАЛЕКТА В РАЗВИТИИ ПРОФЕССИЙ И НАРОДНЫХ РЕМЁСЕЛ**

В статье речь идет о терминах сферы шитья в канибадамском говоре. В статье отмечается, что термины сферы шитья в канибадамском говоре составляет специальную группу и со стороны семантики и семантических оттенков различаются друг от друга, что приводит к необходимости их классификации на отдельные группы. В том числе названия личностей мастеров, отдельные разделы шитья, раздел домашнего дизайна, названия материалов сферы шитья, названия готовой продукции, названия мастеров, названия швейных инструментов и рабочего места швеи, названия отдельных частей одежды, названия одежд и термины имеющие отношения к постельному белью и другие.

***Ключевые слова:*** *швея, одежда, Канибадам, говор, лексика, мастер, язык, инструменты, термины, туризм, развитие, профессия.*

**Sanginova R. I.**

**THE PLACE OF THE TERMS OF SEWING BRANCH OF KONIBODOM'S DIALECT IN THE DEVELOPMENT OF FOLK CRAFTS.**

The article deals with the terms of the sewing sphere in the Konibodom dialect. It is noted in the article that the terms of the sewing sphere in the Konibodom dialect constitute a special group and differ from each other by semantics and semantic shades, which leads to the necessity of their classification into separate groups. Including the names of the personalities of the craftsmen, separate sections of sewing, the section of home design, names of materials in the sewing industry, names of finished products, names of craftsmen, names of sewing tools and the seamstress workplace, names of individual pieces of clothing, names of clothes and terms related to bed linen and others are explained in the article.

***Key words:*** *sewing, clothes, Konibodom, dialect, words, craftsman, language, instruments, terms, profession,tourism, development.*



**Информация об авторе:** Сангинова Р.И. Кандидат наук, доцент кафедры таджикского и русского языков Института туризма, предпринимательства и сервиса.

**Information about the author**: Sanginova R.I. Candidate of Science, Associate Professor of the Department of Tajik and Russian Languages of the Institute of Tourism, Entrepreneurship and Service.

.

**Ҷ. Ш. САДИРОВА**


## ТАШАККУЛИ ШАХСИЯТИ КӮДАКОН ТАВАССУТИ БОЗИҲОИ РАСМӢ ВА БОЗИЧАҲО

Технологияи педагогӣ системаи фаъолияти тамоми ҷузъҳои ҷараёни педагогӣ мебошад, ки дар асоси илмӣ сохта шудааст, дар вақт ва фазо барномарезӣ шуда, ба натиҷаҳои пешбинишуда оварда мерасонад. Хусусиятҳои пешрафтаи технология инҳоянд:

- омезиши (якҷоякунӣ, пайвастшавӣ) ягон ҷузъи таркибӣ;
- мантиқ, пайдарпайии ҷузъҳо;
- усул, амал, амалиёт;
- кафолати натиҷа [6:32] мебошад.

Ҷой ва нақши технологияи бозӣ дар ҷараёни таълим, омезиши унсурҳои бозӣ ва таълим бештар ба фаҳмиши муаллим дар бораи вазифаҳо ва таснифи бозиҳои педагогӣ вобаста аст. Г.К. Селевко таснифи бозиҳои педагогиро аз рӯйи якчанд принсипҳо пешниҳод мекунад:

1. Бозиҳо аз рӯйи намудҳои фаъолият ба ҳаракатӣ (моторӣ), ақлонӣ (рӯҳӣ), меҳнатӣ, иҷтимоӣ ва психологӣ таҳким мешаванд.

2. Аз рӯйи табиати раванди педагогӣ:
- таълимӣ, тарбиявӣ, назоратӣ, умумӣ;
- маърифатӣ, рушдкунанда;
- репродуктивӣ, истеҳсолӣ, эҷодӣ;
- коммуникативӣ, ташхисӣ, роҳнамоии касбӣ, психотехникӣ ва ғайра.

3. Мувофиқи маълумоти Г.К.Селевко, аз рӯйи табиати методологияи бозиҳо, бозиҳои педагогӣ ба чунин қисмҳо: мавзӯъҳо, нақшҳо, тақлидкунӣ, бозиҳои саҳнавӣ тақсим мешаванд.

4. Дар фанҳои алоҳида, бозиҳо барои тамоми давраҳои таълим фарқ мекунанд.

5. Тибқи муҳити бозӣ, ки ба таври назаррас хусусиятҳои технологияи бозиро муайян мекунад: онҳо бозиро бо ашё ва бе ашё, тахта, ҳуҷра, кӯча, маҳал, компютер ва ба воситаҳои гуногуни нақлиёт фарқ мекунанд [18:50-60].

Татбиқи усули бозӣ ва вазъиятҳо дар шакли дарс дар самтҳои зерин сурат мегирад:
- ҳадафи дидактикӣ дар шакли вазифаи бозӣ муқаррар карда мешавад;
- машғулиятҳои омӯзишӣ аз рӯйи қоидаҳои бозӣ риоя карда мешаванд;
- маводи таълимӣ ҳамчун воситаи он истифода мешавад, унсури рақобат ба фаъолияти таълимӣ ворид карда мешавад, ки вазифаи дидактикиро ба бозӣ табдил медиҳад;
- иҷрои бомуваффақияти вазифаи дидактикӣ бо натиҷаи бозӣ алоқаманд аст [9:86-87].

Кӯдакон жанри афсонаро хеле дӯст медоранд. Эҳтимол, ин мундариҷаи муҳимми психологиро доро бошад, зеро бозӣ карда, афсона шунидану нақш офаридан ва тамошои саҳнаҳо муҳаббат, меҳрубонӣ ва хурсандиест бепоён.

Бозиҳо бо мурури замон аҳамияти худро гум намекунанд. Аммо новобаста аз он ки аҳамияти афсона барои нигоҳ доштани олами рӯҳии кӯдакон муҳим аст ва он дар дарсҳои санъати тасвирӣ ҳамчун воситаи самаранок истифода намешавад. Амалӣ намудани ин дарс хуб аст, зеро бисёр намудҳои санъатро муттаҳид мекунад.

Таълими санъати тасвирӣ бидуни истифодаи ҳолатҳои гуногуни бозӣ ва машқҳо ғайриимкон аст, зеро бо ёрии он муаллим дар хонандагон қобилиятҳо ва салоҳиятҳои мушаххасро ташаккул медиҳад. Вазифаи маҳдуди таълим ва супоришҳо ба омӯзгор имкон медиҳанд, ки сифати азхудкунии маводи таълимро дуруст ва воқеӣ арзёбӣ кунад.

Барои нигоҳ доштани самарабахшии таълими кӯдакон ба фаъолияти онҳо ҳолатҳои гуногуни маърифатӣ, машқҳои бозӣ ворид кардан лозим аст, зеро агар таҳлилгарони гуногун ҷалб карда шаванд, ба омезиши мавзӯъ мусоидат мекунад.

Таълими санъат (субъектҳои сикли зебопарпстӣ: мусиқӣ, санъат, адабиёт, ракс, театр ва ғайра) бояд дар тамоми муассисаҳои таълимӣ бефосила идома ёбанд.

Ҳадафи асосии таълими ибтидоии муосир рушди шахсияти кӯдак мебошад. Расидан ба ин ҳадаф бидуни иҷрои вазифаҳои дар таълими "Санъат" номбаршуда ғайриимкон аст. [5, с. 31]

Дар мактаби ибтидоӣ вазифаҳои зерин ҳал карда мешаванд:

- ташаккули муносибати эҳсосӣ-арзишии хонандагон ба падидаҳои воқеият ва санъат;
- ташаккули тафаккури бадеӣ-тасвири ҳамчун асоси рушди шахсияти эҷодӣ;
- рушди қобилияти кӯдакон дарк кардани асарҳои санъат ҳамчун зуҳуроти фаъолияти рӯҳии шахс;
- маҳорати забони интонатсияи-рамзии санъат дар асоси объекти пайдоиши фаъолияти эҷодӣ ва робита бо намудҳои гуногуни санъат;
- ташаккули назари ҳамаҷонибаи фарҳанги миллии бадеӣ ва мусиқӣ ва мавқеи онҳо дар фарҳанги ҷаҳонии бадеӣ .

Усули таълими санъати тасвирӣ.

Дар баробари усулҳои визуалии таълими фаъолияти визуалӣ, тарз ва усули шифоҳӣ (суҳбатҳо, фаҳмондадиҳӣ, саволҳо, мукофотҳо, маслиҳат, калимаи бадеӣ) истифода мешаванд.

Асоси физиологии ягонагии усули визуалии шифоҳӣ таълимоти И.П. Павлов дар бораи кори мутақобилаи ду системаи сигналӣ мебошад. Яке аз усули пешбарандаи шифоҳӣ, суҳбат аст.

Суҳбат дар дарсҳои санъати тасвирӣ суҳбатест, ки дар он омӯзгор бо истифода аз саволҳо, фаҳмондадиҳӣ, возеҳият, дар ташаккули ғояҳои кӯдакон дар бораи объект ё зуҳуроти тасвиршуда ва чӣ гуна дар расм, намоиши ариза такмил додани он кумак мекунад. Хусусияти усули суҳбат ҳавасмандгардонии ҳадди аксарро дар фаъолияти

кӯдакон таъмин мекунад. Аз ин рӯ, суҳбат ба сифати усули рушди омӯзиши фаъолияти визуалӣ васеъ истифода мешавад [2, с. 194].

Суҳбат одатан дар қисми аввали дарс истифода мешавад, вақте ки вазифа ташкили намояндагии визуалӣ мебошад ва дар охири дарс, вақте муҳим аст, ки барои дидани кори шумо, ҳисси ифодаву шаъну шарафи онҳо, дарк кардани камбудиҳо муҳим аст. Методи суҳбат аз мундариҷа, намуди фаъолият, вазифаҳои мушаххаси дидактикӣ вобаста аст.

Ҳангоми нақшакашӣ мавриди ба кӯдакон мазмун таълим дода мешавад. Зимни суҳбат ба кӯдакон кумак кардан лозим аст, ки мазмуни тасвир, таркиб, хусусиятҳои интиқоли ҳаракат, хусусиятҳои рангии тасвир, яъне тавассути воситаҳои графикӣ барои интиқоли қитъаро фикр кунанд. Омӯзгор бо кӯдакон баъзе усули техникии кор, пайдарпаии эҷоди тасвирро шарҳ медиҳад. Вобаста аз мундариҷаи тасвир (дар бораи кори адабӣ, дар мавзӯъҳо аз воқеияти атроф, дар мавзӯи озод), методологияи гуфтугӯ хусусиятҳои хосси худро дорад. Ҳамин тавр, ҳангоми кашидани як мавзӯи кори адабӣ, муҳим аст, ки ғояи асосии он, идеяе ба хотир оварда шавад; тасвири эҳсосиро эҳё мекунад (сатрҳои шеър, афсона хонед), намуди зоҳирии қаҳрамонҳоро тавсиф менамояд; муносибати онҳоро ба ёд меорад; таркиб муайян гардида, техника ва пайдарпаии кор ба роҳ монда мешавад. Баровардани мавзӯъҳои воқеияти атроф, эҳёи вазъи зиндагӣ, таҷдиди мундариҷаи рӯйдодҳо, вазъият ва возеҳи василаҳои ифодаиро талаб мекунад; композитсияҳо, ҷузъиёт, усули интиқоли ҳаракат ва ғайра, такмил додани усул ва пайдарпаии тасвир мебошад [12, саҳ. 179].

Дар мағулиятҳое, ки мундариҷаи тасвир мавзӯи ҷудогона аст, суҳбат аксар вақт раванди баррасии онро ҳамроҳӣ мекунад. Дар ин ҳолат, ҳангоми суҳбат кӯдаконро барои дарки фаъолона ва пурмазмуни мавзӯъ ташвиқ кардан лозим аст, то онҳо дар фаҳмидани хусусиятҳои сохти он, муайян кардани асолати аслии ранг, муносибатҳои мутаносиб қобилият пайдо кунанд. Хусусият ва мундариҷаи саволҳои омӯзгор бояд ба кӯдакон роҳнамоӣ кунанд, то вобастагии байни мақсадҳои функсионалӣ ва хусусиятҳои шароити зиндагӣ (ғизо, ҳаракат, ҳифз) вуҷуд дошта бошанд. Иҷрои ин вазифаҳо худ аз худ нест, балки воситаи ташаккули ғояҳои умумие мебошад, ки барои рушди мустақилият, фаъолият ва ташаббуси кӯдакон дар эҷоди тасвирҳо заруранд. Дараҷаи зеҳнӣ, нутқии кӯдакони муассисаҳои томактабӣ дар гуфтугӯҳои ин гунаҳо баландтар аст, зеро таҷрибаи кӯдакон дар он хусус бойтар аст [2, с. 67].

Дар охири дарс, шумо бояд ба кӯдакон ёрӣ диҳед, ки онҳо ифоданокии тасвири офаридаашонро ҳис кунанд. Таълим додани қобилияти дидан, ҳисси ифодаи тасвир, ҳайкалсозӣ яке аз вазифаҳои муҳимми омӯзгор аст. Ғайр аз он, табиати саволҳо ва шарҳи калонсолон бояд дар дили кӯдакон вокунишҳои муайяни эҳсосӣ пайдо кунанд.

Хусусиятҳои синнусолӣ ба мундариҷаи суҳбат, дараҷаи фаъолияти кӯдакон таъсир мерасонанд. Вобаста ба вазифаҳои мушаххаси дидактикӣ, табиати саволҳо тағйир меёбад. Дар баъзе ҳолатҳо, саволҳо ба тавсиф кардани аломатҳои берунии ашёи даркшуда, дар дигар ҳолатҳо - ҳангоми ёдоварӣ ва дубора эҳё шудан, ҳангоми ихтилоф равона шудаанд. Талабот ба саволҳо дорои як хислати умумии педагогӣ мебошад: дастрасӣ, равшанӣ, возеҳии вожаҳо, кӯтоҳӣ, эҳсосот [10:46] мебошад.

Шарҳ - роҳи шифоҳии таъсир ба шуури кӯдакон аст, ба онҳо дар фаҳмидан ва дарк намудан, ки чӣ гуна дар давоми дарс бояд кор кунанд ва дар натиҷаи он чӣ ба даст овардан лозим аст. Ёри мерасонад шарҳ дар шакли содда ва дастрас дар як вақт барои тамоми синф ва ё кӯдакони алоҳида иҷро карда мешавад. Тавзеҳро аксар вақт бо мушоҳида ҳамроҳ карда, методҳо ва усули иҷрои корро нишон медиҳанд.

Ҳангоми кашидани нақшаи мавзӯи озод, пешакӣ ҳамкориро бо кӯдакон ба роҳ мондан зарур аст. Дар суҳбат омӯзгор таассуроти кӯдаконро бедор мекунад. Баъд ӯ ба баъзе кӯдакон пешниҳод мекунад, ки нақшаи худро шарҳ диҳанд: онҳо чиро тасвир кунанд, чӣ тавр онҳо ранг кунанд, то дигарон бифаҳманд, ки онҳо ин ё он ҷузъиёт дар куҷо ҷойгир мекунанд.

Дар муассисаҳои таълимӣ дар муқоиса бо дигар давраҳои синнусолӣ, тамаркузи шахсӣ бо фарогирӣ ба ҷаҳони объективии беруна муайян карда мешавад. Тафаккури визуалӣ-тасвирӣ ва дарки эҳсоси амиқи воқеият дар онҳо бартарӣ дорад, фаъолияти бозӣ барои онҳо муҳим боқӣ мемонад . Хусусияти санъат, табиати бадеӣ ва тасвири он ба эҳтиёҷоти шахсии кӯдаки синну соли томактабӣ комилан ҷавобгӯ аст. Ин имконоти педагогӣ ва аҳамияти субъектҳои соҳаи таълимии «Санъат»-ро дар марҳилаи ибтидоии таълим муайян мекунад. Вазифаҳои ин соҳаи таълимро пурра иҷро карда, омӯзгорон

метавонанд ба ҳадафи асосии таълим - инкишофи шахсияти кӯдак муваффақ шаванд [5, с. 39].

Ҳама гуна санъат тасвиргарост мешуморад ва тасвири бадеӣ табиат ҷузъи ҷудонашавандаи он аст. Дар ҳама гуна тасвири бадеӣ, мисли як қатра об, тамоми олам инъикос ёфтааст. Ҳамин тариқ, соҳаи таълимии "Санъат" ба ҳалли боз як вазифаи муҳим, ки ташаккули дарки ҳамаҷонибаи фарзанди одам дар атрофи ӯст, мусоидат мекунад. Барои ҳалли он унсурҳои санъат дар таълими дигар фанҳо ворид карда мешаванд. Тамоили сохтани таълим дар ягонагии принсипҳо ва усули таълими пояҳои илм ва санъат вуҷуд дорад.

Мазмуни таълим таҷрибаи иҷтимоӣ, яъне фаъолияти инсоният дар тамоми таърихи рушди он мебошад. А. Я. Лернер чор унсури асосии мундариҷаи таълимро номбар мекунад:

- дониш (дар бораи табиат, ҷомеа, технология, таърих, фарҳанг, усули фаъолият ва ғайра);
- усули фаъолият (малакаҳо);
- дар бораи фаъолияти эҷодӣ (ҳалли масъалаҳои эҷодӣ);
- таҷрибаи муносибатҳои эҳсосӣ-арзишӣ (таҷрибаи эҳсос, манфиатҳо, эҳтиёҷот; муносибатҳои иҷтимоӣ, маънавӣ, маънавӣ ва ғайра) [8:176].

Рушди бадеӣ дар Консепсияи тарбия ҳамчун роҳи инсонсозӣ дида мешавад. Аз ин рӯ, ҳадафи асосии тарбияи бадеии кӯдакон тарбияи муносибати зебописандӣ ба ҳаёт мебошад.

Муносибати зебописандӣ ба ҳаёт - ин сифати махсуси шахсест, ки барои мавҷудияти масъулияти инсон дар ҷаҳон зарур аст. Он дар қобилиятҳои зерин ифода ёфтааст:

- мустақиман худро ҳамчун як қисми ҷудонашавандаи ҷаҳони беохир ҳис мекунанд;
- идома додани онро дар олами беруна дидан;
- Ҳисси моликияти шахсӣ, ҷамъиятӣ ва умуман таърих ва фарҳанги инсонӣ;
- арзиши ғайрирасмии ҳама чизро дар олам эътироф мекунад;
- аз масъулияти худ барои тамоми ҷанбаҳои ҳаёт сар карда, то муҳити наздики худ огоҳ бошанд [15:136 - 137].

Инкишофи маҳз ҳамин сифат заминаи мустаҳками тарбияи ахлоқӣ, экологӣ, ватандӯстӣ ва дигар намудҳои фарққунандаи таълимро фароҳам меорад.

Бозичаҳо «заминаи модии бозӣ» (А.С.Макаренко) буда, кӯдак бо ёрии онҳо образҳои хаёлии худро тарҳрезӣ менамояд, ба ин ё он нақш ворид гардида таасуроти худро оид ба ҳаёти гирду атроф амалӣ мегардонад. Масалан, духтарча лухтак, хирсак, харгӯшак, сагчаро ба бағал гирифта дар симои он кӯдакро тасаввур менамояд, ӯро ором мекунад, алла мегӯяд, навозишу меҳрубонӣ менамояд, яъне худро ҳамчун модар тасаввур карда, ба амалҳои ӯ тақлид менамояд ва муносибатҳои худро бо «фарзанд» нишон медиҳад. Ҳамин тавр бозича кӯдакро барои «зиндагӣ кардан ва амал намудан» (Е.А.Флерина) меомӯзонад. Аз ин рӯ, аҳамияги тарбиявии бозича хеле калон аст. Маҳз бо мадади бозича кӯдак худро иштирокчии фаъоли ҳаёт ва зиндагии ҳаррӯза ҳис менамояд.

**АДАБИЁТ:**


1. Абрамова М.А. Гуфтугӯ ва бозиҳои дидактикӣ дар дарси санъати тасвирии синфҳои 1 - 4. - М.: GITS VLADOS, 2004 .-- 122 саҳ.
2. Бабкина Н.В. Истифодаи бозиҳо ва машқҳои рушдёбанда дар раванди таълим // Мактаби ибтидоӣ. 2006. № 4. - S. 13-14.
3. Ветошкина Ю.А. Харитаҳои мавзӯии мавзӯӣ барои дарсҳо - як намуди нави ҳуҷҷатҳои методӣ // Мактаби ибтидоӣ. - - № 2. - S. 44 - 48
4. Волков И.П. Шиносоии мактаббачагон ба эҷодкорӣ. - М., 2012 .-- 304 с.
5. Выготский L.S. Бозӣ ва нақши он дар рушди равонии кӯдак // Масъалаҳои психология. 1986. № 6. - S. 6 - 7.
6. А. М. Миралиев., М. Давлатов Педагогика ва психология. – Душанбе: Ирфон, 2007.
7.


**Садирова Ҷ. Ш**

## РАЗВИТИЕ ЛИЧНОСТИ ДЕТЕЙ С ПОМОЩЬЮ ДЕЛОВЫХ ИГР И ИГРУШЕК

В статье обсуждается роль игры в воспитании дошкольников. Игра - это вид учебной деятельности, в ходе которой ребенок учится смотреть на предметы и касаться их, различным способам их перемещения и использованию приобретенных навыков. Во время игры слово и предмет, слово и движение предмета представляются ребенку сразу, потому что с помощью игры

принципы визуализации воплощаются в образовании. Играя, дети должны чувствовать себя свободно и довольны своим участием. Игры в основном веселые и невольно вовлекают ребенка в игру. Это дает ему возможность проявить свои хорошие личные качества. Обеспечивает мотивацию ребенка к участию в игре и психологически подготавливает его к дальнейшей деятельности. Игрушки обогащают эмоциональный мир ребенка, дарят радость и счастье, создают доброе и доброжелательное отношение к окружающему миру и людям. Их чувства привязанности и любви к игрушкам выражаются в играх и способствуют формированию положительных моральных чувств. В частности, бережное, искреннее, сострадательное, доброе отношение к куклам и другим любимым игрушкам позволяет ребенку приобретать нравственный опыт и использовать их по отношению к детям, взрослым и сверстникам.

***Ключевые слова:*** *игра, дети, дошкольное образование, образование, воспитание, цели, задачи, взрослые, учителя.*

**Sadirova J. Sh.**

**PERSONAL DEVELOPMENT OF CHILDREN THROUGH BUSINESS GAMES AND TOYS**

The article discusses the role of play in the upbringing of preschoolers. Play is a type of learning activity in which the child learns to look at and touch objects, the different ways of moving them, and the use of acquired skills. During the game, the word and the object, the word and the movement of the object are immediately presented to the child, because with the help of the game the principles of visualization are embodied in education. While playing, children should feel free and happy with their participation. Games are mostly fun and involuntarily involve the child in the game. This gives him the opportunity to show his good personal qualities. Provides motivation for the child to participate in the game and psychologically prepares him for further activities. Toys enrich the child's emotional world, give joy and happiness, and create a kind and benevolent attitude towards the world and people. Their feelings of attachment and love for toys are expressed through play and foster positive moral feelings. In particular, a careful, sincere, compassionate, kind attitude towards dolls and other favorite toys allows the child to gain moral experience and use them in relation to children, adults and peers.

***Key words:*** *play, children, preschool education, education, upbringing, goals, objectives, adults, teachers.*

**Сведения об авторе:** Садирова Ч. Ш. – старший преподаватель кафедры педагогики, психологиии и развития человеческих ресурсов Дангаринского государственного университета. **E-mail:** Jamilasadirova9@gmail.com, Тел: (992) 907 22 72 73

**Information about the author:** Sadirova j. Sh. - Senior Lecturer, Department of Pedagogy, Psychology, and Human Resources Development, Dangara State University.

**E-mail:** Jamilasadirova9@gmail.com, Tel: (992) 907 22 72 73

**Б. МАҶИДОВА**
**Г. РАҲМОНОВА**

## НАҚШИ БОЗӢ ДАР ШАКЛГИРИИ ТАСАВВУРОТИ КӮДАКОНИ ХУРДСОЛ ОИД БА МУНОСИБАТИ ГЕНДЕРӢ

Дар ҷомеаи имрӯза иҷтимоишавии кӯдакон дар оила, кӯдакистон ва мактаб масъалаи муҳимми раванди кори таълиму тарбияви муассисаҳои таҳсилотӣ ба шумор меравад. Бинобар ин, вақтҳои охир дар таълиму тарбияи кӯдакон диққати асосии психологҳо ва кормандони соҳаи тарбияи томактабиро на танҳо баҳисобгирии хусусиятҳои синнусолии кӯдакон дар раванди кори таълиму тарбияви, инчунин тарбияи гендерии онҳо, ки асоси онро тафовути ҷинсӣ ташкил мекунад, ҷалб менамояд. Муносибатҳои гендерӣ ин муносибатҳои байниҳамдигарии занҳо ва мардҳо, мувофиқи ҷинсияти онҳо мебошад, ки дар раванди ҳаёту фаъолияти якҷоя ба вуҷуд меоянд, шакл мегиранд ва амалӣ мегарданд.

Дар пешравии ҷомеаи муосир зарурияти тарбияи писарона ва духтарона на танҳо ба мустаҳкамкунии меъёри рафтори мардона ва занона вобаста аст, балки дар омӯзиши муносибатҳои тарбияи байни ҷинсҳои муқобил, яъне зану мард, духтару писар, омода намудани онҳо ба ҳаёт ва зиндагиро дар бар мегирад. Мафҳуми гендер дар илми психология ба маънои васеъ истифода мешавад. Он омӯзишу таҳлил, баррасӣ ва баҳисобгирии хусусиятҳои психологӣ ва рафтору амалҳои писаронаю духтарона ва фарқи ҷинсиро низ дар худ таҷассум менамояд, яъне фарқи гендерӣ на танҳо ба муносибатҳои ҷинсӣ, балки ба мавқеи иҷтимоишавии духтарон ва писарон низ таъсири худро мерасонад.

Бояд зикр кард, ки хусусиятҳои гендериро дар илми психология мутахассисон хеле зиёд омӯхтаанд, аз ҷумла Т.А. Репина, В.С. Мухина, Д.В. Колесов, И.С. Кон ва дигарон, ки онҳо нисбат ба ин масъала, андешаҳои хешро пешниҳод намуданд. Дар ин тадқиқоти илмӣ, ки ба тарбияи гендерӣ бахшида шудаанд, ҷинсият - гендер чун маҷмӯи нишонаҳои фарққунанда дар ҷисм,ҳолатҳои эмотсионалӣ, рафтор ва амалҳои иҷтимоии мутааллиқ ба

писарҳо (мардона) ва духтарҳо (занона) ҳисобида шудаанд. Ва мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд. Хусусиятҳои ҷинсӣ дар ҳолатҳои эмотсионалии шахс низ зоҳир мешаванд. Масъалан, дар рафтору кирдор, ҳиссиёт, изтироб ва ғайра, ки онҳо вобаста ба мавқеи занона ва мардона арзёбӣ карда мешаванд. Дар забони тоҷикӣ ҷинс ва ҷинсият ифодагари мавқеи иҷтимоӣ, ҳамчун духтар/зан, писар/мард будан, масъулияти падару модарро ба зимма гирифтан, мутааллиқ будан ба муносибатҳои хешутаборӣ ва ғайраҳоро ифода менамояд.

Дар адабиёт психологӣ -педагогӣ ва тиббӣ қайд карда шудааст, ки ташаккулёбии ҷанин дар дохили батни модар вобаста ба ҷинси тифл фарқ мекунад. Тибқи нишондоди олимон рушди писарчаҳо аз ҷиҳати вазн ва қад аз духтарчаҳо зиёдтар аст. Давраи томактабии кӯдак дар маҷмӯъ ба ташаккулёбии хусусиятҳои психологии шахс таъсири ҷиддӣ мерасонад. Чунки сифатҳои худшиносӣ маҳз дар ин синну сол инкишоф мeёбанд ва аввалин тасаввурот оид ба ҷинс шакл мегиранд. Кӯдак аллакай дар охири 2-юмин 3-юмин соли ҳаёти худ мансубияти ҷинсии худро дарк мекунанд. Минбаъд кӯшиш менамояд вобаста ба писар ва ё духтар будани худ рафтору амал намояд. Дар синни аз 3-7 солагӣ дар кӯдакон шаклгирии гендерӣ васеъ ва мустаҳкам мегардад. Кӯдакон медонанд, ки духтарон зан ва писарон бошад мард мешаванд. Онҳо ба кадом ҷинс тааллуқ доштани худро мефаҳманд ва медонанд, ки тағйир ёфтани вазъи онҳо аз хоҳиш ва ҳолатҳои муҳити атроф вобастагӣ надорад. Дар психикаи кӯдак хусусиятҳои мардона ва ё занона ба воситаи мушоҳида кардан ба рафтори мардону занон дохил мешавад. Кӯдак ба ҳамаи ин тақлид мекунад, доираи донишу тасаввуроти худро васеъ мегардонад, мавқеи худро дар доираи муносибатҳои байниҳамдигарӣ муайян менамояд.

Кӯдак мафҳуми “мардонагӣ”-ро дар таҷрибаи ҳаётии худ истифода накардааст, вале онро ба мазмуни бозиҳои худ дохил мекунад. Кӯдак мавқеи худро вобаста ба ҷинсият на танҳо дар оила, балки дар муассисаҳои томактабӣ ва он ҷойҳое, ки вақти зиёди худро мегузаронад, муайян мекунад.

Айни ҳол дар оила, муассисаҳои томактабӣ, мактаб ва дигар муҳитҳое, ки кӯдак дар он таълиму тарбия мегирад, тарбияи гендерии кӯдакон бо принсипҳои баробарии ҷинсҳо ба роҳ монда шудааст, ки дар натиҷа ба тарбияи якҷояи ҷинсҳои писару духтарон мусоидат мекунад. Инкишофи писарону духтарон вобаста ба тарзи муносибату муошırати тарбиятгарон ҷорӣ мегардад, албатта, дар тарбия ва омӯзиш хусусиятҳои ҷинсии онҳоро ба назар гирифтан лозим аст.

Айни замон аз тарафи олимон як қатор аломатҳои фарққунанда дар инкишофи духтарчаҳо ва писарчаҳо арзёбӣ карда шудаанд. Ба монанди, вобаста ба саломатӣ, ташаккулёбии муҳаррикҳои ҳаракатӣ; инкишофи узви биноӣ; қобилияти нутқронии кӯдакон ва ғайраҳо, ки ин тафовутҳо дар байни духтарчаҳо ва писарчаҳо дида мешаванд. Масалан, бойтар будани олами эмотсионалӣ, нутқро барвақт аз худ кардани духтарчаҳо, ки ин хусусиятҳо дар илми нейропсихология ва нейропедагогика васеъ мавриди таткиқу баррасӣ қарор гирифтаанд.

Сабаби асосии фарқу хусусиятҳои дар боло зикршуда вобаста ба омилҳои биологӣ ва таъсири омилҳои иҷтимоӣ низ зоҳир мешавад. Яке аз омилҳои таъсиркунанда ба тарбияи гендерӣ бозиҳо мебошанд.

Дар синни томактабӣ бозӣ фаъолияти асосии кӯдак ба ҳисоб меравад, махсусан, бозиҳои нақшофарии мазмундор, ки дар онҳо фарқи рафтору амалҳои занона ва мардона аз тарафи кӯдакон чун “Нақш” иҷро карда мешавад. Маҳз дар ин намуди бозӣ рафторҳои гендерӣ аз кӯдак иҷрои рафтору амалҳои мувофиқ ба ҷинси занона ва мардона талаб карда мешавад. Ба монанди модар, бибӣ, духтарча, писар, падар, бобо,набера, иҷрои касбу ҳунарҳо мувофиқи ҷинсият (ронанда, мураббия, милитсионер, шикорчӣ) ва ғайраҳо будан. Дар бозиҳо инчунин мавод ва ҷиҳозу ошёе мавриди интихобу истифодабарӣ қарор мегиранд, ки онҳо барои ворид гардидани кӯдак ба бозӣ, иҷро намудани нақшҳои писарона/мардона ва духтарона/занона мусоидат менамоянд. Дар тамоми давраҳои синнусолии томактабӣ, бозиҳои нақшдору мазмуннок яке аз фаъолиятҳои асосии кӯдакон ба шумор мераванд. Хусусияти бозиҳои нақшдору мазмуннокро психологҳо (Л.С. Виготский, Д.Б. Элконин, А. В. Запорожетс) ва педагогон (Р.И. Жуковская, Д. В. Менджеритская, А. П. Усова, Н. Я. Михайленко) дар доираи васеъ тадқиқ намудаанд. Олимон дар тадқиқоти худ нишон додаанд, ки бозиҳои нақшдору мазмуннок тасаввурот ва донишҳои кӯдаконро доир ба муҳити иҳотакарда, муносибатҳои шахсию иҷтимоии одамони атроф васеъ мегардонанд. Кӯдакон худро ба калонсолон монанд карда, рафтору

амали онҳоро дар бозиҳои худ инъикос мекунанд. Мисол, кӯдак дар кӯдакистон ҳангоми бозӣ худро дар нақши мураббия тасаввур карда, ба лӯхтакҳои худ дарс мегӯяд.

Ҳангоми тарбияи кӯдакон ба назар гирифтани ҳолатҳои гендерӣ ва иҷрои онҳо муҳим аст:

- диққатҷалбкунанда будани маводи бозӣ, ки онҳо дар худ хусусиятҳои писарона ва духтаронаро дошта бошад;

- пурра ва басанда будани мавод дар ҷараёни бозӣ, ки духтарҳо худро дар муҳити иҷтимоӣ чун зан-модар ва писарон дар худ рафтори мардонаро тасаввур кунанд;

-ҳангоми истифодабарии маводу ашё дар бозӣ таҷрибаи иҷтимоиро кӯдак аз худ намояд, ҳисси худшиносиро аз сар гузаронад. Масалан, дар рафти пӯшондан ва кашидани либосҳои лӯхтакҳо кӯдакон бо омилҳое, ки доимо бо он дар ҳаёт рӯ ба рӯ мешаванд, худро монанд намуда, таъсири калонсолонро нишон диҳанд ва оҳиста-оҳиста нақши худро муайян намоянд. Ба монандии худро чун "Ман" духтар ва "Ман" модари оянда тасаввур намоянд. Инчунин омӯхтану таҳлили тадқиқоти Т.А. Репина, Е.О. Смирнова, нишон медиҳад, ки иттифоқшавии писарчаҳо ва духтарчаҳо дар бозӣ аз ҳамдигар фарқ мекунад.

Муттаҳидшавии писарчаҳо дарозмуддат набуда, онҳо тез пароканда мешаванд. Духтарчаҳо бошанд, якчанднафарӣ дар зергурӯҳ муттаҳид мешаванд ва дар онҳо ҳисси дилбастагӣ, ҳамдигарфаҳмӣ, майлу рағбати якҷоя бозӣ намудан муддати дароз аз 3-4 сол то айёми мактабравӣ давом мекунад.

Ҳангоми бозӣ кардани духтарону писарон вобаста ба ҷинси худ ҳиссиёташонро нишон медиҳанд. Масалан, хиссиёти меҳрубонӣ, ғамхорӣ, дилсӯзӣ ва ғайраҳо ҳангоми иҷрои нақши модар, духтар, мураббия, бибӣ, хоҳар ва ғайраҳо дар духтарчаҳо зуҳур ва инкишоф меёбанд.

Маълум аст, ки асоси тарбияи "гендерӣ"-и ҳар як кӯдак аз намунаи рафтори мардон ва заноне, ки доимо кӯдак дар муҳити иҷтимоӣ ва оила ба онҳо дучор мешавад, сарчашма мегирад.

Дар ҷомеаи муосир мақсади тарбияи гендерӣ ин мувофиқи ҷинс ва мавқеъ тарбия кардани кӯдаконе, ки ба ҷинсҳои гуногун мутааллиқанд, иҷтимоигардонии онҳо, ки бояд ба иҷро намудани вазифаҳои суннатии мардонаю занона мувофиқат намоянд, ташаккулдиҳии худшиносӣ, аз худ кунондани қоида ва меъёрҳои одобу рафтори мардона, занона, омода намудан ба ҳаёти оянда вобаста ба иқтидору тавоноии шахсӣ, аз худ кунондани маҳорату малакаҳои зиндагӣ карда тавонистан дар ҷомеаи муосир ва ғайраҳоро дар бар мегирад.

Маълум аст, ки оид ба тарзи дурусти тарбияи духтарон ва писарҳо дар илми психология ва педагогика фикру ақидаҳои гуногуни олимон вуҷуд доранд. Бархе аз онҳо таълиму тарбияи онҳоро дар муассисаҳои таҳсилоти духтарона ва писарона пешниҳод менамоянд. Яке аз равоншиносони шинохтаи ҷаҳонӣ И.С. Кон, тадқиқгари масъалаҳои инкишофи ҷинсию иҷтимоӣ таъкид менамояд, ки дар низоми таълиму тарбияи якҷояи писарҳо ва духтарҳо онҳо худ ба худ ҷудошавии махсуси гендериро интихоб менамоянд, ки он аз чор панҷ солагӣ оғоз гардида, то охири давраи наврасӣ идома меёбад **(7).**

Дар тадқиқоти худ Л.А. Артюнова нишон медиҳад, ки тарбия ва фаъолияти якҷоя аз духтарчаҳо ва писарчаҳо ҳамкории эмотсионалиро талаб мекунад. Ин имконият медиҳад, ки мураббия дар рафти бозӣ муносибатҳои байнишахсии кӯдаконро омӯхта, ба онҳо таъсири мусбат расонад, муносибатҳои мусбати байниҳамдигариро ташаккул диҳад **(1).**

Барои ба роҳ мондани тарбияи гендерии писарону духтарон, донистани ҷиҳатҳои анатомӣ, физиологӣ ва имкониятҳои инкишофи ҷисмию равонӣ ниҳоят зарур аст, ки онҳо барои шаклгирии сифатҳои шахсии духтарона ва писарона заминаи асосӣ ба ҳисоб мераванд. Фарқ дар инкишофи психологӣ тахти омилҳои иҷтимоӣ – байниҷамъиятӣ ва тарбиявӣ ба вуҷуд меояд. Дар натиҷа мо метавонем масъалаи тарбияи духтарон ва писаронро на аз рӯзи таваллуд, балки аз зоҳиршавии мураккаби қобилияти табиӣ ва муносибати иҷтимоикунӣ, инчунин бо назардошти шахсияти ҳар як кӯдак ба роҳ монем.

Мутахассисони соҳаи асабшиносӣ, физиологҳо, равоншиносон ва педагогҳо чунин меҳисобанд, ки мустаҳкам шаклгирии тасаввуроти гендерӣ аз меъёрҳои фарҳангӣ – иҷтимоии зерин вобастагӣ дорад:

- муносибати волидайн ба кӯдак;
- рафтори муайяни волидайн;
- дилбастагии модар ба кӯдак;
- дилбастагии кӯдак ба модар;

- тарбия дар муассисаҳои таҳсилотии томактабӣ.

Набудани хусусият ва мутааллиқ ба рафтори ҷинсии писарчаҳо ва духтарчаҳо хос дар айёми кӯдакӣ ба он оварда мерасонад, ки онҳо сифатҳои алоҳидаро аз худ карда наметавонанд. Масалан, дар ҳаёти кӯдак ҳузур надоштани падар ба он оварда мерасонад, ки писарон тез-тез бемор мешаванд, аз устувории эмотсионалӣ, тобоварӣ, ҷасурӣ маҳрум мегарданд. Духтарон бошанд, гоҳо аз сифатҳои ҷинсии меҳрубонӣ, хоксорӣ, босабрӣ ва кӯшиши бо оромӣ ҳал намудани низоъҳо дур мемонанд.

Мустақилона рафтор кардани кӯдакон дар бозиҳои нақшдору мазмуннок яке аз хусусияти хосси онҳо мебошад. Кӯдакон мавзӯи бозиро худашон интихоб намуда, ҷойи гузарондани онро муайян мекунанд. Ҳар як кӯдак ҳангоми интихоб ва иҷро намудани нақш озод аст. Дар ин ҳолат барои онҳо ҳама чиз дастрас аст. Масалан, духтарчаҳо лӯхтакро ба даст гирифта, худро ба ҷойи модар, писарчаҳо бошанд, бо маводи сохтмонӣ бозӣ карда, худро ҳамчун сохтмончӣ дар симои падар тасаввур мекунанд. Дар бозиҳои нақшдору мазмуннок кӯдакон бо хоҳиши худ рафиқи бозиро интихоб намуда, кӯшиш мекунанд ба қоидаҳои бозӣ риоя намоянд ва тарзи иҷрои онро аз тарафи дигарон назорат мекунанд.

Аз ҳама муҳим он аст, ки кӯдакон дар фаъолияти бозӣ фикру ақидаҳо, тасаввурот, донишу маълумот ва муносибатҳои шахсии худро нисбат ба одамон, ҳодисаҳои иҷтимоӣ таҷассум намоянд.

Бозиҳои нақшдору мазмуннок характери эҷодӣ низ дошта, мавҷудияти донишу тасаввуроти кӯдакро нисбат ба муҳити атроф, маҳорату малакаҳои иҷрои амалҳои фикрии ӯ муайян мекунанд. Дар ҷараёни бозӣ иҷрои амалу рафторҳои одамони наздик, фаъолияти меҳнатӣ, муносибату муошırати байниҳамдигарии онҳо ба вуҷуд меянд ва шакл мегиранд.

Қисмати асосии бозиҳои нақшдору мазмуннок ин мазмуни бозӣ мебошад, ки бе он бозиҳои нақшдору мазмуннок вуҷуд надоранд. Мазмуни бозӣ ин ҳамон муҳити ҳақиқие мебошад, ки кӯдакон онро дар бозӣ инъикос мекунанд. Мазмуни бозиро кӯдакон аз ҳаёту фаъолияти атрофиён ва муносибати байниҳамдигарии онҳо мегиранд. Бинобар ин, фаъолияти бозӣ (тоб додани рул, тайёр намудани хӯрок, хондану расмкашӣ) ифодагари асосии мазмуни он мебошад.

Мазмуни бозӣ гуногун мешавад. Мисол, дар соҳаи ҳаёти маишӣ (бозӣ дар “Оила”, “Боғчаи бачагон”), ҳодисаҳои иҷтимоӣ (ҷашн гирифтани иди Модарон, иди Наврӯз), фаъолияти меҳнатии одамони касбу кори гуногун (“Муаллим”, “Духтур” ) ва ғайраҳо.

Дар тадқиқоти А.В. Градусова нишон дода шудааст, ки бисёре аз писарчаҳо ва духтарчаҳо бозиҳоро аз рӯйи ба кадом ҷинс мутааллиқ буданашон интихоб мекунанд. Писарчаҳо бештар бозиҳои ҳарбӣ ва нақлиётиро беҳтар медонанд, духтарчаҳо бошанд, бозиҳои оилавиро ба монанди “нигоҳубини бемор”, “ёри расонидан ба калонсолон”-ро меписанданд. Аз рӯйи натиҷаҳои тадқиқот якчанд нафар духтарон бозиҳои ҷангиро интихоб намуданд, ки дар мавриди бозӣ писарон онҳоро қабул накарданд. Дар навбати худ духтарчаҳо қайд намуданд, ки бозиҳои ҷангӣ бозиҳои писаронаад **(5).**

Бояд қайд кард, ки бозиҳои нақшдору мазмуннок дар иҷтимоишавии духтарон ва дар оянда қабул кардани мавқеи иҷтимоии модарона нақши муҳим дорад. Г.Г. Филиппова давраи ташаккулёбии ҳисси модар шуданро таҳлил намуда, таъкид намудааст, ки ба он бозиҳои давраи бачагӣ таъсири худро мерасонанд. Ҳангоми бозӣ бо лӯхтак кӯдак аввалин симои эмотсионалии модару фарзандро тасвир намуда, ба амалу рафтор муносибатҳои байниҳамдигарии модару хурдсол ворид мегардад **(11).**

Рушди тарбияи худшиносии миллии хонандагон боис мегардад, ки дар онҳо ифтихори ватандӯстӣ, арҷ гузоштан ба муқаддасоти миллӣ, пос доштани арзишҳои миллӣ, эҳтиром ба фарҳангу миллати худ ташаккул ёбад.

Доир ба тарбияи худшиносии миллӣ дар илми педагогика олимону муҳаққиқони зиёде асару мақола ва рисолаҳои судманд таълиф намудаанд. Масалан, дар рисолаҳои илмии О.В.Барканова, А.В.Иванов, С.Н.Кириченко, З.Ф.Мубинова, Г.Д.Очиров, Е.Н.Гвоздева мавзӯи худшиносии миллӣ мавриди таҳқиқу тадқиқ қарор гирифта, роҳҳои ташаккули он аз нуқтаи назари педагогӣ дар мактабҳои миёна муайян карда шудааст. Аз олимони тоҷик оид ба ин масъала М.Лутфуллоев, Ф.Шарифзода, Х.Афзалов, С.Туронов, Ш.Ҳасанов, Ҷ.Саидзода ва дигарон пажӯҳиш карда, асарҳои ҷудогона ва рисолаҳои илмӣ навиштаанд.

Яке аз воситаҳои баланд бардоштани маънавиёти инсон ва қавӣ шудани хотира ин аз ёд намудан ва дарки маъниҳои шеър аст, ки дар тарбияи ҷавонон нақши калон дорад. Устод Лоиқ Шералӣ дар ашъори гаронмояи худ ба мавзӯи худшиносии миллӣ таваҷҷӯҳ зоҳир карда, онро хеле дақиқкорона ва нишонрас дар шеърҳояш ифода намудааст. Шеърҳои эҷоднамудаи ӯ хонандаро водор месозад, ки ба таърихи гузаштаи худ ва худшиносии миллӣ боз ҳам хубтар шинос шавад. Ӯ аз зумраи шоирони намоёнест, ки бо ҷасорати адабии худ аз шоирони дигар фарқ мекард. Ҳанӯз дар даврони шӯравӣ ба мавзӯъҳои миллӣ даст мезад, арзишҳои миллӣ ва дастовардҳои миллати худро дар шеърҳояш тасвир менамуд. Дар эҷодиёти шоир мавзӯъҳои ватан, модар, ишқ, сулҳу ваҳдат, ҳаёти иҷтимоӣ ва ахлоқ мавқеи махсус доранд.

«Дар эҷодиёти устод Лоиқ Шералӣ мафҳуми ватан маънои мушаххас касб мекунад ва аз хурдтарин ашё, сангу кӯҳ, қатраи обу пораи хоки диёр, зодгоҳ, хонаи падар сар шуда, ба ватани умумӣ ва ягона – Тоҷикистон пайванд мегирад. Ба ин маънӣ Лоиқ гуфтааст:

Ватан сар мешавад аз гаҳвора,
Зи шири поку аз пистони модар.
Ватан сар мешавад аз он тавора,
Ки онро сохта дастони модар...

Дар ин шеър шоир кӯшидааст, ки ба саволи «Чаро ватан барои ҳар як ватандор азиз аст?» ҷавоб гӯяд. Ватан ҷойест, ки хуни нофи навзод он ҷо мерезад ва тифлро баробари модар дар оғӯш мегирад. Ватандор бо ҳазор риштаи аёну ноаён ба ватан пайваст мешавад, ба дараҷае, ки худро бе ин макони муқаддас тасаввур карда наметавонад» [3.294].

Дар ҳақиқат, худшиносии миллӣ дар ниҳоди хонандагон ба осонӣ пайдо намешавад. Ин масъаларо бояд аввал дар оила падару модар ба фарзанд дуруст фаҳмонад ва баъдан дар муассисаҳои таълимӣ аз тарафи устод ба толибилм омӯзонида шавад. Дар ин хусус академик М.Лутфуллоев чунин қайд мекунад, ки «худшиносию ифтихори миллӣ модарзод нест. Онро тарбия бояд кард ва агар аз синну соли хурдӣ сурат бигирад, ҳамон қадар муассир аст» [5.286].

Файласуфи Юнони қадим Фалес чунин ақида дорад, ки «мушкилтарин чиз – худшиносист. Осонтарин кор ба дигарон маслиҳат додану фазлфурӯшӣ кардан аст».

Дар навбати худ худшиносӣ барои тарбия намудани шахси комил мушкилиҳо ва дараҷаю зинаҳо дорад. Ҳар нафаре, ки дар ин роҳ гом мебардорад, ба ӯ зарур аст, ки се зинаро паси сар намояд:

1) худро шиносад;
2) дигаронро шиносад;
3) Ҳақро шиносад.

Дар сурати сифатҳои мазкурро ба худ касб намудани хонандагон ҳисси ватандӯстӣ ва худшиносии миллии онҳо боло рафта, ба ташаккули шахсияти онҳо мусоидат менамояд.

Эҷодиёти устод Лоиқ Шералӣ ҷанбаҳои гуногуни тарбиявӣ дорад. Шеърҳои ба шахсиятҳои таърихӣ ва корнамоиҳои эшон бахшидашудаи шоир дараҷаи баланди худшиносии миллиро ифода мекунад.

«Қаҳрамони лирикии «Хоки Ватан» тақдири худро ба тақдири Тоҷикистони камзамин пайвастааст ва таърихи гузаштаи онро бо дарду алам эҳсос менамояд:

Тоҷикистон – маҳзари ман,
Сарзамини камзамин.
Ту саросар кӯҳсорӣ,

Ту саросар сангзорӣ.
Чунки фарзандони ту дар тӯли таърихи дароз,
Ҳар куҷо рафтанд, муште хок бо худ бурдаанд.
Чунки фарзандони ту дар ҷустуҷӯйи бахти худ,
Дар биёбонҳои тафсон дур аз ту мурдаанд.

Ниёгони мо ҳангоми ҳаҷ ва дигар сафарҳои тӯлонӣ ба хориҷи кишвар муште хокро бо худ мегирифтанд. Лоиқ дар ин шеъри 64-мисраӣ аз камзаминии сарзамини Тоҷикистон маъниҳои амиқи ватанхоҳӣ бардоштааст. Ба қавли шоир, сарзамини Тоҷикистон кӯчак бошад ҳам, хоки он ба воситаи шахсиятҳои барҷастае чун Деваштич, Рухшона, Бедил, Ибни Сино ба тамоми ҷаҳон паҳн шудааст, ки ин боиси ифтихор аст. Саросар кӯҳсору сангзор будани Тоҷикистон мардуми тоҷикро водор мекунад, ки масъулияти баланди ватандорӣ ба дӯш дошта бошанд ва баҳри аҷдоди ҷонсупори худ аз санги Ватан пайкараҳо сохта, ободию зебоии диёри ҳамешабаҳори худро таъмин намоянд [3.294].

Шоири халқии Тоҷикистон Лоиқ Шералӣ дар шеърҳояш мавзӯву масъалаҳои муҳимми миллӣ ва ватанхоҳӣ, таърихӣ ва фарҳангиро бо як маҳорати устодона ба кор бурдааст. Ӯ тавонист анъанаҳои гузаштаи мардуми тоҷикро тавассути шеърҳояш баён намояд ва насли наврасу ҷавонро ба худшиносии миллӣ ва ҳифзи арзишҳои миллии кишвари худ даъват менамуд. Шеърҳои устод Лоиқ Шералӣ ба дилхоҳ кас рӯҳу илҳоми тоза бахшида, шахсро ба ҳалли масъалаҳои муҳимми ҳаёти гузаштаву имрӯза талқин менамояд.

Ҳамин тавр, муайян намудани хусусиятҳои худшиносии миллӣ зимни омӯзиши ашъори шоир Лоиқ Шералӣ дар раванди таълиму тарбияи хонандагон аз манфиат холӣ нест.

**АДАБИЁТ:**


1. Альшевская Л.А. Формирование национального самосознания старшеклассников в учебно-воспитательной работе школы: Дис.канд.пед.наук /Л. А. Альшевская. – Минск, 1993. - 185 с.
2. Акименко В.М. Новые педагогические технологии: учебно-метод. пособие / В.М.Акименко. – Ростов н/Д: Феникс, 2008.
3. Асозода Х., Аламхон К. Адабиёти тоҷик. Китоби дарсӣ барои хонандагони синфи 11/Х. Асозода, К. Аламхон – Душанбе, Маориф.-2018. – 400 с.
4. Гвоздева Е.Н. Воспитание национального самосознания молодого поколения / Е.Н.Гвоздева // Молодежь Забайкалья: творчество и прогресс: материалы VIII международной молодежной научно-практической конф., 21-22 апреля 2004 г. Часть 1 – Чита: ЧитГУ, 2004. – С.234-237.
5. Лутфуллоев М. Педагогикаи миллии халқи тоҷик. –Душанбе: Сифат, 2015. – 703 с.
6. Олимов К. Истиқлолияти давлатӣ ва худшиносии миллӣ. – Душанбе: “Эр-граф”, 2013. – 32 с.
7. Суханҳои ҳикматомӯзи Президенти Тоҷикистон, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон. – Душанбе: ҶДММ “Контраст”, 2019. – 464 саҳ.
8. Туронов С. Муносибати босалоҳият дар таҳсилоти касбӣ. – Душанбе: “Нигор”, 2018. – 128 саҳ.


**Яхёев Шохзамон Шералиевич**

## РАЗВИТИЕ НАЦИОНАЛЬНОГО САМОСОЗНАНИЯ В ПРОЦЕССЕ ИЗУЧЕНИЯ ТВОРЧЕСТВА ЛОИКА ШЕРАЛИ

Национальное самосознание - важное средство признания истории, культуры, языка, религии и достопреемичательности своего народа и нации. Развитие национального самосознания учащихся приводит к формированию у них чувства патриотизма, уважения к национальным святыням, уважения к национальным ценностям, уважения к своей культуре и просвещении. Один из выдающихся поэтов современной таджикской литературы, в творчестве, которого воплощен образ таджикской матери с добрыми пожеланиями, уважением к старшим, любовью к родине и народу, восхвалением молодости и героизма, достижениями исторических деятелей, признательностью за свободу и процветание эпохи, мира и спокойствия, это Лоик Шерали. Драгоценные мастерские стихи Лоика Шерали подобны морю сокровища, редкого жемчуга и бесценных приданных, изучение которых может непосредственно сыграть важную роль в формировании национального самосознания каждого читателя.

***Ключевые слова:*** *национальное самосознание, национальные ценности, читатель, история, культура, язык, нация.*

**Yakhoev Shokhzamon Sheralievich**

## THE DEVELOPMENT OF NATIONAL IDENTITY IN THE STUDY OF CREATIVITY LOIQ SHERALI

National identity is an important means of recognizing the history, culture, language, religion and pride of the people of a nation. The development of the national identity of students leads to the formation of a sense of patriotism, respect for national shrines, respect for national values, respect for their culture

and nation. One of the outstanding poets of modern Tajik literature, whose work embodies the image of a Tajik mother with good wishes, respect for elders, love for the motherland and people, praise of youth and heroism, achievements of historical figures, gratitude for the freedom and prosperity of the era, peace and tranquility. Loiq Sherali. The precious poems of the master Loiq Sherali are like a sea of pearls, rare pearls and priceless treasures, the study of which can directly play an important role in the formation of the national identity of each reader.

***Key words:*** *national identity, national values, reader, history, culture, language, nation.*

**Сведения об авторе:** Яхёев Шохзамон Шералиевич Научный сотрудник отдела социологии, политики и стратегии развития образования Института развития образования им. Абдурахмони Джами Академии образования Таджикистана. Электронная почта yahyoev96@mail.ru тел: 985656596

**Information about the author** : Yakhoev Shokhzamon Sheralievich Researcher of the Department of Sociology, Policy and Strategy of Education Development, Institute for the Development of Education. Abdurahmoni Jami of the Academy of Education of Tajikistan. Email yahyoev96@mail.ru tel: 985656596

**С. АЛИКУЛОВА**

# ФОРМИРОВАНИЕ ГРАММАТИЧЕСКИХ НАВЫКОВ, ЛЕКСИЧЕСКИХ ЗНАНИЙ И УМЕНИЙ В ИЗУЧЕНИЕ РУССКОГО ЯЗЫКА В НЕРУССКОЙ АУДИТОРИИ

Президент Республики Таджикистан Эмомали Рахмон ко Дню Знания 17 августа 2020 года в частности, выступая, сказал: «Мы объявили 2020 – 2040 годы годами изучения и развития естественных, точных и математических наук … Основным условием осуществления этой цели является повышение и улучшение уровня и качества образования, введение новых методов обучения и эффективное использование каждого урока в образовательных учреждениях». В настоящее время начинается реализация третьего этапа «Государственной программы совершенствования преподавания и изучения русского и английского языков в Республике Таджикистан на период до 2030 года», но в этом направлении до сегодняшнего дня не наблюдается заметных результатов, и такая ситуация по-прежнему вызывает озабоченность. Повышение качества обучения на уровне высшего образовании все еще остается одним из основных вопросов. [5,с5].

Сегодня русский язык является одним из ведущих учебных предметов общеобразовательной школы и других учебных учреждений республики Таджикистан. В настоящее время методика преподавания русскому языку в неязыковых вузах располагает значительным арсеналом методов, способствующих обогащению и совершенствованию русской речи студентов. С 2003 года обучение русскому языку проводится по новой программе. В связи с этим ведущий целью обучения русскому языку является коммуникативная цель – обучение элементарной русской речи, владению языком как средством общения в различных сферах социальной жизни. Существуют различные пути реализации коммуникативного подхода в овладении русской грамматики в условиях традиционного подхода.

«Владея двумя языками, студенты владеют двумя культурами, поскольку языки, с одной стороны, отражают историю, обычаи, культуру, национальную философию, а с другой – активно формируют личность, ее мышление, восприятие окружающего, пристрастия, ассоциации» [4,с18]. Современная организация обучению русскому языку в настоящее время предполагает создание условий для овладения студентами приемами умственной, мыслительной деятельности и их творческих способностей. Умение грамотно сочетать слова, изменять словосочетания в зависимости от того, что вы хотите сказать собеседнику, является одним из важнейших условий использования языка как средства общения. Без владения определенного количество слов и значения слова не может быть речевого общения.

Говорение, аудирование, чтение и их словесное оформление занимают особое, если не основное значение, в изучении коммуникативной компетенции. Речевая компетенция определяется как способ выраженная мыслей индивидуумом и реализуется во всех видах речевой деятельности. Основная задача обучения грамматике научение студентов использовать ее в коммуникативных целях. Это означает овладение способами изменить формы слов и сочетать слова в предложении т.е. овладеть грамматическими навыками.

О феноменальности памяти в детском и подростковом возрасте можно рассуждать много и долго. В условиях школьного обучения, где в обязательном порядке учитываются возрастные и психологические особенности учащихся, к потенциалу человеческой памяти

следовало бы подойти разумно. Так, о психологической природе памяти ученый – психолог Л.С. Выготский пишет, что при логическом запоминании материал усваивается в 22 лучше, чем при механическом, и «ничто не запоминается так, как то, что в своё время было связано с удовольствием» [3,с12].

«Необходимо, безусловно, и наличие определенного словарного запаса. Формирование и развитие лексических знаний и умений, обогащение словаря обучаемых при изучении русского языка должно осуществляться на основе тщательно продуманной и координированной системы интегративного обучения» [3,с19-20]. «Активный словарь – это те слова, которыми человек пользуется в речи. Пассивный словарь - это слова, которые он не употребляет, но «узнает» в тексте. Слов, смысл которых человек улавливает на слух, хотя и не использует в своей речи, как правило, в два раза больше, чем в его активном словаре. А при чтении активный словарь превышает запас слов в четыре – шесть раз» [1,с. 87].

«Активный словарь предполагает активное воспроизведение речи, выбор нужного слова и правильное его употребление. Активный словарь включает слова которые используются носителями языка именно в данный временный период. Это не более 3000 слов и выражений» [4,с10]. Студенты должны знать, как построен словарь и уметь им пользоваться. На помощь в изучении русского языка к нам приходят словари. Есть «Школьный фразеологический словарь русского языка», словообразовательный словарь. Школьные словообразовательные словари знакомят читателя с тем, как членятся слова на морфемы, какова их структура. Это незаменимые помощники в обогащении словарного запаса нашей кладовой.

Лексика как раздел науки о языке на первых курсах изучается в образовательно-познавательном аспекте и в нормативно-практическом (формирование у студентов применять разные лексические пласты в различных ситуациях общения, а также обогащение словарного запаса студентов разными лексико-семантическими группами слов).

Одним из основных способов семантизации слов на уроках русского языка при интегрированном обучении является самостоятельная работа студентов с помощью толковых словарей различных типов. К примеру, слово **корень** в толковом словаре имеет несколько значений: «1. Подземная часть растения. Пустить корни. 2. Внутренняя часть зуба, волоса, ногтя. Покраснеть до корней волос. 3. Основная морфема слова. Корень – значимая часть слова. 4. Перен. Начало, источник, основа. Корень зла» [6,с293]. М.А. Рыбникова пишет, что «найти корень слова – это значит найти его внутренний, затаенный смысл – тоже, что зажечь внутри фонаря огонёк». Приведем пример: корень «род» имеет такие важные родственные слова, как Родина, родная земля, родник, родинка, родимый, родители, родственники.

В толковом словаре В.И.Даля, изданного в 1882 году на примере объединения слов с корнем «хлеб» слова объединяются в тематические группы: «1. Хлеб, хлебный – к хлебу, хлебня- хлебопекарня, где печется, хлебник хлебница – кто печет и продает хлеб, хлебница – корзина, где держат хлеб 2. Хлебопашество – земледелие, жатва, хлебопашец – мужик, крестьянин 3. Хлеб – соль - обед, пища, предлагаемая посетителю, угощение» [2,с.185].

На что нужно обращать внимание при обучении русской грамматике? В первую очередь на окончания слов. Понимание грамматики очень важно для русского языка, не только для правильного говорения и понимания речи, но особенно для чтения и письма. Какие же виды памяти должны работать при усвоении грамотного письма? «Зрительную память можно и нужно активизировать особенно при запоминании трудных слов. [1.с.17-18]. В процессе создания образа слова в памяти участвует не только зрительная, но и двигательная память. Исследования показали, что за грамотное написание слова «несет ответственность» не только «рукодвигательная» память, но и речедвигательная.

Отсюда вытекает еще одна возможность запоминать, как пишутся трудные слова, так называемое орфографическое проговаривание. «Трудное слово надо проговорить вслух очень отчетливо, по слогам, и не так, как оно слышится, а так, как пишется: **ин-тел-ли-гент.** Разница между написанием и звучанием речи бывает велика» [3,с.19]. Студентам, у которых слуховая память сильнее зрительной, может помочь отчетливое слуховое восприятие и «мысленное слышащие» орфограмм, написание которых сильно расходится с произношением.

Превыше их всех стоит смысловая память, возникающая как результат активной работы познающего ума. Активная работа смысловой памяти, сознательное применение правил в процессе письма - есть основа грамотности, которая может быть только дополнена, но заменена работой тех видов памяти, о которых здесь шла речь.

Чтобы применить грамматическое правило, целый ряд умений: различать части речи, части слов, звуки русской речи. При обучении студентов основам синтаксического анализа, преподаватель должен научить их безошибочному распознаванию подлежащих и сказуемых. Считается, что мышление в умственном развитии занимает одно из главных положений. Изучение синтаксиса способствует развитию речи, а работа над словосочетаниями обобщает и углубляет сведения, полученные из морфологии, и открывает некоторое единство правил изменения слов и правил соединения слов, то есть единство морфологии и синтаксиса.

Общеизвестно, что глагол является одной из самых ёмких и богатых частей речи в русском языке. Его семантическая сложность связана с грамматическими формами, словообразовательной системой русского языка. Глагол является конструктивной основой предложения. Кроме того, глагольная лексика самая многочисленная после имен существительных, и ее усвоение одна из насущных задач практического овладения русским языком. Необходимо у учащихся развивать умение осознанно употреблять глагол в устных и письменных высказываниях.

Глагол. Особую трудность для студентов в русском языке вызывает овладение временными формами глаголов с учетом категории вида и наклонения, а так же согласование временных форм. Одной из самых трудных грамматических тем является и тема глагол совершенного и несовершенного вида, так как категория вида глагола не свойственна таджикскому языку. Трудность связана с тем, что изучающим язык сложно не только запомнить способы образования глаголов, но и правильно употребить глаголы совершенного вида и несовершенного вида в речи (петь – спеть). Нужно запомнить, что глаголы совершенного вида имеют только два времени: 1. Прошедшее (что сделал?) и было сделано один раз, то есть не повторялось **(присел).** 2. Будущее простое (что сделают?) действие будет сделано полностью и не повториться **(поговорят).**

Глаголы несовершенного вида обозначает длительные или повторяющиеся действия, без указания на их завершенность. В неопределенной форме они отвечают на вопрос «что делать?». И, конечно же, надо запомнить: глаголы несовершенного вида имеет три времени:

**1. Прошедшее** (что делал?) **толкал** – возможно, действие повторялось несколько раз и неизвестно, был ли достигнут нужный результат.

**2. Настоящее** (что делают?) **читают** – продолжающееся действие, так как неизвестно, сколько времени уже длится действие и сколько ещё будет длиться.

**3. Будущее сложное** (что буду делать?) **буду рисовать** – возможно, действие будет повторяться и нет указания на то, что оно будет доведено до конца.

Обучать грамматике русского языка означает процесс формирования специфических механизмов речи, где у студентов одновременно складываются определенные грамматические значения в рабочем состоянии, т.е. обучать так, чтобы эта грамматика была «в голове». Носителями грамматического значения являются: Морфемы (префикс; суффикс, окончание, нулевой показатель). Создание грамматических навыков сопряжено с выполнением грамматических упражнений. К примеру, придумываем родственные слова со словом **сад**: рассада, посадки, садовник. Голова слова - приставка, а суффикс – руки – может все: изменить размер и рост (домик, домище). Окончание же смысла не меняет. Использование грамматики основывается на органической связи значения и формы.

Как делаются слова? Префиксы не столь всемогущи, как суффиксы. Приставленные к слову, причём всегда к готовому, они не меняют его облика, не влияют на само существо понятия. Тем не менее они придают слову новые качества: оценки, оттенка, значения. «Вот берем слово **бежать** и снабжая его различными приставками, получаем слова, в которых есть указание не только на направление движения, но и на его характер: прибежать, убежать, подбежать, отбежать, перебежать, вбежать, набежать, избежать. Особенно охотно приставки дружат с глаголами, прилагательными и наречиями, однако не чуждаются и существительных» [5,с105].

Всем известно, что слово состоит из морфем: корня, приставки, суффикса, окончания. Приставка и суффикс – морфемы. Между ними есть сходство и различие. Сначала скажем о

сходстве. В чём оно? Во-первых, обе эти морфемы – значимые (иначе они не были бы морфемами: ведь морфема – «минимальная значимая часть слова»!). Каждая приставка и каждый суффикс обладают своим значением. Например, приставка со- обозначает совместность, в- направление внутрь, у- удаление, без- отсутствие того, что названо в корне, и т. д. Суффикс –тель обозначает лиц – по действию, - ёнок (-онок) – название детёнышей, -изн- указывает на признак, -ин- - на единичность и. т. д.

Теперь рассмотрим основные различия между приставкой и суффиксом. Одно из них совершенно очевидно и известно нам из определения сопоставляемых морфем: приставка стоит перед корнем, суффикс – после корня. С этим связаны и другие различия между данными частями слова. Приставка присоединяется к целому слову (город + при- - пригород), суффикс – к основе слова (море +-як – моряк). Для приставки безразлична принадлежность исходного слова к той или другой части речи. Одна и та же приставка может присоединяться и к существительным, и к прилагательным, и к глаголам, и к наречиям.

Допустим: красавица + рас- - раскрасавица, чудесный + рас- - расчудесный, потешить + рас- - распотешить, прекрасно + рас- - распрекрасно.

Для суффикса, напротив, принадлежность исходного слова к той или другой части речи очень важна: в русском языке суффиксов, общих для разных частей речи, нет. Наоборот, каждый суффикс как бы закреплён за «своей» единственной частью речи: есть суффиксы существительных (-чик, -щик, -ёк, -ик), суффиксов (-ыва-, -ива-, -ова-), суффиксы наречий (-о, -е, -и).

Приставка, присоединяясь к целому слову, вносит новые оттенки в его лексическое значение, однако принадлежности его к той или другой части речи не меняет. И это понятно: грамматические значения слова выражаются главным образом окончанием, а оно при таком способе словообразования не меняется. Суффиксы же, присоединяясь к производящей основе слова, может изменять не только лексическое, но и грамматическое значение и сходство слова: окончание (а оно, как мы знаем, выражает грамматические значения слова) при этом способе словообразования «отбрасывается» и заменяется новым. Например: скорый +- ость – скорость; звёзды + -ный – звёзный, диво + -ить – дивить, синий + -еть – синеть.

Итак, между приставкой и суффиксом есть как сходство, так и различие. Главное, вероятно, в том, что обе морфемы – словообразовательные. Не случайно к некоторым словам они присоединяются одновременно. Например: гореть + раз- и –ся – разгореться;

Гора + при- и –ок – пригорок; Стакан + под- и –ник – подстаканник.

Развитием этих умений надо заниматься на протяжении всего курса обучения, учащимся нужно помочь в овладении приемами умственной работы. Невозможно рассказать коротко и доступно обо всех «секретах» грамотности, но нам бы очень хотелось, чтобы то, о чем здесь говорится, помогло студентам в усвоении правил русского языка. При изучении русского языка необходимо преподавателям использовать разнообразные упражнения и творческие задания, которые вовлекают студентов в диалог с текстом, развивает чувство слова, обогащают речь, позволяют осуществлять дифференцированное обучение и формировать универсальные учебные действия. Умело подобранный языковый учебный материал позволяет наилучшим образом реализовать принцип наглядности, опираться на возможности слухового и зрительного восприятия. Преподаватели стремятся, чтобы студенты могли свободно общаться, читать и писать на русском языке. «Дать им необходимые знания, пробудить у них интерес для активного практического применения накопленного фразеологического запаса современной русской речи» [1,с. 18].

Таким образом, значение изучение грамматики русского языка велико, и для того чтобы научиться общению на русском языке, надо овладеть грамматическими умениями и навыками. Основная задача обучения русскому языку как иностранному – это обучение языку как реальному и полноценному средству общения. Образование должно вооружить студентов компетенциями, которые помогут им успешно реализовать себя в многокультурном обществе.

«Русский язык для Таджикистана – это окно в науку и средство общения с внешним миром. Молодое поколение должно в обязательном порядке изучать русский язык», - утверждает президент республики Таджикистан Эмомали Рахмон.

**ЛИТЕРАТУРА:**

1. Бондаренко С.М. Беседа о грамотности: Москва, Знание, 1987. – 95С.
2. Введенская Л.А. Русский язык. Практикум. Учеб пособие/ Л.А. Введенская. М.Ю. Семенова. – М.: КНОРУС, Ростов н/Дону: Наука-пресс, 2006. – 352с.
3. Негматов С.Э. Камолова М.Ф. Обучение глагольной системе русского языка в таджикской школе / С.Э. Негматов, М.Ф. Камолова / Душанбе; «То Рус». 2011-64С.
4. Скварцов Л.И. Основы культуры речи /Л.И. Скварцов./ Москва «Высшая школа» 1984 – 307С.
5. Сфера науки и образования является основным столпом развития и безопасности страны (Речь Президента РТ Эмомали Рахмона «Народная газета», стр. 5. №34,19 августа 2020 года)
6. Русский язык: Учеб. Для 5 кл. общеобразоват. Учреждений / М.М. Разумовская, С.И. Львова, В.И. Капинос и др.; Под ред. М.М. Разумовской, П.А. Леканто.- 9-е изд. Стереатип. –М.: Дрофа, 2003,-304С. :ил., 8л.цв. вкл.

**Аликулова С.**

**ТАШАККУЛИ МАЛАКАҲОИ ГРАММАТИКӢ ВА ЛУҒАВӢ ЗИМНИ ОМӮЗИШИ ЗАБОНИ РУСӢ ДАР АУДИТОРИЯИ ҒАЙРИРУСӢ**

Дар мақола муаллиф аҳамияти маъноҳо ва малакаҳои луғатиро месанҷад. Сухан дар бораи ташаккули малакаҳои грамматикӣ дар байни донишҷӯён барои омӯзиши забони русӣ, дар бораи зарурати интихоби калимаҳои дуруст меравад, ки барои онҳо луғатҳои калимасоз мавҷуданд. Дар мақола мавзӯи омӯзиши феълҳои комил ва номукаммал дар аудиторияи ғайрирусӣ баррасӣ шудааст. Усулҳои муайян кардани феълҳои мукаммал ва номукаммал пешниҳод карда шудаанд, фарқиятҳои асосии префикс ва пасванд ба назар гирифта шудаанд. Муаллиф менависад, ки калиди хотира тафсири пайдоиши калима мебошад, бинобар ин, донишҷӯён бояд тавонанд аз таркиби луғавии забон фаъолона истифода баранд. Муаллиф ба хулосае омадааст, ки аҳамияти омӯзиши грамматикаи забони русӣ бузург аст ва барои омӯхтани тарзи гуфтугӯ бо забони русӣ, бояд маҳорат ва малакаҳои грамматикиро аз худ кунанд.

***Калидвожаҳо:*** *малакаҳои грамматикӣ, фарқиятҳои асосӣ, фонди фразеологӣ, луғатҳои фаъол ва ғайрифаъол, талаффузи имло, хотираи маъноӣ ва визуалӣ, луғат, ҳифз, маънои грамматикӣ ва луғавии калима, равиши коммуникативӣ.*

**Аликулова С**

**FORMATION OF GRAMMATICAL SKILLS AND LEXICAL KNOWLEDGE IN THE STUDY OF THE RUSSIAN LANGUAGE IN A NON-RUSSIAN AUDIENCE**

In this article, the author examines the meaning of lexical meanings and skills. We are talking about the formation of grammatical skills of students in the study of the Russian language, about the need to choose the right word, for which there are word-formation dictionaries. The article deals with the topic of studying the perfect and imperfect verbs in a non-Russian audience. Methods for defining perfective and imperfect verbs are presented, the main differences between the prefix and the suffix are considered. The author writes that the key of memory is the commentary on the origin of the word, so students should be able to actively use the vocabulary of the language. The author concludes that the importance of studying the grammar of the Russian language is great, and in order to learn how to communicate in Russian, one must master grammatical skills and abilities.

***Keywords:*** *Grammar skills, basic differences, phraseological stock, active and passive dictionaries, spelling pronunciation, semantic and visual memory, vocabulary, memorization, grammatical and lexical meaning of the word, communicative approach.*

**Сведения об авторе: Аликулова Сабрина Тилавовна** - ассистент кафедры русского языка ТГФЭУ, соискатель ИРО АОТ тел: 555059550

**Information about the author: Alikulova Sabrina Tilavovna** - Assistant, Russian Language Department, TSFEU, Applicant for IDE A tel: 555059550

**Ҳ.Т. ҚАЮМОВА**

## МАВҚЕИ ТЕХНОЛОГИЯ ВА МЕТОДҲОИ ТАЪЛИМ ДАР ТАШАККУЛИ УНСУРҲОИ САЛОҲИЯТНОКӢ

Коркард ва аз худ намудани унсурҳои ҷудогонаи ташаккулдиҳандаи салоҳиятнокӣ ва тафриқаи минбаъдаи он дар шароити махсуси фаъолияти таълимӣ- касбӣ ё дар таҷриба зери роҳбарии омӯзгор ҳосил мегардад.

Ба ҳамаи ин маҳдудкуниҳо нигоҳ накарда, низоми таълими лексионӣ- семинарӣ фаъолияти инноватсионӣ бешубҳа мавқеи арзандаро ишғол менамояд. Мансубияти он ҳамчун яке аз технологияҳои ғунҷоиши ахборӣ, аз ҳисоби лексия ва семинарҳо унсурҳои донишии умумимаданӣ ва салоҳияти касбӣ пойдор мебошад. Дар робита бо зарурияти татбиқи мақсадҳои нави таҳсилот, мансубияти вазифавӣ, шакл ва методи гузаронидани

дарси лексионӣ бояд тағйир дода шавад. Инкишофи унсурҳои ақлонӣ дар ташаккули омодагии донишҷӯ ба фаъолияти касбӣ мавқеи асосиро ишғол менамояд.

Дар мазмуни он донишҳои методологӣ, ки аз рӯйи умумияти калон ва ҳаҷми кӯчиданашон нисбат ба донишҳои фаннӣ фарқ мекунанд, дохил мешаванд. Аз ин рӯ, мазмуни таълим бояд тавре сохта шавад, ки донишҳои барои ҳалли масъалаҳои касбӣ дар соҳаи нав бо роҳи «кашфиёти» мустақилона ва «ихтироъкорӣ» бо ёрии донишҳои методологӣ дар шакли тайёр ҳосил гарданд. Ин муҳлати аз бар намудани донишҳои навро як қадар кӯтоҳ гардонида,тарзи «ҳосил» намудани онро осон ва сифатро баланд мебардорад. Аммо ин омил дар назди мазмуни таҳсилот ва тарзи аз худ намудани он талаботи баланд мегузорад.

Барои пешниҳод намудани норасоиҳои лексияҳои анъанавӣ мазмуни ахбории онро бо варианти навсозӣ пурра гардонидан зарур аст. Дар байни лексияҳо барои ҳалли вазифаҳои бамиёномада бештар лексияи барқароркунӣ, лексияи проблемавӣ, лексияи-визуаликунондашуда, лексияи дунафара, лексияи пешаки ба нақшагирифта бароиислоҳи хаттоҳо, лексияи конференсияи- матбуотӣ ниҳоят мувофиқ мебошанд.

Дар раванди лексияҳои барқароркунӣ, воридшавӣ, фронталӣ ё умумигардонӣ мушкилоти методологии дорои моҳияти калони мазмуннокӣ омӯхта шуда, дониш ба танзим дароварда шуда, таркиби онҳо ҷудо карда мешаванд. Лексияҳои барқароршавиро гузаронидан мақсаднок мебошад, тавассути он вазифаҳоро кушода, фаъолияти таълимиро дар нимсола ё тамоми соли хониш муайян намудан мумкин аст. Дар лексияҳои барқароршавӣ бояд талабот ба натиҷаи таълим, ташаккули салоҳият, кушодани роҳҳои ба онҳо ноил гардидани донишҷӯён, методҳои назорат баланд садо диҳад.

Лексияҳои ҷамъбастӣ аз фанни ҷудогона ё гурӯҳи фанҳо дар давраи ба анҷом расидани фанни таълимӣ хонда мешавад. Дар доираи он салоҳияти умумимаданӣ ё касбӣ ташаккул ёфта, на танҳо вазифаи тафтишотиро иҷро менамояд, балки донишҳоеро, ки донишҷӯ аз фанҳои гуногун ҳосил намудааст, тафриқа мегардонад. Дар ин ҳолат лексия на танҳо вазифаи ба донишҷӯ додани ким-кадом дониш, дар баробари он аз худ ифодакунандаи тасаввуроти чуқур ва фаврии илмӣ, методологӣ ва ахбори касбӣ мебошад, ки майлгирии донишҷӯро ба фаъолияти минбаъдаи касбӣ таъмин менамояд. Лексияи ба таври махсус дуруст ташкил дода шуда, иқтидор дорад, ки омили асосии фаъол гардонидани фаъолияти мустақилонаи донишҷӯ гардад. Чунин шакли лексияҳо метавонанд, ки мавқеъи касбӣ ва ҷаҳонбинию худшиносии донишҷӯро бедор намоянд.

Ногуфта намонад, ки лексияи дилчаспу ҷолиб донишҷӯро монда, хаста ва дилхунук нанамуда, балки дар ӯ муҳаббатро ба фанни таълимӣ ва касб бедор намуда, ба тақлид ва пайравӣ ҳидоят менамояд. Дар баробари майл пайдо намудан ба дарки мазмуни фанни таълимӣ, вазифаи омӯзгор дар давраи гузаронидани лексия аз он иборат аст, ки шароити мақомгирии донишҷӯёнро барои қабул намудани қиммату арзишҳои вазифаҳои фаъолияти касбӣ ва татбиқи он дар амал омода намояд. Лексия бояд донишҷӯёнро ба ҳалли вазифаҳои касбӣ, ба амалӣ намудани шаклҳои гуногуни фаъолияти касбӣ бедор ва омода намояд.

Дар ин нақша бештар лексияҳое самаранок мебошанд, ки аз рӯйи талаботи матни таълимӣ сохта шудаанд. Дар натиҷаи чунин муносибат инкишофи он аз лексияҳои ахбори классикӣ баромада ба худ шакл пайдо менамояд. Тадриҷан шакл пайдо намуда, тарзи воқеии таъсиррасониро ба мутахассис, оид ба муҳокима намудани масъалаҳои назариявии фаъолияти касбӣ ба миён меорад. Дар чунин намуд вай ба шакли фаъолиятии таълими касбӣ табдил меёбад.

Барои амалӣ намудани низоми омодагии донишҷӯён ба фаъолияти касбӣ гузаронидани чунин шакли лексияҳо: лексияи проблемавӣ, лексияи-визуалӣ, лексияи дунафара, лексияи пешакӣ банақшагирифта барои ислоҳи хатоҳо, лексияи конференсияи матбуотӣ зарурӣ мебошанд. Тамоми ин намуди лексияҳо имкон медиҳанд, ки вазифаҳои касбиро дар тамоми маҷмӯи нақшаҳои фанҳои таълимии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ворид намоем.

**Лексияҳои проблемавӣ.** Арзишнокии лексияи характери проблемавӣ дошта дар он мебошад, ки мазмуни он проблемавӣ буда, ба таҳлили ахбор нигаронида шудааст, ки вазифаҳои касбиро дар бар мегирад. Инчунин ахбори иловагиро фаро мегирад, ки омӯзгор дар давраи фаҳмонидани қисматҳои ҷудогонаи мафҳуму қоидаҳо аз онҳо ворид менамояд.

Баргузор намудани лексияҳои проблемавӣ, имконияти дар он ворид намудани вазифаҳои проблемавиро фароҳам оварда, фаъолияти таълимӣ- маърифатии донишҷӯёнро

баланд мебардорад. Ин шакли лексия донишҷӯёнро ба низоми фаъолияти маърифатӣ-таҳқиқотӣ ворид менамояд ва онҳо аз маводу сарчашмаҳо пурсамар истифода мебаранд.

Лекин дар давраи омодагӣ ба гузаронидани машғулиятҳои таълимии проблемавӣ зарур аст:

- донистани дараҷаи омодагии донишҷӯён ба фаъолияти маърифатӣ;
- гузоштани вазифаҳои ташкили пурсамари кори тамоми субъектҳои ҷараёни таълим;
- пухта ташкил намудани дарс дар мувофиқат бо таркиби он;
- самаранок идора намудани кори тамоми донишҷӯёни аудитория;
- ҷалб намудани донишҷӯён ба масъалаҳои проблемавии дар дарс новобаста аз дараҷаи баёни мавод пайдошуда;
- ҳалли масъаларо дар асоси фаҳмиши хеш бе фишороварӣ ва маҷбуран бор намудан не, балки, озодии интихоби ҳалли проблемаро таъмин намудан;
- имконият додан зарур аст, ки яке аз варианти ҳал аз ҷониби донишҷӯён пайдо гардад, онро аз рӯйи имконият қабул намуда, пас аз он таҳлили тамоми роҳҳои ҳаллро гузаронидан даркор, то маърифат боло равад;
- диққати донишҷӯёнро ба натиҷаи кор ҷалб намудан зарур аст.

**Лексияи –босиравӣ (визуалӣ).** Яке аз намудҳои лексияи шакли матнӣ –лексияҳои-босиравикунонидашуда мебошад. Он натиҷаи ҷустуҷӯйи имкониятҳои нави ба дидактика маълум, яъне талабот ба истифода бурдан аз воситаҳои айёнӣ мебошад. Чунин лексияҳо ба он такя мекунанд, ки маҳорати касбиро сайқал дода, ахбори даҳонӣ ва хаттиро дар шакли намоишӣ ё бинои табдил дода тавонанд. Методи босиравӣ ташаккулёбии тафаккури касбиро аз ҳисоби системанокӣ, муттамарказгардонӣ тавоно гардонида, мазмуни таълимро беҳтар мегардонад. Ҷараёни босиравигардонӣ аз худ мазмуннок гардидани андеша, хаёлоти донишҷӯёнро ифода менамояд. Вай дар худ шаклҳои гуногуни ахбор, дар образи айёнӣ қабул гардида, дар оянда такягоҳи асосии андеша ва фаъолияти амалӣ мегардад. Донишҷӯёни ба ин маҳорат ноил гардида, ҳалли тамоми супоришҳоро намоиш дода метавонанд.

**Лексияи дунафара.** Таъмини сохтори проблемавии мазмуни маводи таълимӣ, он дар муоширати зиндаи педагогии ду омӯзгор сурат мегирад ва татбиқ мегардад. Ин вазифа дар давраи ташкил додани лексияи дунафара бобарор ҳал мегардад. Мақсади асосии баргузор намудани чунин лексияҳо аз он иборат аст, ки моҳияти салоҳиятнокии интихоби вазъияти касбӣ аз мавқеи илмҳои гуногун ва мактабҳои гуногуни педагогӣ муайян карда шавад. Ин усул имкон медиҳад, ки диққати донишҷӯёнро ҳар чи бештар ба ахборҳои моҳиятдор ҷалб намоем, ки барои ҳалли вазифаҳои муайян заруранд. Дар ин раванд арзишнок он аст, ки яке аз устодон қоидаҳои муҳимро ошкор месозад, устоди дигар бошад, бо далелҳои конкретӣ моҳияти масъаларо мекушояд, ҳамин тавр роҳи истифодаи ин ё он ақида ба зудӣ ошкор мегардад.

Дар ин раванд яке аз устодон савол мегузорад, мушкилотро ошкор месозад, дуюм бошад, тарзи ҳалли он мушкилотҳоро пешниҳод менамояд ва тавоноии донишҷӯёнро бедор менамояд. Мавқеи лектории дуюм характери амалӣ- майлкуниро ноил буда, намунаи ҳалли вазифаҳои касбиро дар шароитҳои гуногун ифода менамояд.

Ғайр аз ин, ин шакли лексияро барои гузоштан ва ҳалли вазифаҳои касбӣ, барои татбиқи омоданамоии тафриқавии донишҷӯён ба фаъолияти касбӣ истифода бурдан мумкин аст.

**Лексияи пешаки банақшагирифтаиислоҳи хатоҳо** имкон медиҳад, ки маҳорату малакаи донишҷӯён оид ба таҳлили вазъиятҳои касбӣ инкишоф дода шавад. Дар нақши ташхисӣ, оппонент, тақризчӣ, бояд ахбори нодуруст ва ноаникро ҷудо намуда, дар асоси фикру андешаи дигарон хулоса барорад ва бо тарз ва сифати дигар фикру андешаи хешро пешниҳод намояд. (6:12)

Омӯзгор пешакӣ ва мақсаднок дар мазмуни чунин намуди лексияҳо хатоҳои мавҷударо муайян сохта, донишҷӯёнро барои аз ҷиҳати методӣ ва методологӣ ба содир нанамудани хаттоҳо одат мекунонанд.

Вазифаи донишҷӯён аз он иборат аст, ки дар рафти чунин лексияҳо хаттоҳои дар лексия ҷой доштаро ошкор сохта, дар конспект қайд намоянд, дар охири лексия онҳоро иброз доранд ва якбора ҳамроҳи ҷустуҷуи мустақилона қарор қабул намоянд.

Бартарии чунин семинарҳо ва лексияҳо дар он мебошад, ки бо фаъолияти якҷоя, ҳамкории донишҷӯён ва омӯзгорон ифода ёфта, раванди демократикунонӣ намоиш дода мешавад. Дар раванди гузаронидани чунин семинарҳо донишҷӯён таҷрибаи татбиқи

вазифаҳои касбиро дар фаъолияти касбӣ ҳосил менамоянд. Онҳо усули гузаронидани семинар, таҳлил, рафт ва натиҷаи онро аз худ намуда, роҳи пайдо намудани хатоҳо ва ислоҳи онҳоро ёд мегиранд.

Дар дарсҳои амалӣ донишҷӯён боз ҳам мақсаднoктар таҷрибаи истифода бурдан аз тарзҳои фаъолияти касбиро ҳамчун воситаи ҳалли вазифаҳои касбӣ аз худ менамоянд. Танзими коллективӣ ва фардии фаъолияти таҳқиқотӣ, аз худ намудани усулҳои касбии татбиқ ва намоиш додани натиҷаи фаъолиятро намоиш медиҳад. Дар дарсҳои амалӣ донишҷӯён таҷриба ҳосил намуда, таҳлили рафти он ва натиҷабарориро аз манфиатнокии он ёд мегиранд.

Ин албатта ба мазмун ва методикаи баргузор намудани семинарҳо низ мансуб мебошад, ки дар ҷараёни баргузор намудани онҳо, низ омилҳои асосии саводнокии салоҳиятҳои оянда ташаккул меёбад. Дар баробари методҳои анъанавӣ дар ҷараёни баргузор намудани машғулиятҳои семинарӣ бояд бештар аз баҳс, мубоҳиса, мизи мудаввар ҳарчӣ васеътар бояд истифода бурда шавад. Дар ин ҷо истифода бурдан аз технологияи фаъолгардонӣ ниҳоят муҳим мебошад. Ин технология дар инкишофи иқтидори ақлонии донишҷӯён ниҳоят муҳим мебошад: ба он мисол шуда метавонад, муҳорибаи ақлонӣ, аломатҳои технологияи «Баҳс» ва «Назари танқидӣ». (6:33,35). Ин технология дар дараҷаи муайян бозии худзоҳиркуниро ифода намуда, дар он ба ташаккулёбии омилҳои иҷтимоии мутахассис ҳамчун муносибатҳои байни шахсиятӣ имконият пайдо мегардад.

Нисбат ба тарзҳои анъанавӣ дар ташаккули муносибатҳои салоҳиятнокӣ мавқеи технология ва методҳои фаъолияти касбӣ васеътар мебошанд. Дар ин шакл коркард ва аз худ намудани компонентҳои ҷудогонаи ташаккулдиҳандаи салоҳият бо тафриқаи минбаъдаи он ба тарзи ҳалли масъала татбик мегардад. Ҳамаи ин аз ҳисоби тренингҳо, технологияи бозӣ, методи лоиҳа бевосита дар ҷараёни таълим рӯй медиҳад, ки фаъолияти касбиро сайқал медиҳад. (9:133,134)

Технологияи лоиҳавӣ мушкилоти муносибати салоҳиятнокиро ҳал намуда, донишҷӯ дар давраи татбиқи ин технология бевосита ба ҷараёни фаъоли маърифатӣ ворид гардида, мустақилона мушкилоти таълимиро ҳал менамояд. Донишҷӯ захира кардани ахбори заруриро амалӣ намуда, вариантҳои муайяни ҳалли мушкилотро пешниҳод намуда, ҳулосабарорӣ менамояд ва фаъолияти хешро таҳлил намуда, ба таври танқидӣ баҳогузорӣ менамояд. (7:40,42)

Натиҷаи зарурии таълим, дар асоси технологияи лоиҳавӣ, аз бар намудани барномаи таълимӣ аз ҷониби донишҷӯён мебошад. Пас аз бар намудани барномаи таълимӣ маҳорати татбиқ намудани он дар фаъолияти амалӣ ҳамчун воситаи майлгирӣ ва сохтори маълумотнокии хеш амалӣ мегардад. Донишҷӯ пас ба тартиб додани лоиҳаи ҳаётии хеш, ки дар он интихоби мақсад, мазмун ва нақшаи фаъолият баҳри ба даст овардани мақсадҳои дар пеш гузошта мебошад, аниқ асоснок мегардад. Дар чунин донишҷӯён қобилияти баҳо додан ба имконият ва тавоноии хеш баҳри ба даст овардани мақсади гузошташуда боло мегирад.

Дар фаъолияти таълимӣ- касбӣ коркарди барномаи фаъолияти минбаъда сохта шуда, инкишоф ва мустаҳкамгардии омилҳои ташаккули салоҳияти касбӣ бо тафриқаи минбаъдаи он дар шароити воқеӣ амалӣ мегардад. Ин омил роҳи дар оянда татбиқ намудани онро дар амал дар асоси донишҳои ҳосилнамуда осон ва ҳалшаванда мегардонад.

**АДАБИЁТ:**

1. Байденко В.И. Концептуальная модель государственных образовательных стандартов в компетентностном формате. Материалы к методологическому семинару. М., Исследовательский центр качества подготовки специалиста МИСИС, 2005.
2. Башарина А.В. Влияние процессов глобализации на образовательное пространство России [Электронный ресурс]. - Режим доступа: http://www.naukapko.ru/konf2008/bash.htm.
3. Бермус А. Г. Проблемы и перспективы реализации компетентностного подхода в образования [Электронный ресурс]. - Режим доступа: http://www.bestreferat.ru/referat-78164.html.
4. Веселовская Н.С. Компетентностный подход в образовании – основа подготовки высококвалифицированного специалиста. Омск. 2004.
5. Зимняя И.А. Ключевые компетенции – новая парадигма результата современного образования [Электронный ресурс] //Интернет-журнал "Эйдос". - 2006. Режим доступа: http://www.eidos.ru/journal/2006/0505.htm.

6. Лебедев О.Е. Компетентностный подход в образовании [Электронный ресурс].// Школьные технологии. -2004. -№5. -С.3-12;33,35,- Режим доступа: http://www.orenipk.ru/seminar/lebedev.htm.
7. Матушанский Г.У., Завада Г.В. Моделирование повышения квалификации преподавателя высшей школы на траекторрии ассистент -ст. преподаватель - доцент //Alma mater.2011. С. 40-42.
8. Романова Л.М., Фролов А.Г. Компоненты профессиональной деятельности преподавателя вуза на должностных уровнях ассистента, и старшего преподавателя // Вестник Казан.гос. энергет. ун-та. 2009. №1. С 136-142.
9. Романова Л.М., Матушанский Г.У. Компетентностная модель преподавателя высшей школы // Инновационная образовательная среда как фактор развития учебного заведения. Казань: Изд-во МОИН РТ, 2010. С. 133-134.

**Ҳ.Т. Каюмова**

## МЕСТО ТЕХНОЛОГИЙ И МЕТОДОВ ОБУЧЕНИЯ В ФОРМИРОВАНИИ ФАКТОРОВ КОМПЕТЕНТНОСТИ

В данной статье описывается формирование факторов компетентности в ходе использования технологий и методов обучения.В связи с необходимостью реализации новых целей обучения необходимо изменить должностные инструкции, формы и методы лекционных занятий. Потому что развитие интеллектуальных элементов играет ключевую роль в формировании готовности студентов к профессиональной деятельности. В целях реализации системы подготовки студентов к профессиональной деятельности мы проанализировали и рассмотрели данный вид лекций. В частности, необходимо использовать проблемные лекции, наглядные лекции, двухчастные лекции, заранее запланированные лекции для исправления ошибок, лекции пресс-конференции для формирования факторов компетентности. Все эти виды лекций позволяют включать профессиональные задачи в комплекс учебных программ вузов.

***Ключевые слова:*** *компетентность, проектный, средства, ментальные элементы, нравственный, круглый стол, профессиональная деятельность.*

**H.T. Kayumova**

## PLACE OF TECHNOLOGY AND TEACHING METHODS IN THE FORMATION OF COMPETENCE FACTORS

This article describes the formation of competence factors in the use of technologies and teaching methods. Due to the need to implement new learning objectives, it is necessary to change job descriptions, forms and methods of lectures.Because the development of intellectual elements plays a key role in the formation of students' readiness for professional activity.In order to implement the system of preparing students for professional activity, we analyzed and considered this type of lectures.In particular, it is necessary to use problem lectures, visual lectures, two-part lectures, pre-planned lectures to correct mistakes, press conference lectures to form competence factors. All these types of lectures allow to include professional tasks in the complex of educational programs of universities.

***Key words:*** *competence, project, means, mental elements, moral, round table, professional activity.*

**Маълумот дар бораи муаллиф:** Rаюмова Ҳурлиго Тағайевна-номзади илмҳои педагогӣ, мудири шуъбаи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва баъдидипломии Пажӯҳишгоҳи рушди маорифи ба номи Абдураҳмони Ҷомӣ, Академияи таҳсилоти Тоҷикистон. Суроға; Ҷумҳурии Тоҷикистон, индекс- 734024 ш.Душанбе, хиёбони Айнӣ , 45 E-mail: prmatt@ mail.ru.Телефон 227-0513 904406690

**Сведения об авторе:** Каюмова Хурлико Тагайевна - кандидат педагогических наук, начальник отдела высшего профессионального образования и последипломного образования Института развития образования имени А.Джами АОТ, индекс- 734024 г. Душанбе, улица Айни 45, E-mail: prmatt@ mail.ru. Телефон 227-05-13 +(992) 904406690,

**Information about the author:** Kayumova Hurliko Tagayevna - candidate of pedagogical sciences, head of the department of higher professional education and postgraduate education of the Institute of Education Development named after A. Jami AOT, index -734024 Dushanbe, Aini Street 45, E-mail: prmatt @ mail.ru. Phone 227-05-13 + (992) 904406690,

**И. ГАДОЕВ**

# ТАРЗҲОИ ФАЪОЛГАРДОНИИ ХОНАНДАГОН ДАР ДАРС ВА ТАШАККУЛИ САЛОҲИЯТИ ШАҲРВАНДИЮ ҶАМЪИЯТИИ ОНҲО ЗИМНИ ТАЪЛИМИ ФАНҲОИ ҶОМЕАШИНОСӢ

Ҳадафҳои асосии татбиқи муносибати босалоҳият ба таълим ба ташаккули механизми татбиқи дониши назариявӣ дар амал, таъмини раванди ташаккули шахсӣ, мутобиқ гардидан ба шароити нав, инкишофи худмуҳофизаткунӣ, худтарбиядиҳӣ, худтакмилдиҳӣ ва дигар хусусиятҳое нигаронида шудааст, ки ба рушди шахсияти комил дар самтҳои зерин мусоидат менамоянд:

- ҷустуҷӯйи дастҷамъона ва фардии дарёфти роҳҳои рушди салоҳиятҳои ҳалли проблемаҳои фаъолияти таълимӣ
- дарки сабабҳои руйдодҳои воқеии ҳаётӣ, моҳияти ҳодисаҳои табиат ва робитаи байни онҳо;
- омода намудани хонандагон ба дарёфти роҳҳои ҳалли проблемаҳои асосии ҳаётӣ;
- омӯзиши роҳҳои равона намудани фаъолияти хонандагон ба дунёи арзишҳои маънавӣ;
- омӯзонидани роҳҳои ҳалли проблемаҳои алоқаманд бо амалигардонии масъалаҳои муайяни иҷтимоӣ;
- омӯзонидани дарёфти роҳҳои ҳалли проблемаҳои интихоби касб ва ғайра.

Дар ин замина муассисаҳои таълимӣ пеш аз ҳама, бояд ба рушди тафаккур ва фаъолияти ба он нигаронидашудаи дар раванди таълим саҳм бигиранд. Зеро рушди тафаккурро асосан, тавассути амалҳои муҳимтарини фаъолият, аз ҷумла, фаъолиятҳои таҳқиқотӣ, лоиҳавӣ, эҷодӣ - инфиродӣ, идоракунӣ ва амсоли онҳо таъмин кардан мумкин аст. Муҳимтарин шарти раҳоӣ ёфтан аз мушкилот дар ҷаҳони муосири иттилоотӣ доштани маълумот оид ба методҳои илмии дарки олам ва рушди тафаккури таҳқиқотӣ мебошад. Ҷустуҷӯйи далелҳо аз муҳити атроф, таҳлил ва муқоиса намудани онҳоро ҳар як инсон, новобаста ба касби хеш, бояд дар сатҳи зарурӣ донад ва тавонад.

Дар Стратегияи миллии рушди маорифи ҶТ то соли 2020 омадааст: «Низоми нави маориф, ки мутобиқи тамоюлоти ҷаҳони муосир на ба дониш, балки ба рушди муносибати босалоҳият асос ёфтааст, бояд ба хонандагон имконияти азхуд намудани салоҳияту малакаҳои асосии иҷтимоиро, ба монанди қабули масъулиятноки қарорҳо ва банақшагирии пешравӣ дар касб, илмомӯзӣ дар тӯли зиндагӣ, салоҳияти алоқадорӣ, тайёрии касбии дар бозори меҳнат талаботдошта, донишу малакаи худтакмилдиҳӣ, малакаи тарзи ҳаёти солим, арзишҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, таъмин намояд» [8, с. 23];

Дар раванди муносибати босалоҳият дар таълим диққати асосӣ ба рушди салоҳиятҳои хонанда ё худ ба ташаккули малакаҳои амалӣ (ҳаётӣ, воқеӣ, функсионалӣ) равона мегардад. Босалоҳиятӣ аз нуқтаи назари педагогӣ ҳамчун натиҷаи таълими самарабахш арзёбӣ гардида, шахс дар раванди он ба маҷмӯи салоҳиятҳои амалӣ ноил мегардад.

Салоҳият сифати инсонӣ ба ҳисоб рафта, омодагии ӯро ба фаъолияти муваффақона дар ҳаёти ҳаррӯза ифода мекунад.

Бартарии асосии муносибати босалоҳият ба таълим имконияти омодагии хонанда ба иштироки фаъолона дар ҳаёти ҷомеа аст. Хонанда тибқи муқаррарот бояд салоҳиятҳои зеринро дошта бошад:

- омодагӣ ба ҳалли мушкилот;
- омодагӣ ба фаъолияти мустақилонаи маърифатӣ;
- омодагӣ ба робита;
- омодагӣ ба истифодаи технологияи иттилоотию иртиботӣ (робитавӣ);
- омодагӣ ба таъсири иҷтимоӣ;
- омодагӣ ба хизмати Ватан;
- омодагӣ ба худтакмилдиҳӣ, худмуайянкунӣ, худомӯзӣ ва ғайра. [6, с.19-20]

Таҳсилоти босалоҳият равандест, ки дар он дониш маҳорат ва малакаҳои барои зиндагӣ дар ҷомеа муҳим ташаккул дода шуда, роҳҳои дар ҳаёт татбиқ намудани онҳо ба даст оварда мешаванд. Низоми таҳсилоти босалоҳият хусусиятҳои ба худ хос дорад. Дар ин низом таваҷҷуҳи асосӣ ба ташаккули салоҳиятҳои асосӣ ё худ калидӣ равона магарданд ва новобаста аз доираи фанни муайян онҳо ташаккул дода мешаванд. Дар ин замина муносибати таълимгиранда нисбат ба таълим, муносибати омӯзгору таълимгиранда ва

муносибати таълимгирандаву маводи таълимӣ хос мебошад. Ин муносибат чи гуна сурат мегирад? Яъне маълумот ё худ донишҳои муайян аз сарчашмаҳои санҷидашуда, аз ҷиҳати илмӣ асоснок кардашуда тавассути омӯзгор ё барномаву модулҳои таълимӣ, китобҳои дарсӣ пешкаши хонандагон мегарданд. Бояд гуфт, ки ин ҷо ба назар гирифтани қобилият, маҳорат, фаъолияти эҷодии хонандагон дар мадди аввал меистад, зеро на ҳар амале, ки хонанда аз рӯйи қобилияти зеҳнии худ ба анҷом мерасонад, барои ташаккул ёфтани салоҳиятҳои ӯ мусоидат мекунад. Бинобар ин омӯзгорро лозим меояд, ки барои ташаккул додани салоҳиятҳои хонандагон дар раванади машғулиятҳо корҳҳои зеринро анҷом диҳанд: -зимни ба нақша гирифтан машғулиятҳо ва таҳия намудани модулҳои таълимӣ талаботи салоҳиятнокии хонандаро ба инобат бигирад ва роҳҳои ташакули салоҳиятҳоро муайян намоянд.

-ба хонандагон имкони мустақилона фаъолият кардан ва малакаҳои дар натиҷаи дониш соҳиб гаштаашонро сайқал доданро пешниҳод намояд. Яъне он дониши назариявие, ки онҳо дар дарсҳо аз худ намудаанд, тавонанд дар амалия иҷро намоянд. Хусусияти таълими босалоҳият низ дар он аст, ки диққати хонанда на ба назария, балки бештар ба корҳои амалӣ ҷалб карда мешаванд.

-тамоилҳои имконпазири инкишофи ояндаи таълимгирандагонро дар ҷараёни таълим ба эътибор гирад ва имкон диҳад, ки хонанда малакаҳои пештар дар ҷараёни донишандӯзӣ ба дастовардаашро ба малакаҳои нав ҳосил кардааш зам намояд, яъне таҷрибаи гирифтаашро дар амал татбиқ намояд.

-зимни таҳия намудани нақшаи дарс ва ё супоришҳо завқу рағбат, қобилият, майлу хоҳиши хонандаро ба инобат гирад, дар раванди дарс рафтори ҳар яки онҳоро назорат намуда, барои рушди зеҳниии шифоӣ-забонӣ, мантиқӣ, риёзӣ, зеҳни биноӣ, зеҳни ҳаракат, зеҳни мусиқӣ ва ғайраи онҳо мусоидат намоянд.

-ба натиҷаи таълим аз рӯйи он, ки супориш то кадом андозе иҷро шудааст ва тибқи намунаи додашуда дуруст иҷро шудааст ё не, баҳо диҳад.

-шароите фароҳам оварад, ки хонанда тавонад ба натиҷаи кори худ, малакаи дар ичроиши супоришҳо ҳосил намудаи худ баҳо диҳад ва онро таҳлил намояд, хатогиҳоеро, ки зимни иҷрои машқу мисолҳо роҳ дода шудаанд, муайян кунад, сабаби ба онҳо роҳ доданро худаш мустақилона ё дар якҷоягӣ бо ҳамсабақҳояш ё омӯзгор ошкор сохта, муҳокима намояд ва корашро дар асоси нишондиҳандаҳо такмил диҳад. -ба саволҳои хонандагон ба таври равшану саҳеҳ, бидуни маломату сарзаниш посух диҳад. Дар вақти пурсиши мавзӯъ барои дуруст шарҳ додани он ба хонанда кӯмак расонад.

- дараҷаи дониш ва фаъолияти хонандаро одилона арзёбӣ намояд.

-зимни дарсҳо аз технологияи муосири иттилоотию коммуникативӣ, усули фаъоли таълим истифода барад.

-дар дарсҳо ҳамеша тибқи риояи талаботи педагогиву психологӣ амал намояд.

Донистан ва дар амал татбиқ намудани ин нишондодҳо ба омӯзгор имкон медиҳад, ки сатҳи дониш, малака ва маҳорати хонандагонро баланд бардошта, барои ҳамчун шахсият, яъне шахси масъулиятнок, босалоҳият, бофарҳангу ботарбия ва маърифатнок ташаккул ёфтани онҳо замина гузорад [ниг.**7**,46-50]. Академик Лутфуллозода М. дар асари “Андешаҳо перомуни салоҳиятҳо ва ташаккули онҳо” иброз доштааст, ки “салоҳиятнокӣ ҳамчун маҳорат яке аз сифатҳои одами бомаърифату бомаънавиёту соҳибкасб буда тарбия ва ташаккули ин гуна сифатҳо дар одам басо муҳим, зарур ва замонавист. Бинобар ин таълими ҷузъҳо ва унсурҳои алоҳидаи онро дар ҳар дарсу машғулиятҳои фориғ аз дарсу мактаб ба нақша даровардан лозим аст.”. Ҳамчунон номбурда таъкид менамояд, ки ҷувзъҳо ва унсурҳои салоҳиятнокӣ таълим дода мешаванд ва салоҳиятҳо дар ҷараёни таълиму тарбия зимни азбар кардани дониш, малака маҳорат ва худтакмилдиҳӣ ташаккул меёбанд”. Аз ин ҷиҳат, Лутфуллозода М .салоҳиятҳоро ба ду гурӯҳ ҷудо намудааст: 1. Салоҳиятҳои таълимӣ. Ин салоҳиятҳое мебошанд, ки дар стандарту барнома, китобҳои дарсӣ ва дигар маводи таълимӣ ифода меёбанд.

2. Салоҳиятҳои ғайритаълимӣ. Салоҳиятҳое, ки дар ҳаёти одамон мушоҳида мешаванд. [5,50]. Бояд зикр намуд, ки бо вуҷуди махсусиятҳои худ ҳарду гурӯҳи салоҳиятҳо маҳз дар натиҷаи аз худ кардани дониш, соҳиб гардидан ба малака ва маҳоратҳо сайқал меёбанд. Ва ба андешаи мо ҳарду гурӯҳи салоҳиятҳо асосӣ ё калидӣ буда, барои дар ҷамъият устувор фаъолият намудан ва ҳамчун шахсият зистан замина мегузоранд. Аз ин рӯ, ҳанӯз аз марҳилаи аввали таълим дар хонандагон ташаккул додани онҳо муҳим мебошад ва дар ин арса, чуноне ки дар боло ёдрас намудем, саҳми омӯзгор

калон аст. Зеро ҳар як омӯзгори таълимдиҳанда шахси масъул, равшанфикр ва пешбарандаи насли наврас ва ҷамъият ба ҳисоб меравад ва заминаи асосиро дар ташаккули салоҳиятҳо ва рушди қобилияту истеъдоди хонандагон маҳз ӯ мегузорад. Дар хонандагон сараввал салоҳиятҳои калидӣ бояд ташаккул дода шаванд ва дар пойгаҳи ин салоҳиятҳо дигар салоҳиятҳо ташаккул меёбанд. Ҷиҳати иҷрои ин амалҳо омӯзгор бояд таълимро дар асоси муносибати босалоҳият ба роҳ монда, як қатор тадбирҳоро амалӣ гардонад. Чунончи, барои ташаккул додани **салоҳияти арзишӣ** омӯзгор бояд дар раванди таълим хонандагони қобилиятнокро ҷудо намуда бо онҳо кӯмак намояд, то ки худро муайян кунанд. Мақсад аз ташаккул додани салоҳияти арзишӣ дар он зоҳир меёбад, ки хонанда дар интихоби касб самти дуруст гирифта тавонад. **Салоҳияти умумифарҳангӣ** асосӣ буда, хусусиятҳои фарҳанги миллӣ ва умумибашарӣ, асосҳои маънавӣ ва ахлоқии инсон, анъана ва расму оинҳои миллӣ ва миллатҳои алоҳида, хусусиятҳои иҷтимоӣ, тафаккури миллӣ, ҷаҳонбинии илмӣ ва динӣ ва ғайраро фаро мегирад. Барои ташаккул додани салоҳияти умумифанфарҳангӣ омӯзгор бояд дар раванди таълим хонандагонро бо маънавиёт шинос кунад. Ҷаҳонбинии онҳоро нисбати масъалаҳои ахлоқиву иҷтимоӣ ва фарҳангӣ васеъ намояд. Ташаккули салоҳиятҳои умумифарҳангии хонандагон ба инкишофи маънавии онҳо вобаста мебошад. Ба ин хотир "омӯзгор бояд дар машғулиятҳо усулеро ба роҳ монад, ки таълимро аз мундариҷаи асосӣ дур нанамояд, аммо онҳо маъниҳои ниҳоӣ дошта бошанд, то ки тавассути онҳо салоҳиятҳои умумифарҳангӣ ташаккул ёбанд" [4, 39]. Ташаккули **салоҳияти таълимӣ-маърифатӣ** ба худомӯзии хонанда вобаста аст. Зеро салоҳияти мазкур ҳолатҳоеро дар бар мегирад, ки тибқи онҳо хонанда ҳамчун субъект ва объекти раванди таълим баромад мекунад [4,19]. Зимни ташаккули ин салоҳият бояд усулҳое истифода карда шаванд, ки барои худро аз ҳар ҷиҳат рушду такомул додани хонандагон мусоидат намояд.

**Салоҳияти иттилоотӣ** тавассути васоили техникӣ, аз ҷумла компютер, тахтаҳои электронӣ, фитаҳо, телевизион, радио, телефон, почтаҳои элетронӣ, шабакаҳои интернетӣ ва ғайра ташаккул меёбад. Барои ташаккул додани ин салоҳият аз худ намудани технологияҳои иттилоотии муосир муҳим аст. Ба хонандагон дар ҳамаи машғулиятҳо бояд тарзу тартиби истифодаи технологияҳои муосир омӯхта шавад. Хонандагон бояд ҳангоми аз як машғулият ба машғулияти дигар гузаштан аз манбаъҳои аввалаи иттилоот истифода бурданро ёд гиранд. Дар натиҷа хонанда дар ҷамъ овардани иттилоот малака пайдо намуда, ба фазои иттилооти ҷаҳони муосир мутобиқ мегардад. Дар шароити имрӯзаи пешрафти илму техника ташаккул додани ин салоҳиятҳо хеле умда буда, барои чун шахсият рушд ёфтани хонанда мусоидат менамояд. Барои ташаккул додани **салоҳияти коммуникативӣ** ба хонандагон истифода намудани воситаҳои компютериро омӯхтан лозим аст. Хонандагон дар рафти машғулиятҳо бояд бо ҳамсабақони худ муошират намоянд. Маводи таълимиро бо ҳамдигар таҳлил намоянд, фику ақидаҳои якдигарро муҳокима кунанд. Ташкил намудани усули коммуникативӣ дар дарсҳо имкон фароҳам меорад, ки таълимгиранда худро дар ҷамъият ҳамчун шахсият нишон диҳад.

Ташаккули **салоҳияти иҷтимоӣ-меҳнатӣ** дар хонандагон хеле муҳим аст. Ин салоҳият дар асоси аз худ кардани донишу таҷрибаҳо инкишоф ёфта ба хонанда барои фаъолият намудан дар ҷомеа дар соҳаҳои иҷтимоию меҳнатӣ, барои ҳалли масъалаҳои оилавӣ, иҷрои уҳдадориҳои гуногун, ҳалли масъалаҳои иқтисодӣ, ҳуқуқӣ, барои интихоби дурусти касб ва худро дар ихтисоси интихобкардааш ҳамчун мутахассис нишон додан кӯмак менамояд.

Ташаккули **салоҳияти шахсӣ-худтакмилдиҳӣ** бештар аз худи хонанда вобаста мебошад. Соҳиб будан ба ин салоҳият низ ба хонанда дар замони муосир хеле зарур аст. Зери мазмуни ин салоҳият чунин фаъолияти шахс дар ҷамъият дар назар дошта мешавад:-риоя намудани қоидаҳои гигиенаи шахсӣ;-ғамхорӣ намудан нисбат ба саломатии шахсии худ;-инкишоф додани маданияти ботинӣ;-аз худ намудани асосҳои бехатарии ҳаёт. Яъне, барои ташаккули салоҳияти мазкур ба хонанда маълумот ё иттилооте дода шавад, ки вай дар ҳаёти ҳамарӯза ва минбаъдаи худ истифода намояд.

**Тарзҳои ташакулли салоҳиятҳо дар таълими фанҳои ҷомеашиносӣ.**

Таҳсилоти босалоҳият равандест, ки дар он дониш, маҳорат ва малакаҳои барои зиндагӣ дар ҷомеа муҳим ташаккул дода шуда, роҳҳои дар ҳаёт татбиқ намудани онҳо ба даст оварда мешаванд. Низоми таҳсилоти босалоҳият хусусиятҳои ба худ хос дорад. Дар ин низом таваҷҷуҳи асосӣ ба ташаккули салоҳиятҳои асосӣ ё худ калидӣ равона мегарданд ва новобаста аз доираи фанни муайян онҳо ташаккул дода мешаванд. Дар ин замина

муносибати таълимгиранда нисбат ба таълим, муносибати омӯзгору таълимгиранда ва муносибати таълимгирандаву маводи таълимӣ хос мебошад. Ин муносибат чи гуна сурат мегирад? Яъне маълумот ё худ донишҳои муайян аз сарчашмаҳои санҷидашуда, аз ҷиҳати илмӣ асоснок кардашуда тавассути омӯзгор ё барномаву модулҳои таълимӣ, китобҳои дарсӣ пешкаши хонандагон мегарданд. Бояд гуфт, ки ин ҷо ба назар гирифтани қобилият, маҳорат, фаъолияти эҷодии хонандагон дар мадди аввал меистад, зеро на ҳар амале, ки хонанда аз рӯйи қобилияти зеҳнии худ дар раванди таълими фанҳои ҷомеашиносӣ ба анҷом мерасонад, барои ташаккул ёфтани салоҳиятҳои ӯ мусоидат мекунад. Бинобар ин омӯзгорро лозим меояд, ки барои ташаккул додани салоҳиятҳои хонандагон дар раванди машғулиятҳо корҳои зеринро анҷом диҳанд:

- зимни ба нақша гирифтан машғулиятҳо ва таҳия намудани модулҳои таълимӣ талаботи салоҳиятнокии хонандаро ба инобат бигирад ва роҳҳои ташакули салоҳиятҳоро муайян намояд.

**Масалан, дар МТМУ №8 шаҳри Душанбе, МТМУ №5 шаҳри Ҳисор ва «Литсейи Раҳнамо»** барои ҳар як модули таълимии таҳияшуда иҷрои вазифаҳои зерин пешбарӣ шудааст:

1.Мақсад ва вазифаҳои модул

2.Усулҳои таълимии модул

3.Талабот ва натиҷаҳои азхудкунии модул:

А). Дониш ва фаҳмиш В). Маҳоратҳои зеҳнӣ С). Маҳорати амалӣ.

Барои ҳар як мавзӯи модул чунин корҳо таҳия карда шудаанд: 1. Мақсад ва вазифаҳои мавзӯъ 2. Мӯҳтавои мавзӯъ 3. Синфҳои назариявӣ (лексияҳо) - мавзӯъ, микдори соатҳои мавзӯъҳо. 4. Дарсҳои амалӣ- мавзӯъ, миқдори соатҳо. 5. Озмоиши амалӣ-мавзӯъ, миқдори соатҳо. 6.Усулҳои дарсдиҳии мавзӯъҳо. 7. Талабот ба сатҳи рушди мавзӯъ - аз рӯи гурӯҳҳои салоҳият (A, B, C, D) 8. Саволҳо ва вазифаҳо барои кори мустақилонаи донишҷӯ. 9. Шаклҳо ва меъёрҳо барои арзёбии натиҷаҳои омӯзиш аз рӯи мавзӯъ. 10. Адабиёти тавсияшаванда. Роҳи татбиқи барномаи таълимӣ дар мантиқи равиши салоҳият чунин аст: аз салоҳиятҳои сатҳи азхудкунии мавзӯъ (A, B, C, D) - тавассути салоҳиятҳои сатҳи рушди модул (A, B, C, D) - ба салоҳияти сатҳи азхудкунии фанҳо (A, B, C, D).

Самти мақсадноки мактаби муосир бо ташаккули малакаҳои калидии донишҷӯён ва саводнокии функсионалии он дар соҳаи маҳорат ва истифодаи донишу малакаҳои таҳсилоти умумӣ алоқаманд аст.

Ташаккули шахсият на танҳо бо дониш дар соҳаҳои мухталифи илм тавсиф мешавад, балки бо омодагӣ ва таҳаммулпазирӣ, тафаккури муосир, масъулият ва иродаи қабули қарорҳо дар ҳолатҳои мухталифи ҳаёт имкон медиҳад, ки муносибатҳои донишҷӯёнро бо олами атроф ҳамоҳанг созад, ба шароити ҷомеаи муосир, мутобиқ ба иҷтимоӣ, касбӣ мувофиқат кунад.

- ба хонандагон имкони мустақилона фаъолият кардан ва малакаҳои дар натиҷаи дониш соҳиб гаштаашонро сайқал доданро пешниҳод намояд. Яъне он дониши назариявие, ки онҳо дар дарсҳо аз худ намудаанд, тавонанд дар амалия иҷро намоянд. Хусусияти таълими босалоҳият низ дар он аст, ки диққати хонанда на ба назария, балки бештар ба корҳои амалӣ ҷалб карда мешаванд.

- тамоилҳои имконпазири инкишофи ояндаи таълимгирандагонро дар ҷараёни таълим ба эътибор гирад ва имкон диҳад, ки хонанда малакаҳои пештар дар ҷараёни донишандӯзӣ ба дастовардаашро ба малакаҳои нав ҳосил кардааш зам намояд, яъне таҷрибаи гирифтаашро дар амал татбиқ намояд.

- зимни таҳия намудани нақшаи дарс ва ё супоришҳо завқу рағбат, қобилият, майлу хоҳиши хонандаро ба инобат гирад, дар раванди дарс рафтори ҳар яки онҳоро назорат намуда, барои рушди зеҳнии шифоҳӣ-забонӣ, мантиқӣ, риёзӣ, зеҳни биноӣ, зеҳни ҳаракат, зеҳни мусиқӣ ва ғайраи онҳо мусоидат намоянд.

**Дар МТМУ №8 шаҳри Душанбе, МТМУ №5 шаҳри Ҳисор ва «Литсейи Раҳнамо»** Усули асосии таълимӣ гузаронида шуд:

- усули омӯзиши фаъол (бозиҳои бизнес, бозиҳои нақш, мубоҳисаҳо ва ғайра);
- усули таълими проблемавӣ (сӯҳбат, лексияи проблемавӣ, семинари проблемавӣ);
- усулҳои рушди тафаккури эҷодӣ, аз қабили ҳамлаи мағзи сар;
- методҳои муосиршудаи анъанавии таълим;
- усулҳои омӯзиши мутақобила (омӯзиши дастаҷамъӣ, гурӯҳӣ ва ҷуфтӣ).

Дар асоси ғояҳо мо ҷузъҳои зерини салоҳияти донишҷӯёнро мувофиқи мақсад меҳисобем:

Салоҳияти умумии таҳсилоте, ки дар огоҳии баланди хонандагон дар бораи ғояҳо, мафҳумҳо, мафҳумҳои асосӣ дар соҳаи фанҳои дониш ифода ёфтааст; ташаккули малакаҳои таҳсилоти умумӣ (дидактикӣ), қобилияти зеҳнӣ ҳангоми мустақилона гирифтани дониш, васила ва усули фаъолияти маърифатӣ ва ғайра.

Салоҳияти умумии фарҳангӣ, ки бо омодагии хонандагон барои воридшавии ҳамаҷониба ба фазои фарҳангии инсоният ифода карда мешавад; қобилияти шакли муколамаи муошират бо одамони гирду атроф; фарҳанги коммуникативӣ, эстетикӣ ва ахлоқии онҳо ва дигарон.

- ба натиҷаи таълим аз рӯйи он, ки супориш то кадом андоза иҷро шудааст ва тибқи намунаи додашуда дуруст иҷро шудааст ё не, баҳо диҳад.

- шароите фароҳам оварад, ки хонанда тавонад ба натиҷаи кори худ, малакаи дар иҷроиши супоришҳо ҳосил намудаи худ баҳо диҳад ва онро таҳлил намояд, хатогиҳоеро, ки зимни иҷрои машқу мисолҳо роҳ дода шудаанд, муайян кунад, сабаби ба онҳо роҳ доданро худаш мустақилона ё дар якҷоягӣ бо ҳамсабақҳояш ё омӯзгор ошкор сохта, муҳокима намояд ва корашро дар асоси нишондиҳандаҳо такмил диҳад.

**Дар МТМУ №8 шаҳри Душанбе, МТМУ №5 шаҳри Ҳисор ва «Литсейи Раҳнамо»** ба худмуайянкунӣ, худтаъминкунӣ, инкишофи худогоҳии шахсият таваҷҷуҳи ҳоса зоҳир намуда, барои худшиносии эҷодӣ ва ба худ нигаронидашудаи шахс; рушди маънавӣ шароити мусоиди педагогӣ фароҳам овардаанд. Мустақилона дар самти шуур ва сатҳи фарҳангии худаш кор карда тавонистани хонандагон таваҷҷуҳи хоса зоҳир намудаанд, ки ин ба амали иҷтимоӣ сохтани шахсияти хонанда, омӯхтани худшиносии ҷаҳони атроф (табиат ва ҷомеа), дар фазои тағйирот, тавассути азхуд кардани усулҳои тағйир додани воқеияти мавҷуда, фаъолияти шахсии худ, рушди шахсӣ тавассути фарҳанги коммуникатсионӣ, намунаҳои маънавӣ ва ахлоқӣ, меъёрҳои рафтор дар тамоми соҳаҳои ҳаёт, таъмин ва ҳифзи саломатии хонандагон мусоидат мекунад.

-ба саволҳои хонандагон ба таври равшану саҳеҳ, бидуни маломату сарзаниш посух диҳад. Дар вақти пурсиши мавзӯъ барои дуруст шарҳ додани он ба хонанда кӯмак расонад.

**Дар МТМУ №8 шаҳри Душанбе, МТМУ №5 шаҳри Ҳисор ва «Литсейи Раҳнамо»**

Дорои воситаҳои иртиботи донишҷӯён: шифоҳӣ (монолог, муколама, қобилияти савол додан, ҳимояи нуқтаи назар, мубоҳиса, маърӯзаҳо, муаррифии лоиҳаҳо, суханронии оммавӣ ва ғайра), хаттӣ (хондан, эҷоди матнҳои гуногун, азхудкунии услуби тарроҳӣ) матн (қобилияти кор кардан бо матн ва ғайра) ва иртиботи самаранок (қобилияти кор кардан дар гурӯҳ, дорои нақшҳои гуногуни иҷтимоӣ дар гурӯҳ).

- дараҷаи дониш ва фаъолияти хонандаро одилона арзёбӣ намояд.

**Дар МТМУ №8 шаҳри Душанбе, МТМУ №5 шаҳри Ҳисор ва «Литсейи Раҳнамо»**

Ҷиҳати арзёбии дараҷаи дониш ва фаъолияти хонандагон аз супоришҳои тестии ба салоҳият нигаронидашуда, портфел, низоми баҳодиҳӣ ба рейтинг ва ғайра истифода карда, бештар ба сатҳи рушди дониш, малакаҳои дигар, рушди сеюми сифатҳои шахсӣ диққати ҷиддӣ медиҳанд.

-зимни дарсҳо аз технологияи муосири иттилоотию коммуникативӣ, усулҳои фаъоли таълим истифода барад.

**Масъалаи мазкур дар МТМУ №8 шаҳри Душанбе, МТМУ №5 шаҳри Ҳисор ва «Литсейи Раҳнамо»** ба таври зерин фаъолияти ханандагонро бо истифодаи объектҳои воқеӣ (ТВ, принтер, магнитофон, компютер, китоб, маҷалла ва ғайра) ва технологияи иттилоотӣ (аудио, видео, почтаи электронӣ, ВАО, интернет ва ғайра) ба роҳ монданд.

Қобилияти мустақилона ҷустуҷӯ, таҳлил ва интихоби маълумоти зарурӣ, табдил, ҳифз, интиқол ва тафсири танқидии он ташаккул ёфтааст.

- дар дарсҳо ҳамеша тибқи риояи талаботи педагогиву психологӣ амал намояд.

Донистан ва дар амал татбиқ намудани ин нишондодҳо ба омӯзгор имкон медиҳад, ки сатҳи дониш, малака ва маҳорати хонандагонро баланд бардошта, барои ҳамчун шахсият, яъне шахси масъулиятнок, босалоҳият, бофарҳангу ботарбия ва маърифатнок ташаккул ёфтани онҳо замина гузорад.

Ҳамзамон қайд намудан зарур аст, ки салоҳият – маҷмӯи дониш, малака ва маҳоратҳои ба ҳам пайванде, ки ба мақсади ҳалли масъалаҳои мушаххаси ҳаётӣ (иҷтимоӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ), маърифатӣ ва касбӣ равона карда мешаванд. Дар баъзе адабиёти илмӣ мафҳумҳои салоҳият, қобилият, малака ва маҳорат муштарак истифода мешаванд. Дар

такя ба тафсири мазкур ба хулосае омадан мумкин аст, ки шахси босалоҳият амалеро хуб, қобилиятнок ва боэътимодона иҷро карда метавонад. Диққати асосӣ дар таълими босалоҳият ба ташаккули малакаҳои амалӣ (ҳаётӣ, воқеӣ, функсионалӣ) равона мешавад. Таълими босалоҳият ба саволҳои: **“Хонанда чӣ кор карда метавонад?”, “Хонанда кадом амалҳоро иҷро карда метавонад?”** ҷавоб медиҳад. Донистан ё дониш дар таълими босалоҳият ҷузъи таркибии малака ҳисоб шуда, барои санҷидан, бо намуна муқоиса кардан ва ислоҳи ғалатҳо истифода бурда мешавад. Салоҳиятро таълим намедиҳанд, балки салоҳият дар натиҷаи азхуд кардани дониш, малака ва маҳоратҳо ташаккул мeёбад” [3].

Босалоҳиятӣ натиҷаи амалии дониш, малака ва маҳорат аст.

**Салоҳиятҳои фаннӣ ва болоифаннӣ дар таълим**

Вазифаи аслии мактаб тарбия ва таълим аст ва аз ин рӯ дар таърихи инкишофи педагогика тарбияро дар ҷойи аввал гузоштаанд, зеро хонандаро мебояд ба зиндагии мустақилона омода намоем. Гоҳо намояндагони ақидаҳои ба ном демократӣ чунин андеша баён мекунанд, ки мо ба сари омӯзгор масъулиятҳои зиёдеро бор мекунем, ӯ ба ҷойи таълим бо корҳои дигар машғул мешавад. Дар ин маврид ҳаминро бояд таъкид намуд, ки ҷавҳари таълими салоҳиятнокиро тарбия ташкил медиҳад. Мактаб ва омӯзгор бояд инсони ташаккулёфтаро аз дари мактаб ба зиндагӣ равона созанд. Дар ҷаласаи ЮНЕСКО соли 1996 Жак Делор ба ҷанбаи салоҳиятҳои хонандагон таваҷҷӯҳи махсус зоҳир намуд, аз ҷумла таъкид кард, ки мактаб бояд ба хонанда маърифатҷӯӣ амал кардан, якҷоя зиста тавонистанро таълим диҳад. Яке аз муҳаққиқони асосии таълими салоҳиятнокӣ Г. Халаж (G. Halasz) махсусияти демократӣ, бисёрзабонӣ, бисёрфарҳангӣ, талаботи бозори меҳнат, дигаргуниҳои иқтисодии кишварҳои Иттиҳоди Аврупоро ба назар гирифта, силсилаи салоҳиятҳоро пешниҳод намуд. Дар асоси ҳамин гуна пешниҳодҳо Шӯрои Аврупо барои аврупоиёни ҷавон доштани салоҳиятҳои асосии зеринро муҳим шуморида буд:

– «салоҳиятҳои сиёсӣ ва иҷтимоӣ, ба мисли қобилияти қабул кардани масъулият дар қабули якҷояи қарорҳо, ҳалли мунoқишаҳо бе истифодаи зӯроварӣ, иштирок дар инкишофи институтҳои демократӣ;

– салоҳиятҳои бо зиндагӣ ва ҷомеаи бисёрфарҳангӣ алоқаманд. Дар шароите, ки таҳаммулнопазирӣ, расизм, ксенофобия авҷ мегирад, маориф бояд “наврасону ҷавононро бо салоҳиятҳои байнифарҳангӣ, ба мисли эҳтироми тарзи зисти дигарон, қобилияти ҳамзистӣ бо намояндагони фарҳангҳо, забонҳо, динҳои дигар” мусаллаҳ гардонад;

– салоҳияти бо муоширати хаттӣ ва шифоҳӣ алоқаманд буда, ки дар ҳаёти иҷтимоӣ хеле муҳиманд. Дар ин гуна маврид тарбияи ҳар чӣ бештар забонҳои дунё талаб карда мешавад;

– салоҳиятҳое, ки бо афзоиши пуриттилоъгардии ҷомеа алоқамандӣ доранд. Маҳорати истифодаи дуруст аз технология, аз иттилоот, рекламаҳои тариқи ВАО паҳншаванда, муҳокимаи интиқодии онҳо;

– қобилиятҳои идома додани омӯзиш дар давоми зиндагӣ дар заминаи ҳаёти шахсӣ ва касбӣ (тахассусӣ)» [2]

Моҳияти салоҳиятҳои асосиро иҷтимоишавии шахс ташкил медиҳад. Инҳо маҷмӯи қобилиятҳое мебошанд, дар тамоми фанҳо ташаккул дода мешаванд ва нақши тарбиятгарии омӯзгор дар ин маврид муҳим аст, агар омӯзгор салоҳиятнок набошад, ҳоҷати сухан дар бораи ташаккули салоҳиятҳои асосӣ нест!

Омӯзгор фаъолияти дар шаклҳои гуногун – инфиродӣ, дунафарӣ ё гурӯҳӣ ташкил намуда, фазои ягонагӣ ва иҷтимоишавии хонандагонро ба вуҷуд меорад, қобилияти эҳтироми фикри ҳамдигар, дар доираи мавзӯъ сухан гуфтанро ташаккул медиҳад, ба онҳо шароит фароҳам меорад, ки андешаҳои худро баён кунанд, мавқеи худ, нуқтаи назари худро дар мавриди зарурӣ иброз кунанд. Аз муносибати худкомагӣ омӯзгор даст мекашад. Ин гуна муносибатро дар хонандагон низ ташаккул медиҳад. Омӯзгори имрӯзаро зарур аст, ки хонандагонро ба зиндагӣ дар кураи Замин омода намояд. На танҳо ба шароити Тоҷикистони имрӯзаву оянда, зеро дар асри XXI кӯчиши одамон хеле доман паҳн кардааст. Шароити аз як кишвар ба кишвари дигар барои таҳсил, кор рафтани ҷавонон, шахсони баркамол авҷ гирифтааст. Ин боиси омезиш ва ба ҳам наздикшавии фарҳангҳо мегардад. Дар чунин шароит танҳо шахси салоҳиятнок метавонад муваффақ гардад. Вазъияти баамаломада на танҳо дигаргуниро дар барнома, инчунин дар китоби дарсӣ ва пеш аз ҳама дар муносибати омӯзгор талаб мекунад. Матнҳо ва маводе, ки хонанда бо онҳо кор мекунад, бояд инъикоскунандаи ҳаёти берун аз мактаб бошад.

Барои иҷрои онҳо омӯзгор чӣ тавр амал кунад? (чӣ дастур дошта бошад). Пеш аз ҳама, новобаста аз технологияе, ки омӯзгор истифода мебарад, ӯ бояд қоидаҳои зеринро дар ёд дошта бошад:

1. Асосӣ (муҳим) на он фаннест, ки шумо таълим медиҳед, балки шахсиятест, ки шумо ташаккул медиҳед. Шахсиятро фан ташаккул намедиҳад, балки омӯзгор бо фаъолияти худ, ки ба таълими фан вобаста аст, ташаккул медиҳад.

2. Барои тарбияи фаъолнокӣ вақту қувваро дареғ надоред. Хонандаи фаъоли имрӯза фардо аъзои фаъоли ҷомеа мешавад.

3. Ба хонандагон барои аз худ кардани методҳои самарабахши таълмӣ-маърифатӣ ёрӣ расонед, ба онҳо маҳорати худомӯзиро ёд диҳед.

4. Саволи «Барои чӣ»-ро бештар истифода бурдан лозим аст, то ки тафаккури онҳо рушд ёбад.

5. Дар ёд дошта бошед, ки медонад на оне (шахсе), ки нақл салоҳияти ин маҳорати татбиқи дониши назариявӣ дар амал аст;

6. Хонандагонро барои фикр кардан ва мустақилона амал намудан ворид кунонед (ба хонандагон фикр кардан ва мустақилона амал намуданро ёд диҳед);

7. Тафаккури эҷодиро тавассути таҳлили ҳаматарафаи дастовард ва ҳалли мушкилот инкишоф диҳед;

8. Ба хонандагон бештар банақшагирии фаъолияти хеш ва татбиқи онҳо дар амал нишон диҳед;

9. Барои таъмин дарки моҳият ва муҳтавои донишҳо аз нақшахо, ҷадвалҳо истифода баред;

10. Дар раванди таълим хусусиятҳои фардии ҳар як хонандаро ба инобат гиред, хонандагони сатҳи донишашон якхеларо дар зергурӯҳҳои тафриқавӣ (дифференсатсияшуда) (гуногун) муттаҳид намоед.

Барои беҳбудии сифати таълим роҷеъ ба муносибати босалоҳият, тарзҳои фаъолгардонии хонандагон дар дарс ва ташаккули салоҳияти шаҳрвандию ҷамъиятии онҳо зимни таълими фанҳои ҷомеашиносӣ корҳои зерин пешниҳод карда мешаванд:

- Тавсияи адабиётҳои иловагӣ ба хонандагон доир ба фанҳои ҷомеашиносӣ
- Истифодаи васоити аёнӣ дар раванди дарс (харитаҳои ҶТ, харитаи сиёсии ҷаҳон, тахтаи электронӣ, компютер, филмҳои мустанад доир ба таърихи тоҷик ва дастовардҳои давраи истиқлолият, муаррифиҳо ва ҳ.к.з.).
- Тавсияи омӯзиши Қарорҳои Ҳукумати ҶТ, Сарқонуни ҶТ, Паёмҳои Пешвои миллат, Президенти ҶТ мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, Қонунҳои Ҳукумати ҶТ доир ба мавзӯҳои гуногуни ҳаётӣ, чорабиниҳои гуногуни чамъиятӣ, таҷлили идҳои миллии кишвар ва ғ.
- Ташриф овардан ба осорхонаҳои кишваршиносӣ, таърихӣ ва шахсиятҳои таърихию сиёсӣ ва фарҳангии миллат, китобхонаи миллӣ ва муаррифии онҳо ҳангоми дарс барои хонандагон
- Тавсияи истифодабарии китобҳои электронӣ оид ба фанҳои ҷомеашиносӣ, истифодаи дурусти сомонаҳои гуногуни интернетӣ, фаҳмонидани ҷиҳатҳои мусбӣ ва манфии истифодабарии онҳо
- Аҳамияти истифодабарии технологияи иттилоотию иртиботӣ барои хонандагон дар дарс ва берун аз он, зарурати онҳо барои рушди фикрронӣ, малакаю маҳорати шахсият ва ҷойи худро дуруст муайян намудан дар ҷомеаи шаҳрвандӣ ва интихоби дурусти онҳо барои касбҳои оянда

Пас "аз нуқтаи назари педагогӣ салоҳиятнокӣ натиҷаи самарабахши таҳсилотест, ки шахс аз рафти он ба маҷмӯи салоҳиятҳо соҳиб мешавад. Ҳар як салоҳияти алоҳида маҷмӯи мураккаби амалҳоест, ки ҳамгиройии дониш, маҳорат, малака ва татбиқи онро дар назар дорад" [1,36].

Бояд қайд кард, ки ташаккули ҳамагуна салоҳият дар таълим бояд дар асоси методи таълимии хонанда-меҳвар ба роҳ монда шавад. Зеро мақсади асосии таълим дар амал татбиқ намудани механизми дониш, малака ва маҳорат ва ҳамчун шахсият дар ҷамъият рушд намуда фаъолият кардани хатмкунандагони муассисаҳои таълимӣ мебошад.

## АДАБИЁТ:

1. Гулмадов Ф. Ташаккули салоҳиятҳои хонандагон-омили баланд гардидани сифати таҳсилот. /Татбиқи муносибати босалоҳият ба таълим дар муассисаҳои таълимӣ: Маводи конференсияи

илмӣ-амалӣ бахшида ба Рӯзи Ваҳдати миллӣ, Душанбе, 29 июни соли 2018. Душанбе, “Ирфон”-2018.
2. Делор Ж. Образование: сокрытое сокровище. UNESCO,1996.
3. Зиёӣ Х.М. Муносибати босалоҳият ба таълим: Масъалаҳои умуминазариявӣ ва роҳҳои татбиқи амалӣ. Душанбе, 20018.-110 с.
4. Зиёӣ Х.М. Роҳҳои татбиқи таҳсилоти босалоҳият дар зинаи касбӣ. Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалии татбиқи муносибати босалоҳият ба таълим дар муассисаҳои таълимӣ. Душанбе, “Ирфон”, 2018.
5. Лутфуллозода М. Андешаҳо перомуни салоҳиятҳо ва ташаккули онҳо. Душанбе, 2017.- с.
6. Муносибати босалоҳият ба таълим(дастури методӣ). Мураттибон: Ғ.Бобизода, Д. Имомназаров, Ш. Исрофилниё, А. Байзоев.-Душанбе: “Ирфон” 2018.-72 с.
7. Туронов С. Муносибати босалоҳият дар таҳсилоти касбӣ. Душанбе, 2018.126 с.
8. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2012. №334 “Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020”. Душанбе, 2012.

**И.Гадоев**

## СПОСОБЫ АКТИВИЗАЦИИ УЧАЩИХСЯ НА ЗАНЯТИЯХ И ФОРМИРОВАНИИ У НИХ ГРАЖДАНСКОЙ И СОЦИАЛЬНОЙ КОМПЕТЕНТНОСТИ ПРИ ПРЕПОДАВАНИИ СОЦИАЛЬНЫХ НАУК

В статье рассматривается формирование гражданской и социальной компетентности студентов при обучении общественным наукам. При этом автор подчеркивает, что формирование у студентов гражданской и социальной компетентности обеспечивает процесс личностного развития, развитие самозащиты, самообразования, самосовершенствования, самостоятельного мышления и, в конечном итоге, развитие полноценной личности. В статье перечислены типы формирования социальной компетентности студентов: ценностная компетентность, общекультурная компетентность, образовательная компетентность, информационная компетентность, коммуникативная компетентность, социально-трудовая компетентность и компетентность к самосовершенствованию личности. Все это, в целом, способствует развитию социальной компетентности учащихся на уроках.

***Ключевые слова:*** *компетенция, социальная, образовательная, читательская, формирование, познавательная, информационная, социальная, трудовая, коммуникативная, ценностная, культурная.*

**I. Gadoev**

## WAYS TO ACTIVATE STUDENTS IN THE CLASSROOM AND FORM THEIR CIVIC AND SOCIAL COMPETENCE IN TEACHING SOCIAL SCIENCES

The article examines the formation of civil and social competence of students in teaching social sciences. At the same time, the author emphasizes that the formation of civic and social competence among pupils ensures the process of personal development, the development of self-defense, self-education, self-improvement, independent thinking and, ultimately, the development of a full-fledged personality. The article lists the types of pupils' social competence formation: value competence, general cultural competence, educational competence, information competence, communicative competence, social and labor competence and competence for personal self-improvement. All this, in general, contributes to the development of social competence of pupils in the classroom.

***Keywords:*** *competence, social, educational, reading, formation, cognitive, informational, social, labor, communicative, value, cultural.*

**Сведения об авторе:** Гадоев Идибек Баротович - научный сотрудник отдела начального и среднего профессионального образования Института развития образования имя Абдурахмони Джоми Академии образования Таджикистана, адрес: 734024, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица С. Айни, 126. Тел: (992) 904 11 00 99, эл. Почта: gadoev.idibek@bk.ru

**Information about the author:** Gadoev Idibek Barotovich - Researcher of the Department of Primary and Secondary Vocational Education, Institute for the Development of Education. Abdurahmoni Jomi of the Academy of Education of Tajikistan, address: 734024, Republic of Tajikistan, c. Dushanbe, S. Aini street, 126. Tel: (992) 904 11 00 99, E-mail. gadoev.idibek@bk.ru

Г. САЛОҲИДДИНОВА

## МАХСУСИЯТҲО ВА МУШКИЛОТИ ТАЪЛИМИ ЗАБОНИ АНГЛИСӢ ДАР МАКТАБҲОИ КАМНУФУС

Бинобар хусусиятҳои ҷуғрофии деҳот ва шароити иҷтимию иқтисодии Тоҷикистон дар кишвар то ҳанӯз шумораи зиёди мактабҳои камнуфус ҳамчун мактаби таҳсилоти умумӣ бо шумораи ками хонандагон, маҷмӯаҳои синфҳои якҷоя ва бо шакли хосси ташкили машғулиятҳо фаъолият карда истодаанд. Рушди мактаби камнуфуси муосир яке аз самтҳои афзалиятнок дар соҳаи маориф дониста мешавад ва дар ин самт ба роҳ мондани таълим, махсусан омӯзиши забони англисӣ дар асоси роҳу усул ва воситаҳои нави таълими муосир вазифаи умдаи омӯзгрони ин равия маҳсуб меёбад.

Саволе ба миён меояд, ки хусусиятҳои кори муаллими забони англисӣ дар мактаби камнуфус бояд чи гуна бошад? Бояд тазаккур дод, ки кор дар чунин муассисаҳо ғайримуқаррарӣ, бениҳоят душвор, ва таваҷҷуҳталаб аст.

Хусусияти асосии мактабҳои камнуфус дар "understaffing"- муттаҳидсозии амудии хонандагони ду, се, чор синф ба як синф ифода меёбад ва маҳз ин ҷиҳат хусусияти сохтани мундариҷа, шаклҳои ташкили раванди таълим, аз ҷумла таълими забони англисиро муайян мекунад. Маҳз ҳамин ҷиҳатҳо боис мешаванд, ки мо душвориҳои омӯзиши забони хориҷиро муайян созем. Аз ҷумла: барпо гардидани дарсҳо дар якҷоягӣ бо кӯдакони синну соли гуногун, набудани усули таълими забони хориҷӣ дар синфҳо; набудани барномаи таълимӣ; барномаҳои таълими забонҳои хориҷӣ; китобҳои дарсии хосса ба мактабҳои камнуфус нигаронидашуда; дастурҳои иловагии таълими забони хориҷӣ бо назардошти хусусиятҳои таълим дар мактабҳои камнуфус ва шумораи ками хонандагони онҳо. Новобаста аз мушкилиҳои номбаршуда ва сатҳи пасти шароити иқтисодии деҳот шавқу рағбати таҳсилгирандагон ба омӯзиши забонҳои хориҷи хеле зиёд мушоҳида карда мешавад. Аз ин рӯ, зарур аст, ки як қатор хусусиятҳои таълими забони хориҷӣ дар мактаби камнуфус нишон дода шавад. Мактаби камнуфуси асри XXI чист? Чиро ва чӣ гуна ба хонандагон дар мактаби камнуфус таълим додан мумкин аст? Бояд қайд кунем, ки одаме, ки дар сари миз нишастааст, чи гуна хоҳад буд? Имрӯз ӯро чӣ нигарон мекунад? Ба чеҳраҳои хонандагони деҳот назар афканем, ба ин саволҳо посух мегирем ва фавран андеша мекунем, ки чӣ гуна машғулиятҳо дар синф ташкил кунем, то онҳо дарси ибратомӯзе гарданд? Чӣ гуна "ниёз" -и муаллим метавонад ба "ниёз" ва "хоҳиши" хонанда табдил ёбад? Барои рушди хонанда ва ҳифзи саломатии ӯ бояд чӣ гуна шароит муҳайё карда шаванд? Барои фарогирии таҳсил чӣ бояд кард? Муаллими муосир бояд на танҳо раҳбарӣ кунад, балки хонандагонро низ ба фаъолият ҷалб кунад, онҳоро ҳам пеш барад Асосгузори сулҳу ваҳдаи миллӣ, Пешвои миллат-Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар паёми навбатии худ бевосита ин нуктаро низ таъкид намудаст: «Агар омӯзгор сатҳи баланди касбӣ надошта бошад, мо ҳеҷ гоҳ ва бо ягон восита сифати таълиму тарбияро беҳтар карда наметавонем». [1 с.27].

Дар мактаби камнуфус 2/3 вақти дарс барои кори мустақил ва танҳо 1/3 барои кор таҳти роҳбарии муаллим ҷудо карда мешавад. Аз ин рӯ, бо мақсади беҳтар кардани сифати таълим дар мактабҳои камнуфус ва ҳавасмандгардонии хонандагон, ба андешаи мо, ворид кардани технологияҳои инноватсионии педагогӣ ва дар заминаи онҳо ба роҳ мондани таълими забони англисӣ дар мактабҳои камнуфус қобили қабул аст. Бояд қайд кард, барои баланд бардоштани сифати таълим ва ҳавасмандкунии хонандагон дар мактабҳои камнуфус на ҳама технологияҳои муосир дар гузаронидани дарс самаранок анд.

Истифодаи технологияҳои компютерӣ дар таълим, бахусус дар таълими забонҳои хориҷӣ, муносибати таҳияи маводи таълимиро дар ин фан ба таври назаррас тағйир дод. Технологияҳои педагогии муосир барои мактабҳои камнуфус усулҳои зерро пешбинӣ менамояд:

- усули коллективии таълим;
- омӯзиши забон тавассути ҳамкорӣ;
-иттилоот ва коммуникатсия дар заминаи истифодаи технологияҳои иттилоотӣ;
-муқоисаи сатҳи азхудкунии забони хориҷӣ дар байни хонандагон. [2.с.11].

Мутаассифона, дар шароити деҳоти ҷумҳурӣ истифодаи технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ дар таълими забонҳои хориҷӣ ҷавобгӯйи талаботи имрӯза нест, ки ин ҳам сабабҳои иқтисодӣ ва иҷтимоии худро дорад. Чунончӣ:

- заминаи дахлдори моддию техникӣ хоҳиши кӯдакон ва омӯзгорони мактабҳои деҳот, махсусан, мактабҳои камнуфусро дастгирӣ намекунад; (заминаи сусти моддию техникӣ);
- набудани барномаҳои таълимӣ барои омӯзгорон оид ба ташкили ҷараёни таълим дар шароити мактаби камнуфус;
- сарбории зиёди омӯзгорон;
- зуд иваз шудани ҳайати омӯзгорон;
- набудани ташкили марказҳои таълими иловагӣ ва марказҳои фарҳангӣ;
-дар равиши дарс, ҳангоми баррасии мавзӯъ бо як синф, синфи дигар ба таври худкор аз кори пешниҳодшуда парешон мешавад;
- тайёр набудани ҷомеаи волидайн барои дарк кардани он, ки дар мактаби камнуфус хонандагон бояд мустақилона кор кунанд.

Мушкилиҳои дар боло нишондода шуда пеш аз ҳама ба таълими забони англисӣ, ки бояд дар пояи технологияи навтарини иттилоотӣ ва тахти таълими мутахассиси соҳибкасб раҳандозӣ шавад, тааллуқ доранд.

Барои ҳалли ин мушкилот дар доираи мактабҳои камнуфус истифодаи технологияҳои педагогие, ки ба сатҳи азхудкунии забон ва муқоисаи ин сатҳ дар байни хонандагон равона карда мешавад, омӯзиши синну соли гуногун, тафаккури интиқодӣ, усули дастаҷамъонаи таълим, омӯзиши муттамарказшуда, модулӣ, омӯзиши лоиҳавӣ, иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ ва дигарҳо мувофиқи мақсад аст. Зеро татбиқи технологияҳои инноватсионии таълимӣ шарти мӯд набуда, балки зарурати тақозои замон аст. [3. с.12]. Аз ин рӯ, муаллими мактаби камнуфус бояд раванди нави бароҳати таълимро эҷод созад, системаи таъсиррасони таълимро таҳия кунад, сайъ кунад, ки ақалан каме бошад ҳам, ин мактабро ба мактаби замонавӣ наздик кунад. Чунин таҳаввулот ҳамеша ба рушди технологияҳои нави таълим ҳамчун маҷмӯи усул ва усули анъанавӣ ва инноватсионӣ асос меёбад. Он бояд аз ҷониби омӯзгоре, ки технологияҳои нави таълимиро тавассути иттиҳодияи методии омӯзгорон такмил додаст, тавассути такмили ихтисосаш барои кор дар шароити мушаххаси мактаб таҷдид карда шавад. Зеро «тавассути технологиякунонии ҷузъҳои ҷараёни таълим якпорчагӣ, мураккабӣ ва пешгӯйии натиҷаҳоро ба даст оварда, дараҷаи баланди муттасилии ҳамаи сатҳҳои таҳсилро дар асоси барномаҳои таълимии интегратсионӣ таъмин кардан мумкин аст [ 4. с.3-4 ].

Вазифаи асосӣ барои таълими забони англисӣ ва инчунин забони русӣ дар мактабҳои камнуфус чун дигар муассисаҳоии таҳсилоти миёнаи умумӣ ташаккули салоҳиятҳои коммуникативии забони бегона мебошад, ки он барои оянда самт гирифтани хонандагон дар муҳити бегоназабон имкон фароҳам оварда, барои ташаккули муқобилат нишон додан дар бозори ҷаҳонии меҳнат мусоидат менамояд. Аз ин рӯ, нақши фанни забони англисӣ дар мактабҳои камнуфус бояд хеле боло бардошта шавад. Вале, боиси таассуф аст, ки новобаста аз мушкилоти номбаркардашуда, дар мактабҳои камнуфус роҳҳои самарабахштарини таълими забонҳои хориҷиро дар ҳоли теъдоди ками соатҳои барои ин фан ҷудокардашуда ва сатҳи пасти забондонии омӯзгорон ҳал намудан душвор аст. Барои мо он чиз муҳим аст, ки омӯзиши забони англисӣ дар 2 соат дар як ҳафта бесамар аст: танаффусҳои тӯлонӣ дар байни синфҳо боис мешаванд, ки хонандагони синну соли хурд луғати омӯхтаи худро тамоман фаромӯш кунанд, ба ташаккули малакаҳои дурусти талаффуз роҳ надиҳанд, сохторҳои грамматикиро ба ёд наоранд. Ин ба суст шудани таваҷҷӯҳ ва шавқу рағбат ба забономӯзӣ оварда мерасонад. Мо тарафдори онем, ки 90 соат дар як сол беҳтарин вариантест барои таълими забони англисӣ, он ки т дар тамоми ҷаҳон эътироф шудааст. Бояд қайд кунем, ки аксари китобҳои дарсии Ғарб 90 соат доранд. Стандарти давлатии таълим низ ба эътибор гирифтани хусусиятҳои касбиро зимни омӯзиши забони хориҷӣ, ба хусус забони англисӣ, мақсади дар амал татбиқ намудани вазифаҳои онро дар фаъолияти минбаъдаи хатмкунандагони мактаб тақозо менамояд.

Аз ин рӯ, яке аз воситаҳои муҳимми баланд бардоштани сифати раванди таълим дар самти забономӯзӣ ва дар сатҳи лозима аз худ кардани донишҳо роҷеъ ба забони хориҷӣ дар мактаби камнуфус, ташаккули малака ва қобилияти онҳо, истифодаи технологияҳои нави педагогӣ, аз қабили "Magic English мебошад, ки роҷеъ ба он баъдтар сухан хоҳем ронд.

**АДАБИЁТ:**

1. .Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, "Дар бораи самтҳои сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон".ш.Душанбе, 22 декабри соли 2017.

2. Подзорова С.В. «Современная сельская малокомплектная школа: проблемы и пути их решения ». Научно-методический журнал
3.«Сибирский учитель»- 2008, №3, с.57. Полат Е.С. Новые педагогические и информационные технологии в системе образования, М. Издательский центр «Академия», 2002.
4. Решение проблем МКШ, http://vsa.kaznpu.kz/. 10.Сманов К.Б. "Современные технологии обучения и воспитания в малокомплектной школе", http://kollegi.kz/.
5.Барномаи давлатии такмил ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2004-2014.
6.Зимняя И. Ключевые компетеции как компонент личностно-ориентированной парадигмы образования. Народное образование-47.2003.№2.
7.Ижогина Т. И. "Magic English"-2003г.-издательство «Феникс».
8.Камынова Т.П. К вопросу о преодолении «коммуникативного барьера»/ Т.П.Камынна// материалы российской конференции «Профессиональное образование в высшей школе: проблемы и перспективы /Коллектив авторов. Под общей редакции проф. В.Е.Шевченко - Воронеж: ВГАУ, 2002.-С.210-213.
9.Петров Д. «Полиглот» видеокурс 2011г.

**Г. Салохиддинова**

## ОСОБЕННОСТИ И ПРОБЛЕМЫ ИЗУЧЕНИЯ АНГЛИЙСКОГО ЯЗЫКА В МАЛОКОМПЛЕКТНЫХ ШКОЛАХ

В данной статье рассматриваются особенности преподавания английского языка в малокомплектных школах и проблемы организации обучения в этой сфере. В современных условиях основной задачей обучения английскому языку является развитие коммуникативных компетенций иностранного языка. Автор статьи утверждает, что одна из самых актуальных и сложных проблем в изучении английского языка в малокомплектных школах - это нехватка времени. Также было отмечено, что использование современных технологий обучения, новых подходов и использование инновационных технологий позволит учителям малокомплектных школ обеспечить учащихся необходимым уровнем учебных материалов и требованиями современных программ.

***Ключевые слова:*** *малокамплектная школа, английский язык, обучение, ученик, компетентность, умение, навыки, общение, технологии, информация, специализация.*

**G. Salohiddinova**

## FEATURES AND PROBLEMS OF LEARNING THE ENGLISH LANGUAGE IN SMALL SCHOOLS

This article examines the features of teaching English in small schools and the problems of organizing training in this area. In modern conditions, the main task of teaching English is the development of the communicative competencies of a foreign language. The author of the article claims that one of the most pressing and difficult problems in learning English in small schools are the lack of time. It was also noted that the use of modern teaching technologies, new approaches and the use of innovative technologies will allow teachers of small schools to provide students with the necessary level of educational materials and the requirements of modern programs.

***Keywords:*** *small school, English, teaching, student, competence, ability, skills, communication, technology, information, specialization.*

**Маълумот дар бораи муаллиф:** Салоҳиддинова Гулнора Нарзуллоевна – 1991 соли таваллуд, ходими калони илмии Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, нишонӣ: шаҳри Душанбе, кӯчаи Айнӣ, 126, E.mail: gulnor1006@mail.ru

**Information about the author: Salohiddinova Gulnora Narzulloevna** Researcher of the Institute for Educational Development named after Abdurahmon Jomi of the Academy of Education of Tajikistan, address: 734024, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 45C Aini St. E.mail: gulnor1006@mail.

# 20-СОЛАИ ОМӮЗИШ ВА РУШДИ ФАНҲОИ ТАБИАТШИНОСӢ, ДАҚИҚ ВА РИЁЗӢ ДАР СОҲАИ ИЛМУ МАОРИФ
# 20-ЛЕТИЕ ИЗУЧЕНИЯ И РАЗВИТИЯ ЕСТЕСТВЕННЫХ, ТОЧНЫХ И МАТЕМАТИЧЕСКИХ НАУК В СФЕРЕ НАУКИ И ОБРАЗОВАНИЯ
# 20TH ANNIVEҚSAҚY OF THE STUDY AND DEVELOPMENT OF NATUҚAL, EXACT AND MATHEMATICAL SCIENCES IN THE FIELD OF SCIENCE AND EDUCATION

МАҲКАМОВА М.

## БАЪЗЕ АНДЕШАҲО ДОИР БА ХУСУСИЯТҲОИ ХОСИ ТАЪЛИМИ МАТЕМАТИКА ДАР СИНФҲОИ ИБТИДОӢ

Вобаста ба ҷаҳонишавии мазмуни таҳсилот соҳаи маориф дар даврони соҳибистиқлолии ҷумҳурӣ ислоҳоти ҷиддиро дар самти амалӣ сохтани мазмуни нави таълим, аз қабили гузариш ба технологияҳои нави таълим, ворид намудани муносибатҳои нав ба таълим ва монанди ин ҷорӣ намуда истодааст. Қайд намудан зарур аст, ки барои ворид намудани ин тағйирот пеш аз ҳама омӯзиш ва истифодаи амалии мероси мутафаккирони бузурги форсу тоҷик вобаста ба таълими математика, ки таҳлили он дар асарҳои олимони ҳам хориҷӣ ва ҳам ватанӣ дар даврахои гуногун инъикос шудаанд, ҳамчунин таҳлили хусусиятҳои хоси таълим барои ғанӣ гардонидани методикаи таълиму омӯзиш ва арзёбӣ хеле муҳим мебошад.

Таҳлили стандарти фаннӣ нишон медиҳад, ки дар он хусусиятҳои хоси таълими математика, пайдарҳамии ҷараёни таълиму дурнамои он ишора шуда, масъалаҳои асосии таълими фан дарҷ гаштааст: "Курси математикаи мактаби таҳсилоти ибтидоӣ хусусиятҳои ба худ хос дошта, масъалаҳоеро ҳаллу фасл мекунанд, ки пайдарҳамии ҷараёни таълим ва дурнамои онро таъмин менамояд. Вазифаҳои асосии курси математикаи мактаби ибтидоӣ аз инҳо иборатанд:

–ташаккули тасаввурот оид ба ададҳои натуралӣ, малакаҳои устувори ҳисоб бо ададҳои натуралӣ ва нул, таълими татбиқи ададҳои натуралӣ дар ҳалли масъалаҳои амалӣ;

–фарогирии таҷрибаҳои аввалини амалиёти математикӣ, ки ба шаклҳои геометрӣ, тасвири онҳо, ченкунии бузургиҳои геометрӣ ва муодилаю нобаробарӣ вобастаанд;

–ташаккул додани малакаҳои ибтидоии шарҳи амалиёти фардӣ ва инкишофи малакаҳои шифоҳӣ, таълими истифодаи аломатҳо ва номҳои асосӣ;

–мусоидат ба инкишофи шахсияти кӯдак, инкишофи тафаккур, ташаккули фаъолии интеллектуалӣ ва коммуникативии мактабиён;

–ёрӣ ба ташаккули тасаввурот оид ба математика ҳамчун илм, ба ҷамъбасти ҳодисаҳои воқеӣ ва дарки муҳити воқеӣ;

–ташаккули дониш, маҳорат ва малакаҳое, ки барои хонанда дар ҳаёт ва давом додани таҳсил дар мактаби асосӣ заруранд"[14,с.35].

Таҳлили адабиёти илмию методӣ доир ба методикаи таълими математика дар синфҳои ибтидоӣ нишон медиҳад, ки самтҳои дар боло ишорашуда, далели хусусиятҳои хоси фанни мазкур мебошанд. Дар самти методикаи таълими математика дар синфҳои ибтидоӣ пажӯҳишгарони рус П.У. Байрамукова, С,А. Зайцева, Л.П. Стойлова, А.В. Белошистая, муҳаққиқони тоҷик М. Нугмонов, Г. Собиров, Э. Ҷонмирзоев,Қ.Т.Бурҳонов ва дигарон гарчанде ақидаҳо гуногунро иброз дошта бошанд ҳам, аммо муҳимияти омӯзиши ин самтҳоро ба таври хос дар корҳои худ инъикос намудаанд. П.У. Байрамукова ба масъалаҳои ташаккули муносибати эҷодӣ ба таълими математикаи хонандагони синфҳои ибтидоӣ, қобилияти баҳодиҳии системаҳои гуногуни пешниҳоди мавод аз нуқтаи назари педагогика, психология ва дидактика барои омӯзгоронро пешниҳод намудааст. Ӯ сохтори курси математикаи синфҳои ибтидоиро дар шаш хусусият мебинад, ки чунин дарҷ намудааст: "Курси математикаи ибтидоӣ хусусиятҳои хоси сохтории худро дорад.

Хусусияти 1. Маводи арифметикӣ мазмуни асосии курсро ташкил медиҳад...

Хусусияти 2. Маводи курси ибтидоӣ консентриенталӣ (дорои маркази умумӣ) оварда мешавад...

Хусусияти 3. Масъалаҳои назария ва саволҳои дорои хусусияти амалӣ ба ҳам алоқамандананд ...

Хусусияти 4. Мафҳумҳои математикӣ, хосиятҳо, қонуниятҳои он дар алоқамандӣ омӯхта мешаванд ...

Хусусияти 5. Курси математика тавре таҳия шудааст, ки дар раванди омӯзиш ҳар як мафҳум рушди худро дорад ...

Хусусияти 6. Таҷриба нишон дод, ки масъалаҳо ва саволҳои ба ҳам алоқамандро дар муқоиса баррасӣ намудан мувофиқи мақсад аст"[12,с.9-12].

Муҳаққиқи рус С.А.Зайтсева бошад, дар масъалаи методикаи таълими "масъалаҳои матнӣ" дар системаи гуногуни омӯзиш, ҳамчунин ташаккули малакаҳои мустақилонаи ҳал карда тавонистани "масъалаҳои матнӣ" дар асоси моделсозӣ таваҷҷуҳи бештар намудааст. Тибқи андешаҳои ин муҳаққиқ дар доираи дилхоҳ мавзӯъ малакаи хонандагон тавассути машқҳое, ки системаи мукаммали пайдарпайи дошта, супориш қадам ба қадам душвор мегардад, ташаккул дода мешавад. Аз ҷумла, чунин дарҷ мекунад: "Малакаҳо тавассути машқҳо ташаккул меёбанд ва мустаҳкам карда мешаванд, ки онҳо бояд системаи аниқи вазифаҳои нисбатан мураккабро таъмин кунанд ва набояд маҷмӯи тасодуфии амалҳои монанд бошанд"[6,с.14].

Яке аз аввалин докторони илм дар соҳаи назария ва методикаи таълими математика дар ҷумҳурӣ Мансур Нуъмонов буда, дар самтҳои сохтори системаи методии таълими математика, фалсафа ва методологияи таҳсилот, фалсафа ва таърихи математика, робитаи байнифаннӣ, проблемаҳои муосири дидактика, психологияи математика саҳми беназир гузоштааст. Махсусан, қайд намудан зарур аст, ки монографияи Нуъмонов М. "Асосҳои назариявӣ ва методологии методикаи таълими математика ҳамчун илм" саҳми арзандест барои муҳаққиқон ва омӯзгорон дар илми тоҷик. Ба ақидаи муаллиф хусусиятҳои методикаи таълими математика ҳамчун илм қонуниятҳои раванди омӯзишро таҳқиқ намуда, бунёди методика, тавассути ба роҳ мондани фаъолияти нав бо назардошти тағйир додани фаъолияти мавҷудбуда ба амал меояд. "Ҳамзамон, барои назариётчӣ (олим-методист) ва барои онҳое, ки ба фаъолияти методӣ машғул ҳастанд, методика пеш аз ҳама ҳамчун воситаи муайян кардани хусусияти донишҳои тавлидшуда амал мекунад. Азбаски маъно ва мақсади методика ҳамчун тавсифи фаъолияти таълимӣ муайян карда мешавад, мутаносибан метавон тахмин кард, ки он ҳамчун як нишондод амал карда, таҳияи фаъолиятро аз унсурҳое, ки дар методика аллакай маълуманд, имкон медиҳад"[10,с.134].

Ба ҳалли масъала ҳамчун таркиби асосии таълими математикаи синфҳои ибтидоӣ низ муҳаққиқон таваҷҷуҳи зиёд намуда, роҳҳои осон гардонидани ин самти корро дарҷ менамоянд. Яке аз муҳаққиқони тоҷик Қ.Т.Бурҳонов дар яке аз мақолаҳо мушоҳида ва таҷрибаҳои худро роҷеъ ба методикаи ҳалли масъалаҳо доир ба ҳаракат дар синфҳои ибтидоӣ чунин баён мекунад: "Мушоҳидаҳои якчандсолаи муаллиф ва таҷрибаи пешқадами муаллимони синфҳои ибтидоӣ нишон дод, ки дар вақти ҳалли масъалаҳо доир ба ҳаракат дар синфҳои ибтидоӣ бо тарзи схемавӣ ҳал кардан мақсаднок мебошад, чунки дар схема ҳамаи самтҳои ҳаракатҳо нишон дода мешавад ва дар як вақт таффакури мантиқии хонандагони хурдсол бедор мешавад"[4,с.7].

Вобаста ба таҳлили талаботи стандарт ва барномаи фанни математикаи синфи ибтидоӣ маводи геометрӣ низ як ҷузъи таркиби омӯзиши ин фан аст. Барои беҳтар ба роҳ мондани таълими он тайи солҳои тӯлонӣ олимон кор мебаранд ва роҳҳои гуногунро пешниҳод менамоянд. Қисме аз олимон бар ин андешаанд, ки дар баробари пайдо кардани тасаввуроти аввалини геометрӣ дар ин самт, мақсадҳои муҳимми дигари кор бо маводди геометрӣ истифодаи он ҳамчун яке аз воситаҳои визуализатсия ҳангоми баррасии баъзе далелҳои арифметикӣ мебошад. Илова бар ин, дар марҳилаи ибтидоии омӯзиши математика робитаи байни арифметика ва геометрия ба роҳ монда мешавад, то доираи донишҳои арифметикии аз ҷониби хонандагон бадастомада васеъ карда шавад.

Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки гарчанде маводди геометрӣ дар тамоми солҳои таҳсили синфҳои ибтидоӣ омӯхта шаванд ҳам, аммо ташаккули баъзе малакаҳои амалии он вобаста ба сохтани фигураҳо (шаклҳо)-и геометрӣ ва андозагирӣ дар хонандагон хеле заиф рушд ёфтаанд. Агар яке аз сабабҳои асосии ин омил тарзи таълими анъанавӣ боис шуда бошад (дар назар аст, ки омӯзгорон танҳо ба омӯзиши маълумоти назариявии маводи геометрӣ бештар таваҷҷуҳ мекунанд), ба назари мо паҳлӯи дигари он дар муайян накардани мушкилоти хонандагон ва саривақт нарасонидани кумакҳо аз ҷониби омӯзгор мебошад. Таҳлили сарчашмаҳо нишон медиҳанд, ки ин мушкилот ҳатто солҳои тӯлонӣ идома дорад ва дар ин масъала Ю.М. Колягин низ чунин менигорад: "Таҷриба нишон медиҳад, ки сарфи назар аз мавҷудияти маводи геометрӣ дар курси математикаи синфҳои

I-III, аксарияти хонандагон дар охири синфи III дар бораи мафҳумҳои геометрӣ танҳо маълумотҳои аввалиндараҷаро медонанд, ки дар синфҳои ибтидоӣ гузаштаанд.

Илова бар ин, маълумотҳои мазкур хусусияти парокандагии (фрагментии) азхудкунӣ доранд. Хонандагон дар бораи истилоҳҳои геометрии дар барнома пешбинишуда дониши кофӣ надоранд, ҳамчунин онҳо на ҳамеша хусусиятҳои асосии шаклҳои геометрии маъмулро фарқ карда метавонанд. Масалан, хонандагони синфҳои ибтидоӣ аксар вақт тафовути байни хати рост ва хати шикаста, росткунҷаю квадрат ва ғайраҳоро фарқ намекунанд”[9,с.177].

Бояд қайд намуд, ки таҳлили сарчашмаҳои таърихӣ ва илмӣ нишон медиҳанд, ки саҳми донишмандони асримиёнагии форсу тоҷик дар рушду нумӯи илми математика хеле назаррас аст. Онҳо кӯшиш ба харҷ медоданд, ки шогирдони худро ба масъалаҳои моҳияти илмидошта ҷалб намуда, барои ҳалли вазифаҳои риёзии дар ҳаёти рӯзмарра ба вуҷуд омада равона намоянд. Муҳаққиқон Сираждинов С.Х. ва Матвиевская Г.П. доир ба нақши Ал-Хоразмӣ дар рушди масоили илмии арифметика, алгебра, геометрия чунин менигоранд: “Рисолаи арифметикии Ал-Хоразмӣ ба рушди илм дар кишварҳои Шарқ ва сипас дар Аврупо таъсири бузург гузошт. Он ба модели асосӣ табдил ёфт, ки тибқи он дар тӯли асрҳо олимони шарқ китобҳои дарсиро оид ба арифметика навиштаанд”[13,с.23].

Ривоҷу равнақи илмҳои дақиқ дар кишварҳои Шарқ, махсусан саҳми мутафаккирони тоҷик диққати тамоми олимони ҷаҳонро ба худ ҷалб намуда, барои омӯхтан, таҳлил ва таҳияи рисолаҳои илмӣ заминаи воқеӣ гузоштааст. Ба масоили мазкур рисолаҳо, китобҳои таълимию методӣ ва мақолаҳои хеле арзишмандро олимони даврони Шӯравӣ таълиф намудаанд. Яке аз чунин муҳаққиқон - таърихнигори илми даврони Шӯравӣ, доктори илмҳои физика ва математика А. П. Юшкевич ба шумор меравад. А.П. Юшкевич дастовардҳои математикаи Шаркро бо Аврупо муқоиса карда, баҳои воқеъбинона ба он пешниҳод мекунад. Махсусан, ба масъалаи он ки дар пешрафти илми математика аксари олимон нақши математикони форсизабононро бо арабҳо омехта менамоянд, онро ба дурустӣ арзёбӣ мекунад. Нуқтаи муҳимми дигари таҳқиқ ва муқоисаи ташаккули омӯзиши математикаи замони гузаштаи Шарқ ва Аврупо, ки А.П. Юшкевич дарҷ намудааст, дар ҷойи аввал гузоштани арифметикаи амалӣ мебошад. Ӯ чунин менигорад: “Муқоиса кардани математикаи Осиёи Марказӣ бо математикаи аврупоии асрҳои X - XV ба мо имкон медиҳад, ки дастовардҳои Шарқи асрҳои миёнаро ба таври возеҳ арзёбӣ кунем. Ҳам дар ин ҷо ва ҳам дар он, арифметикаи амалӣ дар ҷои аввал гузошта мешуд ва ташкили системаи мавқеи ҳисобкунӣ бо кушодани касрҳои даҳӣ ба поён мерасад”[8,с.486].

Бояд қайд намуд, ки таҳқиқоти таърихию математикии А. П. Юшкевич барои равшан намудан якчанд паҳлӯҳои инкишофи илмҳои табиию риёзӣ ва саҳми мутафаккирони Шарқ дар он барои мо арзиши бебаҳо дорад. Ӯ қайд менамояд, ки барои таҳқиқи ҳамаҷониба ва баровардани хулосаҳои зарурӣ доир ба саҳми мутафаккирони Шарқ бо дастхатҳои кам ва қисман барояш дастрас такя намудааст. Аз ин рӯ, пешниҳод намудааст, ки чунин дастхатҳо бештар дастрас намуда, аз нигоҳи интиқодӣ таҳқиқ ва омӯхта шаванд. Ҳамчунин, пешниҳод менамояд, ки барои дастрасии дастхатҳои бо забонҳои арабӣ ва форсӣ мавҷуд буда, онро дар бойгониҳо гурӯҳбандӣ намуда, сипас барои мукаммал омӯхтан ва нашри он кӯшиши пайваста ба харҷ дода шавад. А. П. Юшкевич инчунин дарҷ менамояд, ки ба дер шуҳрати ҷаҳонӣ пайдо кардани кашфиётҳои бузургтарини математикҳои Осиёи Марказӣ шиддат ёфтани парокандагӣ байни давлатҳо, махсусан давлтаҳои мусалмонӣ дар асри XI сабаб гаштааст: “Дар тӯли асрҳо, математикаи Осиёи Марказӣ ба рушди математикаи аврупоӣ таъсири муассире расонид, ки дастовардҳои онро бо осонӣ ва зудтар азхуд карданд, зеро он бо талошҳои шабеҳ ҳамҷоя карда шуда буд. Танҳо аз он изҳори пушаймонӣ кардан мумкин аст, ки аз асри XI бо сабаби шиддат ёфтани парокандагӣ ҳама чиз байни ҷаҳони мусулмонӣ ва Аврупо ва ҳатто байни мусалмонони Ғарбу Шарқ, бисёре аз кашфиётҳои бузургтарини математикҳои Осиёи Марказӣ, аз қабили Хайём, Ғиёсиддин, Улуғбек, қисман Носириддин (Носириддини Тусиро дар назар дорад – шарҳи мо), вақте дар Аврупо шӯҳрат пайдо карданд, ки онҳо аллакай аз тарафи илмҳои аврупоӣ аз нав дарёфт карда шуданд”[8,с.486].

Абӯрайҳони Берунӣ дар таърихи тамаддуни инсоният, махсусан дар илмҳои математика, астрономия, география, геодезия, геология, минерология, илмҳои тиб, таърих, филология, таърихи дин, фалсафа ва монанди ин, ки дар соҳаи илму маърифати замонаш омӯхта мешуд, мақоми хосе ишғол кардааст. Берунӣ аз худ осори гаронбаҳое боқӣ гузоштааст, ки онҳо ба пешрафти илми асрҳои миёна таъсири муайяне расонида, кӯшиш ба

харҷ додааст то назария ва амалияи илмро ба ҳам пайвандад. Барои муҳаққиқон дар соҳаи омӯзиши арифметика "Китоб-ут-тафҳим ли авоили саноат-ит-тинҷим"- и Берунӣ, ки онро ба ду забон – арабӣ ва форсии дарӣ (тоҷикӣ) навиштааст, арзише бебаҳо дорад. Дар он шарҳи асосҳои риёзиёт оварда шудааст, аз ҷумла ҳамаи фаслҳои арифметика ва фарогирии қисмати амалии онро низ дарҷ намудан лозим аст. Китоби мазкур дар шакли саволу ҷавоб таълиф шудааст, яъне Берунӣ доир ба масоили арифметикӣ саволҳо гузошта, пасон ҷавоб ба онро пешниҳод менамояд. Масалан, Берунӣ ба саволи "Адад чист?" чунин ҷавоб додааст: "Адад ин тааддуд иборат аз адад аст. Бинобар ин воҳид ба маҷмӯи ададҳо дохил намешавад, бо ҳамин сабаб онро адад наменоманд"[3,с.38]. Ва ё ба суоли "Воҳид чӣ тавр тақсим мешавад ва ба кадом ҳиссаҳо?" Берунӣ чунин ҷавоб медиҳад: "Воҳиди мутлақ тақсимнопазир аст, аммо воҳиде, ки дар масоили мушаххас истифода мегардад, шартан воҳид номида мешавад. Ҳангоми чен кардан ва андозагирии ҳаҷм, масоҳат ва дарозӣ воҳид ба ададиi зиёде тақсим мешавад; чунин воҳид аз воҳидҳои нисбатан хурд иборат аст. Дар илми нуҷум воҳидро ба шаст ҳисса тақсим мекунанд; воҳидҳоро дараҷа, ҳиссаҳоро дақиқа меноманд ..."[3,с.38].

Бояд зикр намуд, ки хусусиятҳои назариявӣ ва методологии омӯзиши курси математика дар рисолаҳои фалсафӣ ва ахлоқии яке аз бузургтарин донишмандон, <u>шоир</u>, <u>равоншинос</u>, <u>файласуф</u>, омӯзгор ва адиби бузурги <u>форсу</u> <u>тоҷик</u> Абуалӣ ибни Сино равшан дарҷ гардидааст. Бо шарофати таҳқиқ, омӯзиш ва тарҷумаи рисолаҳои Сино аз забони арабӣ ба русӣ, аз ҷониби доктори илмҳои фалсафа Саидраҳмон Сулаймонӣ, барои муҳаққиқон имкони бештари омӯзиш ба вуҷуд омад. Асари мазкур имкон медиҳад, ки муҳаққиқон ва хонандагонро ба омӯзиши андешаҳои Абуалӣ ибни Сино ошно созад, ки дар бораи он мубоҳисаҳо ҳам дар Шарқ ва ҳам дар Ғарб хеле бисёранд. Абуалӣ ибни Сино барои шарҳи назария аз мисолҳои хеле сода ва фаҳмо истифода бурда, исботҳои мушаххас меорад. Дар мисоли зерин мо натанҳо алоқамандии байни фанҳои физика ва математика, ки имрӯз меомӯзанд, балки ҳамгироии омӯзиши ин ду фанро низ дида метавонем: "Агар ҳаракат нашавад, ки бартарият ва пайдарҳамиро дар масофа ба вуҷуд орад, пас вақт шумора надошт. Аммо, вақт ҳаракатро бо ду роҳ ҳисоб мекунад: усули якум он аст, ки [вақт] онро андоза мекунад [ҳаракат] ва дуввум миқдорро тавассути вақт, нишон медиҳад. Нишондиҳии миқдор баъзан чунин аст, ки чизи ченшаванда тағирёбандаро нишон медиҳад ва баъзан чунин нишон медиҳад, ки тағирёбанда он чизеро, ки чен карда мешавад нишон медиҳад. Ҳамин тариқ, баъзан масофа ченаки ҳаракатро нишон медиҳад "ду фарсанг (воҳиди дарозӣ, ки ба 2250 метр баробар аст – шарҳи мо) роҳ" ва баъзан ҳаракат андозаи масофаро нишон медиҳад ва мегӯянд: "Дар масофаи парвози тир". Аммо яке бузургӣ (масофа)-ро нишон медиҳад ва дигаре миқёси ҳаракатро нишон медиҳад"[2,с.441].

Б.А. Розенфелд бошад ба тафаккури мантиқии математикӣ диққати махсус додани Умари Хайёмро таҳлил намуда, як тавсияи муҳимми методологиро меорад, ки онро чунин баён намудан мумкин аст: барои ба даст овардани дониши дақиқи геометрӣ хонанда бояд доир ба ҳар як мафҳум андешаронӣ кунад ва онро мувофиқи шарти пешакӣ омӯзад.[11,с.113-146].

Саҳми доктори илмҳои физика-математика Гадойбой Собировро дар омӯзиш ва таҳқиқ намудани мероси илмии соҳаи математикаи Осиёи Миёна қайд намудан зарур аст. Номбурда, хусусиятҳои инкишофи математика ва дигар фанҳои табиатшиносии олимони асрҳои X- XVII -и Осиёи Миёна ва Шарқи Наздикро бо мақсади дастраси хонандагон гардонидан таҳқиқ намуда, якчанд асарҳои илмиро мерос гузоштааст. Яке аз андешаи муҳимми Г. Собиров дар он аст, ки барои дуруст омӯхтан ва таҳқиқ намудани асарҳои математикии олимони Осиёи Миёна инкишофи илми математикаро даврабандӣ намудааст: "Барои амиқтар аз худ намудан ва тадқиқ кардани асарҳои математикӣ ва астрономии олимони Осиёи Миёна шароити иқтисодӣ ва сиёсии онҳоро ба эътибор гирифта, инкишофи илми математикаро дар Осиёи Миёна ба се давра ҷудо кардан дуруст меояд.

Давраи якум аз охири асри VIII то охири асри X, давраи дуйӯм аз асри XI то охири асри XIV ва давраи сейӯм аз асри XV то нимаи якуми асри XVII-ро дар бар мегирад"[5,с.14].

Ҳамчунин Г.Собиров нақши олимони Осиёи Миёнаро дар инкишофи илми математика таҳқиқ намуда, сабабҳои асосии инкишофро дар шароити баланди маданию маишии халқ, сохтмони мадрасаву расадхонаҳои бузург, дар як мактаби илмӣ-тадқиқотӣ муттаҳид намудани ҳамаи олимони бузурги он давра, алоқамандии зичи математика бо

дигар фанҳо ва алоқаи илмии олимонро дарҷ менамояд. Бояд қайд намуд, ки муҳаққиқи мазкур ба масоили алоқамандии математика бо адабиёт дар осори олимони Осиёи Миёна таваҷҷуҳи хоса намуда, махсусан онро ҳамчун як хусусияти дигари инкишофи илми математика мепиндорад: "Хусусияти дигари инкишофи математика дар ин давра боз дар он аст, ки байни математика ва адабиёт низ алоқамандӣ дида мешуд, ки қоидаҳо, теоремаҳо ва мафҳумҳои математикӣ дар ҳамон давр бисёртар бо назм навишта мешуданд"[5,с.14].

Дар масоили таҳқиқоти мазкур диққати моро омӯзиши фанни математика ва рушди он дар муқоисаи арифметикаи Юнони қадим ва Осиёи Миёна бештар ҷалб намуд. Собиров Г. фарқияти омӯзиши математикаи юнониҳои қадимро дар мавҷуд будани фанҳои арифметикаи назариявӣ ("риёзиёт") ва амалӣ ("логистика") нониста, дар математикаи Осиёи Миёна бошад, мавҷуд набудани ҷудокунии арфиметикаро дарҷ намудааст. Ҳамчунин ӯ қайд менамояд, ки дар асрҳои IX– X математикони Осиёи Миёна асарҳои математикии олимони Юнон ва Ҳиндустони қадимро ба забони арабӣ тарҷума карда, номи онро мухтасар "ҳисоб" номидаанд. Ба андешаи ӯ тақсимоти математикаро ба се предмети асосӣ – арифметика, алгебра ва геометрияро "ба воситаи номаълум ҳал кардани масъалаҳо" ба миён овардааст: "Дар назди математикони асрҳои IX – X –и Осиёи Миёна мафҳуми дигар, ба воситаи номаълум ҳал кардани масъалаҳо ба миён омад. Баъд онҳо предметҳои нав фикр карда баромада, онҳоро "Ҷабр ва муқобила" (алгебра) ва "Илми ҳандаса" (геометрия) номиданд. Хулоса, математика дар асрҳои IX – X дар Осиёи Миёна ба се предмети асосӣ – арифметика, алгебра ва геометрия ҷудо шуд"[5,с.45].

Аз овардани далелҳои болоӣ мехостем, якчанд хулосаҳои аввалаи муҳимро баён намоем. Якум, аз лиҳози таҳқиқи ҷанбаҳои методологии илми математика бояд ба рушди таърихии он таваҷҷуҳи хоса намуд, ки дар он нақши мутафаккирони Шарқ арзиши хеле муҳим дорад. Таҳқиқоти тайи солҳои охир баргузор намудаи олимони тоҷик нишон медиҳад, ки дар масоили мазкур ҳам донишҷӯёни муассисаҳои олии кишвар ва ҳам хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёни умумӣ тасаввуроти кофӣ надоранд. Ҳамчунин, омӯзиши маълумотҳои таърихӣ-математикии олимони асримиёнагии форсу тоҷик пеш аз ҳама барои омӯзгорони фанни математика хеле муҳим буда, дар ғанӣ гардонидани методикаи таълиму омӯзиши онҳо нақши муассире мегузорад. Далели андешаҳои мазкурро рисолаи номзади илмҳои педагогӣ Абдулакимова Ҷанатой Ҳакимовна тақвият мебахшад: "Чӣ тавре ки таҳқиқоти баамаломада нишон медиҳад, аксари хонандагони мактабҳои таҳсилоти ҳамагонӣ ва ҳатто донишҷӯёни факултети математикаи Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров ба маводи таърихӣ-математикӣ, беш ва пеш аз ҳама бар маводи таърихии донишмандони асримиёнагии форс-тоҷик ниёз доранд. Натиҷаи корҳои санҷишӣ, тарзи саволномапурсӣ, ақидаи омӯзгорони фанни математика роҷеъ ба методи истифодакарда далолат медиҳанд. Корҳои мақсаднок, саривақтӣ, салоҳиятнокӣ ва ташкилии дурусти истифодаи маводи таърихӣ-математикӣ барои таълими хонандагони мактабҳои таҳсилоти ҳамагонӣ ва донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ аҳамияти калони педагогӣ ва илмӣ дорад"[1,с.136]. Гарчанде дар тақиқоти мазкур осори донишмандони маъруфи асримиёнагии форсу тоҷик аз назари илми педагогика муоина шуда, ҷанбаҳои таълиму тарбиявии раванди таълими математика баён шуда бошад ҳам, масъалаи муҳим аз нигоҳи таҳқиқоти мо баррасӣ нагаштааст: ба математикаи амалӣ такя намудан дар осори донишмандони маъруфи асримиёнагии форсу тоҷик ва воситаҳои арзёбии натиҷаҳои таълими математика дар синфҳои ибтидоӣ. Бинобар ин, масъалаи дуюме, ки мехостем қайд намоем, доир ба ҷанбаҳои методологии математика аз нигоҳи риёзидонони давраи мазкур ба математикаи амалӣ такя карда, дигаргуниҳоро дар илм ворид намудаанд. Яъне зарурати амалии ҳисоб, ченкунӣ дар корҳои рӯзгору ҷомеа ва ҳалли дигар масъалаҳои ҳаётӣ ба омӯзиши амалии фан водор намуд, ки он дар натиҷа ҳамчун илм ривоҷ ёфт.

Таҳлили мақолаҳои Б.Н. Белый, Г.Г. Маслов нишон медиҳад, ки тамоюли ворид намудани маводи назариявӣ ба барномаҳои курси математикаи мактабӣ аз солҳои 20–30-юми асри гузашта оғоз гаридааст. Сабаби асосии онро муаллифон дар набудани барномаҳои ягонаи таълими математика мепиндоранд: "Дар солҳои аввали фаъолияти мактаби меҳнатӣ барномаҳои ягонаи математика вуҷуд надоштанд. Муаллимон аз маводи муваққатие, ки аз ҷониби Комиссариати халқӣ ҳамчун лоиҳаи барномаҳо нашр шуда буданд, таҷрибаи қаблиро истифода карда, мутобиқи ҳадафҳои мактаб мундариҷаи навро ба таълим ворид мекарданд. Солҳои 1920-1924 Комиссариати халқӣ оид ба маориф

барномаҳои намунавии ғайриҳатмиро нашр кард, ки дар онҳо кӯшиши навсозии курси математикаи мактабӣ ба рӯҳияи талаботи ғояҳои пешрафтаи байналмилалии педагогӣ сурат гирифтааст”[15,с.25].

Бо дар назардошти он ки олимони даврони Шӯравӣ масъалаҳои омӯзиши математикаро дар Осиёи Миёна бо маълумотҳои доштаи худ таҳлил намуда буданд, назари дигаре низ хеле ривоҷ ёфта буд. Махсусан, тарзи таълими фанҳои дақиқ дар мадрасаҳо, таваҷҷуҳи кам ба он, набудани мутахассисони баландихтисос ва муассисаҳои олӣ барои омода кардани мутахассисон дар ин соҳа, набудани китоби дарсии математика ва сатҳи пасти дониши аҳолӣ масъалаҳои асосии ин таҳлилҳо маҳсуб меёфт. Масалан, Штокало И. З. дар ин бора чунин менависад: “Пеш аз инқилоби сотсиалистии Октябр дар Осиёи Миёна ягон донишкадаи олӣ вуҷуд надошт. Мактабҳои динӣ асосан бо шарҳи қуръон сару кор доштанд; теъдоди ками мактабҳои русӣ мавҷуд буданд ва дар онҳо математика ҷои ноаёнеро ишғол мекард. Бо забони миллатҳои маҳаллӣ китобҳои математикӣ вуҷуд надоштанд. Тибқи маълумотҳои барӯйихатгирӣ соли 1897 3,9 фисади тоҷикон, 2,1 қазоқҳо, 1,9 узбекҳо, 0,7 қирғизҳо, 0,6 фисади туркманҳо босавод буданд. Дар чунин шароит таҳсилоти математикиро аз таҳияи луғати математикӣ, навиштани китобҳои дарсии одитарин ва тайёр кардани муаллимон аз аҳолии маҳаллӣ бояд оғоз мекард”[15,с.42].

Бо дар назардошти таҳлили андешаҳои мазкур ва хулосаҳои қаблӣ гуфтан мумкин аст, ки ҳамин таҳлилҳо боис ба он гардиданд, ки мутобиқсозии маводди таълимии математикаи даврони мазкур яке аз заминаҳои муҳимми давра ба давра ворид кардани назарияҳои бештар ба таълими фан ва умуман ба таҳсилоти математикӣ дар ҷумҳурии мо гардиданд.

**АДАБИЁТ:**


1. Абдулакимова Ҷ. А. Методикаи истифодаи маводи таърихӣ дар ҷараёни таълими математика дар донишгоҳҳои тамоюли омӯзгорӣ. /Ҷ. А. Абдулакимова: дисс. ... ном. илм. педаг. – Бохтар, 2018 – 158 с.
2. Абуали ибн Сина, Избранное, том 1-ый «Восточная философия», Перевод и комментарии Саидрахмона Сулаймони. - Душанбе – Ашгабат, 2003.
3. Берунӣ, А. Китоб-ут-тафҳим ли авоили саноат- ит-танҷим. – Душанбе: Дониш, 1973. – 286 с.
4. Бурҳонов Қ.Т. Методикаи таълими масъалаҳо доир ба мавзӯи ҳаракат дар таълими математикаи синфҳои ибтидоӣ/ Қ.Т. Бурҳонов // ПаёмиДонишгоҳи Омӯзгорӣ. – 2014. - № 2(57). – с. 3-8.
5. Г. Собиров. Инкишофи математика дар ОсиёиМиёна (асрҳоиXV – XVII), нашри 2. – Душанбе: “Ирфон”, 1966. – 136 с.
6. Зайцева С.А. Методика обучения математике в начальной школе/ С.А. Зайцева, И.Б. Румянцева, И.И. Целищева. – М.: Гуманитар. изд. Центр ВЛАДОС, 2008. – 192с.
7. Историко-математические исследования, Выпуск IV, под редакцией Г.Ф.Рыбкина, А.П.Юшкевича. – М: Технико–теоретической литературы, 1951. – 512 с.
8. Историко-математические исследования, Выпуск IV, под редакцией Г.Ф. Рыбкина, А.П.Юшкевича. – М: Технико–теоретической литературы, 1951. – 512 с.
9. Колягин Ю.М. Методика преподавания математики в средней школе. Частные методики. Учеб. Пособие для студентов физ.-мат. фак. пед. ин-тов./ Ю.М.Колягин, Г.Л. Луканин, Е.Л. Мокрушин и др. М: Просвещение», 1977, 480 с.
10. Нугмонов М. Теоретико-методологические основы методики обучения математике как наука: Монография (переработанное и дополненное). – Душанбе: «Ирфон», 2011. -290 с.
11. Омар Хайям. Трактаты / Пер. с араб. и вступ. статья Б.А. Розенфельда. – М.: Вост.лит., 1961 – 338 с.
12. П.У. Байрамукова. Методика обучения математике в начальных классах: курс лекций/ П.У. Байрамукова, А.У. Уртенова –Ростов н/Д: Феникс,2009. – 299 с.
13. Сираждинов С.Х., Матвиевская Г.П. Ал-Хорезми – выдающийся математик и астроном средневековья: Пособия для учащихся. – М.: Просвещение, 1983. -79с.
14. Стандарти фанҳои зинаи таҳсилоти ибтидоӣ / Ф. Ниёзов, М. Зиёев, А. Алиев, Б. Нусратов ва диг. [матн]. - Душанбе: Маориф, 2017. - 116 с.
15. Штокало И. З. История математического образования в СССР. – Киев: Наукова Думка, 1975, 385 с.


**Аннотация:** Данная статья посвящена анализу специфики преподавания математики в начальной школе, а также анализу, изучению и практическому применению наследия великих персидских и таджикских мыслителей, связанного с преподаванием этого предмета, с целью более эффективного осуществления реформы поле. На основании анализа ряда нормативно-правовых

документов в области образования и на основе научных, учебно-методических материалов сделаны выводы.

**Ключевые слова:** *арифметика, наука, математика, направление, начальная школа, мышление, формирование, знания, умения, курс элементарной математики, геометрия, текстовые задачи.*

**Annotation:** This article analyzes the specifics of teaching mathematics in the primary grades, as well as the analysis, study and practical application of the heritage of great Persian and Tajik thinkers related to the teaching of this subject in order to better implement the reform of the field. Based on the analysis of a number of normative and legal documents in the field of education and on the basis of scientific, educational and methodological materials, conclusions have been made.

***Keywords:*** *arithmetic, science, mathematics, direction, elementary school, thinking, formation, knowledge, skills, elementary mathematics course, geometry, text problems.*

**Сведение об авторе:** Махкамова Машхура Рахимовна, соискатель Института развитии образования имени Абдурахмона Джами АОТ РТ,Таджикистан, г. Душанбе, ул. С.Айни, 126, 734025,Тел.: +992-938-32- 00-68. E-mail: mashhura.86@mail.ru.

**Information about the author:** Mahkamova Mashhura Rahimovna, competitor of the Institute of Education named after Abdurakhmon Jomi AET RT, Tajikistan, Dushanbe, S.Ayni st., 126, 734025,
Tel : +992-938-32-00-68. E-mail: mashhura.86@mail.ru.

**М. САФАРОВ**

# САМАРАНОКИИ УСУЛИ ИННОВАТСИОНӢ ДАР РАВАНДИ ТАЪЛИМИ ФИЗИКА

**Мо бояд нишондиҳандаҳои таъмини сифатро дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот бо стандартҳои ҷаҳонӣ наздик созем, ҳамкории муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбиро бо субъектҳои бозори меҳнат густариш бахшем, дараҷаи рушди низоми инноватсияи миллӣ ва нишондиҳандаҳои азхудкунии технологияҳои иттилоотиву коммуникатсиониро беҳтар гардонем.**

**Эмомалӣ Раҳмон**

Имрӯзҳо бештари омӯзгорони муассисаҳои таҳсилотӣ бо мақсади самаранок гардонидани таълим технологияиҳои муосири инноватсионии таълимро, аз қабили усули фаъол, ғайрифаъол ва интерактивӣ мавриди истифода қарор додаанд. Усули интерактивӣ дар байни онҳо бештар самаранок дониста мешавад. Моҳияти истифодаи ин усул асосан дар ҳамкории дуҷониба ва ҳамкории ҳаматарафа, яъне ҳамкорӣ миёни омӯзгор ва хонанда ва ҳамкории байниҳамдигарии хонандагон таҷассум меёбад. Ба ибораи дигар бигӯем, усули инноватсионии таълим усулҳое мебошанд, ки дар асоси фаъолияти ҳамкории байни омӯзгор ва хонандагон асос ёфта, дар натиҷа омӯзгорро бо мушкилоти хонандагон шинос мекунад ва барои ҳалли он имконият фароҳам меоваранд. [1]

Усули инноватсионии таълим дар асоси пешбурди инноватсияи педагогӣ ташаккул меёбанд. Инноватсияи педагогӣ ин навовариҳо дар фаъолияти педагогӣ, тағирёбии мундариҷа ва технологияи таълиму тарбия буда, бо мақсади баланд бардоштани самаранокии таълиму тарбия, шиносоӣ бо мақсадҳо, мундариҷа ва ташкили фаъолияти муштараки омӯзгору хонанда ба роҳ монда мешавад.

Ҳама гуна навоварӣ ва навгониҳоро дар соҳаи иҷтимоиёт иқтисодиёт ва ғайра то вақти хусусияти оммавӣ пайдо намуданаш инноватсия ҳисоб намудан мумкин аст. Калимаи «инноватсия» дар миёнаи асри XVII пайдо шуда,ба маънои воридшавии чизи нав ба ягон соҳа, пайвастшавӣ ва ба ин васила боиси бавуҷудоии як қатор дигаргунӣ дар соҳаи муайян истифода мешавад. Инноватсия, аз як тараф ҷараёни ташаккул, татбиқ, воридшавӣ, аз сӯйи дигар фаъолияти ворид кардани навоварӣ ба амалиёти иҷтимоии муайян буда, ҳамчун восита ва раванд татбиқу амалӣ кардани ягон чизи навро тақозо менамояд. Аз ин ҷо, инноватсия дар соҳаи таҳсилот тақозои ҷорӣ намудани роҳу усули наву самарабахши таълим, яъне усули инноватсионии таълимро муайян мекунад. Усули инноватсионии таълим ба ташаккули завқу ҳаваси маърифатии хонанда мусоидат намуда,

систематикунонӣ (батартибдарории) ва ҷамъбасткунии маводи омӯхташавандаро омӯзонида мавриди муҳокима ва мубоҳисаҳо қарор медиҳад. Бояд иқрор шуд, ки замони муосири зуд пешраванда дар назди инсоният нисбат ба солҳои гузашта билкул вазифа ва мақсадҳои мушкилу дигаргунеро пеш мегузорад. Танҳо касе, ки худаш ин ё он қонуниятро муқаррар карда тавонистааст ва ба вуҷуд омадани ин падида ба ӯ мансуб аст, ин равандро барои ба таври мутаносиб ворид кардан ба ҷаҳони муосир имконият дорад. Дар ин замина миқдори маълумоти нав низ сол то сол зиёд шудан мегирад. Ҳатто, барои хонандае, ки бо баҳои хубу аъло мехонад, ба ҷаҳони муосир ворид шудан хеле душвор мебошад, зеро ӯ ба тафаккури нав, назари нав ва ба ҳама тағйиротҳое, ки дар атрофи мо зуд-зуд рух дода истодаанд, сарфаҳм намеравад. Аз ин рӯ, дар муассисаҳои таҳсилотии муосир диққати бештар на ба дониши дар раванди таълим омӯхташаванда, балки ба раванди ба даст овардани дониш ва маълумот, аз бар намудани донишҳои нав равона карда мешавад. Махсусан, дар таълими фанҳои табиӣ-риёзӣ, ки дар ташаккули фазои ягонаи ҷаҳонӣ бештари кашфиётҳо ва тағйироти илмӣ дар ин соҳа рух медиҳанд, ин раванд нақши боризе дорад.

Инноватсия худ аз калимаи англисии «innovation» гирифта шуда, маънояш навоварӣ, навгонӣ, яъне ҷорӣ намудани усул, шакл, восита ва малакаҳои нави ба замони ҳозира мутаносиб дар соҳаи таълим, маориф ва илм, инчунин навоварӣ дар соҳаи техника, технология, кор, хизматрасонӣ ё идоракунӣ буда, барои истифодаи комёбиҳои илм ва технологияи пешқадам асосёфта, ки самаранокии баланди истеҳсолӣ ва ҷамъиятӣ дорад, равона карда мешавад. Усули инноватсионӣ - ғояҳо, равандҳо, воситаҳо ва натиҷаҳои такмили системаи омӯзгорӣ мебошанд, ки дар ягонагии вайроннашаванда вуҷуд доранд.

Корбурди ин усул дар таълим водор месозанд, ки хонандагон донишу малакаҳои дар раванди омӯзиши фанҳои таълимӣ, махсусан фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ бадастовардаи худро дар ҳаёт татбиқ намуда салоҳиятҳои иттилоотӣ ва иртиботиро ба даст оранд

Қайд кардан лозим аст, ки усули инноватсионии таълим нисбат ба усули анъанавӣ хело бартарӣ дошта, дониш, малака ва маҳорати хонандагонро рушд дода, барои мустақилона қарор қабул кардан дар ҳалли мушкилот мусоидат менамоянд. [8]

Омӯзгор дар татбиқ намудани усули инноватсионии таълим бояд чунин хислатҳоро доро бошад:

→ донишҳои муосири иттилоотӣ, технологияҳо ва усули истифодаи онҳо;

→ баромада тавонистан аз мушкилоти зиндагии худ бо ташаббус, мустақилият ва масъулият;

→ дарк кардани манфиатҳои воқеии зиндагии хонандагони худ;

→ ба хонандагони худ эҳтиром зоҳир кардан, ба саволҳои онҳо эҳтиром гузоштан, ҳатто агар ин саволҳо дар назари аввал душвор ё иғвоангез ҳам бошанд, инчунин ҳангоми озмоишҳои мустақилонаи онҳо ва хатогиҳои роҳдодашуда арзёбии боадолатона кардан;

→ ҳолатҳои омӯхташударо ҳамчун моҳияти проблемавӣ ҳис кардан;

→ маводи омӯхташавандаро бо ҳаёти ҳаррӯза ва бо шавқу ҳаваси хонандагон, ки ба синну соли онҳо хос аст, мутобиқ кардан;

→ мустаҳкам кардани дониш ва малакаҳои хонандагон ҳангоми корҳои амалии синфӣ ва беруназсинфӣ;

→ ба нақша гирифтани дарси омӯзишӣ бо истифода аз тамоми шаклҳо ва усули гуногуни таълим ва пеш аз ҳама ҳама намудҳои кори мустақилона (гурӯҳӣ ва инфиродӣ);

→ гузоштани мақсадҳои дарс ва расидан ба онҳо;

→ дараҷаи муваффақиятҳои хонандагонро арзёбӣ кардан;

→ усули фаъолро истифода бурдан;

→ таҷрибаҳои гузаштаи хонандагонро ба муҳокима гузоштан, таҷрибаҳои нав эҷод намудан ва мубоҳисаи худро бе сарфи вақт ташкил кардан;

→ дастовардҳои хонандагонро арзёбӣ кардан;

→ пешрафти синфро дар маҷмӯъ ва хонандагони алоҳидаро на танҳо дар арсаи дониши фаннӣ, балки дар ташаккули баъзе сифатҳои хуби ҳаётан муҳим арзёбӣ кардан;

→ ошкор намудани камбудиҳо ва омодагии хонандагон ба зиндагии мустақилона;

Дар илми педагогика усули гуногуни таълим мавҷуд аст, ки аз ҳама бештар дар дарсҳои омӯзишӣ се усули зер истифода бурда мешаванд:

Усули ғайрифаъол . Тибқи ин усул хонандагон ҳамчун объекти омӯзиш қарор доранд ва онҳо бояд маводеро, ки омӯзгор ҳамчун манбаи дониш ба онҳо меомӯзонад, аз худ

намуда, такмил ва татбиқ намоянд. Ин усул тавассути лексия, мутолиа ва саволу ҷавоб амалӣ карда мешавад.

Усули фаъол. Дар рафти ин усул хонандагон субъекти таълим буда, вазифаҳои эҷодиро иҷро мекунанд ва бо омӯзгор пурсишу посух мегузаронанд. Он ба тарзи супоришҳои эҷодӣ, саволҳо аз хонанда ба омӯзгор ва аз омӯзгор ба хонанда ташкил меёбад.

Усули интерактивӣ (ҳамкорӣ). Истифодаи модели таълими интерактивӣ моделсозиро вобаста ба ҳодисаҳои ҳаётӣ, истифодаи бурдани бозиҳои калидӣ, ҳалли муштараки мушкилот дар бар мегирад. Тибқи ин усул бартарии ҳар як хонанда дар раванди таълим ё ягон ақидаи он истисно карда мешавад. Дар раванди омӯзиш хонанда аз объект ба субъекти ҳамкорӣ мубаддал мешавад ва дар раванди таълим фаъолона иштирок намуда, ба самти эҷод ва фаъолияти инфиродии худ равона мегардад. Чӣ тавре, ки дар боло қайд кардем, моҳияти истифодаи ин усул асосан дар ҳамкории миёни омӯзгору хонанда ва ҳамкории байниҳамдигарии хонандагон буда, онро мо метавонем ба таври класстер чунин тасвир намоем:

Зери усули фаъоли таълим роҳҳу усули ҳамкории педагогие фаҳмида мешаванд, ки хонандагонро ба фаъолияти фикрронӣ, зоҳир кардани қобилияти эҷодӣ, таҳқиқотӣ ва ҷустуҷӯйи идеяҳои нав барои ҳалли масъалаҳои гуногун ва корҳои озмоишӣ ташвиқ




мекунанд. Фаъолнокии хонанда ҳангоми дарси омӯзишӣ яке аз масъалаи мубрам дар корҳои амалӣ ба ҳисоб меравад. Ҳангоми фаъолият омӯзгор бояд ба хонандаи сатҳи донишаш миёна такя намуда, муддати дурудароз маводи таълимиро омӯзонад. Хонандаи болаёқат аз дарсҳои дилгиркунанда ва якранг камфаъол шуда, нисбат ба таълим дилхунук мешавад. Бинобарин, барои омӯзиши босамари дарс шароити хуб фароҳам овардан лозим аст, то ки хонанда мустақилона мавзӯъро интихоб намуда, онро то ҳадди имкон азхуд карда тавонад.

Пайдоиш ва инкишофи усули фаъол пеш аз ҳама, ба он вобаста аст, ки ҳангоми омӯзиш таълимдидиҳанда ва хонанда бо мушкилоти нав рӯ ба рӯ мешавад. Истифодаи ин усул на танҳо дониши хонандагонро меафзояд, балки шавқу рағбат, қобилиятҳои маърифатӣ, тафаккури эҷодӣ, маҳорат ва малакаҳои иҷрои мустақилонаи корҳои зеҳниро дар хонандагон рушду такоммул медиҳад.

Бояд иқрор шуд, ки дар замонҳои пеш аз истиқлолияти Ҷумҳурӣ донише, ки хонанда дар мактаб, омӯзишгоҳҳо, коллеҷҳо ва ё донишгоҳҳо ба даст меовард, метавонист муддати дароз ба хонанда хидмат кунад, аммо ҳоло ин тавр нест. Дар асари авҷи иттилоотӣ ва ҷаҳонишавӣ бояд доимо дар зеҳни хонандагон донишҳои муосир барқарор карда шаванд, ки инро асосан тавассути худомӯзӣ ба даст овардан мумкин аст ва ин аз ҳар як хонанда талаб менамояд, ки фаъолияти маърифатӣ ва мустақилият дошта бошад. Фаъолиятҳои маърифатӣ ва мустақилият мисли дигар қобилиятҳо дар фаъолияти хонанда зоҳир ва рушд мекунанд. Усули фаъол мавқеи фаъолияти хонандаро нисбат ба омӯзгор ва онҳое, ки ҳамроҳи ӯ маълумот мегиранд, пешбинӣ менамояд. Дар раванди дарсҳои омӯзишӣ бо истифода аз усули фаъол китобҳои дарсӣ, дафтар, компютер, тахтаи электронӣ, таҷҳизоти фаннӣ, яъне тамоми воситаҳои инфиродӣ ва умумии таълим истифода мешаванд. Ба хонандагон усули фаъоли таълим на танҳо дониши дубора медиҳанд, балки дар онҳо малакаю маҳорат ва эҳтиёҷоти истифодаи дурусти ин донишро барои таҳлил, арзёбӣ, хулоса ва татбиқнамоӣ рушд менамоянд. [11]

Дар муассисаҳои таҳсилоти миёна чунин усули фаъоли таълим васеъ истифода бурда мешаванд:

♦ усули омўзиши проблемавӣ. Истифодаи усули мазкур фаъолияти маърифатии хонандагонро ривоҷ медиҳад. Ин усул қобилияти азхудкунии бошууронаи донишу малакаи хонандагонро, инчунин роҳҳои татбиқ ва истифодабарии ин донишро низ муайян менамояд.

♦ корҳои лабораторӣ;

♦ усулии саволу ҷавоб (блит-пурсиш);

♦ усули таҳлили ҳолатҳои мушаххас, ки ҳамчун воситаи омўзиши мушкилоти мушаххас, ҳамчун воситаи арзёбӣ ва интихоби роҳҳои ҳалли масъала,яке аз усули муассиртарин ва маъмултарини ташкили фаъолияти маърифатии хонандагон маҳсуб меёбад.

♦ усули муҳокимаи коллективии масъалаҳо. Он ба тариқи мизи мудаввар, ҷамъомади оммавӣ, баҳсу мубоҳиса, ки яке аз шаклҳои ташкили фаъолияти маърифатии хонандагон ба шумор меравад, ба роҳ монда мешавад. Усули мазкур барои мустаҳкам намудани дониши қаблан гирифташуда, пур кардани маълумоти гумшуда, ташаккули қобилияти ҳалли мушкилот, омўзонидани фарҳанги мубоҳиса, тасмими дуруст дар итихоби мавқеъҳо ва ғайраҳо мусоидат менамояд.

♦ конференсия;

♦ усули фаъолият тибқи дастур;

♦ усули бозӣ;

♦ усули лоиҳавӣ.

Омўзиши интерактивии таълим ин шакли махсуси ташкили фаъолияти маърифатӣ мебошад. Дар омўзиши интерактивӣ мақсадҳои мушаххас ва пешбинишуда ба назар гирифта мешавад. Яке аз ин мақсадҳо фароҳам овардани муҳити хуби таълимӣ мебошад, ки дар он хонанда муваффақиятҳо ва арзишҳои зеҳнии худро эҳсос мекунад, ки ин дар раванди таълим ба натиҷаҳои пурсамар оварда мерасонад.

Таълими оптималӣ ҳамон вақте рух медиҳад, ки хонандагон имконияти фаъол будан, қобилияти ҳамкорӣ карданро доро бошанд. Раванди таълимӣ дар асоси истифодаи усули интерактивии таълим бо назардошти ҷалб кардани ҳамаи хонандагон ба раванди таълими дарсҳо, бидуни истисно, ташкил карда мешавад. Фаъолияти якҷояи хонандагон маънои онро дорад, ки ҳар як хонанда дар ин фаъолият саҳми шахсии худро мегузорад. Дар ҷараёни дарси омўзишӣ дар байни хонандагон мубодилаи донишу афкор, пешниҳод, усули гуногуни фаъолият ба амал меояд. Корҳои инфиродӣ, дунафара ва гурўҳӣ, корҳои лоиҳавӣ ташкил карда мешаванд, инчунин кор бо ҳуҷҷатҳо ва манбаъҳои гуногуни маълумот анҷом дода мешавад.

Усули интерактивӣ барои босифату хуб аз худ намудани маводи нав мусоидат менамояд. Ба онҳо дохил мешаванд:

◈ машқҳои дорои хусусияти эҷодӣ дошта;

◈ супоришҳои гурўҳӣ;

◈ бозиҳои таълимӣ, тақлид;

◈ дарсҳои саёҳатӣ;

◈ вохўрӣ бо олимону мутахассисон;

◈ дарсҳое, ки ба рушди эҷодии хонандагон нигаронида шудаанд, чунончи намоишҳои саҳнавӣ, дарсҳои видеоӣ, табъу нашри рўзномаҳо;

◈ истифодаи маводи видеоӣ, шабакаи интернет, аёниятҳо;

◈ ҳалли саволҳо ва масъалаҳои мураккаб бо истифода аз усули инноватсионӣ.

Бояд зикр намуд, ки омўзгори касбӣ зимни пешкаш намудани маълумоти нав хонандагонро ба фаъолияти ҷустуҷўйи мустақилонаи илму дониш сафарбар менамояд. Вазифаи асосии омўзгор эътироф намудани фаъолияти хонандагон, фароҳам овардани шароити мусоида барои амалӣ намудани ин фаъолият мебошад. Дар ин фазои таълим омўзгор нақши марказӣ надорад, яъне ў (омўзгор) худаш маълумотро ба хонанда интиқол наменамояд, балки барои дастрас намудани манбаъҳои маълумотдиҳӣ вазифаи ёрдамчиро иҷро менамояд

Таҳлилу озмоишҳо нишон доданд, ки бояд дар ҳар як дарси омўзишии фанни физика, махсусан кори амалӣ, озмоиш гузаронида шавад, зеро озмоиш асоси физика ҳамчун илм ба шумор меравад. Вале , мутаассифона, дар ҳар як дарси фанни физика гузаронидани озмоиш на ҳамеша имконпазир аст, зеро сабабҳои субъективӣ ва объективӣ, ба монади

набудани таҷҳизотҳои зарурӣ, фарсуда будани таҷҳизот, норасоии вакт ва ғайра хеле зиёданд. Дар ҳалли чунин мушкилӣ ба мо маҳз усули инноватсионии таълим кӯмак мерасонад. Зимни истифодаи усули инноватсионӣ омӯзгор бояд дарсҳои омӯзишии худро бо истифода аз шабакаи интернетӣ, бо компютер, проектор ва тахтаи электронӣ ба роҳ монад. Дар дарсҳои физика омӯзгор ва хонандагон метавонанд аз барномаҳои компютерӣ истифода бурда оид ба мавзӯъҳои мухталиф графику ҷадвалҳо сохта,, он мавзӯъҳоро рӯнамойӣ (презинтатсия) намоянд. Инчунин бо истифода аз графикаи дурахшони гуногунранг диаграммаҳо, аниматсияҳо эффектҳои садоӣ созанд. Роҷеъ ба мавзӯи зарурӣ маълумоти иловагӣ пайдо намоянд, бо тамошои дарсҳои видеоӣ дониши худро сайқал диҳанд ва аз таҷрибаҳои кишварҳои ҳамсоя огоҳ гардида онро дар фаъолияти ҳамарӯза истифода баранд.

Қобили зикр аст, ки дар раванди дарсҳои омӯзишии фанни физика омӯзгори босалоҳият дар ҳалли масъалаҳо ва сохтани графику нақшаҳо проекторро самаранок ва баръало истифода бурда, фаъолияти зеҳнии хонандагонро ташаккул дода, дониши онҳоро мустаҳкам менамояд. Аз ин мебарояд, ки «таълими фаъол ва интерактивиро дар ҳама марҳилаҳои омӯзиши мавзӯъҳо истифода бурдан мумкин аст». [4]

Қайд кардан лозим аст, ки вобаста ба мазмун ва мундариҷаи маводи таълимӣ, ҳамчунон сатҳи омодагии синф усули гуногуни таълим истифода бурда мешаванд.

Истифодаи усули инноватсионии таълим имкон медиҳанд, ки хонандагон на танҳо дониши худро ташаккул диҳанд, балки тарзи иҷрои фаъолияти таълимиро омӯхта, тавассути донишҳои худ маълумоти бадаствардаро дар амалия бошуурона ва мустақилона истифода баранд, яъне қобилияти дар амалия татбиқ намудани донишҳои дар раванди истифодаи усули инноватсионии таълим ба дастовардаашонро соҳиб гарданд.

Усули инноватсионии таълим на танҳо барои бо муваффақият аз худ намудани дониш мусоидат менамояд, инчунин хонандагонро барои омӯзиши фанни таълимӣ бештар ҳавасманд мегардонанд ва муносибати онҳо ба таълими фан тағйир меёбад. Яъне, муносибати омӯзгор нисбат ба хонанда дигар шуда, муносибатҳои нав ба вуҷуд меоянд ва чуноне, ки болотар зикр намуда будем, дар замони муосир дар ин муносибат омӯзгор ва хонанда ҳамчун шарик барои расидан ба мақсадҳои якхела фаъолият менамояд ва ҳар яке саҳми шахсии худро мегузорад. Дар баробари ин ҳама дигаргуниҳо хонандагон ҳисси муваффақиятро дарк намуда, дорои дониши мукаммал ва малакаю маҳорати пурқувват мегарданд.

Бояд қайд намуд, ки дар раванди истифодаи усули инноватсионии таълим вазъиятҳои проблемавӣ эҷод кардан лозим аст, то ин ки хонандагон дар шароити душвори психологӣ фаъолияти тафаккуриро оғоз намоянд. Зеро, ҳангоми пайдо гардидани вазъияти мушкил шуури хонандагон бедо мегардад ва онҳоро ба фаъолияти мустақили маърифатӣ водор менамояд.

Дар дарсҳои омӯзишӣ бештар кори гурӯҳии хонандагонро ба роҳ монда, дар марҳилаи мустаҳкам намудани маводи омӯхташуда ба ҳар як гурӯҳ хонандагони дониши на онқадар хубдоштаро шомил кардан зарур аст. Моҳияти кори гурӯҳӣ чунин аст, ки ҳангоме ки гурӯҳ супоришҳоро мегирад, хонандаи фаъол онро зуд иҷро мекунад ва ба хонандаи дониши на онқадар хубдошта чӣ гуна иҷро кардани онро мефаҳмонад. Ин усули ҳамкорӣ кумаки тарафайн ва дастаҷамъонаи аз мушкилиҳо баромаданро дар хонандагон рушд дода, фарҳанги муоширатро ташаккул медиҳад.

Дар дарсҳои физика технологияҳои мултимедӣ бояд бештар истифода бурда шавад, зеро он дарки азхудкунии маълумотро дар хонанда бо ҳиссиёт, яъне гӯш кардану тамошо кардан, таъмин мекунад. Ҳамзамон, маълумот бояд дар шаклҳое пешниҳод шавад, ки ба хонандаи муосир нишонрас бошад, масалан, бо тарзи маълумоти аудиоӣ (садо), маълумоти видео (сабтӣ), аниматсия (расмҳои ҳаракаткунада), рӯнамоӣ (презинтатсия) ва ғайраҳо. Омӯзгор бо истифодаи усули инноватсионӣ таваҷҷӯҳи хонандагонро ба барномаи таълимӣ зиёд карда, ҳавасмандӣ ва шавқи онҳоро ба мавзӯи нав меафзояд. Роҳҳои муассир ва зудтари санҷиши дониши имрӯзаи хонандагон бо тариқи корҳои санҷишӣ, лабораторӣ, тестҳо, саволнома ва блит- пурсишҳо сурат мегиранд. Санҷиши дониши хонандагон бо тарзҳои гуногун дар ҳар як дарс ё ҳангоми ба итмом расидани ҳар як фасли китоби дарсӣ аз рӯйи гуруҳбандӣ, вариантҳо ё умумӣ гузаронида мешавад. [2]

Дар раванди дарсҳои риёзӣ ҳангоми ҳалли масъалаҳо алгоритмро ҳамчун шаклҳои мантиқии ташкили фаъолияти зеҳнии хонанда истифода кардан лозим мебошад. Ҳалли масъалаҳо бо шакли алгоритм нишон медиҳад, ки чӣ гуна ва дар кадом пайдарпаӣ натиҷа

ба даст оварда мешавад. Онҳо дар хонандагон услуби возеҳи тафаккурро ташаккул дода, дурустӣ ва аниқии донишро муайян мекунанд.

Хулоса баровардан мумкин аст, ки ҷаҳони муосир беш аз пеш ба технологияҳои инноватсионӣ вобастагӣ пайдо карда истодааст. Дар ин раванд вазифаи асосии муассисаҳои таҳсилоти миёна аз инҳо иборат аст:

✧ хонандагонро барои зуд дарк кардан ва аз худ кардани миқдори зиёди маълумот омода намудан;

✧ хонандагонро бо таҷҳизоти нав ва технологияҳои муосир таъмин намуда омӯзонидан;

✧ дар онҳо маданияти дурусти истифодабарии технологияи муосирро ташаккул додан.

Мавриди қайд аст, ки зимни ин раванд ба назар гирифтани вазъияти хонандагони муассисаҳои таҳсилотии деҳот умда мебошад. Албатта, истифодаи усуҳои инноватсионии таълим дар дарсҳои физика шавқу ҳаваси хонандагони деҳторо низ нисбат ба фанни таълимӣ афзун менамояд. Вале бояд дар назар дошт, ки мавқеи ҷойгиршавии деҳаҳо аз шаҳрҳо ва маркази вилоятҳо дур аст ва пайвастани компютерҳои истифодашаванда бо шабакаҳои интернетӣ ҳамчун манбаи асосии иттилоот на дар ҳама ҳолат имконпазир мебошад ва ин имкон намедиҳад, ки онҳо аз ҳама хабарҳо ва навгониҳои илм воқиф бошанд. Барои ҳалли ин масъала омӯзгорони фанни физикаро лозим меояд, ки роҳҳои дигари ҳали мушкилотро ҷустуҷӯ намоянд, то ки таваҷҷӯҳи хонандагони деҳот нисбати омӯзиши фанни физика ҷиддӣ гардад.

Ҳамин тариқ, истифодаи технологияҳои инноватсонии таълим, аз қабили усули фаъол ва интерактивӣ ба рушди дониш, завқу ҳавасмандии хонандагон, баланд бардоштани фаъолияти зеҳнӣ ва нерӯйи эҷодии хонандагон мусоидат намуда, азхудкунии маводро самараноктар менамояд. Омӯзгор зимни ҷори кардани таълими инноватсионӣ бо истифода аз технологияи муосир раванди таълимро мукаммалтару ҷолибтар ва пурмазмун менамояд. Методикаи самарабахши таълими фанни физика барои ташаккули ҷаҳонбинӣ ва ҷаҳоншиносии том яке аз инноватсияҳои татбиқи раванди навоварӣ дар раванди таълиму тарбия мебошад. Таъминоти барномавии тахтаҳои электронии интерактивӣ, истифодаи пурмаҳсул аз слайдҳои омӯзишӣ, сомонаҳои интернетӣ, шаклҳои гуногуни тестҳои таълимӣ, анвои дарсҳое, ки ба гурӯҳҳои интерактивӣ ҷудо карда шудаанд, лоиҳаҳои навоварона ба шумор мераванд.

**АДАБИЁТ:**

1. Активные формы обучения. /Методические рекомендации для учителей./ Сост. Заир-Бек Е.С., Сорокина Т.Г. Л., 1991.
2. Ангеловски К. Учителя и инновации. М.: Просвещение, 1991.
3. Беспалько В.П. Слагаемые педагогической технологии. М.: Педагогика, 1989.
4. Бессараб Г.Д. Инновационные формы организации урока. / Из опыта работы учителя физики. С-Пб., 1991.
5. Боголюбов В.Н. Педагогическая технология. // Советская педагогика. 1991. №3.
6. Бургин М.С. Инновация и новизна в педагогике. //Советская педагогика, 1989. № 12.
7. Дудченко В.С. Имитационная игра как метод исследования и развития организаций. // Нововведение в организацию — М., 1983.
8. Загвязинский В.И. Инновационный процесс в образовании и педагогическая наука. // Инновационный процесс в образовании. Тюмень, 1990.
9. Инновационныое обучение: стратегия и практика. / Под редакцией В.П. Ляудис,-М., 1994.
10. Кавтрев А.Ф. Обзор компьютерных программ по физике для средней школы / Физическое образование в школе и ВУЗе. С-Пб.: Образование, 1998.
11. Канарская О.В. Инновационное обучение русскому языку: учебное пособие к специальному курсу. Д., 1989.
12. Эмомалӣ Раҳмон. Паёми 22 декабри соли 2017. Сомона: http:// www. president.tj/ taxonomy/term/5/68
13. Имомназаров Д. Технологияи муосири таълим-омили муҳими рушди тафаккур./Паёсм Пажӯҳишгоҳи рушди маориф.2020,№1(29,-с.21-26.
14. Қарори Хукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2012, №334 «Статегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф».-Душанбе:шарқи озод, 2013.-с.1-41.
15. Иматова Л.М. Тамоюлҳои асосии рушди таҳсилот ва роҳҳои татбиқи онҳо дар ҷарёни таълим. ./Паёсм Пажӯҳишгоҳи рушди маориф.2020,№1(29.-с.5-9..

Сафаров М.

**ЭФФЕКТИВНОСТЬ ИННОВАЦИОННОГО МЕТОДА В ПРОЦЕССЕ ОБУЧЕНИЯ ФИЗИКЕ**

В статье автор рассматривает эффективность инновационных методов обучения при изучении не только физики, но и других естественных и математических дисциплин. Известно, что в наше время большинство учителей средних школ используют современные технологии обучения и новаторские методы обучения для достижения эффективного обучения. Инновационные методы обучения способствуют развитию познавательных интересов школьников. Автор также отмечает, что из года в год в современный мир все больше проникают научно-технические инновации и в этом процессе формирования единого мировоззрения доминирующую роль играют открытия в естественных и математических дисциплинах и именно в преподавании этих дисциплин происходят больше научных изменений.

***Ключевые слова:*** *инновация, метод, компетенция, технология, физика, процесс, отношение, обучение, формирование, современность, школа, учайщихся, развитие..*

Safarov M.

**EFFICIENCY OF THE INNOVATIVE METHOD IN THE PROCESS OF LEARNING PHYSICS**

In the article, the author examines the effectiveness of innovative teaching methods in the study of not only physics, but also other natural and mathematical disciplines. It is known that nowadays, most secondary school teachers use modern teaching technologies and innovative teaching methods to achieve effective teaching. Innovative teaching methods contribute to the development of schoolchildren cognitive interests. From year to year, scientific and technical innovations are increasingly penetrating the modern world. Institutions focus more on acquiring new knowledge, inventing new inventions, than on knowledge gained in the learning process. In the process of forming a unified worldview, discoveries play a dominant role in natural and mathematical disciplines, and it is in the teaching of these disciplines that more scientific changes occur.

***Key words:*** *innovation, method, competence, technology, physics, process, attitude, learning, formation, modernity, school, students, development .*

**Сведения об авторе:** Сафаров М.С. – зав. научно-исследовательской лаборатории Института развития образования имени Абдурахмана Джами Академии образования Таджикистана, г. Душанбе, ул. Айни 126. E-mail: muhammadsattorovich@mail.ru., тел: (992) 918 74 11 73.
**Information about the author:** Safarov M.S. - the head. research laboratory of the Institute for the Development of Education named after Abdurahman Jami Academy of Education of Tajikistan, Dushanbe, 126 Ayni str., E-mail: muhammadsattorovich@mail.ru., mob: (992) 918 74 11 73.

**М. РАХМАТУЛЛОЕВА**

**ПОВЫШЕНИЕ ЭФФЕКТИВНОСТИ ОПРОСИТЕЛЬНО - КОНСУЛЬТАТИВНОГО ЗАНЯТИЯ (ОКЗ) ПО ЛИНЕЙНОЙ АЛГЕБРЕ В ТЕХНИЧЕСКОМ ВУЗЕ НА УСЛОВИЯХ КРЕДИТНОЙ СИСТЕМЕ ОБУЧЕНИЯ**

В настоящее время в связи с возросшей ролью математики в современной науке и технике огромное число будущих инженеров нуждаются в серьезной математической подготовке, которая давала бы возможность математическими методами исследовать широкий круг новых проблем, применять современную вычислительную технику, использовать теоретические достижения в практике. Поэтому, от выпускника технического вуза, как будущего специалиста, требуется умение нестандартно подходить к решению известных проблем, намечать пути решения вновь появляющихся проблем. В связи с этим наметились разные подходы к повышению качества подготовки специалистов в системе высшего профессионального образования. Наиболее характерным направлением эффективности вузовского образования является создание таких дидактических условий, в которых студент может занять активную личностную позицию и в наиболее полной мере раскрыться как субъект учебной деятельности. Создание педагогических условий осмысленности учения, включения в него учащегося на уровне не только интеллектуальной, но и личностной и социальной активности.

Курс высшей математики в техническом вузе является фундаментом математической подготовки будущего специалиста, в ходе которой и осуществляется формирование творческой активности инженера как одного из важнейших критериев для будущей профессиональной деятельности. Очевидно, что формирование творческой активности

студентов в обучении не должно носить эпизодический характер, оно должно быть систематическим с первых дней обучения студента в вузе. Вот здесь мы сталкиваемся с рядом проблем. Первая проблема заключается в методике преподавания курса высшей математике в техническом вузе [3, с.308-313].

Среди условий, активизирующих учебно-познавательную деятельности студентов в процессе изучения математики можно выделить:

– построение учебного процесса с учетом индивидуальных особенностей личности студента;

– умение преподавателя вуза управлять активной познавательной деятельностью студентов;

Чӣ тавре, ки қайд кардем ба ҷойи бораи "ва" аломати "$\vee$"-ро гузошта, ҳосил мекунем: $40\sqrt{2} \vee 57$.Равшан аст, ки ин ададҳо мусбатанд ва дар натиҷаи ба квадрат бардоштан аломати "$\vee$" иваз намешавад, лекин дар ҳамин ҷой бояд қайд кард, киагар яке аз ададҳо манфӣ мебуду, мо онҳоро ба квадрат мебардоштем, он гоҳ аломати "$\vee$" ба аломати "Λ" иваз мешуд. $(40\sqrt{2})^2 \vee (57)^2$; $3200<3249$. Адади дар тарафи рост буда калон аст, пас адади 57 калон будааст.

<u>Ҷавоб</u>: 57

**Эзоҳи 1**: Агар дар рафти муқоисаи ададҳо аломати "$\vee$" ба аломати "Λ" иваз шавад, он гоҳ ҷавоб низ иваз мешавад.

**Мисоли 2**. Кадоме аз ин ададҳо калон аст: $2\sqrt{10}$ ва 6,(32)?

**Ҳал:** Муқоисаи ададҳоро аз касри даврии беохир сар кардан лозим аст, яъне касри даврии беохирро дар намуди касри одӣ менависем:

6, (32) = $6\frac{32}{99}=\frac{626}{99}$. Ба муқоисаи аввала бармегардем:

$2\sqrt{10}\vee$ 6,(32); $2\sqrt{10}\vee\frac{626}{99}$;| $\cdot\frac{99}{2}$;

$99\sqrt{10}\vee 313$; $(99\sqrt{10})^2\vee(313)^2$; $99^2*10\vee(313)^2$;

$(100-1)^2*10\vee(300+13)^2$; $(10\,000-2*100+1)10\vee 90\,000+7800+169$;

98010>97969.

**Ҷавоб: $2\sqrt{10}>$ 6,(32).**

**Эзоҳи 2**: Барои он нафароне, ки касри даврии беохирро ба намуди касри одӣ навиштанро фаромӯш кардаанд, хотиррасон мекунем, ки ин чӣ гуна амалӣ мегардад. Инак, мо касри даврии беохирро дорем:

6,(32)=6,323232…=X

гуфта ишорат мекунем. Сипас, ҳар ду қисми баробарии охиринро ба 100 зарб мекунем (барои он ба 100 то ки вергул то даври дигар омадан), дар натиҷа баробарии зерин ҳосил мешавад:

100X=632,(32)

аз баробарии ҳосил шуда, баробарии пештарaро аъзо ба аъзо тарҳ карда ҳосил мекунем:

100X- X=632,(32) - 6,(32);

99X=626; $X=\frac{626}{99}$.

**Мисоли 3**. Кадоме аз ин ададҳо калон аст: $e^{\pi}$ ва $\pi^{e}$ ?

Барои муқоисаи ин ададҳо аз ҳар ду тарафи $e^{\pi}\vee\pi^{e}$ логарифми натуралӣ мегирем, то ки аз нишондиҳандаҳо озод шавем:

$\ell n e^{\pi}\vee\ell n\pi^{e}$; $\pi\ell n e\vee e\,\ell n\pi$ ; $\ell n e=1$ аст, лекин мо онро иваз намекунем, ҳар ду қисмро ба $\pi*e$ тақсим намуда ҳосил мекунем:

$\pi\ell n e\vee e\,\ell n\pi$ ;|:( $\pi*e$); $\frac{\ell n e}{e}\vee\frac{\ell n\pi}{\pi}$, дар ин ҷо ҳам $\ell n e=1$ иваз кардан мумкин аст, лекин ин шарт нест, барои он ки дар ҳамин ҳолати касрӣ муқоиса кардан ба мо мувофиқ аст. Барои муқоисаи касрҳои ҳосилшуда, қулай аст, ки аз формулаи функсияи ёрирасон истифода намоем.

Бигузор функсияи $f(x)=\frac{\ell n x}{x}$, ки дар ин ҷо $x>0$ дода шуда бошад, он гоҳ қимати функсияро дар нуқтаҳои e ва $\pi$ муқоиса мекунем: $f(e)\vee f(\pi)$.

Барои он, ки қимати функсия дар кадом нуқта калон аст донем, аз функсияи f(x) ҳосила мегирем: $f'(x)=\left(\frac{\ell n x}{x}\right)'=\frac{\frac{1}{x}*x-1*\ell n x}{x^2}=\frac{1-\ell n x}{x^2}$;

Бо назардошти он ки $x>0$ аст, ҳосилаи функсия дар тамоми соҳаҳои қиматҳояш маъно дорад. Ин маънои он родорад, ки нуқтаҳои статсионарии функсияро ёбем кифоя аст, яъне он нуқтаҳое, кидр он ҳосила ба сифр баробар аст: $f'(x)=0$; $1-\ell n x=0$; $\ell n x=1$; x=e. нуқтаи статсионарӣ x=e ёфт шуд, яъне нуқтаи эҳтимол экстремумро ёфтем. Барои ин аз тарафи чап ва рости адади e аломати ҳосиларо бояд санҷид:

- аз тарафи чапи нуқтаи e, нуқтаи $x=1\in(0;+\infty)$-ро гирифта ҳосил мекунем: $f'(1)=\frac{1-\ell n1}{1^2}=1$ аломат мусбат;

- аз тарафи чапи нуқтаи e, нуқтаи $x=1\in(0;+\infty)$-ро гирифта ҳосил мекунем: $f'(1)=\frac{1-\ell n1}{1^2}=1$ аломат мусбат;

- аз тарафи рости нуқтаи e, нуқтаи $x=e^2\in(0;+\infty)$-ро гирифта ҳосил мекунем: $f'(e^2)=\frac{1-\ell n e2}{e2^2}$; сурати каср манфӣ ва махраҷи каср мусбат, пас, аломат манфӣ мешавад.

Ҳангоми гузариш аз аломати мусбат ба аломати манфӣ $x_{max}$=e ҳосил мешавад,ки $f(e)>f(\pi)$. Бояд қайд кард, ки ҳангоми логарифронидани муқоисашавандаҳо аз рӯйи

логарифми натуралӣ аломати муқоиса $\vee$ тағйир намеёбад, зеро ки логарфмаи натуралӣ функсияи афзуншаванда (асос e$>0$) аст. Тарафи чап нисбат ба тарафи рост калон будааст.

**Ҷавоб:** $e^{\pi} > \pi^{e}$.

Айнан чун мисоли 3 ба шумоён супориши мустақилона пешниҳод карда мешавад, ки чунин аст:

**Мисоли 4**. Кадоме аз ин ададҳо калон аст: $(\sqrt{2})^{\sqrt{3}}$ ва $(\sqrt{3})^{\sqrt{2}}$

**Нишондод**: баъди он ки логарифми натуралӣ мегиред, ба $\sqrt{6}$ ҳар ду қисми муқоисашавандаҳоро (нобаробариро) тақсим кардан қулай аст. Худро санҷед, ҷавоб: $(\sqrt{3})^{\sqrt{2}}$.

**Мисоли 5**. Кадоме аз ин ададҳо калон аст: $50^{99}$ ва $99!$

Аломати: ! – аломати факториал буда, $99! = 1*2*3*...*99$ баробар аст.

$\sqrt[99]{50^{99}} \vee \sqrt[99]{99!}$; аз ҳар ду қисми нобаробарӣ решаи дараҷаи 99 гирифта, дар тарафи чап 50 ва дар тарафи рост решаи дараҷаи 99 аз 99!-ро ҳосил мекунем: 50 $\vee \sqrt[99]{99!}$ Мувофиқи нобаробарии Коши:

$$\sqrt[99]{99!}=\sqrt[99]{1*2*3*...*99} < \frac{1+2+3+...+99}{99} = \frac{\frac{(1+99)*99}{2}}{99} = \frac{100}{2} = 50.$$

$\sqrt[99]{99!} < 50$; $99! < 50^{99}$

**Ҷавоб:** $50^{99} > 99!$

**Эзоҳи 3**. Мухтасар дар бораи нобаробарии Коши:

барои ададҳои дилхоҳи $a \geq 0$ ва $b \geq 0$ нобаробарии Коши (во бастагии миёнаи арифметикӣ ва геометрии ададҳои ғайриманфӣ) ҷой дорад:

$$\sqrt{a*b} \leq \frac{a+b}{2},$$

Ҳангоми $a \neq b$ будан, нобаробарӣ Коши қатъӣ мешавад.

**Мисоли 6**. Муқоиса кунед: $\log_{11} 12$ ва $\log_{12} 13$.

$\log_{11} 12 \vee \log_{12} 13$, ҳар ду қисми муқоисашавандаро ба $\log_{11} 12$ тақсим намуда, ҳосил мекунем:

$1 \vee \frac{\log_{12} 13}{\log_{11} 12}$; $1 \vee \log_{12} 13 * \log_{12} 11$; $\sqrt{1} \vee \sqrt{\log_{12} 13 * \log_{12} 11}$

Мувофиқи нобаробарии Коши, ҳосил мекунем:

$1 \vee \frac{\log_{12} 13+\log_{12} 11}{2}$; $1 \vee \frac{\log_{12}(13*11)}{2}$; $1 \vee \frac{\log_{12} 143}{2}$; $\frac{\log_{12} 143}{2} < \frac{\log_{12} 144}{2} = 1$

Адади 1 дар тарафи чап буд ва маълум шуд, ки он нисбати тарафи чапи муқоисашавандаҳо калон аст. Дар рафти содакуниҳо аломати муқоиса ягон маротиба иваз нашудааст.

**Ҷавоб**: $\log_{11} 12 > \log_{12} 13$.

Дар вақти муқоисаи ададҳо, усули ба ягон адади ба ададҳои муқоисашаванда бениҳоят наздикро низ истифода менамоянд, ки натиҷабахш мебошад.

**Мисоли 7**. Кадоме аз ин ададҳо калон аст: $3^{110}$ ва ё $6^{65}$?

Мо бояд ду ададҳоро муқоиса намоем: $3^{110} \vee 6^{65}$

Адади якумро бетағйир менависем ва асоси адади дуюмро ба ададҳои сода ҷудо намуда, ҳосил мекунем:

$3^{110} \vee (2*3)^{65}$; $3^{110} \vee 2^{65}*3^{65}$

Ҳар ду тарафи бо ном нобаробариро, ба $3^{65}$ тақсим намуда, ҳосил менамоем, дар ин ҷо бояд қайд кард, ки ҳангоми ба адади мусбат тақсим кардани нобаробарӣ, аломат тағйир намеёбад (агар тағйир меёфт мо аломати муқоисаро чаппа мекардем ва ҳангоми протсесси ҳалли мисол инро ба назар мегирифтем):

$3^{110-65} \vee 2^{65}$; $3^{45} \vee 2^{65}$;

Равшан аст, ки адади 45 аз адади 44 дур нест ва адади 65 аз адади 66 дур нест ва ҳар дуи ин ададҳои нав ба адади 22 бебақия тақсим мешаванд, ана ҳаминро истифода карда, ҳосил мекунем:

$3^{45} > 3^{44} = (3^2)^{22} = 9^{22}$; $3^{45} > 9^{22}$;

$2^{65} < 2^{66} = (2^3)^{22} = 8^{22}$; $2^{65} < 8^{22}$;

Ба муқоисаи $3^{45} \vee 2^{65}$ баргашта, натиҷаҳои ҳозир ба даст овардаамонро татбиқ менамоем:

$3^{45} > 9^{22} > 8^{22} > 2^{65}$;

Аз ин занҷири нобаробариҳо бармеояд, ки $3^{45} > 2^{65}$ будааст.

Пас, барои муқоисаи мо тарафи чап нисбат ба тарафи рост калон будааст. Ин маънои онро дорад, ки барои ададҳои аввала низ тарафи чап аз тарафи рост калон мешавад.

**<u>Ҷавоб:</u> $3^{110} > 6^{65}$.**

Айнан чун мисоли 7 ба шумоён супориши мустақилона пешниҳод карда мешавад, ки чунин аст:

**Мисоли 8.** Кадоме аз ин ададҳо калон аст: $2^{23}$ ва ё $3^{17}$?

**Муодилаҳои диофантӣ**

Муодилаи бисёр тағйирёбандадоре, ки ҳалли он дар доираи ададҳои бутун талаб карда мешавад, одатан муодилаҳои диофантӣ (ё муодилаи диофант) меноманд. Диофант 500 сол қабл умр ба сар бурдааст, дар бораи худи ӯ ахбор хеле кам аст, лекин корҳои ӯ ба мо дунёи арифметика ва алгебраро кушодааст.

Ҳамасола дар Олимпиадаҳои даврҳои гуногуни фанни математика бо муодилаҳое, ки ду ё якчанд номаълум доранду, ҳалли онҳо дар доираи ададҳои бутун талаб карда мешаванд, яъне муодилаҳои диофантӣ ҳастанд, вохӯрдан мумкин аст.

Албатта, ин гуна муодилаҳо мисли муодилаҳои квадратӣ нестанд, ки онҳоро аз рӯи теоремаи Виет, ё ёфтани дискриминант, бо роҳи стандартӣ ҳал намоем, ин гуна муодилаҳоро ҳал кардан бениҳоят душвор аст. Барои ҳал кардани ин гуна муодила дониш ва таҳлили мантиқии хуб бояд дошт. Муодилаҳои диофантӣ бо якчанд усул (методҳо) ҳал карда мешаванд ва усуле, ки имрӯз дида мебароем, усули ба зарбкунандаҳо ҷудо кардани бисёраъзогӣ ва баръакс мебошад.

Бояд қайд кард, ки аз курси алгебраи мактабӣ таваҷҷуҳи моро муодилаҳое ба худ ҷалб мекунанд ва яке аз ин гуна муодилаҳо – муодилаҳои диофантӣ мебошад. Барои чӣ ин усулро пеша кардем, зеро аз курси алгебраи мактабӣ мо ба зарбкунандаҳо ҷудо кардани бисёрузваҳоро омӯхтаем ва дар мақолаҳои олимони имрӯзаи тоҷик низ мутолиа намудаем.

Хотиррасон мекунем, ки ададҳои намуди $0; \pm 1; \pm 2; \ldots -$ ро, яъне ададҳои натуралӣ, ададҳои ба ададҳои натуралӣ аз рӯйи аломаташон муқобил ва сифрро дар якҷоягӣ - ададҳои бутун меноманд. Муодилаҳои ду ва ё зиёда аз он номаълумдор бошад аз номаш маълум аст, ки чӣ гуна баробариҳо мебошанд. Инчунин, бояд ба хотир овард, ки адади мусбат танҳо дар натиҷаи ҳосили зарби ду адади манфӣ ва ду адади мусбат пайдо мешавад, инчунин дар натиҷаи тақсим низ. Бо назардошти ин тавзеҳот якчанд мисолҳоро дида мебароем.

**Мисоли 1**. Дар доираи ададҳои бутун муодилаи $x + y = xy$ -ро ҳал кунед.

Чӣ тавре, ки дар боло қайд кардем, яке аз усули ҳал кардани муодилаҳои диофантӣ ин усули ба зарбкунандаҳо ҷудо кардани бисёраъзогӣ мебошад, барои ин қисмҳои муодиларо ба як тараф мегузаронем, қулайтараш масалан, ба тарафи рост гузаронем ва бо ягон тарз ба зарбкунандаҳо ҷудо намуда, ҳосил мекунем: $xy-x-xy=0$;

ду аъзоҳои аввaлаpo гурӯҳбандӣ намуда, яъне x-ро аз қавс бароварда ҳосил мекунем: $x(y-1)-y=0$;

ҷамъшавандаи аввал, бисёраъзогии $y-1$ ро дорост, бинобар ин, барои ба зарбшавандаҳо ҷудо намудани ҷамъшавандаи дуюм низ ҳамон фарқро бояд доро бошад, аммо барои фарқ ба мо $+1$ намерасад, барои ин ба ҳар ду қисми муодила 1-ро ҷамъ карда, ҳосил мекунем:

$x(y-1)-y+1=1$; $x(y-1)-(y-1)=1$; $(y-1)(x-1)=1$;

мо муодиларо дар доираи ададҳои бутун ҳал намуда истодаем, яъне агар x ва y ададҳои бутун бошанд, пас дар тарафи чапи муодила ҳар ду зарбшавандаҳо (ифодаи дохили ду қавсҳо) ададҳои бутунанд. Ҳосили зарби ададҳои бутун ҳамон вақт адади 1-ро ҳосил мекунад, агар ҳар ду зарбшавандаҳо дар як вақт баробари 1 ва ё баробари -1 бошанд, яъне дар натиҷа мо маҷмӯи якҷояи ду системаро ҳосил намудем:

$$\left[\begin{cases} x-1=1, \\ y-1=1, \end{cases} \atop \begin{cases} x-1=-1, \\ y-1=-1; \end{cases}\right. \quad \left[\begin{cases} x=2, \\ y=2, \end{cases} \atop \begin{cases} x=0, \\ y=0; \end{cases}\right.$$

Инак, ҳалли муодилаи мазкур ҷуфти ду ададҳо мешавад.

**Ҷавоб: (0;0); (2;2)**

**Мисоли 2**.Дар доираи ададҳои бутун муодилаи $x^2+xy-y=2$-ро ҳал кунед.

Барои ҳалли ин муодила аввал, яке аз тағйирёбандҳоро нисбати дигараш ифода карда, баъдан вариантҳои мувофиқро интихоб менамоем. Ба бисёраъзогӣ табдил медиҳем. Қулайтаринаш y-ро ба воситаи x ифода намудан аст, чунки y дар дараҷаи якум аст, x бошад ҳам дар дараҷаи якум ва ҳам дар дараҷаи дуюм иштирок мекунад. Барои ин $x^2$ –ро ба тарафи рост гузаронида, аз ҷамъшавандаҳои дуюм ва сеюм

y- ро аз қавс мебарорем: $y(x-1)=2-x^2$; ҳангоми $x-1\neq0$; $x\neq1$ (ҳангоми $x-1=0$ муодила ҳал надорад, чунки тарафи чапи муодила аз ҳисоби $x-1=0$ ба сифр баробар мешавад ва тарфи рост $2-1=1$, яъне $0\neq1$) ҳарду қисми муодиларо ба $x-1$ тақсим намуда, ҳосил мекунем:

$$y=\frac{2-x^2}{x-1}=-\frac{x^2-2}{x-1}=-\frac{x^2-2x+1+2x-3}{x-1}=-\frac{(x-1)^2+2x-2+2-3}{x-1}=$$

$$=-\frac{(x-1)^2+2(x-1)-1}{x-1}=-(x-1)-2+\frac{1}{x-1}=-x-1+\frac{1}{x-1};$$

Пас, ҳосил намудем: $y=-x-1+\frac{1}{x-1}$;

Тарафи чаи муодила y- ин адади бутун аст, пас тарафи рости муодила низ адади бутун бояд бошад: -x-1 адади бутун ва касри $\frac{1}{x-1}$ низ адади бутун. Мо ҳамаи қиматҳои тағйирёбандаи x-ро бояд ёбем, ки каср адади бутун бошад, аммо касри мазкур ҳамон вақт адади бутун мешавад, агар сурат ба махраҷ бутун тақсим шавад. Сурат ба 1 баробар аст ва он танҳо дар ҳолати ба $\pm1$ тақсим шудан, адади бутун мешавад, яъне танҳо ду ҳолат шуданаш мумкин аст: $x-1=-1$ ёки $x-1=1$. Аз ин ҷо $x=0$ ё ки $x=2$. Ҷуфти мувофиқи y- ро ба x-ҳои ёфта шуда, меёбем:

- агар $x=0$ бошад, он гоҳ $y=-1-1=-2$, (0;-2);
- агар $x=2$ бошад, он гоҳ $y=-2-1+1=-2$, (2;-2).

**Ҷавоб: (0;-2); (2;-2).**

**Мисоли 3**. Дар доираи ададҳои бутун муодилаи $x^3-y^3=91$-ро ҳал кунед.

Аз формулаи фарқи кубҳо истифода карда, тарафи чапи муодиларо тағйир медиҳем, дар натиҷа ҳосил мешавад:

$(x-y)(x^2+xy+y^2)=91$;

Қайд мекунем, ки адади 91 ду тақсимшавандаҳои сода дорад, ки ин ададҳои 7ва 13 мебошанд, ин маънои онро дорад, ки бо чор ҳолат адади 91-ро ба зарбшавандаҳо метавон ҷудо намуд, ки инҳоанд:

1). $1*91$; 2). $(-1)*(-91)$; 3). $7*13$; ва 4). $(-7)*(-13)$.

Барои чор вариантҳоро як ба як надидан, мо ба зарбшавандаи дуюм, яъне ба квадрати нопурра баҳо медиҳем:

$x^2+xy+y^2=x^2+2x\frac{y}{2}+\frac{y2}{4}-\frac{y2}{4}+y^2=(x+\frac{y}{4})^2+\frac{3y2}{4}$

Равшан аст, ки ҷамъшавандаи якум квадрати сумма ғайриманфӣ мебошад ва ҷамъшавандаи дуюм аз ҳисоби квадрат ғайриманфист, ин маънои онро дорад, ки суммаи онҳо низ ғайриманфист. Пас, зарбшавандаи дуюм ғайриманфӣ мебошад, ин маънои онро дорад, ки ба зарбшавандаҳои варианти 2) ва 4) ҷудо намудан ҷой надорад.

Дар натиҷа мо ҳолатҳои якум ва сеюмро бо ду вариантӣ, яъне чор ҳолатҳои зеринро дида мебароем:

1). $\begin{cases} x-y=1, \\ x^2+xy+y^2=91; \end{cases} \begin{cases} x-y=1, \\ (x-y)^2+3xy=91; \end{cases} \begin{cases} x-y=1, \\ 3xy=91-1; \end{cases} \begin{cases} x-y=1, \\ xy=30; \end{cases}$

$\begin{cases} x=y+1, \\ (y+1)^2+30+y^2=91; \end{cases} \begin{cases} x=y+1, \\ 2y^2+2y=60; \end{cases} \begin{cases} x=y+1, \\ y^2+y-30=0; \end{cases}$

Аз муодилаи дуюми система, мувофиқи теоремаи Виет: $y_1=-6$; $y_2=5$

Аз ин ҷо $x_1=-5$ ва $x_2=6$. Ҷуфти ҳалҳо: (-5;-6) ва (6;5).

2). $\begin{cases} x-y=91, \\ x^2+xy+y^2=1; \end{cases}$ $\begin{cases} x-y=91, \\ (x-y)^2+3xy=1; \end{cases}$ $\begin{cases} x-y=91, \\ 3xy=1-8281; \end{cases}$ $\begin{cases} x=y+91, \\ xy=-2760; \end{cases}$

$\begin{cases} x=y+91, \\ y^2+91y+2760=0; \end{cases}$

Аз муодилаи дуюми система, дискриминант аз сифр хурд, яъне D=-2759 ва муодила ҳал надорад, аз ин ҷо система низ ҳал надорад: $\emptyset$.

3). $\begin{cases} x-y=7, \\ x^2+xy+y^2=13; \end{cases}$ $\begin{cases} x-y=7, \\ (x-y)^2+3xy=13; \end{cases}$ $\begin{cases} x-y=7, \\ xy=-12; \end{cases}$ $\begin{cases} x=y+7, \\ y^2+7y+12=0; \end{cases}$

Аз муодилаи дуюми система, мувофиқи теоремаи Виет: $y_1$=-4; $y_2$=-3

Аз ин ҷо $x_1$=3 ва $x_2$=4. Ҷуфти ҳалҳо: (3;- 4) ва (4;-3).

4). $\begin{cases} x-y=13, \\ x^2+xy+y^2=7; \end{cases}$

Ба осонӣ дидан мумкин аст, ки системаи мазкур низ ҳал надорад: $\emptyset$.

Инак, мо чор ҷуфт ҳалҳои муодиларо ёфтем, ки ба тариқи санҷиш дуруст будани онҳоро метавон донист.

**<u>Ҷавоб</u>: (-5;-6), (6;5), (3;-4),(4;-3).**

**Мисоли 4.** Дар доираи ададҳои бутун муодилаи $2xy+3x+y=0$-ро ҳал кунед.

Чӣ тавре ки дар мисолҳои қаблӣ нишон додем, яке аз усули ҳал кардани муодилаҳои диофантӣ ин усули ба зарбкунандаҳо ҷудо кардани бисёраъзогӣ мебошад, аз аъзои якум ва сеюм у-ро аз қавс бароварда, ҳосил мекунем: y(2x+1)+3x=0;

ба ҳар ду тарафи муодила 2-ро зарб ва сипас, адади 3-ро ҷамъ ва тарҳ намуда, муодилаи зеринро ҳосил мекунем:

2y(2x+1)+6x+3-3=0; 2y(2x+1)+3(2x+1)=3; (2x+1)(2y+3)=3

Агар қавси аввали муодилаи охиронро бо a ва қавси дуюмро бо b(a,b$\in\mathbb{Z}$) ишорат кунем, он гоҳ ab=3 ва ҷуфти ададҳо инҳо мешаванд:

ab=3; (a; b)→ (1; 3), (3; 1), (-1; -3); (-3; -1).

Ҳар як ҷуфтҳои ҳосилшударо ба ҷояш гузошта, чор адад системаҳои одии зеринро ҳосил мекунем:

1. $\begin{cases} 2x+1=1, \\ 2y+3=3; \end{cases}$ $\begin{cases} 2x=0, \\ 2y=0; \end{cases}$ $\begin{cases} x=0, \\ y=0; \end{cases}$
2. $\begin{cases} 2x+1=3, \\ 2y+3=1; \end{cases}$ $\begin{cases} 2x=2, \\ 2y=-2; \end{cases}$ $\begin{cases} x=1, \\ y=-1; \end{cases}$
3. $\begin{cases} 2x+1=-1, \\ 2y+3=-3; \end{cases}$ $\begin{cases} 2x=-2, \\ 2y=-6; \end{cases}$ $\begin{cases} x=-1, \\ y=-3; \end{cases}$
4. $\begin{cases} 2x+1=-3, \\ 2y+3=-1; \end{cases}$ $\begin{cases} 2x=-4, \\ 2y=-4; \end{cases}$ $\begin{cases} x=-2, \\ y=-2. \end{cases}$

Ҳоло, ҳалли муодилаи мазкурро навиштан монду халос ва албатта, метавонем санҷиш гузаронида боварӣ ҳосил намоем, ки дар ҳақиқат ҷавоби ёфтаамон шарти муодиларо қонеъ мегардонад.

**<u>Ҷавоб:</u> (0;0); (1;-1); (-1;-3); (-2;-2).**

Дар охир барои санҷидани худ, ки то чӣ андоза ин мавзӯи аҷоибро аз худ намудед, мисоли зерин дода мешавад:

**Мисоли 5**. Дар доираи ададҳои бутун муодилаи $xy+3x=5y-3$-ро ҳал кунед.

**Нишондод:** ҳамма аъзоро ба як тарафи баробарӣ гузаронед, у-ро аз қавс бароварда, якбора адади 15-ро ҳам ҷамъ ва ҳам тарҳ карда гурӯҳбандӣ намоед. Ба Шумо комёбӣ металабам!

**Табдилдиҳии ифодаҳои алгебравӣ ва татбиқи он дар ҳалли мисолҳо**

Айниятҳои зарби мухтасар ба мо имкон медиҳанд, ки ифодаи алгебравии мураккаброро ба ифодаи алгебравии нисбатан соддатар табдил диҳем. Бо назардошти ин тавзеҳот як чанд мисолҳоро дида мебароем. **Мисоли 1**. Қимати ифодаро ёбед:

$$\sqrt{(\sqrt{10}-3)^2}+\sqrt{(\sqrt{10}-4)^2}$$

Барои табдил додани ҳар як решаҳо ба хотир меорем, ки: $\sqrt{x^2} = |x|$

Аз ин ҷо ҳосил мекунем:

$$\sqrt{(\sqrt{10}-3)^2}+\sqrt{(\sqrt{10}-4)^2}=|\sqrt{10}-3|+|\sqrt{10}-4|$$

Акнун, барои кушодани ҳар як модули додашуда, аломати ифодаи дохили модулро санҷидан лозим аст. Агар аломати дохили модул ғайри-манфӣ ($\geq 0$) бошад, он гоҳ модул бо аломати "плюс" кушода мешавад, агар аломати дохили модул манфӣ ($< 0$) бошад, он гоҳ модул бо аломати "минус" кушода мешавад.

Аломати ифодаи дохили модулро чӣ хел бояд санҷид?

Роҳҳои гуногуни санҷиши аломати ифодаи дохили модул мавҷуд аст, масалан, $\sqrt{10}$ ва 3-ро муқоиса мекунем. Одатан, барои муқоиса аломати

$\vee$-ро истифода мекунанд, ки дар натиҷаи ҳал ин аломат ба яке аз аломаҳои $>, <$ ва $=$ табдил меёбад. Барои муқоисаи ду адади ғайриманфӣ кифоя аст, ҳар ду ададро ба квадрат бардорем:

$\sqrt{10} \vee 3$; $(\sqrt{10})^2 \vee 3^2$; $10 > 9$;

Аз ин ҷо: $\sqrt{10} > 3$; $\sqrt{10}-3 > 0$

Ҳамин тариқ, аниқ кардем, ки аломати ифодаи зери модули якум мусбат мебошад.

Албатта, бо роҳи дигар фарқи зери модулро баҳо додан мумкин буд:

Ба ҷои адади $3=\sqrt{3^2}=\sqrt{9}$ фарз намуда ҳосил мекунем:

$\sqrt{10}-3=\sqrt{10}-\sqrt{9}>0$, чунки чӣ қадаре, ки адади зери реша калон шавад, ҳамон қадар реша калон мешавад.

Акнун, фарқи зери модули дуюмро баҳо медиҳем:

$\sqrt{10}-4=\sqrt{10}-\sqrt{4^2}=\sqrt{10}-\sqrt{16}<0$,

Аз ин ҷо бинобар сабаби ифодаи зери модул адади манфӣ буданаш, мувофиқи таърифи модул, модул бо аломати манфӣ кушода мешавад.

Ҳамин тариқ ҳосил мекунем:

$$\sqrt{(\sqrt{10}-3)^2}+\sqrt{(\sqrt{10}-4)^2}=|\sqrt{10}-3|+|\sqrt{10}-4|=$$
$$=\sqrt{10}-3-\sqrt{10}+4=-3+4=1.$$

**Ҷавоб: 1.**

Мисоли дигари ба ин монандро дида мебароем.

**Мисоли 2**. Қимати ифодаро ёбед:

$$\sqrt{(2-\sqrt[5]{20})^2}+\sqrt{(3-\sqrt[5]{20})^2}$$

Аз хосияти $\sqrt{x^2}=|x|$ истифода намуда, ҳосил мекунем:

$$\sqrt{(2-\sqrt[5]{20})^2}+\sqrt{(3-\sqrt[5]{20})^2}=|2-\sqrt[5]{20}|+|3-\sqrt[5]{20}|=$$

Ба ифодаҳои зери модул баҳо дода, ҳосил мекунем:

$2-\sqrt[5]{20}=\sqrt[5]{8}-\sqrt[5]{20}<0$, $3-\sqrt[5]{20}=\sqrt[5]{27}-\sqrt[5]{20}>0$.

Акнун, модули аввал бо аломати манфӣ ва модули дуюм бо аломати мусбат кушода мешавад, ҳамин тариқ ҳосил мекунем:

$=-(2-\sqrt[5]{20})+3-\sqrt[5]{20}=-2+\sqrt[5]{20}+3-\sqrt[5]{20}=-2+3=1.$

**Ҷавоб: 1.**

**Мисоли 3**. Аз табдилдиҳиҳо истифода намуда, махраҷро аз адади ирратсионалӣ озод намоед: $\frac{1}{\sqrt{2}+\sqrt[3]{3}}$

Барои махраҷро аз адади ирратсионалӣ озод намудан, касрро ҳамин тавр навистан лозим аст, ки дар махраҷ решаҳо набошад. Дида истодаем, ки дар махраҷ ҳам решаи квадратӣ ва ҳам решаи кубӣ мавҷуд аст, бинобар ин, аз решаҳо пай дар пай озод мешавем. Аввал аз решаи квадратӣ озод мешавем, барои ин сурат ва махраҷро ба ҳамроҳшудаи махраҷ зарб мекунем, ба ададе, ки барои ҳосил шудани фарқи квадратҳо намерасад, яъне

ба $\sqrt{2}-\sqrt[3]{3}$ ва ё $\sqrt[3]{3}-\sqrt{2}$. Қулай аст, ба $\sqrt[3]{3}-\sqrt{2}$ зарб кунем, чунки адади мусбат ҳосил мешавад:

$$\frac{1}{\sqrt{2}+\sqrt[3]{3}}=\frac{\sqrt[3]{3}-\sqrt{2}}{(\sqrt{2}+\sqrt[3]{3})(\sqrt[3]{3}-\sqrt{2})}=\frac{\sqrt[3]{3}-\sqrt{2}}{\sqrt[3]{9}-2}=$$

Ана акнун, барои аз решаи кубӣ озод шудани марақи каср, онро ба ифодае зарб кардан лозим аст. Вале, он, ки ба формулаи фарқи кубҳо оварда мешавад, як норасоӣ дорад. Бароиислоҳи он чунин амалро имекунем, яъне сурат ва махраҷи касрро ба суммаи квадрати нопурраи ададҳои $\sqrt[3]{3}$ ва $\sqrt{2}$ зарб мекунем:

$$=\frac{(\sqrt[3]{3}-\sqrt{2})(\sqrt[3]{81}+2\sqrt[3]{9}+4)}{(\sqrt[3]{9}-2)(\sqrt[3]{81}+2\sqrt[3]{9}+4)}=\frac{(\sqrt[3]{3}-\sqrt{2})(\sqrt[3]{81}+2\sqrt[3]{9}+4)}{(\sqrt[3]{9})^3-2^3}=\frac{(\sqrt[3]{3}-\sqrt{2})(\sqrt[3]{81}+2\sqrt[3]{9}+4)}{9-8}=$$

$$=\left(\sqrt[3]{3}-\sqrt{2}\right)\left(\sqrt[3]{81}+2\sqrt[3]{9}+4\right).$$

**Мисоли 4**. Аз табдилдиҳиҳо истифода намуда, махраҷро аз адади иррационалӣ озод намоед: $\frac{1}{\sqrt[4]{2}+\sqrt[4]{3}}$;

Махраҷро аз адади иррационалӣ озод намоед, ин маънои онро дорад, бояд дар махраҷи каср реша набошад. Сараввал, сурат ва махраҷи касрро ба ҳамроҳшудаи махраҷ зарб мекунем, яъне ба ифадае, ки барои фарқи квадрат шудани махраҷ норасо аст, ҳамин тавр ҳосил мекунем:

$$\frac{1}{\sqrt[4]{2}+\sqrt[4]{3}}=\frac{\sqrt[4]{3}-\sqrt[4]{2}}{(\sqrt[4]{2}+\sqrt[4]{3})(\sqrt[4]{3}-\sqrt[4]{2})}=\frac{\sqrt[4]{3}-\sqrt[4]{2}}{\sqrt{3}-\sqrt{2}}=$$

Дида истодаем, ки каср қисман содатар шуд, ба ҳамроҳшудаи махраҷ бори дигар сурат ва махраҷро зарб намуда, ҳосил мекунем:

$$=\frac{\sqrt[4]{3}-\sqrt[4]{2}}{\sqrt{3}-\sqrt{2}}=\frac{(\sqrt[4]{3}-\sqrt[4]{2})(\sqrt{3}+\sqrt{2})}{(\sqrt{3}-\sqrt{2})(\sqrt{3}+\sqrt{2})}=\frac{(\sqrt[4]{3}-\sqrt[4]{2})(\sqrt[4]{3^2}+\sqrt[4]{2^2})}{3-2}=(\sqrt[4]{3}-\sqrt[4]{2})(\sqrt[4]{3^2}+\sqrt[4]{2^2})=$$

$$=\sqrt[4]{3}\sqrt[4]{3^2}+\sqrt[4]{3}\sqrt[4]{2^2}-\sqrt[4]{2}\sqrt[4]{3^2}-\sqrt[4]{2}\sqrt[4]{2^2}=\sqrt[4]{27}+\sqrt[4]{12}-\sqrt[4]{18}-\sqrt[4]{8}.$$

Барои санҷидани худ, мустақилона мисоли зеринро дида бароед:

**Мисоли5**. Аз табдилдиҳиҳо истифода намуда, махраҷро аз адади иррационалӣ озод намоед: $\frac{1}{\sqrt[3]{2}+\sqrt[3]{3}}$.

Ифодаҳои ҳамроҳшударо дар намуди ҷадвал пешкаш менамоем:

| **Ифода** | **Ҳамроҳшуда** |
|---|---|
| $\sqrt[n]{a^m}$ | $\sqrt[n]{a^{n-m}}$ |
| $a-\sqrt{b}$ | $a+\sqrt{b}$ |
| $\sqrt{a}-\sqrt{b}$ | $\sqrt{a}+\sqrt{b}$ |
| $\sqrt[3]{a}+\sqrt[3]{b}$ | $\sqrt[3]{a^2}-\sqrt[3]{ab}+\sqrt[3]{b^2}$ |
| $\sqrt[3]{a}-\sqrt[3]{b}$ | $\sqrt[3]{a^2}+\sqrt[3]{ab}+\sqrt[3]{b^2}$ |
| $a+\sqrt[3]{b}$ | $a^2-a\sqrt[3]{b}+\sqrt[3]{b^2}$ |
| $a-\sqrt[3]{b}$ | $a^2+a\sqrt[3]{b}+\sqrt[3]{b^2}$ |

**Мисоли 6**.Аз табдилдиҳиҳои алгебравӣ истифода намуда, муодилаи зеринро ҳал кунед: $\sqrt[4]{629-x}+\sqrt[4]{77+x}=8$

Барои ҳалли ин муодилаи иррационалӣ, аз шарти мисол маълум шуда истодааст, ки табдилдиҳӣ бояд кард ва аввал аз реша озод шудан лозим, барои ин решаҳои якум ва дуюмро, мувофиқан ба тағйирёбандаҳои нави $a$ ва b ишорат карда,

$\sqrt[4]{629-x}=a$, $\sqrt[4]{77+x}=b$ (*)

муодилаи нисбатан соддаи $a$+b=8-ро ҳосил мекунем. Боз як муодилаи дигарро ҳосил мекунем, агар решаи дараҷаи чорум ба $a$ баробар бошад, он гоҳ $a$ дараҷаи чорум ба ифодаи зери реша баробар аст: $a^4=629-x$.

Айнан ҳамин тавр, $b^4$ ба ифодаи зери решаи дуюм баробар мешавад:

$b^4=77+x$. Ин баробариҳоро аъзо ба аъзо ҷамъ намуда, муодилаи дуюми системаро ҳосил мекунем: $a^4+b^4=706$.

Инак, мо дорем:

$$\begin{cases} a+b=8; \\ a^4+b^4=706; \end{cases} \quad (**)$$

Системаи ҳосилшуда, системаи муодилаҳои симметрӣ аст, зеро дар натиҷаи иваз намудани ҷойи тағйирёбандаҳо системаи муодилаҳо тағйир намеёбад. Ин гуна системаи муодилаҳо бо ворид намудани тағйир- ёбандаҳои нав ҳал карда мешаванд:

$$\begin{cases} a+b=u; \\ a\cdot b=v; \end{cases} \quad (***)$$

Истифодаи тағйирёбандаҳои нав ба муодилаи якуми системаи (**) ягон душворӣ надорад, фаҳмост, ки $a+b=u=8$, лекин барои муодилаи дуюмаш бошад, аз мо табдилдиҳии алгебравиро талаб мекунад, ки онро дар алоҳидагӣ дида мебароем:

$a^4+b^4=(a^2+b^2)^2-2a^2b^2=((a+b)^2-2ab)^2-2a^2b^2=(8^2-2v)^2-2v^2=$

$=8^4-4\cdot8^2v+4v^2-2v^2=4096-256v+2v^2;$

Ҳоло ки суммаи дараҷаҳои чорумро ҳосил кардем, онро ба муодилаи дуюми системаи (**) гузошта пайдо мекунем:

$$4096-256v+2v^2=706;$$

Ба адади 2 тақсим намуда, ҳамаи аъзоро ба як тарафи баробарӣ гузаронида ҳосил мекунем:

$$v^2-128v+1695=0;\ v_1=15 \text{ ва } v_2=113$$

Ба системаи (***) бармегардем, ки дар натиҷа ду системаи нави муодилаҳо ҳосил мешавад:

$$\begin{cases} a+b=8; \\ a\cdot b=15; \end{cases} \text{ ва } \begin{cases} a+b=8; \\ a*b=113; \end{cases}$$

Дар алоҳидагӣ ин системаҳоро дида мебароем:

$$\begin{cases} a+b=8; \\ a\cdot b=15; \end{cases} \quad \begin{cases} b=8-a; \\ a^2-8a+15=0; \end{cases}$$

Хотиррасон мекунем, ки системаи муодилаҳои мо, аввалан, симметрӣ буд, бинобар он мо ҷуфти ҳалҳоро ҳосил кардем: (3;5) ва (5;3).

Ана акнун, мо метавонем ба гузориши аввала (*) баргардем:

$$\begin{cases} \sqrt[4]{629-x}=3; \\ \sqrt[4]{77+x}=5; \end{cases} \begin{cases} 629-x=81; \\ 77+x=625; \end{cases} \quad x=548.$$

$$\begin{cases} \sqrt[4]{629-x}=5; \\ \sqrt[4]{77+x}=3; \end{cases} \begin{cases} 629-x=625; \\ 77+x=81; \end{cases} \quad x=4.$$

Системаи муодилаҳои дуюмро дида мебароем:

$$\begin{cases} a+b=8; \\ a\cdot b=113; \end{cases} \begin{cases} b=8-a; \\ a^2-8a+113=0; \end{cases}$$

Аз баски $D<0$, бинобар ин, системаи муодилаҳои дуюм ҳал надорад: $\emptyset$.

Ҳалли муодилаи додашуда, танҳо ду қимати тағйирёбандаи х мебошад.

**<u>Ҷавоб:</u> x=4; x=548.**

Мисоли 7. Ҳисоб кунед: $((\sqrt[4]{3}-\sqrt[4]{27})^2+7)\cdot((\sqrt[4]{3}+\sqrt[4]{27})^2-7)$.

**Ҳал:** $((\sqrt[4]{3}-\sqrt[4]{27})^2+7)\cdot((\sqrt[4]{3}+\sqrt[4]{27})^2-7)=$

$=(\sqrt{3}-2\sqrt[4]{3^4}+\sqrt{27}+7)\cdot(\sqrt{3}+2\sqrt[4]{3^4}+\sqrt{27}-7)=$

$=(\sqrt{3}-2\cdot3+3\sqrt{3}+7)\cdot(\sqrt{3}+2\cdot3+3\sqrt{3}-7)=(4\sqrt{3}-6+7)\cdot(4\sqrt{3}+6-7)=$

$=(4\sqrt{3}+1)\cdot(4\sqrt{3}-1)=(4\sqrt{3})^2-1^2=16\cdot3-1=47.$

**<u>Ҷавоб:</u>47.**

**АДАБИЁТ:**

1). Супрун В.П. Математика для старшеклассников. Задачи повышенной сложности.М.: Издательство ЛКИ/URSS, 2008.

2). Е.С. Кочетков, Е.С.Кочеткова "Алгебра ва функсияҳои элементарӣ" Душанбе, нашриёти "Ирфон", 1975-350с.
3). Сомонаи иҷтимоӣ: WWWsin 2x.ru
4). М. Маҳкамов, К.У.Осимӣ "Роҳнамои математика" Душанбе, нашриёти "Сима", 2012-328с.
5). Башмакова И.Г. "Диофант и диофантовы уравнения" – М.:Наука,1972
6). Супрун В.П. Математика для старшеклассников. Задачи повышенной сложности.М.: Издательство ЛКИ/URSS, 2008.
7). Супрун В.П. Математика для старшеклассников. Нестандартные методы решения задач.М.: Книжний дом «ЛИБРОКОМ», 2009.-272с.


**Сангинов Б.Н.**

**ҲАЛЛИ МАСЪАЛАҲОИ ҒАЙРИСТАНДАРТӢ – ОМИЛИ МУҲИМИ РУШДИ ТАФАККУРИ ХОНАНДАГОН**


Муаллиф дар мақолааш ба ҳалли амалии баъзе мисолу масъалаҳо рӯй овардааст, ки онҳо аз барномаи таълими фанни математика берун мебошанд. Ҳалли мисолу масъалаҳои пешниҳодшуда аз омӯзгор дониши иловагӣ ва маҳорати махсусро талаб менамояд. Аз ҷумла, дар мавзӯи: «**Муқоисаи ададҳо**» ёфтани қиматҳои калонтарин ва хурдтарини функсия (бо ёрии ҳосила) ё ёфтани қимати функсия дар атрофи нуқтаи додашуда ва ё аз қимати мутлақ бо кадом аломат баровардани фарқи ададҳо нишон дода шуда, дар мавзӯи «**Муодилаҳои диофантӣ**» маълумоти назарӣ ва ҳалли амалии ин намуд муодилаҳо пешниҳод менамояд.

Дар мавзӯи **«Табдилдиҳии ифодаҳои алгебравӣ ва татбиқи он дар ҳалли мисолҳо»** табдилдиҳои амалӣ, ки бо воситаи онҳо ифодаҳои алгебравӣ содда мегарданд овардааст, ки донистани онҳо ба омӯзгорон ҷавон дар дарсҳои иловагӣ ва машғулиятҳои беруназсинфӣ бо хонандагони синфҳои болоӣ истифода бурдан метавонанд. Қисме аз онҳоро хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва довталабони макотиби олӣ ҳангоми омодагиҳо ба шабнишиниҳои математикӣ, озмуну олимпиадаҳои фаннӣ, дар маъракаи дохилшавӣ ба муассисаҳои олии кишвар тавассути Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода карда метавонанд.


***Калидвожаҳо:*** *ададҳо, муқоиса, калон, хурд, баробар, нобаробар, табдилдиҳӣ, нобаробарӣ, муодилаи диофантӣ, ҳалли муодилаи диофантӣ, нобаробарии Кошӣ, беохир, ирратсионалӣ, озод кардан аз ирратсионалӣ,адади бутун, интервал.*

**Маълумот дар бораи муаллиф:** Сангинов Боирҷон Нӯмонович-омӯзгори фанни математика, директори МТМУ № 43-и шаҳри Конибодом, вилояти Суғд, тел.:(+992) 92-777-01-66, (+992) 91-765-69-39

**Сангинов Б.Н.**

**РЕШЕНИЕ НЕСТАНДАРТНЫХ ЗАДАЧ - ВАЖНЫЙ ФАКТОР РАЗВИТИЯ МЫШЛЕНИЯ УЧАЩИХСЯ**


В своей статье автор обращается к практическому решению некоторых примеров и задач, выходящих за рамки учебной программы математики. Решение приведенных примеров и задач требует от учителя дополнительных знаний и специальных навыков. В частности, по теме: «Сравнение чисел», чтобы найти наибольшее и наименьшее значения функции (с помощью произведения) или найти значение функции вокруг заданной точки, или вычесть разницу из абсолютной значение со знаком, в теме «Диофантовы уравнения» теоретические данные и практические решения этого типа уравнений. По теме «Преобразование алгебраических выражений и их применение при решении задач» выполнены практические преобразования, упрощающие алгебраические выражения, знания о которых могут быть использованы молодыми учителями во внеклассной деятельности и во внеклассной деятельности со старшеклассниками


***Ключевые слова:*** *числа, сравнение, большее, меньше, равные, неравные,преобразование, неравенство, диофантово уравнение, решение диофантовых уравнений, неравенство Коши, бесконечность, иррациональность, освобождение от иррациональности, целое число, интервал.*

**Sanginov B.N.**

**SOLVING NON-STANDARD PROBLEMS IS AN IMPORTANT FACTOR DEVELOPMENT OF THINKING OF STUDENTS**


In his article, the author turns to the practical solution of some examples and problems that go beyond the curriculum of mathematics. The solution of the given examples and problems requires additional knowledge and special skills from the teacher. In particular, on the topic: "Comparison of numbers" to find the largest and smallest values of a function (using the

product) or find the value of a function around a given point, or subtract the difference from the absolute value with a sign, in the topic "Diophantine equations" theoretical data and practical solutions of this type of equations. On the topic "Transformation of algebraic expressions and their application in solving problems", practical transformations have been performed that simplify algebraic expressions, knowledge about which can be used by young teachers in extracurricular activities and in extracurricular activities with high school students.

Some of them can be used by graduates of secondary schools and applicants in preparation for mathematics, evenings and subject Olympiads and in preparation for admission to higher educational institutions through the National Testing Center under the President of the Republic

***Keywords:*** *numbers, comparison, greater, less, equal, unequal, transformation, inequality, Diophantine equation, solution of Diophantine equations, Cauchy inequality, infinity, irrationality, liberation from irrationality, integer, interval.*

**Сведения об авторе:** Сангинов Бохирджон Нумонович–преподаватель математики, директор общеобразовательного учреждения № 43 г.Канибадам, Согдийская область, тел.:(+992) 92-777-01-66, (+992) 91-765-69-39.

**Information about the author:** Sanginov Bohirjon Numonovich - teacher of mathematics, director of the educational institution No. 43 in Kanibadam, Sughd region, tel.: (+ 992) 92-777-01-66, (+992) 91-765-69-39

**С.САФАРОВ**
**А.НАЗАРОВ**
**М. НУГМОНОВ**

## САМАРАНОКИИ ИСТИФОДАИ МОДЕЛҲОИ КОМПЮТЕРӢ ДАР ТАЪЛИМИ ГЕОМЕТРИЯ

Қайд кардан зарур аст, ки мутобиқгардонии воситаҳои технологияи информатсионӣ ба низоми таълим, раванди омӯзишро тезонида, барои ба пурра фарогирии ҷараёни таълим зарурияти таҳия ва истифодаи моделҳои компютериро ба миён меорад. Бо дар назардошти шаклҳои гуногуни низоми таҳсил (таҳсилоти фосилавӣ) дар таносуб ба низоми анъанавии таълим маҳсулнокӣ ва самаранокии таълимро бо такя ба имкониятҳои моделҳо, барномаҳо ва прататипҳои компютерӣ таъмин менамояд. Дар таъмини он барномасозии компютерӣ низ нақши муҳимро мебозад.

Дар тадқиқи мавзӯъ намунаҳои истифодаи моделҳои компютерӣ дар таълими геометрия дар атрофи геометрияи интерактивӣ ба назар гирифта шудааст. Дохил кардани моделҳои муосири барномаи компютерӣ ба таълими геометрия ва сохтани барномаҳои нави компютерии мувофиқ имкониятҳои сифатан нави дидактикиро ба вуҷуд оварда, имкон медиҳад, ки шавқу завқи маърифатии хонандагон нисбат ба омӯзиши фан афзоиш ёбад. Инчунин ба ташаккули ғояҳои фазоӣ ва ҷаҳонбинии илмӣ дар бораи сохтанҳои геометрӣ мусоидат намояд. Эҷоди чунин моделҳои компютерӣ барои ҳалли як қатор масъалаҳои таълимӣ, малакаҳои ба расмият даровардан ва таҳлили маълумот, самаранокии азхудкунии донишҳоро аз ҷониби хонандагон зиёд мекунад [4, с.18].

Тавлиди иттилооти зарурӣ боиси тағйир ёфтани шаклҳо, усул ва воситаҳои таълим дар шароити кунунӣ мегардад, зеро истифодаи он имкониятҳои моделсозии компютерӣ дар мактаб самаранокии азхудкунии бисёр донишҳои геометриро зиёд мекунад. Бояд қайд намуд, ки таҳияи моделҳои компютерии ашёи (сохтанҳои) геометрӣ аз ҷониби омӯзгор ё мактаббача ба онҳо барои азхуд кардани малакаҳои ба модел даровардани ҳолати масъалаҳо, аз худ кардани усулҳо ва алгоритмҳои муосири ҳалли онҳо ва албатта, бо барномаи копютерӣ барои ифодаи вобастагии функсионалӣ, визуализатсияи шаклҳои геометрӣ кумак мекунад. Моделҳои компютерии геометрияи интерактивӣ имкони эҷоди тасвирҳои визуалии шаклҳои геометриро дар фазои дученака (2D) ва сеченака (3D) доро буда, дар як вақт метавонад ҳамчун прататипи тайёр истифода шавад.

Дар айни замон, дар амалия платформаҳое, ки дар таълим ва тадқиқи геометрия истифода мешавад, инҳоянд:

- системаҳои математикаи компютерӣ (SCM);
- системаҳои геометрияи динамикӣ (SDG);
- системаҳои махсус (барои тадқиқи соҳаҳои муайяни математика);
- забонҳои барномасозӣ барои сохтани барномаҳои компютерӣ.

Ба системаҳои математикаи компютерӣ маҷмӯи методҳо ва прататипҳоеро гуфтан мумкин аст, ки барои ҳалли самараноки масъалаҳои математикии ҳар гуна мураккаби дар

компютер бо дараҷаи баланди визуализатсияи ҳамаи марҳилаҳои ҳисоббарорӣ пешбинӣ шудаанд.

Таснифи функсионалии системаҳои математикаи компютерӣ:

– коркардкунандагони маълумодҳо дар ҷадвал (SuperCalc, Microsoft MultiPlan, Quattro Pro, Lotus 1-2-3, Microsoft Excel, OpenOffice.org Calc, AppleWorks, Spread32, Numbers, LibreOffice Calc, Gnumeric);

– системаҳо барои коркарди ҳисобҳо ва маълумотҳои оморӣ (DataMelt, Gretl, LabVIEW, Minitab, PSPP, R Commander, Revolution Analytics, Revolution R, RKWard, SPSS, Statistica, Unscrambler, Weka ва XLispStat);

– системаҳо барои моделсозӣ, таҳлил ва қабули хулоасаҳои математикӣ (ELMA, SALOME, Sicyon, Calc98, Stellarium, Celestia, ConvertAll, Eigenmath, Dymola, Dynamic Modeling Laboratory, SpeedCrunch, GRPS, DipTrace Free, AMSES Plate, Audio Spectrum Analyzer – OscilloMeter, 3D Canvas, COMSOL Multiphysics (Femlab), Concept Draw Professional, Avangardo avgeodesy, Design tools pulse transformers, Structural Mechanics Education, Experimental Data Analyst, Database Modeller, GAP ва ғ);

– забонҳои барномасозии муосир (C++ Builder бастаи RAD Studio, PascalABC.Net, Python, Delphi, Visual Basic 2010.Net, Visual C# ва ғ);

– системаҳои алгебраи компютерӣ (CAMAL, Derive, Macsyma, muMATH, SMath Studio, Fermat, KANT, Axiom, CoCoA, GAP, GiNaC, Macaulay2, Mathomatic, Maxima, OpenAxiom, PARI/GP, Reduce, Sage, SINGULAR, SymPy, Xcas,Yacas, ClassPad Manager, LiveMath, Magma, Maple, Mathcad, Mathematica, MUPAD ва TI InterActive)

– системаҳои универсалии математикӣ (MATLAB, Mathcad, Maple, Mathematica, Macsyma, MUPAD, S-PLUS, Universal Math Solver ва MathLite).

Системаи геометрияи динамикӣ як барномаи махсусест, ки дар таълим имкони сохтани фигураҳои геометриро бо истифодаи элементҳои геометрӣ ва таносуби байни онҳоро фароҳам меорад. Таҳлили адабиёти илмӣ ва методӣ оид ба масъалаи такмил додани усули таълими геометрия аз нуқтаи назари истифодаи моделҳои компютерӣ дар раванди таълим ба мо имкон медиҳад, то самараноки таълим ва рушди ҳамаҷонибаи тафаккури хонандаро ба мавзӯи омӯзиш таъмин намоем. Гуфтан ба маврид аст, ки истифодаи системаҳои геометрии интерактивӣ дар раванди таълим яке аз самтҳои мубрами фаъолиятҳои илмӣ, эҷодӣ ва методии омӯзгорон мебошад [10, с.49].

Системаҳои геометрии интерактивӣ дар муқоиса бо воситаҳои анъанавии таълим бартариятҳои сифатан нави дидактикӣ доранд ва ба раванди таълим имкон медиҳад, ки равишҳои анъанавии омӯзиши бисёр соҳаҳои математикаро тағйир диҳем ва шавқи донишазхудкунии хонандагонро инкишоф диҳем. Мустақилияти хонандагонро зимни омӯзиш ва ҳалли масъалаҳои геометрӣ баланд бардорем ва салоҳиятҳои мавзӯиро дар сатҳи баланд таълим диҳем. Аз нуқтаи назари методологӣ системаҳои геометрии интерактивӣ чунин зерқисмҳоро дар таълим таъмин менамояд:

а) визуализатсия;

б) динамизатсия;

в) моделсозӣ.

Визуализатсия – ин раванди техникии пешниҳоди маълумот дар шакли тасвир бо мақсади то ҳадди имкон расонидани фаҳмиш: додани шакли аёнӣ ба ҳама гуна мафҳум, предмет, раванд ва ғайра мебошад [8, с.94]. Ин мафҳум, воқеан, ҳама намудҳои имконпазири визуалии объектҳои педагогиро, ки дар асоси консентратсияи дониш, коркарди дониш ва муаррифии омилҳои педагогӣ, алгоритми амалҳои таълимӣ ва маърифатӣ, ки ба воситаи визуалӣ амалӣ карда мешавад, дар бар мегирад.

Динамизатсия, пеш аз ҳама раванди омӯзиши объектҳои геометрӣ ва сохторҳои онҳоро тавассути тағйир додани унсурҳои асосӣ, яъне таъсири ҳаракат ба объектҳои модел ё параметрҳое, ки онҳоро муайян мекунанд, ба роҳ мондани муносибатҳои функсионалӣ ва инвариантҳо, фаҳмида мешавад. Принсипи динамика асоси системаҳои геометрияи динамикӣ ё муҳити геометрияи интерактивиро ташкил медиҳад. Дар шароити имрӯза муҳити интерактивии геометрӣ на танҳо як технологияи нави инноватсионии омӯзиши маводи геометрӣ, балки технологияи маъмулӣ ва табиии коркарди иттилооти графикӣ мебошад.

Нақши моделҳои таълимӣ (ҳамчун як навъ тасвир) дар ташаккули мафҳумҳои назариявӣ бениҳоят бузург аст. Моделҳои омӯзишӣ ҳамчун як навъ визуализатсия ва консепсия, конкретӣ ва абстрактӣ буда, моделсозиро ҳамчун принсипи дидактикӣ

пешниҳод менамоянд. Моделсозии компютерӣ, ки бо визуализатсияи моделҳои геометрӣ алоқаманд аст, воситаи муфид дар тадқиқоти геометрӣ мебошад, ки тавассути он таҷриба ва далелҳои ҷолиби илмиро ба назар мегиранд. Инҷо донишҳо оид ба барномасозии графикаи компютерӣ зарур аст.

Таҷрибаҳои педагогии дар тӯли солҳо бадастомада нишон медиҳанд, ки визуализатсия бо истифодаи моделҳои компютерии дар платформаи геометрияи интерактивӣ самараноктар ба омӯзгорон ва хонандагон барои ташаккул додани маҳорат ва салоҳиятҳо дар тасвири ашёи геометрӣ кӯмак мекунад. Истифодаи моделҳои компютерӣ чунин самаранокиро дар таълими геометрия ба бор меорад:

– таҳия ва тағйир додани модели компютерии сохти геометрӣ, омӯзиши ҳамаҷонибаи хосиятҳои моделҳои тайёр ва робита байни объектҳои геометрӣ;

– иҷрои амалиёт бо истифода аз воситаҳои графикаи компютерӣ;

– бо истифода аз воситаҳои махсус ташхиси дониш ва амалиёте, ки анҷом дода мешавад (аз ҷумла дурустии корҳои анҷомдодашуда);

– сохтани модели объектҳои мураккаб, аз ҷумла тағйироти автоматии намуди зоҳирӣ дар шароити муайян (тағйири ранг, пинҳон кардан ё нишон додани элемент, намоиши аниматсионӣ);

– содир кардани моделҳои сохташуда ба модулҳои мустақил, ки метавонанд дар муҳите иҷро карда шаванд, ки аз системаи оператсионӣ ё барномаи компютерии дар он модел корбаст шуда вобаста намебошанд [5, с.14];

Модели компютерӣ дар платформаи системаҳои геометрӣ дар омӯзиш нақши калидӣ дорад, зеро дониши дар натиҷаи озмоиш ба дастоварда нисбат ба хулосаҳои мантиқии дарсӣ хеле зудтар ва осон қабул карда мешавад.

Системаҳои махсус (барои тадқиқи соҳаҳои муайяни математика) - ро ҳамчун як навъи инноватсионии маҳсулоти таълимӣ, ки дорои имкониятҳои сифатан нави дидактикӣ мебошад, ба назар гирифта, қайд менамоем, ки дар чунин шароити компютерӣ кор кардан, шахс аз як тараф технологияи нави инноватсиониро барои омӯхтани мавод истифода мебаранд ва аз тарафи дигар барои гузаронидани тадқиқоти махсуси илмӣ дар соҳаҳои муайяни математика ва дар амал нишон додани натиҷаҳои онҳо истифода мебаранд. Системаҳои махсус раванди тадқиқоти илмиро фаро мегиранд, дар шароити кунунӣ ҳамчун аналоги озмоишгоҳҳои виртуалӣ истифода мешаванд. Натиҷаҳои тадқиқ дар шаклҳои аналитикӣ ва рамзӣ хулосабарорӣ карда мешаванд.

Бо такя ба натиҷаҳои дар тадқиқи мавзӯъ бадастомада якчанд нуқтаҳоро хулоса кардан мумкин аст:

– моделҳои компютерӣ шаклҳои гуногуни таълими геометрияро бо тамоми ҷуъиёташ дар бар мегиранд;

– самаранокии таълимро дастгирӣ намуда, ба инкишофи тафаккур мусоидат менамоянд;

– паҳлуҳои омӯзиши ҷузъҳои геометрияро таъмин намуда, ба рушди ҳамаҷонибаи ҷаҳонбинии математикии шахс таъсир мерасонанд;

– хусусиятҳои фарқкунандаи маҳсулоти тавлидшудаи моделҳои компютериро дар тадқиқотҳои геометрӣ дастгирӣ менамояд;

– фарогирии ҳамаҷонибаи қоидаву қонуниятҳои дидактикии таълими геометрияро дарбар мегирад;

– ҳамчун воситаи назарсанҷӣ барои боварӣ кардан ба тадқиқи анҷомдодашуда ва ба синтези дониш ёрӣ мерасонад;

– ҳамчун як ҷузъи воситаи таълими геометрия метавонад самаранокии таълимро таъмин намояд;

– ҷиҳатҳои эҷодкориро ба шахс инкишоф дода, таҳайюлотро ғанӣ мегардонад;

– рушди ҳамаҷонибаи сифати таълими геометрияро таъмин менамояд.

**АДАБИЁТ:**

1. Глизбург, В.И. Информационные технологии при освоении топологических и дифференцировано-геометрических знаний в условиях непрерывного математического образования / В.И. Глизбург // Информатика и образование. – 2009. - №2. – С. 122-124.

2. Иванов А.О. Компьютерная геометрия: Практикум. Учебное пособие / Д.П. Ильютко, Г.В. Носовский, А.А. Тужилин, А.Т. Фоменко. Москва: изд-во БИНОМ, Интернет-Университет информационных технологий. 2010. 392 с.
3. Каххаров А. А. Особенности преподавания начертательной геометрии и инженерной графики с использованием современных компьютерных технологий //nauka-қastudent. қu. - 2015. - №. 6 (18).
4. Киселева О. М. Применение методов математического моделирования в обучении: дисс. ... канд. пед. наук: 13.00.02 / О. М. Киселева - Смоленск, 2007. - 181 с.
5. Могилев А.В., Титоренко С.А. Дидактические принципы компьютерного обучения // Педагогическая информатика, 1993. № 2. С. 10-16.
6. Нургалиева Ю.Ф., Солощенко М.Ю. Использование информационно - коммуникационных технологий в обучении геометрии/ Ю.Ф. Нургалиева, М.Ю. Солощенко // Международный студенческий научный вестник. – 2015. – № 6. – С. 27 – 32.
7. Сафаров С. С. Воқеияти виртуалӣ дар таҳсилот / С.С. Сафаров // Паёми Академияи таҳсилоти Тоҷикистон. Маҷаллаи илмӣ, маърифатӣ ва таълимию методӣ. – 2020. - №1(34). – С. 70 – 74.
8. Сафаров С. С. Функсияҳои дидактикии технологияи иттилоотию коммуникатсионӣ дар таълими геометрия / С.С. Сафаров // Паёми пажӯҳишгоҳи рушди маориф. Силсилаи илмҳои педагогӣ ва психологӣ. – 2020. - №2(30). – С. 92 – 96.
9. Ширикова Т. С. Методика обучения учащихся основной школы доказательству теорем при изучении геометрии с использованием Geogebra : дис. ... канд. пед. наук : 13.00.02 / Т. С. Ширикова. - Архангельск, 2014. - 250 с.
10. Ширикова Т.С., Шабанова М.В. Обучение доказательству с использованием интерактивной геометрической среды / Т.С. Ширикова, М.В. Шабанова // Ярославский педагогический вестник. Психолого –педагогические науки. – 2012. – № 3 – С. 47 – 54.

**Сафаров С.С., Назаров А.П., Нугмонов М.**

## ЭФФЕКТИВНОСТЬ ИСПОЛЬЗОВАНИЯ КОМПЬЮТЕРНЫХ МОДЕЛЕЙ В ОБУЧЕНИИ ГЕОМЕТРИИ

В статье исследуется эффективность обучения геометрии с дидактическим потенциалом, аспекты формирования мысли, всестороннее развитие мышления и визуального воображения изучаемых понятий на основе компьютерных моделей процесса обучения геометрии. В статье обсуждается адаптация компьютерных моделей в обучении геометрии, компьютерной обработке визуальных форм к любым геометрическим представлениям и механизмам динамизации геометрических объектов. Системы динамической геометрии подразделяются на динамические, визуализирующие и моделирующие объекты. Постоянное развитие языков программирования, программного обеспечения и компьютерных технологий в сфере образования приводит к изменениям в формах, методах и инструментах обучения в текущих условиях, поскольку его использование повышает эффективность компьютерного моделирования в школах и эффективность геометрических знаний.

***Ключевые слова:*** *динамизация, интерактив, моделирование, компьютерное моделирование, программирование, платформа, дидактика, прототип, компьютерные математические системы, системы динамической геометрии, специальные системы, интерактивная геометрия, визуализация.*

**Safarov S.S., Nazarov A.P, Nugmonov M.**

## EFFECTIVENESS OF USING COMPUTER MODELS IN TEACHING GEOMETRY

The article examines the effectiveness of teaching geometry with didactic potential, aspects of thought generation, comprehensive development of thinking and visual imagination of the studied concepts on the basis of computer models of the process of teaching geometry. Adaptation of computer models in the teaching of geometry, computer processing of visual forms to any geometric concepts and mechanisms of dynamization of geometric objects is discussed in the article. Dynamic geometry systems are classified as dynamic, visualizing, and modeling objects.

The steady development of computer technology software in the education industry leads to changes in the forms, methods and tools of teaching in the current environment, as its use strengthens the effectiveness of computer modeling in schools and the effectiveness of geometric knowledge.

***Key words***: *dynamization, interactive, modeling, computer modeling, programming, platform, didactics, prototype, computer mathematical systems, dynamic geometry systems, special systems, interactive geometry, visualization*

**Сведения об авторах:** Нугмонов Мансур – профессор кафедры методика проподавания математики ТГПУ имени С. Айни, доктор педагогических наук, профессор, чл.корр. АОТ. 93-864-7629, nugmonov@mail.ru;

**Сафаров Самандар Сафарбоевич** - Таджикский педагогический институт, г. Пенджикент, старший преподаватель кафедры математики - информатики. Адрес: 735500, Республика Таджикистан, Пенджикент, проспект Рудаки 106. Телефон (+992) 927-41-08-60. E-mail: Samandar_ss@mail.ru;
**Назаров Ахтам Пулатович** – доцент кафедры кафедры информационных и коммуникационных технологий ТГПУ им. С. Айни, кандидат педагогических наук, доцент. 93-516-6101, ahtam_69@mail.ru.

**Information about the authors: Nugmonov Mansur** - Professor of the Department of Methods of Teaching Mathematics, TSPU named after S. Ayni, Doctor of Pedagogical Sciences, Professor, Corresponding Member Academy of education of Tajikistan;
**Safarov Samandar Safarboevech** - Tajik Pedagogical Institute, Penjikent, Senior Lecturer, Department of Mathematics - Computer Science. Address: 735500, Republic of Tajikistan, Panjakent, Rudaki Avenue 106. Phone (+992) 927-41-08-60. E-mail: Samandar_ss@mail.ru;
**Nazarov Ahtam Pulotovich**, Candidate of Pedagogical Sciences, Dotcent of the Chair of information and communication technologies, Tajik State Pedagogical

**М.Қ .АРАБОВ**
**С.С. МУСОЕВ**

# ЗАРУРАТИ ҶОРӢ НАМУДАНИ МАНБАҲОИ ОМӮЗИШИИ РАҚАМӢ ДАР РАВАНДИ ТАЪЛИМ ВА ЗАМИНАҲОИ ИНКИШОФИ ОН

Дар замони муосир, ки илму техника дар ҳолати рушд ва тараққӣ мебошад, аксар соҳаҳои ҳаёти ҷомеа низ вобаста ба тараққиёти технология тағйир ёфта, баъзе ҷойҳои корӣ аз байн рафта, ҷойи онҳоро ҷойҳои кории нав банд карда истодаанд. Дар ин замина, муваффақтарин корхонаҳое ба ҳисоб меравand, ки дар онҳо технологияҳои иттилоотӣ ва иртиботи (ТИИ)-и муосир истифодаи васеъ дорад.

Соҳаи маориф, ки ҳамчун зерсутуни дигар соҳаҳои ҳаётӣ иқтисодӣ ва иҷтимоиии тамоми давлатҳо ба ҳисоб меравад, ниёз ба истифодаи васеъи технологияҳои муосир дорад. Маҳз ТИИ – и муосир сабаби баланд бардоштани сатҳу сифати таълим ва омода намудани мутахассисони ба бозори меҳнат ҷавобгӯ мегардад. Бинобар ин, яке аз масъалаҳои асосӣ дар системаи маориф ворӣ намудани манбаҳои омӯзиши рақамӣ (МОР) дар раванди таълим ва фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти миёнами умумӣ (МТМУ), коллеҷҳо, муассисаҳои олӣ ва ғайра ба ҳисоб меравад. Дар ин соҳа (таҳия ва амалисозии МОР) олимони зиёде ба монанди: Bersin J., Bulaeva, M.N., Vaganova, O.I., Koldina, M.I., Lapshova, A.V., Khizhnyi, A.V., Clark D., Edelson P. J., Pitman V. V., Garrison D. R.,Smirnova Z.V., Vaganova O.I., Prokhorova M.P., Abramova N.S., Meirani Harsasi, Morrison D. E., Smirnova, Z.V., Mukhina, M.V., Kutepova, L.I., Kutepov, M.M., Vaganova, O.I. , Ваганова О.И., Иляшенко Л.К., Полат Е. С., Полат Е. С., Бухаркин М. Ю., Моисеев М. В., Петров А. Е., Турри А., Шкильменский Н. А., Зубарев М.А., Масевич А.Ц., Ходоровский Л.А., Абадзе Э.А., Трусов В.А., Ребрина Ф.Г., Леонтьева И.А., Обратнева О.А., Смирнова Ж.В., Красикова О.Г., Прохорова М.П., Иляшенко Л.К., Костылев Д.С. ва ғайра [1-15] корҳои илмиву методӣ анҷом доданд.

Қайд кардан ба маврид аст, ки МОР – мафҳуми умумӣ мебошад, ки тавассути ТИИ муосир воситаҳои омӯзиширо муттаҳид намуда, онҳоро таҳия ва пешниҳод менамояд. Мафҳуми мазкур таърифҳои дигареро низ доро мебошад. Қайд кардан ба маврид аст, ки МОР яке аз бахшҳои асосии муҳити иттилоотиву омӯзишӣ (МИО) ба ҳисоб меравад. Маҳз дар асоси он моҳияти курс шакл мегирад. Дар замони муосир, хусусан пас аз шуюъи бемории COVID-19 талабот ба истифодаи МОР зиёдтар гардида, миқдори истифодабарандагони он низ ба маротиб афзуданд. МОР барои омӯзандагон метавонад имкониятҳои зеринро фароҳам оварад:

1) ғанӣ гардонидани дарс (дарс, лексия, практика ва ғайра);
2) бедор намудани завқи омӯзандагон ба хониш;
3) шавқовар ва ҷолиб намудани дарс;
4) фароҳам овардани замина, барои баланд бардоштани қобилиятҳои зеҳнӣ, эҷодӣ ва тадқиқотӣ;
5) дар хона фароҳам овардани шароити амалҳои шавқовари зиёд, ба монанди сайри маҷозӣ дар осорхона, ҷангал, шаҳрҳои дигар ва ғайра. Инчунин иҷро намудани корҳои лабораторӣ ва санҷишӣ;
6) мустақилона санҷидани сатҳи дониши худ;

7) хабардор намудани падару модар аз пешрафтҳои хеш;

8) истифодаи технологияҳои муосир ва дарк намудани зарурати тараққиёт ва инкишофи техника;

9) баланд бардоштани обрӯй ва нуфузи худ байни ҳамсинфон;

10) ёрӣ расонидан ба ҳамсинфон ва баланд бардоштани обрӯй ва нуфузи худ байни онҳо;

11) бо назардоштӣ ҷанбаҳои педагогиву психологӣ инкишоф додани қобилияти хеш;

12) зуд ба даст овардани иттилооти дилхоҳ оид ба мавзӯъҳои фанҳои зарурӣ;

13) дар канори худ қарор додани ҳамаи курсҳои омӯзишӣ;

ва ғайра.

Барои омӯзгорон МОР низ метавонад имкониятҳои зиёдеро фароҳам оварад:

1) ҳамқадам бо замона будан;
2) сарфаҷӯии вақт;
3) кам кардани сарборӣ барои тафтиши корҳои мустақилонаи хонандагон(донишҷӯён);
4) инкишоф додани муносибати устод бо хонандагон;
5) ҳамқадами замона буданро таъмин намуда, қобилияти худинкишофдиҳиро инкишофд додан;
6) баланд бардоштани маданият ва таҷрибаи педагогӣ;
7) обрӯ ва маъруфтият пайдо кардан, байни колектив ва хонандагон (донишҷӯён);
8) ба хонандагон (донишҷӯён) расонидани ҳамаи маводи лозимӣ;
9) тарбия ва ба воя расонидани кадрҳои ба бозори меҳнат ҷавобгӯ ва рақобатпазир.

Ҳамин тариқ, МОР имкониятҳои навро ба рӯйи омӯзгорон ва хонандагон (доишҷӯён) кушода, шаклҳои тадриси классикиро азнавсозӣ мекунад. Дар натиҷа, ҳам хонанда (донишҷӯ) ва, ҳам омӯзгор, метавонанд аз дигарон қафо намонда, ҳамқадам бо замона ҳаракат кунанд.

Айни ҳол дар интернет манбаҳои омӯзишии зиёде мавҷуд мебошанд, ки барои омӯзондани хонандагон ва сохтани курсҳои онлайн пешбинӣ шудаанд. Ба сифтаи намуна, метавон «Якласс», «Фоксфорд», «Учи.ру», «Инфоурок», «Мультиурок», «1С Образование» ва ғайраро мисол овард. Қайд кардан бамарид аст, ки ин системаҳо дар Федератсияи Россия таҳия шудаанд. Мутаассифона, дар ҷумҳурии мо чунин системаҳо мавҷуд набуда, таҳияи намудани онҳо иқдоми саривақтӣ ба ҳисоб меравад. Барои таҳия намудани онҳо метавон ба монеаҳои зиёде рӯ ба рӯ шуд, ки асоситарини онҳо иборатанд аз гаронии нархи интернет ва кам будани дониши техникии омӯзгорон дар ин соҳа.

Ҷорӣ намудани МОР, пеш аз ҳама, аз имкониятҳои моддӣ ва маънавӣ вобастагӣ дорад. Ба имкониятҳои моддӣ асосан технологияҳои муосир барои таҳия намудани МОР пешбинишуда аз қабили:

- ✓ интернети баландсуръат;
- ✓ компютерҳои ба талаботи рӯз ҷавобгӯ;
- ✓ микрофонҳо;
- ✓ баландгӯякҳо; видеокамераҳо;
- ✓ принтер ва сканерҳо;
- ✓ проекторҳо;
- ✓ барномаҳои зарурӣ ва драйверҳо;
- ✓ энсиклопедия, музей, маълумотномаҳо ва олами виртуалӣ;

Ба имкониятҳои маънавӣ бошад, кадрҳои баландихтисоси донандаи ТИИ-и муосир шомил мешаванд.

Мавриди зикр аст, ки дастгирии моддӣ намудани мутахасисони ба ин кор машғул низ барои пешрафти ин соҳаи замонавӣ шарти зарурӣ мебошад.

Тавре ки қайд кардем, истифодаи МОР дар раванди таълим метавонад, системаҳои омӯзиширо ба замона мувофиқ гардонида, муассисаҳои таълимиро аз қафомондагӣ раҳонад, зеро дар аксари давлатҳои мутараққии ҷаҳон МОР солҳост, ки ҷорӣ карда шуда, васеъ истифода бурда мешавад. Ба сифати бахшҳои МОР метавон расмҳо, видеоҳои омӯзишӣ, моделҳои статикӣ ва динамикӣ, объектҳои дунёи виртуалӣ, файлҳои садоӣ, тестҳои электронӣ, ҳуҷҷатҳо ва ғайраро мисол овард.

Солҳои охир ширкатҳои бузур ба монанди Google ва Yandex низ ба ин соҳа таваҷҷуҳ зоҳир намуда, барои омӯзгорон имкониятҳои зиёди ройгонро фароҳам оварданд. Масалан, метавон якчанд имконияти ройгони Google-ро ба сифати намуна овард.

1) Диски виртуалии Google[17]. Google барои омӯзгорон диски виртуалиро бо андозаи 15 Гб ройгон пешниҳод кардааст. Кор бо диски мазкур хело сода буда, дар он метавон иттилооти қолаби дилхоҳдоштаро (матн, презентатсия, китобҳо, видеоҳо, файлҳои садоӣ ва ғайра) нигоҳ дошт. Барои дастрас шудан ба иттилоотӣ дар диски Google гузошташуда, метавон аз воситаҳои дилхоҳ (компютерӣ фардӣ, ноутбук, планшет, смартфон ва ғайра) дар вақти дилхоҳ истифода намуд. Илова бар ин, ба иттилооти диск якчанд истифодабаранда метавонанд бо шаклҳои гуногун (хондан ва навиштан, танҳо хондан) дастрасӣ дошта бошанд. Дар Yandex низ чунин хизматрасонӣ мавҷуд мебошад.

2) Тавассути почтаи Google метавон ба Youtube (ноябри соли 2006 ширкати Google онро харидорӣ намуда буд) ворид шуда, дар он ҷо канал сохт ва видеодарсҳои заруриро ба таври ройгон гузошт. Барои видеоҳои хуб дар ин ҷо низ метавон маблағ ба даст овард.

3) Google-синф[18] — Web-хизматрасонии ройгон барои мактабҳо буда, аз ҷониби Google коркард шудааст. Хизматрасонии мазкур барои сода намудани мубодилаи файлҳо байни омӯзгор ва хонанда пешбинӣ шуда, инчунин омӯзгор метавонад дониши хонандаро бе истифодаи қоғаз баҳогузорӣ кунад. Дар поён хизматрасонии мазкур мухтасаран дида баромада мешавад.

Google-синф аз диски Google барои сохтан ва интишор намудани супоришҳо, маҷмӯи хизматрасонаҳои Google барои сохтани ҳуҷҷатҳои гуногун, намоишномаҳо ва ҷадвалҳо, Gmail барои муошират ва календари Google барои замонабандӣ ташкил шудааст. Дар ин муҳит хонандагонро метавон тавассути коди уникалӣ ё содиркунии автоматӣ аз домени мактаб даъват кард.

Ҳангоми сохтани курс мувофиқан дар диски истифодабарандагон папка сохта мешавад, ки хонанда метавонад тавассути он корҳояшро барои ба даст овардани баҳо ба муаллим пешниҳод кунад. Илова бар ин, барои телефонҳои мобилӣ дар муҳитҳои iOS ва Andқoid коркунанда низ барнома мавҷуд аст, ки тавассути он истифодабаранда метавонад расмҳои мувофиқро ба супоришҳо илова карда, бо дигар барномаҳо мубодила кунад. Омӯзгор метавонад пешрафт ва муваффақияти хонандагонашро назорат кунад ва инчунин метавонад пас аз баҳогузорӣ бо тавзеҳот супоришро ба хонанда баргардонад.

Ширкати Google 6-уми майи соли 2014 ба сохтани Google синф оғоз намуд. 12-уми августи соли 2014 бақайдгирӣ дар хизматрасонии мазкур кушода шуд. Сипас, календар ва дигар хизматрасониҳо бо он илова карда шуданд. Соли 2017 ширкати Google синфашро барои афроди дорандаи номи корбар дар G Suite foқ Education кушода, апрели ҳамон сол имконияти сохтани ва омӯзиши курс барои дилхоҳ истифодабарнадаи Google синфи мазкур кушода кардид. Соли 2018 синфи мазкур азнавсозӣ шуда, ба он имкониятҳои нав ба монанди азсари нав истифодабарии супоришҳо ва маводи дигар синф илова гардида, инчунин барои омӯзгорон имкониятҳои нав ба монанди эҷод намудани контент аз рӯйи мавзӯъ илова гардид. Дар платфома метавон амалҳои зеринро иҷро кард:

- ✓ сохтани курсҳои худ;
- ✓ ташкили номнависии шунавандагони курс;
- ✓ ба хонадагон ирсол намудани маводи курс;
- ✓ пешниҳод намудани супоришҳо ба хонандагон;
- ✓ баҳогузории хонандагон ва назорат намудан ба пешрафти онҳо;
- ✓ ташкили суҳбат бо хонадагон.

Мавриди зикр аст, ки дар платформаи мазкур метавон тестҳои онлайн ва инчунин курсҳои фосилавӣ низ сохт. Яке аз норасоиҳои Google –синф мавҷуд набудани воситаҳои ташкилкунии онлайн вохӯриҳо мебошад. Аммо ин масъаларо метавон бо истифода аз имкониятҳои YouTube ё Google Hangouts бартараф намуд. Норасоии дигари Google мавҷуд набудани журнали электронӣ мебошад.

Бартариҳои дигари Google-синф дар поён оварда шудаанд:

- ✓ сохтан ва танзими курс бо роҳи сода;
- ✓ тафтиши дониши шунавандагони курс;
- ✓ ройгон ва дастрас;
- ✓ мавҷуд набудани ҳар хел рекламаҳо;
- ✓ барои ташкили курси омӯзиши метавон то 20 омӯзгорро даъват намуд;
- ✓ нигоҳдории ҳамаи маводи курс дар диски google
- ✓ имконияти робита байни хонанда ва омӯзгор. Хонандагон метавонанд супоришҳоро бинанд ва тавзеҳот нависанд ва инчунин ба омӯзгор саволҳо пешниҳод кунанд.

Барои ҷорӣ намудани МОР метавон қадами аввал аз хизматрасонии Google синф истифода намуд, зеро истема хело сода ва мувофиқ мебошад.

Хизматрасонии дигар ки барои сохтани онлайн курсҳо ва ҷорӣ намудани МОР дар раванди таълим истифода мешавад, системаи «ЯКласс» ба ҳисоб меравад[16]. ЯКласс — манбаи интернетии омӯзиши барои омӯзгорон, хонандагон ва волидон ба ҳисоб меравад. Сомонаи он моҳи марти соли 2013 ба фаъолият оғоз намуда, айни ҳол дар России, Латвия, Арманистон, Австрия ва ҷумҳурии Белорусия яке аз фазоҳои асосии МОР барои хонандагон ба ҳисоб меравад. Портали мазкур дорои онлайн-тренажёрҳо аз рӯйи барномаи таълимӣ ва тафтиши автоматии вазифаҳои хонагӣ мебошад. Дар пойгоҳи он зиёда аз 1,6 трлн машқҳо ва видеодарсҳо аз рӯйи 13 фанни мактабӣ, ИЯД (ЕГЭ), ИАД(ОГЭ) ва тафтиши машқҳои умумироссиягӣ (Всероссийские проверочные работы-ВПР) мавҷуд мебошад. Қайд кардан бамаврид аст, ки зиёда аз 60% хонандагон аз хизматрасониҳои таҷҳизоти мобилӣ истифода мебаранд.

Мавриди зикр ааст, ки ҳангоми ҷорӣ намудани МОР дар МТМУ ва олии кишвар донишомӯзон метавонанд фаъолтар гардида, аз имкониятҳои ТИИ-и муосир васеъ истифода баранд. Имрӯзҳо на танҳо google ва yandex дорои имкониятҳои зиёде барои омӯзгорон мебошанд, балки ширкатҳои дигар низ имкониятҳо зиёдеро фароҳам овардаанд. Дар ҷумҳурии мо низ вақти он расидааст, ки аз ин системаҳо фаъол истифода бурда шуда, системаи миллӣ сохта шавад. Илова бар ин, ташкили курсҳои бозомӯзии ба ин самт равонакардашуда низ сари вақт мебошад. Маҳз шуюъи бемории COVID-19 масъалаи мазкурро доғтар намуда, зарурати ҳар чӣ зудтар ҷорӣ намудани ТИИ-и муосирро дар равандни таълим бештар кард.

Барои дар сатҳи баланд ҷорӣ намудани МОР тавре ки қайд кардем, пеш аз ҳама, интернети баландсуръат лозим буда, омӯзиш додани асосҳои кор бо МОР дар курсҳои бозомӯзии кадрҳо барои омӯзгорон низ зарур аст. Дар ин робита омода намудани дастурҳои методӣ-таълимӣ барои омӯзгорон шарти дигар ба ҳисоб меравад. Дар донишгоҳҳои омӯзгорӣ ба роҳ мондани фанни таълимии бо номи «Таҳсилоти фосилавӣ ва МОР» низ хело муҳим мебошад. Дар фанни мазкур зарур аст, ки истифодабарии дискҳои виртуалӣ, истифодаи системаҳои ташкили санҷишҳои онлайн, баргузор намудани олимпиадаҳо ва вохӯриҳои онлайн, сохтани канал дар шабакаҳои иҷтимоӣ ва интишор намудани иттилоот дар он дарс дода шавад.

**АДАБИЁТ:**


1. Bersin J. The Blended Learning Book: Best Practices, Proven Methodologies and Lessons Learned/ John Wiley & Sons. - 2004. - 352 p.
2. Bulaeva, M.N. Preparation of bachelors of professional training using MOODLE Advances in Intelligent Systems and Computing/ M.N. Bulaeva, O.I. Vaganova, M.I. Koldina, A.V. Lapshova, A.V. Khizhnyi. -2018. - Pp. 406-411.
3. Clark D. Blended learning/D. Clark //CEO Epic Group plc, 52 Old Steine, Brighton BN1 1NH. - 2003.- 44 p.
4. Edelson P. J. E-Learning in the United States: New Directions and Opportunities for University Continuning Education/ P.J. Edelson, V.V. Pitman // Global E-Journal of Oped, Flexible & Dictance Education. - 2001, № 1. - Pp. 71–83. Available at: http://www. ignou.ac.in/e-jurnal/contents/edelson.htm.
5. Garrison D. R. Three generations of technological innovations in distance education /D.R. Garrison // Distance Education. -1985. -Vol. 6, № 2.- Pp. 235–241.
6. Ilyashenko L.K. The role of network interaction in the professional training of future engineers/ L.K. Ilyashenko, Z.V. Smirnova, O.I. Vaganova, M.P. Prokhorova, N.S. Abramova// International Journal of Mechanical Engineering and Technology. - 2018. - T. 9, № 4. -Pp. 1097-1105.
7. Meirani Harsasi the use of open educational resources in online learning: A Study of Students' Perception // TOJDE. – 2015, №3 URL: tojde.anadolu.edu.tr/yonetim/icerik/makaleler/1164-published.pdf.
8. Morrison D. E-Learning Strategies. How to get implementation and delivery right first time /D. Chichester. - John Wiley & Sons Inc. - 2003. - 409 p.
9. Smirnova Z.V. Organization of the research activities of service majors trainees // Z.V. Smirnova, M.V. Mukhina, L.I. Kutepova, M.M. Kutepov, O.I. Vaganova // Advances in Intelligent Systems and Computing. -2018. – 622 p.
10. Ваганова О.И. Основные направления реализации технологий студентоцентрированного обучения в вузе/ О. И. Ваганова, Л.К. Иляшенко //Вестник Минского университета. - 2018. - Т. 6, №3. - С.22-25.

11. Классификация и применение ЦОР. URL: http://www.edu. ru/attach/17/5890.doc
12. Полат Е. С. Современные педагогические и информационные технологии в системе образования /Е.С. Полат: учеб. пособие для студ. высш. учеб. заведений. 3-е изд., стер. - М.: Изд. центр «Академия», - 2010. - 368 с.
13. Полат Е. С. Новые педагогические и информационные технологии в системе образовании: учеб. пособие для студ. высш. учебн. заведений / под ред. Е. С. Полат. 4-е изд., стер. М.: Изд. центр «Академия», 2009. 272 с.
14. Турри А. Начало электронного обучения // Тегеран. - 2002. - С. 54–60.
15. Шкильменская Н. А. Основные функции современных информационно-коммуникационных технологий в условиях гуманитаризации образования/ Н.А. Шкильменская. - URL: http://cyberleninka.ru/article/n/osnovnye-funktsii-sovremennyh-informatsionno-kommunikatsionnyh-tehnologiy-v-usloviyahgumanitarizatsii-obrazovaniya#ixzz41YCR06IU
16. www.yaklass.ru
17. https://drive.google.com/drive/
18. https://classroom.google.com/

***Калидвожаҳо**: мор, дарс, технология, инноватсия, курсҳои омӯзишӣ, лоиҳасозӣ, барнома, лексия, практика.*

**М. . Арабов**
**С.С. Мусоев**

## НЕОБХОДИМОСТЬ ВНЕДРЕНИИ ЦИФРОВЫХ ОБРАЗОВАТЕЛЬНЫХ ИСТОЧНИКОВ В ОБРАЗОВАТЕЛЬНОМ ПРОЦЕССЕ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН И ОСНОВЕ ЕГО РАЗВИТИЯ

В статье рассматривается необходимость внедрения и использования цифровых образовательных ресурсов (ЦОР) в образовательном процессе средних и высших учебных заведений Республики Таджикистан. В наше время использование ЦОР стало одной из наиболее актуальных проблем, и спрос на нее растет день ото дня. Это ЦОР, который позволяет студентам (ученикам и ученикам) овладеть предметом на хорошем уровне и идти в ногу со временем. В свою очередь, учителя и преподаватели могут эффективно использовать свое время.

Статья определяет ЦОР, его возможности, задачи и недостатки, а также существующие ЦОР. Кроме того, обсуждались возможности Google и Yandex, которые учитель может использовать для реализации своего личного ЦОР.

Следует отметить, что в большинстве развитых стран технические специалисты разработали программные средства для реализации ЦОР на разных языках. В последние годы для развития дистанционного образования в большинстве высших учебных заведений Республики Таджикистан была разработана определенная система, которая включает лекции, практические занятия и лабораторные работы. Тем не менее, ЦОР в Таджикистане все еще недостаточно развита. Это была вспышка Коронавируса, которая привела к обнаружению этого недостатка, и в то же время подчеркнула необходимость его развития и расширения. Поэтому необходимо ввести ЦОТ для средних школ, колледжей и университетов Республики Таджикистан и разработать современные программные средства. Этот вопрос обсуждается в статье.

***Ключевые слова:** ЦОР, уроки, технологии, инновации, учебные курсы, дизайн, программа, лекция, практика.*

**M. Q. Arabov**
**S.S. Mysoev**

## THE NEED TO IMPLEMENT DIGITAL EDUCATIONAL SOURCES IN THE EDUCATIONAL PROCESS OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN AND THE BASIS OF ITS DEVELOPMENT

The article discusses the need for the implementation and use of digital educational resources (CDR) in the educational process of secondary and higher educational institutions of the Republic of Tajikistan. In our time, the use of CRC has become one of the most pressing problems, and the demand for it is growing day by day. It is a CDR that allows students (pupils and pupils) to master the subject at a good level and keep up with the times. In turn, teachers and educators can use their time effectively.

The article defines the CDR, its capabilities, objectives and disadvantages, as well as the existing CDR. In addition, they discussed the possibilities of Google and Yandex, which a teacher can use to implement his personal CDR.

It should be noted that in most developed countries, technical specialists have developed software tools for implementing CDR in different languages. In recent years, for the development

of distance education in most of the higher educational institutions of the Republic of Tajikistan, a certain system has been developed, which includes lectures, practical classes and laboratory work. However, the CDR in Tajikistan is still underdeveloped. It was the Coronavirus outbreak that led to the discovery of this flaw, and at the same time highlighted the need for its development and expansion. Therefore, it is necessary to introduce DTC for secondary schools, colleges and universities of the Republic of Tajikistan and develop modern software tools. This issue is discussed in the article.

**Keyword:**. CDR, lessons, technology, innovation, training courses, design, program, lecture, practice.

**Маълумот дар бораи муаллифон: Арабов Муллошараф Ḳурбонович** - номзади илмҳои физика ва математика, Институти илмӣ-таҳғиготии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, ходими пешбарӣ илмӣ. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х.Рӯдакӣ, 17. Телефон (+992) 907-38-00-99, E-mail: cool.araby@mail.ru

**Сведения об авторов: Арабов Муллошараф Курбонович** - кандидат физико-математических наук, НИИ Таджикского национального университета, ведущий научный сотрудник. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, Душанбе, улица Рудаки, 17. Телефон (+992) 907-38-00-99, E-mail: cool.araby@mail.ru

**Information about the authors:** Arabov Mullosharaf Qurbonovich - candidate of physical and mathematical sciences, Research Institute of the Tajik National University, a leading researcher. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki street, 17. Phone (+992) 907-38-00-99, E-mail: cool.araby@mail.ru

**Р. ШОҲСАНАМ**

## БОЗИҲОИ ДИДАКТИКӢ ҲАМЧУН ВОСИТАИ РУШДИ ЗЕҲНИИ ХОНАНДАГОН ЗИМНИ ОМӮЗИШИ МАТЕМАТИКА

Рушди манфиатҳои устувори маърифатӣ дар донишҷӯён вазифаи таъхирнопазири ташаккули шахсияти фаъоли эҷодӣ, мустақилияти он мебошад, ки илми методика ва мактаби миллӣ барои ҳалли он талош доранд. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Тоҷикистон тағйироти ҷаҳониро таъкид карда, зикр намуданд: «Вақте мо дар бораи тарбияи насли наврас мегӯем, набояд фаромӯш кунем, ки онҳоро бояд дар мактабҳо бо таҷҳизотҳои муосир муҷаҳҳаз, аз ҷумла компютерҳо таъмин намоем» [6].

Омӯзиши асарҳои илмӣ нишон дод, ки ҳалли масъалаи рушди завқи идрокию маърифатӣ ҳамеша дар маркази диққати бисёр олимон ва таҷрибаомӯзон будааст. Имрӯзҳо вобаста ба ислоҳоти мундариҷаи таълим, шаклҳо ва усули таълим мушкилоти мазкур боз ҳам вазнинтар шуда истодааст. Таҳқиқоти муҳаққиқон А.К.Марков, Л.С.Виготский, Л.М.Фридман, В.В.Давидов, Т.И.Шамова, П.И.Галперин, Л.И.Бозович, Г.А.Сукерман, М.Матюшкин, Д.Б.Элконин дар ин робита арзиши хосса доранд. Курси математикаи муосир дар рушди фаъолияти зеҳнию маърифатӣ ва таваҷҷуҳи маърифатии хонандагон аз ҳисоби бенуқсӣ ва ҳамоҳангии мантиқӣ нақши калон дорад. Барои он ки донишомӯзон ғояҳои муҳимми математикиро дарк кунанд, чунин усул ва шаклҳои таълимро интихоб кардан лозим аст, то мавод дар сатҳи барои онҳо дастрас пешниҳод карда шавад. Аз ин рӯ, истифодаи чорабиниҳои бозӣ дар раванди таълимии синфҳои ибтидоӣ мувофиқ аст. Бозӣ имкон медиҳад, ки ташаббус ва ҳунармандии ҳаваскорон рушд ёбад, фазои озод фароҳамояд, барои рушди худ шароит фароҳам оварда шавад. Истифодаи моҳиронаи бозиҳо раванди таълимро хеле ғанӣ мегардонад ва самаранокии фаъолияти ҳар як омӯзгорро афзун менамояд. Хусусиятҳои истифодаи бозиҳо дар раванди азхудкунии фанҳои алоҳида, алахусус математика, аз ҷониби муҳаққиқон М.В.Богданович, М.И.Кудинов, А.А.Медведев, Е.И.Бодунова, Т.Э.Риманов, И.П.Коробов, Е.В.Провоторов, Н.В.Пивоваров, В.Н.Жданов, Е.В.Ивашченко, К.В.Розина, Е.Е.Емелянов ва дигарон омӯхта шудааст. Мақсади мақола ошкор намудани имкониятҳои бозиҳои дидактикӣ дар рушди шавқи зеҳнӣ ва идрокию маърифатии хонандагони хурдсол ба дарсҳои математика мебошад. Дар илми муосир таърифи ягонаи "манфиати маърифатӣ" вуҷуд надорад. Олимон мафҳуми "манфиати маърифатӣ"-ро ба тарзҳои мухталиф шарҳ медиҳанд, аммо дар баъзе таърифҳо хусусиятҳои умумие ҳастанд, ки ин падидаро тавсиф мекунанд: ҳамчун ҳавасмандкунӣ ба фаъолият, ҳавасмандии фаъолият; ҳамчун шавқ, ба вуҷуд овардани хоҳиши донистани он чизе, ки барои донишомӯз номаълум аст; ҳамчун

зарурати тавсеаи дониш, ғанӣ гардонидани зеҳну ақл. Дар доираи ин мақола, таваҷҷуҳи маърифатӣ ҳамчун самти эҳсосии бошуурона, интихобии шахс, ки ба объект ва фаъолияти ба он алоқаманд равона карда шудааст, бо ҳамроҳии қаноатмандии дохилӣ аз натиҷаҳои ин фаъолият дарк карда мешавад [5]. Дар раванди таҳқиқи илмӣ муайян карда шуд, ки хусусиятҳои рушди мактаббачагони синфҳои ибтидоӣ ба он алоқамананд, ки дар ин синну сол мактаббачаҳо ангезаҳои устувори таҳсилро ташаккул надодаанд, онҳо асосан манфиатмандона бозӣ мекунанд, таваҷҷуҳи ғайриихтиёрӣ нисбат ба сифатҳои худсарона, ирода нокифоя инкишоф ёфтааст, дар айни замон афзоиши фаъолияти донишомӯзон ба назар мерасад, зуҳури афзояндаи таваҷҷуҳ ба дониш, яъне самаранокии таълим ба таносуби бевоситаи фаъолияти донишомӯз вобаста аст. Ташаккули муносибати мусбат ба фаъолияти таълимӣ аз бисёр шартҳо, пеш аз ҳама, аз муносибати донишомӯзони хурдсол ба омӯзиш ҳамчун кори ҷиддӣ ва масъулиятнок вобаста аст; ташкили раванди таълим бо назардошти имконоти кӯдакон барои аз худ кардани дониш. Шарти асосии ташаккули шавқ ин дарки донишомӯз аз мундариҷа ва маънои омӯхташуда мебошад; барои ин, муаллим бояд дар назди худ як ҳадафи равшани педагогиро гузорад: он чизе ки бояд донишомӯзони имрӯзаро бовар кунонад [2,с.290].

Шарти дуюми муҳим барои бедор кардани шавқ мавҷудияти чизи ҷолиб ҳам дар мундариҷаи омӯхта шаванда ва ҳам дар раванди таълим мебошад. Шарти сеюми ташаккул додани шавқ ҷазобияти эҳсосии таълим мебошад. Шарти чоруми рушди таваҷҷуҳ мавҷудияти низоми мувофиқу муносиби машқҳои омӯзишӣ ва вазифаҳои маърифатӣ мебошад. Барои рушди фаъолияти таълимӣ дар байни донишомӯзон дар дарсҳои математика усули муосир тавсия медиҳанд, ки шеваҳои мавҷудаи таълим бо усуле, ки ба ташаккули ангезаи омӯзиш мусоидат мекунанд, ташаббус нишон диҳанд ва барои мустақилона аз худ кардани дониш ва малака шароит фароҳам оваранд. Яке аз масъалаҳои муҳимми илми педагогикаи муосир ҷустуҷӯйи роҳҳо ва василаҳои самараноки ташаккули шахсияти донишомӯзон мебошад. Раванди муосири таълимӣ бо паҳншавии усули муошırати шифоҳӣ, қадр накардани аҳамияти ҳамкории иртиботӣ-муоширатӣ, набудани шаклҳои ҷолиби ташкили фаъолияти таълимӣ тавсиф карда мешавад. Ҳалли ин масъала тавассути татбиқи усули бозӣ дар амалияи педагогӣ мусоидат мекунад, ки барои фаъол кардани шавқи маърифатӣ ва фаъолияти донишомӯзон пешбинӣ шудаанд [4]. Бозӣ ҷалби таваҷҷуҳро осон мекунад ва муддати дароз таваҷҷуҳи донишомӯзонро ба он мавзӯъҳои муҳим ва мураккаб, падидаҳое, ки дар онҳо дар шароити муқаррарӣ таваҷҷуҳ зоҳир кардан на ҳамеша имконпазир аст ҷалб менамояд. Дар бозӣ, донишҷӯёни хурдсол мафҳумҳо ва истилоҳҳо, ғояҳо, малакаҳо ва қобилиятҳои ҳисобии математикиро меомӯзанд [5]. Яке аз омилҳое, ки самаранокии бозии дидактикиро таъмин мекунад, татбиқи ҳамаи унсурҳои он мебошад. Унсурҳои бозӣ ҳадаф (чӣ бояд кард, дар бозӣ ба чӣ ноил шудан лозим аст), мундариҷа (моҳияти бозиро чӣ ташкил медиҳад), сюжет (маҷмӯи амалҳо, ҳодисаҳое, ки дар онҳо мундариҷаи асосии бозӣ ошкор карда мешавад), ҳолатҳо (маҷмӯи ҳолатҳо ё як чизи муайян порае аз фаъолияти амалии "мутахассис", ки бояд тақлид карда шавад), нақшҳо (он амалҳое, ки иштирокчии бозӣ дар ҳолати тақлидӣ иҷро мекунад) ва қоидаҳои бозӣ (иштирокчӣ онҳоро риоя мекунад, нақшҳоро иҷро мекунад) [2]. Шартҳои асосии самаранокии истифодаи бозиҳои дидактикӣ дар дарсҳои математика шомилшавии органикӣ ба раванди таълим мебошанд; унвонҳои шавқовар; мавҷудияти унсурҳои воқеан бозӣ, қофияҳо, қоидаҳои ҳатмӣ, ки вайрон карда намешаванд; истифодаи ҳисобкунакҳо; муносибати эҳсосии худи муаллим ба фаъолияти бозӣ [5]. Натиҷаҳои таҳқиқоти ташхисии мо аз рӯи натиҷаҳои корҳои таҷрибавӣ имкон доданд, ки аксарияти хонандагони синфҳои ибтидоии пурсидашуда аз ду гурӯҳ - 53,3% ва 46,7% сатҳи миёнаи маърифатӣ дошта бошанд. 26,7% ва 33,3% мактаббачагони ду гурӯҳи пурсидашуда сатҳи баланди завқи маърифатӣ нишон медиҳанд. 20% субъектҳои гурӯҳи таҷрибавӣ ва 20.0% гурӯҳи назоратӣ ба сатҳи пасти шиддати таваҷҷуҳи маърифатӣ мансуб дониста шуданд. Натиҷаҳои таҳқиқ зарурати кори мунтазами мақсаднокро дар ҷараёни фаъолияти компютерии донишомӯзони хурдсол тасдиқ карданд.

Раванди ташаккули манфиатҳои зеҳнию идрокӣ ва маърифатии хонандагон дар дарсҳои математика тавассути татбиқи шароити зерини психологӣ ва педагогӣ сурат мегирифт: ба таркиби дарс дохил кардани бозиҳои гуногун; мустаҳкам намудани самти рушди он; роҳнамоии моҳиронаи омӯзгор тавассути фаъолияти бозӣ; интихоби дуруст ва истифодаи таҷҳизот; унвонҳои ҷолиби бозӣ; мавҷудияти унсурҳои воқеан бозӣ; ташаккули малакаҳои математикӣ дар раванди фаъолияти бозӣ; тадриҷан зиёд шудани мураккабии

бозиҳои дидактикӣ бо назардошти сатҳи тайёрии донишомӯзон ва дараҷаи омодагии онҳо; бо назардошти хусусиятҳои донишомӯзони хурдсол; шумораи зиёди намудҳои истифодашудаи бозиҳо дар синф; татбиқи унсурҳо ва марҳилаҳои асосии бозиҳо; кори мураттаб ва муназзам. Инкишофи манфиатҳои маърифатии мактаббачагони хурд дар марҳилаи ташаккул бо ёрии намудҳои зерини бозиҳои дидактикӣ дар дарсҳои математика сурат гирифтааст: бозиҳо-машқҳо; бозиҳои нақшофарӣ (бозиҳои сайёҳӣ; бозиҳои экскурсионӣ ва ғ.); бозии рақобат. Бозиҳои дидактикӣ аз ҷониби мо дар марҳилаҳои гуногуни дарсҳои математика дохил карда шуданд. Масалан, дар марҳилаи ибтидоии дарс мо бозиҳоеро аз қабили: "Ҳисобкунандаи беҳтарин", "Илова ба ...", "Доминоҳои математикӣ", "Худро ҷуфт кунед", "Футболи математикӣ", "Нардбон", "Занҷир", "Криптографҳо», «Лото», «Сайёҳон», «Конструктор», «Хаторо ислоҳ кунед». Барои мустаҳкам кардани мавод, бозиҳои зерин истифода шуданд: "Тахмин", "Тирезаро кушоед", "Лабиринти арифметикӣ", "Эстафета", "Хомӯшӣ". Бозиҳои "Кӣ тезтар?", "Қадамҳо", "Рақами дурустро интихоб кунед", бозиҳои сайёҳӣ хотираро инкишоф медиҳанд, малакаҳои истифодаи дастонро инкишоф медиҳанд, андеша, гуфторро фаъол мекунанд, малакаҳои ҳисоббарориро тақвият медиҳанд. Бо мактаббачагони хурдсол мо бозиҳои зерини дидактикиро гузаронидем: "Чӣ зиёдатӣ аст?", "Кадомаш бо тартиб?", "Кадом рақам намерасад?", "Рақамҳоро дуруст ҷойгир кунед", "Рақамро ёбед". Бо мақсади инкишоф додани диққат, зиракӣ; мустаҳкам намудани дониши рақамгузорӣ кардан, ҳамсояҳои рақам бозии "Ҷойи худро ёбед" -ро истифода бурданд. Барои рушди диққат, малака ва маҳоратҳои и математикӣ "Эстафетаи математикӣ" гузаронида шуд. Омӯзиши такрории ташхиси ташаккули шавқи маърифатии мактаббачагони хурдсол самаранокии кори моро тасдиқ кард.

Ҳамин тариқ, таҳқиқи гузаронидашуда ба мо имкон медиҳанд бигӯем, ки бозиҳои дидактикӣ дар шароити афзоиши босуръати ҳаҷми иттилоот, зарурати коркард ва азхудкунии дониш, малака ва воситаи муассири ноил шудан ба онҳо мебошад. Онҳо на танҳо ба кас имкон медиҳанд, ки дониши нав ба даст орад, балки мустақилиятро ташаккул диҳад, қобилияти фаъолияти эҷодиро рушд ва такмил диҳад. Мактаббачагон ниёзҳои табиии худро ба фаъолият қонеъ карда, метавонанд тасаввур кунанд, ки дар воқеияти атроф чӣ чиз дастнорас аст ва онҳо пай намебаранд - онҳо чизҳои навро меомӯзанд, ба ёд меоранд, дар ҳолатҳои мухталиф роҳнамоӣ мекунанд, таҷрибаи қаблан андӯхтаи худро амиқтар мекунанд, тасаввуротро инкишоф медиҳанд. Афзалиятҳои истифодаи бозиҳои дидактикӣ инҳоянд: таъсири мустақим ба ташаккули ҳавасмандии таълимии хонандагон; ҳавасмандгардонии ташаббус ва тафаккури эҷодӣ; шомил шудан ба фаъолияти таълимии тақрибан ҳамаи хонандагони синфҳои ибтидоӣ; ба даст овардани таҷрибаи ҳамкорӣ; барқарор намудани робитаҳои байнисоҳавӣ; таъмини пур кардани маърифати раванди таълим; фароҳам овардани "муҳити ғайрирасмӣ" барои омӯзиш ва шароити мусоид барои ташаккули стратегияҳои гуногуни ҳалли масъалаҳо; намоиши кӯшишҳои иродавӣ дар ҳалли вазифаҳои гузошташуда; Донишҳои "сохторӣ", ки метавонанд дар соҳаҳои гуногуни саноат татбиқ карда шаванд; таъмини иртиботи байнисоҳавӣ; муттаҳид сохтани ғояҳои пароканда ба манзараи мураккаб ва мутавозини ҷаҳон ва ғайра. Муайян карда шудааст, ки истифодаи бозиҳои дидактикӣ дар мактаби асосӣ ба хонандагон имкон медиҳад, ки душвориҳоро дар омӯзиш бартараф кунанд, хатоҳои худро бубинанд, дастовардҳоро арзёбӣ кунанд, дониши назариявиро бо дониши амалӣ пайваст кунанд.

## АДАБИЁТ:


1. Воровщиков, С.Г. Проблемно-деловая игра - средство демократизации управления школой: Картотека проблемно-деловых игр/ С.Г. Воровщиков, Д.В. Татьянченко: В 2-х ч. – Ч. 2. – Могилев: ОблИИУ, 1990. – 67 с.
2. Жданова, В.Н. Нестандартные уроки математики как средство повышения познавательного интереса / В.Н. Жданова, Е.В. Иващенко//Прикладные вопросы точных наук. – 2018. – С. 290-293.
3. Коробова, И.П. К вопросу о формировании познавательного интереса к математике / И.П. Коробова // Форум. Серия: Гуманитарные и экономические науки. – 2018. – № 1 (13). – С. 39-41.
4. Кудинова, М.И. Занимательный материал как средство развития познавательного интереса младших школьников на уроках математики / М.И. Кудинова, А.А. Медведева // Тенеденции и перспективы развития науки XXI века : сб. ст. Междунар. науч.-практ. конф. – Уфа, 2016. – С. 211-214.

5. Матвеева, Т.В. Дидактическая игра как средство развития познавательного интереса учащихся на уроках математики / Т.В. Матвеева // Новая наука: Опыт, традиции, инновации. – 2017. – Т. 2. – № 4. – С. 58-61
6. Рахмон, Э. Ответственность за будущее нации. Послание Маджлиси Оли Таджикистан/Э. Рахмон. - «Азиа Плюс»: 2012.
7. Рахмон. Э. Послание президента РТ Маджлиси Оли, - «Азия Плюс», 2003.
8. Шарифов, Ҷ. Ш. Татбиқи методҳои фаъоли таъдим/Ҷ.Ш. Шарифов.[Матн]:–Донишгоҳи давлатии Қурғон-теппаа, «Шафақ»» 2003-С. 1-2.
9. Шарифов, Ф. Назария ва амалияи таълими байниҳамдигарӣ дар марҳилаи авали мактаби миёна/Ф. Шариофв. [Матн]:-Д., 1997.
10. Шарифов, Ф. Педагог – ин кори эҷодӣ/Ф. Шарифов.[Матн]: - Душанбе, 1984.
11. Шукуров М., Эшончонов А., Рахмонов А. Методикаи забони тоҷикӣ дарсинфҳои ибтидоӣ.[Матн]: - Сталинобод: НДТ, 1956 - 232с.
12. Шукуров Т. Дидактическая система активизации познавательной деятельности школьников игровыми средствами.Т. Шукуров.[Текст]:дисс.д-ра. пед. наук - Душанбе, 2002. -367с.

***Калидвожаҳо:*** *математика, бозиҳои дидактикӣ, зеҳн, идрок, маърифат, самаранокӣ, хонандагон, дониши назариявӣ, амалия, душвориҳо, таълим,истифода, фаъолияти зеҳнӣ.*

**Р. Шохсанам**

## ДИДАКТИЧЕСКИЕ ИГРЫ КАК СРЕДСТВО ИНТЕЛЛЕКТУАЛЬНОГО РАЗВИТИЯ УЧАЩИХСЯ ПРИ ИЗУЧЕНИИ МАТЕМАТИКИ

В статье рассматриваются вопросы, связанные с особенностями дидактических игр как средства интеллектуального развития учащихся при обучении математике. По мнению автора, развитие у учащихся устойчивых познавательных интересов - актуальная задача формирования активной творческой личности, ее самостоятельности, к решению которой стремятся методологическая наука и отечественная школа. Автор отмечает, что изучение научных трудов показало, что решение проблемы развития познавательных интересов всегда было в центре внимания многих ученых и практиков. Сегодня в связи с реформированием содержания, форм и методов обучения это бремя становится еще тяжелее. Особое значение в этом отношении имеют исследования А.К. Маркова, Л.С. Выготского, Л.М. Фридман, В.В. Давыдова, Т.И.Шамова, П.И.Гальперина, Л.И.Божовича, Г.А.Цукерман, М.Матюшкина, Д. Б. Элконина. Курс современной математики играет важную роль в развитии интеллектуальной и познавательной активности и познавательного интереса учащихся за счет совершенствования и логической согласованности. Обобщая свои рассуждения, автор приходит к выводу, что использование дидактических игр в начальной школе позволяет учащимся преодолевать трудности в обучении, видеть свои ошибки, оценивать достижения, связывать теоретические знания с практическими знаниями.

***Ключевые слова:*** *математика, дидактические игры, интеллект, познание, эффективность, учащиеся, теоретические знания, практика, трудности, обучение, использование, интеллектуальная деятельность.*

**R. Shohsanam**

## DIDACTIC GAMES AS A MEANS OF INTELLECTUAL DEVELOPMENT OF STUDENTS IN THE STUDY OF MATHEMATICS

The article discusses issues related to the peculiarities of didactic games as a means of intellectual development of students in teaching mathematics.

According to the author, the development of stable cognitive interests in students is an urgent task of forming an active creative personality, its independence, to which methodological science and the domestic school are striving to solve. The author notes that the study of scientific works has shown that solving the problem of the development of cognitive interests has always been in the focus of attention of many scientists and practitioners. Today, in connection with the reform of the content, forms and methods of teaching, this burden is becoming even heavier. Of particular importance in this regard are the studies of A.K. Markov, L. S. Vygotsky, L. M. Fridman, V. V. Davydov, T. I. Shamov, P. I. Galperin, L. I. Bozhovich, G. A. Tsukerman, M. Matyushkina, D. B. Elkonina. The course of modern mathematics plays an important role in the development of intellectual and cognitive activity and cognitive interest of students through improvement and logical coherence. Skillful use of games greatly enriches the learning process and increases the effectiveness of each teacher. Summarizing his reasoning, the author comes to the conclusion that the use of didactic games in elementary school allows students to overcome difficulties in learning, see their mistakes, evaluate achievements, connect theoretical knowledge with practical knowledge.

***Key words:*** *mathematics, didactic games, intelligence, cognition, efficiency, students, theoretical knowledge, practice, difficulties, learning, use, intellectual activity.*

**Сведения об авторе:** Шохсанам Ризо – соискатель Кулябского государственного университета им.А.Рудаки. Адрес: 735360, РТ, г.Куляб, ул.С.Сафарова-16. Тел.: 918800085, 908551149.

**Information about the author:** Shohsanami Rizo – applicant of the Kulob State University named after A.Rudaki. Address: 735360, RT, Kulob, S.Safarov St.-16. Phone: 918800085, 908551149

**И.Л. ҚОСИМОВ**
**Г.И. РАҲМАТОВА**

# ИМКОНИЯТҲОИ ЗАБОНИ БАРНОМАСОЗИИ PYTHON ДАР ҲАЛЛИ СИСТЕМАИ МУОДИЛАҲОИ ХАТТӢ

**Масъалаҳои таҳқиқотӣ:**

1. Ҳалли аналитикии системаи муодилаҳои хаттӣ;
2. Ҳалли системаи муодилаҳои хаттӣ бо усули матритсаи баръакс;
3. Ҳалли системаи муодилаҳои хаттӣ бо қоидаи Крамер;
4. Усули ҳалли системаҳои муодилаҳои хаттӣ дар Python;
5. Амсилаи компютерии системаҳои муодилаҳои хаттӣ дар Python.

**Муҳтаво.** Ба хотир меорем, ки системаи аз m муодилаи хаттӣ бо n тағйирёбанда намуди зеринро дорад.

$$\begin{cases} a_{11}x_1 + a_{12}x_2 + \dots + a_{1n}x_n = b_1 \\ a_{21}x_1 + a_{22}x_2 + \dots + a_{2n}x_n = b_2, \\ \dots\dots\dots\dots\dots\dots\dots\dots\dots \\ a_{m1}x_1 + a_{m2}x_2 + \dots + a_{mn}x_n = b_m \end{cases}$$

дар ин ҷо, $a_{ij}$ (барои ҳамаи қиматҳои i=1,2,…,m; j=1,2,…,n) – коэфисентҳои система, $x_1$, $x_2,\dots,x_n$ - тағйирёбандаҳои система ва $b_1$, $b_2,\dots,b_m$ - аъзоҳои озоди система.

Қолаби матритсавии СМХ намуди $A \cdot X = B$ -ро дорад.

Дар ин ҷо,

$$A = \begin{cases} a_{11} & a_{12} & \dots & a_{1n} \\ a_{21} & a_{22} & \dots & a_{2n} \\ \dots & \dots & \dots & \dots \\ a_{m1} & a_{m2} & \dots & a_{mn} \end{cases}$$ - матритсаи асосии система.

Матритса - сутунҳои

$$X = \begin{pmatrix} x_1 \\ x_2 \\ \dots \\ x_n \end{pmatrix} \text{ ва } B = \begin{pmatrix} b_1 \\ b_2 \\ \dots \\ b_m \end{pmatrix}$$ – мувофиқан матритсаҳои номаълумҳои система ва аъзоҳои озод мебошанд.

Ҳалли системаи m муодилаи хаттӣ бо n тағйирёбандаро, навишти ададҳои батартибовардашуда меноманд. Ҳангоми гузоштани онҳо ба ҳар як системаи муодила бо ҳамроҳии тағйирёбандаҳои мувофиқ, баробарии дурустро бадаст меорем. Чӣ гунае, ки теоремаи Кронеккера-Капели исбот мекунад, системаи муодилаҳои хаттӣ як ҳал дорад, маҷмӯи ҳалли беохир дорад ва ҳал надорад.

Аввал ҳолатерро дида мебароем, ки системаи муодилаҳои хаттӣ ҳалли ягона дорад. Ин маънои онро дорад, ки матритсаи система навтавлидёфта мебошад, яъне муайянкунандаи матритса баробари нол нест ва ин системаро бо ёрии қоидаи Крамер ҳал кардан мумкин аст ё бо усули матритсаи баръакс [17].

**Ҳалли аналитикӣ**. Ҳалли системаи се муодилаи се номаълума бо қоидаи Крамер

$$\begin{cases} a_1x_1 + b_1x_2 + c_1x_3 = s_1 \\ a_2x_1 + b_2x_2 + c_2x_3 = s_2 \\ a_3x_1 + b_3x_2 + c_3x_3 = s_3 \end{cases}$$

Муайянкунандаи асосии системаро меёбем:

$$\Delta = \begin{vmatrix} a_1 & b_1 & c_1 \\ a_2 & b_2 & c_2 \\ a_3 & b_3 & c_3 \end{vmatrix}$$

Агар $\Delta \neq 0$, он гоҳ система ҳали ягона дорад ва барои ёфтани решаҳо бояд се муайянкунандаро ҳисоб кунем:

$$\Delta_1=\begin{vmatrix} s_1 & b_1 & c_1 \\ s_2 & b_2 & c_2 \\ s_3 & b_3 & c_3 \end{vmatrix},\quad \Delta_2=\begin{vmatrix} a_1 & s_1 & c_1 \\ a_2 & s_2 & c_2 \\ a_3 & s_3 & c_3 \end{vmatrix},\quad \Delta_3=\begin{vmatrix} a_1 & b_1 & s_1 \\ a_2 & b_2 & s_2 \\ a_3 & b_3 & s_3 \end{vmatrix}$$

дар охир, натиҷаро аз рӯйи формулаҳои зерин меёбем:

$$x_1=\frac{\Delta_1}{\Delta}, x_2=\frac{\Delta_2}{\Delta}, x_3=\frac{\Delta_3}{\Delta}$$

Ба сифати мисол, системаи зерро бо формулаи Крамер ҳал мекунем.

$$\begin{cases} 3x_1-2x_2+4x_3=21 \\ 3x_1+4x_2-2x_3=9 \\ 2x_1-x_2-x_3=10 \end{cases}$$

**Ҳал**: Муайянкунандаи асосиро бо D ишора мекунем, он гоҳ

$$D=\begin{vmatrix} 3 & -2 & 4 \\ 3 & 4 & -2 \\ 2 & -1 & -1 \end{vmatrix}=3\cdot\begin{vmatrix} 4 & -2 \\ -1 & -1 \end{vmatrix}+2\cdot\begin{vmatrix} 3 & -2 \\ 2 & -1 \end{vmatrix}+4\cdot\begin{vmatrix} 3 & 4 \\ 2 & -1 \end{vmatrix}=$$

$=3\cdot(-4-2)+2\cdot(-3+4)+4\cdot(-3-8)=-18+2-44=-60\neq 0$, яъне, система ҳалли ягона дорад.

$$D_1=\begin{vmatrix} 21 & -2 & 4 \\ 9 & 4 & -2 \\ 10 & -1 & -1 \end{vmatrix}=21\cdot\begin{vmatrix} 4 & -2 \\ -1 & -1 \end{vmatrix}+2\cdot\begin{vmatrix} 9 & -2 \\ 10 & -1 \end{vmatrix}+4\cdot\begin{vmatrix} 9 & 4 \\ 10 & -1 \end{vmatrix}=$$

$=21\cdot(-4-2)+2\cdot(-9+20)+4\cdot(-9-40)=-126+22-196=-300$

$$x_1=\frac{D_1}{D}=\frac{-300}{-60}=5.$$

$$D_2=\begin{vmatrix} 3 & 21 & 4 \\ 3 & 9 & -2 \\ 2 & 10 & -1 \end{vmatrix}=3\cdot\begin{vmatrix} 9 & -2 \\ 10 & -1 \end{vmatrix}-21\cdot\begin{vmatrix} 3 & -2 \\ 2 & -1 \end{vmatrix}+4\cdot\begin{vmatrix} 3 & 9 \\ 2 & 10 \end{vmatrix}=$$

$=3\cdot(-9+20)-21\cdot(-3+4)+4\cdot(30-18)=33-21+48=60$

$$x_2=\frac{D_2}{D}=\frac{60}{-60}=-1.$$

**Ҷавоб:** $x_1=5$, $x_2=-1$, $x_3=1$.

**Амсилаи компютерии СМХ**. Барои ҳалли система дар Python аз функсияи numpy.linalg.solve –и модули numpy истифода мебарем. Функсия ҳангоми ворид кардан 2 параметрро қабул мекунад [2]:

Параметри 1-ум — коэффисентҳои матритса пеш аз тағйирёбандаҳо;

Параметри 2-юм — вектори аъзоҳои озод.

```
# Коди барнома:
import numpy as np
from numpy import linalg as ln
A=np.array([[3, -2 ,4], [3 ,4, -2], [2, -1, -1]])
B=np.array([21,9,10])
X=np.linalg.solve(A,B)
for t, x in zip(X, ['x1=','x2=', 'x3=']):
    print (x,t)
```

Натиҷа:

```
========= RESTART: D:/ПИТОН/SisMuodHati.py ============
x1= 5.0
x2= -0.9999999999999997
x3= 1.0000000000000002
>>>
```

Дар ин ҷо функсияи zip натиҷаи ҳисобкунии системаро ба намуди x1=…, x2=…, x3=…, хориҷ мекунад.

Мисоли дигар. Системаи муодалаҳои хаттӣ ҳал карда шавад.

$$\begin{cases} x_1-x_2+x_3=3, \\ 2x_1+x_2+x_3=11, \\ x_1+x_2+2x_3=8. \end{cases}$$

```
# Коди барнома:
import numpy as np
```

```
from numpy import linalg as ln
A=np.array([[1,-1,1],[2,1,1],[1,1,2]])
B=np.array([3,11,8])
X=np.linalg.solve(A,B)
for t, x in zip(X, [‘x1=’,’x2=’, ‘x3=’]):
pқint (x,t)
==== RESTART: C:\Users\User\Desktop\OpredilitMARX.py =======
x1= 4.0
x2= 2.0
x3= 1.0
```

Ҳалли системаи муодилаҳои хаттии AX=B бо усули матритсаи баракс.

**Ҳал**:

1. Муайянкунандаи матрисаи А –ро ҳисоб мекунем. Агар муайянкунанда баробари нол бошад, он гоҳ ҳал ба охир мерасад. Система беохир ҳалли бисёр дорад.
2. Ҳангоми муайянкунанда нисбат ба нол, бо истифода аз иловаҳои алгебравӣ матритсаи баръакси А ёфта мешавад.
3. Ҳалли вектори $X = \{x_1, x_2, \dots, x_n\}$, зарби матритсаи бараъксро ба натиҷаи вектори В оварда мерасонад.

Амсилаи компютерии матритсаи баръакс дар Python. Матритсаи баръаксро бо ёрии функсияи np.linalg.inv(a) меёбем ва онро бо сутуни аъзоҳои озод бо ёрии функсияи np.dot(a_inv, b) зарб мекунем.

$$\begin{cases} 2x_1 + x_2 - 2x_3 = -3 \\ x_1 - 2x_2 + x_3 = 5 \\ 3x_1 + x_2 - x_3 = 0 \end{cases}$$

Коди барнома:

```
import numpy as np
from numpy import linalg as ln
a = np.array([[2, 1, -2], [1, -2, 1], [3, 1, -1]])
print ("Матритса:\n", a)
[21-2]
[1-21]
[31-1]
b = np.aққay([-3, 5, 0])
det = np.linalg.det(a)
if det==0:
print ("Муайянкунандаи матритса баробари нол будан, система беохир ҳалли зиёд дорад")
        else:
           a_inv = np.linalg.inv(a)
        X=np.dot(a_inv, b)
print ("Натиҷа:\n", X)
```

Натиҷа:

```
====== RESTART: C:\Users\User\Desktop\OpredilitMARX.py ==========
Матритса:
[[ 2  1 -2]
 [ 1 -2  1]
 [ 3  1 -1]]
Натиҷа:
[ 1. -1.  2.]
```

Амсилаи компютерии СМХ $\begin{cases} 2x_1 + x_2 - 2x_3 = -3 \\ x_1 - 2x_2 + x_3 = 5 \\ 3x_1 + x_2 - x_3 = 0 \end{cases}$ -ро бо қоидаи Крамер дар Python тадбиқ мекунм.

Коди барнома:

```
import numpy as np
from numpy import linalg as ln
A=np.array([[2,1,-2],[1,-2,1],[3,1,-1]])
B=np.array([-3,5,0])
```

```
X=np.linalg.solve(A,B)
det = np.linalg.det(A)
if det==0:
print( "Матиритсае, ки баробари 0 аст муайян карда шавад, ")
else:
   s0=A[:,0]
   s1=A[:,1]
   s2=A[:,2]
   A1=np.column_stack((B, s1, s2))
   det1 = np.linalg.det(A1)
   A2=np.column_stack((s0, B, s2))
   det2 = np.linalg.det(A2)
   A3=np.column_stack((s0, s1, B))
   det3 = np.linalg.det(A3)
   x1=det1/det
   x2=det2/det
   x3=det3/det
print( "Натиҷа:", x1, x2, x3)
```

Натиҷа:

```
